
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ВБД: 1(091) (575,3)
ТКБ 87.3 (2 тоҷик)
Ш. 42.

Бо ҳуқуқи дастнавис



ШАҲОВУДИНОВ НУРИДИН СУБҲОНҚУЛОВИЧ

МАСЪАЛАҲОИ ҲАСТӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ МЕТАФИЗИКИИ ИБНИ СИНО

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори ҳабилитат аз рӯйи ихтисоси
6D020102 –Таърихи фалсафа

Мушовири илмӣ:
доктори илмҳои фалсафа,
профессор, узви вобастаи АМИТ
Саид Нуриддин Саид

ДУШАНБЕ – 2026

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА.....4-31

БОБИ 1. ЗАМИНАҲОИ ИҶТИМОӢ, ТАЪРИХӢ, ФАРҲАНГӢ ВА СИЁСИИ ГУСТАРИШИ ФАЛСАФА ДАР АСРҲОИ МИЁНА.....32-113

1.1. Омилҳои иҷтимоӣ-таърихии паҳншавии ҳикмати Юнон, Ҳинд ва Эрони Бостон ва таъсири он дар фалсафаи мусулмонӣ.....32-60

1.2. Нақши фалсафаи машшоияи шарқӣ дар ташаккули фалсафаи асримиёнагии тоҷик (дар мисоли таълимоти Форобӣ).....60-89

1.3. Сарчашмаҳои ғоявии ташаккули фалсафаи Ибни Сино (дар мисоли консепсияи Худо дар фалсафаи метафизикии ӯ).....89-113

БОБИ 2. МАСЪАЛАИ ҲАСТӢ ДАР ФАЛСАФАИ МЕТАФИЗИКИИ ИБНИ СИНО.....114-153

2.1. Назарияи онтологии ҳастӣ ҳамчун масъалаи бунёдии метафизикаи Ибни Сино.....114-124

2.2. Консепсияи воҷиб-ул-вуҷуд дар метафизикаи Ибни Сино 124- 153

БОБИ 3. ИМКОН-УЛ-ВУҶУД – КОНСЕПСИЯИ ҲАСТӢ: ВУҶУД ВА МОҲИЯТ, ҶАВҲАР ВА АРАЗ, КУЛЛ ВА ҶУЗЪ ДАР ФАЛСАФАИ ИБНИ СИНО.....154-245

3.1. Вуҷуд ва моҳият дар фалсафаи Ибни Сино 155-175

3.2. Ҷавҳар ва араз – категорияҳои ҳастӣ 175-223

3.3. Куллӣ ва ҷузъӣ – категорияҳои ҳастӣ 223-245

БОБИ IV. НАЗАРИЯИ САБАБИЯТ, ПЕШӢ (АВВАЛӢ) ВА СИПАСӢ (БАЪДӢ), ҲАСТИИ БИ-Л-ҚУВВА ВА БИ-Л-ФЕЪЛ.....246-301

4.1. Сабаб ва натиҷа ҳамчун механизми воситаи таҳаввул ва тағйири ашё…….....246-275

4.2. Пешӣ (аввалӣ) ва сипасӣ (баъдӣ). Ҳастии би-л-қувва ва би-л-феъл ва гузариши ҳастӣ аз ҳолати имконӣ ба воқеӣ 276-301

БОБИ V. НАЗАРИЯИ ОФАРИНИШ ОЛАМ: ГУЗАРИШ АЗ ФАЛСАФАИ НАЗАРӢ БА АМАЛӢ..... 302-345

5.1. Масъалаи офариниш: муносибати байни Хʏудо ва олам.....302-316
5.2. Гузариш аз ҳикмати назарӣ баа амалӣ: сиёсат ва ахлоқ 316-345
ХУЛОСА.....346-353
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ.....353-354
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.....355-385
РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ.....385-388

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Афзоиши равандҳои зиддиятноки замони муосир таваҷҷуҳи дидгоҳҳои фалсафиро дар баробари дигар масъалаҳо инчунин ба масъалаҳои марбут ба ҳастии инсон ва ҷомеае, ки ӯ дар он ба сар мебарад боло бурдааст. Талоши дарки равандҳои муосир аз ин зовия нишон медиҳад, ки мушкилоти вуҷуди инсон имрӯз дар илм ва ҷаҳон бисёрҷанбаанд: инҳо масъалаҳои вуҷудӣ (маънои ҳаёт, танҳоӣ, озодӣ, марг), таъсири илм ва технология ба одамон, аз байн бурдани марзҳои байни ҳаводиси воқеӣ ва маҷозӣ, инчунин мушкилоти ахлоқӣ дар тиб (муҳандисии генетикӣ, зеҳни сунъӣ) ва таҳдиди афзояндаи экологӣ мебошанд, ки зинда мондани инсонро зери суол мебаранд. Ҳамаи ин моро водор мекунад, ки ба ҷойгоҳи худ дар олам ва маънибахшии он аз роҳбурдҳои муносибро пайгирӣ намоем.

Пайгирӣ аз уфуқҳои роҳбурдӣ моро зимни дарки масъалаи фавқуззикр ба мавҷудияти ду тамоюл дар фаҳмидани мушкилоти вуҷуди инсон рӯ ба рӯ месозад. Дар доираи тамоюлоти аввал олимон бештар ба масъалаи инсонгароӣ тамаркуз мекунанд ва боварӣ доранд, ки ҳама зуҳуроти дигари ҳаёт, сохторҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, дастовардҳои илмӣ ва технологӣ, равандҳои фарҳангӣ ва арзишҳои ахлоқӣ ҳатман аз вуҷуди беназири фард бармеоянд ва аз ин рӯ, танҳо бо ошкор кардани моҳияти табиати инсон ва маънои вуҷуди инсон асрорашон фаҳмида мешаванд. Дар доираи тамоюли дигар, олимон ба омӯзиши ҷаҳони беруна тамаркуз мекунанд ва боварӣ доранд, ки фаҳмидани асрори инсоният, қувваҳои пешбарандаи он ва ангезаҳои рафтории он комилан аз фаҳмидани равандҳои умумикайҳонӣ вобаста аст, ки дар он шахс як ҷаҳони хурдро дар дохили низоми коинот ифода мекунаду ба муносибатҳои сабабии кулл тобеъ аст ва мувофиқи қонунҳои вуҷуди моваройттабиӣ рушд мекунад.

Ин исботи он аст, ки инсон новобаста аз замон ва макони зиндагии худ пайваста бо зарурияти интихоби ин роҳбурдҳо рӯ ба рӯ мегардад, ки маҳсули ин ҷусторҳо ба вуҷуд омадани системаҳои фаровони фалсафӣ мебошад. Бинобар ин ҳанӯз Арасту дар «Метафизика»-и худ масъалаи асосии башар ва бахусус

фалсафаро чунин ифода намуда буд, ки: «он чи ки аз дер боз ва акнун ва ҳамеша ҷустуҷӯ шуда ва мояи саргаштагӣ аст, ин аст, ки: мавҷуд чист» [16, с. 208]. Бо вуҷуди он ки баҳси ҳастӣ ҳамеша матраҳ аст, аммо он гуна ки Арасту ва Ибни Сино таъкид менамоянд, яксатҳу якнавохт ҷавоб додан ба саволи «Ҳастӣ чист?» ғайриимкон мебошад. Ҳатто "инсони яксатҳии" Ҳербет Маркузе ҳам пайваста дунболи дарёфти посух ба саволҳои мураккаби вуҷудӣ аст. Аз ин рӯ, бояд зикр намуд, ки масъалаи ҳастӣ ва алоқамандии он бо тафаккур анъанаи метафизикиро ба вуҷуд овардааст, аммо баҳси ҳастӣ танҳо хосси фалсафаи метафизикӣ нест, ҷараёнҳои дигар, бахусус дар фалсафаи муосир низ, ки берун аз анъанаи метафизикӣ ҳастанд, ҳастиро дар асоси таълимоти худ қарор додаанд. Ин ҷо танҳо ҳаминро илова менамоем, ки мафҳуми ҳастӣ дар унвони ду асари асосии фалсафаи асри бистум омадааст ва мақсади мо «Ҳастӣ ва нестӣ»-и Жон Пол Сартр ва «Ҳастӣ ва замон»-и Мартин Ҳайдеггер мебошад.

Бунёди пажуҳиши мазкурро масъалаи ҳастии мутлақ ва хосиятҳои асосии он ё он гуна ки маълум аст, аразҳои хосси ҳастӣ дар фалсафаи Ибни Сино ташкил медиҳад. Ҳастии мутлақ ин мавзуи асосии баҳсҳои метафизикиро ташкил медиҳад, бинобар ин, барои мо ҳамзамон маърифати худи метафизика чун як раванди бостонии фалсафӣ муҳим мебошад. То замоне, ки барои мо муҳтавои метафизика ҳамчун таълимоти фалсафӣ, мавзуи асосии он, чаҳорчӯба ва ҳадаф аз он ошкор нагардад, маърифати ҳастӣ низ ғайриимкон боқӣ мемонад. Бинобар ин дар бунёди ин таҳқиқ ду масъалаи асосии вобастаи ҳамдигар, яъне метафизика, ҳамчун фалсафаи аввалӣ ва ҳастӣ ҳамчун масъалаи асосии метафизика, қарор доранд.

Фалсафаи метафизикӣ ҳамеша кӯшиш намудааст, ки баҳси ҳастиро зинда нигаҳ дорад ва таълимоти фаровон дар ин маврид ба вуҷуд омадааст, пажуҳишҳо низ ҳамеша ин таълимотро мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Барои омӯхтани масъалаи ҳастӣ, бахусус дар фалсафаи Ибни Сино, мо бояд худи метафизикаро низ омӯзем ва дар бораи он як тасаввуроти комил дар зеҳнияти худ ба вуҷуд оварем.

Таърихи метафизика ин таърихи баҳс дар мавриди ҳастӣ мебошад. Агар мо

метафизикаро ҳамчун илм пазирем, пас бояд он дорои мавзуи алоҳида бошад ва маҳз ин мавзуъ боиси шаклгирии як илми алоҳида гардидааст. Шинохти мафҳуми ҳастӣ ва айният додани он бо тафаккур аз ҷониби Парменид ҳанӯз танҳо оғози кор буд ва нахустин маротиба Арасту дар муқоиса бо дигар илмҳои назарӣ, яъне риёзиёт ва табииёт, ҳамчунин мавзуъҳои асосии онҳо муайян намуд, ки мавзуи асосии метафизика ин ҳастии мутлақ мебошад [16, с. 87].

Ҳастии мутлақ ин танҳо як намуди ифодаи мавзуи асосии метафизика мебошад, дар баробари он мо аз вариантҳои ҳастӣ чунон ҳастӣ ва ё мавҷуд бамоҳу мавҷуд низ истифода бурдаем ва дар ҳамаи мавридҳо танҳо ҳастӣ дар куллияти он дар назар дошта шудааст. Дертар ҳастӣ – ҳамчун ҳастиро чун масъалаи асосии метафизика Форобӣ дар рисолаҳои гуногуни худ асоснок намуд ва Ибни Сино назарҳои файласуфони номбаршударо дар асарҳои худ ҷамъбаст намуда баҳси ҳастиро ба як низоми муайян даровард.

Дар мавриди маънии аслии “метафизика” назарҳои гуногун вуҷуд дорад. Он маъние, ки дар фаҳмиши арастуӣ ва асримиёнагии он омадааст, ин “он чизе ки баъд аз табиат” ва ё “пеш аз табиат меояд”, мебошад. Анъанаи метафизикӣ замоне ба вуҷуд омад, ки Парменид нахустин маротиба мафҳуми “ҳастӣ”-ро бо “тафаккур” айният дода, ҳастиро ҳамчун воҳид ва тағйирнопазир маънидод намуд. Дертар ба фаҳмиши парменидии ҳастӣ Арасту тағйири бунёдӣ дохил менамояд, дар ин маврид зикри он ки ӯ ҳастии ягонаи Парменидро ба даҳ мақула тақсим менамояд, кифоя аст, ҳамчунин аз ҷониби Арасту метафизика ҳамчун илми алоҳидаи назариявӣ асоснок гардонида мешавад. Форобӣ ва Ибни Сино маҳз хати арастуиро инкишоф дода онро ҳамчун он чизе ки аз назари мо “баъд аз табиат” ва дар худии худ бошад он “пеш аз табиат” меояд, тафсир кардаанд.

Метафизика ин мафҳумест, ки онро на Арасту ҳамчун унвони асари худ истифода кардааст ва на Ибни Сино, аммо ҳам фалсафаи Арасту ва ҳам фалсафаи Ибни Сино, бахусус қисмати ҳастишиносӣ (онтология)-и он, ҳамчун метафизика шинохта шудааст. Маълум аст, ки мафҳуми метафизикаро шогирдони Арасту ба як қисмати навиштаҳои ӯ, ки берун аз мавзуъҳои табииёт ва риёзиёт буданд, нисбат додаанд. Дар фалсафаи Ибни Сино ин мафҳум ҳамчун “мобаъдутабиа”

омадааст, ки ҳамеша дар бахши Илоҳиёти фалсафаи ӯ матраҳ мегардад. Мо метавонистем дар ин пажуҳиш аз вожаҳои “мобаъдутабиа” ва ё “илоҳиёт” истифода намуда аз вожаи “метафизика” каме дурӣ гирем, аммо чи дар илми синошиносии ҷаҳонӣ ва чи дар синошиносии ватанӣ дар ин маврид аллакай вожаи “метафизика” қабул гардидааст. Ин ҷо мо метавонем танҳо ба якчанд намуна ишора намоем, инҳо Макс Ҳортен, Парвиз Моревич ва Михаел Мармура мебошанд, ки унвони тарҷумаи олмонӣ ва англисии Илоҳиёти осори Синоро ҳамчун „метафизика“ тарҷума намудаанд. Дар унвони пажуҳишҳои анҷомшуда низ мо асосан бо вожаи “метафизика” дучор меоем, ки хонандагон худ ҳангоми шиносоӣ бо адабиёт ошно мегарданд ва ин ҷо танҳо бо овардани як адабиёти нисбатан тозаи дар Эрон нашршуда, ки дар он низ маҳз мафҳуми “метафизика” истифода шудааст, кифоя менамоем. Манзур “Метафизикаи Ибни Сино”-и Насруллоҳи Ҳикмат мебошад. Аммо мисолҳое низ вуҷуд доранд, ки ба ҷойи мафҳуми “метафизика” истилоҳи “илоҳиёт” истифода гардидааст. Масалан, дар охирин тарҷумаи русии асари “Шифо” ин бахши фалсафаи Ибни Сино ҳамчун “Илоҳиёт” омадааст. Дар ин ҷо ҳадаф аз илоҳиёт ҳамон метафизика ва ё мобаъдултабиа мебошад, на илм оид ба худованд ва инро худи Ибни Сино қайд намудааст. Дар “Наҷот” ин нозукиро Ибни Сино чунин баён кардааст: “Мо мехоҳем, ки илми илоҳиро дар маҷмуъ муайян созем, бинобар ин мегӯем, ки ҳар яке аз илмҳои табиӣ ва илмҳои риёзӣ, инчунин дигар илмҳои ҷузъӣ ҳолати баъзе аз мавҷудотро меомӯзад ва ҳеҷ кадоми ин илмҳо дар аҳволи мавҷуди мутлақ, лавоҳиқ ва мабдаъҳои ӯ назар надорад. Пас, маълум мешавад, ки ин ҷо илмест, ки дар хусуси мавҷуди мутлақ, лавоҳиқи зотии ӯ ва мабдаъҳои он баҳс мекунад. Зеро Худой Таъоло, ҳамон тавре ки ҳамаи раъйҳо бар он муттафиқанд, чунин нест, ки ба як мавҷуди маълул мабдаъ бошаду ба дигараш не.... Пас чора нест, ки илми илоҳӣ маҳз ҳамин илм бошад ва ин илм мавҷуди мутлақро омӯхта, дар тафсил ба ҷое расад, ки дигар илмҳо аз он ҷой шуруъ шаванд”[3, с. 215]. Илоҳиёт дар маънии васеи он ҳамон метафизика мебошад ва дар маънии маҳдуд ин илм оид ба вуҷуди худованд аст. Бисёре аз муҳаққиқон, аз ҷумла, М. Диноршоев маҳз он бахши метафизика, ки ба ҳастии Худо бахшида шудааст, зери унвони

“илоҳиёт” ҷой намуда, онро таҳлил намудаанд. Азбаски ин бахши фалсафаи Ибни Сино бо анъанаи метафизикии ҷаҳонӣ сахт алоқамандӣ дорад ва дар ин анъана Ибни Сино нақши бевосита низ гузоштааст, бисёр хуб мебуд агар мо онро ҳамчун метафизика муаррифӣ намоем.

Инро низ бояд зикр намуд, ки метафизика на фақат масъалаи ҳастӣ, балки аразҳо ва ё хусусиятҳои онро низ меомӯзад, ки нахустин маротиба ин ҷанбаи омӯзиши метафизикаро низ Арасту [16, с.89] муайян намудааст ва файласуфони дигар онро дунболагирӣ намудаанд. Аммо инро бояд дар назар дошт, ки ҳастӣ як мафҳуми тағйирёбанда мебошад ва на ҳамеша зери ин мафҳум ҳастии материалӣ ва бо эҳсос даркшаванда дар назар дошта шудааст. Бахусус дар анъанаи метафизикӣ, ки ҳастӣ бо тафаккур дорои айният аст, зери номи ҳастӣ ҳастии абстрактӣ ва ё зеҳнӣ, ки танҳо бо роҳи ақлонӣ қобили маърифат аст, дар назар дошта мешавад. Ин ҳодиса низ шудааст, ки зери таъсири идеологияи ҳукмрон ба хотири наздик нишон додани фалсафаи Ибни Сино бо мактабҳои фалсафии моддигароӣ таҳрифкориҳо дар ин маврид сурат гирифтаанд ва аксаран ба ҷойи ҳастии метафизикӣ ва ё ҳастии ҷудо аз модда танҳо аз ҳастии физикӣ сухан кардаанд.

Масъалаҳои мавриди баҳси метафизика ҳама ҷудо ва болотар аз модда қарор доранд, ҳар андоза, ки масъалаҳо ба моддиёт ва олами маҳсусот наздик мешаванд, ҳамон андоза масъалаҳо аз доираи метафизика дур ва ба доираи илмҳои ҷузъӣ наздик мешаванд. Сатҳи иғроқи ин иқдом бахусус дар фалсафаи метафизикии Ибни Сино ба назар мерасад. На фақат воҷиб-ул-вуҷуд, балки худи имкон-ул-вуҷуд низ хусусияти идеалистӣ дошта, сухан дар бораи ҳастие меравад, ки он дар зеҳн асолат дорад ва ҳастии ҷаҳони беруна танҳо дар муносибат бо ҳастии зеҳнӣ аз асолат бархурдор мегардад. Таҳлили назари Ибни Сино дар мавриди фоидаи метафизика нишон медиҳад, ки ҳадафи ӯ аз ин илм камолоти нафси инсонӣ, наҷот ёфтан аз олами моддиёт ва пайвастан ба ақлонияти маҳз аст.

Агар ҳастӣ категорияи масъалаи бунёдии фалсафаи метафизикии Ибни Сино бошад, пас таркиби фалсафаи метафизикии ӯро масъалаҳое чун аразҳои

хосси ҳастӣ, вуҷуд ва моҳият, ҷавҳар ва араз, куллӣ ва ҷузъӣ, масъалаи сабабҳо, воҷиб-ул-вуҷуд, имкон-ул-вуҷуд, назарияи судур ва мисли инҳо ташкил медиҳанд.

Чунонки дар боло зикр намудем, бо сабаби бархурдҳои роҳбурдӣ фалсафаи метафизикии Ибни Сино ба андозаи зарурӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд ва дар бисёр мавридҳо таҳрифкорӣ сурат гирифта, ба ҷойи тафсири метафизикӣ ба мафҳум ва масъалаҳо тафсири физикӣ дода шудааст. Мафкураи дар ҳастаи баъзе аз роҳбурдҳо ҷойдошта аҳёнан аз ҳамагуна мафҳуми хусусияти абстрактидошта ҳарос дошт ва ба зуҳури онҳо монеа ба вуҷуд меовард. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ҳам мафҳуми метафизика ва ҳам мафҳуми ҳастӣ – ҳамчун ҳастӣ барои фалсафаи тоҷик дар давоми солҳои зиёде ноошно боқӣ монда буданд. Ҳамингуна сарфи назар карданҳои зиёде низ вуҷуд доранд, чунки омӯзиши масъалаҳое, ки аз модда ҷудо ҳастанд, на ҳамеша ба манфиати хостаҳои идеологӣ буд. Ҳоло ки имкони таҳқиқи озод вуҷуд дорад, зарурати омӯзиши масъалаҳо ва дарки дурусти онҳо аз вазифаи асосии илмӣ ба ҳисоб меравад.

Дараҷаи омӯзиши мавзуи илмӣ. Бояд зикр намуд, ки фалсафаи метафизикии Ибни Сино, ки ҳамон онтология ва ё ҳастишиносии ӯ мебошад, ҳанӯз аз асрҳои XII-XIII сар карда мавриди омӯзиши муҳаққиқон, бахусус илоҳиётшиносон ва файласуфон, қарор гирифтааст.

Дар асрҳои XX-XXI соҳаи синошиносӣ, ки асоси онро таҳқиқи ҳастишиносӣ дар фалсафаи Ибни Сино ташкил медиҳад, ривоҷ меёбад. Бояд зикр намуд, ки таҳқиқоти арзанда ва бунёдӣ асосан дар Аврупо сурат гирифтааст ва дар баробари тарҷумаҳои интиқодии осори Абуалӣ Ибни Сино, таҳқиқи амиқи ҳар як масъалаи метафизикаи ӯ ба назар мерасад. Баъзе аз муҳаққиқони шинохтаи урупоӣ инҳоянд: М. Ҳортен, Етинне Гилсон, Амели Мари Гуашон, Жон Жоливе, Девидсон, Мармура, Питер Висновский, Дмитри Гутас, Амос Бертолочи, Тиана Кутзарова ва дигарон.

Яке аз таҳқиқҳо оид ба фалсафаи метафизикии Ибни Сино ба Тиана Кутзарова тааллуқ дорад, ки унвони он “Трансендатсия дар фалсафаи Ибни

Сино, Метафизика ҳамчун илм дар бораи мафҳумҳои бунёдӣ ва принсипҳои қазоват” мебошад. Мавзуи асосии ин пажуҳишро масъалаи ҳастӣ – чун ҳастӣ ба гунаи масъалаи бунёдии фалсафаи метафизикии Ибни Сино ташкил медиҳад. Дар баробари ин, назари асосии дигари ӯ он аст, ки ҳам бавуҷуд овардани мафҳумҳо ва ҳам назари нав ба метафизика, ки ҳамчун “оғози дувуми метафизика” шинохта мешавад, на бо Ибни Сино, балки аз Форобӣ оғоз ёфтааст. Хизмати Ибни Сино дар он аст, ки ӯ ин ақидаҳои Форобиро инкишоф дода, комил гардонида ва ба як низом даровардааст. Таҳқиқи Кутзарова аз он лиҳоз дорои аҳаммият аст, ки дар он назари бунёдии Ибни Сино, яъне ҳастӣ – чун ҳастӣ мавзуи асосии фалсафаи метафизикии Ибни Сино бори нахуст ба тариқи куллӣ мавриди омӯзиш қарор мегирад.

Дар замони мо, муҳаққиқони араб ва эронӣ аз қабили Аббос Маҳмуди Аққод, Умар Фаррух, Тайсир Шайх ал Арз, Ҳусайн Мурувва, Моҷид Фохрӣ, Аллома Таботабоӣ, Саид Нафисӣ, Сайид Ҳусайн Наср, Ғуломризо Иброҳими Динонӣ, Ғуломризо Аъвонӣ, Насруллоҳи Ҳикмат ва дигарон ба омӯзиш, шарҳ ва таҳлили фалсафаи Ибни Сино машғуланд. Таҳқиқи анҷомдодаи Ёрмуҳаммад Ниёзӣ ба мо маълумоти муфассал ва арзанда дар мавриди муҳтавои пажуҳишҳои файласуфони муосири араб дар мавриди фалсафа ва шахсияти Ибни Сино медиҳад, ки аз ҷумла масъалаҳои ҳастишиносӣ низ ба назар мерасанд.

Ҳанӯз аз замони шуравӣ дар баъзе аз ҷамоҳири шуравӣ як анъанаи синошиносӣ ба вуҷуд омада буд, ки дар Тоҷикистон он то ба имрӯз идома дошта, масоили гуногуни метафизикӣ, физикӣ, мантиқӣ, тиббӣ, ирфонӣ, илоҳиётӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва ғайра мавриди таҳқиқ қарор мегиранд. Дар ин соҳа А. Баҳовaддинов, М. Болтаев, М. Осимӣ, М. Диноршоев, К. Олимов, У. Султонов, М. Сайфуллоев, Саидов Н., М. Раҳимов, Ё. Ниёзӣ, С. Султонзода. Ф. Худойдодов ва дигарон пажуҳишҳои гуногуне анҷом додаанд. Дар ин ҷо бояд исми як қатор синошиносони шуравиро низ номбар намуд, ки пажуҳишҳои арзанда анҷом додаанд, бахусус А. Сагадеев, М. Хайруллоев, Л. Салдадзе ва ғайра. Агар А. Баҳовaддинов ба илми синошиносии тоҷик асос гузошта бошанд ва аввалин таҳқиқ аз тарафи эшон анҷом шуда бошад, пас М. Диноршоев тавонистааст, ки

ба як мактаби алоҳидаи синошиносӣ дар Тоҷикистон асос гузорад. Пажуҳишҳои М. Диноршоев фарогир буда, тамоми паҳлуҳои таълимоти Синоро дарбар мегирад ва аз ҷумла ҳастишиносӣ ё метафизика ва масъалаҳои асосии он, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Мо дар ин ҷо имкони матраҳ сохтани ҳамаи ҷанбаҳои пажуҳиши Диноршоев доир ба фалсафаи Ибни Синоро надорем. Ба сифати намуна, танҳо дар асоси баъзе пажуҳишҳои солҳои охири умр анҷомдодаи М. Диноршоев, мо танҳо баъзе пажуҳишҳо дар бахши метафизикаи Синоро матраҳ месозем. Шояд дигар масъалаи метафизикие дар фалсафаи Ибни Сино нест, ки аз таваҷҷуҳи М. Диноршоев берун боқӣ монда бошад. Баъзе масъалаҳо ба тариқи умумӣ, аммо масъалаҳое низ вуҷуд доранд, ки ниҳоят муфассал баррасӣ гардидаанд. Як бахши монографияи М.Диноршоев бо забони русӣ бо номи “Философия Ибн Сины” [176] бевосита ба таҳлили масъалаҳои метафизикии Ибни Сино бахшида шудааст. Бахши мазкур аз фаҳмиши Ибни Сино дар мавриди фалсафа ва умумиятҳои фалсафаи аввалӣ ва илоҳиётшиносӣ оғоз гардида, муаллиф зарурати пайдоиши метафизикаро асоснок мегардонад.

Муаллиф масъалаҳое аз қабили ҷавҳар, араз, воҳид, касир, айният, Худо, ақл, зиддият, имкон, вуҷуд ва мисли инҳоро номбар мекунад, ки онҳо мавзуи омӯзиши ҳеҷ як аз илмҳои ҷузъӣ нестанд, бинобар ин зарурати вуҷуди илме бо номи метафизика ногузир мебошад: “Эти проблемы суть субстанция, акциденция, единство, множество, тождество, сила, действие, гармония, противоречие, противоположность, общее, частное, возможное, необходимое, и т.д., анализ которых не входитв задачу ни одной из наук, кроме философии. Философия также занимается исследованием постулатов и начал таких наук, как физика, математика и логика” [176, с. 143; 71, с. 431]. Масъалаи асосии метафизика будани ҳастиро матраҳ намуда, сабаби ғайриимкон будани таърифи ҳастӣ ва имконпазирии он дар навъҳои таърифе, ки мантиқи имрӯза коркард кардааст, нишон дода шудааст. Академик М. Диноршоев нисбати консепсияи моҳият ва вуҷуд назари худро чунин иброз медорад, ки он аз фалсафаи Арасту ва Форобӣ сарчашма мегирад, аммо Ибни Сино ба ҷуз аз як боби “Ишорот ва Танбеҳот” ва он ҳам ниҳоят мухтасар, дар ҳеҷ ҷойи дигари асарҳои асосии худ

ин масъаларо алоҳида матраҳ накардааст, ки кадоме аз онҳо дорои асолати бештар мебошанд [176, с. 148; 71, с. 436]. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки Ибни Сино Худоро он гуна, ки Фомаи Аквин, Лейбнитс ва Декарт ба қатори ҷавҳарҳо дохил мекунанд, ба гурӯҳи ҷавҳарҳо дохил накардааст ва ҳамин тавр ба метафизикаи худ тамоили деистӣ додааст, на пантеистӣ: “Далее, абсолютность и самодовлеющность субстанции у Ибн Сины относительные ибо субстанции по сущности, рангу и положению (а не во времени) предшествует Бог, который является ее перводвигателем и последней причиной. Но в отличие от западноевропейских мыслителей (в частности, Ф. Аквинского, Декарта, Лейбница), считавших Бога высшей формой субстанций, Ибн Сина отказывается характеризовать его как субстанцию. Итак, мировоззрение Ибн Сины в пределах его натурфилософии, серцевину которой составляет учение о субстанциальности тел, является деистическим (более подробно см.: II, 2,3), а не пантеистическим” [176, с. 152; 71, с. 442].

Дар идомаи баҳс муаллиф мафҳумҳои бунёдии фалсафаи метафизикии Ибни Сино аз қабили мавзуъ, модда, ҳаюло, ҷисм ва мисли инҳоро шарҳ медиҳад. Яке аз масъалаҳое, ки муфассал матраҳ гардидааст ин масъалаи сабабият мебошад, ки дар баробари метафизика, бахшҳои дигари фалсафаи Сино, бахусус фалсафаи табиати ӯ низ мавриди таҳлил қарор мегирад. Ӯ масъалаҳои сабаб ва натиҷаро дар алоҳидагӣ таҳлил намуда чаҳор сабабро ҳамчун бисёрсабабӣ тафсир менамояд, ки ба он сабабҳои моддӣ, суварӣ, фоилӣ ва ғойӣ дохил мешаванд. Дар ин муносибат дуруст қайд карда мешавад, ки ҳар чизе ки зуҳур менамояд аз рӯи зарурат зуҳур мекунад. Сабабҳо маҳз ба ҳастии имконӣ тааллуқ доранд ва бидуни онҳо чиз ҳамеша дар ҳолати имконӣ боқӣ мемонад ва зуҳур намекунад: “Итак, все, что происходит от причины, происходит по необходимости. Все, что само по себе невозможно, никогда не может существовать ... Стало быть, оно должно быть само по себе возможным, при условии наличия причины оно становится необходимым, а если причины нет, то становится невозможным. Одно дело – самая сущность, а другое –условие наличия причины или же отсутствия ее” [176, с. 179]. Дар ҳамаи асарҳои худ

профессор М. Диноршоев масъалаи Воҷиб-ул-вуҷудро дар бахши илоҳиётшиносӣ ва ё теология мавриди таҳлил қарор медиҳад. Дар асари мазкур низ дар боби ҳафтуми асар масъалаи Воҷиб-ул-вуҷуд ва алоқамандиҳо ва фарқиятҳои он нисбат ба имкон-ул-вуҷуд, ҳамчунин масъалаи Судур ва дигар масоил матраҳ гардидаанд [176, с. 415; 71, с. 521]. Дар мавриди сарчашмаи идеявии Воҷиб-ул-вуҷуд Диноршоев ҳам дини Ислом ва ҳам фалсафаи юнониро ҳамчун сарчашма таъкид менамояд. Азбаски Ибни Сино Воҷиб-ул-вуҷудро ҳамчун ақли маҳз, хайри маҳз ва ҳақиқати маҳз қаламдод мекунад, ин далолат бар он дорад, ки ӯ бештар ба фалсафаи афлотунӣ ва навафлотунӣ таваҷҷуҳ дорад: “Не является ни телом, ни телесным, а есть Чистое Добро, Чистая Истина и чистый разум. По этим параметрам Необходимосущее Ибн Сины совпадает, с одной стороны, с Единым (Добром) Платона и Плотина,с другой – с Перводвигателем Аристотеля, что свидетельствует о единстве принципиальной основы их теологии. Оно совпадает и с понятием Аллаха мусульманской религии и теологии” [176, с. 416]. Яке аз нуктаҳои ҷолиб дар ин маврид он аст, ки М. Диноршоев бо далелҳои устувор яке аз таҳрифкориҳо дар мавриди фалсафаи Синоро, ки аз ҷониби Содиқов Р. Г. сурат гирифта буд, инкор кардааст.

Яке аз пажуҳишҳои боарзиш ва дорои назари интиқодидошта доир ба фалсафаи Ибни Сино, ки дар шакли рисолаи докторӣ сурат гирифтааст, аз ҷониби Нуриддин Саидов анҷом шудааст, ки масъалаи инсон, моҳият ва неруҳои моҳиятии онро ба тариқи муқоисавӣ дар фалсафаи Арасту ва Ибни Сино мавриди таҳлил қарор додааст. Дар пажуҳиши мазкур, ки муаллиф аз дидгоҳи материалистӣ-диалектикӣ масъалаи инсон, моҳияти ӯ ва ҳамчунин неруҳои моҳиятии ӯро дар ду файласуфи номбурда, ки аз метафизика намояндагӣ мекунанд, таҳлил менамояд. Бояд зикр намуд, ки биниши абстрактии метафизикиро аз дидгоҳи материалистӣ-диалектикӣ таҳлил намудан ҳеҷ вақт ба натиҷаи дилхоҳ намерасонад ва мо инро дар рисолаи мазкур ба хубӣ мушоҳида менамоем. Биниши метафизикӣ бо вуҷуди он, ки омилҳои воқеӣ ва иҷтимоиро дар мавриди шаклгирии инсон, моҳият ва неруҳои моҳиятии онро сарфи назар намекунанд, аммо дар як вақт он наметавонад сарчашмаҳои аслии инкишоф ва

шаклгирии инсон ва моҳияти онро муайян созад. Муаллиф нисбати биниши метафизикӣ назари танқидӣ дошта, онро корноомад меҳисобад: “Аристотель и Абу Али Ибн Сина, хотя и не игнорировали роль социальной среды, государственного строя, воспитания, обучения и формировании и развитии сущностных сил человека, однако, в целом не могли понять, действительные истоки становления и развития человека, его сущности и сущностных сил, что их становление, развитие и реализация –социально-обусловленный процесс, что они имеют деятельностно-практические, цивилизационно- культурные измерения” [270, с. 234]. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки маърифати инсон ва неруҳои моҳиятии ӯ аз дидгоҳи метафизикӣ ғайриқаноатбахш мебошад. Зеро дар метафизика инсон дар шакли абстрактӣ ва субъективӣ мавриди таҳлил қарор мегирад: “Рассматривая проблему человека, его сущность и сущностные силы под углом зрения метафизического метода, Аристотель и Ибн Сино пришли к неверному выводу, что сущностные силы человека представляют собой некое, раз и навсегда данное божестенное или природное застывшее образование. Поэтому проблема человека, его сущность и сущностные силы в их доктринах носила космическо-абстрактный, идеалистически – субъективный и божественно- мистический характер, а не конкретно- исторический” [270, с. 235]. Бояд зикр намуд, ки рисолаи мазкур бо таҳлилҳо ва натиҷагириҳои интиқодии худ, ки дар асоси методи муқоисавӣ-таърихии аз як тараф байни Арасту ва Ибни Сино ва аз дигар тараф байни методи материалистӣ-диалектикӣ ва фалсафаи метафизикӣ сурат гирифтааст, фарқкунанда мебошад.

Яке аз таҳқиқҳои боарзиши дигар оид ба фалсафаи Ибни Сино, ки ба қалами Муҳсин Раҳимов тааллуқ дорад, оид ба масъалаи инсон мебошад. Инсон низ як намуди ҳастӣ мебошад, аммо онро мо наметавонем дар доираи ҳастии метафизикӣ, ки асоси таҳқиқи моро ташкил медиҳад, ворид созем. Аммо он чизе, ки дар ин таҳқиқ барои мо ҷолиб аст, ин ба масъалаи ҳастӣ бахшидани як бахши кӯчак мебошад. Нозуктарин масъалаҳои марбут ба ҳастиро, ки дар пажуҳиши мактаби шуравӣ касе баён накарда буд, М. Раҳимов тавонистааст, ки зикр намояд. Хело мантиқӣ аст, ки муаллиф масъалаи инсонро бевосита аз тафсири

масъалаи ҳастӣ дар фаҳмиши метафизикии он оғоз менамояд: “ Именно на этих категориальных кирпичках бытия воздвигается метафизическое здание труда Ибн Сины «Данишнаме», в частности вопрос о сущности и существовании. Кроме первосущества, пишет Ибн Сина, все существующее в мире вещи, включая и человека, объединяет то что они с одной стороны необходимы, а с другой – возможный” [258, с. 101]. Тақсими ҳастӣ ба ҷавҳар ва араз, навъҳои онҳо, ҳамчунин зикри масъалаи имкон-ул-вуҷуд ва воҷиб-ул-вуҷуд ва ба имкон-ул-вуҷуд тааллуқ доштани фарқияти вуҷуд аз моҳият матраҳ гардидааст, ки чунин тавсифи масъала дар синошиносии мо кам ба назар мерасад [258, с. 101]. Адами вуҷуд ва моҳияти аз ҳам ҷудо дар воҷиб-ул-вуҷуд, аз он оғоз гардидани олами ҳастӣ, ҳамчунин ба қатори моҳиятҳо дохил нагардидани воҷиб-ул-вуҷуд таъкид карда шудааст [258, с. 105]. Бо вуҷуди он, ки ҳастии зеҳнӣ зикр мегардад, аммо он ҳамчун мафҳуми бунёдӣ ва асосии фалсафаи метафизикии Ибни Сино қайд намегардад. Сарфи назар намудани ҳастии зеҳнӣ аксари масъалаҳои фалсафаи метафизикии Синоро дар ҳолати норӯшанӣ нигаҳ медорад ва азбаски масъалаи асосии пажуҳиш мафҳуми ҳастӣ ва масъалаҳои марбут ба метафизика нест, муаллиф масъалаҳои бунёдии дар боло зикргардидаро дунболагирӣ накардааст.

Дар баробари дастовардҳои муҳим дар риштаи синошиносӣ, як қатор мушкилот ва нофаҳмиҳои бунёдие низ вуҷуд доштанд, ки баъзе аз онҳо то имрӯз мавриди таваҷҷуҳ қарор нагирифтаанд. Яке аз нофаҳмиҳои асосӣ ин сӯйитафоҳумҳо сари масъалаи модда дар фалсафаи Ибни Сино буд. Азбаски мафҳуми модда дарҳол ба хотири мо таълимоти гуногуни моддигароӣ, бахусус таълимоти марксистиро меоварад, пажуҳишгарон гумон мекунанд, ки ҳадафи Ибни Сино аз ин мафҳум ҳамон бардоштҳои моддигароёна мебошад. Дар синошиносии аврупоӣ дар ин маврид як назари умумӣ вуҷуд надорад. Дар таҳқиқи анҷомдодаи Султонзода С. А. ба хубӣ нишон дода шудааст, ки дар синошиносии аврупоӣ фалсафаи Ибни Сино, бахусус мафҳуми модда аз дидгоҳҳои гуногун мавриди маърифат қарор дода шудааст, дар он ҳам дидгоҳи идеалисӣ вуҷуд дорад ва ҳам дидгоҳи материалистӣ. Дар ин ҷо мо ду назари бо

ҳам мухолифи синошиносони аврупоиро, ки Султонзода овардааст, матраҳ менамоем. Донишманди Фаронсавӣ хонум Гуашон дар асоси таҳлилҳои бевосита дар мавриди модда ва муносибати он бо сурат ба чунин натиҷа мерасад, ки новобаста аз оне, ки модда аз оғоз вуҷуд дорад, аммо он дар алоҳидагӣ ва бидуни пайвастагӣ бо сурат вуҷуди хориҷӣ дошта наметавонад. Таъкиди ӯ бар он аст, ки ин сурат аст, ки моддаро муайян месозад ва бидуни сурат воқеиятёбии модда ғайриимкон аст: “Французский исследователь А.М. Гуашон в своей фундаментальной работе ”Отличие сущности и существования по Ибн Сине” попыталась проанализировать учение восточного перипатетика о соотношении материи и формы. А.М. Гуашон соссылкой на Ибн Сину разъясняет, что несмотря на то, что материя существует изначально, она не может существовать конкретно без соединения с формой. Материя и форма не станут субстанцией, пока не соединятся. Далее она пишет, что согласно Ибн Сине форма определяет материю и материя без формы не можетсуществовать в действительности” [285, с. 249]. Аммо дар баробари назари Гаушон назари донишманди олмонӣ Г. Лей оварда шудааст, ки он баръакс мафҳуми модда дар фалсафаи Синоро аз перспективаи материалистӣ таҳлил менамояд. Лей аз таҳқиқоти Гуашон чунин натиҷа мегирад, ки дар фалсафаи Сино ирфони навафлотунӣ ҷой надорад, модда дар фалсафаи ин файласуф мақоми махсус дорад ва минбаъд бар ин ақида пофишорӣ менамояд, ки мафҳуми асосии фалсафаи Сино ин модда буда, ӯ дорои таомули материалистӣ мебошад. Аз таҳқиқи Гуашон Лей чунин натиҷагирӣ менамояд: “По словам Г. Лея, А.М. Гуашон рассуждая о материи Ибн Сины,приходит к выводу, что его склонность к материализму, его трактовка сущности и существования позволяют признать единство материи и формы, материи и присущего ей закона. Таким образом, в учение этого мыслителя именно материя занимает основное место, форма же теряет свое метафизическое свойство и представляется как свойство материи” [285, с. 258]. Мутафаккири номбурда аз қонунмандии дохилии модда дар Фалсафаи Сино илҳом гирифта, онро ҳамчун мубориза алайҳи идеализм қаламдод менамояд: “Немецкий исследователь утверждаеть, что в учений Ибн Сины идея и

внутренней закономерности материи занимает основное место. Восхваляя материалистические идеи Ибн Сины, он отмечает, что мыслитель вел борьбу против идеализма, и в решении тех вопросов, которые были решены в пользу религии Аристотелем, решил эти проблемы с позиции материализма" [285, с. 259]. Ақидаҳои Г. Лей бисёр руҳбаландкунанда ва умедворкунанда ҳастанд, аммо ин умедҳоро дар фалсафаи Сино пайдо кардан каме душвор аст. Худи Сино дар сари қадам таъкид менамояд, ки модда, баръакси сурат, як унсури пассив аст.

Дар мактабҳои синошиносие, ки аз давраи шуравӣ сарчашма мегиранд ин масъала ба маротиб ҷиддитар мебошад. Нофаҳмиҳо ва сӯйитафоҳумҳо дар ин маврид як амри табиӣ набуда, балки натиҷаи як барномаи тарҳрезишуда мебошанд, ки дар паси онҳо дастгоҳи идеологӣ қарор дошт.

Пеш аз ҳама барои идеологияи шуравӣ мафҳуми "метафизика", ки аз як тараф то андозае дар муқобили олами моддӣ қарор дошт ва аз тарафи дигар мазмуни Худоро низ дарбар мегирифт, хатарнок буд. Бидуни шубҳа, пажуҳишҳо дар ин соҳа мамнуъ буд, метафизика бо фалсафаи табиат омехта карда мешуд ва масъалагузориҳои метафизикӣ сарфи назар мешуданд. Ба фалсафаи табиат бештар таваҷҷуҳ карда мешуд ва бо ҳамин роҳ ҷавҳари фалсафаи Ибни Сино ношинохта боқӣ мемонд. Идомаи чунин таҳрифкории огоҳонаро мо дар тафсирҳое, ки аз мафҳумҳои асосии метафизика бардошта мешуд, мушоҳида менамоем. Яке аз ингуна мафҳумҳои бунёдии фиребанда ҳамоно мафҳуми *модда* мебошад. Дар байни метафизика ва физикаи Ибни Сино дар мавриди мафҳуми *модда* фарқияти зиёд вуҷуд дорад. Ба назар нагирифтани ин нозукӣ боис мегардад, ки як бахши асосии назари Ибни Сино дар мавриди *модда* ношинохта боқӣ монад ва ё дарбарҳамӣ дар фаҳмишҳои метафизикӣ ва физикии модда ба вуҷуд ояд. Дар пажуҳишҳои мавҷуда чунин барҳамдарҳамӣ ба назар мерасанд, аҷиб он аст, ки ба мафҳуми *модда* тафсири метафизикӣ дода мешавад, аммо он дар контексти физикӣ мавриди таҳлил қарор мегирад. Дар ин ҷо ҳамчун намуна, мо метавонем яке аз пажуҳишҳои тоза дар мавриди мафҳуми модда дар фалсафаи Синоро, ки аз ҷониби Султонзода С. А. сурат гирифтааст, зикр намоем. Таҳқиқи мазкур, яке аз пажуҳишҳои бунёдӣ дар мавриди мафҳуми модда дар фалсафаҳои

бостонии ҳиндӣ, юнонӣ ва эронӣ, ҳамчунин дар анъанаи асримиёнагиӣ шарқи исломӣ мебошад. Камбудии асосии пажуҳиш он аст, ки он нуқси асосии мероси шуравиро ислоҳ накардааст. Яъне, фаҳмиши метафизикии моддаро аз фаҳмиши физикии он ҷудо накардааст. Ҳангоми таҳлилҳои фаровони худ С.Султонзода ҷанбаи физикии моддаро матраҳ месозад, аммо ба фаҳмиши метафизикии он ниҳоят кам таваҷҷуҳ кардааст.

Азбаски ба назари Ибни Сино дар мавриди модда ба хубӣ ошноӣ сурат нагирифтааст, баъзе муҳаққиқон гумон кардаанд, ки дар худи назари Ибни Сино зиддият вуҷуд дорад.

Бардошти физикӣ аз мафҳуми модда дар ҳудуди фалсафаи метафизикии Ибни Сино боис гардидааст, ки на танҳо дар шинохти мафҳуми модда, балки дар шинохти мафҳуми сабаби моддӣ низ нофаҳмиҳо сурат гиранд. Дар фалсафаи метафизикии Ибни Сино миёни мафҳуми модда ва сабаби моддӣ фарқияти калон вуҷуд дорад. Модда ин дар шакли би-л-қуввагӣ вуҷуд дорад, аммо сабаби моддӣ бошад дар шакли би-л-феълӣ вуҷуд дорад, аз ин ҷиҳат набояд онҳоро дорои маънии ягона ва бо ҳам айниятдор донист.

Вақте мафҳуми метафизика камтар мавриди истифода қарор мегирифт, пас масъалаи асосии он, яъне мафҳуми ҳастӣ камистифода ва ё ниҳоят камранг тасвир мегардид. Худи Ибни Сино борҳо таъкид кардааст, ки масоили метафизикӣ ҷудо ва фаротар аз модда қарор доранд, яъне онҳоро наметавон дар доираи табииёт ва ё риёзиёт масъалагузорӣ намуд. Дар ин сурат мафҳуми ҳастӣ низ аз ҳастие, ки дар табииёт дар назар дошта мешавад, ба куллӣ фарқ менамояд. Зери мафҳуми метафизикии ҳастӣ дарҳол ҳастии физикӣ ва ё ҳастии моддиро дар назар доштан, худ нокомӣ дар баробари фаҳмиши фалсафаи метафизикии Синоро дорад. Дар ин маврид албатта буданд пажуҳишҳое, ки то андозае берунтар аз таъсири идеология ва бевосита дар асоси таҳлили матнҳои Ибни Сино масъалаҳоро матраҳ менамуданд. Масалан, чунин таҳлили амиқ аз ҷониби Сагадеев А. анҷом шудааст. Муаллиф тавонистааст дуруст қайд намояд, ки ҳастие, ки мавриди назари Ибни Сино аст, он орӣ аз миқдор ва ҳаракату оромӣ аст, яъне ҳастии математикӣ ва ё физикӣ дар назар дошта нашудааст. Муҳаққиқи

номбурда яке аз камтарин файласуфони муҳити шуравӣ мебошад, ки лоақал мафҳуми ҳастӣ ҳамчун ҳастӣ (сущее как таковое)-ро дар ҳамон замон истифода бурдааст ва ифодаҳоеро истифода намудааст, ки хело наздик ба шарҳи мафҳуми ҳастӣ чун ҳастӣ мебошанд [264, с. 153].Танҳо истифода нагардидани мафҳуми ҳастӣ-чун ҳастӣ аз ҷониби намояндагони мактаби шуравӣ худ далолат ба вуҷуди нафаҳмиҳои зиёд ва ҳатто оқибмондагӣ дар соҳаи синошиносиро дорад. Новобаста аз он, ки Сагадеев мафҳуми мазкурро истифода кардааст, аммо тавзеҳҳо муфассал набуда, онҳо ҳадафмандона дунболагирӣ намешаванд, то ин ки дар баробари таҳрифкориҳо алтернативаи боварибахшро ба вуҷуд оварда тавонад.

Нахустин маротиба Элизабет Бушманн таъкид намуд, ки дар мактабҳои шуравӣ зери таъсири идеологияи ҳукмрон дар мавриди фаҳмиши модда таҳрифкорӣ сурат гирифта, Ибни Сино ҳамчун материалист маърифат карда мешавад. Сабаби ин нофаҳмиҳо агар аз як тараф таъсири сахти идеологияи ҳукмрони марксистӣ дар он замон бошад, аз дигар тараф вуҷуд надоштани ҳамкории зарурӣ бо мактабҳои пажуҳишии ғарбӣ ва ҳатто арабӣ ва эронӣ буд.

Ҳоло ки маҳдудият ва монеаҳои мавҷуда нест, барои мо маълум гардидааст, ки дар пажуҳишҳое, ки дар синошиносии ғарбӣ ва ҳамчунин шарқӣ, бахусус эронӣ сурат мегирад, чунин як омехтагӣ ва ё сарфи назар намудани масъалаҳои метафизикӣ ба назар намерасад.

Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ. Мавзуи рисолаи диссертатсионӣ бо нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 бо номи “Ташакули сифати нав дар инкишови ҷомеъа ва инсон” мувофиқ буда, дар асоси ин нақша марҳала ба марҳала иҷро шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

Тавсифи умумии рисолаи диссертатсионӣ хусусиятҳои бунёдии фалсафаи метафизикии Ибни Синоро дарбар мегирад. Дар бахши зерини рисола мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, обект ва предмети он, марҳала, макон ва давраи таҳқиқот

мушаххас карда мешавад.Ҳамчунин асосҳои назариявӣ, методологияи таҳқиқ, заминаҳои эмпирикӣ ва пойгоҳи таҳқиқот муаррифӣ мегарданд, навгониҳо нуктаҳои илмии ба рисола пешниҳодшаванда, аҳамияти амалӣ ва назарии таҳқиқот, дараҷаи боэътимодни натиҷаҳои таҳқиқот ва мутобиқати рисола бо шиносномаи ихтисоси илмӣ асоснок карда мешавад. Дар ниҳоят саҳми бевоситаи довталаб дар таҳқиқи рисолаи диссертатсионӣ, раванди тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯи мавзуи рисола, сохтор ва ҳаҷми рисола нишон дода шудаанд.

Мақсади таҳқиқ – баррасӣ ва таҳлили фалсафаи онтологии Ибни Сино, яъне метафизика ва ҳастӣ бо шаклҳои гуногуни зуҳуршавии он аст.

Вазифаҳои таҳқиқ аз баррасии масъалаҳои зерин иборат аст:

– шарҳи муфассал доир ба густариш ва таъсири фалсафаҳои Юнони Бостон, Ҳинди Бостон ва Эрони Бостон ба фалсафаи асримиёнагӣ дар умум ва махсусан ба фалсафаи метафизикии Ибни Сино;

– таҳлили таъсири фалсафаи Абунасри Форобӣ ба метафизикаи Ибни Сино;

– баррасӣ ва таҳлили таъсири фалсафаи атиқа ба ақоиди Форобӣ ва Ибни Сино;

– баррасӣ ва таҳлили масъалаи Худо – ҳамчун масъалаи фалсафаи метафизикӣ ва мафҳуми Воҷиб-ул-вуҷуд;

– нишон дода мешавад, ки ҳадафи Ибни Сино аз мафҳуми “ҳастӣ” ва ё “вуҷуд” чист ва фарқияти метафизикии ҳастӣ аз ҳастиҳои математикӣ ва физикӣ чӣ гуна аст;

– мубоҳиса дар атрофи масъалаи вуҷуд ва моҳият, ҷавҳар ва араз, куллӣ ва ҷузъӣ дар фалсафаи Ибни Сино;.

– баррасӣ ва таҳлили масъалаи сабабият, пешӣ ва сипасӣ, ҳастии би-л-қувва ва ҳастии би-л-феъл дар фалсафаи метафизикии Ибни Сино;

– баррасии масъалаи офариниш ва назарияи маротиби судур ё фаязон (эманатсия) дар фалсафаи метафизикии Ибни Сино;

– пажуҳиш решаҳои метафизикии сиёсат ва ахлоқ дар фалсафаи Ибни Сино.

Объекти таҳқиқи кори диссертатсиониро масъалаи ҳастӣ дар таълимоти метафизикии Ибни Сино ташкил медиҳанд.

Мавзуи (предмети) таҳқиқ масъалаи ҳастӣ, ҳамчун мавзуи асосии метафизикаи Ибни Сино ва аразҳои хосси ҳастӣ мебошад.

Асосҳои назарии таҳқиқ. Дар диссертатсия аз андешаҳои назарӣ ва таҷрибаи илмии муҳаққиқони файласуфи ватанию хориҷӣ, ба монанди М.Баҳоваддинов, М.Осимӣ, М.Диноршоев, А. Турсунов, Н. Саид, М. Болтаев, Ғ. Ашуров, С. Ҷонбобоев, Ё. Ниёзӣ, М. Раҳимов,Ф. Сироҷов, С. Султонов, Ф. Худойдодов, З. Сафо, Н. Ҳикмат, М. Фахрӣ, Р. Фрай, Л. Ҳушанг, Т.Каутзарова, Т. Кобуш, А.Сагадаев, Қитфӣ, М. Ҳайдеггер, Е.Бушшман, Ҷ. Ҷоливет, М. Мармура, Р. Винковски ва дигарон ба таври васеъ истифода ва истинод шудааст.

Марҳала, макон ва давраи таҳқиқ. Таваҷҷуҳ ба фалсафаи Ибни Сино ва махсусан ҷанбаи ҳастишиносии он ҳанӯз аз соли 2011 оғоз гардида буд. Бо дастгирии профессор, доктор Питер Никл аз ҷониби Бунёди Требуз барои ду сол ва се моҳ бурсияе дар мавзуи “Метафизика ва фалсафаи табиат дар “Донишнома”-и Ибни Сино” дарёфт мегардад, ки ин беҳтарин имкон барои ҳамкорӣ бо мутахассисони хориҷӣ буд. Дар асоси ин лоиҳа се моҳ (01.2011-03.2011) дар Донишкадаи фалсафа ва ҳикмати эронӣ дар шаҳри Теҳрони Эрон фаъолият намуда, натиҷаҳои фаъолияти илмии худро бо мутахассисони эронӣ ба миён гузоштааст. Минбаъд фаъолиятро дар давоми ду сол (04.2011-04.2013) дар Донишгоҳи Бонни давлати Олмон ҳамчун меҳмони муҳаққиқ идома дода, натиҷаҳои бадастомадаро дар ҷамъомадҳои илмӣ бо мутахассисони олмонӣ матраҳ сохтааст. Дар давраи ҳамкориҳо дар Эрон ва Олмон, ба ғайр аз профессор, доктор П. Никл, ҳамчунин бо устодон Алиризо Аъвонӣ (Донишкадаи фалсафа ва ҳикмати эронӣ, Теҳрон, Эрон), профессор, доктор Тео Кобуш ва доктор Тиана Кутзарова (Донишгоҳи Бонн, Олмон) ва дигар устодон ҳамкории самарабахш сурат гирифтааст. Лоиҳа бомуваффақият ба анҷом расонида шудааст. Аз соли 2013 сар карда, ҳангоми фаъолият дар кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳқиқот доир ба масъалаҳои ҳастишиносии фалсафаи Синоро инкишоф дода, аз соли 2014 мақолаҳо доир ба фалсафаи Ибни

Сино дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ва дигар маҷаллаҳо нашр гардид. Дар соли 2021 монографияи муҳаққиқ бо номи “Метафизикаи Ибни Сино” нашр гардад, ки асоси онро ҳамкориҳои довталаби дараҷаи илмӣ бо профессор Питер Никл ташкил медиҳад. Дар байни солҳои 2021-2026 пажуҳишҳо бевосита ба масъалаҳои метафизикӣ ва ҳастишиносӣ мутамарказ мегарданд, ки натиҷаи онҳо дар диссертатсия инъикос ёфтаанд. Маводи рисола солҳои 2011-2026 ҷамъоварӣ ва коркард шудаанд.

Асосҳои методологии таҳқиқ. Бидуни равишҳои феноменологӣ ва герменевтикӣ ба хубӣ ошкор кардани муҳтавои фалсафаи Ибни Сино ғайриимкон мебошад. Дар таҳқиқи мазкур пеш аз ҳама методи шарҳ, ё интерпритатсияро истифода шудааст. Фалсафаи Ибни Сино яке аз фалсафаҳоест, ки мафҳум ва истилоҳоти зиёдро доро аст ва бо рӯшанӣ андохтан ба мафҳумҳои бунёдӣ ва алоҳида мо ба таҳлили таълимоти асосии метафизикаи ӯ мегузарем ва дар ниҳоят хосиятҳои асосии таълимоти ӯро муайян намудем. Дар таҳқиқ мо тафсири матнро дар мадди назар дорем ва дар асоси таҳлили бевоситаи матни асар назароти Синоро муайян сохтем.

Методи дигари дар таҳқиқ истифодашуда, методи таҳлилӣ-муқоисавӣ мебошад. Тавассути методи мазкур умумият ва фарқиятҳои фалсафаи метафизикии Ибни Сино бо дигар таълимот, бахусус бо таълимоти Арасту ва донишмандони каломиро муайян карда шуд. Тавассути методи таҳлилӣ-муқоисавӣ алоқамандиҳои миёни фалсафаи метафизикии Ибни Сино бо фалсафаи юнонӣ ва дини ислом низ муайян карда шуд. Бисёре аз қисматҳои фалсафаи метафизикии Синоро танҳо дар асоси муқоиса шинохтан мумкин аст, масалан, хусусиёти фарқкунандаи ҷавҳар аз араз, куллӣ аз ҷузъӣ, сабабҳои моҳиятӣ аз сабабҳои вуҷудӣ, имкон-ул-вуҷуд ва воҷиб-ул-вуҷуд ва ниҳоятан муносибати ҳастӣ ва моҳият бевосита танҳо дар асоси муқоисаи онҳо равшан мегардад.

Заминаҳои эмпирикии таҳқиқ. Заминаи асосии таҳқиқро ин маълумоти дар асоси омӯзиши осори Ибни Сино бадастомада ташкил медиҳад. Ба хотири

бештар боварибахш гардидани андешаҳо мо асосан таҳлили консептуалии матнҳоро интихоб намудаем. Ҳамчунин натиҷаҳои боварибахши донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ доир ба фалсафаи метафизикии Синоро ҳангоми таҳлили масъалаҳо истифода намудаем.

Сарчашмаҳои таҳқиқ. Масъалаи ҳастӣ ва баҳси метафизика дар асарҳои асосии Ибни Сино такроран, аммо ҳар дафъа бо илова ва ихтисори ҷузъиёт ба назар мерасанд. Яке аз хусусиятҳои асосии ин рисола дар он аст, ки мо бештар ба худи сарчашмаҳо, яъне китобҳои асосии файласуф таваҷҷуҳ менамоем. Ба тариқи хело мухтасар метавонем ин ҷо сарчашмаҳои зеринро зикр намоем: “Китобу-ш-шифо”,”Донишномаи Алоӣ”, “Наҷот” ва ё “Ишорот ва танбеҳот” . Масъалаҳои мавриди назари мо дар ин асарҳо баъзан муфассал ва баъзан мухтасар матраҳ гардидаанд. Ҳамчунин яке аз сарчашмаҳои асосӣ асари “Метафизика”-и Арасту мебошад, ки сарриштаи аксари масъала ва мафҳумҳои фалсафаи Синоро метавон дар он пайдо намуд. Баъзан ба тариқи муқоиса ва баъзан дар алоҳидагӣ масъалаҳои асосиро матраҳ сохтаем, ки дар шинохти масъалаҳои зерин дар фалсафаи метафизикии Ибни Сино нақши муҳим бозидаанд. Ҳамчунин мо метавонем рисолаҳои Форобӣ низ ҳамчун яке аз сарчашмаҳои асосӣ зикр намоем, зеро Ибни Сино дар мавриди шинохти метафизика бештар зери таъсири Форобӣ қарор дошт ва дар асарҳои худ ӯ назароти фалсафии Форобиро ба як низом ва система ворид намудааст.

Навгонии илмии таҳқиқ Мавзуи мавриди назар ҳамчун объекти таҳқиқот нав мебошад, зеро мушаххасан дар ин самт пажуҳиши илмие дар Тоҷикистон анҷом дода нашудааст. Дар рисола нахустин маротиба фалсафаи метафизикии Ибни Сино, ки ҳамон онтология ва ё ҳастишиносии ӯ аст, на ба тариқи ҷузъӣ, балки ҳаматарафа ва муфассал мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Албатта то ин вақт худи метафизика ва мавзуъҳои алоҳидаи он мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, аммо як қатор мушкилоти объективӣ, бахусус танақузҳои ҷойдоштаи роҳбурдии замони шуравӣ, имкон намедод, ки ин масъалаҳо муфассал, бо назардошти ҳамаи ҷузъ ва томҳои он, алоқамандӣ ва фарқи он аз дигар илмҳо, мақсад ва ғояи ниҳоии метафизика омӯхта шавад. Аз ин рӯ, дар

рисола заминаҳо ва вижагиҳои ташаккулёбии фалсафаи метафизикии Ибни Сино, ҳудуди баҳсҳои метафизикӣ, унсурҳои асосии фалсафаи мазкур мунсифона бори аввал мавриди таҳқиқ қарор мегирад.

Бидуни шинохти фалсафаи Форобӣ шинохти фалсафаи Ибни Сино номумкин мебошад, бинобар ин, дар ин рисола нахустин маротиба нуктаҳои муҳимтарини фаъолияти Форобӣ дар шиносонидани фалсафаи юнонӣ ба хонандаи асримиёнагӣ ва ҳамчунин шаклдиҳии забон ва муҳтавои фалсафаи асримиёнагӣ матраҳ гардидааст.

Масъалаи ҳастӣ ва сифатҳои асосии он, яъне таърифнашавандагӣ, шинохтатарин ва умумитарин мафҳум будани он ба тариқи бунёдӣ мавриди таҳлил қарор мегирад. Дорои маънии трансенденталӣ будани ҳастӣ дар ин робита дар миён гузошта мешавад. Ба исбот расонида мешавад, ки ҳадафи Ибни Сино аз ҳастӣ пеш аз ҳама “ҳастии трансенденталӣ” ва “ҳастии зеҳнӣ” мебошад.

Нахустин маротиба масъалаи вуҷуд ва моҳият ва бахусус фарқияти маънии моҳиятӣ аз вуҷудӣ дар миён гузошта мешавад. Ин масъала то андозае аҳамият дошт, ки он ҳамчун “оғози дувуми метафизика” шинохта шудааст. Ҳамаи масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳ дар рисола маҳз дар асоси муносибати онҳо бо ҳастӣ ва ҳастӣ ва моҳият омӯхта мешавад.

Бори аввал баҳси воҷиб-ул-вуҷуд ва имкон-ул-вуҷуд на дар новобастагӣ, балки дар асоси робитаи онҳо бо масъалаи вуҷуд ва моҳият мавриди таҳлил қарор мегирад. Дар воҷиб-ул-вуҷуд вуҷуд ва моҳият аз ҳамдигар ҷудо нестанд ва дар имкон-ул-вуҷуд бошад, онҳо аз ҳам ҷудо мебошанд, бинобар ин онҳо дорои хусусиёти мутафовит ҳастанд.

Дар муносибат ба масъалаи “модда” дар фалсафаи Ибни Сино нишон дода мешавад, ки он аз фаҳмиши моддигароёнаи он комилан фарқ дошта, бештар ҷанбаи имконӣ ва пассив дорад ва он ҳамчун нахустҷавҳар шинохта намешавад. Он бештар ба таълимоти идеалистии Афлотун наздикӣ дорад, то ба таълимоти шинохтаи моддигароёна.

Бори нахуст масъалаи сабабҳо, яъне сабабҳои фоъилӣ, моддӣ, сурӣ ва ғойӣ дар алоҳидагӣ муфассал ва бо ҷузъиёташон таҳлил карда шуданд. Сабабҳо бо он

дорои аҳамият ҳастанд, ки чиз маҳз тавассути онҳо аз ҳолати би-л-қуввагӣ ба би-л-феълӣ табдил меёбад.

Новобаста аз навгониҳое, ки дар боло зикр намудем, яке аз навгониҳои дигари рисола ин нишон додани равиши фикрии Ибни Сино мебошад. Тарзи тарҳи масъалаҳо ва тарзи таҳлили онҳо ба дараҷаи боварнакарданӣ қудрати андешаи Синоро таҷассум менамояд. Барои Ибни Сино метафизика як илм мебошад, ки мавзуъ ва объекти омӯзиши худро дорад ва дар як вақт Ибни Сино онро дар қолаби илмҳое чун риёзиёт ва ё ҳандаса пешниҳод месозад ва агар аз равиши илмӣ бохабар набошем, дар байни таҳлилҳои густурда ва вусъати назари фавқулодаи ӯ роҳгум мезанем. Ибни Сино на бо биниши метафизикӣ ва маҳдуди мазҳабӣ ба фалсафа ва илмпардозӣ машғул мегардад, балки баръакс дар асоси биниши илмӣ ба фалсафаи метафизикӣ мепардозад. Ҳар ҷо ки баҳсҳои метафизикӣ матраҳ мегарданд, далелҳои Ибни Сино ҳамеша аз илмҳои табииёт, ҳандаса ва ҳатто равоншиносӣ мебошад, ки ин аз илоҳиётшиносии нақлӣ фарқ менамояд. Равиши андеша ва таҳлили Ибни Сино қобили омӯзиш ва пазириш мебошад.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Маълум карда шуд, ки сарчашмаҳои асосии фалсафаи метафизикии Ибни Сино ин фалсафаи Юнон, Ҳинд ва Эрони Бостон аз як тараф ва андешаҳои илоҳиётшиносони исломӣ аз дигар тараф мебошад. Форобӣ беҳтарин донанда ва муаррифгари фалсафаи юнонӣ дар оғози марҳалаи исломӣ ба ҳисоб меравад. Нахустин маротиба пас аз Арасту ӯ ба таснифоти илмҳо даст зада, ҳамаи илмҳоро ба як низом ворид месозад ва доир ба ҳамаи онҳо рисолаҳо эҷод менамояд. Дар рисолаҳои худ ӯ ихтилофоти фалсафаи Афлотун ва Арастуро зоҳирӣ ва ҷузъӣ ҳисобида, онҳоро бо ҳам оштӣ медиҳад. Дар қадами минбаъда ӯ фалсафаи юнониро бо дини ислом оштӣ медиҳад ва дар байни мактабҳои фалсафӣ роҳи миёна ва муътадилро пеша менамояд. Ҳар масъалае, ки дар фалсафаи Ибни Сино вуҷуд дорад, мо онро дар фалсафаи Форобӣ дучор меоем. Фарқият дар он аст, ки Форобӣ масъалаҳоро мухтасар матраҳ месозад, аммо Ибни Сино онҳоро муфассал шарҳу тафсир намуда дар умум онро ба як система медарорад.

2. Дар асоси баррасиҳо чунин бардошт кардем, ки метафизика ин илмест, ки ба масъалаҳое сару кор дорад, ки онҳо пас аз масоили физикӣ ва ё пеш аз он меоянд. Пас аз тарҷумаи асари Арасту бо забони арабӣ тамоми мусалмонон гумон доштанд, ки дар он сухан дар бораи Худои ягона меравад, аммо чун хоҳиши худро пайдо намекунанд, ноумед мегарданд. Форобӣ ва минбаъд Ибни Сино нишон медиҳанд, ки ҳадафи Арасту ин ҳастии мутлақ ва ё ҳастӣ ҳамчун ҳастӣ мебошад. Худо масъалаи асосии фалсафаи метафизикӣ нест, аммо азбаски Худо низ ҳастии ҷудо аз модда аст, он яке аз масъалаҳои метафизикаро ташкил медиҳад. Ибни Сино метафизикаро ҳамчун илм ҳаматарафа таҳқиқ ва асоснок намуда, се мавзуи асосии онро муайян менамояд, ки инҳо аразҳои хосси ҳастӣ, асосҳои илмҳои ҷузъӣ ва ниҳоят раванди офариниш аз мабдаи нахуст мебошанд.

3. Маълум карда шуд, ки дар мавриди мафҳуми “ҳастӣ” Ибни Сино ҳамон сухани Арастуро меоварад, ки ҳастӣ, таърифнашаванда, умумитарин ва шинохтатарин мафҳум мебошад. Ба мисли Арасту ва Ҳегел Ибни Сино низ ҳангоми шарҳи ҳастӣ аз равиши мантиқӣ истифода бурдааст ва таъкид бар он менамояд, ки ҳастии ҳақиқӣ ин ҳамон “ҳастии зеҳнӣ” мебошад. Дар ин маврид ӯ аз ифодаи “иртисомоти аввалия” истифода кардааст. Баъзе мафҳумҳо дар тасаввуроти мо пеш аз ҳама ва худ аз худ шинохта мегарданд, зоҳиран мо ба мафҳумҳои дигар барои шинохти онҳо ниёз дорем, аммо дар ҳақиқат бошад ин мафҳумҳо нақши “танбеҳия”-ро барои дар замон ва макони лозима шинохти ҳастиро бозӣ мекунанд.

4. Ба чунин натиҷа расидем, ки яке аз навъҳои ҳастӣ ин ҳастии Худо ва ё ҳамон воҷиб-ул-вуҷуд мебошад. Баръакси имкон-ул-вуҷуд, ки дорои вуҷуд ва моҳияти аз ҳам ҷудо мебошад, воҷиб-ул-вуҷуд дорои вуҷуд ва моҳияти ҷудо нест, онҳо ягонаанд, ба дигар ибора он дорои моҳият набуда, вуҷуди маҳз мебошад. Ҳеҷ як аз хосиятҳое, ки дар имкон-ул-вуҷуд қобили шинохт аст, дар воҷиб-ул-вуҷуд ба назар намерасад. Масалан, воҷиб-ул-вуҷуд дорои ҷавҳар ва араз, куллӣ ва ҷузъӣ ва ё дорои вуҷуд ва моҳияти алоҳида нест, тасаввури чунин хосиятҳо дар он ҳамеша моро ба зиддияти мантиқӣ мерасонанд.

5. Омӯзишҳо нишон доданд, ки яке аз баҳсҳои асосӣ, ки дар метафизикаи Ибни Сино матраҳ мегардад, ин ҷавҳар ва араз мебошад. Дар фалсафаи Арасту баҳси ҷавҳар ва араз, ки ҳамон баҳси даҳ категория мебошад, ба вуҷуд тааллуқ дорад. Арасту ақидаи Парменид дар мавриди ягона будани ҳастиро инкор намуда, онро ба даҳ категория тақсим мекунад. Аммо Ибни Сино маънии ҳастиро аз маънии моҳиятҳо ҷудо месозад ва ҳастиро берун аз моҳиятҳо қарор медиҳад. Дар ин муносибат Ибни Сино нишон медиҳад, ки ҳастӣ дорои маънии трансенденталӣ буда, ягона мебошад. То замоне, ки ҳастӣ дар зеҳнияти инсон бар моҳиятҳо ориз нагардад, онҳо дорои ҳастӣ намегарданд, яъне аз онҳо хабар додан номумкин аст. Аз ҳам ҷудо намудани маънии ҳастӣ ва моҳият, илова бар ин ба ҳастӣ додани маънии трансенденталӣ ду навгонии асосии Ибни Сино мебошад, ки ба анъанаи метафизикаи ҷаҳонӣ ворид кардааст.

6. Маълум гардонида шуд, ки масъалаи асосии дигари фалсафаи Ибни Сино ин баҳси куллӣ ва ҷузъӣ мебошад. Баҳси мазкур барои шинохти беҳтари масъалаи моҳият дар фалсафаи Ибни Сино ба мо кумак менамояд. Куллӣ он ҳастие мебошад, ки танҳо дар зеҳн вуҷуд дошта метавонад ва дар ҳолати ба мафҳуми дигари дар зеҳн вуҷуддошта ориз гардидан, мафҳум дорои маънии куллӣ мегардад. Мафҳуми куллӣ метавонад ҳамчун ҷинс ва ё ҳамчун модда шинохта шавад ва дар кадом муносибат истифода шудани он вобастагӣ дорад аз эътибороти худи мо. Фарқи мафҳуми *куллӣ* аз *кулл* дар он аст, ки мафҳуми *куллӣ* дорои вуҷуди зеҳнӣ ва мафҳуми *кулл* бошад дорои вуҷуди хориҷӣ мебошад.

7. Бароямон равшан гардид, ки нуктаи муҳими дигари рисола ин назарияи сабабияти Ибни Сино мебошад. Аҳамияти ин масъала дар он аст, ки бидуни сабабҳо чиз аз ҳолати би-л-қуввагӣ ба ҳолати би-л-феълӣ гузашта наметавонад. Ибни Сино шумораи сабабҳоро ба ҳафтто мерасонад, аммо ҳамон чаҳор сабаберо, ки Арасту пешниҳод намуда буд, муфассал шарҳу тафсир медиҳад. Ӯ сабабҳоро ба моҳиятӣ: сабаби моддӣ ва суварӣ ва вуҷудӣ: сабаби фоилӣ ва ғойӣ тақсим менамояд. Сабабҳои вуҷудӣ дар раванди ҳаст гардидани чиз иштирок менамоянд, аммо як ҷузъи худи онро ташкил намекунанд, иллатҳои моҳиятӣ бошанд як ҷузъи мавҷудро ташкил медиҳанд. Сабаби ғойӣ ҳамчун хайр бо ҳастии

воҷиб-ул-вуҷуд, ки он низ хайри маҳз аст, умумият пайдо намуда, ҳамчун дорандаи сарчашмаи хайр ба ҳастии ҷаҳон маънӣ мебахшад.

8. Натиҷагирии ниҳоии мо чунин буд, ки қисмати охири фалсафаи метафизикии Ибни Сино ҳамеша бо фалсафаи амалӣ, яъне сиёсат ва ахлоқ ба анҷом мерасад. Ба андешаи Ибни Сино як ҷомеаи адлбунёд танҳо тавассути такя намудан ба қонунҳои шариат имконпазир мебошад. Шариат бояд дар бунёд қарор гирад ва сиёсат аз он пайравӣ намояд. Дар муносибат бо қонунҳои шариат сиёсатмадор бояд сахтгириро пеша намояд ва дар муносибат бо ахлоқи иҷтимоӣ бошад, бояд каме нармиш нишон диҳад. Шариат ва қонунҳои он ҳамчун кафолати низоми зиндагии шаҳр ва ҷомеа, таҳрими падидаҳое, ки боиси зиёни низоми иҷтимоӣ мегарданд. Масъалаи издивоҷ ҳамчун аввалин масъалаи умури иҷтимоӣ, аҳаммияти он барои пойдории насли инсонӣ ва вуҷуди Худо. Адолат ҳамчун фазилати миёнаравӣ ва охирин масъалаи фалсафаи метафизикии Ибни Сино, ки камоли нафси инсониро ифода мекунад.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ. Рисола дар баробари фалсафаи метафизикии Ибни Сино метавонад доир ба фалсафаи юнонӣ ва густариши он ба шарқи асримиёнагии исломӣ, фалсафаи Арасту, саҳми Форобӣ дар шаклгирӣ ва бавуҷудоварии забони фалсафӣ маълумоти муфид пешниҳод намояд. Он барои ошноӣ пайдо кардан бо афкори илмӣ-фалсафӣ дар як марҳалаи таърихӣ ба муҳаққиқони ҷавон замина фароҳам меоварад.

Равиши таҳқиқе, ки Ибни Сино ҳангоми баррасии масъалаҳо истифода кардааст, қобили омӯзиш ва барои тақвияти равиш ва тафаккури илмӣ дорои аҳамият мебошад. Ҳоло, ки илми имрӯзаи мо дар омодасозии рисолаҳо мушкилии калон дорад, бояд равишҳои мантиқӣ ва илмии Ибни Сино ва дигар бузургони гузашта зинда гардонида шавад ва зеҳнияти донишмандони ҷавонро бо дониши назариявии шеваҳои натиҷагирӣ, қиёс, бурҳон, далеловарӣ ва ғайра мусаллаҳ сохт. Дар рисола ба тариқи мустақим чунин шеваҳои илмӣ нишон дода шудааст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ. Ба хотири ба даст овардани натиҷаҳои эътимодбахш ҳангоми баррасии масъалаҳо, бештар ба таҳлили

бевоситаи матнҳои осори Ибни Сино, ҳамчунин таҳқиқоте, ки дар соҳаи синошиносӣ дорои эътибор ҳастанд, таваҷҷуҳ шудааст. Ҳамчунин дар пажуҳиши мазкур аз баррасиҳои ҷузъигароёна (фрагменталӣ)-и андешаҳои Ибни Сино сарфи назар карда, бештар ба таҳлили фарогири масъалаҳо таваҷҷуҳи асосӣ равона гардидааст, ки ин дар навбати худ ба эътимоднокии натиҷаҳо мусоидат менамояд. Таҳқиқ берун аз таъсироти идеологӣ сурат гирифта, муаллиф мустақилият ва озодии зеҳнии худро ҳангоми пажуҳиш ҳифз намудааст, бинобар ин натиҷаҳои бадастовардашуда дорои эътимоднокии қобили таваҷҷуҳ мебошанд.

Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия дар мавзуи « Масъалаҳои ҳастӣ дар таълимоти метафизикии Ибни Сино» ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6D020102 – Таърихи фалсафа мувофиқат мекунад. Ҳамчунин он ба ихтисоси илмии шурои диссертатсионии 6D. КОА-092 барои дифои диссертатсия барои дарёфти унвони илмии доктори ҳабилитат дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқро дар асоси навгониҳое, ки ӯ дар диссертатсия ва ҳамчунин дар муҳити синошиносӣ анҷом додааст, муайян кардан мумкин аст. Интихоби мавзуъ, равиши омӯзиш, масъалагузориҳо ва коркарди онҳо дар асоси иқдоми мустақилонаи муаллиф сурат гирифтааст. Ҳангоми таҳқиқ, бо анъана ва шеваи масъалагузории дар фазои собиқ шуравӣ мавҷудбуда маҳдуд нагардида, адабиёти илмии дар Аврупо ва Амрико доир ба синошиносӣ вуҷуддошта истифода гардидааст.

Метафизика, яъне фалсафаи асосии Ибни Сино, он гуна ки бахшҳои мантиқ, фалсафаи табиат ва ё тибби файласуф омӯхта шудааст, омӯхта нашуда буд. Нахустин маротиба масъалаи мазкур ҳамаҷиҳата мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ҳамингуна, дар муносибат бо масъала ва мафҳумҳои дигар, мафҳуми “ҳастӣ” камтар мавриди таваҷҷуҳ қарор дошт ва дар ин рисола ҳамаи масъалаҳои марбут ба метафизикаи Ибни Сино дар асоси мафҳуми бунёдии “ҳастӣ” таҳлил мешаванд.

Масъалаи дигаре, ки дар муҳити шуравӣ ва пасошуравӣ анқариб мавриди таҳқиқ қарор нагирифта буд, муносибати ҳастӣ ва моҳият мебошад, ки муаллиф онро муфассал мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дастовардҳои дар ин соҳа бадастовардашуда дар маҷаллаҳое, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ва дигар маҷаллаҳо ба нашр расидаанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаи диссертатсия дар мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда ва дигар маҷаллаву нашрияҳои илмӣ чопгардида инъикос шудааст. Муаллиф доир ба натиҷаҳои диссертатсия дар як қатор конференсия ва нишастҳои илмӣ маърузаҳо намудааст, аз ҷумла доир ба мавзуи “Масъалаи сабаб, бахусус сабаби фоъилӣ, дар фалсафаи Ибни Ибни Сино” дар конференсияи донишгоҳӣ ба ифтихори 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар: “Ҷомеа ва афкор” (маводҳои конференсия ба ифтихори 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, – Душанбе, 2016. – С. 12-25). Бо маърузаи “Мотивҳои асосии метафизикаи Ибни Сино” дар конференсияи ҷумҳуриявӣ таҳти унвони “Масоили мубрами улуми фалсафӣ дар Тоҷикистони муосир” дар МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» (Душанбе 2022). Бо маърузаи “Бархӯрдҳо бо мантиқ ва шеваи таҷаллии он дар лобалои таърихи фарҳанги миллӣ” дар конференсияи байналмилалии илмӣ- назариявӣ таҳти унвони “Вазъ ва мушкилоти таълими фанни мантиқ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон”(Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Вазъ ва мушкилоти таълими фанни мантиқ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон”ш. Душанбе, 2-юми майи соли 2025, саҳ. 10-20). Бо маърузаи “Фарқияти байни маънии вуҷудӣ аз маънии моҳиятӣ” дар Симпозиуми байналмилалии “Саҳми Ибни Сино дар рушди илм, фалсафа ва тамаддуни ҷаҳонӣ” (Душанбе 2025). Довталаби дараҷаи илмӣ инчунин дар ҳамоишҳои илмие, ки дар кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон солҳои 2013-2026 баргузор шудаанд бо маърузаи алоҳидаи илмӣ

баромад кардааст. Бахшҳои асосии диссертатсия дар ҷаласаҳои Кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳоду баррасӣ шудаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи Кафедраи умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суратмаҷлиси №4 аз 17.10.2025) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Мазмуну моҳияти асосии диссертатсия дар 1 монография ва 20 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 16 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 мақола дар маҷмуаи мақолаҳои илмӣ ва маводи конференсияҳо ба чоп расидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссртатсия. Диссертатсия аз мундариҷа, муқаддима, панҷ боб, дувоздаҳ параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Боби аввали рисола аз се фасл, боби дуюм аз ду фасл, боби сеюм аз се фасл, боби чорум ва панҷум аз ду фасл ва дар маҷмуъ 388 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

БОБИ 1. ЗАМИНАҲОИ ИҶТИМОӢ, ТАЪРИХӢ, ФАРҲАНГӢ ВА СИЁСИИ ГУСТАРИШИ ФАЛСАФА ДАР АСРҲОИ МИЁНА

1.1. Омилҳои иҷтимоӣ-таърихии паҳншавии ҳикмати Юнон, Ҳинд ва Эрони Бостон ва таъсири он дар фалсафаи мусулмонӣ

Мактаби машшоия, ки Ибни Сино намояндаи он мебошад, бевосита дар пайравӣ аз мактаби перипатетизми юнонӣ, ба вуҷуд омадааст. Ин воқеият худ далолат бар он мекунад, ки мактабҳои фалсафии дар марҳалаи исломӣ дар Шарқи Наздик пайдошуда ва бахусус мактаби машшоия, аз фалсафаи юнонӣ сарчашма мегиранд. Мо метавонем таъсири илм ва фалсафаи юнониро дар масъалагузориҳои фалсафаи Ибни Сино, мушоҳида намоем ва ҳам дар доираи васеъ, яъне густариш ва таҳаввулёбии фалсафа ва илми юнонӣ ба фарҳангҳои Шарқи Наздик ва аз ҷумла халқҳое, ки каме дертар дини исломро пазируфтаанд, мушоҳида намоем. Таҳлили масъала дар доираи маҳдуд, яъне таъсири фалсафаи юнонӣ ба масъалагузориҳои Ибни Сино, ки баъдтар ин масъаларо таҳлил менамоем, аз он ҷиҳат аҳаммиятнок аст, ки ҳарду масъалаи бунёдии пажуҳиши мазкур, яъне мафҳуми метафизика ва ҳастӣ ба гунаи масъалаи меҳварии метафизика, маҳз аз фалсафаи Арасту сарчашма гирифтааст. Нахустин маротиба маҳз Арасту метафизикаро ҳамчун илми назарӣ ва ҳастӣ- чун ҳастиро ҳамчун мавзуи асосии он муайян намудааст. Азбаски ин масъала асоси рисолаи моро ташкил медиҳад, дертар мо ба ин масъала бармегардем, аммо таҳлили ин масъала дар доираи васеъ ба мо бисёре аз ҳақиқатҳоеро, ки то имрӯз ношинохта боқӣ мондааст, ошкор месозад.

Бо вуҷуди он ки фарҳанги бостонии ҳиндӣ ва эронӣ ба андозаи фалсафаи юнонӣ таъсиргузор набуданд, аммо онҳо низ дар рушди минбаъдаи илм ва фалсафаи асримиёнагӣ таъсири худро расонидаанд, ба андозаи зарурӣ кӯшиш менамоем, ки ин таҳаввули илмию фалсафиро дар идома мушаххас ва равшан созем.

Дар илми ховаршиносии ҷаҳон, бахусус аврупоӣ, истилоҳҳои аҷибе аз қабили “илми исломӣ” ва ё “фалсафаи исломӣ” вуҷуд дорад. Зоҳиран ин

истилоҳот дуруст менамоянд, зеро рушду инкишофи бесобиқаи илму фалсафа, ки бо илму фалсафаи онрӯзаи ҷаҳонӣ алоқаи органикӣ дошт, маҳз дар марҳалаи аввали густариши дини Ислом ба вуҷуд омадааст. Инро мо то андозае метавонем як тасодуф номем, аммо дар як вақт қабули ин фикр тасодуф низ нест. Зеро дар як замони муайян намояндагони исломӣ низ барои густариши мактабҳои фалсафаи бостонӣ мусоидат намуда, аз худ иродаи сиёсӣ нишон додаанд. Аммо чунин истиқбол хело кӯтоҳ буд ва замони ҳукмронии танҳо 3-4 халифаи хонадони Аббосиро дарбар мегирифт. Агар воқеияти он замон мавҷудбударо умумиятбандӣ намоем, метавонем бигӯем, ки танҳо як замони кӯтоҳ ислом барои густариши фалсафаи юнонӣ ва ҳиндию эронӣ такони нав медиҳад ва тадриҷан тамоилҳои зидди фалсафа густариш ёфта, равнақи илм ва фалсафа дар ҷаҳони исломӣ хомӯш мегардад.

Сарфи назар намудани омили дигар, бахусус юнонӣ, ҳангоми баррасии илм ва фалсафаи марҳалаи исломӣ, ҳама чиро ба бунбаст мекашонад. Зеро тамоми мактабҳои илмӣ ва фалсафии марҳалаи исломӣ дорои решаи юнонӣ мебошанд. Дар ин ҷо шояд мо танҳо мактаби Каломро сарфи назар намоем, аммо дар ин ҷо низ ҳамагуна методология ва равишҳои илмии юнониён пазируфта шудааст ва аз онҳо ҳангоми таҳлили масъалаҳои шаръӣ ба тариқи шоиста истифода гардидааст.

Агар то замони зуҳури ислом як наҳзати тарҷума ва густариши фарҳангҳои дигар вуҷуд намедошт ва ё сарчашмаи илму фалсафаи ҷадидро танҳо дар китоби муқаддас пайдо менамудем, пас имкони истифодаи “илм ва фалсафаи исломӣ” вуҷуд дошт, аммо воқеиятҳои мавҷуда далолат бар он доранд, ки то зуҳури дини ислом илм ва фалсафаи юнонӣ ба сурати бесобиқа дар Шарқи Наздик густариш ёфта буд. Таъсири ин фарҳанг то андозае буд, ки бидуни ошноӣ бо он дарки илм ва фалсафаи марҳалаи исломии шарқ, бахусус фалсафаи Ибни Сино, ғайри қобили тасаввур мебошад.

Агар мо фарҳанги миллатҳое, ки дар Шарқи Наздик сукунат доранд, мушоҳида намоем, як навъ робита, таъсирпазирӣ ва омезиши таълимоти динӣ ва фалсафии гуногунро мушоҳида менамоем. Чунин як гуфтугӯйи фарҳангӣ дар

тули ҳазорсолаҳо сурат гирифта, ки баъзе аз давлатҳо ва халқиятҳои алоҳидаи ин минтақа фарҳангҳои гуногунро барои худ ҳазм намуда буданд. Яке аз чунин миллатҳо ин суриёниҳо ва ҳамчунин эрониҳо буданд, ки тавонистаанд фарҳангҳои гуногунро аз худ ва минбаъд он таълимотро густариш диҳанд. Ин минтақаи ҷуғрофӣ тавонистааст, ки дар маҳдудаи худ гуфтугӯйи тамаддунҳоро, ки гоҳе таъсири тамаддуни шарқӣ ба ғарбиро ифода менамуд ва гоҳо баръакс таъсири тамаддуни ғарбӣ ба шарқиро ифода менамуд, таҷассум намоянд. Дар ин ҷо мо наметавонем роҳи ягона ва маъмулии огоҳии як фарҳанг аз фарҳанги дигар, ки асосан тарҷумаи осори ҳунарӣ, илмӣ ва фалсафӣ мебошад, ном барем, зеро роҳҳо ва воситаҳои дигари густариши фарҳангҳо ба мушоҳида мерасад. Таваҷҷуҳ ба дигар фарҳангҳо, бахусус ба фалсафаи юнонӣ то андозае буд, ки дар шаҳрҳои гуногуни Сурия, ҳамчунин Ироқ, Миср ва Эрон марказҳои илмӣ ба вуҷуд меомаданд ва ин марказҳо омили густаришёбии илм ва фалсафаи юнонӣ мегардиданд.

Барои асоснок кардани решаҳои юнонии илм ва фалсафаи марҳалаи исломии шарқ, моро зарур аст, ки роҳҳои густариши фарҳанги юнонӣ ба шарқро бо дарназардошти ҳамаи воқеиятҳо таҳлил намоем ва бояд нишон диҳем, ки на дини ислом боиси густариши фарҳанги юнонӣ, балки қабл аз он аллакай мероси юнонӣ комилан бо забонҳои Шарқ тарҷума гардида буд, ки дертар дар ин минтақа дини ислом зуҳур намуд.

Дини ислом дар сарзаминҳое густариш пайдо намуд, ки дар он ҷо на ҷоҳилият ҳукмрон буд, балки тамаддунҳои пешрафтаи ҳазорсолаи башарӣ дар густариш ва шукуфоӣ қарор доштанд. Як раванди азхудкунии фарҳангҳои дигар, густариш додани огоҳӣ дар бораи фарҳангҳо ва мустақилона инкишоф додани онҳо дар ҳоли шаклгирӣ буд. Сухан дар бораи минтақае меравад, ки дар он ҷо тамаддун ва фарҳангҳои дурахшони бобулӣ, ошурӣ, мисрӣ, суриёнӣ, эронӣ ва ё юнонӣ арзи ҳастӣ доштанд.

Дар мавриди омезиши фарҳангҳои шарқӣ ва ғарбӣ низ маҳз ҳамин минтақа намуна мебошад. Намунаи барҷастаи чунин омезиш ин фарҳанги ҳеллинистӣ мебошад, ки пас аз забткориҳои Искандари Мақдунӣ дар асри IV пеш

аз милод ба вуҷуд омада, минбаъд ба худ хусусият ва обуранги тоза гирифтааст.

Агар мо хусусиятҳои густариши фарҳанги юнонӣ ба шарқро таҳлил намоем, метавонем онҳоро ба се гурӯҳ тақсимбандӣ намоем, ки дар якҷоягӣ ба шиддати раванди ин густариш мусоидат намудаанд. Пеш аз ҳама ба вуҷуд омадани марказҳои нави илмӣ ва таъсири онҳо ба аҳолии минтақаҳои нав. Дар оғоз бароямон маълум аст, ки Афина ягона маркази илму фарҳанг ба ҳисоб мерафт, аммо тадриҷан, вобаста ба ҳодисаҳои таърихӣ ва дигар омилҳо марказҳои дигар ва тоза ба вуҷуд меоянд. Бахусус дар замони Империяи Рум густариши ин марказҳои илмӣ назаррастар мебошанд ва яке аз чунин марказҳо Искандария мебошад. Дар баробари Искандария минбаъд дар шаҳрҳои гуногуни Сурия ва Ироқ низ марказҳои дигаре ба вуҷуд омаданд, ки масоили гуногуни фалсафӣ, аз ҷумла фалсафаи Афлотун ва Арасту асоси баҳс ва омӯзишҳои онҳо ба ҳисоб мерафт.

Омили дигаре, ки ба густариши фарҳанг ва бахусус фалсафаи юнонӣ мусоидат намудааст, ин фарҳанги ҳеллинистӣ, яъне омезиши фарҳанги юнонӣ бо шарқӣ мебошад. Агар аз як тараф юнониҳо ҳангоми сафар ба Шарқ бевосита ба густариши фалсафа низ мусоидат менамуданд, аз дигар тараф онҳое, ки ба юнонзамин сафар менамуданд, бо забон, расму русум ва фарҳанги юнониҳо огоҳ мегардиданд. Бояд зикр намуд, ки густариши масеҳият дар Машриқзамин низ бавосита ба густариши фалсафаи юнонӣ, бахусус фалсафаи Арасту ва Навафлотуния мусоидат намудааст. Фирқаҳои гуногуни масеҳиҳо дар доираи баҳсҳои худ ба масъалаҳои фалсафӣ низ даст мезаданд.

Фарҳанг ва фалсафаи юнонӣ на танҳо тавассути юнониҳо ва ё дертар масеҳиҳо дар Шарқ густариш пайдо менамуд, балки аз ҷониби шоҳон ва шахсиятҳои таҳсилдидаи ин минтақаҳо низ таваҷҷуҳ ба ин фарҳанг сурат гирифт ва ҳатто шоҳони давлатҳои вуҷуддошта барои омӯзиши фарҳангҳои дигар, аз ҷумла юнонӣ, иқдомҳо анҷом медоданд. Далели ин иқдомоти шоҳони Сосонӣ аст, ки баъдтар ба ин масъала бармегардем.

Дар идома мо кӯшиш намудем, ки мулоҳизаҳои худро дар ин мавриd дақиқ ва бо мисолҳои мушаххас густариши фалсафаи юнонӣ ба Машриқзаминро возеҳ

намоем.

Искандария. Пас аз қисмат гардидани давлати Искандари Мақдунӣ Птоломей Сотер ҳокими Миср мегардад ва аллакай аз ҳамин марҳала сар карда, Искандария ба маркази муҳимми илмӣ табдил меёбад ва мо шукуфоии фарҳанги юнониро бори дувум, яъне пас аз Афина, маҳз дар ин шаҳр мушоҳида менамоем. Искандария як маркази идомадиҳандаи фарҳанги юнонӣ ба ҳисоб мерафт, вале дар як вақт он таъсири бузурге ба мактабҳои румӣ ва исломӣ гузоштааст. Дар ин шаҳр тамоми соҳаҳои илм мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор мегирифт, ки дар байни онҳо риёзиёт, ҳандаса, тиб ва фалсафа мавқеи махсус доштанд. Дар такя ба сарчашмаҳои асримиёнагӣ аз қабили "Ал-Феҳрист"-и Ибни Надим ва "Таърих-ул-ҳукамо"-и Қифтӣ Забеҳуллоҳи Сафо дар бораи мактаби Искандария ва намояндагони машҳури он аз қабили Ойкладоси Искандаронӣ, Архимеди Сиракосӣ, Аполлони Пергӣ, Эратостенеси Киренӣ, Ҳиппаркос, ки дар риштаҳои номбаркардашуда аз бузургтарин намояндагон ба ҳисоб мерафтанд, маълумоти муфассал медиҳад [98].

Мактаби тиббии Искандария асосан ба тибби юнонӣ машғул буд, аммо дар як вақт тамоми дастовардҳои илмии ин мактаб ба забони арабӣ тарҷума мегардид, ки ҳамзамон таъсири бунёдӣ дар таҳаввули мактаби Бағдод гузоштааст. Намояндагони шинохтаи маркази тиббии Искандария: Эрасистратес, Ҳерофилос, Гален Клаудиоси Пергамонӣ ва ё Ореибасиоси Пергамонӣ мебошанд. Соҳаи дигаре, ки дар мактаби Искандария инкишоф ёфт, фалсафа буд. Дар Искандария ҷамоатҳои бузурги яҳудиён ва ҳамчунин пайравони оини Масеҳ умр ба сар мебурданд ва онҳо таваҷҷуҳи махсусе ба фалсафаи юнон, бахусус ба фалсафаи Афлотун мекарданд. Бояд зикр намуд, ки динҳои яҳудият ва масеҳият маҳз дар Искандария ба вуҷуд омада, зери таъсири фалсафаи Юнон инкишоф ёфтаанд. Дар ин марказ фалсафаи юнонӣ бо ғояҳои динии яҳудият ва масеҳият омезиш меёбад ва аз як тараф динҳои яҳудият ва масеҳият дар натиҷаи таъсирпазирӣ аз фалсафаи Афлотун густариш пайдо менамоянд ва аз дигар тараф, аллакай аз асри якуми мелодӣ сар карда, Навафлотуния дар ин ҷо тараққӣ мекунад. Бо забони юнонӣ нашр шудани

аввалин “Инҷил” худ далолат ба таъсири фарҳанги юнонӣ ба масеҳиятро дорад. Файласуфони шинохтаи ин марҳала, ки намояндагони Навафлотуния мебошанд, Филони Искандаронӣ, Аммониос, Плотини Никополис, Лонгинг, Оригенес, Порфирий, Тирос ва дигаронанд.

То замони фатҳи Миср аз ҷониби арабҳо Искандария ҳанӯз маркази асосии илмӣ ба ҳисоб мерафт, аммо пас аз ин ҳодиса файласуфон ва олимон ин шаҳрро тарк менамоянд ва ба шаҳри Антокия мекӯчанд. Ислом дар густариши илму фалсафа монеа эҷод наменамояд, аммо мушкил он буд, ки пас аз он иртиботи Искандария бо марказҳои дигари Урупо канда мегардад ва олимон робитаашонро бо ин мактабҳо аз даст медиҳанд. Ба ҷойи он Антокия шаҳри сарҳадие дар байни Урупо ва ҷаҳони нави исломӣ ба ҳисоб мерафт ва ҳамин тавр ин шаҳр, аз як тараф, дар ҳифзи равобит бо марказҳои урупоӣ ва аз дигар тараф, дар таҳвил додани фалсафаи Юнон ба ҷаҳони ислом нақши асосиро бозидааст. Сарчашмаҳои исломӣ нишон медиҳанд, ки таълими илм дар замони Умар ибни Абдулазиз (99-101/710-711) аз Искандария ба Антокия ва дар замони Мутаваккил (232-247/853-868) аз Антокия нахуст ба Ҳаррон ва сипас ба тамоми минтақа густариш меёбад [98, с.22].

Марказҳои илмии суриёнӣ. Он гуна ки дар боло зикр намудем, Сурия ва суриёниҳо, бахусус он суриёниҳое, ки ба масеҳият гаравида буданд, дар густариш ва рушди фалсафаи юнонӣ ба Машриқзамин саҳми асосиро гузоштаанд. Суриёниҳо бо таълимоти Афлотун ва Арасту дар асл ошно буданд, зеро аз асри 4-уми пеш аз милод сар карда, забони юнонӣ дар Сурия паҳн гардида буд ва ҳамчун забони асосӣ ба ҳисоб мерафт. Новобаста аз он ки забони суриёнӣ ҳамчун забони асосӣ мавриди истифода қарор дошт, забони юнонӣ низ ҳамчун забони бадеӣ густариш пайдо карда буд. Масалан, “Инҷил” дар оғоз маҳз бо забони юнонӣ таълим дода мешуд, вале тадриҷан забони суриёнӣ ҷойи забони юнониро гирифт ва дигарбора дар калисоҳо забони суриёнӣ ҳамчун забони бадеӣ истифода мешуд ва ниҳоятан худи “Инҷил” низ аз забони юнонӣ ба забони суриёнӣ тарҷума гардид [98, с. 24]. Сабаби таълиф ва тадриси “Инҷил” бо забони юнонӣ дар он буд, ки муаллифони ин асар, дар риштаи забон ва фарҳанги юнонӣ

донишманд буданд ва таваҷҷуҳи зиёде ба он доштанд.

Яке аз омилҳои асосии дигар барои нерумандии забони суриёнӣ ин буд, ки дар оғози ислом дар замони хилофати Уммавиҳо (661-749) маркази ҷаҳони ислом Сурия ва пойтахти он Димишқ ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ, донишмандон ва файласуфон дар ин марҳалаи таърихӣ бо забони суриёнӣ эҷод менамуданд ва тамоми мероси юнонӣ, бахусус мероси мактаби Искандария, нахуст ба забони суриёнӣ тарҷума ва баъд аз забони суриёнӣ ба забони арабӣ тарҷума мегарданд.

Яке аз чунин марказҳои илмӣ дар шаҳри Ҳаррон, воқеъ дар шарқи Сурия буд, ки бо забони лотинӣ ҳамчун Каррҳае маъруф буд. Аксари аҳолии ин шаҳрро суриёниҳо ташкил мекарданд ва дар як вақт дар ин шаҳр юнониён, бобулиҳо, мақдуниҳо, арманиҳо ва арабҳо низ зиндагӣ мекарданд. Ҷамъияти илмии ин шаҳр ба таълимоти юнонӣ, бобулӣ ва навафлотунӣ бовар доштанд ва калисоҳои Ҳаррон ҳамчун “Ҳеленополис” шинохта мешуд [101, с. 429]. Дар ин шаҳр мактабҳое вуҷуд доштанд, ки асосан фалсафаи юнонӣ ва румӣ ва ҳамчунин ситорашиносӣ ва риёзиёт омӯзонида мешуданд. Маҳз намояндагони ин мактабҳо дар густариши илму фалсафаи юнонӣ дар ҷаҳони ислом нақши асосӣ бозидаанд. Барои муҳаққиқон маълум аст, ки ҳамаи ситорашиносони маъруфи дарбори Аббосиён (750-1258) аз шаҳри Ҳаррон буданд [110].

Оромии нисбие, ки дар замони империяи Рум дар ин минтақаҳо ба вуҷуд омада буд, боиси густариши илму фарҳанг мегардад ва шаҳрҳои гуногун дорои мактабҳои махсусе буданд, ки барои омодасозии насли ботарбия ва ҳамчунин густариши фалсафаи юнонӣ мусоидат менамуданд. Дар шаҳрҳои дигари Сурия ва Ироқ бахусус дар шаҳрҳои Урха (маъруф ҳамчун Эдесса), Нисибис, Кенесрин, Амид ва ғайра мактабҳои фаровони фалсафӣ вуҷуд доштанд, ки дар густариш, тарҷума ва тафсири фалсафаи юнонӣ, бахусус фалсафаи афлотунӣ, арастуӣ ва навафлотунӣ, ҳамчунин дар тарҷумаи ин мерос ба забонҳои суриёнӣ ва арабӣ нақши муҳим бозидаанд. Албатта хусусияти асосии ин мактабҳо бештар омӯзиш ва шарҳу тафсири фалсафаи юнонӣ буд, на эҷоди фалсафаи нав, новобаста аз он метавон ин мактабҳоро як унсури пешқадам ва фаъоли зинда нигаҳ доштан ва огоҳидиҳандаи мардум донист.

Дар мавриди густариши фалсафаи юнонӣ дар Шарқи Наздик, Сурия, Ироқ ва ҳамчунин дар Эрон бояд нақши настуриҳо ва калисои настуриёниро махсус таъкид намоем. Тамоми калисоҳои суриёнӣ настуриёнӣ буданд ва то соли 431 мелодӣ маркази онҳо шаҳри Антокия буд. Пас аз он онҳо тадриҷан ба сарзамини Сосониён рахт мебанданд ва аз соли 486 тамоми калисоҳои эронӣ калисоҳои настуриёнӣ эълон карда мешаванд [122, с. 9]. Сабаби чунин густариши калисои настуриён то ба сарҳадди Чин ба он вобастагӣ дошт, ки миёни настуриён ва масеҳиён як навъ нофаҳмӣ ва зиддият ба вуҷуд меояд ва шоҳони сосонӣ аз онҳо пуштибонӣ ва барои густариши онҳо шароит муҳайё месозанд. Маҳз бо сабаби он ки онҳо аз илму фалсафаи юнонӣ маълумоти фаровон доштанд ва дар ибтидои марҳалаи исломӣ таваҷҷуҳ ба ҳар унсуре, ки доир ба фалсафаи юнонӣ маълумоте дошт, зиёд мегардад, онҳо ба хотири доштани чунин огоҳӣ дар ҷаҳони араб ва ислом нуфузи зиёд пайдо менамоянд.

Густариши калисоҳои настуриёнӣ дар Шарқ ҳаммаъност бо густариши фалсафаи юнонӣ дар ин минтақа, зеро фалсафаи афлотунӣ, арастуӣ ва навафлотунӣ маҳз тавассути настуриҳо дар калисоҳо ва ҳамчунин дар мактабҳои алоҳида таълим, тарҷума ва тафсир карда мешуд. Настуриҳо асосан ба таълим ва таҳқиқи риёзиёт, табииёт, мобаъдуттабиа, ситорашиносӣ ва тиб машғул мегардиданд. Аммо, дар фалсафа онҳо бештар ба мантиқи арастуӣ таваҷҷуҳ менамуданд ва ин фанро онҳо ҳамчун василаи маърифати ҷаҳон медонистанд. Маҳз ба шарофати настуриҳо қисмати мантиқи фалсафаи Арасту ҳамчун шинохтатарин қисмати таълимоти ӯ ба ҳисоб мерафт. Сафо як қатор файласуфон, тафсиргарон ва тарҷумонҳои настуриро номбар менамояд, ки дар оғози ислом ва бахусус дар замони Аббосиён машҳур буданд. Инҳо Северос Себохт, Яъқуби Едессӣ, Георгиюс, Ҳемон, Силванус, Симон де Байт Гармаӣ, Томаси Едессӣ, Теофилоси Едессӣ, Тимотее ва дигарон [98, с.28-30].

Заминаҳои эронии густариши фалсафаи юнонӣ. Мактабҳои илмӣ ва фалсафии эронӣ тули садсолаҳо бо мактабҳои фалсафӣ ва илмии қавмҳои бостон аз қабили ҳиндуҳо, юнониҳо, мисриҳо ва ё бобулиҳо дар муносибат қарор доштанд. Лекин ҳоло мо баҳси худро танҳо ба таъсири фалсафа ва илми Юнон

ба мактабҳои эронӣ, ки бевосита ба мавзуи асосии мо алоқаманд аст, маҳдуд мегардонем.

Таваҷҷуҳ ба фалсафаҳои юнонӣ ва ҳиндӣ дар Эронзамин бо ташаббуси шоҳони Сосонӣ Ардашер (224-241 мелодӣ) ва Шопур (240/42-270/72) оғоз ёфтааст. Он гуна ки сарчашмаҳои асримиёнагӣ нишон медиҳанд, шоҳони дар боло номбаршуда донишмандонро ба Ҳиндустон ва Рум мефиристониданд, то ин ки китоб ҷамъоварӣ намуда, онҳоро бо забони паҳлавӣ тарҷума намоянд [98, с.32].

Дар оғози марҳалаи исломӣ бисёре аз китобҳо на аз забони аслии юнонӣ ва ё суриёнӣ, балки маҳз аз забони паҳлавӣ ба забони арабӣ тарҷума шудаанд [116, с. 38]. Яке аз марказҳои илмию фалсафии ҳанӯз аз ибтидои ислом машҳур Гунди Шопур буд. Дар ин марказ як навъ синтези илмҳои гуногун аз қабили эронӣ, ҳиндӣ, юнонӣ-римӣ ва суриёнӣ сурат мегирад. Густариши чашмраси илмҳои тиб, ситорашиносӣ, риёзиёт ва монанди инҳо дар ин марказ ба назар мерасад, ки минбаъд онҳо асоси мактаби илмии Бағдодро ташкил медиҳанд.

Дар муносибат ба мактабҳои эронӣ ду ҳодисаи таърихиро бояд махсус таъкид кард: 1. Дар соли 529 бо фармони Юстиниан тамоми мактабҳои фалсафии Афина, Искандария ва Эдесса баста мешаванд ва шаш нафар файласуф: Димишқӣ аз Сурия, Санбликиоси Кликиагӣ, Ойламиоси Фригиягӣ, Прискианоси Лидиягӣ, Ҳермиоси Финиқиягӣ ва Исидороси Газагӣ қаламрави давлати Румро тарк менамоянд ва барои як муддати муайян ба Эрон меоянд. Дар Эронзамин ин донишмандонро Ардашер ба хубӣ пазироӣ менамояд ва барои фаъолияти онҳо шароити мусоид фароҳам меоварад [98, с.40].

Дар асри чаҳоруми мелодӣ дар шаҳри Эдесса як “мактаби эронӣ” ташкил меёбад ва сабаби чунин ном гирифтани ин мактаб дар он буд, аксари толибилмони он эрониён буданд. Ин мактаб то соли 489 фаъолият мекунад ва пасон баста мешавад. Пас аз баста шудан, ҳамаи шогирдони ин мактаб ба Эрон бармегарданд ва худ аз худ маълум аст, ки онҳо фалсафаи афлотунӣ, арастуӣ ва навафлотуниро дар ватанашон паҳн менамоянд. Намояндагони машҳуре, ки аз ин мактаб баромадаанд, Барсума, Мана де Байт Ардашер, Ҷен де Байти Гармоӣ,

Паул фил де Коки де Карка ва бисёре аз дигарон. Пас аз мактаби эронии Эдесса ҳамаи ин донишмандон ба густариши настурия ва ҳамчунин фалсафаи юнонӣ дар эронзамин саҳм гузоштаанд.

Дар замони Уммавиён арабҳо асосан ба густариши ислом ва ба вуҷуд овардани як зерсохтори сиёсӣ, динӣ ва иқтисодӣ машғул буданд. Як навъ фармонфармоӣ ва бартар нишон додани арабҳо нисбат ба миллатҳои дигари ба дини ислом гаравида хусусияти сиёсати ин даврараро нишон медиҳад. Соли 750 Аббосиён бо пуштибонии эрониҳо ба сари ҳокимият меоянд ва Бағдодро пойтахт эълон менамоянд ва ин як оғози нав мегардад барои густариши илм, фалсафа, адабиёт ва тарҷума.

Бағдод дар наздикии Гунди Шопур қарор дошт ва эрониҳо дар баробари таъсири сиёсӣ, таъсири назарраси илмӣ низ нисбат ба Бағдод доштанд. Аввалин расадхона ва аввалин беморхона дар Бағдод дар асоси тарҳи расадхона ва беморхонаи Гунди Шопур сохта мешавад. Ба ақидаи Моҷид Фахрӣ таваҷҷуҳ ба фалсафаи юнониро дар дили Ҳоруннаррашид (864-925) ва фарзанди ӯ Маъмун (786-833) Яҳёи Бармакӣ, вазири эрониасли дарбори Аббосиён бедор месозад [110, с. 20].

Метавон хулоса намуд, ки ҳанӯз садсолаҳо пеш аз зуҳури Ислом як навъ табодули фарҳангӣ дар байни фарҳангҳои Шарқи Наздик вуҷуд дошт ва фалсафа ва илми юнонӣ аллакай барои суриёниҳо ва эрониҳо маълум буд. Дар қадами аввал мероси юнонӣ маҳз аз забонҳои суриёнӣ ва паҳлавӣ ба забони арабӣ тарҷума гардидааст. Бо зуҳури ислом муҳити ягонаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба вуҷуд меояд ва аввалин иқдоме, ки халифаҳои уммавӣ анҷом медиҳанд, ин ҷойгузини забонҳои тоҷикӣ-форсӣ ва юнонӣ гардонидани забони арабӣ мебошад, ки ба ягонагии муҳити фарҳангӣ дар олами ислом мусоидат менамояд, аз ин пас забони арабӣ ҳамчун забони маъмурӣ ва махсус дар тамоми ҷуғрофиёи исломӣ паҳн мегардад. Маҳз дар ин марҳала мероси юнонӣ ва ҳамчунин мероси эронӣ, ҳиндӣ ва суриёнӣ ба забони арабӣ тарҷума мешавад ва тамоми натиҷаҳои илмӣ ва фалсафӣ акнун танҳо дар чаҳорчӯбаи фарҳанги исломӣ таҳқиқ мегардад.

Ошноӣ бо фалсафа ва илми юнонӣ дар шакли пассив ва ғайрифаъол боқӣ наметонад, ки танҳо бо шиносоӣ ва тафсиру тавсифи он маҳдуд гардад. Каме дертар ва дақиқтараш пас аз ду садсолаи зуҳури ислом, як марҳалаи шукуфоии фарҳангӣ фаро мерасад, ки ба таври бесобиқа илм, фалсафа, адабиёт ва ҳунар густариш меёбад. Чунин як давраи шукуфоии фарҳангӣ бо аҳди Аббосиён алоқамандӣ дорад, ки ҳоло мо ин марҳаларо ба риштаи тасвир мекашем.

Чунонки дар боло зикр гардид, Аббосиён Бағдодро дар як замони ниҳоят кӯтоҳ ба маркази илмию фалсафии ҷаҳони ислом табдил медиҳанд, зеро дар ин давра аллакай дини ислом густариш пайдо карда буд ва аз Андалусияи Испания сар карда то ба сарҳади Чин ҳама зери чатри тамаддуни исломӣ қарор мегиранд. Як давраи нисбатан кӯтоҳи оромӣ фаро мерасад, ки он ба омӯзиш ва истиқболи пеш аз ҳама худи китоби “Қуръон” ва ҳамчунин дигар адабиёти фалсафӣ ва илмӣ мусоидат менамояд. Дар ибтидо мактаби илмии Гунди Шопур ва минбаъд тамоми мактабҳои илмию фалсафии суриёнӣ ба шаҳри Бағдод кӯчонида мешаванд. Яке аз наҳзатҳои дурахшони ин давра ин наҳзати тарҷума мебошад, ки дар натиҷаи он тамоми мероси юнонӣ, ҳиндӣ ва Эрони Бостон бо забони арабӣ тарҷума карда мешавад ва минбаъд ин мерос огоҳии боварнакарданӣ ба хонандагони насли баъдина мерасонад, ки боиси зуҳури шахсиятҳои илмию фалсафӣ дар олами ислом мегардад.

Он гуна ки дар боло мо зикр гардид, мероси юнонӣ нахуст ба забонҳои суриёнӣ ва паҳлавӣ тарҷума шуда пасон аз ин забонҳо ба забони арабӣ тарҷума мегарданд. Ин дуруст аст, аммо он наҳзати тарҷумае, ки дар замони хилофати Аббосӣ ба вуҷуд омада буд, бо тарҷумаҳои пешин қобили муқоиса нест. Акнун тарҷума на як кори марказҳо ва ё шахсиятҳои алоҳида, балки ба як сиёсати давлатӣ табдил меёбад. Албатта на ҳамаи халифаҳои Аббосӣ ва на ба тариқи давомдор, балки аз ҷониби асосан се халифа: Мансур, Ҳоруннаррашид ва Маъмун ба ҷамъоварӣ ва тарҷумаи мероси юнонӣ таваҷҷуҳи махсус нишон дода мешавад.

Бояд зикр намуд, ки дар тарҷума адабиёти соҳаи нуҷум ва тиб нисбат ба фалсафа пешӣ доштанд ва то замони ҳукмронии Мансур (754-775) ҳанӯз

тарҷумаи осори фалсафӣ оғоз наёфта буд [110, с. 23]. Нахустин маротиба ӯ бузургони илму адабро ба дарбор даъват менамояд ва акнун мунаҷҷимон ва табибони марказҳои суриёнӣ ва эронӣ дар дарбори Аббосиён соҳиби эътибор ва вазифаҳои муҳим мегарданд.

Дар асоси маълумотҳои Қифтӣ дар “Торих-ул-ҳукамо” Фахрӣ зикр менамояд, ки аввалин осори фалсафӣ аз ҷумла “Категорияҳо” ва “Аналитикаи аввал”-и Арасту ва “Исоғуҷӣ”-и Парфирий аз ҷониби тарҷумони машҳури эронитабор Абдуллоҳ Ибни Муқаффаъ ва ё писари ӯ Муҳаммад барои Мансур анҷом дода шудааст. Ӯ ҳамчун тарҷумон ва аҳли наҳзати шуубия маъруф аст, ки якчанд асарро аз забони паҳлавӣ ба арабӣ гардонидааст ва инҳо “Калила ва Димна”, “Худойнома”, “Таърихи мулук-ул-фурс”, “Сирати Анушервон” ва ғайра мебошанд. Ҳамчунин маълум аст, ки ӯ соли 757 ваҳшиёна кушта мешавад [110, с. 22].

Наҳзати тарҷума махсусан дар замони Маъмун, набераи Мансур равнақи тоза мегирад. Ӯ соли 830 Байтулҳикмаи машҳурро ташкил медиҳад, ки вазифаи асосии он ин тарҷума ва таҳқиқи осори фалсафӣ ва илмии юнонӣ буд. Вай нафарони худро ба минтақаи Аврупо барои ҷамъоварии китобҳои илмӣ ва фалсафии юнонӣ мефиристад ва пас аз ҷамъоварӣ онҳоро бо фармони ӯ тарҷума менамоянд [110, с. 28].

Дар мавриди Маъмун бояд як нуктаи муҳимро қайд намоем, ки ӯ ба баҳси калом таваҷҷуҳи хос дошт ва тадриҷан худ яке аз пайравони ин мактаб мегардад ва ба мазҳаби муътазилия гироиш пайдо менамояд. Ин фирқа нисбат ба фалсафаи юнонӣ назари муътадил дошт ва дар баҳсҳои илоҳиётшиносӣ аз равишҳои мантиқи юнонӣ ба хубӣ истифода менамуданд. Маъмун аз имкониятҳои мавҷудаи давлатӣ барои ҳимояи ин мактаб истифода низ намудааст [110, с. 27].

Яке аз тарҷумонҳои шинохтаи ин давра, ки бевосита ба тарҷумаи осори фалсафии юнониён машғул гардидааст, Яҳё (Юҳанно) бин Албатриқ мебошад, ки ба қалами ӯ тарҷумаи осори зерин тааллуқ дорад: “Тимоиус”-и Афлотун, ки аз се мақола иборат аст, ҳамчунин осори зерини Арасту “Ал Нафс”, бо шарҳи Томастеус, “Ал Ҳайвон” дар 19 мақола, “Аналитикаи аввал” ва ғайра [110, с. 25].

Номҳои зиёди мутарҷимон дар сарчашмаҳо зикр гардидааст, ки аксари онҳо ё эронитабор ҳастанд ва ё суриёниҳои масеҳӣ. Ин ҷо исми ду нафари дигарро зикр менамоем, ки аз насли асри даҳум мебошанд. Инҳо Абубишр Матто ва шогирди ӯ Яҳё бин Адо мебошанд, ки на танҳо ҳамчун тарҷумон, балки ҳамчун мантиқшинос ва паҳнкунандаи мантиқи юнонӣ дар Ховари Наздик мебошанд. Бо сарнавишти Матто як ҳодисаи сарнавиштсозе гиреҳ хурдааст, ки он тақдири минбаъдаи илму фалсафа дар ҷаҳони исломро муайян менамояд.

Ин ҳодиса, ки каме поёнтар онро шарҳ медиҳем, баёнгари он аст, ки аллакай дар оғози асри даҳум дар сиёсати давлати Аббосиён тағйироти муҳим рух медиҳад ва аллакай сиёсате дар ин давра рушд мекунад, ки баръакси сиёсати Ҳоруннаррашид ва Маъмун мебошад. Абубишр Матто ва шогирди ӯ дар баробари тарҷума ба инкишофи илми мантиқ низ саҳми арзанда гузоштаанд. Яҳё бин Адо ҳамчун тарҷумони “Поэтика”, “Софистика”, “Топика”, эҳтимолан “Метафизика”-и Арасту, ҳамчунин “Навомис”-и Афлотун маъруф буда, тафсирҳое низ ба “Топика”, бахшҳое ба “Самои табиӣ”, “Метафизика”, “Кавну фасод” ва ҳамчунин як қатор рисолаҳое навиштааст, ки баъзеи онҳо то рӯзгори мо расидаанд [110, с. 33].

Дар наҳзати тарҷума на танҳо фақат хилофати Аббосиён, балки баъзе хонаводаҳои ашроф ва сарватманд низ ташаббусҳо нишон медоданд. Яке аз чунин хонаводаҳо ҳамчун Бани Мусо маълум аст, ки дар ҷамъоварӣ ва тарҷумаи осори юнонӣ онҳо бо хонадони Аббосиён дар рақобат қарор мегиранд [110, с. 26]. Сарчашмаҳо аз тарҷумонҳои зиёд ва унвони асарҳои зиёди илму фалсафаи юнонӣ сухан мегӯянд, ки дар ин марҳала ба забони арабӣ тарҷума гардидаанд.

Дар раванди тарҷума як қатор мушкилиҳо, сӯйитафоҳумҳо, нофаҳмиҳои аҷибе низ рух медоданд, ки яке аз онҳо ин омехта гардидани осори Арасту бо баъзе осори Навафлотунӣ мебошад. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо дар ҳамон соле, ки “Метафизика”-и Арасту бо забони арабӣ тарҷума мегардад, яъне миёнаҳои асри нуҳум, асари дигаре тарҷума мегардад бо номи “Усулиҷиё”-и Аристотелис, ки муаллифи юнонии он номаълум буд ва дар ҳамин замон китоби дигаре бо номи “Фи ал хайр ал маҳз” тарҷума мегардад, ки дар ҳарду асар

масъалаи фаязон ва ё судур ифода ёфтааст ва идеяи он ҳамаи файласуфони мусалмонро зери таъсир қарор медиҳад, ки дар он пайдоиши ҷаҳон аз як сарчашмаи хайр ва ақлонӣ маънидод ёфтааст: “Дар ҳарду китоб “Усулиҷиё” ва “Ал хайр ал маҳз” назарияи файз ва ё судур, ки бунёди тақрибан тамомии андешаи фалсафаи исломӣ аст, ба тафсил мавриди баҳс воқеъ шудааст. Дар ин ҷо, назарияи афлотунии аҳад ва наҳвае, ки аҳади ҳамаи маротиби вуҷудро ба вуҷуд меоварад ба тафсил омадааст. Навиштаанд, ки шукуҳ ва ҷалоли ин баҳси афлотунӣ ва истеҳкоми мафоҳуми он Киндиро бар он дошт, ки тафсире бар ин асар нависад” [110, с. 37]. Дар ин муносибат бисёре аз идеяҳои навафлотунӣ ҳамчун идеяҳои Арасту пазируфта шудаанд.

Илм ва фалсафаи ҳиндӣ низ тавонистааст, ки ба таҳаввули фалсафаи асримиёнагии шарқ таъсиргузор бошад. Дар ин маврид маълумоти зиёд вуҷуд надорад, аммо нишонаҳои андаке, ки вуҷуд доранд, метавонанд далолат ба таъсири илм ва фалсафаи ҳинд ба фалсафаи марҳалаи исломӣ намоянд. Яке аз маълумот он аст, ки аввалин асари ҳиндӣ, ки оид ба ситорашиносӣ аст бо номи “Садҳинд” аз ҷониби падару писар, аввалин ва дувумин мунаҷҷими мусалмон Муҳаммад Иброҳими Фазарӣ ва падари ӯ бо номи Иброҳим, ки аввалин устурлобро низ онҳо кашф кардаанд, ба забони арабӣ тарҷума шудааст.

Ҳамчунин аз рӯйи маълумоти Ибни Надим дар асри ҳаштум асаре бо номи “Милал-ул-ҳинд ва адёнаҳум” [110, с. 24] нашр мешавад, ки муаллифи он маълум нест.

Чунин маълумоти бевосита дар мавриди тарҷумаи осори ҳиндӣ дигар вуҷуд надорад, аммо аз таҳлили афкори донишмандон метавон ҳадс зад, ки баъзе мафҳумҳо ва таълимоти фалсафӣ тавонистаанд, ки аз фалсафаи Ҳинд ба фалсафаи асримиёнагӣ ворид гарданд. Донишманди шинохтаи таърихи фалсафа дар ҷаҳони ислом Моҷид Фахрӣ дар ин маврид ба маълумотҳои Берунӣ, Эроншаҳрӣ ва Носири Хусрав муроҷиат менамояд. Берунӣ дар асари машҳури худ бо номи “Таҳқиқ мо лил ҳинд” якчанд бобро ба масъалаҳои фалсафӣ ва динӣ бахшидааст ва дар ҳамин асар аз Эроншаҳрӣ ҳамчун донандае ном мебарад, ки оиди фалсафаи ҳиндӣ беғаразона амал кардааст: “Вале гузориши Берунӣ дертар

аз он тарҳ шуд, ки битавонад тоъсире дар фалсафаи исломӣ, дар мароҳили таковуни он бар ҷой гузорад. Бо ин ҳама, мунаҷҷими бузурги исломӣ шахсияти тақрибан ношинохта, вале шоёни таваҷҷуҳе бо номи Эроншаҳриро мавриди ситоиши хос қарор медиҳад ва аз ӯ ба унвони ягона нависандае ном мебарад, ки дар гузориши худ дар бораи ақоиди динии ҳиндуён ҷониби беғаразиро риоя намудааст" [110, с. 49]. Мутаассифона аз осори Эроншаҳрӣ чизе ба мо боқӣ намондааст ва нафари дигаре, ки аз Эроншаҳрӣ ном бурдааст ин Носири Хусрав мебошад. Бояд зикр намуд, ки Носири Хисрав аз муносибати Эроншаҳрӣ ва фалсафаи ҳиндӣ ном набурдааст, ин Берунӣ буд, ки ба ин масъала ишорае кардааст, аммо Н. Хусрав дар асари "Зод-ул-мусофирин"-и худ чандин маротиба номи Розиро дар баробари номи Эроншаҳрӣ овардааст ва хостааст нишон диҳад, ки Розӣ афкори неки Эроншаҳриро таҳриф намудааст. Масалан, дар яке аз ҳолатҳо ӯ овардааст: "Чун ҳаким Эроншаҳрӣ, ки мар маъниҳои фалсафиро ба алфози динӣ иборат кардааст андар "Китоби ҷалил" ва "Китоби асир" ва ҷуз он мардумро ба дини ҳақ ва шинохти тавҳид баъс кардааст. Ва пас аз ӯ чун Муҳаммади Закариё, ки мар қавлҳои Эроншаҳриро ба алфози зишти мулҳидона боз гуфтааст" [116, с. 107]. Агар натиҷагирӣ намоем, ки Эроншаҳрӣ бо фалсафаи ҳиндӣ алоқамандӣ дошт ва Закариёи Розӣ аз Эроншаҳрӣ таъсир гирифтааст, пас натиҷа ин мешавад, ки фалсафаи Ҳинд бо ин васила таъсири худро ба фалсафаи асримиёнагии шарқи исломӣ расонидааст. Яке аз мафҳум ва ақидаҳои шинохтае, ки дар фалсафаи калом низ пазируфта шудааст, ин ҷузъи тақсимнашаванда мебошад, ки бевосита он аз фалсафаи ҳиндӣ ба фалсафаи шарқи исломӣ гузаштааст: "Шабоҳатҳои бисёр дигаре миёни ду назарияи ҷузъии лотаҷзияи исломӣ ва ҳиндӣ ва лавозими онҳо вуҷуд дорад, ки шоёни зикр аст. Шояд муҳимтарин хасисаи муштараки ин ду назария дифои онҳо аз сипанҷӣ будани вуҷуд ва "имкон"-и мобаъдуттабии он аст, ки реша дар аъмоқи андешаи исломӣ ва ҳиндӣ дорад" [110, с. 51].

Дар мавриди таъсири фалсафаи Эрони Бостон низ сарчашмаҳо ба маълумотҳои ҷолиб далолат менамоянд. Тамоми осори паҳлавӣ ва ҳамчунин осори ҳиндӣ ва юнонӣе, ки ба ин забон тарҷума гардида буд, ба забони арабӣ

тарҷума мегарданд. Яке аз таъсирҳои бузурге, ки ба фалсафаи исломӣ ва ҳамчунин ирфони асримиёнагӣ расонидааст, ин афкори дуалистии Монавия мебошад. Барои мо маълум аст, ки дар тамоми марҳалаи асримиёнагӣ мубориза бар зидди зиндиқа давом дошт ва донишмандон ба он ҳастанд, ки дар зери ин ном мубориза бар унсурҳои монавӣ фаҳмида мешуд, ки осори он на танҳо дар афкори фалсафӣ ва каломӣ, балки дар осори адабӣ низ ба мушоҳида мерасид: ”Дар заминаи тафаккури назарӣ, таъсири эронӣ бешу кам мунҳасиран бар лавозим ва тавобеъи фалсафаи санавияти монавӣ мутамарказ буд, ки зоҳиран ривоҷи бисёр дар миёни нависандагони мусалмон доштааст. Баъзе аз тундтарин мушоҷирот дар радди мулҳидон, ки дар забони форсӣ онҳоро “зиндиқ” меноманд, мутаваҷҷеҳи монавият буд. Ин мушоҷирот ба худии худ нишонаи интишори монавият дар тафаккури исломӣ аст, ки инъикоси онҳоро на танҳо дар таълифот ва муноқишоти фалсафӣ ва каломӣ, балки ҳамчунин дар осори адабии маҳз низ метавон ёфт. Худи файласуфон низ, ки ҷуз фалсафа ба кори дигаре намепардохтанд аз таъсири он барканор набуданд. Бештари муноқишот дар бораи ҳамли ваҳдоният бар Худо бо фарзи қаблии ҳартақаи монавӣ навишта шудааст ” [110, с. 53].

Дар ҳақиқат ҳам Бағдод дар марҳалаи аввали хилофати Аббосиён ба тариқи бесобиқа ба маркази илм ва фалсафаи ҷаҳонӣ табдил ёфта буд, ки донишмандон аз афкори юнонӣ, ҳиндӣ ва эронии бостонӣ илҳом мегирифтанд ва худ бевосита ба эҷоди як марҳалаи нави илмӣ ва фалсафӣ бунёд мегузоранд. Аммо чунин вазъият дер давом намекунад, дертар ин марказҳо ба дигар минтақаҳо кӯч мебанданд ва равобит ва анъанаҳои илмию фалсафӣ бо сифатҳои нав ба ҳастии худ идома медиҳанд ва дар идома ба тариқи мухтасар чунин шароитро тасвир менамоем.

Ба зудӣ ҳаракатҳои марказгурези сиёсӣ ба Бағдод имкон намедиҳанд, ки худро ҳамчун маркази ягонаи сиёсии ҷаҳони ислом ҳифз намояд. Ҳамчун маркази сиёсӣ боқӣ намондани Бағдод ба омилҳои зиёде вобастагӣ дорад, ки Ёрмуҳаммад Ниёзӣ дар як пажуҳиши худ омилҳои ин ҳодисаро ба тариқи муфассал ба риштаи таҳрир мекашад ва муҳимтарини ин омилҳоро мо метавонем

ин ҷо матраҳ созем. Пеш аз ҳама, дар дохили худи дарбор муҳити солим вуҷуд надошт, зиддият ва бархурдҳои байни шахсони бонуфузи ин сулола ҳамеша ба қудрати ин давлат соя меафканд ва он имкон намедод, ки як сиёсати ягона дар тамоми минтақаҳои исломӣ ба вуҷуд оварда шавад. Маҳз зиддиятҳои дохилидарборӣ қудрати онҳоро заиф мегардонид ва онҳо наметавонистанд дар баробари қудратҳои марказгурез, ки асосан дар асоси омили миллӣ ба вуҷуд меомаданд, истодагарӣ намоянд. Ҳам дар қисмати ғарбии ҷаҳони ислом ва ҳам дар қисмати шарқии он давлатҳое ба вуҷуд меоянд, ки онҳо бо хилофати Аббосиён дар мухолифат қарор мегирифтанд. Шохаҳои маъмули дини ислом аз қабили дайламиҳо, алавиҳо, қарматиҳо, фотимиҳо ва ғайра дар минтақаҳои гуногун нуфузу эътибор пайдо менамоянд ва ҳамин тавр ба ташкили давлатҳои алоҳида машғул мегарданд, ки шинохтатарини онҳо давлатҳои Марвониҳо дар Андалусия (758-934), Сомониён дар Мовароуннаҳру Хуросон (837-999), Ҳамдуния дар Байнаннаҳрайн (938-1014), Зиёриҳо ва ё Бувайҳиҳо дар Эрон (1037-1055), Ғазнавиён дар Афғонистону Ҳиндустон (972-1193) ва ё Фотимиҳо дар Миср (978-1171) ба ҳисоб мераванд [89, с. 47].

Дар як вақт давлатҳои навпайдои ҳудуди хилофати Бағдод барои пешрафти илму фалсафа кӯшиш менамуданд ва марказҳои нави илмӣ ба вуҷуд меомаданд. Ҳамин тавр, дигар Бағдод ягона маркази илму фалсафа боқӣ наменомад, лекин он ҳамчун маркази асосии таҳвили илму фалсафа ба марказҳои навзуҳур боқӣ мемонад. Дар ғарби ҷаҳони ислом тавассути ташаббусҳои Тулумиён ва Фотимиҳо ва Уммавиён дар Мосул, Ҳалаб, Димишқ, Қоҳира ва ё Қартова марказҳои бузурги илмӣ бо китобхонаҳо ва мадрасаҳо ба вуҷуд меоянд ва фалсафа тавассути файласуфони масеҳию яҳудӣ инкишоф меёбад [98, с. 179].

Дар қисмати ғарбии ҷаҳони ислом ҳанӯз пеш аз зуҳури ислом низ табодули фарҳангӣ миёни фарҳангҳои юнонӣ ва румӣ-масеҳӣ ва дигар фарҳангҳои бумии ин минтақа вуҷуд дошт ва ислом ба чунин робита танҳо такони нав медиҳад, ки ин робитаҳо ба марҳалаи сифатан нав дохил мегарданд. Аммо дар қисмати шарқии ҷаҳони ислом, бахусус дар қисмати шарқии Эронзамин, вазъият то андозае дигаргуна буд. Ин минтақа дар сарчашмаҳо ҳамчун Мовароуннаҳр ва

Хуросон зикр гардидаанд, ки ҳудудҳои имрӯзаи Осиёи Миёна, Афғонистон ва шарқи Эронро фаро мегиранд. Ин ду ном ҳамеша дар паҳлуи ҳам меоянд, зеро минтақаҳое, ки ин номҳоро ифода менамоянд, анқариб ба ҳар ду мувофиқат менамоянд.

Мовароуннаҳр як калимаи арабист барои ифодаи минтақае воқеъ дар он сӯйи наҳр ва гузинаи лотинии он Трансоксиана аст, ки маънии "замини фароруйи Оксиана"-ро дорад ва ҳадаф аз Оксиана ҳамон Амударёст. Аммо дар сарчашмаҳо Мовароуннаҳр на ба маънии сарзамини фаросӯйи дарё, балки сарзамин дар байни ду наҳр – Амударё ва Сирдарё ҷойгиршуда омадааст. Ба ин минтақаи ҷуғрофиёӣ Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва қисмати ғарбии Қазоқистон дохил мешаванд. Хуросон ба маънии "сарзамине, ки аз он офтоб боло мешавад" меояд ва минтақаи ҷуғрофии бештар аз Мовароуннаҳрро ифода менамояд. Хуросон бахусус аз замони Сосониён (224-651 мелодӣ) маъруф аст. Сосониён давлати худро ба чаҳор қисмат тақсим намуда буданд ва яке аз ин қисматҳо Хуросон ном дошт.

Ин минтақа ҳанӯз аз замони Сосониҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ ва хоҷагидорӣ инкишоф ёфта буд ва бахусус дар асрҳои IX-XI мо як пешрафти назарраси иқтисодию фарҳангиро дар ин минтақа мушоҳида менамоем. Маҳз ҳодисаҳои фарҳангию сиёсӣ боис гардидаанд, ки ин минтақаҳо ҳамчун як воҳиди том тасаввур шаванд.

Иқлими мусоид ва дарёҳои фаровон ба пешрафти кишоварзӣ мусоидат менамуд ва ҳанӯз дар замони Сосониён дар ин минтақа коркарди матоъ, филиз ва ҳунарҳои гуногуни дастӣ инкишоф ёфта буданд, ки мо ҳамаи инҳоро ҳамчун омили дохилӣ мешиносем. Омили берунаи пешрафти минтақаҳои Мовароуннаҳру Хуросон дар байни сарзамини Чин ва ҷаҳони Ғарб қарор гирифтани онҳо мебошад, ки барои тиҷорати байни Чин ва Урупо мусоидат намудаанд ва Роҳи Абрешим маҳз аз ҳамин минтақа мегузашт.

То пайдоиши дини Ислом дар ин минтақа мазҳабҳои зардуштия, монавия, буддоия ва масеҳият вуҷуд доштанд. Албатта, дар ин минтақа як табодули фаъоли байни фарҳангҳоро ба мисли қисмати ғарбии ҷаҳони ислом наметавон

мушоҳида намуд, лекин табодули байнифарҳангӣ аллакай вуҷуд дошт. Масалан, дар баробари настуриҳо боз шохаи дигари масеҳият бо номи Мелкитҳо ҷомеа ва маркази худро дар шаҳри Марв ташкил карда буданд. Донишманди шинохта Абурайҳони Берунӣ бо мелкитҳо иртибот дошт ва мавод дар бораи солшумории масеҳиро ӯ маҳз аз мелкитҳо ба даст овардааст [62, с. 49].

Баръакси анъанаи ғарбӣ дар ин минтақа табодули афкор бо фарҳанги ҳиндӣ қавӣ буд, сарчашмаҳо аз густариши риёзиёти ҳиндӣ дар ин минтақа далолат медиҳанд. Ибни Сино дар "Рисолаи саргузашт" аз *"ҳисоби ҳиндӣ"* ҳамчун фанни мустақил ном мебарад: "Гоҳо ҳарду миёни худ музокира мекарданд ва ман он чиро, ки мегуфтанд, мешунидам ва дармеёфтам. Дар ибтидо маро ҳам ба он ақида даъват мекарданд ва зикри фалсафа, ҳандаса ва ҳисоби ҳинд бар забонашон мерафт. Падарам аввал маро ба назди марде, ки сабзавот мефурӯх ва ҳисоби ҳиндиро медонист фиристод, то аз ӯ таълим бигирам" [2, с. 155].

Мардум дар оғоз дини исломро ба осонӣ қабул намекунанд ва барои дину боварҳои қаблазисломии худ мубориза мебарад, аммо новобаста аз он Ислом бо роҳи зурӣ бар ҳамагуна эътирозҳо ғалаба мекунад ва тамоми аҳолии минтақаро ба зери парчами худ муттаҳид мегардонад [87, с. 45-69]. Ду асри аввали марҳалаи ислом ҳамчун "ду асри сукут" машҳур аст, аммо пас аз он мо як густариши бесобиқаи наҳзати илмӣ-фалсафиро дар ин минтақа мушоҳида менамоем, ки соҳаҳои асосии он илоҳиётшиносӣ, фалсафа, тиб, риёзиёт, ҷуғрофия, адабиёт ва дигар соҳаҳо мебошад. Дар ин ҷо мо номи фақат баъзе аз шахсиятҳои шинохтаи ҷаҳони исломро, ки аз ин сарзамин баромадаанд, номбар менамоем: илоҳиётшиносон Абуҳанифа, Муҳаммад Ғаззолӣ, Муҳаммад бини Исмоил Ал-Бухорӣ, дар фалсафа: Абунасри Форобӣ, Ибни Сино, дар илм: Ал-Хоразмӣ, Ал-Берунӣ ва дигарон. Фрай нақши Эрони Шарқиро дар роҳи инкишофи тамаддуни исломӣ муфассал ва ҳаматарафа шарҳ медиҳад. Ӯ дар бораи намояндагони илоҳиётшиносӣ, фалсафа, илм ва адабиёт таълимот ва фаъолиятҳои онҳо маълумоти муфассал додааст, ки барои шинохтани ҳақиқат ин асар аз беҳтарин сарчашмаҳо шинохта мешавад [116, с. 181]. Маҷид Фахрӣ бошад дар мавриди мақоми эронинажодон дар таҳаввули тамаддуни исломӣ чунин натиҷагирӣ

менамояд: “Насли баъдӣ пас аз 793 ҳамаи бузургони ислом эронӣ буданд: Себуя, бузургтарин наҳвӣ, Ибни Сино, бузургтарин файласуф, Розӣ, бузургтарин пизишк, Ғаззолӣ, бузургтарин мутакаллим” [110, с. 53].

Дар ин марҳала илм ва фалсафа на танҳо тарҷума ва тафсир карда мешуданд, балки тадриҷан шеваи хосси фалсафаронӣ ба вуҷуд меомад. Албатта, фалсафаи юнонӣ дар пешрафти илм, фалсафа ва илоҳиётшиносии ин давра нақши асосӣ мебозад, аммо сарчашмаҳои дигар аз қабили дини ислом, бахусус, китоби “Қуръон”, мактабҳои фалсафии шарқӣ низ таъсири худро расонидаанд. Дар идома мо маҳз дар ҳамин замина хусусиятҳои фалсафаи исломиро мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Баъзе хусусиятҳои фалсафа дар марҳалаи аввали ташаккули фалсафаи асримиёнагии шарқи исломӣ. Фалсафа дар оғози марҳалаи исломӣ роҳи пуршебу фарозеро тай кардааст ва дорои симое буд, ки он аз тасаввури имрӯзаи мо дар мавриди фалсафаи асримиёнагӣ фарқ менамояд. Ҳам густариши фалсафаи юнонӣ ва ҳам густариши дини ислом дар оғоз дорои хусусияти мутлақгароӣ буданд ва дар як замони муайян онҳо ҳатто дар як навъ зиддият қарор мегиранд ва танҳо бо кӯшишҳои Абу Яъқуб ибн Исҳоқ ал-Киндӣ, ки ҳамчун Ал-Киндӣ (800-873) маъруф аст, Абунаср Муҳаммад ибн Муҳаммад Форобӣ, машҳур ба Ал-Форобӣ (872-954) ва ҳамчунин Ибни Сино ин зиддиятҳо то андозае бартараф ва байни фалсафаи юнонию дини ислом як навъ тафоҳум ба вуҷуд оварда мешавад. Бе ошно гардидан ба ин масъала мо наметавонем аз моҳияти фалсафаи Форобӣ ва ҳамчунин Ибни Сино огоҳ гардем.

Дар оғози ислом, дақиқан ду аср баъдтар аз зуҳури ислом, ҳанӯз ҳеҷ гуна якнавохтӣ ба назар намерасид, баръакс се тамоили асосӣ дар ҷараёнҳои фикрӣ ба мушоҳида мерасид, ки дар як вақт ин тамоилҳо хусусияти нисбӣ доштанд.

Пеш аз ҳама тамоили озодандешӣ, ки асоси онро тарҷумаи мероси юнонӣ гузошта буд, дар байни аҳли андеша мавриди истиқбол қарор мегирад. Бо вуҷуди он, ки муътазила ҳамчун аввалин мактаби каломӣ ва илоҳишиносӣ дониста мешавад, аз батни он донишмандоне зуҳур менамоянд, ки ҳам ба раванди машшоия бунёд мегузоранд ва ҳам ба мактаби озодандешӣ, ки бештар дар

фалсафа онҳо ҳамчун мактаби Асҳоби ҳаюло шинохта мешаванд.

Мусалмонон, ки асосан ба танзим ва тармини корҳои сиёсӣ ва ҳарбии худ машғул буданд, ба аҳли андеша як каме озодиро раво мебинанд, ки он боиси зуҳури як қатор файласуфони озодандеш бо афкори танқидӣ дар бораи арзишҳои муқаддаси динӣ мегардад. Аммо чунин раванд дар марҳалаи исломӣ хусусияти доимӣ надошт, марҳалае мерасад, ки пеши роҳи чунин озодандешӣ гирифта мешавад ва ҳамагуна андешаҳое, ки реша дар "Қуръон" надоштанд, тадриҷан маҳкум ба фано мегарданд. Чунин сиёсат боиси заифии фалсафаи ақлонӣ ва ҷойгузини он гардидани фалсафаи калом мегардад ва ба ҷойи вусъати назар ва бунёдҳои қавии мантиқӣ як эътиқоди кӯр-кӯрона маҳаки ягонаи илму фалсафа эътироф мегардад. Новобаста аз чунин афкори мутлақгароӣ дар як муддати маҳдуди таърихӣ як роҳи миёна низ интихоб мегардад ва файласуфон кӯшиш менамоянд, ки миёни фалсафаи юнонӣ ва дини ислом ҳамоҳангие ба вуҷуд оваранд.

Аввалин мактабе, ки ба вуҷуд омад ва масъалаҳои гуногуни динӣ ва фалсафиро мавриди баррасӣ қарор дод, ин муътазила буд. Ба андешаи донишмандон он таҳаввули асосии худро аз ошноӣ бо фалсафаи юнонӣ гирифтааст ва дар бунёди афкори пайравони ин мактаб ғаразҳои сиёсӣ нуҳуфта буданд ва сабаби инкишофи он низ маҳз ҳамин ҳадафҳои пушидаи сиёсӣ мебошад [110, с. 60]. Бештари намояндагони ин мактаб аз аҳли ташайюъ буданд ва чун ҳокимияти сиёсӣ дар ихтиёри аҳли тасаннун буд, онҳо наҷоти худро дар озодии афкор меҷустанд ва бо хилофати Уммавиҳо дар зиддияти ақидатӣ қарор доштанд. Афкори муътазилиҳо то андозае барои хулафои Уммавӣ ҳассос ва нигаронкунанда буд, ки ду нафар аз саромадони он Маъбад ва Ғелон бо дасти халифаҳои Уммавӣ ба қатл расонида мешаванд [110, с. 60].

Азбаски муътазила ҳамчун аввалин мактаби фикрӣ медурахшад, як қатор аз донишмандоне, ки дертар ба мактабҳои дигари фикрӣ гаравидаанд, дар оғоз маҳз аз ин мактаб пайравӣ намудаанд, ки ба тариқи намуна Ал Киндӣ, Аҳмад бин Тайиб Сарахсӣ ва Ибни Ровандӣ мебошанд, ки аввалӣ дертар ба мактаби машшоия тамоил пайдо менамояд ва дуи дигар ба мактаби асҳоби ҳаюло.

Аввалин баҳси муътазилиҳо сари масъалаи ҷабр ва ихтиёр буд, ки худ аз ангезаи сиёсӣ орӣ набуд. Ин баҳс байни Восил ибни Ато, яке аз саромадони муътазила ва Ҷаҳм бинни Сафвон, асосгузори ҷаҳмия сурат мегирифт. Мактаби ҷаҳмия ва ҳамчунин хонадони уммавиён низ аз асолати ҷабр ва қадар ҷонибдорӣ менамуданд, аммо баръакси онҳо муътазилиён бар он ақида пофишорӣ менамуданд, ки инсон дар афъоли худ соҳибихтиёр аст ва азбаски Худо меҳрубон аст, ӯ ин озодиро ба инсон арзонӣ додааст [110, с. 63].

Баҳсҳои муътазилиён ниҳоят печида ва истидлолӣ буда, зоҳиран онҳо аз муҳтавои каломи муқаддас дур рафтаанд, аммо дар ҳақиқат бошад онҳо бар ягонагии зоти Худо ва тамоми муқаррароти китоби муқаддас эътиқодманд ҳастанд ва бо тафсирҳои худ аз мактабҳои дигари фикрӣ фарқ менамоянд. Бо вуҷуди он ки ин фирқа дар асоси баҳсҳои саҳвию наҳвӣ дар асоси китоби муқаддаси “Қуръон” ба вуҷуд омада буд ва дар аксари маврид намояндагони он ба китоби мазкур мурочиат менамуданд, аммо ба андешаи баъзе донишмандон онҳо сарчашмаҳои фикрии худро аз фалсафаҳои Афлотун, Арасту ва ҳатто пештар аз онҳо аз фалсафаи Эмпедокл гирифтаанд. Фахрӣ оиди сарчашмаҳои асосии муътазилиён чунин ақида дорад: “Шуюхи муътазила дар таълили ройи худ дар хусуси тавҳид зоҳиран аз мафҳуми худои арастуӣ ба манзалаи андешаи маҳз мутаассир буданд, ки дар он зот ва сифот ва оқил ва маъқулайни якдигаранд ва низ ин назари афлотунӣ, ки Худо варои фикр ва вуҷуд аст. Дар манобеи арабӣ ин назарро ба файласуфе қадимитар аз Арасту, ё Афлотун нисбат додаанд ва ин шахс Эмпедокл аст, ки мусалмонон умуман назарияи ваҳдати зот ва сифотро ба ӯ нисбат медиҳанд” [110, с. 75].

Мактаби муътазила дар муқоиса бо мактаби ашъария, ки он низ ҳамчун мактаби каломӣ шинохта мешавад, дар муносибат бо мактабҳои фалсафии дигар пешқадамтар буд, онҳо бо ақлгароии худ андешаро аз зери таъсири эътиқоди кӯр-кӯрона халос намуданд.

Мактаби дигари фалсафие, ки дар ин давра зуҳур мекунад ва бо озодандешии худ хонандаро то ба имрӯз ҳайратзада месозад, ин мактаби асҳоби Ҳаюло мебошад. Натиҷаи тарҷумаи фалсафаи ақлгароёнаи юнониро метавон

маҳз дар мактаби асҳоби ҳаюло мушоҳида намуд ва дар мисоли ин мактаб метавон аз бедории фалсафӣ ва ё омили хатар барои муқаддасоти диниро мушоҳида намуд. Афкори озодандешии намояндагони ин мактаб хусусияти асосии фалсафаи асримиёнагии шарқ дар охири асри нуҳум ва ибтидои асри даҳумро ташкил медиҳад. Аммо ин нуктаро бояд дар назар дошт, ки на ҳамаи онҳое, ки аз фалсафаи юнонӣ баҳраманд гардида буданд, мутлақгароиро пеша намуданд. Буданд нафароне, ки сахт шефтаи фалсафаи юнонӣ гардида буданд, аммо аз эътиқодоти динии худ як заррае ҳам даст накашидаанд. Ба ин метавонад, пеш аз ҳама худи Ал Киндӣ мисол шавад, ки ӯ ба калом ҳамон андоза шефтагӣ нишон медод, ки ба фалсафаи юнонӣ [110, с. 112]. Фалсафаи юнонӣ, он гуна ки шогирдони ӯро ба мутлақгароӣ водор сохта буд, ӯро аз ҳолати эътидол берун карда натавонист. Мисоли дигар ин Наззом, яке аз бузургони муътазила мебошад, ки бо таъсири фалсафаи юнонӣ ба табииёт машғул гардад, ӯ низ бидуни он ки эътиқоди динии худро аз даст диҳад [110, с. 112]. Аммо дар як вақт буданд нафароне, ки дар ин роҳ ба мутлақҳоҳӣ роҳ доданд ва боварҳои диниро сахт зери афкори танқидии худ қарор доданд. Намунаи ин гурӯҳи андешамандон Эроншаҳрӣ, Аҳмад бинни Тайиб Сарахсӣ, Ибни Ровандӣ, Закариёи Розӣ ва дигарон мебошанд. Дар мавриди Эроншаҳрӣ метавон каме истиҳола намуд, зеро осори ӯ аз байн рафтаанд, сарчашмаҳо аз таъсирпазирии ӯ аз фалсафаи ҳиндӣ гуфтаанд ва Носири Хусрав, ки номи ӯро дар паҳлуи номи Закариёи Розӣ меоварад, аз ӯ бо эҳтиром ва ҳамчун як шахсияти донишманд ва дорои эътиқод ёд менамояд [116, с. 87,107,110, 117].

Новобаста аз ин Эроншаҳрӣ ҳамчун устоди Закариёи Розӣ низ омадааст, агар чунин аст, пас ӯ ҳатман дорои афкори интиқодӣ ва танқидӣ нисбат ба боварҳои динию мазҳабӣ будааст. Дигар шахсиятҳо бошанд бо афкори интиқодии худ нисбат ба муқаддасоти динӣ шинохта гардидаанд. Дар асоси маводҳое, ки барои мо дастрас ҳастанд, дар ин ҷо мо дар бораи ду шахсияти ин мактаб, маълумоти мухтасарро матраҳ менамоем, инҳо – Абулҳасан Аҳмад бин Яҳё бин Исҳоқ ар-Ровандӣ (827-911) ва Абубакр Муҳаммад Закариё Розӣ (865-925). Ровандӣ шинохтатарин озодандеш дар таърихи фалсафаи исломист ва

василаи асосии ӯ дар муносибат ба ҳар гуна падида ақл буд. Дар боло мо аллакай зикр намудем, ки ӯ чанде ба фирқаи муътазила низ гаравида буд. Чун дар дин, бахусус дар оғози марҳалаи исломӣ, қудрати имон ва боварӣ қавитар нисбат ба ақл ва тасаввуроти ақлонӣ буд, Ровандӣ тамоми асосҳои динӣ ва арзишҳои бунёдии диниро танқид менамояд. Танҳо дар мисоли ӯ ва баъзе аз ҳамсафонаш мо таҷассуми ақли нобро мушоҳида карда метавонем, ки мустақилона бо воқеият бархурд менамояд. Тадриҷан чунин фаъолияти ақл аз байн меравад ва вазифаи ақл ин асоснокнамоии фармудаҳои динӣ мегардад.

Дар асоси таҳлилҳои ақлонӣ ӯ ҳақиқати асосии динӣ аз қабили ваҳй, муъҷиза ва ҳатто вуҷуди худоро на танҳо мавриди шакку шубҳа қарор медиҳад, балки ҳастии онҳоро инкор менамояд: “Бинобар ин ваҳй ба куллӣ ғайрилозим ва муъҷизот, ки даъвои нубувват қоим бар он аст, ҷумлагӣ ботил аст. Муҳимтарин эъҷоз аз назари ислом, яъне тақлиднопазир будани камоли адабии Қуръон, ба ақидаи ӯ ғайри қобили қабул аст, зеро хилофи ақл нест, ки арабе ба қадре дар камоли адабӣ бар дигар арабҳо бартарӣ дошта бошад. Ки китобаш бечунну чаро беҳтарин китоб бошад. ” [110, с. 113]. Онҳое, ки дар тавоноии ақлӣ тавонотар аз Ровандӣ буданд, ба чунин ҷасорат даст назадаанд, баръакс ба мавҷудияти онҳо торҳои анкабутиеро танидаанд. Ровандӣ, ки чунин бути ғайриақлонӣ ва ғайримантиқиро дар худ шикаста буд, хилофи нишондоди ақли солим будани ин муқаддасоти диниро ошкор сохтааст. Ӯ яке аз тасаввуроти қавии фарогир дар мавриди сабки баланди адабӣ будани “Қуръон” ва ҳамагуна пайғамбаргароиро низ аз дидгоҳи ақлгароӣ инкор менамояд. Сарчашмаҳо нишон медиҳанд, ки Ровандӣ “Қуръон”-ро дақиқона мавриди омӯзиш қарор додааст ва дар муқобили ҳар як сураи он як китоб навиштааст, яъне дар умум 114 китоб. Чун ингуна андешаҳо на танҳо барои мусалмони одӣ ва дорои имони қавӣ, балки ба аҳли андеша ва мутолеа низ, ғайри қобили қабул буд, тамоми китобҳои Ровандӣ аз байн бурда шудаанд ва андешаҳои ӯ танҳо дар асоси он иқтибосҳое, ки душманонаш дар асарҳояшон аз китобҳои ӯ овардаанд, ҷамъоварӣ гардидаанд.

Файласуфи дигаре, ки дорои чунин шеваи андешаронист, Розӣ мебошад. Пеш аз ҳама, дар замони худ ӯ донишманд ва табиби шинохта буд. Вақте ки

ҳанӯз 31 сол дошт, амалдори Сомониён ва волии Рай Абусаҳл Мансур ибни Исҳоқ ӯро сарвари беморхонаи шаҳри Рай таъин менамояд. Баъдтар ӯ ба Бағдод меояд ва сарвари беморхонаи шаҳри Бағдод таъин карда мешавад.

Розӣ ҳамчун моддигаро ва ё заррагаро машҳур аст, ки ба муқобили тасаввуроти исломии аз ҷониби Худо офарида шудани ҷаҳон аз нестӣ баромада, чунин як амалеро номумкин мешуморад. Ба ақидаи ӯ, модда ҷавҳари аввалин аст ва ҳеҷ чиз аз нестӣ ба вуҷуд намеояд. Ӯ панҷ ҷавҳари аввалияро муайян намудааст: 1. Модда, 2. Замон, 3. Макон, 4. Нафс, 5. Офаранда. Ба ақидаи ӯ, ҷаҳон офарида нашудааст, балки ҷовидона аст ва табиат низ офарида нашудааст, балки худ офаранда буда, аввалину ҷовидона мебошад [62, с. 73]. Бояд зикр намуд, ки тамоми ақидаҳои Розӣ мавриди инкори аҳли фалсафа, калом ва адаб қарор гирифтааст. Яке аз норозигиҳои бузурги Носири Хусрав он аст, ки Розӣ Офарандаро низ дар қатори мавҷудот ҷой додааст: “Ва зиштгӯйтар аз он бошад, ки мар Холиқро бо махлуқ андар як ҷинс шуморад” [116, с. 107].

Розӣ ақидаҳои озодандешии худро дар баробари арзишҳои асосии динӣ густариш дода, масъалаи пайғамбарӣ, маънии дин ва нақши он дар ҷомеаро сахт интиқод менамояд. Масалан, яке аз ақидаҳои ӯ чунин аст: “Худо ҳамаи инсонҳоро баробар офарида ва ба ҳеҷ кас бартарӣ надодааст. Агар ба интихоби пешвоии ягон нафар нисбат ба дигарон зарурат медошт, он гоҳ мебоист ақли комили Худо ин масъаларо ҳал менамуд ва намебоист, ки омили низоъ ва ҷудоиро дар байни мардум ба вуҷуд оварад. Интихоби як имом ва ё пешво чунин маънӣ дорад, ки ҳар як гурӯҳ танҳо аз пешвои худ пайравӣ менамояд ва пайравони гурӯҳҳои дигарро ҳамчун дурӯғгӯй медонад. Маҳз ин боис мегардад, ки низоъҳои калон ба вуҷуд биоянд ва инсонҳои зиёде нобуд гарданд. Муъҷизае, ки пайғамбарон нишон медиҳанд, низ ба ҷуз аз фиребу найранг чизе нест. Ҳамаи инҳо афсонаҳои динӣ ҳастанд, ки дертар аз байн мераванд. Моҳиятан дин дар муқобили ҳақиқат қарор дорад ва ҳамин тавр дар байни ин ду ҳамеша зиддият мавҷуд аст. Сабаби бовари мардум ба дин ва пешвоёни динӣ танҳо одат аст. Динҳою мазҳабҳо сабаби ҳама гуна ҷангҳо ва зиддиятварзӣ дар баробари ҳама гуна андешаҳои фалсафию маърифатҳои илмӣ ҳастанд. Баръакси он, асарҳои

Афлотун, Арасту, Евклид, Ҳиппократ барои инсоният муфидтару судмандтаранд” [98, с. 201].

Розӣ ақоиди Арастуро интиқод менамояд ва баръакс, ба файласуфони пешазсуқротӣ, бахусус Демокрит, бештар таваҷҷуҳ менамояд. Ҳамчунин, Розӣ нисбат ба ҳамзамонони худ низ муносибати хуб надошт ва бо Ҷоҳиз, Адулаббос Ношӣ, Абулқосим Масмоӣ, Шаҳид ал-Балхӣ ва дигарон дар зиддияти ҳамешагӣ қарор дошт, зеро номбаршудагон барои оштӣ додани дину фалсафа кӯшиш менамуданд, аммо Розӣ ин корро бемаънӣ ва номумкин медонист [98, с. 201]. Ин як нуктаи муҳим барои шинохтани Розӣ, аз як тараф ва Форобию Ибни Сино, аз дигар тараф, мебошад, ки дертар мо онро муфассал шарҳ медиҳем. Розӣ як файласуфи энсиклопедист буд ва китобҳои зиёде доир ба илмҳои роиҷи замонаи худ навиштааст ва сарчашмаҳо шумораи китобҳои Розиро аз 137 то 238 номгӯй медонанд [62, с. 72].

Яке аз асарҳои машҳури Розӣ, ки то рӯзгори мо омада нарасидааст, “Нақд-ул-адён” мебошад, ки хушбахтона яке аз ҳамзамонон ва ҳамватанони худи ӯ бо номи Абуҳомиди Розӣ аз ин китоб иқтибосҳое овардааст ва ин иқтибосҳо ба мо имкон медиҳанд, ки моҳияти аслии китоб ва ҳамчунин афкори бунёдии Розиро дарёбем.

Розӣ ва Ровандӣ сирф фалсафӣ ва озодманишона меандешиданд, онҳо байни ҳақиқатҳои заминию осмонӣ, ки динҳо тарғибгари он буданд, фарқият қоил буданд. Ҳақиқат, ба ақидаи онҳо, бо илму фалсафа вобастагӣ дорад, на бо дин. Ин файласуфон бештар пешқадамона меандешиданд нисбат ба ҳамаи файласуфони дигар. Онҳо намехостанд, ки инсон раҳгум занад ва озодию истиқлоли худро ба бозӣ гузорад. Аммо онон на танҳо мавриди қабул қарор намегиранд, балки аз ҷониби тамоми файласуфони исломӣ мавриди мазаммат қарор мегиранд. Масалан, Форобӣ ҳам дар радди Ровандӣ рисола навиштааст ва ҳам дар радди Розӣ [80, с. 279]. Ҳамчунин аз мактуби Ибни Сино ба Берунӣ маълум мегардад, ки ӯ низ чандон назари нек нисбат ба Розӣ надорад. Инкори Розӣ на танҳо аз ҷониби аҳли калом ва фалсафа, балки аз ҷониби фирқаҳое, ки то андозае афкори озодандешӣ доштанд, аз қабили мазҳаби исмоилия мавриди

интиқод қарор гирифтааст. Шояд дар “Зод-ул-мусофирин”-и Носир Хусрав мо кулминатсияи эътирозҳо алайҳи Розиро мушоҳида намоем ва дар боло мо як қисми афкори Н. Хусравро аллакай баён намудем.

Фалсафаи юнонӣ, ки тавассути мутарҷимони суриёнӣ ва эронӣ барои аҳли илму адаби ҷаҳони исломӣ дастрас гардида буд, ба фалсафаи асримиёнагии шарқӣ як такони нав дод. Масъала ва мафҳумҳое, ки хосси ин фалсафа буд, минбаъд аз ҷониби файласуфони шарқӣ мавриди пайгирӣ ва инкишоф қарор мегиранд. Аз доираи баҳсҳои метафизикӣ сар карда то ба ҳастӣ, ҳамчун масъалаи асосии метафизика ва аразҳои хосси он, маҳз аз фалсафаи юнонӣ вориди фалсафаи шарқӣ гардидааст. Аммо мо наметавонем ин сарчашмаро ҳамчун ягона омили таъсиррасон ва шаклдиҳанда бишносем, омили муҳими дигар дар ин давра як дини ҷавон, фарогир ва дар ҳоли тавсеа буд. Фалсафаи юнонӣ танҳо ба қисмати маҳдуди инсонҳо, яъне доираҳои илмӣ ва инсонҳои соҳибмаълумот, аммо дини ислом ба миллионҳо нафар, сарфи назар аз мақоми иҷтимоӣ ва ё савияи дониши онҳо, дастрас буд. Он ҳам аз ҷониби сиёсатмадорон пуштибонӣ меёфт, ҳам аз ҷониби донишмандон ва ҳам аз ҷониби афроди одӣ. Пас аз фориғ гардидан аз футуҳот ва бетафовутӣ нисбат ба афкори гуногуни фалсафӣ ва фарҳангӣ, тадриҷан сиёсате шакл гирифт, ки худро танҳо ба китоби муқаддас ва арзишҳои исломӣ маҳдуд месохт ва бо ҳар васила монеи тавсия ва рушди ҳаргуна таълимоти барои дини ислом бегона мегардид. Акнун маҳз он мактабҳои илмие мавриди пуштибонӣ ва густариш қарор мегирифтанд, ки худро мутамарказ ба омӯзаҳои дини ислом менамуданд ва нисбати ҳаргуна таълимоти юнонӣ, ҳиндӣ ва ё эронӣ назари таассубӣ доштанд.

Дар оғози марҳалаи исломӣ ҳанӯз ин гурӯҳҳо чандон дасти дароз надоштанд ва ҳанӯз халифаҳоро зери таъсири худ гирифта наметавонистанд, аз ин ҷиҳат фазои фалсафӣ дар ҷаҳони ислом боз буд. Дар ин давра ҳанӯз, баръакс афкори фалсафӣ шоҳонро тобеи худ мегардонид ва намунаи онро мо дар мисоли Маъмун, яке аз халифаҳои дӯстдори илму фалсафа дидаем, ки худ ба мазҳаби муътазила мегаравад ва барои пуштибонӣ аз ин фирқа дастгоҳи давлатиро низ сафарбар менамояд. Аммо тадриҷан онҳое, ки сирф аз дин пуштибонӣ

менамуданд ва фарҳанги дигарро қабул надоштанд, дар дарбор нуфуз пайдо менамоянд ва ба муқобили фалсафа ва мантиқ тарғибот оғоз менамоянд. Яке аз чунин ҳодисаҳое, ки баёнгари ин воқеият аст, бо зиндагии мутарҷим ва мантиқшиноси шинохта Абубишр Матто алоқамандӣ дорад, ки яке аз қаҳрамонҳои асосии баҳси машҳури дар қасри вазир Фазл ибни Фурот доиргардида мебошад. Фазл ибни Фурот, ки худ муқобили фалсафа ва мантиқ буд, баҳсро бо инкори мантиқи юнонӣ оғоз менамояд, Абубишр Маттоъ, устоди Форобӣ дар фалсафа ва мантиқ ва яке аз намояндагони шинохтаи илми мантиқ дар Бағдод, бо Абусаид Саррофӣ, ки яке аз сарф ва наҳвшиносони маъруфи замон буд, вориди баҳс мегарданд. Матто аз он ақида пуштибонӣ менамояд, ки қонунҳои мантиқ куллӣ, ё универсалӣ буда, барои ҳамаи забонҳо қобили қабул мебошанд, аммо Саррофӣ бар ин ақида пофишорӣ менамояд, ки мантиқи юнонӣ фақат хосси юнониҳост ва забони арабӣ ниёз бар он надорад. Дар натиҷа Саррофӣ пирӯз мегардад [118, с, 56]. Ин баҳс як ишорае буд барои ба вуҷуд омадани монеаҳо дар роҳи пешрафти фалсафа ва мантиқи юнонӣ дар ҷаҳони ислом.

Баръакси Ровандӣ ва Розӣ, ки сирф тамоили илмию фалсафӣ доштанд, гурӯҳи мазкур танҳо ба таълимоти исломӣ такя менамуданд, ки ин мактаб ҳамчун мактаби Калом ва пайравони он зери номи мутакаллимон барои мо ошно ҳастанд. Мутакаллимон дар қутби муқобили намояндагони асҳоби ҳаюло қарор доштанд, агар Закариёи Розӣ ва Ибни Ровандӣ созиши фалсафа ва динро ғайриимкон медонистанд ва фалсафаро нисбат ба дин болотар меҳисобиданд, пас мутакаллимон динро болотар аз фалсафа қарор медоданд ва фалсафаро дар баробари дин заиф меёфтанд.

Аммо дар миёни мактабҳои ин давра мо мактаби фалсафиеро мушоҳида менамоем, ки намояндагони он роҳи миёнаро пеш гирифтаанд ва онҳо кӯшиш намудаанд, ки миёни фалсафаи юнонӣ ва дини ислом як навъ созиш ва муросоро ба вуҷуд оваранд. Ҳадаф ин мактаби машшоия мебошад, ки Ибни Сино ва ҳамчунин Форобӣ аз намояндагони калидии он ба ҳисоб мерафтанд. Пеш аз оне, ки мо фалсафаи метафизикии Синоро мавриди баррасӣ қарор диҳем, бояд нақши

Форобиро дар шаклгирии забон ва чаҳорчӯбаи мавзуъҳои илми метафизика хотиррасон намоем. Зеро Форобӣ нахустин файласуфе буд, ки тавонист моҳияти фалсафаи юнонӣ ва аз ҷумла моҳияти метафизикаи Арастуро барои хонандагони мусалмон ошкор, чаҳорчӯбаи масъалаҳои фалсафиро муайян ва ҳамчунин бунёдҳои фалсафаи навинро гузоштааст, ки бо махсусиятҳои худ аз фалсафаи Арасту фарқ намуда, аз ҷониби файласуфони минбаъда мавриди пазириш қарор мегирад. Ибни Сино худ таъкид намудааст, ки ӯ фалсафаи Арастуро пас аз ошноӣ аз шарҳи Форобӣ дар бораи файласуфи юнонӣ дарк кардааст, ҳамчунин ҳамеша аз Форобӣ бо некӣ ёд кардааст. Дар таърихи фалсафаи мо Арастуро ҳамчун “муаллими аввал” ва Форобиро ҳамчун “муаллими сонӣ” шинохтани Ибни Сино машҳур аст. Фалсафаи Синоро мо метавонем идомаи мантиқии тафсир ва шарҳҳои Форобӣ ҳисобем, бинобар ин бамаврид мебуд, агар дар як бахши алоҳида мо нақши Форобӣ дар шаклгирии фалсафаи шарқи исломӣ ва назарҳои бунёдии ӯро матраҳ намоем.

1.2. Нақши фалсафаи машшоияи шарқӣ дар ташаккули фалсафаи асримиёнагии тоҷик (дар мисоли таълимоти Форобӣ)

Абунасри Форобӣ аз шахсияти асосии фалсафаи шарқи исломӣ мебошад, ки танҳо тавассути шинохти фалсафаи ӯ мо имкони дарк ва маърифати фалсафаи асримиёнагиро дорем. Дар замони худ шуҳрати ӯ, ҳамчун донандаи илмҳои замони худ, бахусус мантиқ ва фалсафаи юнонӣ, ба дараҷае мерасад, ки ҳеҷ кас аз ҳамзамонҳояш онро касб накарда буданд. Эътирофи Ибни Сино дар мавриди фаҳмидани “Метафизика”-и Арасту танҳо пас аз хондани рисолаи Форобӣ худ далелест бар мартабаи андешаи ӯ. На танҳо дар мавриди шинохти метафизика, балки ӯ шиносонандаи дигар илмҳо, бахусус мантиқ ба хонандагони мусалмон мебошад. Дар баробари пайравӣ ва таъсир гирифтан аз осори Форобӣ таҳқиқоти зиёде низ дар ин ҷода сурат гирифтааст. Мо метавонем раванди таҳқиқ дар ришатаи омӯзиши Форобиро ба якчанд марҳала тақсим намоем, аммо тақсими он ба ду марҳалаи асосӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Марҳалаи якум аз оғоз то ба миёнаҳои асри бистум ва марҳалаи дувум аз нимаи дувуми асри бистум ба ин тараф. Ин тақсимбандиро дар асоси он навгоние, ки як қатор донишмандон дар

фалсафаи Форобӣ пайдо намуданд, анҷом додаем.

Дар марҳалаи аввал Форобӣ ҳамчун шореҳи асосии фалсафаи юнонӣ, муназзим ва шаклдиҳандаи фалсафаи асримиёнагӣ, нависандаи рисолаҳо доир ба ҳамаи илмҳои мавҷудаи замони худ ва мисли инҳо шинохта мешуд, ки бевосита аз эътирофи Ибни Сино то ба асри бистум бардавом идома ёфтааст. Аммо марҳалаи дувум бо ин навгонӣ оғоз мегардад, ки фарқияти бунёдии метафизикаи ӯ дар баробари метафизикаи Арасту ошкор мегардад. То ин вақт ҳама бар он ақида буданд, ки Форобӣ пайрави фалсафаи Арасту ва навафлотуния мебошад, аммо як қатор муҳаққиқон, бахусус П. Висновски, Т. Кобуш, Т. Кутзарова ва ғайра исбот намуданд, ки фалсафаи Форобӣ аз фалсафаи Арасту бунёдан фарқ менамояд. Дар фалсафаи Арасту дар байни маънии вуҷуд ва моҳият фарқияти ҷиддӣ вуҷуд надорад, аммо дар фалсафаи Форобӣ ин ду маънӣ аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Агар боз равшантар бигӯем, ӯ маънии ҳастиро, ки зери таъсири маънии моҳиятӣ беаҳаммият дониста мешуд, нақот медиҳад. Ба ғайр аз муҳаққиқоне, ки дар боло зикр намудем, ҳамчунин як пажуҳиши бунёдӣ дар мавриди таъсири фалсафаи Форобӣ ба фалсафаи минбаъдаи исломӣ, аз ҷумла фалсафаи Ибни Сино, аз ҷониби Насруллоҳи Ҳикмат сурат гирифтааст, ки як қисмати бузурги китоби “Метафизикаи Ибни Сино” [118] маҳз ба масъалаи Форобӣ бахшида шудааст. Муҳаққиқони номбурда хизматҳои зерини Форобиро махсус зикр менамоянд: ба низом даровардани илмҳои замони худ ба як низоми муайян, ба вуҷуд овардани истилоҳоти фалсафӣ ва умуман забони фалсафаи асримиёнагӣ, созиш додани фалсафаи юнонӣ бо таълимоти исломӣ, ошно сохтани мусулмонон бо фалсафаи юнонӣ ва ниҳоят дар зуҳури Ибни Сино ҳамчун файласуфи машшоъ.

Насруллоҳи Ҳикмат нақши Форобиро дар ҳамаи ҷабҳаҳои фалсафаи асримиёнагӣ муфассал матраҳ менамояд ва ба чунин натиҷа мерасад, ки Форобӣ бо оштӣ додани Афлотун ва Арасту як заминае фароҳам меовард барои ба ҳам оштӣ додани фалсафаи юнонӣ бо дини ислом. Ӯ мехоҳад нишон диҳад, ки дар байни фалсафаи юнонӣ, бахусус фалсафаи Афлотун ва Арасту аз як тараф ва дини ислом аз дигар тараф танҳо фарқиятҳои зоҳирӣ вуҷуд доранд ва бунёдан

дар байни онҳо умумиятҳо вуҷуд доранд. Дар идома мо маҳз саҳми Форобӣ дар густариши фалсафаи шарқи асримиёнагиро мухтасаран матраҳ мекунем.

Намояндагони мактаби машшоия дар ҳамаи соҳаҳои илм, ки аз замони Арасту маълум буданд, дониши фаровон доштанд ва аксарашон ҳамчун донишмандони энсиклопедист маъруф буданд. Дар ин мактаб ва дар он айём ҷаҳонбинии фалсафӣ дорои хусусияти низомманд буд. Як файласуф дар як вақт бояд табиатпажуҳ, риёзидон, табиидон, табиб ва донандаи илмҳои дигари замон низ бошад, то ин ки дар мавриди онҳо баҳс карда тавонад ва алоқамандии миёни метафизика ва дигар илмҳоро муайян намояд. Бисёре аз файласуфони исломӣ, аз ҷумла Ал-Киндӣ, Ал-Форобӣ, Розӣ, Ибни Сино ва минбаъд Насириддини Тӯсӣ кӯшидаанд, ки дар ҳамаи соҳаҳои илм ва ё лоақал дар якчанд соҳаи илм босамарона фаъолият нишон диҳанд. Дар ин давра як файласуф мебоист, ки ҳам доир ба тамоми коинот ва ҳам оид ба равандҳои ҷузъии табиӣ ва инсонӣ дониши густурда ва бунёдиро доро бошад. Аввалин файласуфи мусулмон, ки барои шаклгирии фалсафа кӯшиш намудааст, Ал-Киндӣ мебошад. Аввалин маротиба кӯшиши оштӣ додани фалсафаи юнонӣ бо дини ислом маҳз аз ҷониби ӯ сурат гирифтааст. Ӯ доир ба тамоми соҳаҳои илм асарҳо эҷод намудааст, ки мутаассифона, аксари онҳо аз ҷониби душманонаш нобуд карда шудаанд. Аввалин маротиба маҳз аз ҷониби ӯ бисёре аз мафҳумҳои фалсафӣ дар забони арабӣ ба вуҷуд оварда шудаанд. Аммо кӯшишҳои ӯ барои оштӣ додани ислом ва фалсафаи юнонӣ ё ба андозаи даркорӣ таъсирбахш набуданд ва ё барои дарки чунин ҳадаф ҳанӯз барвақт буд. Ҳанӯз шогирдони худи ӯ чандон ба ӯ пайравӣ наменамуданд. Масалан, шогирди асосии ӯ Сарахсӣ аз паси устоди худ намеравад ва бехудоӣ ва озодандеширо пайравӣ менамоядб “Ҳатто дар даруни мактаби худи ӯ низ, ба шаҳодати рафтори машҳуртарин шогирдаш Аҳмад бин Тайиби Сарахсӣ, ки то замони мағзубият ва қатлаш дар 899, муаллим ва надими Муътазид, халифаи Аббосӣ, буд, мумкин набуд, ки мавҷи шаккро муддате дароз мутаваққиф, ё мунҳариф кард” [110, с. 112].

Роҳи оғознамудаи Киндиро Ал-Форобӣ (870-950) бо қатъияти том идома медиҳад ва то андозае дар ин замина фаъолият нишон медиҳад, ки ҳамчун

бунёдгузори фалсафаи нави исломӣ эътироф мегардад. Дар фалсафаи асримиёнагӣ Арасту ҳамчун “муаллими аввал” ва Форобӣ ҳамчун “муаллими сонӣ” маъруфанд ва бидуни фалсафаи Форобӣ моҳияти фалсафаи асримиёнагӣ барои мо нокушода боқӣ мемонад. Баррасии ҷанбаҳои муҳими ин фалсафа дар муносибат бо мавзуи мавриди назари мо низ бисёр муҳим мебошад.

Форобӣ як мусулмони комил буд, ки аз фалсафаи Юнон ба ҳадди аъло огоҳӣ дошт ва осори худро бо як шеваи возеҳу равшан ифода намудааст. Рисолаҳои фалсафии Форобӣ инҳоянд:“Пайдоиши фалсафа”, “Фалсафаи Афлотун, бахшҳо ва тартиби мабоҳиси он”, “Китоб-ул-ҳуруф”, “Ҷамъбандии андешаҳои ду ҳаким: Афлотун ва Арасту”, “Шарҳи рисолаи Зенони бузург”, “Исботи мавҷудоти муҷаррад”, “Бовариҳои қаблӣ”, “Дар дониши илоҳиёт”, “Таълиқот”, “Фаслбандии китоби андешаҳои аҳли ормоншаҳр”, “Пурсишҳои дурахшон ва посухҳои комил”, “Ниёиши бузург” ва ғайра.

Чунонки зикр намудем, фалсафаи Форобӣ ниҳоят густурда ва фарогир мебошад, танҳо ба хотири аҳаммияти онро барои рушди минбаъдаи фалсафаи асримиёнагӣ ва фалсафаи Ибни Сино нишон додан, мо як қатор нуктаҳои муҳими фалсафаи ӯро дар зер пешниҳод менамоем, ки ҳадаф нишон додани ӯ ҳамчун аввалин шиноскунандаи фалсафаи юнонӣ ва ҳамчунин бунёдгузори фалсафаи навин мебошад:

Ба низом даровардани илмҳо дар оғози марҳалаи исломӣ. Форобӣ пас аз Ал Киндӣ аввалин файласуфест, ки доир ба ҳамаи илмҳои дар замони худ мавҷуда рисолаҳо навишта, илмҳои мавҷударо ба тариқи системавӣ ба низом дароварда, ҳамчунин муҳтаво ва ҳудуди ҳар яки онҳоро муайян намудааст. Дар ин маврид пеш аз ҳама асари машҳури Форобӣ “Эҳсо-ул-улум” дар назар аст. Дар асари мазкур ӯ ҳамаи илмҳои дар замони худ мавҷудбударо ба ҳашт бахш тақсим намудааст: 1. Илми луғат; 2.Илми мантиқ; 3. Риёзиёт; 4. Табииёт; 5. Илоҳиёт; 6. Сиёсат; 7. Фиқҳ; 8. Калом [110, с. 130].

Дар навбати худ илми луғат ба ду бахш тақсим карда мешавад: истеъмоли амалии забон ва қоидаҳои назарӣ, ки ҳангоми азхудкунии он забон истифода мешавад. Баръакси забон мантиқ бо тасаввурот сару кор мегирад ва бо қоидаҳое,

ки барои дар андеша хато накардан зарур аст. Дар навбати худ илми мантиқ низ ба ҳашт бахш тақсим карда мешавад: 1. Мақулот; 2. Иборот; 3. Қиёс; 4. Бурҳон; 5. Ҷадал; 6. Мағолата; 7. Хитоба (риторика) ва 8. Шеър (поэтика) [110, с. 131]. Бояд зикр намуд, ки Форобӣ доир ба ҳамаи ин бахшҳои мантиқ шарҳҳо навиштааст, ки поёнтар онро баррасӣ мекунем.

Пас аз он илми риёзиёт оварда шудааст, ки он низ аз қисматҳои зер иборат мебошад: ҳисоб, ҳандаса, мунозир ва мадоё, нуҷум, мусиқӣ, улум ал исқол, илм ал ҳиял. Илми мазкур ҳам аз ҷанбаи назарӣ ва ҳам амалӣ иборат аст. Илмҳои табииёт ва илоҳиёт асоси ин тақсимбандиро ташкил мекунанд. Назарияи сабабҳои Арастуро Форобӣ маҳз дар илми табииёт татбиқ намуда ин илмро аз ҳашт бахш иборат медонад, ки аз аразҳо ва моддаҳои муштараке, ки тамоми ҷавҳарҳои моддӣ доро мебошад сар шуда то ба бахши ҳайвонро фаро мегирад, ки инсон низ ба бахши мазкур дохил мешавад: “ Табииёт аз илали моддӣ ва суварӣ ва фоъилӣ ва ғойиӣ ашё баҳс мекунад ва муштамил аст бар ҳамаи қисми аслӣ, ки баҳс мекунад аз: аъроз ва мабодии муштарак миёни тамоми ҷавоҳири моддӣ, ҷавоҳири басит, ҳаст шудан ва нест шудан; инфиъолоти аносири аҷсоми мураккаб аз аносир, маъданиёт, наботот ва билохира ҳайвон, ки шомили инсон низ ҳаст” [110, с. 132]. Илоҳиётро бошад ба се бахш тақсим мекунад: бахши якум, доир ба вуҷуди мавҷудот; бахши дувум, доир ба ҷавҳарҳои ғайримоддӣ ва камолоти онҳо ва бахши савум, доир ба сарчашмае, ки илмҳои ҷузъӣ аз он сарчашма мегиранд. Дар ин ҷо назарияи судур дар назар дошта шудааст. Дар зинаи минбаъда сиёсат ва ахлоқ меоянд, ки онҳо аз фазилатҳои ахлоқӣ сар карда то низомҳои сиёсиро дарбар мегиранд. Зинаҳои ниҳоии ин тақсимбандиро фиқҳ ва калом ташкил медиҳад, ки барои як ҷомеаи исломӣ вуҷуди онҳо ногузир мебошад: “Дар хотимаи ин мабҳас ду илми дигар, яъне фиқҳ ва илми калом низ матраҳ мегардад. Фиқҳ ба таври хулоса саноати истинботи ақоид ва аъмоли саҳеҳи динӣ тавсиф мешавад, ки шореъ нисбат ба он тасреҳ накарда ва лизо аз тариқи қиёс бо нусуси китоби осмонӣ бояд истинбот шаванд. Аммо илми калом фанни дифоъ аз он ақоид ва аъмол ва радди ақволи мухолиф бо он ҳақоиқ таъриф мешавад.” [110, с. 133].

Ба ҷуз аз ду илми охир, ки бевосита дар ҷомеаи исломии замони Форобӣ аз илмҳои муҳим ва зарурӣ ба ҳисоб мерафтанд, дигар илмҳо зери таъсири назари Арасту шакл гирифтаанд. Ҳамзамон бо чунин тақсимбандӣ ва низомсозӣ, ки доир ба ҳар кадоме аз шохаҳои илмҳои мазкур шарҳҳо дода шудаанд, Форобӣ доир ба ҳар кадоме аз ин шохаҳои илм рисолаҳои алоҳида ва муфассале навишта назароти худро баён намудааст. Чунин низомноксозии Форобӣ барои фалсафаи асримиёнагӣ ҳамчун раҳнамун дар шинохти илмҳо, доираи баҳс ва ҳудуди онҳо хидмат намудааст. Ниёзӣ доир ба ин фарқиятҳои фалсафаи Арастуӣ ва Форобӣ дар мавриди таснифоти илмҳо чунин натиҷагирӣ намудааст: “Фарқияти таснифоти илми Абунасри Форобӣ аз таснифоти илми Арасту дар он аст, ки таснифоти Абунасри Форобӣ бештар хусусияти динӣ дошта, дар аввали силсиламаротиби илмҳо на метафизика, балки теология гузошта шудааст. Дар таснифоти илми арастуӣ метафизика бештар масоилеро баҳс мекард, ки қонуниятҳои абстрактию умумии воқеиятро ифода мекунад. Дар ҳоле ки дар метафизикаи Абунасри Форобӣ дар баробари ифода кардани қонунҳои абстрактӣ ва умумии воқеият инчунин ба исботи вуҷудияти Худо низ мепардозад, яъне фалсафаро бо бинишҳои динӣ омезиш медиҳад. Фарқияти дигаре, ки дар тақсимбандии Абунасри Форобӣ мавҷуд аст, илмҳо бештар дар асоси хусусиятҳои олами объективӣ ташаккул ёфта, дар робитаи байниҳамдигарӣ қарор доранд”[90, с. 104].

Форобӣ ва забони нави фалсафӣ. Фалсафаи асримиёнагӣ дар замони Форобӣ ҳанӯз аз анъанаи собиқадор бархурдор набуд, он як фалсафаи ниҳоят ҷавон ва тоза буд ва ҳамин тавр мафҳум ва ифодаҳои фалсафӣ низ ба оҳистагӣ мерӯйиданд ва чун замина вуҷуд надошт, дар роҳи мафҳумсозӣ ва ифодасозӣ ба истилоҳоти суриёнӣ, форсӣ ва юнонӣ муроҷиат карда мешуд. Барои илоҳиётшиносии исломӣ низ як забони нав истифода гардидааст [365, с. 192]. Барои файласуфон ва тарҷумонҳо зарур буд, ки захираи луғавии ин забонро аз ҳисоби дигар забонҳо ғанӣ гардонанд ва ҳамин тавр онро тараққӣ диҳанд. Дар оғози истифодаи забони фалсафӣ донишмандон мафҳумҳоро аз забонҳои суриёнӣ, тоҷикӣ-форсӣ ва юнонӣ қабул менамуданд. Масалан, барои субстансия

донишмандон калимаи **гавҳар** ва ё ҷавҳар ва барои ифодаи материя вожаи **моя** (модда)-и форсиро вориди забони арабӣ мегардонанд. Ҳамчунин **ҳайлеи** юнониро ҳамчун ҳаюло, ҳамин тавр калимаҳои дигарро низ ба забони арабӣ вориди карданд, ки дар ниҳоят ин забон ғанӣ гардида худ ба мартабаи офарандагӣ мерасад [381, с. 26].

Вобаста ба хусусиятҳои худ забони арабӣ аз забони юнонӣ ва ҳамчунин забони форсӣ фарқ дорад ва нишонаи асосии фарққунандаҳо ин аст, ки забони арабӣ хусусияти решагӣ дорад, забонҳои юнонӣ ва форсӣ асоси номиналӣ (Nominalbasis.) [381, с. 26]. Вобаста ба чунин хусусият забони арабӣ дорои имкониятҳои фаровони ифодаи фикр мебошад, аммо дар муқоиса бо забони юнонӣ дорои қобилиятҳои маҳдуд дар дақиқ ифода кардани афкори фалсафӣ буд. Масалан, дар захираи луғавии забони арабӣ калимаи **ҳаст** (капула) вуҷуд надорад. Тарҷумонҳо барои калимаи “ҳаст”-и юнонӣ якчанд эквиваленти арабиро аз қабили ал-ҳувияҳ, ал-айсияҳ, ал-кайнунаҳ, ал исбот ва ё **ал-вуҷуд**ро истифода намудаанд. Аммо ҳеҷ кадоме аз ин вожаҳо наметавонанд калимаи “**будан**”-и юнониро дақиқ ифода намоянд [381, с. 26]. Нахустин маротиба Форобӣ вожаи **ал мавҷуд**ро ҳамчун мафҳум истифода бурдааст, ки ифодакунандаи маънии “**будан**”-и юнонӣ мебошад, аммо он фақат дорои функсияи техникӣ буд, зеро дар забони арабӣ вожаи “**ҳастӣ**” он гуна ки дар забонҳои юнонӣ ва тоҷикӣ-форсӣ вуҷуд дорад, мавҷуд набуд. Ҳамин тавр Форобӣ иқдоми Ал-Киндиро идома дода, ба сохтани мафҳумҳои нав мепардозад, ки дар натиҷа боиси ба вуҷуд омадани як забони нави фалсафӣ мегардад. Ба ақидаи Тиана Кутзарова ва Насруллоҳи Ҳикмат, ки таҳаввули мафҳуми *моҳият* ва *вуҷудро* аз фалсафаи калом то ба шаклгирии он дар фалсафаи Форобӣ пайгирӣ намудаанд, исбот менамоянд, ки мафҳумҳои номбурда маҳз дар фаҳмиши имрӯзаашон нахустин бор аз ҷониби Форобӣ ба миён гузошта шудааст ва файласуфони минбаъда маҳз аз истилоҳоти эҷоднамудаи Форобӣ истифода кардаанд.

Мадинаи фозилаи Форобӣ. Форобӣ аз фалсафаи Арасту ва Афлотун ба хубӣ огоҳ буд, аммо бештар зери таъсири навафлотуния қарор гирифта буд ва

дар як вақт тамоилҳое ба мактаби равоқия доштааст, ки онро Фахрӣ ҳамчун дунбола кардани ҳақ, ки воситае барои ворид гардидан ба саодат мегардад ва ё баръакс дунбола кардани саодат аз он ҷиҳат, ки ҳақ мебошад, хулоса кардааст: “ Бо таваҷҷуҳ ба таъсири амиқи вай аз тафаккури навафлотуния ва алоқаи шадидаш ба мактаби равоқӣ, ҷоиз аст, ки ин дуро ҷанбаҳои мухталифи илми воҳиде бидонем, ки тафовут намекунад, агар онро дунбол кардан ҳақ таъриф кунем, аз он ҷиҳат, ки василаи вусул ба саъодат аст ва ё дунбол кардани саъодат аз он ҷиҳат, ки мубтанӣ бар ҳақ аст” [110, с. 134]. Аҳаммияти хос доштани сиёсат ва илоҳиёт дар Форобӣ ин бевосита аз таҳлилҳои худи Форобӣ аз фалсафаи Афлотун баромадааст, ки барои ӯ низ фалсафа ва сиёсат дорои хусусиёти муштарак мебошанд. Ҳамчунин масъалаҳои бунёдие, ки аз қабили адолат ва ё саодат матраҳ мегардад, дар фалсафаи Арасту ва Афлотун назаррас мебошанд, аммо оғози китоби “Орои аҳли мадинаи фозила” на ба шеваи афлотунӣ, балки ба шеваи навафлотунӣ оғоз ёфтааст. Дар ин ҷо масъала аз “Аҳад” оғоз меёбад, ки он ҳамчун сабаби нахустин ва сарманшаи пайдоиши коинот ва ҷаҳон дониста мешавад: “ Ин “аҳад” ё “аввал” дар фалсафаи Форобӣ иллати нахустини ҳамаи мавҷудот ва комил ва воҷиб-ул-вуҷуд ва муктафиӣ билзот ва сармадӣ ва ғайримаълул ва ғайримоддӣ ва бешарик ва безид ва ғайриқобили таҳдид аст” [110, с. 135]. Он ҳамон воҷиб-ул-вуҷуд аст, ки дорои вуҷуд ва моҳияти ягона мебошад, он ҳамон мавҷуди ғайримоддӣ, ғайримаълул, ягона, бидуни зиддият аст [110, с. 135], ки минбаъд дар фалсафаи Ибни Сино мо тавсифи муфассали онро мушоҳида менамоем.

Дар ин муносибат Форобӣ масъалаи судур ва ё фаязонро матраҳ месозад, ки сарчашмаи ягонаи онро метавон дар таълимоти навафлотуния дучор шуд. Раванди офариниш аз ҳастии воҷиб-ул-вуҷуд оғоз гардида он то ба зуҳури инсон идома меёбад ва бо вуҷуди он доираи офариниши коинот комил мегардад: “Бо зуҳури инсон, ки хулосаи олами коинот аст, ин ҷараён мутадарриҷи такомулӣ ба камоли худ мерасад. Аввалин қувваи одамӣ, ки дар ин ҷараён буруз мекунад, қувваи ғозия аст ва ба дунболи он ба тартиб қувои ҳисса ва қувваи назвия ва қувваи мутасаввира, ё мутаҳайира ва қувваи нотиқа зоҳир мегардад” [110, с. 137].

Дар идомаи назарияи фаязон Форобӣ бо равиши навафлотунӣ зуҳури қувои гуногуни вуҷуди инсонро тавзеҳ медиҳад, ки нахустин шуда қувои ғозия ва пасон қувои ҳосса ва назвия, сипас қувваи мутахайила ва ниҳоят қувваи нотиқа зуҳур менамоянд. Ин қуво дар навбати худ ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд, ки гурӯҳе фармонбардор ва гурӯҳи дигар итоаткунанда мебошанд, масалан, қувои нафсонӣ тобеъ ва итоаткунандаи қувваи нотиқа мебошанд.: "Дар ҳар як аз ин қуво метавонем миёни қисмате, ки ҳукм ва фармон медиҳад, бо қисмате ки ходими он аст ва итоат мекунад, тамиз бигзорем ва ҳамин тавр дар мавриди ҳар як аз ин қуво нисбат ба қувое, ки дар мартабаи нозилаи он қарор дорад. Қувои нафс вақте ҷамъан эътибор шаванд, ҳамагӣ дар хидмати қувои нотиқаанд, ки бар онҳо ҳукмат мекунад ва фармон медиҳад" [110, с. 137].

Зери таъсири фалсафаи Афлотун ва Арасту Форобӣ низ масъалаи адолатро матраҳ месозад, ки бештар бо назари Афлотун умумият дорад. Форобӣ адолатро ҳамчун ҳифзи ниёзмандиҳои асосии мардум, аз ҷумла амният, сарват, каромат ва умуман амволи моддии мардум тавзеҳ медиҳад. Ҳамчунин адолат ин бо мардуми дигар бо фазилат муносибат намуданро мефаҳмонад ва ин маънӣ аз андешаи афлотунии адолат ёдоварӣ менамояд, ки ӯ адолатро ҳамчун "ҳамоҳангӣ миёни вазоифи мухталифи табақот дар ҷомеа" медонист. Моҷид Фахрӣ ин ҳамбастагӣ ва назари Форобӣ дар мавриди адолатро чунин ифода кардааст: "Таҳлили Форобӣ аз мафҳуми адолат, ки муҳимтарин вижагии тафаккури сиёсии юнонӣ буд, то ҳудуде мунъакискунандаи таъсир ва нуфузи китоби "Ахлоқ"-и Арасту аст, агарчи мазмуни сиёсии ғолиб бар ин китоб дар ин ҷо низ, ҳамонанди соири маворид ба вузуъ афлотунӣ аст. Орое, ки Тросумохус ва Пулморхус дар китоби "Ҷумҳурӣ"-и Афлотун аз онҳо дифоъ мекунанд, бидуни зикри ном ва ба сурати иттифоқӣ дар "Мадинаи фозила"-и Форобӣ омадааст.... Форобӣ дар китоби Фусул адолатро мавзеъ, ё ҳифзи ниёзмандиҳои асосии мардум таъриф мекунад. Инҳо иборатанд аз: амният, сарват, каромат ва ба таври куллӣ амволи моддӣ" [110, с. 142]. Ҳадаф дар ин ҷо ҳамон шабоҳат миёни се узви асосии инсон ва се табақаи асосии ҷомеа аз назари Афлотун мебошад: "Адолат ба мафҳуми аъм иборат аст аз "бо дигар абнои башар бо фазилат рафтор кардан, сарфи назар

аз ин ки ин фазилат чи бошад. Ин мафҳум ёдовари таърифи Афлотун аз адолат аст, ба маънои ҳамоҳангӣ миёни вазоифи мухталиф дар нафс ва ҳамоҳангӣ миёни вазоифи мухталифи табақот дар ҷомеа” [110, с. 142].

Масъалаи дигаре, ки дар бунёди фалсафаи Форобӣ қарор дорад ва он низ аз як тараф аз фалсафаи юнонӣ сарчашма гирифта, аз дигар тараф дар фалсафаи Ибни Сино ба камолоти худ мерасад, ин саодат ва хушбахтӣ мебошад. Ҳамон маъние, ки дар муносибат бо саодат ва хушбахтии ҳақиқӣ дар фалсафаи Форобӣ ифода меёбад, моҳияти фалсафаи метафизикии Ибни Сино ва ҳамчунин ҳадафи асосӣ аз унвонҳои асарҳои Ибни Сино аз қабили “Китоб-уш-шифо” ва “Китоб-ун-наҷот”-ро ташкил медиҳад.

Ба андешаи Форобӣ саодати ҳақиқии башарӣ ин бархурдорӣ аз ҷавҳари ғайримоддии ақли фаъол ба ҳисоб меравад [110, с. 144]. Сарчашмаи чунин саодатро ин зиндагӣ бо фазилат дар ҷаҳони воқеӣ медонад ва ҳар андоза инсон бо фазилат зиндагӣ намояд, нафси ӯ бештар ба мартабаи ҷудо ва болотар аз модда даст ёфта, ба ҳамон саодати ҳақиқӣ даст меёбад: ”Ҳамон тавре, ки мутазаккир шудем саъодати ҳақиқиӣ башар минват ба бархурдорӣ аз ҷавҳари муфориқ, ё ғайримоддии ақли фаъол аст ва ҳар чи одамӣ бештар дар ҳаёти дунявӣ аз фазилат баҳра бар гирад. Эҳтимолан нафси ӯ бештар ба мартабаи муфориқат аз модда, ки ба манзалаи саодати ғойӣ аст, даст меёбад.” [110, с. 144]. Форобӣ саодати нафсонии ҳар нафарро на ба тариқи умумӣ шарҳ медиҳад, балки онро аз ҷисми ҳар як инсон ва мизоҷи ӯ вобаста медонад.

Форобӣ низ айнан ба мисли Афлотун саодатро дар мадинаи ғайрифозила номумкин меҳисобад. Ба андешаи ӯ дар мадинаи ғайрифозила нафс саодати худро дар умури инҷаҳонӣ дармеёбад ва чунин нафс ҳаргиз аз зиндон озод намегардад. Баръакси нафси саодатманд, ки рӯ ба олами ақлонӣ дорад, нафсе, ки дар мадинаи ғайрифозила зиндагӣ дорад, ё аз як ҷисм ба дигар ҷисм, ё ба ҷисми ҳайвон нузул карда, тадриҷан аз байн мерасад ва саодат бо табиати он бегона мебошад [110, с. 145]. Дилмашғулӣ ва лаззатҳои ҷисмонӣ нафсро водор месозанд, ки аз амал кардан дар умури ақлониашон боздошта шаванд ва чунин нафс ба ҷовидонагӣ, саодат ва хушбахтии ақлонӣ расида наметавонад: “Ва аммо

шақоват дар ҳаёти ухравӣ иборат аст аз зиҷр ва азобе, ки мулозим бо бақоёи шавқ ба лаззати ҷисмонӣ аст ва бар нафси мубаддила ориз мешавад. Ин нафс алорағми илтизоми назарӣ ба фазилат, бар асари дилмашғулиҳои моддӣ, ки онҳоро аз амал кардан ба рисолати ақлонияшон бозмедорад, ба зер кашида мешаванд ” [110, с. 145].

Пешрафти илоҳиётшиносии исломӣ. Форобӣ ба мисли Розӣ дар мавриди арзишҳои динӣ бо шубҳаю тардид назар наандохтааст, балки ба тамоми арзишҳои мазҳабӣ ҳамчун як мусулмони комил бо эътиқод муносибат кардааст. Ӯ аз як ҷониб, фалсафа ва аз дигар ҷониб, мазҳабро ба ҳадди ифрот нарасонидааст ва дар як вақт онҳоро ҳамчун бунёдҳои аз ҳам фарқкунанда дар муқобили ҳамдигар қарор надодааст. Маҳз Форобӣ нахустин шуда дар фалсафаи асримиёнагии Шарқ ҳастии мутлақро ҳамчун мавзуи асосии метафизика асоснок намуда, ба Худо як маънии фалсафӣ дода ва онҳоро дар назарияи маърифати худ алоқаманд сохтааст. Мафҳум ва тасаввурот дар мавриди ҳастии мутлақ дар андешаҳои Форобӣ, ки аз таълимоти Арасту ва навафлотуния сарчашма мегирад, то ба андозае бо мафҳуми Худо монанд аст, ки хонанда дар оғоз гумон менамояд, ки онҳо як ва айни як чизанд.

Аммо худи Форобӣ ба ин нофаҳмиҳо равшанӣ андохта қайд менамояд, ки масъалаи Худо масъалаи асосии метафизика набуда, танҳо як бахше аз он мебошад: “Ҳамчунин сазовор аст, ки илми илоҳӣ дохили ин илми куллӣ ва бахше аз он бошад. Зеро худованд мабдаи мавҷуди мутлақ аст, на ин ки мабдаи мавҷуде хос бошад ва мабдаи мавҷуде дигар на. Ва он баҳсе, ки муштамил бар ато ва изофа аз ноҳияи мабдаъ мабдаъи вуҷуд мешавад, мебоист ба номи илми илоҳӣ номид” [111, с. 59]. Бидуни масъалаи Худо, фалсафаи Форобӣ бе оғозу анҷом боқӣ мемонад. Ин масъала бахусус дар рисолаи “Дар дониши илоҳиёт”-и ӯ муфассал матраҳ гардидааст. Дар ин рисолаи худ Форобӣ кӯшиш намудааст, ки мафҳумҳои бунёдиро аз қабили Худо, ақл, нафс, чиз ва ҳамчунин мафҳумҳои дигар аз қабили модда, сурат ва ё эҳсосро муайян намояд. Дар ин ҷо ӯ кӯшиш намудааст, ки назарияи судурро асоснок гардонад. Ҳадафи асосӣ дар ин шарҳдиҳӣ он аст, ки Худо аввалин оғоз (оғози оғозҳо) ва ё аввалин сабаб (сабаби

сабабҳо) мебошад. Яке аз хулосаҳои Форобӣ дар мавриди муносибати миёни Худо ва ҷаҳон чунин аст: “Аммо нафс низ дар олам нест, балки олам дар нафс аст, чаро ки макон барои нафс бадан нест, балки (агар бихоҳем маконеро барои нафс дар назар бигирем, он макон) ақл аст. Ва дар воқеъ мавзеъ ва макони бадан нафс аст. Аммо мавзеи ақл чизи дигарест, чизе, ки ақл дар он аст, дигар худ мавзеъ ва макон надорад. Зеро фаротару бартар аз он дигар чизе нест, то мавзеи он бошад. Пас ӯ худ дигар дар чизе нест” [111, с. 163]. Ин мазмунро мо метавонем дар дигар рисолаҳои Форобӣ, бахусус дар “Таълиқот” ҳам дучор гардем. Ин ҷанба дар рисолаҳои ӯ нисбат ба ҳар ҷанбаи дигар қавитар мебошад ва маҳз аз ҳамин ҷиҳат аст, ки файласуфон, баръакси Розӣ, маҳз аз Форобӣ пайравӣ намудаанд.

Форобӣ ва фалсафаи Юнон. Форобӣ нисбат ба ҳар файласуфи дигар дар бораи фалсафаи юнонӣ дониши бештар дошт. Ӯ ин фалсафаро на дар асоси тарҷумаҳои суриёнӣ ва арабӣ, балки бевосита аз устоди худ Юҳанно ибни Ҳайлон, файласуф ва мантиқшиноси барҷаста, ки шогирди мактаби Антокия буд, омӯхтааст. Дар ин бора бевосита худ дар рисолаи “Пайдоиши фалсафа” нақл кардааст, аммо ончи ки аз ин рисола то ба мо омада расидааст, ин гузориши Ибни Абуусайба дар “Уюн-ул-анбоъ” мебошад [111, с. 33]. Дар ин рисола Форобӣ аз густариши фалсафа дар Искандария аз марҳалаи юнонӣ сар карда то ба ишғоли он аз тарафи румиҳо ва густариши масеҳият ва ниҳоят густариши он аз Искандария ба дигар шаҳрҳо нақл шудааст. Дар ин ҷо Форобӣ ба 12 файласуфе ишора мекунад, ки пас аз Арасту дар Искандария зиндагӣ кардаанд ва охирини онҳо Андроникус мебошад: “Фалсафа дар замони подшоҳони юнонӣ ва пас аз вафоти Арасту дар Искандария то охири айёми он зан ривоҷ ёфт. Ва чун ӯ вафот ёфт, таълимоташ то ҳукмронии 13 подшоҳ ба ҳамон тартиб дар Искандария идома ёфт. Ва дар муддати подшоҳии эшон 12 устод ин таълимро идома доданд, ки яке аз эшон Андруникоси маъруф буд” [111, с. 33]. Соли 415-и мелодӣ Искандария аз ҷониби Августинус, императори Рум, фатҳ мешавад, аммо бо густариши масеҳият дар Рум фалсафа аз инкишоф бозмемонад. Усқуфҳо, яъне ходимони калисоҳои масеҳӣ аз байни илмҳои фалсафӣ мантиқро ба манфиати

дин меёбанд, бинобар ин минбаъд мантиқ инкишоф меёбад ва дигар соҳаҳо аз байн мераванд. Шояд ба сабаби мушкилоти ақидатӣ ва сиёсӣ дар Искандария омӯзиши мантиқ низ густариш намеёбад ва донишмандон аз Искандария ба Антокия мекӯчанд. Кор ба ҳадде мерасад, ки танҳо як муаллим мемонад ва ду нафар аз ӯ таълим мегиранд ва он ду нафар яке аҳли Ҳаррон ва дигаре аҳли Марв буд. Ҳардуи онҳо боз ду нафариро таълим медиҳанд, ки шогирдони аҳли Марв Иброҳими Марвазӣ ва Юҳанно писари Ҳайлон ва шогирдони аҳли Ҳаррон бошанд Усқуфи Исроил ва Қавирӣ буданд [111, с. 34]. Дар ин ҷо номи Юҳанно ибни Ҳайлон омадааст, ки ҳамчун устоди Форобӣ дар мантиқ маълум аст ва тарҷумони форсии рисола дар охир бо такя ба суханони Абу Усайба мегӯяд, ки дар он рисола Форобӣ дар бораи худ, ки мантиқ ва фалсафаро аз Юҳанно писари Ҳайлон омӯхтааст, нақл кардааст: “Ибни Аби Усайба гӯяд: Форобӣ худ дар бораи худаш гуфтааст, ки то охири китоби “Бурҳон”-ро аз Юҳанно писари Ҳайлон омӯхтааст ва фусуле, ки пас аз ишколи вуҷудӣ қарор дошт то замоне, ки хондани онҳо марсум шуд ба аҷзоъи ғайри хонданӣ машҳур шуда буд” [111, с. 35]. Агар мо рисолаи мазкур ва ахбори Ибни Абуусайбаро қабул намоем, пас як алоқаи бевосита байни Форобӣ аз як тараф ва фалсафаю мантиқи юнонӣ аз дигар тарафро мушоҳида менамоем.

Дар ҳақиқат низ чунин як алоқамандии амиқ ва бевоситаи Форобӣ бо фалсафаи юнонӣ боис гардида, ки ӯ дар густариш ва шаклгирии фалсафаи асримиёнагӣ нақши боризеро анҷом диҳад. Муносибати Форобӣ бо фалсафаи юнонӣ як мавзуи ниҳоят доманадор аст, ки дар идома мо ҷанбаҳои асосии онро матраҳ менамоем. Аммо дар оғоз беҳтар мебуд саҳми Форобӣ дар инкишофи мантиқ ва ошно сохтани ӯ хонандаи мусалмон бо мантиқи арастуиро мухтасар матраҳ намоем. Зеро Форобӣ ҳанӯз дар замони худ ҳамчун беҳтарин донандаи фалсафаи юнонӣ бахусус шарҳдиҳандаи фалсафаҳои Афлотун ва Арасту маълум буд ва ҳамчунин дар мантиқ шуҳратеро касб карда буд, ки ҳатто Ал Киндӣ ба он мартаба нарасида буд: “Ончи эътибор ва иштиҳори Форобиро дар ин замина афзоиш медиҳад, зоҳиран ин амал аст, ки ҳеҷ як аз аслофи мусалмони вай, ҳатто Киндиӣ бузург, ба шуҳрате даст наёфта буданд. Қифтӣ ва Ибни Абу усайба ҳар

ду бо шур ва шавқ мутазаккир мешаванд, ки Форобӣ алорағми синни кам, дере нагузашт, ки бар рақиби умдаи худ Матто бин Юнус, ки аз барҷастатарин мароҷеъи илми мантиқ дар Бағдод ва саросари шарқи ҷаҳони исломбуд, пешӣ гирифт" [110, с. 126]. Форобӣ беҳтарин донанда ва шореҳи мантиқи Арасту буд, ки тавонист бо шарҳҳои худ ҳақиқати ҳамаи бахшҳои мантиқи ӯро барои мусалмонон ошкор созад. Ӯ муаллифи шарҳҳои зерин мебошад: "Шарҳи китоби Ал Бурҳон", "Шарҳи китоби Ал Миқёс", "Шарҳи китоби Исоғуҷӣ", "Шарҳи китоби Ал Ҷадал (китоби дувум ва ҳаштум)", "Шарҳи китоби Ал Мағолатин", "Шарҳи китоби Ал Ибора","Шарҳи китоби Ал Мақулот", "Шарҳи китоби Ал Муқаддимот" [110, с. 127].

Азбаски дар ҷаҳони ислом замина ва анъана дар омӯзиш ва истифодаи мантиқ вуҷуд надошт, дарк ва маърифати моҳияти мантиқ танҳо дар асоси тарҷумаи онҳо номумкин буд. Ин шарҳҳо ва тафсирҳо буданд, ки моҳияти мантиқ ва ҳамчунин дигар илмҳоро ба хонандагони он замон мекӯшоданд, аз ин рӯ, бояд мо хидмати Форобӣ дар ин ҷодаро ба хубӣ дарк намоем. Дар идома баъзе аз нуктаҳои муҳимми муносибати Форобӣ бо фалсафаи юнониро матраҳ менамоем.

а. Муайян намудани моҳият ва маънои фалсафа. Яке аз рисолаҳои зебо ва боарзиши Форобӣ, ки дар он асли андешаи Афлотун дар тамоми диалогҳои машҳури ӯ ифода ёфтааст, "Фалсафаи Афлотун, бахшҳо ва тартиби мабоҳиси он" мебошад. Аҳаммияти ин рисола дар он аст, ки тавассути рисолаи Форобӣ файласуфони мусалмон аз мавзуъҳои фалсафаи Афлотун огоҳ мегарданд ва минбаъд ин мавзуъҳоро худ инкишоф медиҳанд. Ин рисола нишон медиҳад, ки хонандаи он рӯзгор дар мисоли Форобӣ аллакай тамоми диалогҳои Афлотунро фаро гирифтааст ва хатти асосие, ки ҳамаи он диалогҳоро ба ҳам пайванд месозад, барои ӯ маълум аст. Аз дигар тараф Форобӣ ба баҳонаи ошкор сохтани муҳтавои асосии фалсафаи Афлотун тамоми диалогҳои ӯро аз риштаи таҳрир ва тафсир гузаронидааст. Новобаста аз мухтасарии рисола он метавонад дар ҳамаи замонҳо яке аз асарҳои барҷастаи фалсафӣ ҳисоб шавад.

Саволи асосие, ки матраҳ мегардад он аст, ки *камоли инсон,* аз он ҷиҳат ки

инсон аст, дар чист? Ин саволи хурд боиси як баҳси бузурге мегардад, ки самараи он тамоми диалогҳо, монолог ва мактубҳои алоҳидаи Афлотун мегардад. Оё доштани андомҳои комил ва сурати зебо, дорои хешовандон ва дӯстони зиёд, аз ҷониби дигарон эътироф гардидан ва ё соҳиби мансаб ва мисли инҳо далолат бар камолоти инсон мекунад ва ё инсон боз ба "*чизе дигар"* ниёз дорад ва агар "ҳа" пас он "чизи дигар" чист? Он "чизи дигар" як навъ илм ва шеваи амал аст, ки бо дарёфти он инсон ба саодат ва хушбахтӣ мерасад. Саволи асосии дигар, ки минбаъд дар бунёди ҳамаи таҳлилҳо қарор мегирад, он аст, ки он илм ва шеваи амал кадом аст [111, с. 38]. Форобӣ дар охири ҳар як баҳс ба кадом диалог тааллуқ доштани он баҳсро низ ошкор месозад. Масалан, баҳсҳое, ки дар боло матраҳ сохтем, ба диалоги "Ал кибид" тааллуқ дорад, ки дар ҷаҳони араби он рӯзгор ҳамчун диалоги "Инсон" маълум аст [111, с. 38].

Дар ду баҳси дигар Форобӣ ду диалоги дигари Афлотунро таҳлил менамояд, ки моҳияти онҳоро баҳсҳо оиди илме, ки боиси саодати инсон мегардад ва сифатҳои он илм, ҳамчунин худи мафҳумҳои "саодат ва хушбахтӣ чист?" мебошанд. Ин баҳсҳо дар бунёди диалогҳои "Тоитетус" ва "Филибус" қарор доранд. Пас аз ин Афлотун дар ҳар яке аз диалогҳои худ яке аз илм ва ё санъатҳоеро матраҳ месозад ва суолгузорӣ мекунад, ки оё он ҳамон илме нест, ки инсонро ба саодат ва ё хушбахтӣ бирасонад? Ҳамин тавр ба тартиби муайян улуми динӣ, улуми забонӣ, фанни шеър, санъатҳои хитоба, софистӣ, ҷадал, ҳамчунин усули риё ва муғолатаро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Мусаллат гардидан бо ин илмҳо инсонро ба камол намерасонад, балки ҳамаи ин илмҳо ба хотири зарур ва фоидаовар будан мавриди азхудкунӣ қарор мегиранд.

Афлотун дар ин маврид баҳси дигаре доир менамояд ва суолгузорӣ менамояд, ки оё ҳар чизе, ки дар назди мардум фоидаовар ва зарурӣ аст оё дар ҳақиқат фоидаовар ва зарурӣ аст ва ё на? Дар диалоги дигаре Афлотун ҳар он чизеро, ки дар назди мардум зарурӣ ва фоидаовар аст, танқид менамояд, ки онҳо аз чизҳои зарур ва фоидаовари ҳақиқӣ фарқ менамоянд: "Сипас ба баёни нисбати байни чизҳое, ки назди умуми мардум муфид ва судбахш маҳсуб мешаванд бо чизҳое, ки воқеан ин авсофро доранд, пардохт ва тавзеҳ дод, ки суд ва нафъи

воқеӣ дар умури бартар, ҳамон улум ва сираи матлуб аст, ки саноати амали машҳур низ, ки кифояти ин ки моро ба нафъ ва фоидаи ҳақиқӣ бирасонанд, надоранд” [111, с. 45].

Дар баробари таҳлили равиши муғолата Афлотун равиши аҳли лаззатро ба риштаи таҳрир мекашад ва суолгузорӣ менамояд, ки оё лаззат метавонад инсонро ба камоли матлуб бирасонад ва фарқияти лаззат дар назди мардум бо лаззати ҳақиқиро таҳлил намуда, ҳақиқати лаззати асилро аз ворид гардидан ба камоли матлуб медонад: “Сипас шеваи зиндагии асҳоби лаззатро бо ин суол ба баррасӣ пардохт, ки оё ин сира метавонад инсонро ба камоли матлуб бирасонад, ё хайр? Ва тафовути лаззати назди мардумро бо лаззати ҳақиқӣ мубайин сохт ва тавҷеҳ дод, ки лаззате лаззати ҳақиқӣ аст, ки ношӣ аз вусул ба камоли матлуб бошад, дар ҳоле, ки лаззати асҳоби лаззат чунин нест ва ин дар китоби ӯ дар боби лаззат аст, ки ба Суқрот низ мансуб аст” [111, с. 46]. Натиҷаи Афлотун он аст, ки ҳеҷ як аз ҳунарҳои назарӣ ва амалии номбаршуда инсонро ба камолоти матлуби ӯ ҳидоят карда наметавонад ва сипас номи он санъатро зикр менамояд, ки он “фалсафа” ва нафаре, ки дорои чунин ҳунар аст “файласуф” ном дорад. Ба андешаи Афлотун ҳунарҳое, ки инсонро ба сӯйи саодат ва хушбахтӣ ҳидоят менамоянд ҳукумат ва сиёсатмадорӣ мебошанд. Барои ӯ инсони файласуф ва инсони ҳоким ҳар ду яке ва дар як вақт онҳо бавуҷудоварандаи хушбахтии ҳақиқӣ ҳастанд [111, с. 47].

Дар идомаи рисолаи худ Форобӣ муҳтавои диалогҳои дигари Афлотунро ба тариқи силсилавӣ шарҳ медиҳад, ки муҳаббат, дӯстӣ, шуҷоат, хештандорӣ ва ғайра аз ин қабил мебошанд. Яке аз масъалаҳое, ки ба тариқи муназзам ва муфассал дар диалогҳои Афлотун матраҳ гардидааст, ин шефтагӣ, мафтун гардидан, васвос ва девонагӣ мебошад, ки ба ҷинси ишқ дохил мешаванд ва Форобӣ онро хело равшан бозкушоӣ менамояд. Аввалин суоле, ки матраҳ мегардад, ин аст, ки “Чигуна инсоне, ки талабгори ҳақиқат аст, дар айни ҳол сиёсатмадор ва файласуф бошад ва он чи аз камолро, ки дар пайи он аст, бар нафс чира гардад ва то андозае шефтаи он гардад, ки ба ғайр аз чизи хосташуда ҳеҷ чизи дигарро талабгор набошад?” [111, с. 48]. Афлотун чунин шефтагӣ ва

мафтуни чизе гардиданро, ҳамчун ишқ мешиносад ва ба шарҳи мафҳуми ишқ мепардозад, ки дар навбати худ шефтагиро ҳамчун шефтагии ба писандида ва нописанд тақсим менамояд. Дар навбати худ писандидаро низ ба ду навъ тақсим менамояд, ки писандидаи ҳақиқӣ ва писандида дар гумони мардум мебошад [111, с. 48]. Дар идомаи баҳс ҳолати ифротӣ дар шефтагӣ ба чизе ҳамчун васваса ва девонагӣ ба риштаи таҳрир кашида мешавад. Васваса ва девонагӣ барои оммаи мардум аз хосиятҳои манфӣ ба ҳисоб мераванд, аммо ин ду хусусият низ ҳам дорои умури инсонӣ ҳастанд ва ҳам илоҳӣ. Онҳо агар дар умури инсонӣ бошанд, нописандида дониста мешаванд ва агар дар умури илоҳӣ бошанд, писандида ва муфид ҳисобида мешаванд. Баҳси доманадор, ки доир ба мафҳумҳои мазкур матраҳ мегардад, бо чунин натиҷа ба анҷом мерасад, ки файласуф ва сиёсатмадор бидуни шефтагӣ ва ҷунуни бузург ба камоли матлуб расида наметавонанд [111, с. 50]. Аз ин шарҳи Форобӣ метавон натиҷа гирифт, ки Афлотун дар баробари ақл, ки дар фалсафаи ӯ мақоми муҳим дорад, бар аҳаммияти ишқ ва шефтагӣ низ таъкид менамояд, ки минбаъд таъсири он бар таълимоти хусусияти ирфонидошта ба мушоҳида мерасад.

Чизе ки дар рисолаи Форобӣ ҷолиб ба назар мерасад, ин зери назар гирифтани ӯ “Дифоияи Суқрот”, ягона монологи Афлотун мебошад. Дар яке аз бахшҳои наздик ба анҷоми рисола Форобӣ маҳз афкори Афлотунро доир ба маргу зиндагӣ, ки бевосита аз дифоияи мазкур баромадааст, матраҳ сохтааст. Саволи бунёдӣ дар ин маврид он аст, ки “Оё шоиста аст, ки инсон зиндагии ҳамроҳ бо нодонӣ ва разилат ва амалҳои зиштро интихоб намояд, ё на?” Ба тариқи риторикӣ саволҳои ба ин монанд асоси суханронии машҳури Суқрот дар дифоъ аз худро ташкил медиҳанд, ки яке дигар аз ин суолҳо чунин мебошад:”Оё байни ин ки инсон бимирад, ё асосан мавҷуд набошад, бо ин ки зиндагии тавъам бо нодонӣ ва равиши разилона дошта бошад, фарқе вуҷуд дорад? Оё зистан ба равиши ҳайвонот, ё бадтар аз он беҳтар аст, ё марг”[111, с. 51]. Афлотун бар чунин натиҷа мерасад, ки марг бар чунин зиндагӣ авлавият дорад. Барои Афлотун ашрофӣ беҳтарин сохти сиёсӣ мебошад, ки дар он инсон дорои зиндагии андешамандона буда, ба пажуҳиш ва омӯзиш даст мезанад ва агар

чунин зиндагии бо андеша ва пажуҳиш вуҷуд надошта бошад, пас он зиндагӣ бо марг баробар аст ва ё марг бартар аз чунин зиндагӣ мебошад. Бинобар ин Суқрот дарк намуда буд, ки дар сохти демократӣ, ки аллакай ҳукмрон гардида буд, дигар ӯ зиндагии инсониро барои худ сохта наметавонад ва аз чунин зиндагӣ маргро авло донист: “Бар ин асос, аз диди ӯ ва зиндагонии фарде, ки бидуни пажуҳиш ва баррасӣ бошад, дар воқеъ ҳаёти инсонӣ нест. Дар ин сурат арзише надорад ва бо марг ҳамарзиш аст, балки марг бар он тарҷеҳ дорад, чунонки Суқрот дар ниҳоят чунин роҳеро баргузид, чун ҳангоме ки дид дар оянда наметавонад ҷуз бо фарзи пазириши ороъ ва ақоиди козиб ва шеваи зистани зишт ва нодуруст ба зиндагӣ идома диҳад, маргро бар зиндагӣ баргузид” [111, с. 52].

Дар ҳамин муносибат, Афлотун арзиши зиндагии инсонӣ дар як ҷомеаи разиларо бо як ҷомеаи фозила муқоиса мекунад. Инсони арзандае, ки дар ҷомеаи разила ҳамсон бо дигар инсонҳо зиндагӣ мекунад, дар воқеъ дорои зиндагии инсонӣ нест ва агар аз дигарон канор бигирад ва бо мақсади ба даст овардани камол бошад, он гоҳ чунин инсон ҳаргиз муваффақ шуда наметавонад. Чунин инсон танҳо ду роҳ дорад: ё марг ва ё маҳрум гардидан аз камоли матлуб ва дар боло зикр намудем, ки нарасидан ба камоли матлуб худ баробар бо марг мебошад [111, с. 52].

Баръакси ҷомеаҳои разила, Афлотун мехоҳад ҷомеаи фозиларо матраҳ созад, ки дар бунёди он адл ва адолат қарор дорад. Дар чунин ҷомеа адолат, хайр ва некии ҳақиқӣ вуҷуд дошта метавонад ва ҳар касе, ки ба дунболи хушбахтӣ ва саодат аст, ба камоли матлуби худ расида метавонад. Дар чунин ҷомеа бояд файласуф сарвар ва файласуфон дар вазифаҳои муҳим қарор дошта бошанд.Танҳо дар ҷомеаи фозила ҳар кас ба камоли матлуб расида метавонад: “Сипас дар садади камоле баромад, ки фарде, ки дар ӯ улуми амалӣ ва назарӣ ва низ улуми сиёсат ва маданӣ ҷамъ шуда бадон камол мерасад ва ин ки рутбаи ин фард дар он Мадинаи фозила чи рутбае аст, онгоҳ баён кард, ки самт ва рутбаи ӯ раёсати мадинаи мазбур аст ва инро дар китоби “Критиёс” ба маънои интизоъи ҳақоиқ матраҳ карда, ки Афлотун дар ҳамин рисола нақл мекунад, ки сазовор аст фарзанди Критиёсро Тимоиюс бидонем ва устод ва мураббиашро Суқрот” [111,

с. 54].

Рисолаи мазкур то имрӯз аҳаммияти худро нигоҳ доштааст ва ҳамчун роҳнамо дар шинохти мазмуни ҳақиқии осори Афлотун хидмат мекунад. Хонандаи онрӯзаи мусалмон ба андозаи зарурӣ аз фалсафаи Афлотун бохабар буд ва анқариб тамоми диалогҳои Афлотунро бо мотивҳои бунёдии онҳо барои худ кашф карда буд. Бо ин хидмат Форобӣ минбаъд афкори Афлотун дар фалсафа, ирфон ва адабиёти минбаъдаи мусалмонон таъсир расонидааст.

б. ***Муайян сохтани мақсад ва мавзуи метафизика.*** Ибни Сино дар "Рисолаи саргузашт"-и худ қайд менамояд, ки ӯ ба мақсади метафизикаи Арасту сарфаҳм нарафтааст, то замоне, ки рисолаи Форобӣ бо номи "Мақосиди метафизикаи Арасту"-ро намехонад. Чунин нофаҳмӣ дар мавриди фалсафаи Арасту аз ҷониби мусалмононро худи Форобӣ низ дар оғози рисолаи худ зикр намудааст ва мушкилӣ дар он буд, ки ба ғайр аз тафсирҳои андак аз Искандари Афродисӣ ва Томистеус, шарҳ ва тафсире дар бораи китоби Арасту вуҷуд надошт. Муайян сохтани мавзуи метафизика, мавзуъҳои асосие, ки ин илм онҳоро дарбар мегирад, муносибати ин илм бо дигар илмҳо ва ё ҳудуди ин илм аз масъалаҳое буданд, ки мебоист барои хонандаи мусалмон маълум бошад. Азбаски масъалаи Худо барои дини ислом муҳим ва асосӣ ба ҳисоб мерафт, ҳама интизор доштанд, ки китоби Арасту низ бояд мавзуи Худоро дар маркази таҳқиқаш қарор дода бошад. Форобӣ дар рисолаи мазкур хонандаи мусалмонро бо мақсади асосии метафизикаи Арасту ва мавзуъҳое, ки мавриди омӯзиши он аст, ошно месозад.

Назари Форобӣ дар ин ҷо ба мисли пешгом барои фаҳмиши назари Ибни Сино хидмат мекунанд, зеро назароти мухтасаре, ки дар ин ҷо матраҳ мегарданд, минбаъд шакли комил ва густурдаи онро мо дар "Шифо" ва ё "Донишнома" дучор меоем.

Форобӣ нахуст назари Арасту дар мавриди илмҳои назариро матраҳ месозад, ки онҳо ҷузъӣ ва куллӣ мебошанд. Илмҳои ҷузъӣ, ки дар ин ҷо табиият ва риёзиёт дар назар дошта мешавад, баъзе мавҷудоти воқеиро меомӯзад, ки мақсад дар ин ҷо ҳамон табиият мебошад ва мавзуи илми ҷузъии дигар ин

ҳастиҳои мавҳумӣ ва ё эътиборӣ мебошад, ки мақсад риёзиёт аст: “Мавзуи улуми ҷузъии бархе мавҷудот (ҳастиҳои воқеӣ), ё мавҳумот (ҳастиҳои эътиборӣ) мебошанд ва назар ба ғоятҳои вижаи ҳамон сунх аз мавҷудот, ё мавҳумот доранд, монанди илми табиӣ, ки ба мутолеа дар бораи порае мавҷудот, яъне ҷисм аз он ҳайс, ки пазирои тағир ва ҳаракат, ё сукун пас аз ҳаракат аст ва аз он ҳайс, ки мабодии чунин аҳволе ва лавозими онҳо дар ҷисм мавҷуд аст ва ба онҳо мепардозад.... ва низ илми ҳисоб, ки ададро ва илми тиб ва пизишкӣ, ки бадани инсонро аз он ҷиҳат, ки ба беморӣ ва саломат мутасиф мешавад, мавриди баҳс қарор медиҳанд” [111, с.58]. Илмҳои мазкур аз он лиҳоз ҷузъӣ номида мешаванд, ки онҳо ҳамеша ҷузъе аз ҳастиро меомӯзанд ва ин бар хилофи илми куллӣ аст, ки на як ҷузъи ҳастӣ, балки ҳастиро дар куллияти он меомӯзад.

Илми куллӣ, ки ҳамон метафизика мебошад, масоилеро баҳс мекунад, ки бар ҳамаи мавҷудот содиқ аст, ба мисли вуҷуд ва ваҳдат, навъҳо ва лавоҳиқи он, ҳамчунин мавзуъҳое, ки на ба доираи илми табиият дохил ҳастанд ва на риёзиёт аз қабили тақаддум ва таъхир, қувва ва феъл, том ва ноқис ва мисли инҳо.

Яке аз мавзуъҳои асосии метафизика ин сарчашмаи муштараки ҳамаи мавҷудот мебошад, ки дар ин ҷо назарияи фаязон ва ё чи гуна олам аз сарчашмаи воҳид, ё вуҷуди Худо зуҳур ёфтааст, дарбар мегирад.

Нахустин маротиба дар ин ҷо Форобӣ таъкид менамояд, ки илми илоҳӣ бояд дар дохили ин илм қарор гирад ва бахше аз он бошад. Илми илоҳиро илми куллӣ ҳисобидан ғайриимкон аст, зеро мавзуи омӯзиши он маҳдуд аст ва чун Худо аз як тараф мавзуи илмҳои ҷузъӣ нест ва аз дигар тараф он мавҷуди ҷудо аз модда аст, он низ бояд дар доираи метафизика омӯхта шавад. Мо метавонем идомаи баҳси мазкур ва ё шакли вусъатёфтаи онро дар фалсафаи Ибни Сино дарёб намоем.

Дар як баҳси мухтасар Форобӣ назари Арасту дар мавриди номумкин будани риёзиётро ҳамчун метафизика ҳисобидан сухан мегӯяд. Мавзуъҳои баҳси риёзиёт низ ҳама ҷудо аз модда буда, он бартар аз табиият мебошанд. Аммо бар хилофи мавзуъҳои метафизика, ки дар вуҷуд ҷудо аз модда ҳастанд, мавзуи риёзиёт на дар вуҷуд, балки танҳо дар ваҳм, ё зеҳн ҷудо аз модда аст. Масалан,

адад ва ё шакл танҳо дар табиат вуҷуд дошта метавонанд, на берун аз он [111, с. 60]. Аз ин ҷиҳат, риёзиёт ҳамчун илми ҷузъӣ дониста мешавад ва ҳам аз ҷониби Арасту ва ҳам Ибни Сино ҳамчун илми миёна муаррифӣ шудааст, ки дар байни илмҳои табиият ва метафизика қарор дорад.

Мавзуъҳое, ки дар метафизика омӯхта мешаванд, ҷудо ва фаротар аз модда қарор доранд. Назари Арасту дар мавриди мавзуъҳои илми метафизика, дар ин ҷо чунин хулоса карда мешавад, ки:

а) баъзе аз ин мавзуъҳо на ба сурати ваҳмӣ ва на ҳақиқӣ дар умури табиӣ дорои ҳастӣ нестанд, ҳамчунин мавзуъҳое нестанд, ки ваҳми инсон онҳоро он гуна, ки дар риёзиёт анҷом мешавад, аз табиат ҷудо ва ё тачрид карда бошад, онҳо зотан ва ё сириштан ҷудо аз модда мебошанд ва бо модда вобастагие надоранд, ин ҷо метавонад мафҳуми Худо ва ё ақл мисол шавад;

б) Ҳамчунин мавзуъҳое ҳастанд, ки онҳо дар табиат ҳастанд ва аз табиат ҷудо карда мешаванд, мисли адад, ки қивоми онҳо танҳо дар умури табиӣ аст, аммо онҳо билзот ба табиат тааллуқ надоранд;

в) Мавзуъҳои дигаре, ки дар ин ҷо ҳамчун мавзуи мавриди омӯзиши метафизика зикр мегарданд, онҳо ҳам дар табиият ва ҳам дар мавҷудоти риёзӣ, яъне ҳам мавҷудоти муҷарради ваҳмӣ ва ҳам муҷарради ҳақиқӣ вуҷуд доранд, ки мисоли онҳо мафҳумҳои ваҳдат ва ё вуҷуд мебошад [111, с. 60]. Ҳар як мафҳуме, ки дар ин ҷо матраҳ мегардад, боз тақсимбандӣ мегардад ва аз мафҳуми ҷинсӣ ба мафҳумҳои навъӣ ҳаракат сурат мегирад. Масалан, аразҳои вуҷуд ба қувва ва феъл, камол ва нуқс, иллат ва маълул, ҳамчунин аразҳои хосси ваҳдат ба ташобеҳ ва тасовӣ ва мувофиқат ва мувозот ва муносибат ва мисли инҳо.

Агар ин тақсимбандиҳо идома ёбанд онҳо то ба мавзуъҳое мерасанд, ки хосси илмҳои ҷузъӣ ҳастанд, мисли табиият ва риёзиёт. Мақсад, ин наздик гардидан ба олами моддиёт мебошад, ки дигар он мавзуъҳо ба метафизика дохил намешаванд. Мухтасари он чунин аст, ки ҳар андоза масъалаҳо абстрактитар мегарданд, ба қаламрави метафизика наздик мегарданд ва баръакс ҳар андоза, ки онҳо аз абстракт дур мегарданд, ҳамон андоза ба қаламрави илмҳои ҷузъӣ наздик мегарданд.

Ин маъниро низ мо метавонем дар шакли комил ва фарогир дар андешаҳои Ибни Сино пайдо намоем, ӯ ба се мавзуе, ки дар боло ишора кардем, боз як мавзуи дигар илова намудааст ва доираро комил гардонидааст, ки дар мавриди зарурӣ мо ба ин мавзуъҳо дигарбора муроҷиат менамоем. Хулосаи ниҳоӣ он аст, ки мавзуъҳои метафизикӣ ҳамагӣ ҷудо аз модда, дорои ҳастие мебошанд, ки модда аз он пешӣ надорад ва ё дар маърифати онҳо модда нақше бозӣ карда наметавонад. Мавзуъҳое, ки дар ин ҷо зикр гардид, ба ҷуз аз метафизика, мавзуи илмҳои дигари ҷузъӣ шуда наметавонад ва ҳамчунин мавзуи нахустини ин илм ин мавҷуди мутлақ [ҷудо аз қуюди табиӣ ва риёзӣ] дониста мешавад [111, с. 60].

Дар қисмати минбаъдаи рисола Форобӣ ба тариқи мухтасар ва муъҷаз муҳтавои ҳар як китоби “Метафизика”-и Арастуро маънидод менамояд. Ин яке аз хидматҳои бузурги Форобӣ мебошад, ки пеши роҳи нофаҳмиҳо, сӯйитафоҳумҳо ва инҳирофҳо дар шинохти метафизикаи Арастуро гирифтааст. Инъикоси он мавзуъҳое, ки дар ин рисола ба тариқи ниҳоят мухтасар ифода ёфтаанд, ба тариқи густурдатар ва фарогиртар дар осори фалсафии Ибни Сино мушоҳида менамоем. Аҳаммияти асосии ин рисола он аст, ки он Худо набудани масъалаи асосии метафизикаро исбот намуда, равшан сохт, ки масъалаи асосии метафизика ин ҳастии мутлақ ва дигар мавзуъҳое мебошанд, ки ҳамагӣ аз модда ҷудо мебошанд.

в. ***Оштӣ додани Афлотун ва Арасту.*** Фалсафаи Форобӣ худ таҷассумкунандаи фалсафаи юнонӣ мебошад: “Фалсафаи Абунасри Форобӣ, ба гуфтаи Ҳанна – ал-Фохурӣ ва Халил –ал- Ҷурр, омезише аст аз ҳикмати Арасту ва навафлотунӣ, ки ранги исломӣ ба худ гирифтааст. Ӯ дар мантиқ ва табииёт арастуӣ аст, дар ахлоқу сиёсат афлотунӣ, дар мобаъ-ут-табиъа плотинӣ, пеш аз ҳама ҳакиме аст, ки таълимоти ислом ва фалсафаро омехта дар ҳал ҳол пуштибони дини ислом аст. Ӯ ар фалсафа бунёдгузори барҷастаи як низоми фикрӣ буд ва саросари зиндагии хешро ба тафаккур ва тааммул гузаронд”[90, с. 102].Дар яке аз рисолаҳои нисбатан машҳури худ бо номи “Ҷамъбандии андешаҳои ду ҳаким” Форобӣ кӯшиш кардааст, ки фалсафаи афлотунӣ ва арастуиро бо ҳам оштӣ диҳад. Ҳадафи ин кӯшиши Форобиро метавон дар

воқеияти замони худи ӯ ва ояндаи фалсафа дар як ҷомеаи аз ҷиҳати мазҳабӣ ниҳоят қавӣ дид. Дар анҷоми ҳамин рисола мо ҳадафи худи Форобиро ба хубӣ дарк менамоем.

Омили асосӣ дар ин рисола он аст, ки Форобӣ дар ин ҷо бо як боварии ниҳоят амиқ ба фалсафаи ин ду ҳакими юнонӣ мепардозад. Ба ақидаи ӯ зуҳури фалсафа ва методҳои ҳар ду файласуф аз ҳамдигар вобастаанд. Зимни баҳс дар мавриди ҷаҳон ӯ таъкид менамояд, ки бидуни Афлотун ва Арасту инсоният ҳанӯз дар ҳолати раҳгумӣ ва ҳайратзадагӣ зиндагӣ мекард: “Ва агар намебуд, ки Худованд соҳибони ақл ва зеҳнро бо ин ду ҳаким ва дигар касоне, ки роҳи онро дупаймуданд ва масъалаи ибдоъ ва файзро бо адлаи рӯшан ва қонеъкунанда ошкор сохтанд, наҷот намедод, мардум дар ҳайрат ва иштибоҳ ба сар мебурданд” [111, с. 96]. Фарқи фалсафаи ин ду ҳаким ба тариқи умумӣ маълум буд, ки онро худи Форобӣ низ якчанд маротиба зикр намудааст. Аммо ӯ бо ба эътибор гирифтани нуктаҳои асосии фарқкунандаи ин ду файласуф кӯшидааст исбот намояд, ки дар ин ҷо ҳеҷ гуна фарқияти бунёдӣ вуҷуд надорад, балки фақат сӯйитафоҳум дар фаҳмиш ва шарҳҳои ғалат вуҷуд дорад. Дар оғози ин рисола Форобӣ се асос барои сӯйитафоҳумҳоро зикр мекунад, ки инҳоянд: 1. Эҳтимоли шарҳи нодуруст аз фалсафа; 2. Эҳтимол бовариҳо ба фалсафа заиф ва дорои нуқсонҳо будааст; 3. Эҳтимол дар ин ҷо тасаввуроти ботил дар бораи ин ду файласуф ҷой дорад [111, с. 66]. Форобӣ ба ҳар як мавзуи фарқкунанда як қисматро бахшидааст ва дар ниҳоят исбот кардааст, ки дар байни таълимоти фалсафии ин ду файласуф тафовути моҳиятие вуҷуд надорад.

Метавон чунин бардошт намуд, ки ба андешаи Форобӣ танҳо сӯйитафоҳумҳо вуҷуд доранд ва ба тариқи пайдарпай ӯ чандин сӯйитафоҳумҳоро номбар ва дар ниҳоят исбот менамояд, ки дар ин муносибат фарқиятҳо вуҷуд надоранд. Бояд зикр намуд, ки Форобӣ доираи баҳс ва муқоисаро фарох мегирад, на танҳо ақидаҳо ва таълимоти асосӣ, балки шеваи зиндагӣ ва шеваи эҷоди ин ду ҳакимро низ мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Ӯ кӯшиши худ барои нишон додани умумият аз шарҳи шеваи зиндагии Афлотун ва Арасту оғоз менамояд, ки зоҳиран шеваи зиндагии онҳо хилофи ҳамдигар аст, аммо дар мисоли зиндагии онҳо

метавон далелҳоеро пайдо намуд, ки умумияти зиндагии онҳоро нишон медиҳад. Фарқият дар он мушоҳида мешавад, ки Афлотун аз бисёре аз умури дунявӣ канорагирӣ менамуд ва аз онҳо худро барканор медошт, аммо аз дигар тараф баръакси онро дар зиндагии Арасту мушоҳида менамоем: ҳар чизе ки Афлотун тарк намуда буд, барои Арасту образи зиндагӣ гардида буд. Масалан, дорои моликияти зиёд, оиладор буд, фарзанд дошт, соҳиби мансаби давлатӣ буд ва мисли инҳо [111, с. 71]. Воқеият дар он аст, ки ин Афлотун буд, ки аввалин шуда илми сиёсатро меомӯзонад ва муошират иҷтимоиро табиӣ мегардонад. Ӯ ҳаёти худро сарфи муҳимтарин корҳо кардааст ва агар вақт меёфт ба корҳои наздик ба он, ки ҳадаф ҳамон сиёсати амалӣ мебошад, сарф менамуд. Арасту бо роҳи Афлотун меравад ва дар худ тавоноии пазириши зиндагии воқеиро дармеёбад. Ба фикри Форобӣ фарқ дар байни он ду танҳо “ба сабаби каму бешӣ ва қувват ва заъфи қувои табиии онҳо будааст” [111, с. 71].

Фарқи дигаре, ки дар мисоли ин ду файласуф таъкид гардидааст ин шеваи омодасозии асарҳояшон мебошад. Дар оғоз Афлотун дар баёни илми худ худдорӣ менамуд ва чун илму ҳикмати ӯ ғанӣ ва фаровон мегардад, дар як вақт эҳтимоли фаромӯшӣ ва ғафлати он донишҳо низ ба миён меояд ва ин боис мегардад, ки ӯ бо як шеваи рамзнок ва печида фалсафаи худро пешниҳод менамояд ва ин боис мегардад, ки ба ҷуз аз инсонҳои хоса, ҳар кас наметавонад, ки ба мазмуни навиштаҳои ӯ роҳ барад. Арасту бошад, баръакс, бо ошкорбаёнӣ ва рӯшангарии худ масъалаҳоро бо равшанӣ баён менамуд. Аммо чунин равиши равшан танҳо хусусияти зоҳирӣ дошта, барои хонандаи осори Арасту дар батни ин ошкоргӯйӣ печидагӣ ва рамзиёти афкори ӯ пинҳон наменомад ва ин маънӣ ҳам дар асоси натиҷагирии Форобӣ ба миён меояд ва ҳам бевосита аз забони худи Арасту садо медиҳад ва натиҷа ин менамад, ки печидагӣ ва душвории дарк дар ҳар ду ҳаким ба назар мерасад: Форобӣ ин маъниро чунин ҷамъбаст менамояд: “Вуҷуди печидагӣ ва абҳом ва таъкидоти лафзии осораш дар айни ҳол, ки қасди баён ва рӯшангарӣ дорад, пинҳон нахоҳад монд.” Аммо худи Арасту дар хитоб ба Афлотун дар мавриди печидагии афкори худ чунин мегӯяд: “Ман ҳарчанд ин донишҳо ва ҳикматҳои ниҳониро тадвин кардам, аммо онҳоро ба тартибе, ки ҷуз

аҳлаш намеёбанд, муназзам кардам ва бо иборот ва алфозе, ки ҷуз фарзандонаш дарнамеёбанд, даровардам”[111, с. 71]. Дар ин ҷо Форобӣ ба печидагии зоҳирии осори Афлотун ва ошкорбаёнии зоҳирӣ ва печидагии ботинии фалсафаи Арасту, ки ҳар ду дорои айният мебошанд, ишора менамояд.

Масъалаи дигаре, ки дар байни муҳаққиқон ҳамчун фарқият дар андешаи Афлотун ва Арасту дониста мешавад, ин андешаҳои онҳо дар мавриди *ҷавҳар* мебошад. Дар фалсафаи Афлотун дар мавриди ҷавҳарҳои бартар ақл ва нафс оварда шудааст ва дар фалсафаи Арасту бошад, ашхос ҳамчун олитарин ҷавҳар дониста шудааст. Дар ҳақиқат дар ин ҷо фарқи бунёдӣ ба назар мерасад, зеро ақл ва нафсро наметавон наздик бо ашхос донист. Аммо файласуфони номбурда ақидаҳои худро дар мавридҳои гуногун гуфтаанд ва ин далел ба фарқи афкори онҳо шуда наметавонад. Вақте Арасту шахсҳоро ҳамчун ҷавҳарҳои олӣ меҳисобад, он дар муносибат ба илми мантиқ, саноат ва ё самоъи табиӣ мебошад, ки мавзуи баҳси онҳо чизҳои наздик ба мавҷудоти ҳисшаванда мебошад ва бидуни шак инсон ва ё ашхос дар ин маврид аз куллитарин ва олитарин ҷавҳар дониста мешавад. Аммо дар мавриди Афлотун бошад, ақл ва нафс дар мавриде гуфта шудааст, ки масоили метафизикӣ дар назар дошта шудааст. Ба ақидаи Форобӣ, агар онҳо дар мавриди ҷавҳар аз як дидгоҳ ҳукм менамуданд ва ин ҳукми онҳо аз ҳам фарқ менамуд, он гоҳ гуфтан мумкин буд, ки дар байни андешаи ин ду ҳаким фарқият вуҷуд дорад. Дар ҳолати мазкур бошад на фарқият, балки умумият аст.

Яке аз масъалаҳои дигари мавриди баҳс ин ақидаи ду ҳаким дар боби ахлоқ мебошад, ки дар зоҳир мухолифатҳо ба назар мерасанд, аммо Форобӣ хусусияти зоҳирӣ доштани ин фарқро исбот менамояд. Ӯ навиштаи Арасту дар “Ахлоқи Некомах” дар мавриди ахлоқро меоварад, ки мувофиқи он ахлоқ ин он одатҳои инсонӣ аст, ки тағйир мекунад ва дар табиати инсон ҳеҷгуна хулқе вуҷуд надорад, ки тағйирнопазир набошад, инсон метавонад бо тамрин ва одат додани хеш аз як хулқ ба хулқи дигар гузарад.

Дар китоби “Сиёсат”-и Афлотун бошад, чунин маънӣ омадааст, ки табиати инсонӣ ҳамеша бар одатҳои ӯ ғалаба мекунад [111, с. 86].

Ҳарчанд ин ҷо зоҳиран як фарқият ба назар мерасад, аммо дар ҳақиқат байни сухани Арасту ва гуфтаҳои Афлотун шабоҳат вуҷуд дорад. Барои ин Форобӣ истидлоли зеринро меовард, ки агар шахсе хулқеро ба худ парвариш дода, бузург месозад, заволи он бисёр душвор аст, аммо душвор будан маънии маҳол буданро надорад. Он хулқе, ки дар нафси инсон нақш бастааст ба мисли табиат ва ё моддаи пазиранда аст, дар баробари хулқи дигаре, ки ин шахс бо душворӣ қабул менамояд. Хулқи аввала мисли табиати чиз ва хулқи иктисобии нав ба мисли одат мебошад. Агар аз ин ду хулқ гузар карда, хулқи нав касб карда шавад, пас ду хулқи аввала ба мисли табиат ва моддаи пазирандаи хулқи ҷадид мегарданд. Чунин шарҳи Форобӣ бо суханони Афлотун, ки мегӯяд баъзе хулқиёт табиатанд ва бархеи дигар иктисобӣ ва одат дорои айният аст [111, с. 87]. Пас новобаста аз фарқи зоҳирӣ дар мавриди ахлоқ низ дар байни ду файласуф умумият ва ягонагӣ вуҷуд дорад.

Яке аз нуктаи дигар, ки файласуфон дар он дар байни орои ин ду фарқро мебинанд, ин масъалаи маърифат мебошад. Дар мавриди маърифат ва омӯзиш Арасту чунин ақида дорад, ки ҳар нафаре, ки илмеро аз худ менамояд аз ду ҳол холӣ намебошад: ё ончиро, ки намедонад мехонад ва ё ончиро, ки медонад, яъне он чизе, ки дар нафси хеш ёфта мешавад, ҳамон чиз дар чизи дигар ҷуста мешавад. Барои мо ин сухани машҳури Афлотун маълум аст, ки дониш ин ёдоварии чизе аст, ки нафс замоне онро аз худ кардааст. Дар ин маврид баҳси Суқрот бо кӯдаке, ки ҳанӯз ҳандасаро наомӯхтааст, аммо тавассути саволҳои ҳидояткунандаи Суқрот он кӯдак душвортарин масъалаи ҳандасиро ҳал менамояд. Мақсуд он аст, ки роҳи ҳалли он масъала, аллакай дар зеҳни кӯдак вуҷуд дошт. Дар ин маврид ихтилофи ҷиддие ба назар намерасад ва баръакс нисбат ба дигар масъалаҳо шабоҳати зиёдеро метавон мушоҳида намуд. Ин дар худии худ як масъалаи шинохт аст, аммо дар мавриди ҳастишиносӣ он ба як баҳси тулонӣ дар таърихи метафизика табдил ёфтааст. Ин масъала сарчашмаи як қатор баҳсҳои машҳур оиди иртисомоти аввалия, донишҳои фитрӣ, назарияи идеализми субъективӣ ва ғайра гардидааст.

Масъалаи дигари мавриди назари Форобӣ ин орои ду файласуф доир ба

қидам ва ё ҳудус будани олам мебошад. Ин масъала махсусан дар фалсафаи марҳалаи исломии шарқӣ боаҳаммият мегардад, зеро аз як тараф таълимоти динӣ мефармуд, ки олам ҳодис аст, яъне аз ҷониби Худо офарида шудааст, аммо аз дигар тараф афкори юнонӣ ва ҳиндӣ, ки ба файласуфони алоҳида таъсиргузор буданд, қидамии олам, яъне олам аз ҷониби касе ё чизе офарида нашудаастро тарғиб менамуданд. Файласуфони мусалмон бо ҳар роҳ кӯшиш мекарданд исбот намоянд, ки олам ҳодис аст ва файласуфони бузурги юнонӣ низ чунин ақида доранд. Пофишории Форобӣ дар мавриди ҳодис будани олам дар худ ҳадафи дигаре дорад, ки он ин ба ҳам оштӣ додани фалсафаи юнонӣ бо дини ислом мебошад. Дар ин ҷо назари худи Форобӣ муҳимтар нисбат ба назарҳои Афлотун ва Арасту мебошад, ки он боварӣ бар ҳодис будани олам аст, ки дар рисола равшан ифода ёфтааст [111, с. 92].

Дар осори Арасту дар якчанд маврид ишораҳое вуҷуд доранд, ки онҳо далолат бар боварии Арасту бар қидамии олам менамоянд, яъне олам аз ҷониби Худо сохта нашуда, балки он худ вуҷуд доштааст. Яке аз чунин ишораҳо дар яке аз қазияҳое аст, ки Арасту дар ҷадал истифода кардааст. Аммо истифода кардаи қазия ҳануз маънии боварии муаллиф бар он қазияро надорад, зеро бисёр шудааст, ки қазия ғалат аст, аммо ин ғалат боис нагардидааст, ки он дар ҷадал истифода нагардад. Ишораи дигар ин дар асари “Осмон ва ҷаҳон” мебошад, ки Арасту дар он ҷо гуфтааст: “Кулл (олам)-ро оғози замонӣ нест.” Ин ҷумла зоҳиран далолат бар он дорад, ки гӯё ҷаҳон дорои оғози замонӣ намебошад, ки худ далелест бар қидамии олам. Аммо Форобӣ дар асоси гуфтаҳои Арасту, ки замон ин миқдори ҳаракат аст, исбот менамояд, ки Арасту бар қидамии ҷаҳон бовар надошт. Ба фикри ӯ офариниши ҷаҳон ба мисли офариниши ҳайвон ва ё хона кам-кам сурат нагирифтааст ва агар чунин сурат мегирифт, он гоҳ ҷузъҳои он аз ҷиҳати замонӣ нисбат ба ҳамдигар пешӣ ва пасӣ доштанд. Замон дар натиҷаи ҳаракати фалак ба вуҷуд омадааст ва ин маҳол аст, ки худи фалак дорои оғози замонӣ бошад. Хулосаи ниҳоии Форобӣ он аст, ки олам аз ҷониби Худо баякборагӣ сохта шудааст ва замон бошад, дар натиҷаи ҳаракати фалак ба вуҷуд омадааст. Форобӣ бовар дошт, ки Афлотун бар ҳодис будани олам бовар дошт,

бинобар ин ӯ дар ин баҳс кӯшиш намудааст, ки сӯйитафоҳумҳо дар мавриди Арастуро инкор наояд.

Дар яке аз баҳсҳои ниҳоӣ Форобӣ кӯшиш намудааст, ки дар масъалаи идеяҳо низ афкори Афлотун ва Арастуро бо ҳам умумият бахшад. Барои мо маълум аст, ки дар ин маврид Арасту бо чаҳор далел ақидаҳои Афлотун дар мавриди идеяҳоро инкор кардааст. Аммо мақсади Форобӣ дар ин маврид он аст, ки бояд то ҳадди имкон фалсафаи ин ду ҳакимро бо ҳам оштӣ диҳад, зеро ин барои бо ҳам наздик намудани дини ислом ва фалсафаи юнонӣ кумак менамояд.

Рисолаи мазкур яке аз рисолаҳои боарзиши Форобӣ аст, ки дар он ӯ кӯшидааст то ихтилофи дар байни фалсафаи ду ҳаким мавҷудбударо зоҳирӣ ва беасос ҷилва дода, баръакс умумияти онҳоро таҷассум намояд. Ин амали Форобӣ барои ҳадафи бузургтари ӯ, ки мехост фалсафаи юнонӣ ва дини исломро бо ҳам ба созиш расонад, ҳамчун як пешзамина хидмат кардааст.

Г. Оштӣ додани дини Ислом ва фалсафаи Юнон. Форобӣ аз фалсафаи юнонӣ ба хубӣ огаҳ буд, аммо ин фақат як тарафи ҳақиқат аст, тарафи дигари ҳақиқат он аст, ки ӯ як мусулмон бо имони қавӣ буд. Фалсафаи ӯ дар худ ҳам фалсафаи навафлотунии юнониро ифода менамуд ва ҳам ҷаҳонбинии исломиро. Дар байни ин ду ӯ муштаракотеро пайдо карда буд: ба ақидаи Афлотун ва Арасту ҷаҳон аз ҷониби Худо офарида шудааст ва дар дини Ислом низ чунин ақида вуҷуд дорад ва ин як нуқтаи пайванд аст. Наметавон гуфт, ки ӯ маҳз бо ҳамин кӯшиш муваффақ гардидааст, зеро ӯ дар ин роҳ аввалин набуд, аллакай Ал-Киндӣ ва ҳамзамонони Закариёи Розӣ чунин ақида доштанд ва мавриди интиқоди шадиди Розӣ қарор гирифта буданд. Ба тариқи хулоса метавон қайд намуд, ки Форобӣ барои рушди фалсафаи асримиёнагии тоҷик як заминаи густурдаеро ба вуҷуд оварда буд ва мо метавонем сарчашмаи бисёре аз тамоилоти фалсафаи исломӣ, аз ҷумла фалсафаи Синоро, маҳз дар фалсафаи ӯ пайдо намоем.

Он нуктаҳое, ки аз фалсафаи Форобӣ дар боло зикр намудем, аҳаммияти афкори ин шахсият дар фалсафаи асримиёнагиро ба хубӣ нишон медиҳанд. Форобӣ бо хидматҳои шоёни худ тавонистааст, ки рушди фалсафа ва дигар илмҳоро дар ин минтақа тезонад ва хонандаро ба моҳияти фалсафаи юнонӣ

хубтар ошно созад. Рушди мантиқ, шаклгирии забони фалсафӣ ва дониши илоҳӣ, шиносоии фалсафаи юнонӣ, навиштани рисолаҳо дар ҳамаи соҳаҳои илм ва ғайра ба шарофати фаъолияти босамари Форобӣ амалӣ гардидааст. Хусусияти аксари рисолаҳои Форобӣ он аст, ки онҳо ниҳоят хурд ва муъҷаз буда, танҳо нуктаҳои муҳимми ҳар масъаларо дар худ ҷой додаанд. Идомаи мантиқии ин шарҳҳоро мо дар фалсафаи Ибни Сино мушоҳида менамоем. Дар он ҷо ин баҳсҳо системанок ва густарда матраҳ мегарданд, аммо надонистани фалсафаи Форобӣ дар аксар маврид моро ба нофаҳмӣ мерасонанд. Бахши мазкур ҳамчун муқаддима ва роҳнамо барои маърифати фалсафаи Ибни Сино ба мо кумак менамояд. Дар идома мо бевосита ба баррасии бахшҳои асосии фалсафаи Ибни Сино мепардозем.

1.3. Сарчашмаҳои ғоявии ташаккули фалсафаи Ибн Ибни Сино (дар мисоли консепсияи Худо дар фалсафаи метафизикии ӯ)

Пас аз он, ки Парменид мафҳуми ҳастиро вориди баҳси фалсафӣ мегардонад ва ҳастиро бо тафаккур айният медиҳад, дар фалсафа анъанаи метафизикӣ ба вуҷуд меояд, ки он ҳастии зеҳнӣ ва ё ҳастии абстрактиро асоси баҳсҳои худ қарор медиҳад ва ин иқдоми Парменид минбаъд аз ҷониби Афлотун, Арасту ва навафлотуниҳо боз ҳам густурдатар ва амиқтар коркард мегардад ва навгонии муҳимми дигаре, ки дертар барои омӯзиш ва фаҳмидани илми метафизика ба вуҷуд меояд, ин коркарди мантиқи шаклӣ аз ҷониби Арасту аст, ки воқеияти абстрактиро мавриди омӯзиш қарор медиҳад ва ҳамчун забони метафизика фаҳмида мешавад.

Метафизика ва доираи баҳси он бахусус аз ҷониби Арасту ҳамаҷиҳата ва амиқ коркард карда мешавад, ки дар фалсафа он ҳамчун “оғози метафизика” муаррифӣ гардидааст, дар ин ҷо бояд инро низ зикр намоем, ки Арасту ин илмро ҳанӯз “фалсафаи нахустин” меномид. Шинохти *ҳастӣ - чун ҳастӣ* ҳамчун масъалаи асосии метафизика, ба гурӯҳи илмҳои назарӣ тааллуқ доштани метафизика, фарқи он аз илмҳои назарии дигар, хусусиёти асосии *ҳастӣ - чун ҳастӣ*, ки бояд масъалаҳои метафизикӣ дониста шаванд, нахустин маротиба аз ҷониби Арасту муайян гардидаанд, ки бидуни истисно мо инъикоси ҳамаи ин

хусусиятҳоро дар ҳастишиносии Ибни Сино мушоҳида менамоем.

Таҳаввули бунёдие, ки дертар дар анъанаи метафизикӣ ба вуҷуд меояд ин таъсири масеҳият ва ҳамчунин таъсирпазирии масеҳият аз фалсафаи Афлотун мебошад, ки синтези онҳоро мо дар таълимоти навафлотуния мушоҳида менамоем. Мафҳумҳои бунёдии дигаре, ки дар фалсафаи Афлотун дучор меоянд, аз қабили "хайри маҳз" ва ё "ақли маҳз", ҳадафи ниҳоии метафизикаро бештар ба худ моил сохтанд ва ин маъниҳо равандҳои бунёдии метафизикаро ташкил медоданд. Маъниҳои мазкур ончунон дар фалсафаи Ибни Сино инъикос гардиданд, ки баъзан хонандаро дар шинохти *ҳастӣ- чун ҳастӣ* ва вуҷуди ақли маҳз ҳамчун нахустсабаб ба раҳгумӣ мерасониданд.

Метафизикаи Ибни Сино, ки асоси фалсафаи ӯро ташкил медиҳад, маҳз дар ҳамин заминаҳо ба вуҷуд омадааст ва метавон зикр намуд, ки метафизикаи ӯ пайванди органикӣ ва ногусастанӣ бо анъанаи метафизикии ғарбӣ дорад. Ҳар андоза, ки мо ба муҳтавои фалсафаи метафизикии Ибни Сино бевосита наздиктар мегардем, ҳамон андоза ин пайванд барои мо бештар равшантар мегардад. Бинобар ин мо фалсафаи юнониро ҳамчун муҳимтарин сарчашмаи фалсафаи метафизикии Ибни Сино дар назар медорем.

Мафҳумҳо ва мавзуъҳои асосии фалсафаи метафизикии Ибни Сино аллакай тавассути фалсафаи Афлотун, Арасту ва ё навафлотуния маълум буданд, ки мо онҳоро ҳамчун сангҳои пойдевори фалсафаи Ибни Сино мешиносем. Пеш аз ҳама, Ибни Сино дар зери таъсири фалсафаи Арасту қарор дошт, дар ин маврид Ибни Сино на танҳо аз андешаҳои файласуфи юнонӣ, балки дар таснифоти илмҳо ва сохтори шаклии асарҳои худ низ ба файласуфи юнонӣ пайравӣ кардааст. Ҳамчунин на фақат дар фалсафа, балки дар дигар соҳаҳои илм низ ӯ аз равиши фикрӣ ва таҳқиқе истифода намудааст, ки он хосси Арасту мебошад. Диноршоев робитаи байни фалсафаи Ибни Сино ва Арастуро чунин шарҳ додааст: "Пажуҳиши дақиқи осори Ибни Сино нишон медиҳад, ки сарчашмаи нахустин ва умдаи фалсафаи ӯ фалсафаи Юнони Қадим аст. Далели ин он аст, ки ҳар гоҳ вай, масалан, дар доиратулмаорифаш "Шифо" ба таҳқиқи масъалае мепардозад, аввал назароти файласуфон ва олимони юнониро таҳлил карда,

ҳусну қубҳи онҳоро ошкор сохта, сипас ба баёни андешаҳои худ шуруъ мекунад” [70, с. 62]. Ибни Сино дар муносибат ба фалсафаи Юнон, бо фалсафаи Арасту худро маҳдуд насохтааст, балки ӯ ҳамчунин аз фалсафаи пешазсуқротӣ, бахусус Зенон ва Демокрит ва ҳамчунин аз дастовардҳои мактабҳои фалсафии атиқаи пасини отинӣ-искандариявӣ ошноӣ дошт. Мо бо боварии комил метавонем бигӯем, ки агар дар баъзе масъалаҳои имкон-ул-вуҷуд аз қабили сабабу натиҷа ва ё ҷавҳару араз Ибни Сино зери таъсири Арасту қарор дошта бошад, пас дар муносибат бо воҷиб-ул-вуҷуд ва назарияи судур Ибни Сино аз идеяи хайри маҳзи Афлотун ва афкори навафлотуниҳо илҳом гирифтааст. Диноршоев таъсири фалсафаи юнонӣ ба фалсафаи Ибни Синоро чунин ҷамъбаст намудааст: “Муаллафоти Ибни Сино нишон медиҳад, ки ӯ дар зимни шиносоии амиқ бо осор ва ақоиди Арасту, Афлотун ва навафлотуниён, аз осор ва ақоиди дигар мактабҳои фалсафии Юнони Қадим ва намояндагони онҳо –Ҳераклит, Демокрит, Анаксагор, Эмпидокл, Зенон, Парменид, Мелисс ... огоҳ будааст. Вале ӯ ба фалсафаи заррағӣ (атомистӣ)-и Демокрит ва пайравонаш бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудааст” [70, с. 69].

Бояд қайд намуд, ки пайравии Ибни Сино аз Арасту хусусияти догматикӣ надошт. Дар назари аввал ва зоҳиран чунин менамояд, ки ин ду фалсафа ниҳоят монанд ҳастанд ва ҳамаи мафҳумҳои истифодабурдаи Синоро метавон аллакай дар фалсафаи Арасту пайдо намуд, аммо таҳлили амиқтари фалсафаи Ибни Сино нишон медиҳад, ки он бештар ба фалсафаи навафлотунӣ наздикӣ дорад, нисбат ба фалсафаи Арасту. Ҳамин тавр, ақидае вуҷуд дорад, ки ӯ гӯё фалсафаи навафлотуниро бо мафҳумҳои арастуӣ шарҳ додааст [60, с. 190]. Сабаби чунин бархурди файласуфони он рӯзгор он буд, ки баъзе асарҳои дорои хусусияти навафлотунидошта, ҳамчун асарҳои Арасту муаррифӣ гардида ва аввал аз Форобӣ дигар файласуфон низ афкори навафлотуниро ҳамчун афкори Арасту пазируфта буданд.

Аммо маҳдуд кардани сарчашмаи фалсафаи Ибни Сино фақат бо фалсафаи юнонӣ ғайриимкон аст, омили бунёдии дигар дар муносибат ба фалсафаи ӯ дини Ислом ва биниши тавҳидии он мебошад, ки метавонад дар шаклгирии фалсафаи

метафизикии Ибни Сино таъсиргузор бошад. Вақте ки хонандаи мусалмон бо метафизикаи Арасту ошно мегардид, муҳимтарин интизории ӯ он буд, ки масъалаи асосии метафизика, ҳамчун илм дар мавриди ҳастӣ, ин Худо мебошад. Аммо маҳз Форобӣ ва дертар Ибни Сино ин умедро ботил месозанд ва ҳамчунин онҳо ба ҷойи густариш додани метафизика ҳамчун илми нақлӣ, ки бо омӯзаҳои китоби муқаддас пайвандӣ дошт, онро дар шакли илми ақлонӣ густариш медиҳанд, ки ба таври чашмрас метафизикаро аз омӯзаҳои динӣ дур месозад. Ин эҳтимол вуҷуд дошт, ки метафизикаи юнонӣ дар чаҳорчӯби фалсафаи Калом ҷойгир карда шавад ва ҳанӯз дар оғози зуҳури он, ин таълимотро гирифтори як кӯчаи сарбаста гардонад, аммо маҳз Форобӣ ва Ибни Сино ин хатарро рафъ намуданд. Новобаста аз ин, мо метавонем дини исломро ҳамчун яке аз сарчашмаҳои фалсафаи метафизикии Ибни Сино зикр намоем ва асоси ин андешаи мо он баҳсҳое мебошанд, ки дар ҳавзаи исломӣ аллакай вуҷуд доштанд ва ба афкори Ибни Сино низ таъсири худро расонидаанд. Масъалаи мазкур низ аз ҷониби устод Диноршоев муфассал мавриди баҳс сурат гирифтааст, дар баробари таъсирҳое, ки Ибни Сино аз Форобӣ, фалсафаи калом, Берунӣ ва дигар мактабҳо гирифтааст, таъсири фалсафаи “Ихвон-ус-сафо” низ махсус таъкид мегардад: “Манбаъи муҳими назарии фалсафаи Ибни Сино бешак расоили “Ихвон-ус-сафо ва хилон-ул-вафо” буд. Ин мактаби фалсафӣ-динӣ дар асрҳои 9-10 дар Басра фаъолият дошт, ки аксари аъзои он форснажод буданд. ... Мувофиқи маълумоти “Татмату сивон ал-ҳикма”-и Заҳириддин Байҳақӣ “Расоили Ихвон-ус-сафо” дар дастраси падари Ибни Сино будааст ва ӯ онҳоро мутолаа мекардааст” [70, с. 83].

Яке аз сарчашмаҳои назариявии фалсафаи Ибни Сино ин таълимоти исмоилия мебошад. Аз ишораи ӯ дар “Рисолаи саргузашт” маълум аст, ки хонаводаи ӯ бо ин таълимот бисёр наздик буд. Ба ин ҷанбаи таъсирпазирии Сино Х. Додихудоев ва Н. Саидов бештар таваҷҷуҳ намудаанд. Дар як қатор масъалаҳо ақидаҳои Сино нисбат ба таълимоти расмии ислом дида, ба таълимоти исмоилия бештар наздикӣ дорад. Н. Саидов дар ин маврид назарашро чунин ҷамъбаст менамояд: “Из вышеприведенного, а также из того, что пишет сам Абу Али Ибн

Сино, его учение имело тесную связь с философией исмаилизма, и учение Абу Али Ибн Сино и исмаилизм имели единую теоретическую основу и об этом говорили многие ученые” [270, с. 66].

Фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино ҳамчун “Оғози дувуми метафизика” низ муаррифӣ мегардад, ки ниёз ба як тавзеҳи иловагӣ дорад, зеро он ба ҷаҳонбинии ислом, ба ҷуз аз алоқамандӣ бо баҳсҳои мутакаллимон оид ба масъалаи “чиз”, ҳеҷгуна вобастагӣ надошта, балки ба навгоние, ки ба анъанаи метафизика ворид карда мешавад, рабт мегирад. Ҳадафи асосӣ аз ифодаи зикргардида ин аз ҳамдигар ҷудо гардидани маъниҳои вуҷудӣ ва моҳиятӣ мебошад. Бо вуҷуди он ки Арасту сари масъалаи *ҳастӣ- чун ҳастӣ* мукаррар таъкид менамояд ва дар китобҳои гуногуни “Метафизика”-и худ онро тавзеҳ медиҳад, аммо тамоиле дар мавриди фарқияти маъниҳои вуҷуд ва моҳият нишон надодааст. Чунин як норӯшанӣ дар фалсафаи Арасту боиси он гардидааст, ки баъзе муҳаққиқон сарчашмаи баҳси вуҷуд ва моҳиятро на фалсафаи юнонӣ, балки баҳсҳои наздик ба масоили дини исломӣ медонанд, ки дар поёнтар мо ба ин масъала бармегардем. Фарқи маъниҳои вуҷуд ва моҳиятро мо дар метафизикаҳои Форобӣ ва Ибни Сино ба хубӣ мушоҳида менамоем ва аз ин ҷиҳат он дар анъанаи метафизикӣ ҳамчун “оғози нав” дониста мешавад.

Ҳанӯз то замони пайдоиши шохаи машшоияи фалсафаи асримиёнагии шарқӣ, ки Форобӣ ва Ибни Сино аз он намояндагӣ менамоянд, аллакай дар ҷаҳони ислом илми калом маълум буд, ки пайравони он ҳамчун мутакаллимон шинохта мешуданд. Ибни Сино дар ҳар масъала ақидаи хилоф бо ақоиди мутакаллимон дошт ва ҳамеша онҳоро зери танқид қарор медод. Пайравони фалсафаи Калом асосан ба ду шоха ва ё мактаб тақсим мешуданд: ашъариҳо ва муътазилиҳо. Мавзуъҳои баҳси онҳо сирф аз “Қуръон” ва масъалаҳои бунёдии динӣ сарчашма мегирифт. Ашъариҳо бартариятро ба имон ва эътиқод медиҳанд ва асосан ба “Қуръон” ва ҳадис мутамарказ мегардиданд, баръакси аҳли муътазила, ки мекӯшанд тавассути равишҳои ақлонӣ арзишҳои исломиро асоснок ва масъалаҳои онро тафсир намоянд. Онҳо нисбат ба фалсафаи юнонӣ назари муътадил доштанд ва аз он истиқбол менамуданд, ҳамчунин як қатор

файласуфон, аз ҷумла Ал Киндӣ, Ибни Ровандӣ ва ҳатто баъзе халифаҳои Аббосӣ низ бевосита аз ин мактаб пайравӣ намуда буданд. Маҳз баҳсҳои мутакаллимон боиси рушди фалсафаи асримиёнагӣ мегардад [121, с. 39].

Яке аз назарҳои шинохта, ки сарчашмаи фалсафаи Синоро маҳз мактабҳои фалсафии исломӣ меҳисобад, ба донишманди фаронсавӣ Жан Жоливе тааллуқ дорад. Нахустин маротиба Жоливе исбот менамояд, ки аз ҳам ҷудо сохтани моҳият ва вуҷуд аз ҷониби Ибни Сино на аз анъанаи юнонӣ, балки маҳз аз баҳсҳои мутакаллимон дар мавриди шайъ ва мавҷуд сарчашма гирифтааст [345, с. 19-28; 385, с. 145]. Ӯ таъсири фалсафаи юнониро инкор наменамояд, аммо бар ҷанбаи файласуфони шарқӣ мештар бартарӣ медиҳад. Ба тариқи умумӣ ӯин таъсирҳоро чунин матраҳ месозад: “Французский исследователь – востоковед Жан Жоливе в своей статье «В начале онтологии Ибн Сины» попытался объяснить, как в своем учении Ибн Сина трактовал существование. Согласно этому ученому, онтологическое учение Ибн Сины в сущности берет свое начало от исламской спекуляции. Ж.Жоливе аргументирует свой предположения со ссылкой на 5 раздел первого тома и 1 раздел 5 тома книги «аш-Шифа». Ж. Жоливе сопоставляя эти раздели «аш-Шифа» с учениями некоторых исламских теологов, делает вывод что онтологические идеи Ибн Сины имеют родство с догматическими и полемическими идеями Абу Сулаймана Сиджистани, Ал-Фараби, Шахристани, Фахриддина Рази, и с учениями ашъаритов, муътазилитов и др.” Ж. Жоливе баррасищои худро дар нищоят чунин натиыагирь менамояд: “Он также заключает, что безусловно всем известно, что Ибн Сина во многим обязан Аристотелю и Неоплатоникам, однако его учение о сущности, которое является основным элементом его онтологии, сформировано под влиянием учения Калама” [285, с. 255]

Жоливе ақида дорад, ки таъсири мутакаллимон ба Ибни Сино нисбат ба таъсири Арасту бештар аст, зеро дар анъанаи юнонӣ истифодаи шайъ дар якҷоягӣ бо мавҷуд ба назар намерасад, масалан to on-и юнонӣ бо *мавҷуд* айният дорад, аммо pragma-и юнонӣ бо шайъ дорои айният нест. Висновский ин ақидаи Жоливеро дастгирӣ менамояд ва дар мавриди масъалаи шайъ дар фалсафаи

асримиёнагӣ як таҳқиқи муфассале анҷом медиҳад, аммо ақидаҳои ифротии Жоливе дар ин мавридро нисбатан муътадил мегардонад ва дар асоси матнҳои юнонӣ исбот менамояд, ки аллакай дар фалсафаи юнонӣ мафҳуми шайъ ҳамчун tot i (чизе) ҳамчун мафҳуми бунёдӣ маълум буд [385, с. 152].

Ин ҷо бояд қайд намуд, ки мутакаллимон тамоми метод ва равишҳои исботкунӣ ва инкоркунии худро аз юнониҳо гирифта буданд ва масъалаи "чиз" низ ҳамчун нахустмафҳум дар баҳси маърифатии юнониҳо ба ҳисоб мерафт, ки мо дар фалсафаи Арасту ва файласуфони баъдӣ, дар ҳар маврид метавонем бо он дучор гардем.

Бо зуҳури Форобӣ ва тамоили асосӣ ба фалсафаи юнонӣ тадриҷан мутакаллимон мавқеи худро то муддати муайяне аз даст медиҳанд ва Ибни Сино низ дар ҳама ҷойи фалсафаи худ афкори мутакаллимонро саркуб намудааст, бахше аз он масъалаҳое, ки мутакаллимон баҳс менамуданд, аз ҷониби Форобӣ ва Ибни Сино ба тариқи дигаргуна тафсир ва таҳлил карда мешавад. Аз ҷумла масъалаи вуҷуд ва моҳият, ки аз масъалаҳои мавриди баҳси мутакаллимон буд, аз масъалаҳои асосии фалсафаи Ибни Сино мегардад, аммо дар ин маврид на тасаввуроти мутакаллимон, балки шарҳи нави Форобӣ мавриди писанди ӯ қарор мегирад. Аз ҳамин ҷиҳат мо чунин натиҷагирӣ менамоем, ки дар баробари фалсафаи Афлотун, Арасту ва навафлотуния ҳамчунин мактабҳои фалсафаи асримиёнагӣ низ аз сарчашмаҳои фалсафаи Ибни Сино ба ҳисоб мераванд.

Инро бояд таъкид намоем, ки Ибни Сино як мусулмон аст, Худо дар низоми фалсафии ӯ дорои мақом аст, сухан аз ҳақиқат будани Худо ва ё воҷиб-ул-вуҷуд мезанад, дар мавриди офарида шудани мафҳумҳои куллӣ, ки ҳамчун масъалаи ибдоъ маълум аст, ибораи "инояти худованд"-ро истифода менамояд, ҳамчунин аз малоикаҳо ва ё нафси неруманди пайғамбарон сухан мегӯяд, бахусус агар мо саҳифаҳои охири асари "Шифо"-ро мушоҳида намоем, бахубӣ гироиши Ибни Сино ба боварҳои динӣ ба мушоҳида мерасад, аммо новобаста аз ҳамаи инҳо метавон натиҷагирӣ намуд, ки 90 фоизи илоҳиёти (Сино метафизикаи худро ҳамеша дар бахши илоҳиёти фалсафаи худ матраҳ сохтааст ва аз ин ҷиҳат баъзан мо ба ҷойи метафизика вожаи илоҳиётро истифода мекунем – Н. Ш.) Ибни Сино

дар зери таъсири фалсафаи юнонӣ ба вуҷуд омадааст. Мо метавонем ба тариқи умумӣ сарчашмаи масъалаҳои асосии илоҳиёти Синоро муайян намоем: 1. Ҳастӣ ҳамчун ҳастӣ ҳамчун масъалаи асосии фалсафаи метафизикии Ибни Сино бевосита аз метафизикаи Арасту баромадааст; 2. Ҷавҳар ва араз ва умуман даҳ мақула, новобаста аз навгониҳои вориднамудаи Форобӣ ва Ибни Сино аз фалсафаи Арасту сарчашма мегирад; 3. Куллӣ ва ҷузъӣ чун аразҳои хосси ҳастӣ ва масъалаҳои таркибии он аз қабили ҷинс, навъ фасли хос ва мисли инҳо ҳама аз пайрави ба фалсафаи Арасту баромадааст; 4. Сабаб ва натиҷа. Новобаста аз он ки Ибни Сино шумораи сабабҳоро ба ҳафт мерасонад, боз ҳамон чаҳор сабаби муайянкардаи Арастуро муфассал таҳлил менамояд; 5. Назарияи судур бо шумораи фалакҳо ва ақлҳо баромада аз пайравӣ ба фалсафаи Навафлотуния мебошад; 6. Воҷиб-ул-вуҷуд ҳамчун ақли маҳз ва хайри маҳз низ бевосита аз фалсафаи Афлотун ва Навафлотуния сарчашма мегирад. Дар баробари ин ҳама он чизе, ки Ибни Сино аз сарчашмаҳои мазҳабӣ гирифтааст, ниҳоят ночиз мебошад. Агар ба ин масъала дар асоси таҳлили бевоситаи матнҳои фалсафаи метафизикии Ибни Сино муроҷиат намоем, пас танҳо дар анҷоми метафизика як навъ наздикшавии ақидаҳои Ибни Сино ба масъалаҳои динӣ ба мушоҳида мерасад.

Дар ин қисмат Ибни Сино аз ҳикмати назарӣ ба ҳикмати амалӣ мегузарад ва тавассути таҳлили воқеиятҳои иҷтимоӣ, хонаводагӣ ва шахсӣ мехоҳад камолоти нафси инсонӣ ва саодати инҷаҳонӣ ва онҷаҳонии инсонҳоро фароҳам оварад. Танҳо дар ин бахш мафҳумҳои хосси дин аз қабили пайғамбарӣ, имомат, халифагӣ ва ғайра ба назар мерасанд. Дар ин бахш, ки манзури мо мақолаи даҳуми “Шифо” мебошад, дар муносибат ба итоат аз қонунҳои шаръӣ ҳатто ба таассуб роҳ дода мешавад, ки лоақал дар тааллуқияти бисёре аз ҷумлаҳо ба қалами Ибни Сино шубҳаҳо ба миён меоянд.

Дар ин маврид наметавон оид ба таъсирпазирии Ибни Сино аз ягон таълимоти исломӣ сухан гуфт, балки баръакс ӯ кӯшиш намудааст, ки мафҳум ва боварҳои диниро асоснок гардонад ва ба онҳо як маънии фалсафӣ бахшад. Аз ин хотир мо метавонем дини ислом ва баъзе таълимоти диниро ҳамчун яке аз

сарчашмаҳои фалсафаи метафизикии Ибни Сино эътироф намоем.

Дар баробари сарчашмаҳои юнонӣ ва исломӣ як қатор муҳаққиқон ҳамчунин таъсири таълимоти пешазисломии тоҷикӣ-эронӣ, аз қабили зардуштия, зурвония ва ё монавияро ба фалсафаи Ибни Сино таъкид менамоянд, ки Моревич ва Диноршоев аз ин гурӯҳ мебошанд. Ба ақидаи Моревич чунин таъсирро метавон бавосита мушоҳида намуд. Масалан, таълимоти зардуштия ба назарияи судури навафлотуния таъсир расонидааст ва Ибни Сино дар ин маврид ба тариқи ғайримустақим маҳз аз навафлотуния таъсир гирифтааст [385, с. 190]. Академик М.Диноршоев дар баробари он ки ин таъсирро қайд менамояд, ҳамзамон зикр мекунад, ки ҳануз таъсири бевоситаи таълимоти пешазисломӣ ба фалсафаи Ибни Сино исбот нагардидааст. Мо наметавонем таъсирпазирии Ибни Сино аз фалсафаи пешазисломии эрониро инкор намоем, зеро ҷаҳонбинии эронӣ бо дигар мактабҳои фалсафии юнонӣ ва шарқии марҳалаи исломӣ таъсиргузорӣ кардааст, масалан, он чизе ки Ибни Сино дар муносибат ба масъалаи мабдаъ шарҳ додааст ва ҷаҳони улвиро ҳамчун ватани нафс мешиносад, худ бевосита аз таълимоти монавия низ дарак медиҳад, новобаста аз ин ҳама, ҳанӯз дар ин масъала пажуҳишҳои зарурӣ анҷом нагирифтаанд. Саидов дар ин маврид назари густардатар дошта, оиди таъсирпазирии Сино аз фарҳангҳои ҳиндӣ, чинӣ ва щатто бобуль низ сухан мекунад: “В этом тексте, когда Абу Али Ибн Сино говорит о “науке ...помимо греков.”, имеет в виду древнеиндийскую, древнекитайскую философию и философию Вавилонии и Ирана. Этим Абу Али Ибн Сино, разумеется, имеет в виду то, что философию он изучал не только из греческих, но и из других источников, в частности , из древнеиндийских, древнекитайских, вавилонских и иранских. В произведениях Абу Али Ибн Сино, хотя нет указаний на эти источники, но он говорит о них очен скрыто и завуалировано, Поэтому наша задача состоит в том, чтобы докозать, в какой степени выше названные философские направления и школы служили теоретическими источниками перипатетической философии Запада и Востока и насколько способствовали философскому учению Ибн Сина по проблеме человека, его сущностных сил” [270, с. 35]. Дар ин маврид муҳаққиқ Маҷид

Фахрӣ низ таваҷҷуҳ намудааст ва маводҳоеро пешниҳод намудааст, ки дар мавқеи лозима дар миён мегузорем.

Фалсафаи метафизикии Ибни Сино дорои хусусияти низоммандӣ мебошад. Ҳамеша дар оғоз Ибни Сино мекӯшад исбот кунад, ки қабули метафизика ҳамчун илми мустақил ҳатмист. Маънии номи “метафизика”, фоидаи он, мавзуи омӯзиши он аз қисматҳои ибтидоӣ ва таркибии метафизикаи ӯ ба ҳисоб мераванд. Мавзуи марказӣ ва ягонаи фалсафаи метафизикии Ибни Сино ҳастии мутлақ мебошад ва ҳамаи масъалаҳои дигар танҳо дар нисбат ба он дорои маънӣ мегарданд ва ин масъалаҳо, ки асоси фалсафаи метафизикии ӯро ташкил медиҳанд: ҷавҳар ва араз, қувва ва феъл, кулл ва ҷузъ, сабаб (иллат) ва натиҷа (мусаббаб), воҷиб-ул-вуҷуд ва имкон-ул-вуҷуд ва ё назарияи судур (эманатсия) мебошанд. Ибни Сино масъалаҳои мазкурро низ вобаста ба моҳияташон ба гурӯҳҳо ҷудо менамояд ва ба тариқи системавӣ ба баррасии онҳо мепардозад.

Фалсафаи Ибни Сино дар як заминаи хушк ба вуҷуд наомада буд, таҳлилҳои болои мо нишон медиҳанд, ки фалсафаи Арасту, навафлотуния, Форобӣ, дини ислом ва баъзе мактабҳои қаблазисломии шарқӣ ба фалсафаи ӯ таъсири худро расонида буданд. Аммо Ибни Сино ҳамаи назароти пешинагон ба тариқи густурда инкишоф дода, онҳоро ба як система ва низоми муайян даровардааст, ки дар таълимоти пешинагон чунин низоммандӣ ба назар намерасад. Аз бахши минбаъда сар карда мо ба тариқи тадриҷӣ метафизика ҳамчун илм, мақоми он дар байни дигар илмҳо ва ниҳоят масъалаи ҳастӣ ҳамчун ҳастиро бо лавоҳиқи он мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Мавқеи метафизика дар байни дигар илмҳо, маънӣ ва фоидаи он дар камолоти нафси инсонӣ. Мақсади мо аз “илмҳои фалсафӣ” ҳамон илмҳои назарӣ аст ва дар оғози баҳс моро зарур аст нишон диҳем, ки нахустин маротиба чунин таснифот аз ҷониби Арасту анҷом гирифтааст ва Ибни Сино низ дар пайравӣ аз он мавқеъгирии худро матраҳ гардонидааст. Арасту дар китобҳои чаҳорум, шашум ва ёздаҳуми “Метафизика”-и худ ин масъаларо якчанд маротиба ва ҳар дафъа бо иловаи ҷузъиёти тозае матраҳ менамояд [16, с. 87, 193,

354]. Ӯ донишҳои назариро ба фалсафаи нахустин, табииёт ва риёзиёт тақсим намуда, аввалиро дониши куллӣ ва дуи дигариро ҳамчун порадонишҳо мешиносад, ки ба омӯзиши ҷинсе аз ҳастӣ мепардозанд: “Донише ҳаст, ки ба мавҷуд чунон мавҷуд (to on hei on) ва мутаъолиқот, ё лавоҳиқи он ба худии худ нигариш дорад. Аммо ин ҳеҷ як аз он донишҳое нест, ки порадониш номида мешавад. Зеро ҳеҷ як аз донишҳое дигар мавҷуд чунон мавҷудро дар куллияти он баррасӣ намекунад, балки онҳо порае аз мавҷудро ҷудо мекунанд ва ба баррасиӣ аърози он мепардозанд. Монанди коре, ки донишҳои риёзӣ мекунанд” [16, с. 87-88]. Вай бар он бовар аст, ки ҷавҳаре вуҷуд дорад, ки он ҷовид ва ҷудо аз модда аст ва омӯзиши он наметавонад, ки мавзуи илмҳои табииёт ва риёзиёт бошад, зеро табииёт ба чизҳои мутаҳаррик сару кор дорад ва риёзиёт низ на ҳамеша бо чизҳои ҷудо аз модда сару кор дорад [16, с. 195]. Ҳадафи Арасту, ки чанд маротиба такрор гардидааст, ин нишон додани куллӣ будани мавзуи фалсафаи нахустин аст ва ӯ имкони куллӣ будани дониши табиӣ ва риёзиро низ ба эътибор мегирад ва номумкин будани онро исбот менамояд. Масалан, имкони он вуҷуд дошт, ки илми табиӣ низ ҳамчун илми куллӣ дониста шавад, агар дар паси чизҳои табиӣ як ҷавҳари номутаҳаррик вуҷуд намедошт ва вақте чунин ҷавҳар вуҷуд дорад, мо наметавонем, ки дониши табииро ҳамчун дониши куллӣ қабул намоем: “Зеро ин тардидро метавон дошт, ки оё фалсафаи нахустин куллӣ аст, ё дар бораи як ҷинси муайян, ё як гунаи табиати муайян аст? Чун дар донишҳои риёзӣ низ гуна ва шева яке нест, балки ҳандаса ва ситорашиносӣ дар бораи табиати муайянанд ва риёзиёти куллӣ дар ҳама муштарак аст. Акнун агар як ҷавҳари дигаре дар канори онҳое, ки табиатан ба ҳам гирд омадаанд ёфт нашавад, дар он сурат дониши табиӣ метавонист дониши нахустин бошад. Аммо агар як ҷавҳари номутаҳаррик вуҷуд дорад, пас ҷавҳари муқаддам аст ва дониши он фалсафаи нахустин аст, ки куллӣ аст, зеро нахустин аст” [16, с. 195]. Азбаски дониши табиӣ бо чизҳои ҳисшаванда сару кор дорад, ин эҳтимолият низ вуҷуд дорад, ки онро бо донишҳои амалӣ ва созанда ба иштибоҳ гирем. Арасту дар ин мавриd сарчашмаи ҳаракат дар ин илмҳоро асос қарор медиҳад, яъне дар донишҳои созанда ва амалӣ сарчашмаи ҳаракат на дар чизи сохташуда, балки дар

созанда ва ё тавлидкунанда қарор дорад, аммо дар чизҳое, ки табиият бо он сару кор дорад, сарчашмаи ҳаракат дар худи чизҳо мебошад, бинобар ин табиият илми амалӣ ва созанда набуда, балки илми назарӣ мебошад: “Аммо аз он ҷо ки донише дар бораи табиат вуҷуд дорад, равшан аст, ки ин дониш ҳам бо дониши муваллид ва ҳам амалӣ мутафовут хоҳад буд. Зеро дар дониши созанда мабдаъ ё маншаъи ҳаракат дар созанда аст, на дар сохта ва он: ё як саноат (ҳунар, ё фан) аст, ё тавонмандии дигаре аст. Пас аз ин ҷо равшан мешавад, ки дониши табиӣ на амалӣ ва на созанда аст, балки билзарура дониши назарӣ аст.” [16, с. 364]. Арасту риёзиётро ҳамчун илми “миёна” мешиносад, ки дертар Ибни Сино низ ин фикрро истифода кардааст ва ҳадафи Арасту ин дар байни суратҳо ва ё идеяҳо аз як тараф ва чизҳои физикӣ аз тарафи дигар қарор гирифтани масъалаҳои мавриди баҳсҳои риёзӣ мебошад [16, с. 345].

Мавзуи риёзиёт ин идеяҳо нест, зеро он дар бораи чизҳои ҷудо аз модда баҳс намекунад, ҳамчунин он дар бораи чизҳои табиӣ нест, зеро сарчашмаи ҳаракати чизҳои табиӣ дар худи онҳо ҳаст, на берун аз онҳо, ҳоло он ки риёзиёт доир ба чизҳои собит, аммо на ҳамеша ҷудо аз модда баҳс мекунад: “Манзурам ин аст, ки чизҳои риёзиро “миёнӣ” байни мусул (сувар) ва маҳсусот қарор медиҳанд, монанди “чизҳои саввум” дар канори сувар ва чизҳои инҷаҳон.” [16, с. 344].

Арасту донишҳои назариро бар донишҳои дигар бартарият медиҳад, зеро онҳо доир ба умури ҷудо аз модда ва арҷмандтарин ҷинсҳо баҳс менамоянд ва дар як вақт ӯ фалсафаи нахустинро бар донишҳои дигари назарӣ бартар меҳисобад [16, с. 195]. Ба ақидаи Арасту *ҳастӣ -чун ҳастӣ* ҷавҳар буда: ”Пас возеҳ аст, ки нигариш дар мавҷудот[ta on ta] чунон мавҷудот ҳам кори як дониш аст. Аммо дар ҳамаи умур, дониш ба ҳақ ба чизе мепардозад, ки муқаддам ва аввал аст ва чизҳои дигар вобаста ба онанд ва ба сабаби он номида мешаванд. Акнун агар он чиз (нахуст ва муқаддам) ҷавҳар аст, пас кӯшиши файласуф бояд дарёфт ва шинохти мабодӣ (аслҳо) ва илатҳои (такҷавҳарҳо) бошад.” [16, с. 90], муқаддам будани ин ҷавҳар бар чизҳои дигарро файласуфон дарк карда наметавонанд. Ӯ таъкид менамояд, ки вазифаи файласуф ва ҳамчунин фалсафаи нахустин ин ҷустуҷӯи ҳақиқати ҷавҳари нахустин, яъне *ҳастӣ -чун ҳастӣ* ва

омӯзиши он дар якҷоягӣ бо аразҳои ба он тааллуқдошта мебошад: “ Аммо агар чизе ҳаст, ки ҳамешагӣ, номутаҳаррик ва ҷудо аз модда аст, бадеҳӣ аст, ки шинохти он кори дониши назарӣ аст: аммо мутмаинан на кори дониши табиӣ аст, на кори риёзиёт, балки коре аст, ки бар ҳар дуи ин донишҳо муқаддам аст. Дониши нахуст ба чизҳое ҷудо аз модда ва чизҳое номутаҳаррик мепардозад.”[16, с. 195]. Чунин равиши арастуӣ бо тобишҳо ва махсусияти алоҳида дар фалсафаи Ибни Сино низ инкишоф ёфтааст, ки дар мавридҳои зарурӣ мо метавонем аз рӯйи биниши муқоисавӣ ба ақидаҳои Арасту муроҷиат намоем.

Дар асарҳои марбут ба метафизикаи худ, Ибни Сино дар пайравӣ аз Арасту ва дар асоси маҳакҳои гуногун, масалан дар асоси муносибати онҳо бо амали инсон, суди ин илмҳо барои инсон ва ё дар алоқамандӣ бо масъалаи ҷавҳар илмҳои фалсафиро тасниф, мавзуъ ва ҳудуди онҳоро мушаххас ва ниҳоятан тартибу низоми мавзуъҳоро муайян намудааст. Бо вуҷуди он ки Ибни Сино бо равиши арастуӣ ба матраҳсозии масъалаҳо оғоз менамояд, аммо чун масъалаҳои ҳадаф ва мақсад ба миён меоянд, Ибни Сино бештар ба фалсафаи Навафлотуния наздик мегардад. Барои ҳамаи илмҳо ин чиз хос аст, ки кадом мавзуъ объекти омӯзиши он илм мебошад ва ин илмҳо маҳз дар ҳамин контексти муайян мавзуи худро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд. Дар баробари таснифи худ Ибни Сино ҳам табиати шохаҳои илмро шарҳ медиҳад ва ҳам зарурати ин илм барои ҳаёти инсонро асоснок мегардонад. “Донишнома” низ маҳз бо чунин тасниф оғоз меёбад. Маҳаки асосии тасниф дар ин ҷо алоқамандии байни амали инсон ва мавзуи омӯзиши ин илмҳо қабул шудааст ва дар ҳамин алоқамандӣ ҳамаи илмҳо нахуст ба ду шоха тақсим карда мешаванд:

1. Илмҳое, ки мавзуи онҳо аз амали мо вобастагӣ доранд, яъне шарти вуҷуди онҳо амали мост [16, с. 363];

2. Илмҳое, ки мавзуи онҳо аз амали мо вобастагӣ надорад. Мисоли Ибни Сино барои гурӯҳи аввал худи амали инсон ва барои гурӯҳи дувум замин, осмон, ҳайвонот ва ё растаниҳо мебошад [2, с. 216].

Ин шарҳ як нақши муайян мебозад барои қадами минбаъдаи тасниф, ки дар

он илмҳои фалсафӣ ба ду гурӯҳ тақсим карда мешаванд:

1. Илмҳои амалӣ, ки тарзи амалкарди моро дарбар мегирад;
2. Илмҳои назарӣ, ки омӯзиши ҳолати чизҳоро асос қарор медиҳанд.

Чизи муҳим он аст, ки дар бунёди ин тақсимот тасаввуроти Ибни Сино, ки он низ ҳанӯз аз фалсафаи афлотунӣ сарчашма мегирад, дар мавриди саодат ва камолоти нафси инсонӣ, ки тамоили асосии метафизикаи асримиёнагиро ташкил медиҳад, қарор дорад. Шояд навгонии асосие, ки Ибни Сино дар таснифоти илмҳои назарӣ ва алоқамандии онҳо бо илмҳои амалӣ ворид месозад, ин асос қарор додани ҳолати инсон ва ба камолот расонидани қувои амалӣ ва назарии инсонӣ мебошад, ки дар таснифи Арасту чандон дурахшон намебошад. Ҳадафи ҳар ду шохаи илм, яъне ҳам илмҳои амалӣ ва ҳам назарӣ, ба камолот расонидани қувои назарӣ ва амалии нафси инсонӣ ва зуҳур кардани ақли амалӣ мебошад: “Улуми назарӣ улуме ҳастанд, ки мақсуд аз онҳо ба камол расидани қувваи назарии нафс ва ҳусули ақли билфеъл аст. Ва ин [ҳусули ақли билфеъл] бо таҳсили илми тасаввурӣ ва тасдиқӣ ба умуре ба даст меояд, ки дар зоти худ афъол ва аҳволи нафсонии мо нестанд ва лизо ғоят дар улуми назарӣ ба даст овардани рой ва эътиқод аст. Улуми амалӣ улуме ҳастанд, ки мақсуд аз онҳо аввалан ба камол расидани қувваи назарӣ аз роҳи таҳсили улуми тасаввурӣ ва тасдиқӣ ба умуре аст, ки дар зоти худ афъоли мо ҳастанд” [6, с. 3].

Дар идома Ибни Сино илмҳои амалӣ ва назариро низ ба се гурӯҳ тақсим менамояд. Илмҳои амалӣ ба чунин соҳаҳо тақсим мешаванд:

1.1. тадбири оми мардум, ки дар навбати худ ба ду бахш тақсим мешавад: а) шариат (шароеъ) ва ё қонунҳои динӣ; б) сиёсат;

Аз ин ду илм Ибни Сино шариатро асл меҳисобад ва сиёсатро ҳамчун шоҳу халифа, ки аз асл бояд пайравӣ намоянд ва дар низоми ҷомеа саҳм дошта бошанд;

1.2. Илми тадбири манзил. Ҳадаф аз ин илм низом дар хонавода, яъне миёни зану шавҳар ва падару фарзандон мебошад;

1.3. Илми тадбири худ ва ё нафси худ. Ҳамин тавр Ибни Сино се намуди илми амалиро зикр менамояд: 1. Илми тадбири шаҳр; 2. Илми тадбири манзил; 3. Илми тадбири худ [2, с. 216].

Дар ҳамин муносибат, як назари ҷолиби дигари Ибни Сино вуҷуд дорад, ки ӯ ҳам илмҳои назарӣ ва ҳам амалиро ба чаҳор бахш низ тақсим кардааст, аммо ин равиш на аз ҷониби дигарон ва на аз ҷониби худи Ибни Сино пайгирӣ нагардидааст. Ба ин ҷанбаи назари Ибни Сино Диноршоев таваҷҷуҳ намудааст ва ин маъниро чунин ифода кардааст: “Ибни Сино дар асараш “Ҳикмат-ул-машриқия” дар ин табақабандии улум ду тағйироти басо ҷиддӣ ворид намудааст: аввалан ӯ фалсафаро ба номи илми куллӣ аз илоҳиёт ҷудо кардааст ва фалсафаи назариро аз чаҳор қисмати мустақил, яъне: 1. Табиъиёт.2. Риёзиёт.3. Илми куллӣ. 4. Илоҳиёт иборат донистааст. Сониян, фиқҳро ба ҳайси илми мустақил шинохта фалсафаи амалиро низ ба чаҳор қисмат табақабандӣ кардааст: 1. Илми ахлоқ. 2. Илми тадбири манзил. 3. Илми тадбири мудун. 4. Фиқҳ. Аммо бо таассуф бояд гуфт, ки ин кӯшиши ҷиддӣ ва аз лиҳози равишшиносӣ самарабахши Ибни Сино дар таърихи фалсафа ва афкори иҷтимоъӣ ба таври бояду шояд арҷгузорӣ нагардидааст ва пазируфта нашудааст” [71, с. 65].

Дар маркази таснифи илмҳои амалӣ пеш аз ҳама ҳолати инсон қарор дорад, зеро ба ақидаи Ибни Сино ҳолати инсон ё дар худии худ, ё дар ҳамбастагӣ бо дигарон, масалан, ҳамшаҳриён ва ё ҳамхонаводаҳо қарор дорад. Дар ин ҷо на танҳо меъёрҳои умумии динӣ-иҷтимоӣ, балки феноменҳои вуҷудӣ низ ба назар гирифта шудааст. Ҳадафи ниҳоии ин илм на фақат саодати инҷаҳонӣ, балки саодати онҷаҳонӣ низ мебошад. Ба хубӣ метавон дарк намуд, ки дар бунёди чунин ақидаи Ибни Сино, агар аз як ҷиҳат ақидаи афлотунӣ қарор дошта бошад, аз дигар ҷониб, биниши динӣ қарор дорад, ки дар дини зардуштия ва ислом ба мушоҳида мерасад.

Новобаста аз оне ки масоили зикргардида ба илми амалӣ тааллуқ дорад, он як бахши метафизикаро ташкил медиҳад ва сарфи назар кардани масоили илмҳои амалӣ фалсафаи метафизикии Синоро ноқис мегардонад.

Ин бахш, ки онро метавон метафизикаи ахлоқ ва сиёсат низ номид, бо он ба метафизикаи умумӣ алоқамандӣ мегирад, ки бо мақсади ниҳоии илми куллӣ пайвастагӣ меёбад, яъне ҳадаф ин расидан ба саодати ҳам инҷаҳонӣ ва ҳам онҷаҳонӣ мебошад. Дар бахши охири пажуҳиши мазкур мо назарияҳои Синоро

дар ин мавриd боиси таҳлил қарор медиҳем.

Дар навбати худ илмҳои назарӣ низ ба се гурӯҳ тақсим карда мешаванд: якум, илми барин ва ё пешин, дувум, илми миёна ва ё илми фарҳангу риёзат ва савум, илми зерин ва ё табиӣ. Дар оғози параграфи мазкур мо назари Арасту дар ин мавридро матраҳ сохтаем, ки шабоҳатҳои зиёде дар ин назарҳо вуҷуд дорад. Маҳаки асосие, ки дар пояи онҳо ин илмҳо гурӯҳбандӣ карда мешаванд, ҳолати чизҳо ва алоқаи онҳо бо модда мебошад. Ба ақидаи Ибни Сино ҳамаи чизҳоро метавон дар се ҳолат дарёфт намуд: 1. Чизҳое, ки ҳеҷ гуна алоқамандӣ ба модда ва ҳаракат надоранд. Инҳо, барои мисол, ақл, ҷисми мутлақ, воҷиб-ул-вуҷуд, мафҳуми ҷинсӣ ва ғайра мебошанд. Инҳо новобаста аз модда вуҷуд доранд, зеро бунёдан аз модда ҷудо ҳастанд ва аз модда вобаста нестанд; 2. Ба гурӯҳи дувум чизҳое дохил мешаванд, ки бо вуҷуди бо модда ва чизҳои материалӣ дар алоқамандӣ қарор доштан, дар тасаввур ин чизҳоро метавон аз модда ҷудо намуд, барои шинохти ин чизҳо алоқамандии онҳо бо модда нақшеро намебозад, масалан, секунҷа, чоркунҷа, давра ва ғайра; 3. Ба гурӯҳи савум чизҳое дохил мешаванд, ки танҳо дар модда ҳастанд ва онҳоро танҳо дар алоқамандӣ бо модда ва ҳаракат шинохтан ва муайян кардан мумкин аст [2, с. 218]. Дар ҳамин алоқамандӣ мавзуъҳои номбаршуда мавзуъҳои шохаҳои илм, аз қабили метафизика (илоҳиёт), математика (риёзиёт) ва физика (табииёт) мегарданд.

Ҳангоми муайян намудани шохаҳои илмҳои назарӣ, ҳамчунин муайян намудани мавзуъҳои онҳо Ибни Сино ҳолати чизҳо ва муносибати онҳоро бо модда ҳамчун маҳаки асосӣ қарор медиҳад. Ба ақидаи ӯ, предмети табииёт ин ҷисмҳои бо эҳсос даркшаванда, ҳамчун ҷисм дар ҳаракат ва оромӣ ва чизҳое, ки ба тариқи аразӣ ба ҷисм ориз мегарданд мебошанд. Дар муқоиса бо табииёт риёзиёт, ҳамчун фанни алоҳида, осонфаҳм мебошад, зеро дар он масъалаҳое мавриди баҳс қарор мегиранд, ки аз ҳаракат ва дигаргуншавӣ ҷудо гардонда шудаанд. Мавзуи риёзиёт як миқдори аз модда ҷудогардонидашуда ва ё чизе, ки миқдор дорад, мебошад. Шохаҳои илмие аз қабили ҳандаса, арифметика, ситорашиносӣ, мусиқӣ, оптика, техника, илми атмосфераи ҳаракаткунанда ва ғайра ба риёзиёт тааллуқ доранд: “Ва дигар илми риёзӣ аст ва андар вай ташвиш

ва ихтилоф кам уфтад, зеро ки аз ҷунбиш ва гардиш дур аст ва мавзуи вай чун ба ҷумла гирӣ, чандӣ аст ва чун ба тафсил гирӣ, “андоза ва шумор аст”. Ва илми ҳандаса ва илми ҳисоб ва илми ҳайати олам ва илми мусиқӣ ва илми манозир ва илми асқол ва илми укари мутаҳаррик ва илми ҳиял ва ҳар чи бад ин монад, аз ӯст” [2, с. 218].

Аммо мавзуи метафизика ба куллӣ аз мавзуи илмҳои табииёт ва риёзиёт фарқ дорад. Мавзуи метафизика на объектҳои ҷузъӣ ва маҳдуд, балки мавҷуди мутлақ аст. Муҳтавои пурсиши ин илм аз худи ҳастӣ сарчашма мегирад, на аз хусусиятҳои ҳастӣ ва ё аз объектҳои табиӣ ва риёзӣ. Ниёзӣ метафизикаро ҳамчун нуқтаи олии пайвастагии илмҳо меҳисобад: “Мартабаи аълои пайвастагии илмҳо ё интегратсияи илмҳо ба андешаи Абунасри Форобӣ ва Шайхурраис Ибни Сино илми хос, ё метафизика мебошад. Илми хос сарчашма ва асосҳое барои тамоми илмҳои омм (умумӣ) мебошад ва аразҳо ва ҷавҳари мураккаб ва басит мепайванданд. Аз назари мо ин маънои онро дорад, ки баргашти хостар ба хос, хос ба ом ва аз ом ба омтар мерасад. Анҷоми он ба ҳадди умумие, ки дар поёнтарини он умумияти дигаре нест, мерасад. Ончи дар бораи хостар ва омтар зикр кардем, ба мураккаб ва басит рост меояд”[90, с. 115].

Дар фалсафаи асримиёнагӣ Худо принсипи ҳамаи чизҳост ва пеш аз офаридаҳои худ қарор дорад, пас бояд илм дар бораи Худо низ мабдаи илмҳои ҷузъӣ бошад. Азбаски Худо як мавҷуди ҷудо аз модда ва абстракт аст, дар баробари ҳастии мутлақ ва лавоҳиқи он, ки ҳамагӣ ҷудо аз модда ҳастанд, яке аз масъалаҳои метафизика ба ҳисоб меравад. Аз ин нуқтаи назар, метафизика ҳамчун илми барин ва ё фалсафаи аввалӣ шинохта мешавад.

Ибни Сино муносибати фалсафаи нахустин бо дигар илмҳои назариро муфассалтар ва амиқтар шарҳ медиҳад. Фалсафаи нахустин вобаста ба мавзуи мавриди омӯзиши худ ҳамеша муқаддамтар аз илмҳои назарии дигар қарор дорад. Аммо дар баъзе ҳолатҳо, бо вуҷуди он ки он ҳамчун илми барин дониста мешавад, пас аз илмҳои ҷузъӣ, яъне табииёт ва риёзиёт меояд. Ибни Сино сабаби инро дар он мебинад, ки бисёре аз масъалаҳои метафизикӣ танҳо дар илмҳои ҷузъӣ шинохта ва исбот карда мешаванд ва вобастагии метафизика аз ин илмҳо

ба мушоҳида мерасад. Масалан, масъалаҳои метафизикие чун кавн, фасод, тағйир, макон, замон, ҳар як чизи ҳаракаткунанда дорои як муҳаррик мебошад ва ин занҷира бо як ҳаракатдиҳандаи аввалин ба анҷом мерасад, ки танҳо дар илми табиият қобили исбот мебошад. Масъалаҳои дигари метафизикӣ ба мисли Худо, малоикаҳо ва мақоми онҳо, низоми ҷаҳон дар асоси қабатҳои он ва мисли инҳо танҳо дар маҳдудаи илми риёзиёт қобили исботкунӣ мебошанд. Ҳамаи ин маърифатҳо танҳо тавассути астраномия ва ё илми фалак имконпазир аст. Аммо худи илми ситорашиносӣ танҳо тавассути илми ҳисоб ва ҳандаса қобили омӯзиш мебошад: "Дар боби илми риёзӣ, ба ин далел, ки мақсади ниҳоӣ дар ин илм шинохти тадбири худои таъоло ва шинохти малоики руҳонӣ ва табақоти онҳо, ва шинохти низоми олам ба тартиби афлоки он аст, ва ҷуз бо илми ҳайат наметавон ба маърифати инҳо даст ёфт ва илми ҳайатро ҷуз аз роҳи ҳисоб ва ҳандаса наметавон ба чанг овард" [6, с. 15]. Чунин назари Ибни Сино мавриди баҳс ва интиқод аст, ки ӯ ҳадафи ниҳоии риёзиётро исботи Худо ва малоик медонад. Исботи онҳо дар заминаи риёзиёт ғайриимкон мебошад.

Сино дар мавриди муносибати метафизика бо илмҳои ҷузъӣ масъалаи дигареро низ қайд менамояд. Ӯ таъкид менамояд, ки масъалаҳои метафизика принсип, ё асосҳои илмҳои табиият ва риёзиёт мебошанд. Аз ин ҷиҳат метавон ҳадс зад, ки агар дар баъзе мавридҳо метафизика пас аз илмҳои ҷузъӣ истад, пас шояд масъалаҳои табиӣ ва риёзӣ низ асосҳои илми метафизика шуда тавонанд. Дар асоси як баҳси тулонӣ Ибни Сино ин имкониятро инкор мекунад. Худи асос дар ин ҷо ба ду гурӯҳ тақсим карда мешавад: асосҳои воқеӣ ва асосҳои ғайривоқеӣ. Асосҳои воқеии як илм фақат ҳамон асосҳоеанд, ки бовариеро пешниҳод менамоянд, ки аз ноҳияи сабабҳо ҳастанд, яъне онҳо ба саволи "барои чӣ?" (бурҳони лимма) ҷавоб медиҳанд: "Ба илова, мабдаи як илм вақте мабдаи ҳақиқист, ки ахзи он яқинеро ба даст диҳад, ки аз ноҳияи иллат касб шудааст, яъне лимми онро ба даст диҳад; ва аммо агар мабдае иллатро ба даст надиҳад, мегӯянд, ки мабдаи ғайриҳақиқист" [6, с. 15]. Аксаран илмҳои табиият ва риёзиёт на ба саволи "барои чӣ?", балки ба саволи "Чӣ?" (бурҳони инна) ҷавоб медиҳанд. Танҳо дар метафизика ҷавоб ба саволи "барои чӣ?" вуҷуд дорад. Маҳз аз ҳамин

хотир масъалаҳои табии ва риёзӣ наметавонанд, ки асосҳои метафизикӣ гарданд, он гуна ки масъалаҳои метафизикӣ асосҳои табииёт ва риёзиёт мегарданд. Дар натиҷа, асоси метафизика, ки ҳадафи ин илм мебошад, пеш аз асосҳои илмҳои табиӣ ва риёзӣ меистад ва маҳз аз ҳамин ҷиҳат мо бояд метафизикаро дар оғоз ва пеш аз ду илми дигар омӯзем. Баръакси дигар китобҳо, ки қисмати метафизика баъд аз қисматҳои табииёт ва риёзиёт меояд, дар "Донишнома" қисмати метафизика аввал ва ду илми дигар пас аз он меоянд.

Ибни Сино дар нисбати мафҳуми "мобаъдуттабиа" назари интиқодӣ дорад, ки ин боиси тавзеҳи баъзе аз муҳаққиқон гардидааст. Масалан, Кобуш дар ин маврид муносибати Ибни Сино бо мафҳуми метафизикаро аз ду дидгоҳ матраҳ намудааст: аз дидгоҳи инсонӣ, ки дар ҳақиқат метавон онро "пасофизика" номид. Аммо ба худии худ он "пешазфизика" мебошад, зеро донишҳо ва мавзуъҳои метафизикӣ ҳамеша пеш аз табииёт меоянд [363, с. 177]. Ба андешаи Ибни Сино таркиби физика (табиат) дар калимаи метафизика (мобаъдуттабиа) аз маънии қувва, ки принсипи ҳаракат ва оромӣ мебошад, наомадааст, балки он ифодакунандаи чизҳои моддиест, ки мо ҳангоми мушоҳида нахуст бо онҳо дучор меоем. Агар метафизика дар худии худ гирифта шавад, он гоҳ он пеш аз табиат меистад ва аз ҳамин ҷиҳат бояд онро на мобаъдуттабиа, балки моқаблуттабиа номида шавад: "Ва маънои мобаъдуттабиа баъд будан нисбат ба мост. Зеро аввалбор, ки вуҷудро мавриди мушоҳида қарор медиҳем ва бар аҳволи он пай мебарем, ҳамин вуҷуди табииро мебинем. Ва аммо номе, ки ин илм ба лиҳози зоти худ сазовори номидашудан ба он ном аст, иборат аз ин аст, ки илми моқаблуттабиа номида шавад. Зеро умури мавриди баҳс дар ин илм аз ҳайси зот ва умумият қабл аз табиат ҳастанд" [6, с. 15].

Чунонки мушоҳида мешавад, номи метафизика танҳо аз дидгоҳи мо бо воқеият мутобиқат мекунад ва дар худии худ онро бояд моқаблуттабиа номем. Ҳамин тавр принсипҳои табииёт ва риёзиёт пас аз принсипҳои метафизика меоянд ва тавассути принсипҳои табииёт ва риёзиёт исбот кардани принсипи аввалин ғайриимкон аст. Аз ҳамин ҷиҳат он дар худии худ на метафизика, балки антефизика ва ё пешазфизика мебошад.

Яке аз масъалаҳои дигар, ки файласуфони мусулмон ҳанӯз дар оғози ҳар як аз осори худ онро асоснок менамуданд, ин манфиати ҳар як илм, аз ҷумла манфиати метафизика, мебошад. Ибни Сино низ ҳамеша ба чунин иқдом даст задааст. Ӯ дар ин маврид як назари умумӣ ҳам дар мавриди илмҳои амалӣ ва ҳам назарӣ дорад, ки мувофиқи он ҳамаи ин илмҳо манфиатбахш ва ёрирасон ҳастанд барои ба камол расонидани нафси инсонӣ ва ба саодати ҳар ду ҷаҳон расондани онҳост. Дар “Донишнома” ӯ ин матлабро чунин ифода намудааст: “Гунае он бувад, ки аз ҳоли куниши мо огаҳӣ диҳад ва инро илми амалӣ хонанд, зеро ки фоидаи вай он аст, ки бидонем, ки моро чӣ бояд кардан, то кори инҷаҳонии мо сохта бошад ва кори онҷаҳонӣ умедвор бувад. Ва дигар аз ҳоли ҳастии чизҳо моро огоҳӣ диҳад, то ҷони мо сурати хеш биёбад ва некбахтии онҷаҳонӣ бувад” [2, с. 216].

Ҳамин маъниро Ибни Сино дар “Шифо” нисбатан маҳдудтар ва бидуни зикри ҷаҳони баъдӣ ва танҳо бо зикри камолоти қувваи назарӣ ва амалии нафс қайд менамояд: “Улуми назарӣ улуме ҳастанд, ки мақсуд аз онҳо ба камол расидани қувваи назарии нафс ва ҳусули нафси би-л-феъл аст. Улуми амалӣ улуме ҳастанд, ки мақсад аз онҳо аввалан ба камол расидани қувваи назарӣ аз роҳи таҳсили улуми тасаввурӣ ва тасдиқӣ ба умурест, ки дар зоти худ аз қабили афъоли мо ҳастанд, то дар марҳалаи дуввум аз он тариқ дар ахлоқ ба камол расидани қувваи амалӣ ба даст ояд” [6, с. 3].

Дар ин маврид Ибни Сино аз фалсафаи Афлотун илҳом гирифтааст ва ғояи бунёдии воҷиб-ул-вуҷуд низ бо ҳамин масъала, яъне ба камол расонидани қувваи назарии нафс, алоқамандӣ дорад. Бо матраҳ сохтани ҳақиқати воҷиб-ул-вуҷуд ҳамчун хайри маҳз ва ақли маҳз Ибни Сино ҳадафи ниҳоии инсониро ин раҳо гардидан аз маҳсусот ва айният ёфтан бо ақл ва хайри маҳз медонад, ки ҳамчун олитарин саодат шинохта мешавад.

Ба хотири дарки бештар аз масъалаи метафизика, ё фалсафаи нахустин, муносибати он бо дигар илмҳои назарӣ, хусусиёти фарқкунандаи онҳо, дар оғози ин бахш мо маълумоти муфассал оиди масъалаҳои номбурда дар фалсафаи Арастуро пешкаш намудем ва дар идома, бевосита, таснифоти илмҳои амалӣ ва

назарӣ дар фалсафаи Ибни Сино, маҳаки асосие, ки дар бунёди чунин таснифот қарор дорадро матраҳ намудем. Робитаи метафизика бо дигар илмҳои назарӣ, маънии метафизика ва дар ниҳоят фоидаи он барои хонандаро дар қисмати ниҳоии бахши мазкур мавриди таҳлил қарор додем. Аммо барои ба вуҷуд овардани як тасаввуроти комил дар бахши минбаъда бори дигар мавзуи асосии метафизика ва дар анҷоми он назари Ибни Сино дар мавриди масъалаи Худо ва муносибати он бо метафизикаро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Мавзуи асосӣ ва масъалаи Худо дар метафизика аз назари Ибни Сино. Дар бахши пешина мо аллакай мавзуи асосии метафизикаро дар алоқамандӣ ба мавзуъҳои илмҳои табиият ва риёзиёт хотиррасон намудем. Ҳоло бошад ин масъаларо каме муфассалтар ва ҳамчунин бахшҳои асосии метафизикаро дар заминаи таҳлили бевоситаи матнҳо мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Аҳаммияти масъалаи мазкур аз он ҷиҳат низ муҳим мебошад, ки он дар як замони муайяни таърихӣ фаротар аз доираи баҳси фалсафӣ қарор гирифта буд. Вақте ки "Метафизика"-и Арасту нахустин маротиба бо забони арабӣ тарҷума мегардад, мусалмонон он интизорро доштанд, ки файласуфи юнонӣ мавзуи Худоро дар маркази ин асар қарор додааст ва дар он сухан дар бораи як таълимоти тавҳидӣ меравад. Чӣ донишмандони радаи аввал ва чӣ хонандаи одӣ ин масъалаҳоро дар асар ёфта наметавонанд ва шикасти интизориҳо боиси он мегардад, ки як навъ рӯҳияи навмедӣ ва сардаргумӣ ба вуҷуд ояд. Ин сардаргумӣ Форобиро водор сохт, ки рисолае нависад ва мақсади Арасту аз илми метафизикаро барои аҳли фалсафаи ҷомеаи асримиёнагӣ муайян созад. Ибни Сино низ иқрор мешавад, ки рисолаи "Метафизика"-и Арастуро 40 маротиба хондааст ва ҳадафи муаллиф барояш номуайян боқӣ мондааст.

Барои беҳтар дарк кардани масъала, беҳтар мебуд агар мо дар оғоз бевосита ишораҳои Форобӣ ва Синоро дар миён гузорем: Форобӣ дар оғози рисолаи "Мақосиди метафизикаи Арасту" қайд менамояд, ки хонандагони мусулмон аз метафизикаи Арасту ҳамон интизореро доштанд, ки аз илоҳиёт ва ё илми тавҳидӣ доштанд. Чун онҳо ин маъниро дар "Метафизика"-и Арасту ба ғайр аз китоби 11-уми ин асар пайдо нанамуданд, навмед гардиданд. Форобӣ

меоварад: “Ғарази мо аз ин рисола он аст, ки ба мақсуде, ки китоби Арасту маъруф ба Мобаъдуттабиа онро дар бар дорад ва низ ақсоми тақсимбандиҳои нахустин, ки марбут ба ин китоб аст, бипардозем. Чун бисёре мардумон мепиндоранд, ки муҳтаво ва мазмуни ин китоб ҳамон сухан дар мавриди Худойи таъоло ва ақл ва нафс ва дигар умури муносиб бо он аст ва ин ки илми мобаъдултабиа ва илми тавҳид як донишанд ва аз ин рӯст, ки бештари пажӯҳандагони ин китобро саргаштаю ҳайрон меёбем, чӣ бештари матлаби онро холӣ аз чунин умуре меёбанд”[111, с. 57]. Сабаби чунин ҳолат барои хонандаи мусалмони он замон дар он буд, ки Арасту дар ин асар оид ба як ҳастии мутлақе сухан менамояд, ки ҷовидона, ҷудо аз модда ва фаротар аз ҳар мавҷуди дигар мебошад ва ин сифатҳо бо сифоти Худо, ки дар таълимоти исломӣ низ таҷассум ёфта буд, бисёр шабеҳ буданд. Аммо шабеҳ будан ҳанӯз маънии айният доштан ва ё бо хости дил ва тасаввурот мувофиқат карданро надорад.

Ибни Сино низ дар “Рисолаи саргузашт” ҳолати худ дар муносибат бо ин масъаларо равшан тасвир намудааст. Дар оғози ин навишта Ибни Сино аз вожаҳои “*нафаҳмидам*” ва “*ғарази муаллифи он бар ман пушида монд*” истифода бурдааст, ки онҳо далолат ба муҳтавои асар ва ҳамчунин мақсади муаллиф менамоянд. Сипас фаҳми муҳтавои асар тавассути рисолаи Форобиро зикр намудааст: “Бинобар ин, онро (“Мо баъд-ут-табиа”-и Арастуро – Н.Ш.) чиҳил бор такроран хондам ва маро азбар шуд. Бо вуҷуди ин, китоб ва мақсади муаллифи онро нафаҳмидам ва аз худ навмед шуда гуфтам: “Ин китобест, ки ба ҳеҷ роҳ фаҳмида намешавад”. Ман онро харида, дидам, ки китоби Абунасри Форобӣ “Фи ағрози китоби “Мо баъду-т-табиа” будааст. Пас аз ба хона баргаштан онро бошитоб хондам ва дарҳол ғаразҳои он китоб, ки дар дили ман маҳфуз буд, бар ман кушода шуданд” [2, с. 158].

Ҳамин тавр, нахустин маротиба дар фалсафаи асримиёнагии шарқӣ Форобӣ мавзуи асосии метафизикаи Арастуро, ки *ҳастӣ -чун ҳастӣ* ва ё *ҳастии мутлақ* аст, возеҳ месозад ва он аз ҷониби Ибни Сино инкишоф ёфта ба як низоми муайян дароварда мешавад, ки қаблан чунин як низомнокиро мо дучор намеоем. Дар оғози ҳар як асари худ, ки бевосита ба ҳастишиносӣ ва ё

метафизика бахшида шудааст, Ибни Сино нахуст мавзуи асосии илми мазкур ва масъалаҳои асосии онро тавзеҳ медиҳад.

Пеш аз он ки мо бевосита ба масъалаи асосии бахши мазкур баргардем, бояд як нуктаи муҳими дигареро низ қайд намоем, ки Форобӣ ва Ибни Сино тавонистанд боз барои якчанд муддати кӯтоҳи дигар фалсафаро ва ё дақиқтар масъалаи асосии фалсафаро аз таъсири мутакаллимон наҷот диҳанд. Дар ин давра эҳтимолияти Худоро ҳамчун масъалаи асосии метафизика донистан хело бузург буд. Тавассути як таҳрифи ҳадафмандона ва ё шиддати бештар бахшидан ба интизориҳои беасос аз "Метафизика"-и Арасту метавонистанд, ки ба ҷойи мафҳуми ҳастии мутлақ мафҳуми "Худо"-ро гузоранд ва ба истиқболи бештар қарор гиранд. Аммо Форобӣ ва Ибни Сино ҳанӯз дар оғоз аз як нофаҳмии бузург пешгирӣ намуданд. Онҳо аз як тараф бар ақидаи Арасту, ки ҳастӣ чунон ҳастиро ҳамчун масъалаи асосии метафизика медонист, содиқ монданд ва аз дигар тараф масъалаи Худоро, ки ҳамчун мавҷуди ҷудо аз модда мебошад, ба яке аз масъалаҳои асосии метафизика ворид сохтанд.

Он гуна ки мушоҳида мешавад, Ибни Сино сухане аз Худо ҳамчун мавзуи муҳимми метафизика намебарад ва ҳамчунин ҳадафи метафизикаро исботи вуҷуди Худо намеҳисобад. Ҳамчунин аз метафизика ҳамчун илм дар мавриди исботи вуҷуди Худо ном намебарад. Аммо масъалаи Худо ва муносибати он бо ҷаҳон низ аз масъалаҳои асосии фалсафаи метафизикии Ибни Сино ба ҳисоб меравад ва ин бахши метафизика, ки ба масъалаи Худо бахшида шудааст, ҳамчун илми илоҳӣ ва ё илми рубубият шинохта мешавад, ки асоси ҳамаи илмҳои дигар мебошад:"Ва шинохтани офаридгори ҳамаи чизҳо ва ягонагии вай ва пайванди ҳамаи чизҳо ба вай ҳам андар ин илм бувад. Ва ин пора аз ин илм, ки андар тавҳид нигарад, варо хос "илми илоҳӣ" хонанд ва илми рубубият гӯянд" [2, с. 219].

Дар асоси таснифи илмҳои назарӣ масъалаи Худо наметавонад, ки масъалаи омӯзишии илмҳои ҷузъӣ гардад, зеро масъалаҳои илмҳои ҷузъӣ маҳдуд ва бо материя ва чизҳои ҳиссӣ вобаста мебошанд [365, с. 128]. Аз ин ҷиҳат масъалаҳои метафизикӣ ҳама аз модда ҷудо мебошанд ва ё дар ҳадди ақал чизҳои ҳиссӣ дар

вуҷуд пеш аз онҳо намеистанд. Худо низ аз модда ҷудо мебошад, ки дорои вуҷуди сирф ақлонист ва аз ин ҷиҳат масъалаи Худо бидуни ҳеҷ шарте яке аз масъалаҳои метафизика бояд бошад. Чун ин мавзуъ дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик боаҳаммият аст, мо кӯшиш менамоем, ки ин алоқамандиро бо ғояти метафизика мавриди таҳлили минбаъдаи худ қарор диҳем.

Худо ҳамчун Офаридгор ва қуллаи фалсафаи асримиёнагӣ барои ин фалсафа як масъалаи бунёдӣ ба ҳисоб меравад. Аз диди ин фалсафа ҳар як илм дорои мақсади худ аст ва ҳамчунин файласуф низ дорои ғояти худ мебошад. Дар оғози асарҳои худ чи Форобӣ ва чи Ибни Сино пеш аз ҳама ҳадаф аз ҳар як илмро шарҳ медиҳанд ва танҳо пас аз он ба таҳлили илми зарурӣ мепардозанд. Азбаски масъалаҳои метафизика масъалаҳои сирф ақлонӣ ва аз модда ҷудо мебошанд, файласуфони асримиёнагӣ пеш аз ҳама дар бораи Худо ва илми тавҳидӣ меандешиданд. Масъалаи Худо ва ё Воҷиб-ул-вуҷуд дар ин фалсафа то андозае барҷаста ифода ёфтааст, ки аксари хонандагон гумон менамуданд, ки масъалаи асосии фалсафаи метафизикии Ибни Сино Худо ва исботи вуҷуди он аст. Аммо аллакай дар боло мо назари Синоро матраҳ намудем, ки масъалаи асосии фалсафаи метафизикӣ барои Ибни Сино на Худо, балки *ҳастии мутлақ* мебошад. Новобаста аз он масъалаи Худо ҳамчун сабаби нахустини ҷаҳон аз масъалаҳои бунёдии метафизика ба ҳисоб меравад.

Дар охири боби мазкур бояд зикр намоем, ки масъалаҳои дар ин бахш таҳлилгардида дар синошиносии ҷаҳонӣ мавриди шиносоӣ ва таҳқиқоти пайваста қарор гирифтаанд, ки мо низ вобаста ба имконоти мавҷуда аз онҳо истифода намудаем. Аммо дар илми синошиносии ватанӣ вобаста ба як қатор мушкилоти объективӣ, бахусус бо идеологияи ҳукмрони шуравӣ мувофиқат накардани муҳтавои фалсафаи метафизикӣ ин бахши фалсафа ва аз ҷумла фалсафаи метафизикии Ибни Сино ба андозаи зарурӣ мавриди омӯзиш қарор намегирифт ва чунин таъсирро мо то ҳол мушоҳида менамоем. Дар боби мазкур ба тариқи мушаххас мо кӯшиш намудем, ки як қатор навгониҳоро нахустин маротиба дар соҳаи синошиносӣ матраҳ намоем, ки инҳо:

1. Дар заминаи таҳқиқоти мавҷуда ва таҳлили бевоситаи матнҳо мо ба

мафҳуми “метафизика” ва аҳаммияти он дар фалсафаи Синоро равшанӣ андохтем. Ба хотири ба вуҷуд овардани огоҳии бештар аз мазмун ва муҳтавои мафҳуми мазкур дар оғоз кӯшиш намудем, ки назари Арасту дар ин мавридро муфассал ва ҳамаҷониба матраҳ созем.

2. Нахустин маротиба дар муқоиса бо назари Арасту муносибати метафизика, ҳамчун илми назариро, бо илмҳои дигари назарӣ мавриди баррасӣ қарор додем ва назари Синоро дар ин маврид мушаххас сохтем, ки чигуна масъалаҳои метафизикӣ ба асосҳои илмҳои табииёт ва риёзиёт табдил меёбанд ва баръакси он номумкин аст.

3. Агар дар марҳалаи аввали тарҷума гардидани “Метафизика”-и Арасту ба забони арабӣ, ҳама гумон мекарданд, ки масъалаи асосии метафизика ин Худо мебошад, пас дар замони шуравӣ кӯшиш мекарданд нишон диҳанд, ки мафҳуми ҳастие, ки дар фалсафаи Ибни Сино фаровон истифода мегардад, ҳамон ҳастии физикӣ мебошад ва миёни масъалаҳои метафизикӣ ва фалсафаи табиии Ибни Сино ҳеҷ гуна фарқияте вуҷуд надорад. Дар замони шуравӣ метафизика на ҳамчун фалсафа, балки методе дониста мешуд, ки бо методи асосии он рӯзгор, яъне методи диалектикӣ дар мухолифат буд. Дар ин боб мо нишон додем, ки тамоми масъалаҳое, ки мавриди баҳси метафизика ҳастанд, ҳамагӣ “ҷудо аз модда” ҳастанд ва ё маҳсусот бар онҳо пешӣ надоранд.

4. Нахустин маротиба дар ин боб мо нишон додем, ки *ҳастии мутлақ* масъалаи асосии метафизика мебошад. Дар табииёт ҳастӣ ҳамчун ҷисм, дар риёзиёт ҳастӣ ҳамчун адад, хати рост ва ё секунҷа омӯхта мешавад, аммо масъалаҳои дигаре низ вуҷуд доранд, ки онҳо берун аз доираи омӯзиши илмҳои ҷузъӣ мебошанд, бинобар ин ин масъалаҳо ба доираи омӯзиши метафизика ворид гардида, номи муносиб ба онҳо ин *ҳастӣ -чун ҳастӣ* ва ё *ҳастии мутлақ* мебошад.

5. Дар ниҳоят мо муайян намудем, ки чаро Худо масъалаи асосии метафизика нест ва чаро он бояд яке аз масъалаҳои метафизика бошад, зеро он низ вуҷуди ҷудо аз модда буда, дорои ҳастии ақлонӣ ва хайр мебошад, ки сарчашмаи ҳамаи мавҷудот ба ҳисоб меравад.

Ин боб ҳамчун даромад ба боби минбаъда хидмат менамояд, зеро аллакай дар ин боб мо мундариҷаи метафизика, муносибати он бо дигар илмҳои назариро муайян ва ҳастии мутлақро ҳамчун масъалаи асосии метафизика мушаххас намудем. Дар бахши оянда пеш аз ҳама ба масъалаи ҳастӣ ва дигар масъалаҳои бунёдии фалсафаи метафизикии Ибни Сино мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

БОБИ 2. МАСЪАЛАИ ҲАСТӢ ДАР ФАЛСАФАИ МЕТАФИЗИКИИ ИБНИ СИНО

2.1. Назарияи онтологии ҳастӣ ҳамчун масъалаи бунёдии метафизикаи Ибни Сино

Дар қисматҳои қаблӣ мо зикр намудем, ки масъалаи бунёдии фалсафаи метафизикӣ ин ҳастӣ ва боз ҳам дақиқтар аз рӯи ишораҳои Арасту, Форобӣ ва Ибни Сино ҳастӣ-чунон ҳастӣ, ҳастӣ - чун ҳастӣ, мавҷуд чунон мавҷуд ва ё ҳастии мутлақ мебошад, ки мо маҳз ҳастии мутлақро қабул намудаем ва дар пажуҳиши мазкур маҳз варианти зерин истифода мегардад. Дар ин боб мо мекӯшем, ки бевосита аз масъалаи ҳастӣ сар карда муҳимтарин масъалаҳоеро, ки таркиби фалсафаи метафизикии Синоро ташкил медиҳанд, баррасӣ намоем. Дар мавриди мазкур низ ба хотири маълумоти муқаддимотӣ доштан доир ба масъалаи мавзуи асосии фалсафаи метафизикӣ мо ба тариқи мухтасар ба “Метафизика”-и Арасту мурочиат менамоем. Дар китобҳои чаҳорум, шашум ва бахусус ёздаҳуми “Метафизика” Арасту мавзуи асосии метафизикаро якчанд маротиба тавзеҳ додааст, аз ҷумла дар фасли якуми китоби чаҳорум Арасту меоварад: “Донише ҳаст, ки ба *мавҷуд - чун мавҷуд* (to on hei on) ва мутааллиқот ё лавоҳиқи он ба худии худ нигариш дорад” [16, с. 87]. Дар дигар маврид низ мавзуи метафизика будани *мавҷуд - чун мавҷуд* қайд мегардад: “Бинобар ин, аз ин ҷо ошкор мешавад, ки нигариш ва баррасии мавҷуд чунон мавҷуд вазифаи як дониш аст”[16, с. 94]. Дар ин ҷо ҳадаф аз “дониш” ва ё “як дониш” ҳамон метафизика, ё худ фалсафаи метафизикӣ, ҳамчун илми назарӣ ва муқаддам аз илмҳои дигари назарӣ мебошад. Агар ба масъалаи сифатҳое, ки Арасту ба *ҳастии мутлақ* медиҳад, таваҷҷуҳ намоем, пас ӯ асосан се сифатро такрор кардааст, ки инҳо “ҷовидона ва ё абадӣ будан”, “ҷудо аз модда будан” ва ҳамчунин “номутаҳаррик будан” мебошанд: “Аммо чизе агар ҳаст, ки ҳамешагӣ, номутаҳаррик ва ҷудо аз мода аст” [16, с. 195]. Ба ғайр аз сифатҳои номбаркардашуда сифати “куллият” низ ба ҳастӣ ҳамчун ҳастӣ нисбат дода шудааст [16, с. 195] ва танҳо ба хотири куллӣ будани мавзуи он метафизика

ҳамчун илми куллӣ ва дуи дигар ҳамчун илмҳои ҷузъӣ дониста мешаванд. Ҳамин тавр, дар фаҳмиши Арасту *ҳастӣ - чун ҳастӣ* мавзуи метафизика буда, он ҷудо аз модда, номутаҳаррик, абадӣ ва ҳамчунин куллӣ мебошад. Дар илми мазкур на танҳо чист будани ҳастии мутлақ, балки хусусият, ё худ аразҳои хосси он низ мавриди омӯзиш қарор мегиранд.

Як чиз ва ё як масъала ҳамон вақт ба масъалаи метафизикӣ табдил меёбад, ки агар маънии он дар зеҳн ба вуҷуд оварда шавад, аз ҷумла маънии ҳастӣ. Танҳо дар ин маврид тасаввури ҳастӣ- чун ҳастӣ имконпазир аст ва ба хотири печида нагардидани масъалаи мазкур мо яке аз вариантҳои онро, ки ҳастии мутлақ ном дорад, истифода мебарем.

Он муайяние, ки Арасту ба метафизика ва доираи баҳсҳои он додааст, дар фалсафаи асримиёнагӣ анқариб бетағйир давом ёфтааст, аммо тағйиротҳои бунёдӣ низ сурат гирифта, масъалаҳо низомнок гардонида шудаанд ва шарҳҳо дар ин низоммандӣ мафҳумҳо ва масъалаҳоро бештар равшан гардонидааст. Яке аз таҳаввулоти бунёдие, ки дар раванди анъанаи фалсафаи метафизикӣ ба вуҷуд омадааст, ин аз ҳам ҷудо намудани маънии вуҷудӣ аз маънии моҳиятӣ мебошад, ки дертар онро муфассал таҳлил менамоем.

Ибни Сино барои муайян намудани мавзуи асосии метафизика аз он хусусиятҳое, ки дар боло зикр намудем бештар муҳтаво, вазъияти баъзе предметҳо ва муносибати онҳо бо моддаро ҳамчун омили марказии баҳсҳо қарор медиҳад. Он гуна ки каме болотар нишон додем, Арасту низ ҳастиеро дар назар дорад, ки он ҷудо аз модда мебошад, аммо Ибни Сино ин масъаларо алоҳида, системанок ва бо густариш додани домани баҳс матраҳ сохтааст. Ба ақидаи Ибни Сино чизҳое вуҷуд доранд, ки вобаста ба муҳтавои худ баробар нестанд, балки гуногун мебошанд, аммо инҳо ё ҷудо ва берун аз модда меистанд ва ё бо модда омехта ҳастанд. Онҳо дар вуҷуд ниёзе ба модда надоранд ва пеш аз онҳо низ ҳеҷ гуна чизи эҳсосшаванда қарор надорад. Ҳамин муносибатро Ибни Сино ба чаҳор гурӯҳ тақсим менамояд: 1. Баъзе аз ин предметҳо аз модда озод ҳастанд ва метавон онҳоро бидуни алоқаи онҳо бо модда ва чизҳои ҳиссӣ тасаввур намоем, масалан, ақл, мавҷуд, ҷисми мутлақ ва мисли инҳо; 2. Баъзе предметҳои дигар

бошанд бо модда омехта, аммо онҳо мисли як сабаб барои модда ҳастанд ва пеш аз модда меистанд, масалан, миқдор дар маънии шакли ҷисмӣ. Шакли ҷисмонӣ аз модда ҷудо нест, балки бо чизҳои табиӣ дар омехтагӣ қарор дорад, аммо он сабаби чизҳои табиӣ мебошад ва аз ин ҷиҳат худро тавассути чизҳои табиӣ ба вуҷуд намеоварад, балки баръакс, чизҳои табиӣ тавассути шакли ҷисмонӣ ба худ воқеият мегиранд, масалан, миқдор ҳамчун шакли ҷисмонӣ аз маҳсусот пешӣ дорад: “Миқдор низ лафзи муштарак аст, гоҳе миқдор гуфта мешавад ва мақсуд сурати ҷисмонӣ аст ва гоҳе миқдор гуфта мешавад ва мақсуд камми муттасил аст, ки дар мавриди хат ва сатҳ ва ҳаҷми муайяне ба кор меравад. Ҳеҷ як аз ин ду миқдор муфориқ аз модда нестанд, вале миқдор ба маънои аввал бо ин ки муфориқ аз модда нест, боз ҳам мабдаи вуҷуди аҷсоми табии аст” [6, с. 9]; 3. Баъзе предметҳо баъзан дар модда ҳастанд ва баъзан ҷудо аз он ҳастанд, масалан, ҷавҳар ҳамчун ҷавҳар на фақат дар модда аст, зеро дар ин сурат танҳо ҷавҳарҳои моддӣ вуҷуд доштанд, ҳоло он ки мо аз ҷавҳарҳои ғайримоддӣ низ огоҳӣ дорем; 4. Баъзе предметҳо фақат дар модда ҳастанд ва бидуни модда тасаввури онҳо ғайримумкин аст, масалан, ҳаракат ва оромӣ, шаклҳои ҳандасӣ ва ғайра. Аммо барои таърифи чунин предметҳо мо ниёз ба моддаи онҳо надорем ва бидуни моддаи онҳо низ мо метавонем онҳоро тасаввур ва таъриф намоем. Сино ин маъниҳоро чунин ифода кардааст: “Ё ҳастии эшон ҳеҷ гуна ба ин мояи маҳсусот ва ба омезиш ва ҷунбиш андарбаста набувад, то мар эшонро тасаввур шояд кардан бе пайванди моя ва ҷунбиш, чунонки ақл ва ҳастӣ ва ваҳдат ва иллатӣ ва маълулӣ ва ҳар чӣ бад-ин монад... Ё ҳастии эшон ҳарчанд, ки ҷудо набвад аз мояи маҳсусот ва аз чизҳо, ки андар ҷунбиш буванд ва ҳам эшонро тавонад ҷудо кардан, зеро ки ба ҳадди эшон ҳоҷат наояд, ки эшонро пайвастагӣ бувад ба мояе аз мояҳои махсус биайниҳӣ ва ба ҷунбишдорон, чунонки мусалласиву мурабаъӣ ва гирдиву дарозӣ, ки шояд, ки андар зар бувад ва андар сим ва андар чуб ва андар гил, на чунон чун мардумӣ, ки нашояд, ки ҷуз андар яке моя бувад.Пас, аз ин қибалро нашояд ҳад кардан мардумиро ва ҳар чи ба мардумӣ монад андар ин маънӣ, илло ба моддате муайян ва ба ваҳм низ аз моддат ҷудо наистад. Ва аммо мусалласу мураббаъ ҳарчанд мавҷуд набувад, илло андар моддате тавон уро ҳад

кардан бе моддат ва андар ваҳм гирифтан бе модат” [2, с. 217; ҳамчунин нигаред ба 6, с. 10].

Дар ин амали Ибни Сино як навъ зеҳнигардонӣ ва абстраксиягардонии масъалаҳо меравад, ки онҳо танҳо дар шакли умумиятдодашуда мавриди тасаввур қарор мегиранд. Агар чунин умумиятгардонӣ ва зеҳнигардонии ашё ва масъалаҳо вуҷуд надошта бошад, он гоҳ худи фалсафаи метафизикӣ низ вуҷуд надорад.

Вақте ҳам дар фалсафаи Арасту ва ҳам дар фалсафаи Ибни Сино сухан дар мавриди “ҳастии ҷудо аз модда” меравад, зоҳиран чунин менамояд, ки ҳар ду як ва ҳамон чизро дар назар доранд. Аммо дар ин ҷо як фарқияти нозуке вуҷуд дорад, ки ба маъниҳои гуногуне далолат менамояд. Ҳастие, ки Арасту дар назар дорад ба идеяҳои Афлотун шабоҳат дорад, аммо дар фаҳмиши Ибни Сино сухан дар мавриди ҳастии ягонае меравад, ки дорои хусусияти мутаъолӣ, ё трансенденталӣ мебошад. Дар муносибат ба Арасту сухан дар бораи ҳастиҳо меравад ва дар муносибат ба Ибни Сино бошад дар бораи танҳо як ҳастӣ.

Яке аз нишонаҳои дигари ин масъала он аст, ки ин мавзуъ ва масъалаҳо ба мавзуъҳои омӯзишии илмҳои дигар, яъне илмҳои ҷузъӣ дохил намешаванд. Ибни Сино ба чунин натиҷа мерасад, ки мавзуи мувофиқе, ки метавонад ҳамаи масъалаҳои дар боло номбаршударо дарбар гирад, *ҳастии мутлақ* ва ё *мавҷуд ба моҳу мавҷуд* мебошад: “Пас, аз маҷмуи ин ҳарфҳо бароят равшан мешавад, ки мавҷуди ба моҳу мавҷуд амрест, ки дар ҳамаи ин умур муштарак аст ва бояд мавзуи ин санъат қарор гирад, ба ҳамон далел, ки гуфтем ва ба ин далел, ки ниёзе ба фарогирии моҳияти мавҷуди ба моҳу мавҷуд ва исботи он нест. Пас мавзуи нахустини ин илм мавҷуд ба моҳу мавҷуд аст ва масоили он умуре ҳастанд, ки бе ҳеҷ шарте бар мавҷуд ба моҳу мавҷуд ориз мешаванд” [6, с. 11].

Чунонки дида мешавад, назари Ибни Сино он аст, ки *ҳастии мутлақ* мавзуи асосии фалсафаи метафизикӣ мебошад ва масъалаҳои мавриди омӯзиши он чизҳое ҳастанд, ки бидуни ҳеҷ гуна шарте ва бевосита ба ҳастии мутлақ ориз мегарданд. Ибни Сино навъи муносибати миёни масъалаҳо ва ҳастиро шабеҳи тақсими ҷинс ба навъҳо ва ё ҳастӣ ба категорияҳо анҷом додааст. Баъзе

предметҳои дигар дар нисбат ба *ҳастии мутлақ* ба мисли навъҳо ва ё арази хос мебошанд: “Бархе аз ин умур нисбат ба мавҷуди ба моҳу мавҷуд ҳаммонанди анвоъ, нисбат ба ҷинс, ҳастанд, мисли ҷавҳар ва камм ва кайф. Зеро мавҷуд дар тақсим ба ин умур ба тақсими мутақаддиме ниёзманд нест, ҳамон тавре ки ҷавҳар ба тақсиме ниёзманд аст, то ин ки ба инсон ва ғайриинсон тақсим бишавад. Ва бархе аз ин умур ҳамонанди аворизи хосаи мавҷуд ҳастанд, мисли воҳид ва касир, қувва ва феъл, куллӣ ва ҷузъӣ, мумкин ва воҷиб зеро мавҷуд дар қабул ва мустаъид будан ба ин аъроз муҳтоҷи ин нест, ки тахсис хӯрда ва ба мавзуи табииёт, ё риёзиёт, ё ахлоқиёт, ё ғайри инҳо мутаҳаммил бишавад” [6, с. 11]. Ҳамин гурӯҳбандии Ибни Сино дар бунёди гурӯҳбандии масъалаҳои метафизика низ ҳамчун асос нақш мебозад. Ҳамин тавр вобаста ба муҳтавои масъалаҳо, ки дар метафизика нақши муайянеро мебозанд, ӯ фалсафаи метафизикии худро ба се бахш тақсим менамояд. Аммо вобаста ба шеваи масъалагузории Ибни Сино ва ҳамчунин алоқамандии баъзе ҷанбаҳои ин масъалаҳо ду бахши метафизика бо ҳам шабоҳати зиёд доранд ва онҳоро мо бояд дар якҷоягӣ биёмӯзем. Аз ҳамин ҷиҳат Ибни Сино масъалаҳои метафизикаро чунин тақсимбандӣ менамояд: 1. Як бахши метафизика аразҳои хосси ҳастиро меомӯзад; 2. Қисмати дувуми метафизика ба омӯзиши асосҳои илмҳои дигар машғул мегардад. Агар мушоҳида намоем, ӯ на танҳо ҳангоми муайян намудани масъалаи асосии метафизика, балки ҳамчунин ҳангоми муайян намудани масъалаҳои алоҳидаи метафизика низ илмҳои дигари назарӣ аз қабили табииёт ва риёзиётро ба эътибор мегирад. Он гуна ки дар боло қайд намудем, чун ин ду масъала бо ҳам бисёр наздик ҳастанд, мекӯшем, ки нахуст маҳз ҳамин масъалаҳоро матраҳ намоем. Ибни Сино он чизҳоеро, ки бидуни ягон шарт ба ҳастии мутлақ мечаспанд, ҳамчун аразҳои хосси вуҷуд меномад. Зеро муҳтавои савол ба онҳо аз худи ҳастӣ бармеояд, на аз вазъияти ҳар ду илми дигари назарӣ: “Ва аммо илми барин – мавзуи вай на чизест ҷузъӣ, балки ҳастии мутлақ аст, аз он ҷиҳат, ки вай мутлақ аст. Ва маҳмулоти масоили вай он ҳолҳост, ки ҳастиро аз қибали худ аст ва варо зотист. Ва аммо кадомии ин ҳолҳо туро намуна ояд, ки ин ҳолҳо он ҳолҳоеанд, ки мавҷудро ва ҳастиро на аз қибали он бувад, ки вай чандӣ бувад, ё андар ҳаракат уфтода бувад,

балки аз ҷиҳати ҳастиро буваду бас” [2, с. 218-219].

Сино ин ақидаи худро чунин асоснок менамояд: ҳастии ҷуфт ва тоқ, давра ва секунҷа ва ё дарозӣ чизҳое ҳастанд, ки бевосита аз ҳастии мутлақ барнамеоянд, балки нахуст бояд *адад* вуҷуд дошта бошад ва танҳо пасон *ҷуфт ва тоқ* вуҷуд дошта бошанд, ҳамчунин нахуст бояд *андоза* вуҷуд дошта бошад ва танҳо пасон дарозӣ, гирд ва секунҷа вуҷуд дошта бошанд. Дар муносибат бо чизҳои физикӣ бошад, Ибни Сино чунин далеловарӣ менамояд: сапед шудан ва сиёҳ шудан на аз худи ҳастӣ ва на аз вуҷуди адад бармеояд, балки нахуст ҷисм аст, ки дорои ҷунбиш ва гардиш мебошад: “Аммо ҷуфт будан ва тоқ будан ва гирд будан ва сесӯ будан ва дароз будан, мар ҳастиро на аз баҳри ҳастӣ аст, зеро ки нахуст бояд, ки шумор бувад, то ҷуфт ва тоқ бувад ва андоза бувад, то гирд ва сесӯ ва дароз бувад. Аммо сапед шудану сиёҳ шудан мар ҳастиро на аз қибали ҳастӣ аст ва на аз қибали шумор шудану андоза шудан, балки аз қибали он аст, ки вай ҷисм мешавад пазирои гардиш ва ҷунбиш” [2, с. 219]. Ҳамин тавр, агар ин масъаларо дунболагирӣ намоем, пас метавонем боз чунин натиҷагирӣ кунем, ки ҷуфт ва тоқ ҳолатҳои як мавзуи риёзӣ, гирд ва секунҷа ҳолатҳои мавзуи ҳандасӣ ва ё сапеду сиёҳ ҳолатҳои як мавзуи табиӣ мебошанд. Дар ин ҷо адад, андоза ва ҷисм аразҳои хосси ҳастӣ мебошанд, ки ба ҳастӣ бевосита алоқаманд ҳастанд. Ба ин масъала мо дар поёнтар бармегардем. Ба ғайр аз мисолҳои овардашуда боз масъалаҳое ҳастанд, ки ба масъалаҳои табииёт ва риёзиёт ҳеҷ гуна муносибат надоранд, инҳо кулл ва ҷузъ, би-л-қувва ва би-л-феъл, сабаб ва натиҷа, ҷавҳар ва араз ва ғайра. Ҳамаи инҳо аразҳои хосси ҳастии мутлақ мебошанд ва як бахши фалсафаи метафизикӣ маҳз ба омӯзиши ин масъалаҳо равона гардидааст.

2. Дар идома мо масъалаи бахши дувуми метафизикаро мавриди баҳс қарор медиҳем, аммо ҳамеша масъалаҳои дар боло матраҳгардидаро низ дар хотира бедор нигаҳ медорем. Он гуна ки ин масъаларо матраҳ намудаем, Ибни Сино илмҳои назариро ба се бахш тақсим менамояд: метафизика ҳамчун илми барин, риёзиёт ҳамчун илми миёна ва табииёт ҳамчун илми зерин. Аз ин илмҳо риёзиёт ва табииёт аз илмҳои ҷузъӣ ба ҳисоб мераванд, зеро масъалаҳои мавриди омӯзиши онҳо объектҳои маҳдуд ва ҷузъӣ мебошанд, аммо метафизика илми

куллӣ, зеро мавзуи омӯзиши он ин ҳастии мутлақ ба ҳисоб меравад.

Алоқаи байни илмҳои номбаршуда ва ҳамчунин тақсимбандии ин илмҳо аз ҷониби Ибни Сино бар он асос ёфтааст, ки ба ақидаи ӯ, масъалаи омӯзишии илми дар мартабаи болоӣ қарор дошта ҳамчун асос (принсип)-и илмҳои ҷузъӣ ҳисобида мешавад, масалан, асосҳои илми тиб масъалаҳои табиият мебошанд ва ё асосҳои илми массоҳӣ (планаметрия) аз масъалаҳои ҳандаса ба ҳисоб мераванд [6, с. 12]. Агар мо аз ин нуқта ба муносибати байни метафизика бо илмҳои ҷузъӣ баргардем, дармеёбем, ки асосҳои риёзиёт ва табиият аз масъалаҳои метафизика ба ҳисоб мераванд ва маҳз аз ҳамин дидгоҳ ӯ илмҳои назариро барин, миёна ва зерин меномад. Агар ба мисоли каме боло зикршуда баргардем, он гоҳ натиҷа мегирем, ки адад, андоза ва ҷисм аз асосҳои риёзиёт ва табиият ва ҳамзамон аз масъалаҳои метафизика ба ҳисоб мераванд. Метафизика ҳолати ин асосҳоро то он дараҷа мавриди омӯзиш қарор медиҳад, ки онҳо ба масъалаҳои омӯзиши табиият ва риёзиёт табдил меёбанд ва дигар дар ҳудуди омӯзиши метафизика қарор намегиранд [6, с. 12].Чизҳое, ки худ аз хусусиятҳои ҳастии мутлақ буданд, дорои аразҳои нав мегарданд ва дар ин зина дигар онҳо ҳамчун масъалаи фалсафаи метафизикӣ боқӣ наmemонанд ва ба асосҳои илмҳои ҷузъӣ табдил меёбанд.

Арасту низ дар мавриди муносибати илми куллӣ ва ҷузъӣ як қатор мушкилиҳоро зикр намуда, дар муносибат бо метафизика ва риёзиёт масъалагузорӣ менамояд, ки моддаи чизҳои риёзӣ ба кадом дониш тааллуқ дорад [16, с. 345]. Албатта ҳадафи ӯ дар ин маврид ҳамон метафизика мебошад ва бо ифодаи дигар гуфтанист, ки моддаи чизҳои риёзӣ ва табиӣ ба метафизика тааллуқ доранд. Ҳар андоза, ки масъалаҳо аз ҳолати абстрактӣ ва нобии худ мушаххастар ва ба эҳсос наздиктар мегарданд, онҳо аз масъалаҳои метафизикӣ дур гардида ба масъалаҳои табиӣ ва риёзӣ табдил меёбанд ва баръакс ҳар андоза масъалаҳо абстрактӣ мегарданд, аз сарҳади табиият ва риёзиёт дур гардида ба масъалаҳои метафизикӣ табдил меёбанд.

3. Дар бахши савуми метафизика нахустасосҳо мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Инҳо сабабҳое ҳастанд барои ҳамаи чизҳои маълул, на сабабҳои

илмҳои ҷузъӣ, ва аз ин ҷиҳат ҳадаф қарор гирифтани чизҳои маълул на аз он ки ин чизҳо дорои ҳаракат ва тағйирот ва ё дорои миқдор ва сифат ҳастанд, балки аз он аст, ки ин чизҳо аз мабдаъҳои аввалин судур ёфтаанд. Ҳадаф дар ин ҷо ҳамон назарияи судур мебошад, ки бахши савуми метафизика ба омӯзиши он машғул мегардад. Вобаста ба масъалаҳои мавриди омӯзиши ин илм Ибни Сино фалсафаи метафизикиро ин гуна ба се бахш тақсим менамояд: ”Бинобар ин, бархе аз масоили ин илм дар мавриди илали мавҷуди маълули ба моҳу маълул, ва бархе дар мавриди аворизи мавҷуд ва бархе дар мавриди мабодии улуми ҷузъӣ аст” [6, с. 12]. Ба сифати муқаддима дар ин ҷо мо ҳам масъалаи ҳастӣ ва ҳамчунин доираи ҳудуди метафизикаро дар фалсафаи Ибни Сино ошкор сохтем, ки ҳамчун даромад ба масъалагузориҳои минбаъда хидмат менамояд. Идомаи баҳсҳои мо дар доираи навъҳои ҳастӣ сурат мегирад, ки он хосияти асосии фалсафаи метафизикии Синоро ташкил медиҳад.

Барои мо маълум гардид, ки масъалаи асосии фалсафаи метафизикӣ ин ҳастии мутлақ ва он дар фалсафаи Ибни Сино дорои се навъ: воҷиб-ул-вуҷуд, имкон-ул-вуҷуд ва маъдум-ул-вуҷуд мебошад. Ӯ дар оғози баҳси ҳастӣ онҳоро аз дидгоҳи мантиқӣ аз ҳам фарқ менамояд. Мушкили дар он аст, ки ҳеҷ кадом аз ин навъҳоро бидуни навъи дигарӣ муайян кардан имкон надорад. Агар касе бихоҳад, ки воҷиб-ул-вуҷудро шарҳ диҳад, ҳатман кӯшиш менамояд, ки як ё ҳар ду навъи дигарро истифода намояд ва ҳамин тавр дар мавриди имкон-ул-вуҷуд низ чунин ҳолат рух медиҳад. Ҳамаи ин навъҳо худро дар як доира дармеёбанд: ”Ва ҳамин тавр аст ин ақвол ки: “мумтанеъ чизе аст, ки имкони вуҷуд ёфтанро надорад”, ё “чизе аст, ки набояд вуҷуд дошта бошад”; ва “воҷиб чизе аст, ки мумтанеъ ва маҳол аст, ки вуҷуд надошта бошад”, ё “чизе аст, ки имкон надорад, ки вуҷуд надошта бошад”; ва “мумкин, чизе аст, ки имтиноъе аз вуҷуд, ё адам надорад”, ё “чизе аст, ки воҷиб нест мавҷуд, ё маъдум бошад”. Ҳамчунон ки мебинӣ ҳамаи инҳо даври мусаррраҳ ҳастанд. Ва аммо тафсили ин матолиб барои ту дар китоби қиёс гузашт”[6, с. 28].

Мо метавонем дар асоси шарҳи Ибни Сино дар “Донишнома” фарқи бунёдии ин навъҳоро аз ҳамдигар ҷудо намоем, ки тамоми шарҳҳои Ибни Сино

дар атрофи ҳамин маъниҳои бунёдӣ чарх мезанад. Чизи муҳим он аст, ки ҳанӯз дар оғози баҳс Ибни Сино навъи маъдум-ул-вуҷудро, ки нестӣ мебошад, аз доираи баҳси ҳастӣ хориҷ месозад, зеро дар бораи нестӣ хабар додан ғайриимкон аст. Ибни Сино дар ин маврид бевосита аз равиши Парменид, ки нестиро аз доираи баҳси фалсафӣ берун сохта буд, пайравӣ намудааст. Аз ин ҷиҳат асоси фалсафаи метафизикии Синоро маҳз ду масъала: воҷиб-ул-вуҷуд ва имкон-ул-вуҷуд ташкил медиҳанд. Ибни Сино ин ду навъи ҳастиро ба ин шева аз ҳамдигар фарқ менамояд: ҳамаи чизҳо зарурати ҳастии худро ё аз зоти худашон ва ё зарурати ҳастии худро на дар асоси зоти худашон меёбанд. Навъи дувум, яъне чизҳое, ки зарурати ҳастии худро на дар асоси зоти худ ба даст меоваранд, ё имконнопазиранд ва ё имконпазир. Мавҷуди ғайриимкон дорои ҳеҷ гуна ҳастӣ нест, аммо ҳастии имконӣ бо шарти сабабҳо вуҷуди худро воқеӣ мегардонад, ва агар сабабҳо вуҷуд надошта бошанд, он дар ҳолати ғайриимкон боқӣ мемонад: “Ҳар чӣ варо ҳастӣ ҳаст, ё ҳастии вай ба худ воҷиб аст, ё нест. Ва ҳар чӣ ҳастии вай ба худ воҷиб нест, ба худ ё мумтанеъ аст, ё мумкин. Ва ҳар чӣ ба худ мумтанеъ бувад, нашояд, ки ҳаргиз мавҷуд бувад, чунон ки пештар ишорате карда омад ба вай. Пас, бояд ки ба худ мумкин бувад ва ба шарти будани иллат воҷиб бувад ва ба шарти он ки иллат нест, мумтанеъ бувад” [2, с. 246].

Ба ақидаи Ибни Сино, дорои моҳият ва ҳастии аз ҳам ҷудо ва вобаста будан аз сабабҳо барои дорои ҳастӣ гардидан аз хусусиятҳои асосии фарқкунандаи имкон-ул-вуҷуд аз воҷиб-ул-вуҷуд мебошад. Зарурати ҳастии воҷиб-ул-вуҷуд ба фарқ аз зарурати ҳастии имкон-ул-вуҷуд аз зоти худи он бармеояд ва аз ин ҷиҳат барои дорои ҳастӣ гардидан он ниёз ба омилҳои ғайр ва бегона надорад. Вобаста ба зоти худ он воҷиб-ул-вуҷуд аст, аммо зарурати вуҷуди имкон-ул-вуҷуд аз омилҳои ғайр ва бегона, боз ҳам дақиқтар, аз сабабҳо вобаста мебошад.

Воҷиб танҳо вобаста ба зоти худ воҷиб-ул-вуҷуд (воҷиб-ул-вуҷуд биззот) ва имкон низ вобаста ба зоти худ имкон-ул-вуҷуд (мумкин-ул-вуҷуд биззот) мебошад. Агар мо зоти онҳоро ҳамчун маҳак аз эътибор соқит созем, он гоҳ байни ин ду фарқиятсозии воқеӣ ғайримумкин мегардад. Зеро дар ин сурат имкони имкон-ул-вуҷудро воҷиб-ул-вуҷуд номидан низ вуҷуд дорад, аммо на

воҷиб-ул-вуҷуд биззот, балки воҷиб-ул-вуҷуд билғайр, ки он ҳамон имкон-ул-вуҷуд мебошад: “Гуфта шуд, ки ҳар воҷиб-ул-вуҷуди ба ғайр ба зоти хеш мумкин-ул-вуҷуд аст. Ин баръакс шуда, ҳар мумкин-ул-вуҷуд , ки ба зоти худ аст, агар вуҷудаш ҳосил шуда бошад, воҷиб-ул-вуҷуд ба ғайр бувад, зеро аз эҳтимол дур нест, ки ё вуҷуд онро билфеъл дуруст ояд, ё ин ки вуҷуд онро билфеъл дуруст наояд”[3, с. 249].

Шарти дигари дорои ҳастӣ гардидани имкон-ул-вуҷуд ин вуҷуд доштани сабабҳо мебошад. Воҷиб-ул-вуҷуд зарурат ба сабаб надорад, зеро зарурати ҳастии он аз худи он вобаста аст. Дар ҳоле ки имкон-ул-вуҷуд вобаста ба моҳияти худ ҳанӯз ҳастӣ нест. Аммо на фақат имкон-ул-вуҷуд, балки воҷиб-ул-вуҷуд низ ниёз ба муносибати сабаб ва натиҷа дар алоқамандӣ қарор дорад. Зеро агар имкон-ул-вуҷуд худ як натиҷа бошад, пас воҷиб-ул-вуҷуд вобаста ба моҳияти худ сабаб аст. Ба ақидаи Ибни Сино, сабаби ниҳоӣ маҳз воҷиб-ул-вуҷуд аст ва дигар сабабҳо низ дар нисбати он сабаб ҳастанд, ва ё баръакс, ҳамаи сабабҳои дигар маҳз аз воҷиб-ул-вуҷуд оғоз меёбанд. Дар бахши оянда мо ҳадафи Ибни Сино аз ин пайвастагиҳоро матраҳ мекунем.

Агар фарз кунем, ки воҷиб-ул-вуҷуд барои ҳастии худ ба сабаб ниёз дорад, пас ин чунин маънӣ дорад, ки аллакай чизе пеш аз он вуҷуд доштааст ва маҳз тавассути онҳо воҷиб-ул-вуҷуд зарурати ҳастии худро касб кардааст. Дар ин сурат он воҷиб-ул-вуҷуд на аз худии худ, балки воҷиб-ул-вуҷуд билғайр мебошад. Воҷиб-ул-вуҷуд билғайр ҳамон имкон-ул-вуҷуд аст: “Аммо ин ки воҷиб-ул-вуҷуд бе иллат аст, бадеҳист. Зеро агар воҷиб-ул-вуҷуд дар вуҷуди худ дорои иллат бошад, ба воситаи он иллат ба вуҷуд хоҳад омад. Ва ҳар он чӣ дар зоти худ вуҷуби вуҷуд надошта бошад, воҷиб-ул-вуҷуд биззот нест. Пас ошкор аст, ки воҷиб-ул-вуҷуд бе иллат аст” [6, с. 31].

Ҳамаи чизҳое, ки вуҷуди пас аз адам мебошанд, имкон-ул-вуҷуданд, зеро маҳз имкон-ул-вуҷуд дар худии худ адам ва ё нестист ва ба воситаи сабабҳо вуҷуди худро касб менамояд. Он гуна ки дар боло аллакай нишон додем, ин пешӣ на маънии замонӣ, балки маънии моҳиятиро дорост. Як чиз нестии худро пеш аз вуҷуди худ, ки тавассути сабабҳо ба даст меоварад, доро мебошад. Аммо агар

чунин зуҳур пас аз нестии мутлақ бошад, мо маъниҳои воҷиб-ул-вуҷуд ва имкон-ул-вуҷудро беҳтар метавонем шиносем. Ба ин масъала мо дертар бармегардем. Ҳадаф он аст, ки имкон-ул-вуҷуд натиҷа аст ва вуҷуди он ҳамчунин нестии он вобастагӣ дорад ба сабабҳо. Ҳамон гуна ки бо мавҷуд будани сабабҳо он дорои вуҷуд мегардад, бо аз байн рафтани сабабҳо низ он ба нестӣ табдил меёбад.

Ин ҷо ба тариқи хулоса мегӯем, ки фарқи воҷиб-ул-вуҷуд аз имкон-ул-вуҷуд дар он аст, ки воҷиб-ул-вуҷуд вуҷуди худро аз ноҳияи худ соҳиб мегардад ва барои ин ниёзе ба сабабҳои вуҷуд надорад, балки он худ сабаби сабабҳост. Ва баръакси он, мумкин-ул-вуҷуд дар худии худ нестист ва барои воҷиб гардидани вуҷуди худ ниёз ба сабабҳо дорад, он як натиҷа мебошад. Аммо мо наметавонем фарқиятҳои ин дуро бо омилҳои номбаршуда маҳдуд намоем, воҷиб-ул-вуҷуд ҳеҷ гуна хусусиятҳои мумкин-ул-вуҷудро соҳиб намебошад. Ҳамаи он чизе, ки аз қабили ҷавҳар ва араз, куллӣ ва ҷузъӣ ва ё сабаб ва натиҷа гуфта мешавад, ҳама танҳо ба мумкин-ул-вуҷуд тааллуқ доранд, на ба воҷиб-ул-вуҷуд. Дар идома мо мекӯшем, ки назари Ибни Сино дар мавриди масъалаҳои асосии марбут ба воҷиб-ул-вуҷуд ва имкон-ул-вуҷудро ба тариқи дақиқ ва муфассал мавриди таҳлил қарор диҳем.

2.2. Консепсияи воҷиб-ул-вуҷуд дар метафизикаи Ибни Сино

Дар қисматҳои пешина мо назарҳои Синоро дар мавриди ҳастии мутлақ ва ё “мавҷуди ҷудо аз модда” ҳамчун мавзуи асосии фалсафаи метафизикӣ, ва ”зарурати мавзуи Худо ҳамчун масъалаи фалсафаи метафизикӣ”-ро матраҳ намудаем. Пеш аз идомаи ин масъала бояд ин воқеиятро қайд намоем, ки вақте мероси юнонӣ ба забони арабӣ тарҷума мегардид, донишмандони исломӣ интизор буданд, ки дар осори файласуфони юнонӣ, бахусус Арасту, онҳо як таълимоти монотеистиро пайдо менамоянд, ки бо таълимоти илоҳиётшиносии исломӣ дорои шабоҳат мебошад. Донишмандон дар оғоз сахт машғули омӯзиши ин фалсафа гардиданд ва чун мақсудашон бароварда нашуд, сахт навмед гардиданд. Аммо ба шарофати кӯшишҳои Форобӣ донишмандони исломӣ аз ҳадафи ниҳоии Арасту аз метафизика ва мавзуъҳои асосии он огоҳӣ пайдо намуданд. Чун масъалаи асосӣ барои мусулмонҳо ҳамоно масъалаи Худо буд,

тавассути Форобӣ ва Ибни Сино фалсафае ба вуҷуд оварда шуд, ки масъалаи Худо нисбат ба ҳар масъалаи дигар дурахшонтар ба назар мерасид. Аммо ин ҳанӯз маънии онро надорад, ки ин Худо батамом ва ба пуррагӣ бо Худое, ки дар китоби "Қуръон" омадааст, мувофиқат менамояд. Амали Ибни Сино дар ин маврид боиси эътироз ва норозигии файласуфоне мегардад, ки андешаи онҳо танҳо дар чаҳорчубаи китоби муқаддас шакл гирифтааст. Чунин норизогӣ, ки аз дидгоҳи илоҳиётшиносии исломӣ воқеият низ дошт, як чизи ниҳоят муҳимро низ барои мо равшан месозад, ки он ин сарчашма нагирифтани бисёре аз ақидаҳои метафизикии Ибни Сино аз дини ислом ва китоби муқаддаси "Қуръон" мебошад. Аз ҷумла назарияи сабабияти Ибни Сино ва бахусус муносибати Худо бо ҷаҳон аз назари Ибни Сино боиси зиддиятварзиҳои шадиди мутакаллимон гардидааст. Ба ин масъала мо бевосита ҳангоми таҳлилҳои минбаъда ошно мегардем.

Худои фалсафии Ибни Сино воҷиб-ул-вуҷуд ном дорад, ки дар оғоз ва анҷоми фалсафаи Ибни Сино ба чашм мерасад. Бо далелҳои мантиқӣ ва ақлонӣ ӯ кӯшиш намудааст нишон диҳад, ки воҷиб-ул-вуҷуд вуҷуд дорад ва он сабаби ҷаҳон ва ё имкон-ул-вуҷуд аст. Бахши мазкурро маҳз ҳамин масъала, ки яке аз хусусиятҳои асосии фалсафаи метафизикии Ибни Сино низ мебошад, ташкил медиҳад. Бояд зикр намуд, ки дар ин фалсафа танҳо масъалаи воҷиб-ул-вуҷуд матраҳ нест, балки масъалаи имкон-ул-вуҷуд низ матраҳ аст. Масъалаи имкон-ул-вуҷудро мо дар қисмати баъдина матраҳ менамоем ва қисмати мазкур бошад бевосита ба масъалаи воҷиб-ул-вуҷуд бахшида мешавад.

Ҷавоб ба савол дар мавриди Худо як қисми таркибии фалсафаи метафизикии Синост ва бидуни тарҳи ин масъала дар умум фалсафаи метафизикии Ибни Сино нокомил боқӣ мемонад. Бо матраҳ кардани масъалаҳое чун ҷавҳар ва араз ва ё моҳият ва вуҷуд наметавон фалсафаи метафизикии Синоро анҷомёфта тасаввур намуд ва ё ба он танҳо аз ин зовияҳо муроҷиат намуд. Масъалаҳои номбаршуда фақат унсурҳои масъалаи ҳастӣ дар фалсафаи Ибни Сино мебошанд, ки бевосита танҳо ба масъалаи имкон-ул-вуҷуд тааллуқ доранд. Дар ҳақиқат бе матраҳ сохтани масъалаи воҷиб-ул-вуҷуд худи масъалаи имкон-ул-вуҷуд низ ноқис боқӣ мемонад. Танҳо дар муносибат бо воҷиб-ул-вуҷуд аст, ки масъалаи имкон-ул-

вуҷуд қобили фаҳмиш мегардад. Ибни Сино кӯшиши зиёде анҷом додааст, то ин ки вуҷуди Худоро исбот намояд, аммо ҳамаи ин кӯшишҳо дар доираи фарзкуниҳо ва эътиборот сурат мегиранд, ки танҳо дар доираи баррасиҳои зеҳнӣ қобили тасаввур мебошанд. Ҳеҷ кадоме аз ин кӯшишҳо дорои ҷанбаи амалӣ нестанд ва берун аз доираи баҳси мантиқӣ онҳо эътибороти худро аз даст медиҳанд. Дар ин мавриД комбинатсияҳои аҷибе сурат мегиранд, ки танҳо дар доираи мафҳумҳо қобили тасаввур ҳастанд, на берун аз онҳо.

Дар асоси навъ ва шеваи таҳлиле, ки Ибни Сино ин масъаларо матраҳ намудааст, мо онро ба се бахш тақсим ва баррасӣ менамоем: дар аввал мо назари Синоро дар мавриди дорои охир будани силсилаи сабабҳо ва дар ҳамин алоқамандӣ исботи ӯро дар мавриди он ки воҷиб-ул-вуҷуд ягонаи аввалин ба хотири сабаби ҷаҳон гардидан мебошад, матраҳ мегардонем; дувум, тасвири хусусиятҳои асосии воҷиб-ул-вуҷуд ва дар ин ҷо мо нишон медиҳем, ки он ҳеҷ як аз хусусиятҳои имкон-ул-вуҷудро доро нест; савум, назари Ибни Сино дар мавриди он ки воҷиб-ул-вуҷуд хайр ва дорои маънии мусбат аст, баррасӣ мекунем.

Мо метавонем баҳс дар мавриди воҷиб-ул-вуҷудро бо мавзуи сабаб ва натиҷа низ оғоз намоем. Аммо баръакси имкон-ул-вуҷуд, ки як натиҷа ва нуқтаи охир мебошад, воҷиб-ул-вуҷуд нуқтаи оғозин ва сабаби аввалист. Дар маркази ин муносибатҳо ақидаи Ибни Сино дар мавриди дорои анҷом будани силсилаи сабабҳо меистад. Дар ин ҷо, пеш аз ҳама, ӯ ҳадафи ғойӣ ва ё ҳадафи ниҳоиро дар назар дорад, зеро сабабҳои дигар на ба худии худ, балки ба хотири сабаби ғойӣ сабаб ҳастанд, аммо сабаби ғойӣ ба хотири сабабҳои дигар сабаб нест. Бино бар ин, савол чунин аст: оё занҷираи сабабҳо дорои анҷом аст ва ё на, оё дар паси ҳар як сабаб сабаби дигар то бениҳоят вуҷуд дорад ва ё анҷоме дар ин силсила ҳаст? Назари бунёдии Ибни Сино он аст, ки инкор кардани беохирии сабабҳо инкор кардани худи сабаби ғойист, зеро дар ин сурат сабаби ғойӣ ҳамчун сабаб моҳияти худро гум мекунад. Зеро дар паси ҳадафи ғойӣ вуҷуд доштани боз як сабаби ғойии дигар худ ба худ дорои зиддият аст.

Барои исботи ақидаи худ Ибни Сино ду далели “табиати хайр” ва “амали

огоҳона”-ро меоварад. Дар фаҳмиши Ибни Сино “табиати хайр” бо сабаби ғойӣ ҳаммаъност. Хайри ҳақиқӣ он аст, ки чизе ба хотири худ кӯшиш намояд. Аммо чизҳои дигаре, ки на ба хотири худашон, балки ба хотири ин хайр кӯшиш менамоянд, хайри ҳақиқӣ нестанд, балки чизҳои муфид ҳастанд. Ҳадафи ғойӣ ба хотири худ кӯшиш менамояд, аммо ҳадафҳои дигар на ба хотири худ, балки ба хотири сабаби ғойӣ мекӯшанд. Ҳамин тавр, дар ин муносибат сабаби ғойӣ хайри ҳақиқӣ ва дигар сабабҳо фоидаовар ва муфиданд. Агар фарз намоем, ки силсилаи сабабҳо беохир аст, пас табиати ҳақиқати хайр низ бемаънист .

Аммо дар навбати худ табиати хайр худро танҳо тавассути амали огоҳона комил мегардонад. Ҳадафи ғойӣ хуб аст, зеро он бо амали ақлонӣ алоқаманд мебошад ва ҳар як таъсире, ки аз ин сабаби ғойӣ бармехезад ва ба хотири он саъй менамояд, ҳадафи ақлонист. Ҳар амале, ки дорои ҳадафи ғойии ақлонӣ нест, абас аст: “Пас маълум аст, қавл ба номутаноҳӣ будани иллатҳои ғойӣ баробар бо инкори иллатҳои ғойист. Зеро ҳар касе ки ба ин қоил бошад, ки он сӯйи ҳар ғояте ғояти дигарест, мункири феъли ақлонист. Зеро худ ба худ бадеҳист, оқил феъли ақлониро барои расидан ба мақсуд ва ғояте анҷом медиҳад, ба тавре ки агар шахсе аз моҳо кореро бидуни ин ки дорои ғояти ақлонӣ бошад, анҷом диҳад, мегӯянд, коре абасу газоферо анҷом додааст ва кори ӯ аз рӯйи ақл нест, балки аз ҷанбаи ҳайвонии ӯ содир шудааст” [6, с. 256].

Ҳадафи Ибни Сино аз исрорварзӣ сари масъалаи дорои анҷом будани сабабҳо, пеш аз ҳама, асосноккунии вуҷуди як ҳастии хуб ва ақлонӣ дар оғози ҳамаи сабабҳо ва аз ҷумла имкон-ул-вуҷуд мебошад. Ибни Сино бар он бовар аст, ки ин бунёди нахустин дар маънии умумӣ ва ё сабаби мутлақ ҳамон воҷиб-ул-вуҷуд аст, зеро пеш аз ин мавҷуд ҳеҷ ҳастии дигар ва ё сабаби дигаре вуҷуд надорад, аз ин ҷиҳат, он худ, ки зарурати вуҷуди он аз худи ӯст, сабаби мутлақ барои имкон-ул-вуҷуд ва ё ҷаҳон аст. Воҷиб-ул-вуҷуд худ аз худ вуҷуд аст, аммо имкон-ул-вуҷуд дар худии худ нестист, пас савол пайдо мешавад, ки байни ин ду чӣ гуна робита вуҷуд дорад. Ин робита, ки мо онро дар бахши пешина ҳамчун “навъи беҳтарини сабабҳо” номидаем, “ибдоъ”, яъне офариниши беоғози чиз, мебошад. Баръакси чизҳое, ки бо модда омехта ҳастанд ва худро замоне маҳв

месозанд, чизҳое вуҷуд доранд, ки бе оғоз ва ё қаблан нестӣ буданд, ҷудо аз модда ва ҷовидонаанд. Агар боз равшантар бигӯем, воҷиб-ул-вуҷуд ҷавҳари чизҳоро меофарад: “Бино бар ин, вуҷуди ҳамаи мавҷудот дар иртибот бо иллати аввалӣ вуҷуде ибдоист ва эҷоди ҷавҳарии ашёъ аз сӯйи воҷиб-ул-вуҷуд эҷоде нест, ки роҳе барои адам гузошта бошад. Балки эҷодест, ки дар умури сармадӣ мутлақан роҳи адамро ба сӯйӣ онҳо мебандад. Чунин эҷоде ҳамон ибдои мутлақ аст ва эҷоди мутлақ ғайр аз як навъ эҷод аст” [6, с. 258].

Назари бунёдии Ибни Сино он аст, ки тамоми ҷаҳон ва ё имкон-ул-вуҷуд аз нестии мутлақ офарида шудааст, онҳо чизҳое ҳастанд, ки қаблан вуҷуд надоштанд. Имкон-ул-вуҷуд, ки моҳияти он нестӣ мебошад, зарурати вуҷуди он на аз худии он, балки аз ғайр ва ё аз воҷиб-ул-вуҷуд имконпазир мегардад. Он чизе ки Ибни Сино “беҳтарин навъи сабаб” меномад, ба муносибати байни ин ду навъи ҳастӣ тааллуқ дорад. Он дорои ду хусусият аст, ки ба оғоз ва пас аз зуҳури имкон-ул-вуҷуд тааллуқ доранд: ҳамаи ҷавҳарҳои ҷаҳони имкон тавассути воҷиб-ул-вуҷуд ҳамчун офариниши беоғоз сохта шудааст ва дигаре он аст, ки ин ҷавҳарҳо ҷовидонаанд, зеро аз модда ҷудо ҳастанд.

Ягонагии воҷиб-ул-вуҷуд. Мувофиқи шарҳҳое, ки Ибни Сино додааст, хусусияти асосии воҷиб-ул-вуҷуд он аст, ки он ягона (ал воҳид) аст, на бисёр. Он дорои чизи ҳамроҳкунанда нест, ҳамчунин ҳеҷ гуна алоқаи моҳиятӣ бо дигар чизҳо надорад, зеро дар ин сурат маънии худро ҳамчун воҷиб-ул-вуҷуд аз даст медиҳад. Мақсади Ибни Сино он аст, ки ҷаҳон дорои оғоз аст ва ин оғоз ягона аст. Ин ду танҳо моҳиятан аз ҳамдигар фарқ доранд ва агар мо ин нуқтаро ба эътибор нагирем, ба фарқият дучор намеоем ва онҳо маънии худро аз даст медиҳанд. Аз ин ҷиҳат, ин чиз ғайримумкин аст, ки воҷиб-ул-вуҷуд моҳиятан ягона набошад. Аммо воҷиб-ул-вуҷуд худ ҳамчун “ягона” ва “на бисёр” аз маънии аз ҷониби умум қабулгардида фарқ мекунад. Дар ин ҷо Ибни Сино дар байни “ягона ҳамчун ягона” ва “чизе, ки ягонагӣ дорад”, фарқ мегузорад. Ин масъала асосан дар муносибат бо сарчашмаи ҷаҳон қобили шинохт аст. Дар фалсафаи Юнони Бостон назарияҳои гуногун дар мавриди сароғоз ё сарчашмаи ҷаҳон вуҷуд дорад, ки намунаи онро мо дар файласуфони моддигарои

пешазсуқротӣ ба хубӣ мушоҳида мекунем. Дар ин ҷо як моҳияти муайян дар назар дошта шудааст. Инҳо ду чизи батамом аз ҳамдигар фарқкунандаанд, зеро вақте ки воҷиб-ул-вуҷуд ҳамчун ягона, ё воҳид фарз карда шавад, набояд ягон моҳияти муайян, ки ба он ягонагӣ ориз гардидааст, дар назар дошта шавад, балки “ягонагӣ” бояд ҳамчун “ягонагӣ” дар назар дошта шавад: „Бино бар ин, байни моҳияте, ки воҳид ва мавҷуд бар он ориз мешаванд ва байни воҳид ва мавҷуд аз он ҳайс, ки воҳид ва мавҷуд ҳастанд, фарқ аст“ [6, с. 260].

Воҷиб-ул-вуҷуд ҳамчун ягона як мавҷуди ғайримоддист, ки дорои ҳеҷ гуна моҳият нест, пеш аз ин вуҷуд вуҷуди дигаре ва ҳамчунин сабаби дигаре вуҷуд надорад, аммо ҳамаи мавҷудоти дигар маҳз аз ҳамин ягона ба вуҷуд омадаанд. Он ягона мебошад ва аз ин ҷиҳат ғайриимкон аст, ки вуҷуди он аз чизи дигар ва он дар худ аз қисматҳои гуногун иборат бошад. Чун ин хусусиятҳои имкон-ул-вуҷуд аст, наметавон дар ин маврид аз воҷиб-ул-вуҷуд аз худии худ сухан кард. Аммо ин ҷо боз саволи дигаре пеш меояд, яъне оё вуҷуд доштани ду ё зиёда воҷиб-ул-вуҷуд имкон дорад, ки онҳо баробарвазн бошанд ва оё воҷиб-ул-вуҷуд бисёрӣ дошта бошад ва оё ин бисёрӣ дар асоси мафҳуми умумиашон аз ҳам фарқ мекунанд ва ё не? Ибни Сино ин ҳар ду эҳтимолотро таҳлил менамояд ва исбот мекунад, ки на ду воҷиб-ул-вуҷуди ҳамсатҳ ва на бисёрӣ дар воҷиб-ул-вуҷуди биззот имконпазир нест. Дар идома маҳз ҳамин фарзияҳо мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Ду воҷиб-ул-вуҷуди баробарсатҳ вуҷуд дошта наметавонад. Ибни Сино ақидаи имкони вуҷуди ду воҷиб-ул-вуҷудро, ки дар баробари ҳам қарор гиранд, инкор менамояд ва исбот мекунад, ки ҳамаи кӯшишҳо дар ин маврид бенатиҷа боқӣ мемонанд. Масалан, агар мо яке аз ин воҷиб-ул-вуҷудҳоро ба фарз гирем, он гоҳ он ё биззот воҷиб-ул-вуҷуд аст ва ё на. Агар он воҷиб-ул-вуҷуд биззот бошад, он гоҳ он воҷиб-ул-вуҷуд билғайр (тавассути воҷиб-ул-вуҷуди дувумӣ) низ ҳаст, аммо ин ғайриимкон аст. Дар ин сурат танҳо як ақида боқӣ мемонад: ин воҷиб-ул-вуҷуд воҷибияти вуҷуди худро аз худ ба даст наёвардааст, балки аз ғайр. Барои мо аллакай маълум аст, ки он чӣ воҷиб-ул-вуҷуд билғайр аст, воҷиб-ул-вуҷуд нест, балки имкон-ул-вуҷуд мебошад.

Агар як воҷиб-ул-вуҷуд билғайр бошад, он гоҳ воҷиб-ул-вуҷуди дувумӣ низ на биззот, балки билғайр аст. Дар ин ҷо, як чиз бароямон равшан мегардад, ду воҷиб-ул-вуҷуди биззот баробарсатҳ шуда наметавонанд, боз ҳам равшантар, инҳо воҷиб-ул-вуҷуд нестанд. Аммо қисмати дувуми масъала он аст, ки оё воҷиб-ул-вуҷуд билғайр вуҷуди воҷиб барои воҷиб-ул-вуҷуд шуда метавонад. Воҷиб-ул-вуҷуд билғайр ва ё имкон-ул-вуҷуд биззот вобаста ба сабабҳои худ дорои ду ҳолат аст: он ё дар ноҳияи воҷиб аст ё имкон. Он метавонад ё дар зинаи “воҷиб”-и вуҷуди воҷиб барои воҷиб-ул-вуҷуд қарор гирад ё дар зинаи “имкон”. Ибни Сино ҳар ду вариантро матраҳ мекунад: 1. Агар воҷиб-ул-вуҷуд ба воситаи зарурати вуҷуди дигаре воҷиб-ул-вуҷуд бошад, ин чунин маънӣ дорад, ки шарти зарурати вуҷуди воҷиб-ул-вуҷуд чизест, ки моҳиятан пас аз вуҷуби вуҷуди он вуҷуби вуҷуд дорад. Ин аз ҷиҳати мантиқӣ зиддиятдор аст ва воҷиб-ул-вуҷуд дар ин ҳолат ҳеҷ вақт дорои зарурати вуҷуд намегардад.

2. Агар вуҷуби вуҷуди воҷиб-ул-вуҷуд воҷиб-ул-вуҷуди билғайр бошад, ки дар дараҷаи имкон-ул-вуҷуд аст, пас мо боз бо як зиддияти дигар сарбасар мешавем: ин имкон вуҷуд дорад, ки дар воҷиб-ул-вуҷуди билғайр сабаб барои вуҷуби вуҷуди воҷиб-ул-вуҷуд метавонад шавад, аммо воҷиб-ул-вуҷуд наметавонад сабаб барои воҷиб-ул-вуҷуд билғайр ва ё имкон-ул-вуҷуд аз худ гардад. Дар ин намуди дувум мо наметавонем дар ҳар ду маврид низ ду воҷиб-ул-вуҷуди ҳамсатҳро фарз кунем.

Агар ин ду воҷиб-ул-вуҷуд аз ноҳияи худ воҷиб-ул-вуҷуд бошанд, он гоҳ онҳо ба чизи дигаре барои вуҷуби вуҷуди худ ниёз надоранд. Аммо агар онҳо воҷиб-ул-вуҷуд билғайр бошанд, он гоҳ онҳо моҳиятан вуҷуди баъдтар нисбат ба дигареро соҳибанд, ки воҷиб-ул-вуҷуд биззот аст. Ин ҷо танҳо як ақида боқӣ мемонад: ҳар дуи онҳо тавассути сабабҳо ё омили савум офарида шудаанд ва агар онҳо тавассути омили дигар сохта шуда бошанд, он гоҳ на воҷиб-ул-вуҷуд, балки имкон-ул-вуҷуданд: “Бино бар ин, ғайримумкин аст ин ду дар ҳоле ки ба иллате хориҷӣ вобаста нестанд, талозум дар вуҷуд дошта бошанд, балки бояд яке аз ин ду биззот муқаддам бошад, ё ин ки иллати хориҷии дигаре бошад, ки ҳар дуро эҷод кунад, ё бо барқарор кардани робитаи лузумия байни он ду ё бо

маншаъ будани худи ҳамин эҷоб бар эҷоди робита байни он ду” [6, с. 33].

Ҳамин тавр, ду воҷиб-ул-вуҷуд наметавонанд баробараризиш бошанд, ҳатман яке бояд пеш аз дигаре мавҷуд бошад ва ё ин ҳар ду бояд дорои сабаби дигаре бошанд, ки дар ин сурат онҳо худ натиҷаанд, пас онҳо воҷиб-ул-вуҷуд нестанд. Бо ҳамин далелҳо Ибни Сино имкони вуҷуди ду воҷиб-ул-вуҷудро инкор менамояд ва таъкид мекунад, ки воҷиб-ул-вуҷуд воҳид ва ягона аст.

Ғайриимкон будани касрат ва ё бисёрӣ дар воҷиб-ул-вуҷуд. Яке аз баҳсҳои дигар, ки моро ба ақидаи Ибни Сино дар мавриди ягона будани воҷиб-ул-вуҷуд наздиктар мегардонад, ин ғайриимкон будани воҷиб-ул-вуҷудҳои зиёд мебошад. Яке аз хусусиятҳои бунёдии воҷиб-ул-вуҷуд дар муқоиса бо имкон-ул-вуҷуд он аст, ки дар воҷиб-ул-вуҷуд моҳият ва вуҷуд аз ҳамдигар ҷудо намебошанд ва боз ҳам равшантар, воҷиб-ул-вуҷуд дорои моҳият нест. Агар аз ин нуқтаи назар оғоз кунем, пас мо наметавонем онро ҳамчун маънии ҷинсӣ ва ё навъӣ ба касрат тақсим намоем. Дар бахши оянда мо ин хусусияти бунёдии воҷиб-ул-вуҷудро муфассал матраҳ мегардонем, аммо ҳоло боз ду фарзияи овардаи Ибни Сино дар мавриди ғайриимкон будани бисёрӣ дар воҷиб-ул-вуҷудро матраҳ мегардонем:

Фарзияи аввал: агар воҷиб-ул-вуҷудҳои гуногун дар асоси маънӣ ва мафҳумҳояшон аз ҳамдигар фарқ нанамоянд, он гоҳ онҳо бо ҷанбаҳое, ки берун аз ин мафҳумҳо ҳастанд, аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ин ҷанбаҳои беруна, ки бо маънии воҷиб-ул-вуҷуд алоқаманданд, аразҳо ва муайянкунандаҳои воҷиб-ул-вуҷуд ҳастанд. Ба эҳтимоли зиёд, араз ва муайянкунандагони муайяне бо “ин” воҷиб-ул-вуҷуд алоқаманд ҳастанд ва ба ҳар “ҳар як” воҷиб-ул-вуҷуд ва бо ин хусусиятҳои худ онҳо ин воҷиб-ул-вуҷудҳоро аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Аммо он омилҳое, ки аз маънию мафҳуми воҷиб-ул-вуҷуд берун ва бо он алоқаманд ҳастанд, ё бо моҳияти воҷиб-ул-вуҷуд мечаспанд ё бо вуҷуди он. Дар ин сурат ҳамаи воҷиб-ул-вуҷудҳо ба ин чистиҳо ва вуҷудҳо иштирок менамоянд ва ин бо шарти фарзи дар назардошта мутазод аст, зеро мо дар оғоз ин алоқамандиро бо воҷиб-ул-вуҷудҳои гуногун дар назар гирифта будем. Агар воҷиб-ул-вуҷудҳо дорои як маънӣ бошанд ва ҳама дар ин маънӣ иштирок намоянд, он гоҳ наметавон дар асоси омилҳои беруна онҳоро аз ҳамдигар фарқ

намуд. Ва ё ин араз ва муайянкунандаҳо тавассути сабабҳои беруна алоқаманд мегарданд ва дар ин сурат ҳама чиз аз ин сабабҳои беруна вобаста мегарданд, зеро бе ин сабабҳо на аразҳо ва на муайянкунандаҳо вуҷуд дошта метавонанд ва на фарқият дар воҷиб-ул-вуҷуд вуҷуд дорад. Агар мо сабабҳои берунаро дар муносибат бо воҷиб-ул-вуҷуд ҳамчун асос фарз намоем, он гоҳ воҷиб-ул-вуҷуд маънии худро аз даст медиҳад, зеро он аз хусусиятҳои имкон-ул-вуҷуд мебошад.

Фарзияи дувум: воҷиб-ул-вуҷудҳо аз ҳамдигар ба воситаи мафҳуми бунёдӣ, ки қисми таркибии мафҳуми воҷиб-ул-вуҷудро ташкил медиҳад, фарқ менамоянд. Ин мафҳуми бунёдӣ ё шарти воҷибияти вуҷуди воҷиб-ул-вуҷуд мебошад ё на. Агар ин вуҷуби вуҷуд шарти вуҷуди воҷиб-ул-вуҷуд бошад, он гоҳ ин мафҳуми бунёдӣ ба ҳамаи воҷиб-ул-вуҷудҳо тааллуқ дорад, аммо агар он шарти воҷиб-ул-вуҷуд набошад, он гоҳ он дар ҳоли воқеият ёфтани воҷиб-ул-вуҷуд ба он мечаспад ва дар ин сурат фақат хусусияти аразӣ дорад. Ба ақидаи Ибни Сино ҳам аз диди мафҳумӣ он ва ҳам аз диди омилҳои бегона фарқи як воҷиб-ул-вуҷуд аз воҷиб-ул-вуҷудҳои дигар вуҷуд надорад ва натиҷаи ниҳоӣ ин мемонад, ки ҳеҷ гуна касрат дар воҷиб-ул-вуҷуд биззот вуҷуд надорад.

Дар муносибат ба “дорои касрат набудан” Ибни Сино возеҳ менамояд, ки воҷиб-ул-вуҷуд ҳамчун ғайрибисёр фақат ба зоти он тааллуқ дорад. Воҷиб-ул-вуҷуд биззот ягона аст, на бисёр, аммо дар муносибат ба воҷиб-ул-вуҷуд муносибатҳои мусбат ва манфии бисёре вуҷуд дорад. Инҳо қисмати таркибии воҷиб-ул-вуҷуд набуда, пешӣ бар он надоранд, балки онҳо фақат муайянкунанда ва мусаббаб ҳастанд: „Агар нисбатҳои эҷобӣ ва салбии бисёре ба ӯ нисбат дода мешавад, инҳо аз лавозими зот ва маълули зоти ӯ ҳастанду баъд аз зоти ӯ ба вуҷуд омадаанд ва на муқаввими зоти ӯ ва на аҷзои зот ҳастанд“ [6, с. 259].

Дар ин бахш мо андешаи Ибни Сино дар мавриди хусусияти асосии воҷиб-ул-вуҷуд ҳамчун ягона ва дигар масъалаҳои бунёдии вобаста ба онро баррасӣ кардем, ки инҳо ғайриимкон будани ду воҷиб-ул-вуҷуди баробарвазн ва ҳамчунин ғайримумкин будани касрат ё бисёрӣ дар зоти воҷиб-ул-вуҷуданд. Он гуна ки дар охир зикр намудем, ҳамчунин дар муносибат бо он як қатор сифатҳои мусбат ва манфӣ вуҷуд дорад ва дар бахши оянда мо маҳз ҳамин масъаларо

мавриди таҳлил қарор медиҳем.

А. Исботи ғайримустақими Воҷиб-ул-вуҷуд дар асоси инкори он хосиятҳои бунёдие, ки мансуб ба имкон-ул-вуҷуд мебошанд. Дар ин ҷо мақсад аз “сифатҳои салбӣ” фаҳмиши метафизикии “сифатҳои манфӣ” ва ё “бесифатӣ” ва ё “бехусусият будан” аст ва аз “сифатҳои эҷобӣ” ҳамон “дорои сифат ва ё хусусият будан” дар назар дошта шудааст. Инҳо сифат ва хусусиятҳоеанд, ки аз феъл ва моҳияти воҷиб-ул-вуҷуд сар мезананд. Масъалаи асосӣ дар ин маврид ин фарқ кардани сифатҳои воҷиб-ул-вуҷуд аз имкон-ул-вуҷуд аст. Бояд донист, ки ҳамаи “сифатҳои салбӣ ва ё манфӣ”-и воҷиб-ул-вуҷуд “сифатҳои эҷобӣ ва мусбати”-и имкон-ул-вуҷуд мебошанд. Акнун мо ба баррасии сифатҳои манфӣ (салбӣ) ва мусбат (эҷобӣ)-и воҷиб-ул-вуҷуд мепардозем.

а) Моҳият ва вуҷуди воҷиб-ул-вуҷуд. Дар асоси комбинатсияи байни моҳият ва вуҷуд мо метавонем хусусиятҳои фарққунандаи ин ду намуди ҳастиро муайян намоем. Он гуна ки аллакай медонем, дар имкон-ул-вуҷуд моҳият ва вуҷуд аз ҳамдигар ҷудо мебошанд. Агар вуҷуд аз моҳият ҷудо бошад, он гоҳ вуҷуд дорои хусусияти аразӣ мебошад, ки ба моҳият ориз мегардад ва ё мечаспад ва ҳар чизе ки аразӣ аст, дорои сабаби хориҷӣ мебошад ва дар ниҳоят ҳамаи чизҳое, ки вуҷуд ва моҳияташон аз ҳамдигар ҷудо мебошанд онҳо ба имкон-ул-вуҷуд тааллуқ доранд. Агар моҳият ва вуҷуди воҷиб-ул-вуҷуд низ аз ҳамдигар ҷудо мебуданд, он гоҳ он низ воҷиб-ул-вуҷуд бил зот намебуд. Зеро дар ин сурат вуҷуди он на аз худии худ, балки ба мисли имкон-ул-вуҷуд аз омилҳои бегона вобастагӣ дошт ва дар ин сурат онро наметавон воҷиб-ул-вуҷуд номид.

Баҳси воҷиб-ул-вуҷуд ва моҳият шабеҳи баҳси байни ягона ҳамчун воҳид ва моҳияте, ки воҳид ба он ба тариқи аразӣ мечаспад мебошад. Баъзан ҳадаф аз ягона худи ягона мебошад ва баъзан ҳадаф моҳияте мебошад, ки он ягона аст. Баъзан воҷиб-ул-вуҷуд ҳамчун воҷиб-ул-вуҷуд фарз карда мешавад ва баъзан як моҳияти муайян, масалан, инсон ва ин моҳият бо дорои вуҷуд гардидан воҷиб-ул-вуҷуд мебошад .

Оё воҷиб-ул-вуҷуд худ низ дорои моҳият мебошад ва танҳо тавассути ин моҳият воҷиб-ул-вуҷуд бил зот аст? Ибни Сино кӯшиш намудааст, ки дар асоси

якчанд фарз исбот намояд, ки вуҷуд ва моҳияти аз ҳам ҷудо дар воҷиб-ул-вуҷуд ғайримумкин мебошад. Агар як моҳияти муайян воҷиб-ул-вуҷуд бошад, он гоҳ нахуст аллакай он воҷиб-ул-вуҷуд биззот нест ва дувум, агар моҳияти муайян ҳамчун воҷиб-ул-вуҷуд фарз шавад, он гоҳ он дар асоси сифатҳои худ на моҳият мебошад, чун воҷиб-ул-вуҷуд ба маънии мутлақ мечаспад, на сабаб барои воҷиб-ул-вуҷуд мебошад.

Агар мо воҷиб-ул-вуҷудро на фақат ҳамчун ягона балки дар якҷоягӣ бо сифатҳои гуногун фарз намоем, он гоҳ моҳият доштани он ҳатмӣ мегардад. Агар воҷиб-ул-вуҷуд дорои моҳияте (масалан, инсон) бошад, он гоҳ ин моҳият дорои маънӣ мебошад, ки он маънӣ низ вориди воҷиб-ул-вуҷуд мебошад, дар ин сурат ин маънӣ аз моҳияти воқеии худ ва ё аз ҳақиқати худ фарқ менамояд. Бо ин маънӣ вазъияти инсон ҳамчун моҳият аз воҷиб-ул-вуҷуд фарқ менамояд. Ин ҷо Ибни Сино суол мегузорад, ки оё ин маънӣ, яъне вуҷуди воҷиб дорои моҳияти ҳақиқӣ мебошад ва ё на? Ҷавоб ин аст, ки чунин фарз ғайримумкин мебошад, ки чизе худ асоси нахустин барои ҳамаи моҳиятҳои воқеӣ мебошад, вале худ дорои моҳияти воқеӣ набошад .

Он вуҷуби худро ба воситаи моҳияти худ ба даст меоварад ва аз ин ҷиҳат он воҷиб-ул-вуҷуд бил зот намебошад. Мо “воҷиб-ул-вуҷуд бил ғайр”-ро ҳамчун “имкон-ул-вуҷуд” мешиносем. Аммо Ибни Сино ин масъаларо бо баҳси дар боло овардашуда ба анҷом намерасонад. Агар мо воҷиб-ул-вуҷудро танҳо тавассути тааллуқияти он ба як моҳияти муайян фарз намоем, монеаи дигар ин навъи муносибат дар байни моҳият ва воҷиб-ул-вуҷуд мебошад, бахусус дар маънии мутлақ. Агар вуҷуби вуҷуд на бо вуҷуди сирф, ки ба моҳият ориз гардидааст, маҳдуд гардонида шуда бошад, ҳеҷгуна муносибат дар байни моҳият ва вуҷуби вуҷуд дар маънии мутлақ ба вуҷуд намеояд. Аммо агар вуҷуди мутлақ танҳо ба вуҷуди сирф маҳдуд гардонида шавад, он гоҳ низ наметавон ин моҳиятро ҳамчун воҷиб-ул-вуҷуд дар маънии мутлақ ифода намоем. Сабаби аввал он аст, ки он гуна ки аллакай зикр намудем, воҷиб-ул-вуҷуд дар маънии мутлақ ба моҳият ориз гардида наметавонад ва танҳо тавассути маҳдудсозӣ дар вуҷуди сирф имконпазир мебошад ва дувум, моҳият ҳамеша ниёз ба вуҷуд надорад ва вуҷуби

вуҷуди он вобастагӣ дорад аз сабабҳои беруна, аммо баръакси он воҷиб-ул-вуҷуд ҳамеша дорои вуҷуби вуҷуд мебошад: “Ва агар вуҷуби вуҷуд мутлақ лиҳоз шавад ва ба вуҷуди сирфе, ки ба моҳият мулҳақ мешавад муқайид набошад итисофи моҳият ба вуҷуби вуҷуд маҳол аст. Ва агар вуҷуби муқайид ба вуҷуди сирф ба моҳият мулҳақ бошад, гарчи бо ин шайъ мақорин аст, ин моҳият ба таври мутлақ воҷиб-ул-вуҷуд нахоҳад буд ва вуҷуби вуҷуд ба таври мутлақ бар он ориз нахоҳад шуд. Зеро моҳият дар ҳама авқот вуҷуд надорад, вале воҷиб-ул-вуҷуд ба таври мутлақ дар ҳамаи авқот воҷиб аст” [6, с. 261].

Нуктаи муҳим дар ин ҷо ин аст, ки воҷиб-ул-вуҷуд ногузирии вуҷуди худро аз моҳият гирифта наметавонад. Моҳият ҳеҷ вақт наметавонад сабаб барои воҷиб-ул-вуҷуд гардад, зеро дар тасвири Ибни Сино омилҳои дигар низ вуҷуд доранд. Дар боло мо қайд намудем, ки воҷиб-ул-вуҷуд дар маънии мутлақ ба моҳият ориз гардида наметавонад, аммо дар худи ҳамин муносибат аз ноҳияи моҳият низ монеае вуҷуд дорад. Агар вуҷуд ва фардият ба моҳият ориз гардад, он гоҳ ин ё дар асоси худи моҳият ва ё дар асоси сабабҳои бегона рух медиҳад. Хусусияти ҳастандаҳо он аст, ки он чизҳоро танҳо бо вуҷуди воқеиашон пайравӣ менамояд. Агар вуҷуд ва фардият дар асоси моҳият пайравӣ намоянд, он гоҳ ин чунин маънӣ дорад, ки моҳият аллакай чизи воқеӣ ва ё мавҷуд аст. Дар ин ҷо низ фақат ҳамин маънӣ боқӣ мемонад, ки вуҷуд ва фардият ба моҳият на дар асоси моҳият мечаспанд, балки дар асоси сабабҳои беруна . Дар натиҷа, агар моҳият барои зарурати вуҷуди воҷиб-ул-вуҷуд сабаб гардад, он гоҳ ҳастии ин моҳият аллакай вуҷуди воқеӣ мебошад ва ин чунин маънӣ дорад, ки пеш аз воҷиб-ул-вуҷуд боз ҳастиҳои дигар низ вуҷуд доштанд, ки ин дар худ дорои зиддият мебошад: „Ва нашояд, ки моҳияте бувад мар воҷиб-ул-вуҷудро, ки иллати инният бувад, зеро ки агар он моҳиятро ҳастӣ бувад то аз вай инният омада бувад ва иллати инният шуда бувад варо пеш аз ҳастӣ, ки аз вай ояд, ҳастӣ худ буда бувад” [2, с. 253].

Агар моҳият ва вуҷуд аз ҳамдигар ҷудо бошанд, он гоҳ вуҷуд ба моҳият на дар асоси худи моҳият, балки вуҷуд ба сабабҳои беруна вобаста мебошад. Моҳият ҳеҷ вақт наметавонад сабаб барои вуҷуд гардад. Аммо дар воҷиб-ул-

вуҷуд вазъият на ба мисли чизҳои дигар мебошад, яъне моҳият ва вуҷуд аз ҳамдигар ҷудо намебошанд, балки моҳияти он худ вуҷуди он ва ё шиддати вуҷуди худи он мебошад.

б)Воҷиб-ул-вуҷуд на мафҳуми куллӣ мебошад ва на мафҳуми ҷинсӣ. Хусусияти асосии фарққунандаи байни воҷиб-ул-вуҷуд ва имкон-ул-вуҷуд он аст, ки дар имкон-ул-вуҷуд моҳият ва вуҷуд аз ҳамдигар фарқ мекунанд ва аз ҳамдигар ҷудо мебошанд. Дар муносибат бо воҷиб-ул-вуҷуд моҳият ин ҳамон вуҷуд мебошад ва боз ҳам равшантар, он дорои моҳият нест. Агар воҷиб-ул-вуҷуд дорои моҳият ва вуҷуди аз ҳам ҷудо нест, пас мо наметавонем хусусият ва сифатҳои имкон-ул-вуҷудро дар воҷиб-ул-вуҷуд пайдо намоем. Мо ин хусусият ва сифатҳоро ҳамчун хусусият ва сифатҳои инкоршаванда ифода менамоем. Яке аз ингуна сифатҳо он аст, ки воҷиб-ул-вуҷуд дорои мафҳуми ҷинсӣ нест, новобаста аз ин мо ин баҳсро ба “воҷиб-ул-вуҷуд бидуни ҷинс” маҳдуд наменамоем. Ин баҳс дар як вақт шарҳи минбаъда дар ин маврид, ки “воҷиб-ул-вуҷуд дорои касрат нест” мебошад ва ҳамин тавр воҷиб-ул-вуҷуд дорои мафҳуми куллӣ намебошад ва ҳамин тавр дар ниҳоят он дорои зиддият намебошад.

Агар як чиз дорои моҳият бошад, он гоҳ ин моҳият ҳамчун ҷинс ва ё мафҳуми навъӣ барои фасл нақш бозӣ мекунад. Аммо агар як чиз дорои моҳият набошад, он гоҳ он дорои мафҳуми ҷинсӣ низ нест. Бинобар ин, чиз ҳамчун воҷиб-ул-вуҷуд дорои моҳият нест ва дорои мафҳуми куллӣ барои якчанд ҷузъ на барои чизҳо, ки аз ҷиҳати ҳақиқат ва мафҳуми навъиашон баробар ҳастанд ва на барои чизҳое, ки дар ҳақиқати воқеӣ ва навъашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд

Агар дар воҷиб-ул-вуҷуд низ вуҷуд ва моҳият аз ҳамдигар ҷудо мебуданд, он гоҳ воҷиб-ул-вуҷуд низ дорои маънии куллӣ буд ва ба фасл ва фардҳои зиёде тақсим мегардид. Аммо чун он ҳамчун воҷиб-ул-вуҷуд дорои вуҷуд ва моҳияти ягона аст, пас дорои мафҳуми куллӣ низ нест ва агар мо кӯшиш намоем, ки воҷиб-ул-вуҷудро ҳамчун мафҳуми куллӣ фарз намоем, ҳамеша ба зиддияти мантиқӣ дучор меоем. Барои он ки ақидаи худ дар мавриди дорои маънии куллӣ набудани воҷиб-ул-вуҷудро исбот намояд, Ибни Сино як фарзияи ниҳоят дароз ва печидаро матраҳ менамояд ва дар он воҷиб-ул-вуҷудро ҳамчун дорои маънии

куллӣ ба эътибор мегирад. Ҳангоми ҳамчун маънии куллӣ фарз кардани воҷиб-ул-вуҷуд дар ҳамаи мавридҳо фарзи интихобкардаи мо худ худро инкор менамояд. Ин ҷо мо кӯшиш менамоем, ки ин фарзи ӯро матраҳ гардонем: Агар воҷиб-ул-вуҷуд дорои маънии куллӣ мебуд, он гоҳ он аз се эҳтимол орӣ набуд: А. Афроде, ки дар воҷибияти вуҷуди воҷиб-ул-вуҷуд иштирок доранд, дорои нишонаи фарқкунандаи худ ҳастанд; Б. Афроде, ки дар воҷибияти вуҷуди воҷиб-ул-вуҷуд иштирок доранд, дорои нишонаи фарқкунанда нестанд; С. Яке аз фардҳо дорои нишонаи фарқкунанда аст ва дигарӣ не.

Дар ҳолати Б. Яъне агар фардҳо дар воҷиб-ул-вуҷуд иштирок намоянд, аммо дорои ҳеҷгуна нишонаи фарқкунанда набошанд, он гоҳ онҳо вуҷуд надоранд, зеро ҳақиқати воқеии воҷиб-ул-вуҷуд пас аз ногузирии вуҷуд ҳеҷгуна фарқиятро қабул надорад.

Дар ҳолати С. Яъне агар як фард бо фарди дигар дар воҷибияти вуҷуди воҷиб-ул-вуҷуд иштирок намояд ва яке дорои ҳақиқати воҷибияти вуҷуд ба иловаи чизи зиёда ҳамчун шарти фарқкунандаи он аз дигаре бошад ва дигаре танҳо дорои воҷибияти вуҷуд ва бидуни шарти фарқкунанда бошад. Он воҷиб-ул-вуҷуде, ки дорои зиёда аст ва бо он аз воҷиб-ул-вуҷуди дигарӣ фарқ менамояд, берун аз ин ду ҳолат нест: С1. Ё бидуни ин чизи зиёда вуҷуби вуҷуди он воқеият пайдо менамояд, ки дар ин сурат чизи зиёда шарти вуҷуби вуҷуд намебошад ва вуҷуби вуҷуд бо ин зиёда мураккаб мегардад, ҳоло он ки мо гуфта будем, ки воҷиб-ул-вуҷуд мураккаб нест. С2. Вуҷуби вуҷуди воҷиб-ул-вуҷуд ба воситаи “зиёда” вуқуъ меояд ва вуҷуди “зиёда” шарти вуҷуби вуҷуди он мебошад ва дар ин ҳолат он шарти воҷиб-ул-вуҷуди дигарӣ низ мебошад ва ҳол он ки мо воҷиб-ул-вуҷуди дигариро бидуни “зиёда” фарз намуда будем.

Дар ҳолати аввал, яъне А, агар ҳар ду афроди дар вуҷуби вуҷуди воҷиб-ул-вуҷуд иштирокдошта дорои нишонаи фарқкунанда бошанд ва бо ин нишона аз ҳамдигар фарқ намоянд. Дар ин маврид ҳам ду ҳолат пеш меояд: А1. Ё ҳар ду воҷиб-ул-вуҷуд бидуни зиёдаашон таҳаққуқ меёбанд ва дар ин ҳолат онҳо бо зоти воҷиб-ул-вуҷуд зиддият надоранд ва ин “зиёда” ба тариқи аразӣ ба онҳо мечаспад. Воҷиб-ул-вуҷуд бошад дар вуҷуди худ худкифо буда барои вуҷуби

вуҷуди худ ниёз ба “зиёда” ва ё аразҳо надорад. А2. Ё зиёда шарти таҳаққуқ пайдо кардани вуҷуби вуҷуди ҳар ду воҷиб-ул-вуҷуд мебошад. Дар ин сурат: А2а. ҳақиқати воҷиб-ул-вуҷуд маҳз тавассути ин зиёда ҳақиқати вуҷуби худро ба даст меоварад; А2б. Ё ин зиёда на ба ҳақиқати воҷиб-ул-вуҷуд, балки воҷиб-ул-вуҷуд ба ин зиёда фақат барои дорои вуҷуди хориҷӣ пайдо намудан ниёз дорад. Ба дигар ибора, воҷиб-ул-вуҷуд ба мисли маънии ҷинсӣ буда, ин зиёда фаслеро мемонад, ки вуҷуди воҷиб-ул-вуҷудро ҳамроҳӣ менамояд. Ин чунин маънӣ дорад, ки воҷиб-ул-вуҷуд пас аз ҳақиқати воҷиб-ул-вуҷуд будан ва ба хотири вуҷуди хориҷиаш ба он зиёда муҳтоҷ гардидааст, ки ин низ зиддиятдор мебошад. Бо овардани ин се фарзия Ибни Сино исбот менамояд, ки воҷиб-ул-вуҷуд дорои маънии куллӣ намебошад. Ин як нуқтаи асосӣ дар мавриди воҷиб-ул-вуҷуд ҳамчун мафҳуми куллӣ ва муносибати байни моҳият ва вуҷуд мебошад.

Масъала ин аст, ки оё ҳолати воҷиб-ул-вуҷуд ҳамчун маънии куллӣ ва зиёдаҳои бисёр, ки ба воситаи онҳо таҳаққуқ меёбад, агар ба тариқи шабоҳатдиҳӣ мушоҳида намоем, ба мисли ҳолати модда ва ранг ҳамчун моҳият ва сурат (барои модда) ва сафеду сиёҳ (барои ранг) мебошад ва ё не. Ибни Сино ин шабоҳатдиҳиро инкор менамояд, зеро ранг ва модда ҳамчун моҳият чиз мебошанд ва ҳар ду ҳамчун вуҷуд чизи дувум мебошад, сиёҳ ва сафед барои ранг ва сурат барои модда сабаб мебошанд, ки тавассути онҳо вуҷуди воқеии худро пайдо менамоянд. Аммо воҷиб-ул-вуҷуд дорои ҳеҷгуна моҳият нест, балки вуҷуди маҳз мебошад, дар натиҷа фасли хосси ранг бо моҳият сару кор дорад ва дар таҳаққуқ пайдо кардани моҳияти ранг ба вуҷуд иштирок менамояд, аммо дар воҷиб-ул-вуҷуд бошад нишонаи хос на бо моҳият, балки бо вуҷуд сару кор дорад ва дар зуҳур пайдо намудани вуҷуд иштирок наменамояд .

Сино фарқияти вуҷуди маҳз аз моҳият ва вуҷудро дар мисоли зикргардида идома медиҳад ва чунин фарқиятгузорӣ менамояд, ки сафед ва сиёҳ дорои моҳиятҳои гуногун аз ранг ҳастанд. Онҳо ба маънӣ ва воқеияти ҷинс тааллуқ надоранд, ҳамчунин онҳо дар таҳаққуқ пайдо намудани воқеияти маънии ҷинсӣ иштирок намекунанд. Ягона ниёзи маънии ҷинсӣ ба нишонаи хос дар он аст, ки тавассути он маънии ҷинсӣ вуҷуди хориҷӣ пайдо намояд. Барои мо маълум аст,

ки бидуни сафед ва ё сиёҳ мо рангро ҳамчун мавҷуд дарк карда наметавонем. Пас агар воҷиб-ул-вуҷуд низ ба мисли ранг дорои вуҷуд ва моҳияти аз ҳам фарқкунанда мебуд, он гоҳ он низ ба хотири дорои вуҷуд гардидан ва ҳифзи он ниёз ба чизи зиёдатӣ дошт, аммо он гуна ки якчанд маротиба зикр намудем, вуҷуди воҷиб-ул-вуҷуд аз худ мебошад ва аз ин рӯ ниёз ба чизи зиёда надорад .

Ҳамин тавр ҳамаи фарзҳо дар мавриди дорои маънии умумӣ будани воҷиб-ул-вуҷуд пурзиддият баромада ҳақиқати ин фарзияро инкор намуданд. Дар як вақт ба хотири дорои вуҷуд ва моҳияти аз ҳам ҷудо набудан, воҷиб-ул-вуҷуд дорои маънии ҷинсӣ низ намебошад.

в) Воҷиб-ул-вуҷуд на ҷавҳар аст ва на араз. Яке аз изофоти инкории воҷиб-ул-вуҷуд он аст, ки он на ҷавҳар аст ва на араз. Дар муносибат бо араз ин худ аз худ фаҳмо аст, ки он сабаб надорад ва ҳамчунин ба ҳеҷ мавзуе намечаспад. Аммо дар муносибат бо воҷиб-ул-вуҷуд ва ҷавҳар бошад ҳам омилҳои шабеҳ ва ҳамчунин омилҳои зид вуҷуд доранд. Бинобар ин ба хотири матраҳ гардонидани ақидаи Ибни Сино дар мавриди ҷавҳар набудани воҷиб-ул-вуҷуд мо аз ду зовия ин масъаларо матраҳ мегардонем: а. Моҳият ҳамчун омили фарқкунанда дар байни ҷавҳар ва воҷиб-ул-вуҷуд. Он гуна ки дар бахшҳои марбут ба ҷавҳар ва араз матраҳ намудаем, ҷавҳар ҳастие мебошад, ки на дар мавзуъ (ло фи мавзуъ) мебошад. Ҳамин тавр воҷиб-ул-вуҷуд низ ҳастие мебошад, ки дар мавзуъ қарор надорад. Ин шабоҳат ин эҳтимолро медиҳад, ки шояд воҷиб-ул-вуҷудро ҳамчун ҷавҳар бишносем. Аммо дар ин маврид дар муносибат бо масъалаи моҳият мо аллакай нишон додем, ки воҷиб-ул-вуҷуд ҷавҳар нест. Ибни Сино дар ин ҷо миёни ҷавҳар ҳамчун мавҷуд дар мавзуъ ва ғайриимкон будани вуҷуд дар ҷавҳар бидуни мавзуи муайян фарқ намегузорад. “Вуҷуди дар мавзуъ набуда” наметавонад ҳанӯз дар худ аз чизи муайян хабар диҳад, дар ин ҳолат он ҳануз норавшан аст. То замоне, ки ин вуҷуд ба моҳияти муайян начаспад, вуҷуди воқеии ҷавҳарро тасаввур намудан ғайриимкон аст: “ва аз ин қибалро шак накунӣ, ки ҷисм ҷавҳар аст ва шак тавонӣ кардан, ки он ҷисм, ки ҷавҳар аст, мавҷуд аст, ё нест, то он гоҳ ки вуҷуди вай андар мавзуъ аст ё нест. Пас, ҷавҳар он аст, ки варо моҳияте аст чун ҷисмӣ ва нафсӣ ва инсонӣ ва фарасӣ. Ва он

моҳиятро ҳол он аст, ки то иннияташ андар мавзуъ набувад, надонӣ, ки ӯро инният ҳаст ё нест. Ва ҳар чи чунин бувад ӯро моҳияте ҷуз инният аст. Пас, ҳар чӣ варо моҳият ҷуз инният нест, вай ҷавҳар нест” [2, с. 253].

Ин баҳс алоқамандӣ дорад бо мавзуи ҷавҳар ҳамчун маънии ҷинсӣ. Мафҳуми ҷавҳар гуфта пеш аз ҳама “ҳастии бидуни мавзуъ” фаҳмида мешавад, мавҷуди бидуни мавзуъ ба ҷавҳар ҳамл мегардад ва маълум аст, ки он худ аз худ дорои моҳият мебошад ва танҳо дар чунин ҳолат он ифодакунандаи маънии ҷинсӣ мебошад .

Воҷиб-ул-вуҷуд танҳо бо он ҷавҳаре шабоҳат дорад, ки ҳанӯз дорои ҳеҷгуна моҳияте нест, аммо чун ҷавҳар дорои моҳияти муайян мегардад чунин шабоҳат аллакай маънии худро аз даст медиҳад. Ҳолати ин моҳият чунин аст, ки то замоне ки ба он вуҷуд ворид нагардад, онро наметавон ҳамчун вуҷуд тасаввур намуд. Баръакси он воҷиб-ул-вуҷудро бошад наметавон ҳамчун моҳият тасаввур намуд, балки он вуҷуди маҳз аст. Ин як нуқтаи фарқкунанда байни ҷавҳар ва воҷиб-ул-вуҷуд мебошад.

Фарқияти байни воҷиб-ул-вуҷуд ва ҷавҳар дар шеваи муносибати онҳо бо чизҳои дигар. Воҷиб-ул-вуҷуд, ки фақат шиддати вуҷуд мебошад ва ҷавҳар, ки дорои моҳият мебошад, дорои шеваи якхелаи муносибат бо дигар мавҷудот нестанд. Аввалӣ дорои шиддатнокӣ буда бо дигар чизҳо дорои муносибати “пешӣ” ва “баъдӣ” мебошад. Дувумӣ, яъне ҷавҳар бошад, бо ҳамаи чизҳо дорои муносибати ҳамнавохт мебошад ва дар моҳият ҳеҷгуна шиддатнокӣ вуҷуд надорад. Дар ҳамин муносибат ва ҳамчунин чун он дорои моҳият ва вуҷуди аз ҳам ҷудо мебошад, воҷиб-ул-вуҷуд дорои маънии ҷинсӣ барои чизҳои дигар намебошад, баръакси он ҷавҳар барои чизҳои дигар метавонад дорои маънии ҷинсӣ бошад .

Агар воҷиб-ул-вуҷуд ҷавҳар ва араз набошад, пас он бо дигар категорияҳо низ ҳеҷгуна муносибат надорад. Категорияҳо дорои моҳият ва вуҷуди аз ҳамдигар ҷудо мебошанд. Вуҷуд ба моҳиятҳо ба тариқи аразӣ ориз мегардад. Дар воҷиб-ул-вуҷуд бошад, баръакс вуҷуд ва моҳият аз ҳамдигар ҷудо намебошанд. Категорияҳо танҳо дар доираи имкон-ул-вуҷуд қобили баррасӣ мебошанд на

фаротар аз он. Ин ҷо ҳамин гуна метавон натиҷагирӣ намуд, ки воҷиб-ул-вуҷуд ҳеҷгуна сифате аз сифатҳои имкон-ул-вуҷудро надорад. Ибни Сино фарқияти воҷиб-ул-вуҷуд аз имкон-ул-вуҷудро чунин ҷамъбаст менамояд: “Пас ошкор аст воҷиб-ул-вуҷуд на дорои ҷинсе аст ва на дорои моҳияте аст, ва на дорои кайфияте аст, ва на дорои каммияте аст, ва на дорои анн аст, ва на дорои мато аст ва на дорои ҳамто аст ва на дорои шарик аст, ва на дорои зид аст, бартар ва баландовоза аст, ва ӯ на дорои таъриф аст, ва на дорои бурҳон аст, балки худи ӯ бурҳони ҳар чизе аст” [2, с. 254].

Ба ғайр аз сифатҳои манфӣ ва ё инкорӣ, ки ҳама ба хотири мансубияташон ба имкон-ул-вуҷуд ба воҷиб-ул-вуҷуд нисбат дода нашудаанд, ҳамчунин он дорои сифатҳои мусбӣ низ мебошад, ки ин сифатҳоро наметавон дар имкон-ул-вуҷуд пайдо намуд. Дар бахши минбаъда мо ҳамингуна сифатҳои нави воҷиб-ул-вуҷудро матраҳ мегардонем.

*г) Воҷиб-ул-вуҷуд ақл, оқил ва маъқул мебошад***.** Мавзуи метафизика ин ҳастии аз модда ҷудо ва ё боз дақиқтар ин абстраксиякунонӣ ва дар зеҳн зинда намудани маънии чизҳо мебошад. Аммо ҳамчунин чизҳои бо модда омехта низ то он ҳудуд, ки модда дар таъриф кардани он чизҳо ҳеҷгуна нақше намебозад, илова бар ин ин чизҳо сабаби пайдоиши модда ва на баръакс мебошанд, мавзуи омӯзиши метафизика ҳастанд. “Аз модда ҷудо” ин як принсипи аввалӣ ва ҳатмӣ бахусус дар муносибат бо масъалаи воҷиб-ул-вуҷуд мебошад. Ба ақидаи Ибни Сино табиати ашё қобили шинохт мебошад, аммо ин шинохт танҳо замоне имконпазир аст, ки агар он бо модда ва аразҳои моддӣ омехта набошад. Агар моҳияти чизҳо бо модда омехта бошад, он гоҳ ин чизҳо ғайри қобили шинохт мебошанд. Ҳамаи чизҳое, ки ҳастии имконӣ ҳастанд моҳиятан бо модда алоқаманд ҳастанд ва аз ин ҷиҳат онҳо ҳамчун маҳсусот шинохта мешаванд. Модда ва аворизи моддӣ ягона монеа дар роҳи маърифати чизҳо мебошанд. Ин чизҳо фақат би-л-қувва ақл ва маъқул мебошанд ва танҳо тавассути аз модда ҷудо намудан онҳо воқеан ҳам қобили дарк ва маърифат мегарданд. Ин ҷо бояд зикр намуд, ки ин назари Ибни Сино, ки чизҳои бо модда омехта ғайри қобили шинохт мебошанд, аз ҷониби бисёре аз файласуфони дигар мавриди инкор қарор

гирифтааст. Назари Ибни Сино беш аз ҳар чиз ба амалҳои абстраксиягардонӣ ва умумиятдиҳӣ, ки аз методҳои асосии шаклгирии мафҳумҳо мебошанд, алоқамандӣ дорад.

Мисоли равшани бо воқеият алоқа надоштани назари Синоро пешрафти физикаи имрӯза ва дигар илмҳои дақиқ тасдиқ намудаанд. Назари Ибни Сино танҳо дар маҳдудаи равиши пешгирифтаи ӯ, ки бо ҳастии метафизикӣ ва ё зеҳнии чизҳо сару кор дорад, сидқ менамояд.

Баръакси имкон-ул-вуҷуд воҷиб-ул-вуҷуд биззот ақл ва маъқул мебошад. Агар ҳастии воҷиб-ул-вуҷуд дар модда набошад, пас он биззот оқил низ мебошад. Ақл, оқил ва маъқул будан маънии инро надорад, ки онҳо се хусусияти аз ҳам ҷудои як моҳият мебошанд, балки як чиз дар як вақт худ ҳам ақл, ҳам оқил ва ҳам маъқул мебошад. Ибни Сино мафҳумҳои зикргардидаро чунин таъриф менамояд: маъқул он чизе аст, ки сурат ва ҳақиқати он аз модда ҷудо мебошад, оқил ин дорои вуҷуди ҷудо аз модда мебошад. Агар як мавҷуди абстрактӣ барои мавҷуди абстрактии дигар сурат бошад ва ё ба дигар ибора агар сурати маъқул дар ақл аз фаҳмидашавандаҳо бошад, ин мавҷуд илм ва ё ақл мебошад.

Дар ин шарҳи Ибни Сино метавон ошкор сохт, ки дар ҳар се муносибат дар мавриди “як чизи ҷудо аз модда, ки аз зоти худ ҷудо нест” сухан меравад. Як чизи ҷудо аз модда ва ё чизи абстрактӣ аз ду зовия мавриди мушоҳида қарор мегирад: якум, агар зоти ин чизи абстрактӣ бо чизи дигар дар алоқамандӣ бошад, он ақл ва ё илм мебошад ва дувум, агар ин чизи абстрактӣ аз моҳияти худ ҷудо набошад, ин моҳият худи он мебошад: “Пас мабдаи аввали таъолӣ ба ин эътибори ту ки дорои моҳияти муҷарради чизе аст оқил аст, ва ба ин эътибори ту ки моҳияти муҷаррадаш дар чизе аст, маъқул аст, ва ин чиз зоти худи ӯ аст. Пас ӯ аз ин ҷиҳат оқил аст, ки дорои моҳияти муҷарради чизе аст, ки худи ин чиз зоти ӯ аст, ва аз ин ҷиҳат маъқул аст, ки моҳияти муҷаррадаш дар чизе аст, ки худи ин чиз зоти он аст” [6, с. 271].

Дар ин муносибат Ибни Сино аз як тараф муносибати ақл ва маъқул ва аз дигар тараф муносибати маъқул ва оқилро матраҳ месозад. Қисмати дувуми ин муносибат бахусус дар муносибат ба воҷиб-ул-вуҷуд дорои аҳаммият мебошад.

Дар мавриди оқил ва маъқул назари ҷолиби ӯ он аст, ки ҳарду дорои айният ҳастанд. Чунин маънӣ дар “Наҷот” чунин омадааст: “Аввали Воҷиб-ул-вуҷуд аз модда ва аразҳои модда ҷудо буда, аз он ҷиҳат, ки ҳувияти муҷаррад аст, ақл бошад; аз ҷиҳати эътибори ин ки ӯро ҳувияти муҷаррад ба зоти худ аст, маъқул ба зоти худ бувад ва аз ҷиҳати эътибори ин, ки зоти ӯ ҳувияти муҷаррад аст, ӯ оқили зоти хеш бошад. Пас, маъқул нест, ки моҳияти муҷаррадаш барои чизе бошад. Оқил нест, ки ӯро моҳияти муҷарради чизе бошад ва ин чизро шарт нест, ки ин ва ё он чизи муайян, балки ба таври мутлақ чиз бошад. Чизи мутлақ, чуноне, ки мо баъд шарҳ хоҳем дод, аз ин ва ё он чиз будан оммтар аст”[3, с.272].

Маъқул ва ақл дорои ҳамон муносибате мебошанд, ки маҳсус ва ё чизи ҳисшаванда бо худи ҳисс дорои он мебошад. Ба ақидаи Ибни Сино чизи маҳсус ин сурати зоҳирии як чиз нест, балки таъсири чизҳои маҳсус ба узвҳои ҳиссии инсон мебошад. Дар ин ҷо ҳисс ва таъсир ҳар ду дорои як маънӣ мебошанд ва ин таъсир ҳамон чизи маҳсус мебошад ва на чизи шаклӣ.

Як чизи маҳсус ин як таъсир мебошад ба эҳсосҳои мо ва эҳсосҳои мо бо ин таъсир дорои айният ҳастанд, аммо сурати берунаи чизи маҳсус фақат бо эҳсоси мо дорои шабоҳат мебошанд. Чунин як муносибат ҳамчунин дар байни ақл ва ё илм ва маъқул ва ё маълум вуҷуд дорад. Маъқул ин як воқеияти зоҳирии ҷисм нест, балки барои мо ақл ин шакли абстрактии чизҳо дар нафси мо мебошад. Шакли абстрактии хона дар зеҳни усто ҳам маъқул ҳамчун хона ва ҳам ақли усто мебошад.Аз дигар ҷониб чунин як муносибат дар байни маъқул ва оқил низ вуҷуд дорад. Ба ақидаи Ибни Сино маъқул ин нафси оқил мебошад, ки як мавзуи бунёдӣ буда дертар ба ин масъала бармегардем.

Дар муносибат бо нафси инсон Ибни Сино исбот менамояд, ки ақл, маъқул ва оқил як чиз мебошанд. Дар муносибат ба нафси инсон, ки бо модда ва аразҳои моддӣ алоқаманд аст, метавон андешаҳои матраҳгардидаро исбот намуд, ҳамчунин дар муносибат бо воҷиб-ул-вуҷуд, ки зотан аз модда ҷудо ва дорои шакли ақлонӣ мебошад, метавон исбот намуд, ки он биззот ҳам ақл, ҳам маъқул ва ҳам оқил мебошад.

Чун воҷиб-ул-вуҷуд дорои вуҷуди ақлонӣ ва ё абстрактӣ ва ҳамчунин ин

ҳастии вуҷуди абстрактӣ аз зоти худ ҷудо намебошад, мо метавонем онро бо се хусусият ифода намоем: якум, чун он ҳамчун воҷиб-ул-вуҷуд як ҳастии абстрактӣ мебошад, он ақл мебошад, дувум, ин ҳастии абстрактӣ ба зоти худ тааллуқ дорад ва аз ин рӯ маъқул барои худ мебошад ва савум, чун моҳияти он дорои ҳастии абстрактӣ мебошад, он оқили биззот мебошад: “Пас зоти ӯ ақл ва оқил ва маъқул аст, на ин ки дар ӯ чизҳои бисёре бошад. Зеро ӯ аз ин ҳайс, ки ҳуввияти муҷарраде аст ақл аст ва аз ин ҳайс, ки эътибор шудааст ин ҳуввияти муҷаррад моли зоти ӯ аст маъқул барои зоти худ аст ва аз ин ҳайс, ки эътибор шудааст зоти ӯ дорои ҳуввияти муҷарраде аст оқили зоти худ аст. Зеро маъқул амре аст, ки моҳияти муҷарради он дар чизе аст ва оқил амре аст, ки дорои моҳияти муҷарради чизе аст ва ин чиз ба ин машрут нест ки худаш ё дигаре бошад, балки мутлақ чиз аст ва мутлақ будани чиз аъм аз ин аст, ки худаш ё чизи дигаре бошад” [6, с. 271].

Дар ин алоқамандӣ муносибати миёни маъқул ва оқил баҳсбарангез мебошад. Воҷиб-ул-вуҷуд оқили биззот ва маъқул мебошад. Ҳар як оқил дар пеши назари худ чизи маъқулро пеш меоварад, аммо ин номаълум аст, ки оё ин объект ҳамчун чизи маъқул аст ва ё худи андешаманд. Ба ақидаи Ибни Сино оқил он касе аст, ки дорои моҳияти абстрактӣ аз чизеро доро мебошад ва ин шарти ҳастии чизи андешашаванда мебошад, аммо он ки ин моҳияти абстрактӣ худи он аст ва ё чизи дигар муҳим нест. Бахусус дар муносибат бо воҷиб-ул-вуҷуд, ки дорои маънии мутлақ мебошад. Чиз дар маънии мутлақ умумитар аст нисбат ба он ки он худ аст ва ё чизи дигаре.

Дар асоси як мисоли муқоисавии дигар Ибни Сино ақидаи худро қавӣ мегардонад, ки худи оқил як моҳияти абстрактӣ барои худ мебошад ва ҳамчунин метавонад маъқул бошад, масалан, мутаҳаррик ниёз ба муҳаррик дорад, аммо барои худи мутаҳаррик аҳаммият надорад, ки муҳаррик худи ӯ аст ва ё чизи дигар. То замоне, ки омилҳои бегона мутаҳаррик ва муҳаррикро ҳамчун як чиз номумкин меҳисобанд ва аз ҳам ҷудо месозанд, инҳо як ва ҳамон чиз мебошанд: “Зеро худи мутаҳаррик фақат эҷоб мекунад, ки муҳаррике дошта бошад ва машрут бар ин нест, ки муҳаррик чизи дигаре, ё худи мутаҳаррик бошад” [6, с.

271].

Ба ақидаи Ибни Сино мо бовар дорем, ки дорои қобилият мебошем, ки бо он мо чизҳоро мешиносем ва боз дорои қувваи иловагӣ ҳастем, ки бо он қобилияти маърифатии худро мешиносем. Ин қувои дувумӣ ё аз они худи мо ва қувваи аз қобилияти маърифатии аввалӣ ҷудо, ки мо барои маърифат ва шинохти неруи маърифатӣ истифода мебарем, ва ё он худи неруи маърифатӣ мебошад, ки худ худро маърифат менамояд. Дар ҳар сурат, ду неру вуҷуд дорад: бо як неру мо дигар чизҳоро мешиносем ва бо қувваи дувумӣ мо ин қувваро мешиносем .

Он чизе ки Ибни Сино бо ин мисол нишон додан мехоҳад, он аст, ки ин зарурӣ нест, ки ҳам маъқул ва ҳам оқил ҳатман бояд барои дигаре маъқул ва оқил бошанд ва ё танҳо дар муносибат бо худ.Дар худии худ онҳо дорои айният ва номуайян ва дар зинаи минбаъда ва дар сурати аз берун мушоҳида кардан инҳо аз ҳам ҷудо карда мешаванд. Шарти оқил будан он нест, ки он оқил бояд барои як чизи дигар бошад, балки он бояд ақлонӣ ва дорои моҳияти аз модда ҷудо бошад ва ҳар моҳияти ақлонӣ, ки дар худ ва ё дар чизи дигар аст, маъқул мебошад .

Дар асоси шарҳҳои Ибни Сино дар мавриди он ки воҷиб-ул-вуҷуд дар як вақт ақл, маъқул ва оқил аст, метавон натиҷагирӣ намуд, ки ин се хусусият дар худ як ва ҳамон чиз мебошад. Фарқият ва бисёрӣ дар ин маврид аз шеваи мушоҳидаҳо вобаста мебошад ва аз ин асос метавон воҷиб-ул-вуҷудро ҳамчун дорандаи хусусиятҳои гуногун шинохт.

д) Воҷиб-ул-вуҷуд хайри маҳз мебошад. Яке аз сифатҳои дигари воҷиб-ул-вуҷуд ин хайри маҳз мебошад. Ибни Сино хайрро дар муқобили шарр ва бадӣ мегузорад ва маҳаки асосии фарққунанда дар ин ҷо ҳастӣ мебошад. Дар шарҳи ӯ хайр бо ҳастӣ ва ё равшантар бо мавҷуд синоним буда, шарр ва бадӣ бо нестӣ синоним мебошад. Айният додани хайр ва ҳастиро мо нахустин шуда дар фалсафаи Афлотун дучор меоем. Хубӣ чизе аст, ки ҳамаи чизҳо вобаста ба моҳияти худ кӯшиш менамоянд, ки бо он камолоти худро ба даст оваранд. Баръакс бадӣ бошад дорои ҳеҷгуна моҳият намебошад: на дорои ҷавҳар ва на камолоти ҷавҳар: „Пас хайр, ба таври муҷмал, амре аст, ки ҳар чизе дар моҳияти

худ иштиёқи онро дорад ва бо он ба тамомияти худ мерасад. Ва шарр, амре аст, ки дорои зоте нест, балки ё адами ҷавҳар, ё адами камолоти ҷавҳар аст“ [6, с. 271].

Баръакси имкон-ул-вуҷуд воҷиб-ул-вуҷуд “хайри маҳз” мебошад, зеро ногузирии вуҷуди воҷиб-ул-вуҷуд аз худии худ мебошад ва ҳеҷгуна алоқае бо нестӣ надорад. Аммо чун вуҷуби вуҷуди имкон-ул-вуҷуд аз худии он нест, он бо нестӣ алоқамандӣ дорад. Агар чиз ҳанӯз қобили маърифат набошад ва бо модда дар алоқамандӣ бошад, ҳанӯз он аз бадӣ озод нест ва дорои нуқс мебошад: “Вуҷуде, ки онро адам –чӣ адами ҷавҳар ва чӣ адами чизе аз ҷавҳар – қарин нест, балки он ҳамеша билфеъл аст, он некии маҳз бошад. Вуҷуди бо зоти худ мумкин хайри маҳз нест, чунки зоташро ба зоти худ вуҷуд воҷиб нест. Пас зоти ӯ ба зоти худ эҳтимоли адам дорад. Ҳар чи аз ягон ҷиҳат эҳтимоли адам дошта бошад, он аз тамоми ҷиҳатҳо аз бадӣ ва костӣ пок нест. Хулоса хайри маҳз, ҷуз вуҷуди ба зоти худ воҷиб нест” [3, с.253].

Воҷиб-ул-вуҷуд дар шакли маънавӣ, яъне аз модда ва нестӣ ҷудо вуҷуд дорад, он би-л-феъл вуҷуд дошта дорои вуҷуди комил мебошад ва аз ин ҷиҳат он “хайри маҳз” аст.

*е) Маънии ирода ва донистан дар воҷиб-ул-вуҷуд***.** Дар бахше, ки ба сабаби фоъилӣ бахшида шуда буд, мо назари Ибни Сино дар мавриди сарчашмаи як амалро матраҳ намуда будем, ки мувофиқи он як амал метавонад аз хост, ё ирода, аз табиат ва ё табъ ва ҳамчунин сарчашмаи аразӣ дошта бошад. Он амале, ки аз ирода сар мезанад сарчашмаи он дониш, гумон ва ё тахайюл мебошад. Он амале амали сарзада аз дониш мебошад, ки фоил аз худ ва амали худ огоҳ мебошад .

Воҷиб-ул-вуҷуд низ аз худии худ иборат буда аз амали худ огоҳ мебошад, бинобар ин амали ӯ аз огоҳӣ, ё дониш сар мезанад, на аз табъ ва ё араз. Аммо ин амал амали иродӣ мебошад. Он амалҳое, ки аз дониш сар мезананд, амалҳои муҳандисон ва ё табибон мебошанд, аммо миёни амали инсон ва амали воҷиб-ул-вуҷуд фарқият вуҷуд дорад. Ҳар як амали инсон бо ягон ғаразе алоқаманд мебошад, дар ҳоле ки амали воҷиб-ул-вуҷуд аз ғараз орӣ мебошад. Барои мисол Ибни Сино амали инсонро тасвир менамояд, ки он ба “табиати ғарази

он”мувофиқат менамояд. Барои он ки инсон ба амале даст занад, нахуст дар ӯ эътиқод, дониш, гумон ва ё тахайюл дар мавриди муфид будани коре ба вуҷуд меояд. Баъд аз эътиқод орзу ба вуҷуд меояд ва чун орзу қавӣ гардад узвҳои инсон ба ҳаракат меоянд ва он амалро амалӣ мекунанд .

Аммо амали воҷиб-ул-вуҷуд натиҷае аз мақсади он намебошад ва он дар чизе судмандиро таҷриба намекунад, ки он омили ба вуҷуд омадани хости ӯ гардад. Хости воҷиб-ул-вуҷудро донистани ин ҳақиқат ташкил медиҳад, ки ҳастии чизҳо маҳз дар ҳамин шакл ва тартиб ва на дар дигар шакл ва низом барои худашон хайр аст ва ҳастии онҳо беҳтар аст аз нестии онҳо: “Пас хости вай аз дониш бар он рӯй бувад, ки донад, ки ҳастии чунин чиз андар нафси худ хайр аст ва некуст ва ҳастии чунин чиз бояд, ки чунин бувад, то хайр ва фозил бувад ва будани фалон беҳ аз набудан бувад” [6, с. 271].

Маънии иродаи воҷиб-ул-вуҷуд он аст, ки он ҳеҷгуна қасд ва хоҳиш барои худ надорад, балки он дармеёбад, ки вуҷуди чизҳо ва низоми онҳо барои худашон хуб мебошад. Дар ин маврид Ибни Сино масъаларо ниҳоят умумӣ ва гузаранда ба миён гузошта, онро дар ҳадди олии худ ҳамчун як масъалаи риёзӣ матраҳ менамояд ва амали иродии воҷиб-ул-вуҷудро арзёбӣ наменамояд. Барои ӯ ҷои баҳс нест, ки ҷаҳони мавҷуда ягона олами имконпазири хайр буда, хайр будани он ҷойи ҳеҷгуна шубҳа ва тардид нест. Баръакси Ибни Сино ва албатта мутакаллимон боз буданд мактабҳое, ки чунин оламро ноқис ҳисобида, имкони сохтани як олами беҳтар ва хубтарро имконпазир дониста буданд. Беҳтарин намунаи онро мо метавонем дар рубоиёти Умари Хайём дучор гардем.

Б. Ниҳояти камоли нафси инсонӣ ва мутаҳид гардидан бо воҷиб-ул-вуҷуд ҳамчун олитарин саодат. Дар фалсафаи асримиёнагӣ воҷиб-ул-вуҷуд ҳам дар оғоз ва ҳам дар анҷом ҳамчун асоси аввалӣ барои олитарин саодат ва хушбахтӣ қарор дорад. Дар асоси шарҳҳои дар боло овардашуда метавон чунин тасаввурот ба вуҷуд овард, ки ҳастии воҷиб-ул-вуҷуд ақл, хайри ноб, барӣ аз модда, нуқс ва шарр мебошад. Он дар худии худ комил буда, бо чизҳои дигар алоқамандӣ надорад ва аз ҳар ҷиҳат ягона мебошад: „Ва наметавонад ҷамоле ва зебоие болотар аз ин бошад, ки моҳияти ақли маҳз, хайри маҳз, аз ҳар навъ нуқс барӣ,

ва аз ҳар ҷиҳат воҳид бошад. Пас ҷамол ва зебоии маҳз аз они воҷиб-ул-вуҷуд аст ва ӯ мабдаи ҷамоли ҳар чизе ва зебогии ҳар чизе аст“ [6, с. 281].

Агар бо мафҳумҳои имрӯза назари Синоро умумият диҳем, пас метавон гуфт, ки ӯ раванди ҳисгароӣ ва ё сенсуализмро инкор ва ноқобил ҳисобида, тамоили зиёд ба ақлгароӣ, ё ратсионализм нишон медиҳад. Кулминатсияи ин биниши Ибни Сино, бахусус дар мавриди исботи вуҷуди Худо ва тамоили инсон ба ҷониби ӯ, дурахшон мегардад. Агар аз як ҷиҳат абстракт ва ё ақли маҳз будани Худо Синоро ба ҷониби ақлгароӣ тела диҳад, аз дигар тараф тафсироти пешинагон, ки моддаро бо шарр ва бадӣ айният медоданд ва Ибни Сино бар ин назар сахт пойбанд буд, ӯро дар ин ҷода устувор сохтааст. Дар идома мо назари ақлгароёнаи Ибни Сино дар мавриди шинохти воҷиб-ул-вуҷудро матраҳ менамоем.

Ҳамчун воҷиб-ул-вуҷуд дар як вақт оқил ва маъқул дар худии худ маърифатшаванда ва хусусиятҳои худии он дар як моҳият ва он худро бо ҳамаи чунин зебогиҳо ва саодатҳо маърифат менамояд. Аз ҳамин сабаб он дӯстдори худ, объекти муҳаббат, саодатманд ва объекти хушбахтӣ мебошад. Воҷиб-ул-вуҷуд ҳамчунин олитарин зебогӣ, олитарин хушбахтӣ, саодат ва камолот мебошад, аммо барои инсон чи чизе олитарин саодат ва осоиш ба ҳисоб меравад? Ин саволест, ки дар як вақт ниҳояти фалсафаи метафизикии Синоро низ барои мо ошкор месозад.

Ба ақидаи Ибни Сино пайвастан дар воҷиб-ул-вуҷуд олитарин саодат аст. Ӯ дар ин маврид як баҳси равонӣ- ҷисмониеро ба миён мегузорад ва дар асоси бо ҳам дар зиддият қарор додани хушӣ бо дард ва пасон чизҳои ҳиссӣ бо чизҳои ақлонӣ исбот менамояд, ки пайваст гардидан бо воҷиб-ул-вуҷуд ин олитарин саодат мебошад.

Хуширо танҳо дар баробари антитезиси он, яъне дард метавон шинохт, аммо бидуни дарк на хушӣ вуҷуд дорад ва на дард; худи даркро метавон ба ду гурӯҳ тақсим намуд: як маротиба он хусусияти ҳиссӣ дорад, ки берунӣ ҳисобида мешавад ва дувум маротиба он ваҳмӣ мебошад, ки шинохт ва фаҳм низ меноманд, ки дорои хусусияти дарунӣ аст. Дар натиҷа ҳар ду идрокот дорои се

навъ мебошанд: 1.Чизи даркшаванда ба қувваи дарккунанда сазовор ва мувофиқ мебошад; 2. Чизи даркшаванда ба қувваи дарккунанда носозгор, зиёновар ва дархур нест; 3. Чизи даркшаванда ба ҳеҷ кадом аз хусусиятҳои зикргардида тааллуқ надорад. Аз ин намудҳо идрок хушӣ он идроке аст, ки сазовор ва мувофиқ мебошад, дар сурате, ки дард як идроки носозгор, зиёновар ва номувофиқ мебошад. Пас аз таснифи навъҳои идрок Ибни Сино ба маънии ду гурӯҳи идрокҳо барои инсонҳо арзишгузорӣ мекунад. Дар ин арзишгузорӣ Ибни Сино ҳаргуна хуширо, ки барои пайвастан ба воҷиб-ул-вуҷуд роҳнамоӣ менамояд аз он гуна хушӣ, ки бо хушии аввалӣ дар муқобил қарор дорад, ҷудо менамояд.

Барои инсони оқил лаззатҳои қувваҳои беруна, ки ҳамон лаззатҳои ҳиссӣ мебошад, тавассути қувваҳои ботинӣ тасхир карда мешавад. Аммо барои инсонҳои заифирода ва тамаъҷӯй лаззатҳои ҳиссӣ бар лаззатҳои ақлонӣ бартарӣ доранд: „Ва андар хирадмандон лаззати қувватҳои ботин ғалаба дорад ва бар хурднафсон ва фурудҳимматон ва хасисон хушиҳои зоҳир ғалаба дорад“ [6, с. 281].

Сино дар байни қувваҳои ҳиссӣ ва ақлонӣ дар инсонҳои оддӣ фарқияти бузург мегузорад ва чунин тавсиф менамояд, ки дар инсони маъмулӣ қувваи ақлонӣ мурда мебошад ва чунин инсонҳо танҳо бо қувваҳои идрокии ҳиссӣ зиндагӣ менамоянд, онҳо ба мисли кӯдаконе мебошанд, ки ҳанӯз ин қувваҳои дохила ва ё ақлонӣ ҳанӯз фаъол нагардидаанд. Ҳамин тавр барои инсонҳои “паст” ва кӯдакон ҳанӯз қувваҳои ҳиссӣ қавӣ, ва лаззати ҳиссӣ неруманд мебошанд, аммо барои инсони оқил баръакс қувваҳои ақлонӣ, ё ботинӣ таъсиргузортар мебошанд.

Дар асоси ҳамин дидгоҳҳо Ибни Сино идроки ҳиссиро бо идроки ақлонӣ муқобил мегузорад ва дар асоси ҳамин зиддиятгузории муқоисавӣ ба идроки ақлонӣ бартарият қоил мегардад. Мо метавонем се хусусияти фарқкунандаи ин идрокотро, ки Ибни Сино ба онҳо рӯшанӣ андохтааст, матраҳ намоем: якум, қувваи идрокия дар муносибат ба объекти фарогирифташуда. Неруи идроки ҳиссӣ хом ва заиф мебошад, зеро он ба ҳастии хом тааллуқ дорад ва аз узвҳои

ҷисмӣ вобаста мебошад. Баробари он, ки лаззати идроки ҳиссӣ қавӣ мегардад, он неруи худро тадриҷан аз даст додан мегирад ва заиф мегардад, барои мисол, чашмон аз равшанӣ лаззат мебаранд ва аз торикӣ дард мекашанд, аммо чун равшанӣ бисёр қавӣ мегардад, чашмонро нобино месозад.

Баръакси қувои ҳиссӣ қувои ақлонӣ аз узвҳои ҷисмонӣ вобаста нестанд ва мустақил ҳастанд. Бинобар ин, ҳар қадар ки идроки ақлонӣ қавитар гардад, қувои ботинӣ ва ё ақлонӣ нерумандтар мегарданд.

Дувум, қобилияти қуво ҳангоми дарки ашё. Эҳсос наметавонад чизҳоро он гуна, ки ҳастанд, дарк намояд. Зеро он чизе, ки он дарк мекунад, бо модда ва аразҳои моддӣ омехта мебошад, барои мисол чашмон ҳеҷ вақт наметавонанд сафедиро он гуна, ки он ҳаст, дарк намоянд, зеро дар як вақт бо сафедӣ чашм дарозӣ, паҳноӣ, шакл ва ҳаракатро низ идрок менамояд. Аз ин ҷиҳат он объектро камтар аз оне, ки он дар ҳақиқат доро аст, дарк менамояд. Аммо ақл сафедиро дар шакли абстрактӣ дарк ва аз модда ҷудо менамояд, аз ин ҷиҳат он чизҳоро ё он гуна, ки ҳастанд дарк менамояд ва ё аслан дарк наменамояд.

Савум, объекти идрок. Эҳсос аразҳои хоми тағйирёбанда ва сатҳиро идрок менамояд, аммо зеҳн ва ақл ҷавҳарҳо ва хусусиятҳои ҷовидона, куллӣ ва тағйирнаёбандаро дарк менамояд. Бо чунин муқоиса Ибни Сино кӯшиш менамояд исбот намояд, ки дарки ақлонӣ нисбат ба дарки ҳиссӣ қавитар ва ҳамин тавр лаззати идроки ақлонӣ нисбат ба лаззати идроки ҳиссӣ болотар аст.

Назари ниҳоии Ибни Сино дар мавриди лаззат он аст, ки ҳадафи ҳар қувва аз лаззат ин ба даст овардани камолоти худ мебошад, мисолҳои овардаи ӯ ин қасосгирӣ будани лаззати ғазаб ва ғалаба будани лаззати умед мебошад ва лаззати нафси ақлонӣ ин амал барои ҷаҳони руҳонӣ гаравидан мебошад: „ва лаззати нафси нотиқа дар олами ақлӣ шудани би-л-феъли он аст“ [6, с. 282].

Чигуна идроки ақлонӣ олитарин лаззати худро ба даст меоварад ва кадом монеаҳо дар роҳи он вуҷуд дорад? Барои олитарин лаззати ақлониро исбот намудан Ибни Сино якчанд мисол дар муносибат ба монеаҳо дар лаззати чизҳои ҳиссӣ меоварад ва дар муқоиса бо ин мисолҳо Ибни Сино аҳаммияти лаззати ақлониро тасвир менамояд.

Дар боло мо назари Синоро дар мавриди он ки инсонҳои омӣ дорои қувваи ақлонӣ, ё ботинӣ нестанд ва ҳамчунин кӯдакон ҳанӯз аз чунин неруи ақлонӣ маҳрум мебошанд, матраҳ намудем. Аммо инсон метавонад лаззати ҳиссиро низ бо сабабҳои гуногун дарк нанамояд, барои мисол бо сабаби заифӣ узвҳои ҳиссӣ чизҳои хушояндро ҳамчун чизҳои нохушоянд дарк мекунанд, масалан, як чашми заиф нурро хуб қабул намекунад ва ё як гуши заиф як садои баландро ҳамчун дилнопазир мепазирад. Ё худ дар асоси ягон нуқсон ҷисм хушнудӣ ва ё нохуширо тағриба карда наметавонад, масалан, дар сурати фалағ гардидан. Дар ин мавриди Ибни Сино касалии Булимусро мисол меоварад: “Барои ин мисол шуда метавонад касалие бо номи Булимус (Bulimie): тамоми ҷисм аз гуруснагӣ заиф ва хаста мегардад, аммо меъда аз ин хабар намеёбад. Аммо пас аз оне ки сабаб рафъ карда мешавад, дар ҷисм як дарди сахт аз сабаби коркард нашудани ғизои пешина пайдо мешавад” [2, с. 269].

Ҳадафе, ки Ибни Сино бо мисолҳои зикргардида дунболагирӣ менамояд, на тасвири монеаҳои лаззатҳои ҳиссӣ мебошад, балки ишорае мебошад ба он, ки дар роҳи лаззатҳои ақлонӣ низ монеаҳое вуҷуд доранд ва замоне ки ин монеаҳо аз сари роҳ бардошта шаванд, қувои ақлонӣ низ метавонанд ба олитарин лаззати худ даст ёбанд. Монеаи асосӣ барои қувваи ақлонӣ ин ҷисми инсонӣ мебошад, зеро неруи ақлонии мо фақат би-л-қувва қобили дастрасӣ мебошад ва то замоне, ки монеа дар модда, яъне ҷисм вуҷуд дорад, он наметавонад камолоти худро ба даст биёварад. Ҳадаф аз ин дар ҳақиқат аз ҷиҳати ақлонӣ дастрас гардидани лаззат мебошад.

Маъқули ақлонӣ дар воқеият дорои айният мебошад бо ҷавҳари ақлонӣ, ҷовидона ва куллӣ, ки дар як вақт саодати олӣ ва болотарин лаззат барои неруҳои ақлонии идрок мебошанд. Аммо идроки ақлонӣ наметавонад болотарин лаззатро дар идроки ҷаҳони ақлоние дарёб намояд, ки натиҷаи воҷиб-ул-вуҷуд мебошад, зеро ин лаззат дар худ монеаеро низ ифода мекунад. Олитарин лаззат ва саодат танҳо замоне имконпазир мебошад, ки агар ин монеа аз байн бурда шавад. Ибни Сино ин маъниро чунин ифода менамояд: “Ва бояд донист идроки маъқул аз суи ақл қавитар аз идроки маҳсус аз сӯйи ҳисс аст. Зеро ақл амреро тааққул ва идрок

мекунад, ки боқӣ ва куллӣ аст. Ва бо ин амр мутаҳид мешавад ва ба наҳве айни ҳамон мешавад ва ба жарфои он ва на ба зоҳири он фурӯ меравад, вале нисбати ҳис бо маҳсус чунин нест. Пас лаззате, ки аз тааққули амри мулоиме ба мо даст медиҳад бартар аз лаззате аст, ки аз эҳсоси амри мулоиме ба мо даст медиҳад ва ин ду қобили санҷиш нестанд” [6, с. 282].

Озод сохтани ҷисм ба хотири камолоти худро ба даст овардани қувваи ақлонӣ, ки дар ҳақиқат аз ҷиҳати ақлонӣ идрокпазир аст ва худро ҳамчун як қисмати ҷаҳони ақлониро ташкилдиҳанда, ки аз вуҷуди ҳақиқӣ, зебогии ҳақиқӣ ва лаззати ҳақиқӣ иборат аст, дарёфтан. Ин ҷаҳони ақлонӣ иборат аст фақат аз ақли ноб, ки тавассути воҷиб-ул-вуҷуд сохта шудааст. Бо чунин равиш Ибни Сино илоҳиётшиносӣ ва ҳамчунин масъалаи воҷиб-ул-вуҷуд дар фалсафаи метафизикии худро ба анҷом мерасонад.

Дар боби мазкур мо дар оғоз навъҳои ҳастӣ, дар айни ҳол вобастагӣ ва фарқияти онҳо аз ҳамдигарро равшан намудем, ки онҳо воҷиб-ул-вуҷуд, имкон-ул-вуҷуд ва мумтанеъулвуҷуд мебошанд. Ин навъҳои ҳастӣ аз ҷиҳати мантиқӣ аз ҳамдигар вобаста мебошанд, яъне ҳангоми таърифи яке аз онҳо мо ҳатман навъҳои дигарро низ зикр менамоем. Воҷиб-ул-вуҷуд ҳастие мебошад, ки набуда наметавонад ва мумтанеъ-ул-вуҷуд ҳастие аст, ки буда наметавонад, яъне нестӣ аст. Аз ҳамин хотир Ибни Сино баҳси мумтанеъ-ул-вуҷудро аз доираи баҳси худ берун месозад ва танҳо доир ба навъҳои воҷиб-ул-вуҷуд ва мумкин-ул-вуҷуд сухан мегӯяд.

Воҷиб-ул-вуҷуд ин ҳамон вуҷуди Худо мебошад, ки вуҷуди он ҳатмӣ аст. Он дорои хосиятҳое мебошад, ки мо онҳоро дар мумкин-ул-вуҷуд пайдо карда наметавонем. Яъне он на дорои вуҷуд ва моҳияти аз ҳам ҷудост, на ба ҷавҳар ва араз тақсим мешавад, на дорои баҳси куллист, ҳатто баҳси сабаб ва натиҷа, он гуна, ки дар муносибат бо мумкин-ул-вуҷуд таҳқиқ мегардад, дар муносибат бо воҷиб-ул-вуҷуд қобили таҳқиқ нест. Агар мо воҷиб-ул-вуҷудро ҳамон гуна ки мумкин-ул-вуҷудро таҳқиқ менамоем, таҳқиқ намоем, он гоҳ дар ҳар қадам дучори зиддияти мантиқӣ мегардем.

Олитарин хусусиёти воҷиб-ул-вуҷуд ин хайри маҳз ва ақли маҳз будани он

аст ва ҳадафи мумкин-ул-вуҷудро, ки бо модда алоқаманд аст, муайян месозад. Тамоил ба сӯи ақли маҳз ва хайри маҳз ва ягона гардидан бо онҳо, ин ҳадафи ниҳоии фалсафаи метафизикии Ибни Сино мебошад, ки онро ҳамчун шифои нафс ва ё наҷоти нафс медонад.

Дар боби минбаъда мо ба масъалаи мумкинулвуҷуд ва таркиби он мепардозем.

БОБИ 3. ИМКОН-УЛ-ВУҶУД – КОНСЕПСИЯИ ҲАСТӢ: ВУҶУД ВА МОҲИЯТ, ҶАВҲАР ВА АРАЗ, КУЛЛ ВА ҶУЗЪ ДАР ФАЛСАФАИ ИБНИ СИНО

Боби мазкур ва боби минбаъда бевосита ба яке аз таркибҳои фалсафаи метафизикии Ибни Сино, яъне имкон-ул-вуҷуд бахшида мешавад. Ҳамаи масъалаҳое, ки бевосита бо масъалаи имкон-ул-вуҷуд пайванд хурдаанд, аз қабилӣ ҷавҳар ва араз ва ё куллӣ ва ҷузъӣ, зоҳиран бо масъалагузории анъанавӣ алоқамандӣ дошта бо онҳо шабоҳат доранд. Аммо фарқияти бунёдӣ дар ин маврид ин ворид гардидани масъалаи моҳият ба фаҳмишҳои анъанавӣ мебошад, ки ба масъала тағйироти бунёдӣ ворид намудааст. Яке аз натиҷагириҳои боарзиш дар мавриди ҳақиқати бунёдии имкон-ул-вуҷуд ба қалами устод Ҳасани Маликшоҳӣ тааллуқ дорад, ки он барои шарҳҳои минбаъдаи мо ҳамчун роҳнамо хидмат менамояд. Ӯ дар ин муносибат чунин овардааст: “Мумкин-ул-вуҷуд ва он мавҷуде маълул ва вобаста ба воҷиб-ул-вуҷуд аст ва камолот ва феълиятҳои он маҳдуд ва мутаноҳӣ аст. Ин мавҷуд аз ду ҷузъи зеҳнӣ фароҳам шудааст: 1. Камолот ва феълиятҳо; 2. Ниҳояти камолот. Номи ҷузъи аввал вуҷуд ва номи ҷузъи дувум моҳият аст. Асбобе, ки дар таҳаққуқи ҷузъи аввал муассиранд илали вуҷуд , ё марҷаҳ, ё муҷиб ва асбобе, ки боиси қивоми ҷузъи дувум аст илали моҳият ё илали қивом, ё муқаввими зотӣ номида мешавад” [10, с. 255].

Баъзе аз муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки Ибни Сино масъалаи моҳият ва ё муносибати вуҷуд ва моҳиятро алоҳида мавриди шинохт қарор надодааст, бинобар ин шинохти бевоситаи он каме душворӣ ба пеш меоварад. Дар ҳақиқат чунин аст, мо таҳлили масъалаи вуҷуд ва моҳиятро дар алоҳидагӣ дар фалсафаи метафизикии Ибни Сино пайдо карда наметавонем. Аммо дар муносибат бо ҳамаи масъалаҳои метафизикӣ бо масъалаи вуҷуд ва моҳият, ҳамчун унсури бунёдӣ, мо дучор меоем. Масалан, дар бунёди масъалаи сабаб ва натиҷа ва ё қувва ва феъл низ масъалаи моҳият матраҳ мебошад, аммо масъалаи мазкур беш аз ҳама дар баҳси ҷавҳар ва араз, ҳамчунин куллӣ ва ҷузъӣ дурахшиши хос ёфтааст. Аз ин ҷиҳат, дар ин боб мо танҳо масъалаҳои ҷавҳар ва араз ва куллӣ ва ҷузъиро дар муносибат бо вуҷуд ва моҳият мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Аксари синошиносон бар он бовараанд, ки даҳ категорияи арастуӣ, ки тақсими ҳастӣ ба даҳ категория мебошад, дорои хусусияти вуҷудӣ, аммо дар фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино бошад, онҳо дорои хусусияти моҳиятӣ мебошанд.

Ҳамчунин чунин ақида вуҷуд дорад, ки баҳси куллӣ дар фалсафаи Ибни Сино ин ҳамон баҳси моҳият мебошад. Ақидаҳои мазкурро мо дунболагирӣ намуда, кӯшиш менамоем, ки дар асоси таҳлили бевоситаи матнҳо ҳаққонияти ақидаҳои мавҷударо равшан намоем. Бинобар ин дар боби мазкур нахуст ба баҳси моҳият машғул мегардем ва таҳаввули он дар фалсафаи метафизикиро ошкор менамоем, дар идомаи он масъалаи ҷавҳар ва араз, сипас масъалаи куллӣ ва ҷузъӣ дар бевоситагӣ ва баъдан дар муносибат бо масъалаи моҳият мавриди таҳлил қарор медиҳем.

3.1. Вуҷуд ва моҳият дар фалсафаи Ибни Сино

Аз пажуҳишҳое, ки доир ба таърихи фалсафаи метафизикӣ сурат гирифтаанд, барои мо маълум аст, ки фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино ҳамчун “оғози дувуми метафизика” шинохта мешавад. Зеро он фалсафаи метафизикие, ки бо фалсафаи Парменид, Афлотун ва Арасту оғоз ва густариш ёфта буд, акнун ба як таҳаввулоти бунёдӣ дучор меояд ва ин таҳаввулот дар фарқият ва аз ҳам ҷудо гардидани маъниҳои моҳиятӣ ва вуҷудӣ шиносоӣ мегардад. Дар ин ҷо бояд зикр намоем, ки дар баробари он ки Арасту нахустин маротиба *ҳастии мутлақро* ҳамчун масъалаи асосии метафизика меҳисобад, ҳамчунин мафҳуми *моҳият* ва ё *чистиро* низ нахустин шуда вориди баҳси фалсафӣ гардонидааст. Аммо дар шарҳҳои додаи Арасту ҳанӯз моҳият ва ҳастӣ дорои айният ба назар мерасанд ва фарқияти онҳо аз ҳамдигар назаррас набуд. Ба мафҳуми моҳият дар фаҳмиши арастуӣ ҳамчун ба яке аз категорияҳо бархурд мешавад ва категорияҳо бошанд ҳамчун навъҳои ҳастӣ фаҳмида мешаванд. Хусусиятҳои тозаи воридкардаи Форобӣ ва Ибни Сино ба метафизика, бахусус мафҳумҳое ҳамчун ҳастии зеҳнӣ, моҳият будани категорияҳои арастуӣ ва дорои хусусияти трансенденталӣ будани мафҳуми ҳастӣ ҳанӯз дар метафизикаи Арасту ғайри қобили мушоҳида мебошанд.

Бинобар ин, аксари пажуҳишгарони фалсафаи Синоро маҳз масъалаи моҳият ва вуҷуд ба худ ҷалб намудааст ва пажуҳишҳои зиёде дар ин замина сурат гирифтааст. Аз ҷумлаи муҳаққиқоне, ки бевосита масъалаи моҳият ва вуҷудро дар доираи назарияи ҳастишиносии Ибни Сино таҳқиқ намудаанд Фазлулраҳмон [378, с, 1-16], Бек Аллен [326, с.351-367], Парвиз Моревич [373, с. 425-435], Тео Кобуш [363, с. 345-366], Карл Бертлайн [372], Сейлен [333, с. 329-337], Ҳоннефелдер Лудгер [357, с. 165-186] ва ғайра мебошанд. Он гуна ки дар боби дувуми диссертатсия, ҳангоми баррасии масъалаи саҳми Ибни Сино дар рушди минбаъдаи метафизика, қайд намудем, ба андешаи Кобуш Ибни Сино маҳз ду навгонӣ ба метафизика ворид намудааст, ки ҳарду бевосита ба масъалаи ҳастӣ ва моҳият тааллуқ доранд. Ба андешаи Кобуш, нахустин маротиба Ибни Сино метафизикаро дорои ҳастишиносӣ гардонидааст [363, с. 177]. Ҳадаф албатта на нахустин маротиба, балки додани маънии нав, ки минбаъд ба раванди инкишофи метафизика мусоидат намудааст. То ин вақт ҳастӣ ба чизҳои гуногун далолат менамуд, аммо дар фалсафаи Ибни Сино ҳастӣ дорои маънии ягона ва трансценденталӣ мегардад [363, с. 177]. Навгонии дигаре, ки Ибни Сино ба метафизика дохил намудааст, ин ворид намудани мафҳуми моҳият ба ҳастишиносӣ мебошад [363, с. 178]. Ин нукта низ ниёз ба тавзеҳ дорад, зеро мо бо мафҳуми моҳият аллакай дар метафизикаи Арасту дучор меоем. Аммо дар он ҳанӯз фарқияти маънии моҳиятӣ аз маънии вуҷудӣ ба назар намерасад.

Масъалаи вуҷуд ва моҳият як масъалаи бунёдӣ ва дар айни ҳол доманадори фалсафаи метафизикӣ ва аз ҷумла фалсафаи Ибни Сино мебошад, ки мо кӯшиш менамоем нозукиҳои онро ба риштаи таҳрир кашем. Дар ин маврид низ мо наметавонем бо сарфи назар кардани масъалаи мазкур дар фалсафаи Арасту ба ҷое бирасем. Зеро, аз як ҷиҳат, масъалаи мазкур нахустин маротиба дар фалсафаи Арасту зикр гардидааст ва аз дигар тараф дар байни бинишҳои ӯ ва Ибни Сино аз як тараф умумият ва дар як вақт фарқияти бунёдӣ ба мушоҳида мерасад. Ба хотири доштани як тасаввуроти равшан доир ба масъалаи вуҷуд ва моҳият дар фалсафаи Ибни Сино нахуст мо ин масъалаҳоро ба тариқи мухтасар дар фалсафаи Арасту баррасӣ менамоем.

а) Масъалаи вуҷуд ва моҳият дар метафизикаи Арасту. Он гуна ки дар боло қайд гардид, Арасту аввалин файласуфе аст, ки оиди *мавҷуд - чун мавҷуд* ва оиди *моҳият* сухан кардааст, аммо ҳастӣ ва моҳият дар фаҳмиши ӯ аз ҳамдигар ҷудо нестанд. Ӯ дар бораи мавҷуд ҳамчунон сухан мекунад, ки дар бораи моҳият ва баръакс. Бояд зикр намоем, ки масъалаи ҳастӣ ва ё ҳастӣ - чун ҳастӣ (мавҷуд - чун мавҷуд) дар китобҳои чаҳорум, шашум ва ёздаҳуми "Метафизика" матраҳ гардидааст. Пеш аз баҳси ҳастӣ Арасту масъалаи ҳақиқатро зикр менамояд ва ҳақиқитарин чиз барои ӯ он чизе аст, ки иллати ҳақиқии чизҳои пас аз худ омада мебошад ва ҳар чиз то ҳамон андоза ҳақиқӣ аст, ки дорои ҳастӣ аст [16, с. 50]. Дар ин ҷо Арасту ба ҳастӣ ҳамчун ҳақиқитарин чиз, ки сабаби ҳамаи чизҳои дигар мебошад, муносибат менамояд. Ҳастӣ барои ӯ як чизи куллӣ ва нахустин аст ва минбаъд ҳамеша бар он таъкид менамояд, ки дониши метафизикӣ ба масъалаи *мавҷуд- чун мавҷуд* баҳс мекунад: "Донише ҳаст, ки ба *мавҷуд - чун мавҷуд* (to on hei on) ва лавоҳиқи он ба худии худ нигариш дорад" [16, с. 87]. Мавҷуд дорои хусусияти куллӣ мебошад, яъне он ба гуна ва маъноҳои гуногун гуфта мешавад, аммо ҳамаи онҳо дорои як табиат ва як асл мебошанд. Муносибати ҳастӣ бо мавҷудотро Арасту дар муносибат бо робитаи алоқамандии ҳар чизи тандуруст ба "тандурустӣ" мефаҳмонад. Масалан, ягон чиз барои нигаҳдошти тандурустӣ, чизи дигар барои эҷоди тандурустӣ, чизи савум ҳамчун далолаткунанда ба тандурустӣ ҳастанд [16, с. 89]. Ҳадафи Арасту аз ин қиёс нишон додани ҳастӣ ҳамчун даҳ категория ва бештар аз онҳо мебошад. Барои ӯ ҳамаи даҳ категория ҳамчун маъниҳо ва ё гунаҳои гуногуни ҳастӣ дониста мешаванд: "Зеро баъзе чизҳо мавҷуд номида мешаванд, чун ҷавҳаранд ва баъзе чун аворизанд ва баъзе чун "роҳ ба сӯйи ҷавҳаранд" ё чун кайфиятеанд ё созанда ва муваллеҳи ҷавҳар ё чизҳоеанд, ки дар пайванд бо ҷавҳар номида мешаванд" [16, с. 89]. Аммо муносибати байни ҳастӣ бо категорияҳо мисоли муносибати ҷинс бо навъҳои худ нест, зеро он маъниҳое, ки бар ҳастӣ далолат менамоянд ҳамагӣ аз як ҷинс нестанд, балки ба ҷинсҳои гуногун далолат менамоянд. Масалан, имкон надорад, ки ҷавҳар бо сифат дар як ҷинс ва ё миқдор ва амал дорои як ҷинси умумӣ бошанд. Новобаста аз ин гуногунӣ ҳамаи онҳо ба

ҳастӣ далолат менамоянд, агар чунин намебуд он наметавонист, ки мавзуи як илми ягона бошад. Барои Арасту теъдоди навъҳои ҷавҳар ба теъдоди навъҳои мавҷуд баробарӣ доранд, яъне сухан аз як тараф оиди айнияти вуҷуд ва моҳият меравад ва аз тарафи дигар оиди ҳастиҳои алоҳида ба мисли идеяҳои Афлотун. Арасту ба ягона будани маънии ҳастӣ таъкид меварзад ва дар баробари он хусусиятҳои дигари ҳастӣ ин куллият, ҷудо аз модда ва ҷовидона будани онҳо мебошад, ки мо инро дар қисмати дувум таъкид намудаем. Дар ин баҳсҳо Арасту ба масъалаи дорои маънии трансенденталӣ будани ҳастӣ хело наздик мешавад, аммо равшан нишон медиҳад, ки манзури ӯ аз ҳастӣ дигар мебошад, ҳамчунин дар ин масъалагузориҳо сухане аз ҷудогии маънии вуҷуд аз маънии моҳиятӣ намеравад, баръакс масалан, муносибати байни ҳастӣ ва моҳиятҳо дорои айният аст бо муносибати моҳият бо категорияҳо. Дар идома кӯшиш мекунем, ки назари Арасту дар мавриди моҳиятро мухтасаран матраҳ намоем.

Мақсад аз чистӣ, ки ҳамон моҳият мебошад, такчиз, ё асоси чиз дар назар дошта мешавад, ки “ба худии худ” маҳз ҳамон зербунёд гуфта мешавад [16, с. 215]. Арасту дар ин маврид мисоли “инсон будан”-ро, ҳамчун чистии “ту будан” меоварад. Масалан, агар инсон мусиқидон бошад, “ту будан” ифодакунандаи “мусиқидон будан” нест. Зеро ту ба наҳваи худ мусиқидон нестӣ ва он чи ки ту “ба худии худат ҳастӣ” чистӣ ва ё моҳияти туро ташкил медиҳад [16, с. 215]. Албатта ки дар ин муносибат “ту будан” ҳамон “инсон будан”-ро ифода мекунад. Моҳият пеш аз ҳама ифодакунандаи чиии чизҳо, ё худ ҳамон ҷавҳари онҳост. Чизҳое, ки ба тариқи аразӣ бар чизҳои дигар ҳамл гардидаанд, чистиро ифода карда наметавонанд, зеро онҳо “ин чиз дар ин ҷо” нестанд. Масалан, ифодаи “инсони сафед” моҳияти инсонро ифода карда наметавонад, зеро моҳияти инсонро “сафед будан” ташкил карда наметавонад [16, с. 215].

Моҳияти чизҳо ин чизҳои нахустин мебошанд, ки ҳеҷ кадом бо роҳи ҳамл соҳиби ҳастӣ нагардидаанд. Аз ин рӯ, чистӣ ба навъҳои як ҷинси муайян тааллуқ дорад ва агар чизҳо ба ҷинси муайян тааллуқ надошта бошанд, моҳият ба онҳо тааллуқ надорад. Зеро навъҳо на ба ҳасби иштирок, на феъл ва на ҳамчун араз ба чизи дигар ҳамл намегарданд [16, с. 216].

Ҳамон гуна ки дар баҳси ҳастӣ мафҳуми ҷавҳар бунёдӣ ба ҳисоб мерафт, дар баҳси моҳият низ ҷавҳар дорои хосияти бунёдӣ мебошад, аммо баръакси баҳси ҳастӣ дар ин маврид аразҳо сарфи назар карда мешаванд ва агар аразҳо бар ҳастӣ далолат намоянд ҳам, зарурат нест, ки онҳо ба чистӣ, ё моҳият низ далолат намоянд: “Тасаввур мешавад, ки “шайъи мунфарид” чизи дигаре нест ҷуз ҷавҳари худаш ва чистӣ (яъне ҳамон моҳият) низ гуфта мешавад, ки ҷавҳари чизи мунфарид аст, зарурат надорад, ки чизҳое, ки ба тариқи аразӣ вуҷуд доранд, бо моҳияташон яке бошанд” [16, с. 221]. Мақсад аз “шайъи мунфарид” чиз дар ҳолати абстрактии он ва ё ҳамон идеяҳои афлотунӣ дар назар дошта мешавад, чун ҳадаф аз ҷавҳар ин чиз дар худии худ аст, пас он ифодакунандаи моҳият ва чизи мунфарид низ мебошад.

Агар мавҷуд дорои хусусияти куллӣ бошад, пас чистӣ, ё моҳият дорои маънии маҳдудтар буда, ҳастии алоҳидаи чизҳоро ифода менамояд. Арасту масъалаи моҳиятро дар мисоли муносибати миёни идеяҳои афлотунӣ ва моҳияти чизҳо таҳлил менамояд, ки идеяҳоро ҳамчун ҷавҳарҳои муқаддам ва моҳияти чизҳои алоҳидаро ҳамчун ҷавҳарҳои муаххар, ё охирӣ меҳисобад [16, с. 222]. Байни ин ду намуди ҷавҳарҳо алоқамандӣ вуҷуд дорад, ки Арасту инро дар мисоли “худи нек” ва “нек будан”, ё “ҳайвон” ва “ҳайвон будан”, ҳамчунин “мавҷуд будан” ва “мавҷуд” нишон медиҳад. Агар байни онҳо алоқамандӣ вуҷуд надошта бошад, яъне идеяи нек дар моҳияти “нек будан” ва ё идеяи мавҷуд дар моҳияти “мавҷуд будан” вуҷуд надошта бошанд, он гоҳ идеяҳо ношинохта боқӣ мемонданд ва моҳиятҳо вуҷуд намедоштанд [16, с. 222]. Аз ин рӯ, моҳият он ҷавҳаре мебошад, ки дар вуҷуди худ ҷавҳари қаблина, яъне идеяро доро мебошад. Ба тариқи содда моҳияти “инсон будан” дар як вақт дар худ идеяи “инсон”-ро низ ифода менамояд. “Инсон будан” ҳамчун ҳастии воқеӣ ин ҷавҳари охирӣ аст ва худи “инсон” ҳамчун идея, ин ҷавҳари аввалӣ мебошад. Ба ақидаи Арасту моҳият бо идеяи чиз ва ё “шайъи мунфарид” як чиз мебошад, аммо моҳият бо худи чиз як чиз нест [16, с. 222].

Моҳият ба мисли ҳастӣ ба ҳамаи категорияҳо яксон ва ё ба як наҳв сидқ намекунад. Дар қадами аввал ва ба тариқи мутлақ моҳият аз они ҷавҳар аст ва

пасон ба категорияҳои дигар сидқ мекунад. Чунин навъи муносибатро, ки онро “мушаккак”, ё худ нобаробар меноманд, мо дар бахши дигар ва дар муносибат бо ҳастӣ муфассал матраҳ менамоем.

Дар ин бахш мо назари Арасту дар мавриди ҳастӣ ва моҳиятро матраҳ намудем ва ба хотири равшантар шинохтани назари файласуф ҳарду мафҳум дар алоҳидагӣ баррасӣ гардиданд. Он чи ки Арасту дар мавриди ҳастӣ ва моҳият иброз доштааст, таҷассуми онро дар фалсафаи Ибни Сино мушоҳида кардан мумкин аст. Аммо дар як вақт дар фалсафаи Ибни Сино вуҷуд ва моҳият дорои махсусиятҳое ҳастанд, ки мо онҳоро дар фалсафаи Арасту дида наметавонем. Дар мавриди навгониҳои Ибни Сино ва ё фарқияти афкори ду файласуф дар мавриди вуҷуд ва моҳият мо пас аз матраҳ сохтани назари Ибни Сино дар ин маврид дигарбора бармегардем.

б) Таҳаввул ва шаклгирии баҳси вуҷуд ва моҳият дар байни файласуфони мусалмон. Вақте назари Ибни Сино дар мавриди мавзуи асосии метафизикаро таҳлил намудем, бароямон равшан гардид, ки ин мавзуъ *ҳастии мутлақ* мебошад. Он чизе ки аз равшаниандозиҳои Ибни Сино бароямон маълум мегардад, он аст, ки чунин ҳастӣ дорои як маънист ва он маънӣ бо воҳид ва ё ягона якест. Новобаста ба ин, дигар сухан на аз худи ин ҳастӣ, балки аз аразҳои хосси ҳастӣ ва дигар масъалаҳои бо он алоқаманд меравад ва муҳимтарин хусусият дар ин маврид он аст, ки ҳамаи ин мавҷудоти бо *ҳастии мутлақ* алоқаманд мавҷудоте мебошанд, ки аз модда ҷудо ва ё пеш аз олами моддӣ қарор доранд. Бояд ин ҷо дар хотир гирифт, ки дар фалсафаи Ибни Сино низ, чунон ки дар ҳамаи файласуфони идеалист, ҳастӣ аз тафаккур меояд ва боз ҳам дақиқтар сухан аз он ҳастие меравад, ки дар зеҳн вуҷуд дорад ва ҳастии зеҳнӣ муҳимтар аст аз ҳастии ғайризеҳнӣ. Дар яке аз мавридҳо дар “Ишорот ва танбеҳот” Ибни Сино маънии фаротар аз ҳастии бо эҳсос даркшаванда доштани ҳастиро чунин ифода кардааст: “Бидон, гоҳе бар авҳоми мардум чира мешавад, ки: Мавҷуд фақат ҳамон маҳсусот аст. Ва ончи гавҳари онро ҳис дарнаёбад, пас фарзи вуҷудаш маҳол бошад, ва ҳамоно ончи худ ба худ ба макон, ё вазъи муайяне ихтисос надошта бошад, монанди ҷисм, ё ба сабаби чизе, ки дар ҷисм аст,

монанди аҳволи ҷисм, баҳрае аз вуҷуд надорад”[10, с. 247]. Дар идомаи ин сухан, ӯ бо овардани далеле нишон медиҳад, ки дар муносибат бо худи маҳсусот мо метавонем нодурустии ин ақидаро исбот намоем: “Ту метавонӣ дар худи маҳсусот тааммул кунӣ ва нодуруст будани сухани ин ҷамоатро дарёбӣ ... Гоҳе бар ин маҳсусот як ном гуфта мешавад, на он ки фақат дар лафз муштарак бошад, балки дар маънӣ низ бо ҳам мутаҳиданд, монанди номи инсон ... Пас инсон аз ҷиҳати ин ки як ҳақиқат аст, балки аз ҷиҳати ҳақиқати аслӣ, ки афроди касир дар он ихтилоф надоранд, номаҳсус, балки маъқули холис аст ва ҳол дар бораи ҳар як аз куллӣ чунон аст, ки дар бораи инсон гуфта шуд” [10, с. 248]. Барои он ки ба мавҷуди ғайриҳисси бовар бештар гардад, Ибни Сино худи эҳсос ва як қатор ҳолатҳоеро, ки бо эҳсос аз ҷиҳате алоқамандӣ доранд, аммо онҳоро бо эҳсос дарк кардан номумкин аст,мисол меовараd: “Ва ҳамчунин лозим меомад, ки ақл ҳам, ки довар ба ҳақ аст, ба ҳис ва ваҳм дармеомад. Ва баъд аз ин усул пас ҳеҷ чиз аз ишқ ва шарм ва тарс ва хашм ва далерӣ ва тарсӯӣ ба ҳис ва ваҳм дарнамеоянд ва дарк намешаванд; ва ҳоло он ки ҳамаи онҳо аз умуре ҳастанд, ки ба маҳсус вобастаанд. Пас вақте ҳоли маҳсус чунин аст, гумони ту дар бораи муҷарадот ва мавҷудоте, ки аз маҳсусот ва алоиқи он барканоранд чи хоҳад буд?” [10, с. 251].

Аҳаммияти зеҳн дар шинохти ҳастӣ бевосита роҳро барои масъалаи моҳият низ ҳамвор месозад. Яке аз назарҳои асосӣ дар мавриди масъалаи моҳият, ки мо онро дар боло зикр намудаем, он аст, ки он аз баҳси “чиз”, ки дар байни мутакаллимон ва дигар файласуфони асрҳои IX-X роиҷ буд, баромадааст. Азбаски мутакаллимин масъалаи мазкурро дар асоси китоби муқаддас матраҳ менамуданд, он нисбат ба дигар мактабҳо бештар оммавӣ гардида буд ва маҳз ин биниш таҳаввул ёфта минбаъд ба баҳси моҳият ва вуҷуд табдил меёбад. Яке аз ҷонибдорони ин ақида Жоливе мебошад [345, с. 19-28]. Аз ин ҷиҳат ба хотири хубтар шинохтани масъалаи ҳастӣ аз диди Ибни Сино мо нахуст мухтасаран масъалаи чиз, ё худ ҳамон чизро дар баҳсҳои фалсафии оғози фалсафаи асримиёнагӣ матраҳ менамоем.

Масъалаи чиз яке аз масъалаҳои асосии ҳастишиносӣ дар фалсафаи юнонӣ ба ҳисоб мерафт ва дар фалсафаи асримиёнагии мо низ он яке аз баҳсҳои

аввалини фалсафаи ин марҳаларо ташкил медиҳад. Дар оғоз он то ба ҳадде боаҳаммият буд, ки ҳатто аз баҳси ҳастӣ пешӣ дошт ва баръакси фалсафаи юнонӣ дар ин фалсафа мафҳуми чиз ва чизият боиси зуҳури мафҳуми моҳият гардид. Нахустин шуда ба ин масъала Жан Жоливе таваҷҷуҳ менамояд ва ин иқдоми ӯ аз ҷониби Роберт Висновский [385] идома меёбад, ки ӯ ин масъаларо бунёдан таҳлил карда, сарочашмаи пайдоиши ин баҳс ва раванди минбаъдаи онро пайгирӣ намудааст. Ба ақидаи Висновский ҳанӯз дар оғози марҳалаи исломӣ баҳсҳо дар мавриди маънии чиз вуҷуд дорад. Аҳли Калом, ки бевосита “Қуръон”-ро асоси баҳсҳои худ қарор медоданд, дар мавриди масъалаи чиз дар “Қуръон” назарҳои гуногунро ҷонибдорӣ менамуданд ва назари куллии онҳо он буд, ки дар ин китоб дар мавриди чиз назари яксон вуҷуд надорад. Дар ҳадди ақал, метавон бо се маънии чиз дар “Қуръон” дучор омад.

Дар баъзе қисматҳои “Қуръон” чиз ҳамчун муайянкунандаи Худо омадааст. Агар чиз муайянкунанда бошад, пас он худи Худо нест. Аммо боз ҷойҳое дар “Қуръон” вуҷуд дорад, ки худи Худо низ ҳамчун чиз омадааст. Он чизе, ки масъаларо мураккаб мегардонад, он аст, ки дар “Қуръон” далелҳое вуҷуд доранд, ки мавҷудияти шайъро пеш аз вуҷуди Худо ҳамчун маъдум тасдиқ менамоянд ва чун Худованд каломи “бош”-ро истифода менамояд, онҳо аз ҳолати маъдумӣ ба ҳолати воқеӣ табдил меёбанд [385, с. 146]. Висновский ақидае пешниҳод менамояд, ки мувофиқи он маҳз ҳамин номуайяниятии масъалаи чиз дар “Қуръон” боиси ба вуҷуд омадани тафриқа дар байни пайравони Калом мегардад. Муътазилиҳо чунин ақидаро пешниҳод менамоянд, ки чиз муайянкунандаи Худост ва ҳамчунин метавонад чиз ҳамчун нестӣ ва ё чиз ҳамчун пеш аз калимаи “бош” аз ҷониби Худованд низ чиз мебошад.

Баръакси Муътазилиҳо Ашъариҳо ва Мотуридиҳо чиз ҳамчун маъдумро эътироф надоранд. Ба ақидаи онҳо чиз ҳамчун нестӣ чиз нест. Ҳар як чиз ҳастист ва ҳар як ҳастӣ чиз аст. Пайравони ин бахши Калом чиз ва ҳастиро бо ҳам айният медоданд ва ҳар дуро офаридаи Худо медонистанд[385, с. 146-149]. Дар умум Висновский панҷ консепсия дар мавриди чизро, ки дар фалсафаи асримиёнагӣ ва аз ҷумла дар байни мутакаллимон вуҷуд дошт, зикр мекунад, ки то замони

Ибни Сино ва пас аз ӯ вуҷуд доштаанд:

1. Чиз ин чизест, ки офарида шудааст ва дорои шабоҳати худ аст;
2. Чиз ҷисм аст;
3. Чиз чизест, ки метавон ба он ишора намуд;
4. Чиз чизест, ки мавҷуд мегардад;
5. Чиз вуҷуд аст ва танҳо ҳамон вақт он чиз аст, ки дорои вуҷуд гардад [385, с. 149].

Нуктаи муҳим дар ин маврид он аст, ки фаҳмишҳои зикргардида дар мавридҳои чиз то замони Форобӣ чандон мавриди дигаргунӣ қарор намегиранд. Нахустин маротиба Ал Киндӣ кӯшиш намудааст, ки ин андешаҳоро бо мафҳумҳои нав ва дар як сатҳи нисбатан болотар матраҳ гардонад, аммо ин кӯшиши Киндӣ ҳанӯз назаррас набуд. Нахустин шуда Форобӣ дар фалсафаи асримиёнагӣ мафҳуми моҳиятро истифода менамояд, ки он эквиваленти арабии мафҳуми юнонии tot i en einai мебошад [385, с. 150]. Сабаби бунёдии таҳаввулёбии ин масъала он буд, ки “чизият”, ки дар ибтидо ифодакунандаи ҳамон моҳият буд, бо “чистӣ”, ки дар “Метафизика”-и Арасту шабоҳати зиёд дошт ва Форобӣ аз назари Арасту бахубӣ огоҳ буд ва ин огоҳӣ боиси таҳаввул ва дигаргунӣ дар баҳси “чиз” дар фалсафаи асримиёнагии шарқӣ мегардад.

Форобӣ на танҳо нахустин шуда мафҳумҳои навро истифода менамояд, балки дар тасаввуроти ҳар ду гурӯҳ, яъне ҳам муътазилиҳо ва ҳам ашъариҳо тағйироти бунёдӣ ба вуҷуд меоварад. Аз ин давра сар карда дигар чиз ба мисли ҳастӣ дорои маънии умумӣ намегардад ва ҳастӣ низ дигар дорои айният бо чиз дониста намешавад [365, с. 190]. Форобӣ бо муътазилиҳо, аз он ҷое ки шайъро ҳам барои мавҷудот ва ҳам барои маъдумот ҳамчун маънии ҷинсӣ мешинохт, ҳамоҳангӣ дошт, аммо дар як вақт таъкид менамояд, ки ҳастӣ дорои вазифаҳои дигар ва нақшҳои дигарест, ки он вазифаҳо ва нақшҳоро чиз иҷро карда наметавонад. Зери таъсири “Арғунун”-и Арасту, ки истифодаи ҳастиро ба маънии техникӣ зикр кардааст, Форобӣ низ ин хусусиятро таъкид менамояд, ки онро мо наметавонем дар чиз мушоҳида намоем. Масалан, мо метавонем ҳастиро ҳамчун хабар дар байни субъект ва объект истифода намоем, аммо чизро дар ин

вазифа истифода бурда наметавонем. Масалан, метавон гуфт: “Зайд ҳамчун инсон мавҷуд аст”, аммо наметавон гуфт, ки “Зайд ҳамчун чиз инсон аст” [385, с. 151].

Дар ин ҷо мо чунин мешуморем, ки Форобӣ дар асоси биниши Арасту оид ба вуҷуд ва моҳият ба баҳсҳо оид ба чиз таҳаввули бунёдӣ ворид менамояд, аммо ин маънии онро надорад, ки биниши Форобӣ бо биниши Арасту дорои айният мебошанд. Ҳамон гуна ки дар баҳси мутакаллимон таҳаввул ба вуҷуд оварда мешавад, дар як вақт ба баҳси арастуии вуҷуд ва моҳият низ таҳаввулот ворид карда мешавад, яъне маънии вуҷудӣ аз маънии моҳиятӣ ҷудо мегардад. Мо метавонем дар таҳлилҳои Ибни Сино густариши ҳамин ақидаи Форобиро мушоҳида намоем. Дар идома мо кӯшиш менамоем, ки нахуст бевосита ақидаи Ибни Сино дар мавриди ҳастӣ ва минбаъд масъалаи ҳастӣ дар алоқамандӣ бо масъалаи чизро, ки дар натиҷа ифодакунандаи маънии моҳият ва ҳақиқати ашёро низ ифода менамояд, мавриди таҳлил қарор диҳем.

в) Ҳастӣ ва шайъ ҳамчун иртисомоти аввалия ва ё тасаввуроти омӣ

Дар пайравӣ аз Арасту ва Форобӣ, Ибни Сино низ ҳамеша таъкид менамояд, ки *ҳастии мутлақ* масъалаи асосии метафизика мебошад. Оғози ҳамаи асарҳои Ибни Сино, ки ба масъалаи метафизика бахшида шудааст, маҳз аз шарҳи маънии ҳастӣ оғоз меёбад. Дар ин маврид ӯ таъкид менамояд, ки ҳастӣ таърифшаванда нест ва бо ҳамин қонеъ мешавад, аммо дар мавриди муносибати ҳастӣ бо моҳият ва бахусус аразҳои хосси ҳастӣ ва ё ҷинсҳои барин шарҳҳои муфассал ва тулониро матраҳ месозад. Мураккабии дигаре, ки дар ин маврид вуҷуд дорад, ин навъҳои ҳастӣ ҳамчун мумкинулвуҷуд ва воҷиб-ул-вуҷуд мебошанд, ки дар яке аз онҳо ҳастӣ ва моҳият аз ҳам фарқ менамояд ва дар дигарӣ бошад, онҳо аз ҳамдигар фарқ намекунанд. Масъалаи аразҳои хосси ҳастӣ ва ё ҷинсҳои барин бошанд бевосита ба баҳси мумкинулвуҷуд тааллуқ доранд. Пеш аз оне, ки мо ба ин масъала расидагӣ намоем, назари Ибни Сино дар мавриди ҳастӣ ва алоқамандии он бо масъалаи моҳиятро матраҳ менамоем, зеро баҳси ҳастӣ ва моҳият аз бунёдитарин баҳсҳои фалсафаи метафизикии Ибни Сино буда, ҳамаи масъалаҳои дигар танҳо дар муносибат бо ин масъала аҳаммияти худро нишон

медиҳад.

Аввалин сухане, ки Ибни Сино дар мавриди ҳастӣ мегӯяд, ин таърифнашавандагӣ, ҳамчунин мафҳуми шинохтатарин ва умумитарин будани он мебошад. Масалан, дар “Донишнома” ӯ дар мавриди ҳастӣ чунин мефармояд: “Ҳастиро хирад худ бишносад беҳадду берасм, ки ӯро ҳад нест, ки ӯро ҷинсу фасл нест, ки чизе аз вай омтар нест ва варо расм нест, зеро ки чизе аз вай маъруфтар нест. Оре, бошад, ки номи варо ба забоне, дуни забоне, бишиносанд. Пас, ба тадбире огаҳӣ диҳанд, ки бад-он лафз чӣ хоҳанд. Масалан, агар ба тозӣ гуфта бошанд, ба порсӣ тафсири вай кунанд ё ишорат кунанд, ки вай он аст, ки ҳамаи чизҳо андар зери вай ояд” [2, с. 219-220].

Шояд асоситарин шарҳи ҳастӣ маҳз ҳамин сухан бошад, ки дар худ тамоми таҳлилҳои метафизикии Синоро ифода менамояд. Аввалин хусусияти ҳастӣ он аст, ки ҳастӣ “қобили таъриф нест”. Зеро он омтарин ва ё “умумитарин мафҳум” мебошад. Танҳо он чизе дорои таъриф аст, ки дорои ҷинси наздик ва нишонаи навъӣ, ё фасл бошад. Вақте чизе омтарин мафҳум аст, пас болотар аз он мафҳуми ҷинсии дигаре вуҷуд надорад ва дар ин сурат имкони таъриф ғайриимкон мегардад. Хусусияти дигари ҳастӣ он аст, ки он “маъруфтарин мафҳум” мебошад. Мақсад аз амали таъриф ин равшан сохтани мазмун ва ҳақиқати чизҳо мебошад ва дар ин амал чизи камтар шинохташуда тавассути чизи бештар шинохташуда шинохта мегардад. Агар ҳастӣ худ шинохтатарин мафҳум аст, пас он ниёз ба таъриф надорад. Чӣ гуна мешавад, ки барои шинохт чизеро, ки нисбат ба ҳастӣ камтар шинохта шуда аст, барои шинохти ҳастӣ истифода барем. Бояд амали баръакс сурат гирад, яъне барои шинохти дигар мафҳумҳо мо бояд мафҳуми ҳастиро истифода намоем, зеро он шинохтатар мебошад. Ин ҷо бояд ин нуктаро қайд намуд, ки Ибни Сино ҳамон суханони Арасту дар мавриди ҳастиро истифода намудааст ва мисли тамоми файласуфони минбаъда ба гуфтаи Арасту чизеро илова накардааст. Арасту низ дар мавриди худ ҳастиро ҳамчун мафҳуми “умумитарин”, “шинохтатарин” ва “таърифнашаванда” қайд намудааст.

Масъалаи таърифнашавандагии ҳастиро Мӯсо Диноршоев муфассал шарҳ додааст ва сабаби таърифнашавандагии онро дар навъҳои таъриф медонад. Барои

Ибни Сино танҳо ду навъи таъриф маълум буд, ки инҳо таъриф тавассути ҷинси наздик ва фасли хос ва таъриф тавассути тасвир (описание), ки дар ҳақиқат тавассути онҳо таърифи ҳастӣ ғайриимкон мебошад [145, с. 145]. Ӯ қайд менамояд, ки дар мантиқи имрӯза таърифҳое коркард шудаанд, ки тавассути онҳо таърифи ҳастӣ имконпазир мебошад, ки яке аз онҳо ин таъриф тавассути ишора ба муносибати ашё ба зиддӣ худ аст. Дар асоси ин ва боз намуди дигари таъриф Диноршоев мафҳуми ҳастиро таъриф менамояд [145, с. 145]. Чун ҳадафи мо биниши Ибни Сино дар мавриди ҳастӣ аст, ин ҷо дигарбора ба таҳлили ақидаҳои Ибни Сино бармегардем.

Кӯшиш менамоем, ифодаи дар иқтибоси боло овардашудаи Ибни Сино “Ҳастиро хирад худ бишносад”-ро равшанӣ андозем. Чӣ гуна хирад ва ё ақл ҳастиро худ бидуни ягон ҳад ва ё расм мешиносад? Ошкор сохтани ин масъала ақлгароӣ ва ё ратсионализми файласуфро барои мо равшан месозад. Ин масъала дар “Шифо” муфассалтар ва васеътар матраҳ гардидааст. Дар ин ҷо мо ба ду далел масъалаи чизро вориди баҳси мазкур мегардонем: якум, Ибни Сино чизро низ ба мисли ҳастӣ аз тасаввуроти умумие медонад, ки зеҳн худ онро мешиносад ва ҳамон андешаеро, ки дар “Донишнома” дар мавриди ҳастӣ баён месозад, дар “Шифо” дар нисбати чиз иброз медорад ва дар ҷое мегӯяд, ки “Ва мегӯем: маънои “вуҷуд” ва маънои “чиз” дар нафс ба тасаввур меоянд ва ин ду муайян ҳастанд” [6, с. 24]. Далели дувум он аст, ки мафҳуми чиз моро ба масъалаи дигари асосии фалсафаи метафизикии Ибни Сино, яъне моҳият, роҳнамоӣ менамояд, ки пас аз тарҳи масъалаи якум мо ба тарҳи маънии моҳиятро ифода намудани чиз мепардозем.

Ба ақидаи Ибни Сино ҳамон гуна ки дар тасдиқ як қатор чизҳои худ аз худ маълум вуҷуд доранд, дар тасаввури инсон низ як қатор маъниҳо аз қабили “воҳид”, “чиз” ва ё “мавҷуд” вуҷуд доранд, ки хело барвақт дар зеҳни инсон нақш мебанданд. Ин мафҳумҳо барои нафс аз ҳар маънии дигар шинохтатаранд ва дар раванди маърифат онҳо нисбат ба ҳар мафҳуми дигар пешӣ доранд. Шинохти мафҳумҳои дигар танҳо тавассути шинохти мафҳумҳои дар боло зикргардида имконпазир аст. Аммо зоҳиран ба назар чунин менамояд, ки мо тавассути

мафҳумҳое, ки камтар шинохтатар ҳастанд, мафҳумҳои дар асл бештар шинохташударо мешиносем. Калима ва ишораҳое, ки барои шинохти мафҳумҳое чун чиз ва ё ҳастӣ истифода мегарданд, дар воқеият мафҳумҳои ношиносро шинос намекунанд, балки онҳо танбеҳия мебошанд, ки маъниҳои хело барвақт дар зеҳн нақшбастаро дигарбора бедор месозанд [365, с. 328]. Муносибати маъниҳо ва ё инъикосоти аввалия ва танбеҳияро Ибни Сино чунин тасвир намудааст: “Ҳамин тавр ҳам дар тасаввурот умуре вуҷуд доранд, ки мабодии аввалияи тасаввурот ҳастанд, ва худ ба худ мавриди тасаввур қарор мегиранд, ва агар қасди он бошад, ки чизе ба онҳо далолат бикунад, ин кор дар ҳақиқат таърифи чизи маҷҳуле нест, балки танбеҳ ва ба хотир овардан ба воситаи исме ё аломате аст, ки чи басо фи нафса аз мадлул ухфӣ аст, аммо ба ҷиҳате ва дар вазъияте урф гаштааст” [6, с. 23].

Сино чунин ақида дорад, ки зеҳни инсон барои шинохти ҳар як тасаввур ниёз ба мафҳуми пеш аз худ омада надорад. Зеро дар ин сурат як қатори беохири мафҳумҳо ва ё доираи мафҳумҳо ба вуҷуд меояд. Чунин амал ҳам замони зиёдро мегирад ва ҳам аксаран номуваффақ боқӣ мемонад. Зеҳни инсон дар лаҳзаи даркорӣ мафҳуми заруриро ба воситаи танбеҳияҳо ба даст меоварад: “Ҳамин тавр дар тасаввурот умуре вуҷуд доранд, ки мабодии тасаввурот ҳастанд ва худ ба худ мавриди тасаввур қарор мегиранд ва агар қасд он бошад, ки чизе бар онҳо далолат бикунад, ин кор дар ҳақиқат таърифи чизи маҷҳуле нест, балки танбеҳ ва ба хотир овардан ба воситаи исме, ё аломате аст, ки чи басо фи нафса аз мадлул ахфӣ (пӯшидатар, нофаҳмотар) аст, аммо ба ҷиҳате ва дар вазъияте арф (равшан, ошкор) гаштааст. Бинобар ин, агар ин аломат мавриди истифода қарор гирад, нафс ба он маънои мутанабеҳ ва он маъноро аз ин ҷиҳат ба хотир меоварад, ки ҳамон маъно мақсуди гӯянда аст, на чизи дигаре, дар айни ҳоле, ки илмовар ба он чиз дар воқеъ худи ҳамин аломат нест” [6, с. 23].

Барои он ки ақидаи Ибни Сино дар мавриди тасаввуроти омиёнаи аввалия ва алоқаи онҳо бо танбеҳияро, ки далели ӯ барои ғайриқобили таъриф будани ҳастӣ мебошад, беҳтар шарҳ диҳем, ду мисоли овардаи худи Синоро ин ҷо матраҳ мекунем: аввал, ғайримумкинии таърифи тасаввуроти аввалия, ки ин

тасаввурот барои нафс шинохтатар ва возеҳтар ҳастанд, ба воситаи калима ва ишораҳо, ки барои таърифи тасаввуроти аввалия истифода мегарданд. Масалан, баъзеҳо барои таърифи мавҷуд мекӯшанд ва мегӯянд: “Мавҷуди ҳақиқӣ мавҷудест ки ё фоил ва ё мунфаил аст” [6, с. 23]. Агар ин ҳукм дуруст бошад, мегӯяд Ибни Сино, пас “фоил” ва “мунфаил” аз қисматҳои “мавҷуд” ҳастанд, яъне “мавҷуд” шинохтатар аз “фоил” ва “мунфаил” мебошад ва инсонҳо аз “мавҷуди ҳақиқӣ” тасаввурот доранд, бидуни он ки донанд, он “фоил” аст ва ё “мунфаил”. Ин ғайриимкон аст, ки чизҳои камтар шинохташуда барои шинохти чизҳои бештар шинохташуда истифода гардад. То замоне, ки мавҷуд шинохта нагардад сифатҳои он ношинохта боқӣ мемонанд. Вақте гуфта мешавад, ки “Мавҷуди ҳақиқӣ мавҷудест ки ё фоил ва ё мунфаил аст” маънии онро дорад, ки “мавҷуди ҳақиқӣ” барои зеҳн аллакай шинохта аст, он нисбат ба “фоил” ва “мунфаил” пешӣ дорад ва танҳо дар асоси шинохта будани “ҳастии ҳақиқӣ” мо хосиятҳои он, дар ин муносибат “фоил” ва “мунфаил”-ро мешиносем.

Он чизе, ки дар ин муносибат Ибни Сино истифода мекунад, ин мафҳуми тасаввур мебошад. Тасаввур далолат ба ҳастие мекунад, ки дар зеҳн вуҷуд дорад ва дар ҳамаи баҳсҳо маҳз ҳастии зеҳнӣ дар асос қарор мегирад ва танҳо дар муносибат бо он ҳастии зоҳирӣ низ дар назар гирифта мешавад. То ин вақт дар мавриди макони ҳастии ҳақиқӣ барои мо назари Афлотун маълум буд, ки он дар осмон қарор дошт. Масалан, барои Афлотун ҳастии ҳақиқӣ ин ҳамон идеяҳо буданд, ки макони онҳо дар осмон буд ва ҳастиҳои заминӣ танҳо сояи ҳамон идеяҳо дониста мешуданд. Азбаски Афлотун дар ин маврид ба иғроқ роҳ дода буд ва вуҷуди идеяҳоро дар новобастагӣ аз ҳастиҳои заминӣ эътироф мекард, таълимоти ӯ аз ҷониби Арасту инкор карда мешавад. Дар таълимоти Арасту мо бо мафҳумҳое чун ҳастӣ ҳамчун ҳастӣ, ҳастии ноб ва ё моҳият дучор меоем, шояд маъниҳое хело наздик ба ҳастии зеҳнӣ истифода шуда бошанд, аммо бевосита бо худи мафҳуми “ҳастии зеҳнӣ” дучор намеоем.

Нахустин маротиба бо он ҳастие, ки ҳамчун маънӣ дар зеҳн ва ё нафси инсонӣ қарор дорад, мо дар фалсафаи Форобӣ ва пасон Ибни Сино дучор меоем. Онҳое,ки ҳангоми маънидод намудани мафҳуми ҳастӣ дар фалсафаи

метафизикии Ибни Сино мепардозанд, бояд ба ин нозукӣ диққати асосӣ диҳанд. Мо бо ин масъала дар мавридҳои дигар низ дучор меоем, яъне ҳамаи чизҳое, ки мо тавассути эҳсос дарк менамоем ва ҳамчунин тавассути тахайюл ва ё ҳатто дар хоб идрок менамоем танҳо дар нафси инсонӣ инъикос меёбанд ва минбаъд тасвири зеҳнии онҳо ҳамчун ҳақиқати асил шинохта шуда, чизҳои беруна ҳамчун араз қабул мегарданд. Мафҳуми ҳастӣ дар ин мавриd истисно нест ва фарқият танҳо дар он аст, ки ҳастӣ ба мисли якчанд мафҳуми дигар, аз иртисомоти аввалия ба ҳисоб меравад.

Ҳамин ақидаро Ибни Сино дар мисоли *чиз* низ истифода мебарад ва дар ин мавриd ду зиддияти мантиқиро нишон медиҳад, ки онҳо аз ин қабил мебошанд: агар чизро чунин таъриф намоем: “Шайъ чизе аст, ки хабар додан аз он саҳеҳ аст”, дар ин ҷо 1. Ифодаҳои “саҳеҳ будан” ва ё “хабар додан” танҳо замоне бароямон равшан мегарданд, ки агар аллакай худи чизро шинохта бошем. То замоне, ки маънии чиз ба мо равшан набошад, маъниҳои “саҳеҳ будан” ва “хабар додан” равшан намегарданд. Бинобар ин, ғайриимкон аст, ки барои шинохтани чизе чизеро истифода намоем, ки камтар шинохтатар бошанд нисбат ба худи чизи таърифшаванда; 2. Зиддияти дигари мантиқӣ дар ин ҷо он аст, ки барои таърифи чизе худи ҳамон чизро истифода намудаем. Зеро “шайъ” ва “чиз” ҳар ду як чиз мебошанд ва ин чунин маънӣ дорад, ки “шайъ шайъе аст, ки хабар додан аз он саҳеҳ аст” [6, с. 23]. Барои мо аз мантиқ маълум аст, ки барои таърифи шайъ мо бояд ҷинси наздики онро истифода намоем, аммо дар ин ҷо ба ҷойи ҷинси наздик боз худи мафҳуми таърифшавандаро истифода намудаем, ки аз зиддияти мантиқӣ бархурдор аст.

Ягона чизе, ки аз ин таърифҳои беэътибор гирифта метавонем он аст, ки калима ва мафҳумҳои барои таъриф истифодашуда ҳамчун танбеҳия нақш мебозанд. Онҳо нисбат ба мафҳумҳое, ки барои таърифи онҳо истифода мешаванд, камтар шинохтатар ҳастанд, аммо барои шинохти маънии мавриди назар дар лаҳзаи даркорӣ кумак менамоянд.

Агар дар ин ҷо мо назари Синоро хулоса намоем, чунин бардоште карда метавонем, ки мафҳумҳои шинохтаи зикргардида бидуни ишораи дигар

мафҳумҳо низ барои зеҳн ва хирад маълум мебошад ва калима ва мафҳумҳои дар таърифи мафҳумҳои номбаршуда истифодашаванда дар ҳақиқат камтар шинохташуда нисбат ба худи мафҳумҳои бунёдӣ ҳастанд, аммо онҳо танбеҳияанд ва бо ёрии онҳо зеҳн мафҳуми зарурироро дар лаҳзаи даркорӣ ба хотир меоварад. Баҳси он ки чиз як тасаввури ом ва ё иртисоми аввалия аст, фақат як қисмати баҳсро ташкил медиҳад, қисмати дигари он маънии дигари мафҳуми "чиз" аст, ки ба моҳият ва ҳақиқати ашё далолат мекунад. Дар идома маҳз ҳамин масъала дунболагирӣ мешавад.

г)Масъалаи чиз ва таҳаввули он то ба дараҷаи зуҳури моҳият. Пеш аз он, ки мафҳуми моҳият аз ҷониби Форобӣ вориди луғати фалсафӣ гардонида шавад, чиз то андозаи муайяне ҳамон маънии моҳиятиро иҷро менамуд. Вақте шайъ гуфта мешавад, на фақат ҳастии зоҳирии мавҷудот, балки мавҷуди зеҳнӣ низ дар назар дошта мешавад ва дар ҳақиқат маҳз ҳастии зеҳнӣ маънии ҳақиқиро ифода менамояд: "Ва инки илова бар ин бигӯянд: "гоҳе шайъ маъдуми мутлақ аст", амре аст, ки бояд онро мавриди баҳс қарор дод. Агар мақсуд аз маъдум, маъдум дар хориҷ бошад, чунин чизе ҷоиз аст. Зеро ҷоиз аст, ки чизе мавҷуд дар зеҳн ва маъдум дар ашёи хориҷӣ бошад. Ва агар мақсуд ғайр аз ин бошад, ҳарфи ботиле аст. Ба ҳеҷ ваҷҳ, намешавад, аз чунин маъдуме хабар дод; ва хориҷ ҳам маълум воқеъ намешавад, магар бинобар ин ки фақат дар зеҳн ба тасаввур омада бошад" [6, с. 25-26].

Дар муносибат бо маънии ғайризоҳирии чиз Ибни Сино роҳро барои густариши маънии моҳият ҳамвор месозад. Ба ақидаи ӯ ба ғайр аз маънии зоҳирӣ ҳар як чиз дорои боз ҳақиқати дигаре мебошад, ки он маҳз моҳият мебошад. Ин моҳият ва ё ҳақиқати дигар ҳамчун "вуҷуди хос"-и чиз шинохта мешавад, ки аз ҳастии зоҳирии чиз фарқ менамояд: "Шайъ ва қоиммақоми он дар ҳамаи забонҳо гоҳе ба маънои дигаре ҳам далолат дорад. Зеро ҳар чизе дорои ҳақиқатест, ки моҳияти ҳамон чиз аст; ва лизо ҳақиқати мусаллас мусаллас будани он аст, ва ҳақиқати сафедӣ сафед будани он аст; ва ин моҳият ҳамон чизест, ки онро чи басо вуҷуди хос меномем ва мақсудамон аз он вуҷуди муҳаққақи хориҷӣ нест. Зеро лафзи вуҷуд ҳам ба маъонии мутааддиде далолат мекунад, аз ҷумла вуҷуд

ба маънои ҳақиқате ки қивоми шайъ ба он ҳақиқат аст; ва лизо он чӣ қивоми шайъ ба он аст, гӯйӣ вуҷуди хоси шайъ аст” [6, с. 25].

Муҳимтарин бардоште, ки аз иқтибоси боло метавонем ба даст оварем, он аст, ки *шайъ* ва ё *чиз* ифодакунандаи ҳақиқат ва ё маънии моҳиятии ҳамон чиз мебошад. Мафҳуми дигаре, ки дар муносибат ба ҳақиқат ва моҳияти чиз истифода гардидааст, “вуҷуди хос”-и чиз мебошад, ки он аз вуҷуди хориҷии чиз фарқ менамояд. Дар ин ҷо мо аллакай бо ду вуҷуд дучор меоем: яке вуҷуди хоси ҳар як чиз, ки ҳамон моҳият ва ҳақиқати чиз мебошад ва дигаре ҳастӣ ҳамчун маънии омӣ, ки ба тариқи аразӣ вориди моҳиятҳо мегардад. Чун ҳастии хоси чизҳо аз ҳастии хориҷии онҳо фарқ мекунад, пас он ҳастӣ дар зеҳн мебошад, ки Ибни Сино дар ин маврид домани баҳсро густариш медиҳад ва бар он таъкид менамояд, ки ҳастӣ пеш аз ҳама ҳастӣ дар зеҳнро ифода менамояд. Вақте Ибни Сино мегӯяд, ки “вуҷуди хос” ва ё ҳақиқати чизҳо аз вуҷуди хориҷии он фарқ менамояд, ӯ ба як чизи ниҳоят муҳимми фалсафаи худ ишора мекунад, ки он чунин аст: новобаста аз он, ки вуҷуди хориҷии чиз вуҷуд дорад ё на, мо метавонем аз вуҷуди хос сухан гӯем. Мафҳуми вуҷуд низ ҳамчун яке аз мафҳумҳои асосии фалсафаи метафизикии Ибни Сино маҳз ҳамин ҳақиқат, моҳият ва ё “вуҷуди хос”-ро, ки аз вуҷуди хориҷӣ фарқ менамояд, ифода менамояд.

Дар густариши баҳс Ибни Сино гуфтори “Фалон ҳақиқате ё дар хориҷ ё дар нафс ё мутлақан дар аъм аз ин ду мавҷуд аст”-ро мепазирад. Аз як ҷониб, дар ин ҷо аҳаммияти маънии моҳият ба назар расад, аз дигар ҷониб, тадриҷан аҳаммияти вуҷуди зеҳнии чиз, ки вуҷуди он танҳо дар зеҳн қобили дарк аст, ҳам ифодакунандаи маънии чиз ва ҳам вуҷуд мебошад. Аммо ин маънии онро надорад, ки вуҷуд ва ҳақиқат ҳар ду як чиз бошанд. Вуҷуд он гуна, ки худи Ибни Сино мегӯяд: ”*лафзи вуҷуд ҳам бар маъонии мутаъадиде далолат мекунад*” ва танҳо дар як нисбат ифодакунандаи вуҷуди моҳият мебошад, яъне маънии вуҷуд умумитар нисбат ба маънии моҳиятии чизҳост.

Мо дар боло аллакай зикр намуда будем, ки баҳси чиз тадриҷан ба баҳси моҳият табдил меёбад ва дар фалсафаи Ибни Сино ин маъниро маҳз дар ҳамин

бахш мушоҳида менамоем. Пас аз он, ки Ибни Сино назарҳои мухолифони худро, ки ҳақиқат ва чизро ҳамчун моҳият қабул надоранд, инкор менамояд, ақидаи худро дар асоси гуфтори “Ҳақиқати А чизест ва ҳақиқати Б чизи дигарест” бар он асоснок мегардонад, ки ҳадаф аз чиз ҳамон маънии моҳиятӣ мебошад: “Аммо агар бигӯйӣ: ” Ҳақиқати А шайъест ва ҳақиқати Б шайъи дигарест”, ҳарфи саҳеҳ ва муфиди фоидае аст. Зеро дар ниҳонхонаи нафси худ ба ин қоилӣ, ки ин шайъ шайъи ҷудо ва махсусест ва мухолиф бо он шайъи дигар аст. Ҳамин тавр аст, агар мегуфтӣ ки: “ҳақиқати А як ҳақиқат ва ҳақиқати Б ҳақиқати дигарест”. Пас мақсуд аз шайъ ҳамин маъност” [6, с. 25].

Баҳси дигари бунёдӣ дар нисбати фалсафаи метафизикии Ибни Сино, ин муносибати мавҷуд ва чиз аст, ки дар зимни он Ибни Сино як қатор консепсияҳо дар мавриди чизро инкор мекунад ва ҳамчунин ба масъалаи нестӣ равшанӣ меандозад.

Ибни Сино қайд менамояд, ки мавҷуд бояд ҳамеша чизро ҳамроҳӣ намояд, зеро ҳар як чиз ё мавҷуд дар хориҷ аст ва ё мавҷуд дар зеҳн ва агар чунин набошад он аслан чиз нест [6, с. 25]. Бо ин ақидаи худ Ибни Сино баъзе аз ақидаҳои аллакай мавҷуда дар мавриди чизро инкор менамояд, зеро баъзе назарҳо мавҷудияти зеҳнии чизро инкор мекарданд ва баъзеи дигар бовар доштанд, ки чиз метавонад на дар зеҳн вуҷуд дошта бошад ва на дар ҷаҳони хориҷӣ. Чун баҳс то андозае мураккаб аст, мо мекӯшем, ки дар алоҳидагӣ назарҳои бунёдии Синоро матраҳ гардонем. Муътазилиҳо “нестӣ”-ро низ чиз медонистанд ва асҳоби ҳаюло бошанд ба мисли Абу Ҳусайн Солеҳӣ ва Ибни Ровандӣ он ақидаро ҷонибдорӣ менамуданд, ки чиз фақат ҳамон вақт чиз аст, ки агар он дорои вуҷуди зоҳирӣ дошта бошад [385, с. 149]. Ӯ ақидаи муътазилиҳоро, ки “Гоҳо чиз маъдуми мутлақ аст”, танқид менамояд. Ин баҳс дар худии худ ба ду қисмат тақсим мешавад, ки дар қисмати аввал Ибни Сино ғайриимкон будани хабар додан аз маъдум, ё нестии мутлақ, яъне нестӣ ҳам дар зеҳн ва ҳам дар ҷаҳони хориҷиро, исбот менамояд.

Яке аз далелҳои Ибни Сино дар мавриди ғайриимкон будани нестии мутлақ дар заминаи таҳлили гуфтори “Маъдум фалон аст”, бармеояд: агар ягон

чиз барои як нестӣ хусусият бошад, он гоҳ ё ин хусусият барои нестӣ аст: (а). дар воқеият вуҷуд дорад ва ё (б). ин хусусият вуҷуд надорад. Дар сурати фарзи дувум, яъне (б) худ аз худ маълум мегардад, ки хусусияте вуҷуд надорад. Аммо агар ин хусусият барои нестӣ вуҷуд дошта бошад, он гоҳ ё а. 1. ин хусусият дар худии худ вуҷуд дорад ва ё а. 2. он дар худии худ вуҷуд надорад. Агар ин хусусият дар худии худ вуҷуд дошта бошад (а.1) пас нестӣ низ тавассути ин хусусият дорои ҳастӣ мегардад, ки ин ғайриимкон аст. Аммо агар ин хусусият дар худии худ вуҷуд надошта бошад (а. 2) пас чӣ гуна он метавонад хусусият барои нестӣ гардад? [6, с. 26]. Натиҷа ин боқӣ мемонад, ки нестии мутлақ вуҷуд надорад ва ҳеҷ гуна хусусият ба он ворид гардида наметавонад, ба дигар ибора хабар додан аз он амри маҳол аст.

Дар ин ҷо Ибни Сино мавҷуд набудани нестии мутлақро исбот менамояд ва акнун танҳо ду алтернативаи дигар боқӣ мемонад, яъне нестӣ дар ҷаҳони хориҷ ва нестӣ дар зеҳн ва ин масъала қисмати дувуми баҳсро ташкил медиҳад. Ибни Сино алтернативаи якум, яъне нестӣ дар ҷаҳони хориҷро қабул дорад. Дар ин ҷо ӯ дар муқобили ақидаи мактаби асҳоби ҳаюло қарор мегирад. Он гуна ки дар боло нишон додаем, Ибни Сино ақидаи онро, ки чиз фақат ҳамон чизест, ки дар ҷаҳони хориҷӣ вуҷуд дорад, инкор мекунад ва баръакси онро қабул дорад, яъне чиз метавонад, ки дар ҷаҳони хориҷӣ вуҷуд надошта бошад [6, с. 26]. Ягона алтернативае, ки Ибни Сино ғайриимкон будани онро қабул надорад, ин нестӣ дар зеҳн мебошад. Агар чизе дар ҷаҳони хориҷӣ вуҷуд дошта бошад, аммо дар зеҳн вуҷуд надошта бошад, пас он вуҷуд надорад, аммо агар чизе дар зеҳн вуҷуд дошта бошад, аммо дар ҷаҳони хориҷ ҳам вуҷуд надошта бошад, пас он вуҷуд дорад ва хабар додан низ ин хабар аз вуҷуд дар зеҳн мебошад: “Зеро ҷоиз аст, ки чизе мавҷуд дар зеҳн ва маъдум дар ашёи хориҷӣ бошад” [6, с. 26]. Ҳамчунин дар мавриди “хабар додан” низ Ибни Сино ҳамин назарро таъкид менамояд, ки хабар додан ин хабар аз мавҷуд дар зеҳн мебошад ва бо вуҷуди он, ки он дар хориҷ вуҷуд надошта бошад: “Ахбор ҳамвора аз маъноест, ки мавҷуд дар нафс ҳастанд, валав ин ки маъдум дар хориҷ бошанд ва маънои ахбор аз маонӣ ин аст, ки маонӣ дорои нисбате бо хориҷ ҳастанд” [6, с. 27]. Ибни Сино дар ин маврид

ниҳоят ифротӣ муносибат менамояд, зеро агар чизҳои хориҷӣ вуҷуд надошта бошанд, он гоҳ хабар додан аз чизҳо дар зеҳн низ номумкин мегардад. Агар вуҷуди хориҷӣ вуҷуд надошта бошад, он гоҳ вуҷуд дар зеҳн низ ғайриқобили тасаввур мебошад. Дар асл ин вуҷуди хориҷист, ки бо вуҷуд дар зеҳн робита дорад, аммо барои Ибни Сино ин вуҷуди зеҳнист, ки бо вуҷуди хориҷӣ дорои муносибат аст ва хабар додан аз вуҷуди хориҷӣ фақат аз он сабаб аст, ки он бо вуҷуди зеҳнӣ дар робита мебошад.

Агар мо ин таҳлилҳои Синоро бо истилоҳоти фалсафаи муосир ифода намоем, пас фалсафаи ӯ ба хотири таъкид бар аҳаммияти зеҳн як фалсафаи идеалистӣ ва дар айни ҳол ратсионалӣ мебошад ва бо оне, ки танҳо бар ҳастии зеҳнӣ таъкид менамояд, бо мактаби идеализми субъективӣ наздикӣ дорад. Дар мавридҳои дигар низ метавонем мисолҳои равшантареро зикр намоем, ки аз шабоҳати онҳо бо идеалистони субективӣ дарак медиҳанд.

Хабар додан пеш аз ҳама хабар додан аз вуҷуд дар зеҳн мебошад, ин бар тамоми фалсафаи Ибни Сино сидқ менамояд. Ҳангоми бархурд бо фалсафаи метафизикии Ибни Сино бояд ҳамеша ин нуктаро дар назар дошт, ки вақте сухан аз вуҷуд ва ё “хабар додан” меравад, пеш аз ҳама вуҷуди зеҳнӣ дар назар дошта шудааст ва танҳо ба тариқи аразӣ сухан аз вуҷуди хориҷӣ ва хабар додан аз вуҷуди хориҷӣ меравад. Дар мавриди он, ки хабар додан ҳамеша аз вуҷуд дар зеҳн мебошад, Ибни Сино як мисолеро дар гуфтори содаи “Қиёмат ҳаст” матраҳ месозад: “Масалан, агар бигӯйӣ: “Қиёмат ҳаст”, [маънои] “қиёмат” ва “ҳаст”-ро медонӣ ва “ҳаст” мавҷуд дар нафсро бар “қиёмат” мавҷуд дар нафс ҳамл мекунӣ” [6, с. 27]. Он чизҳое, ки дар зеҳн ҳастанд ва дорои муносибат бо ҷаҳони беруна ҳастанд ва ё на барои зеҳн маълум ҳастанд. Аммо агар он чизҳое, ки дар ҷаҳони беруна вуҷуд доранд, вале муносибате бо зеҳни инсонӣ надошта бошанд, барои зеҳн ношинохта ва номуайянанд ва хабар додан аз онҳо ғайримумкин мегардад. Ибни Сино дар фалсафаи худ дар ҳар маврид аз неруи мантиқ истифода менамояд ва дар ин маврид низ дар муносибат ба моҳият ва ҳастии зеҳнӣ маҳз аз мантиқ истифода намудааст. “Қиёмат” ҳамчун маънӣ, то замоне, ки дар зеҳн вуҷуд надошта бошад, дорои ҳастӣ шуда наметавонад ва ҳамчунин маънии

“ҳаст”, низ танҳо замоне метавонад бар “қиёмат” ҳамл гардад, ки он дар зеҳн вуҷуд дошта бошад ва то замоне, ки “ҳастӣ” дар зеҳн бар “қиёмат” ҳамл нагардад, дорои ҳастӣ намегардад.

Агар аз як тараф фалсафаи метафизикии Ибни Сино сирф дорои хусусияти идеалистӣ бошад, аз дигар тараф он дар доираи қонунгузории мантиқӣ асоснок гардонида шудааст. Дар ин ҷо сухан дар мавриди ҳастие меравад, ки он бо тафаккур айният дода шудааст, ҳамон мавҷудоте дорои ҳастӣ ҳастанд, ки маънии онҳо дар зеҳн бедор карда шудааст. Ҳастии моддӣ танҳо аз он ҷиҳат дар назар дошта мешавад, ки он бо ҳастии абстрактии зеҳнӣ дар алоқамандӣ қарор дорад. Ҳамагуна мушкилот ва нофаҳмӣ танҳо аз равиши мантиқӣ ҳалли худро меёбад.

Бояд қайд намуд, ки параграфи мазкур барои рисолаи мазкур беш аз ҳама муҳим мебошад, зеро маҳз дар ин бахш мо навгониҳои воридкардаи Форобӣ ва Ибни Сино дар баҳси ҳастишиносӣ, назари бунёдии Ибни Сино дар бораи ҳастӣ ва ҳамчунин муносибати ҳастӣ бо моҳиятро, ки дар фалсафаи метафизикии ҷаҳонӣ минбаъд эътироф мегардад, ошкор намудем. Дар бахши минбаъда масъалаи ҷавҳар ва араз, ҳамчунин таҳлили он дар чаҳорчӯбаи баҳси моҳият сурат мегирад.

3.2. Ҷавҳар ва араз – категорияҳои ҳастӣ

Маърифати ҳастӣ, ки дар фалсафаи пешазсуқротӣ то андозае хусусияти сода ва оддӣ касб карда буд, дар фалсафаи Арасту мураккабтар мегардад. Акнун на ягон унсури табиӣ, ё мафҳуми абстрактӣ дар асос қарор гирифта, дар асоси он як таълимоти ҳастишиносӣ ба вуҷуд оварда мешавад, балки дар маърифати ҳастӣ аз мафҳумҳои гуногун ва печида истифода мегарданд, ки яке аз мафҳумҳои ҷуфти асосӣ ин ҷавҳар ва араз мебошанд. Нахустин маротиба мафҳуми ҷавҳарро маҳз Арасту вориди фалсафа гардонидааст ва барои Арасту сухан аз ҳастӣ ин пеш аз ҳама сухан аз ҷавҳар мебошад, ки ин анъана дар фалсафаи метафизикӣ то замони пайдо гардидани фалсафаи танқидӣ тавассути Иммануэл Кант идома ёфтааст.

Нахуст мо кӯшиш менамоем, ки аз маънии луғавии мафҳуми ҷавҳар сар карда то ба фаҳмиши фалсафӣ онро дар фалсафаи Арасту матраҳ гардонем.

Категорияи ҷавҳар - *ousia*, аз исми феълии муаннаси *ousa (бошанда)* аст, ки аз масдари феъли *eimi*-и юнонӣ гирифта шудааст, ки маънии он “будан, ҳастан, ё бошидан” мебошад. Маънии бевоситаи *ousia* бошад ин *бошандагӣ, бошиш*, ё *бувиш* аст. Калимаи *ousia* дар маънии ғайрифалсафии худ ва ё дар забони умумии юнонӣ маънии *дороӣ, хоста, мол ва мулкияти шахсӣ, вазъият ва ҳолат*-ро ифода мекунад. Дар поварақ доир ба шарҳи ҷавҳар омадааст: “ousia муштақ аз ousa аст, ки худ исми фоъили муаннас аз масдари феъли eimi дар юнонӣ аст, ки ба маънои “будан, ё ҳастан, ё бошидан” аст. Бинобар ин ousa дақиқан ба маънои “бошанда” ва бар хилофи қиёс, ба истилоҳи мутарҷим: ҳастанда, ё буванда аст. Бадинсон, ousia чунон ҳосили масдар, ё исми масдар ба маънои “бошандагӣ ва бошиш, ё бувиш” аст. Аммо худи истилоҳи ousia дар асл ва ғайри истилоҳи фалсафӣ ба маънои: дороӣ, хоста, мол ва мулкияти шахсӣ ва ҳамчунин вазъиятва ҳолат омадааст. Аз замони Афлотун ба баъд муродиф бо табиат ба маънои сиришт ва ниҳод ва низ зидди genesis (шудан, пайдоиш, таквин, ё зоиш)чунон вуҷуди собит, собит ва пойдор ва тағирнопазир ба кор мерафтааст ” [16, с. 147-148].

Дар фалсафаи Арасту ҳастӣ ин ҳамон ҷавҳар мебошад, бинобар ин беш аз ҳар мафҳуми дигар дар фалсафаи ӯ дучор меояд. Дар шарҳҳои пайвастае, ки Арасту аз ҷавҳар додааст, барои шиносонидани он аз мафҳум ва ифодаҳое чун “вопасин мавзуъ (зерниҳод), ки фаротар аз он ба чизи дигаре гуфта намешавад”, “Ин чизи мавҷуд дар ин ҷо”, “иллати зоти (дарунбошанда)-и ҳастии чизҳо”, “аз мавзуе гуфта намешаванд, балки чизҳои дигар аз он гуфта мешаванд” [16, с. 148] ва мисли инҳо. Ҷавҳар ин мавзуи асосии чизҳо мебошад, ки агар он аз миён бардошта шавад, куллияти чизҳои дигар барҳам мехуранд.

Арасту таъкид менамояд, ки масъалаи асосии фалсафа ин суоли “ҳастӣ чист?” мебошад ва ин ба маънии он аст, ки “ҷавҳар чист?”: “Он чи ки аз дер боз ва акнун ва ҳамеша ҷустуҷӯ шуда ва мояи саргаштагӣ аст, ин аст, ки: мавҷуд чист? Ва ин ба он маъност, ки ҷавҳар чист?” [16, с. 208].

Арасту ҳастиро дар аввалин қадам ба ду навъ ҳастии билараз ва ҳастии билзот тақсим кардааст:”Мавҷуд аз як сӯ билараз ва аз сӯи дигар билзот номида

мешавад” [16, с. 145]. Ин ҳамон оғози баҳси категорияҳо аст, ки минбаъд бевосита мо ин масъаларо ҳангоми таҳлили масъалаҳои ҷавҳар ва араз дар алоҳидагӣ матраҳ мегардонем. Дар умум Арасту ҳамаи назарҳое, ки доир ба ҷавҳар дар замони ӯ вуҷуд доштанд, зикр мекунад ва тавассути баҳсҳои алоҳида ғайриимкон будани баъзе аз назарҳоро исбот менамояд. Масалан, аз назари ӯ калимаи ҷавҳарро дар чаҳор гуна истифода гардидааст: дар маънии чистӣ (моҳият), куллӣ, ҷинс ва ниҳоят дар маънии мавзуъ [16, с. 211].

Аммо ба ақидаи ӯ маънии куллӣ наметавонад, ки ҷавҳар бошад, зеро он бо он маъние, ки дар фаҳмиши ӯ ҷавҳар доро мебошад, мухолифат менамояд. Куллӣ маънии муштарак буда ба бисёр чизҳо далолат менамояд, аммо ҷавҳари ҳар як такчиз танҳо ба он тааллуқ дошта ба чизи дигар тааллуқ надорад: “Зеро ё ҷавҳар ҳама чиз аст, ё ҳеҷ чиз. Аммо мумкин нест ҷавҳар ҳама чизҳо бошад. Агар ҷавҳар як чиз бошад, дигар чизҳо низ ин як хоҳанд буд. Зеро чизҳое, ки ҷавҳарашон “яке” аст ва чистиашон “яке” аст, худашон ҳам “яке”-анд” [16, с. 247]. Ҷавҳар як чиз мебошад ва агар ҷавҳари як чиз яке аст, пас ҷавҳари чизҳои дигар низ яке ва нотакрор ҳастанд. Агар чизи куллиро дар ҷавҳар тасаввур кунем, пас ин маънии пешӣ доштани сифат ва ё кайфият нисбат ба худи ҷавҳарро дорад, ки ин аз диди Арасту ғайримумкин мебошад, зеро дар ин фалсафа ҷавҳар аз ҳар ҷиҳат нисбат ба ҳар чизи дигар пешӣ дорад. Масалан, агар мо Суқротро ҳамчун ҷавҳар фарз кунем, ки боз дорои ҷавҳари инсонӣ аст, пас дар Суқрот ду ҷавҳар вуҷуд дорад. Натиҷаи ниҳоии Арасту он аст, ки ба ҷуз аз чизҳои алоҳида ҳеҷгуна мафҳуми куллӣ ҷавҳар буда наметавонад. Ҷавҳар ба куллият тааллуқ надорад, зеро куллият бар “чунин чизе” далолат мекунад ва ҷавҳар бошад бар “ин чиз дар ин ҷо.” Куллӣ аз ҷавҳарҳои гуногун иборат аст ва агар онро ҳамчун ҷавҳар тасаввур намоем, пас як ҷавҳар иборат аз ҷавҳарҳои зиёди би-л-феъл мегардад, ки ин ғайритасаввуршуданист [16, с. 249].

Дар баҳси дигаре Арасту эҳтимоли ҷавҳар будани идея-ҳои афлотуниро низ рад менамояд. Иштибоҳи ҷонибдорони ин ақида он аст, ки онҳо ҷавҳар (сурат)-ро ҳамчун воҳид дар касир ва ё чизи ягона дар бисёрӣ мепиндоранд [16, с. 257]. Масалан, агар фарз кунем, ки “ҳайвон” ҳамчун идея ҳам дар “дупо” ва

ҳам дар “чандпо” иштирок дорад, пас чунин натиҷа мебарояд, ки чизҳои бо ҳам зид ба “якӣ” ва “ин чиз дар ин ҷо” мутааллиқ мегарданд, ки бо табиати ҷавҳар мухолиф ҳастанд [16, с. 252].

Ҳамин тавр, Арасту ҷавҳар будани мавҷуд ва воҳидро низ инкор менамояд, зеро ба андешаи Арасту ҳар чизе, ки муштарак аст, ҷавҳар шуда наметавонад ва хилофи ин мафҳумҳои куллӣ, идеяҳо, мавҷуд, ва ё воҳид ҳамагӣ дорои хусусияти умумӣ ва муштарак ҳастанд. Бар хилофи чизҳои дорои хусусияти муштарак дошта, ҷавҳар ба ҳеҷ чизе тааллуқ надорад ба ҷуз ба худ ва чизи алоҳидае, ки дорои он мебошад, ё худ ҷавҳари он чиз мебошад [16, с. 257]. Хусусияти умумӣ доштани ҳастӣ барои Арасту тасаввурношуданист.

Ӯ ҷавҳарро ҳамчун “мавзуи нахустин” мешиносад, ки чизҳои дигар хосият, ё предикати он қарор мегиранд, аммо худи он предикати чизҳои дигар қарор гирифта наметавонад [16, с. 211].

Арасту дар фасли аввали китоби дувоздаҳуми “Метафизика”-и худ ҷавҳарҳоро ба 3 навъ тақсим мекунад, ки онҳо 1. Ҷавҳарҳои маҳсус; 2. Ҷавҳарҳои номутаҳаррик; 3. Суратҳо ҳастанд [16, с. 385-386].

Барои ӯ тасаввури ҳастӣ бидуни масъалаи ҷавҳар ғайриимкон мебошад, на танҳо анвои гуногуни ҷавҳарҳо, ки далолат бар ҳастӣ доранд, балки нахустин мавҷуд, ё мавҷуди мутлақ низ бояд дар шакли ҷавҳар ифода ёбад: нахустин мавҷуд”, ки на ким кадом мавҷуд аст, балки “мавҷуд ба наҳви мутлақ” аст, бояд, ки ҷавҳар бошад” [16, с. 208]. Дар ин иқтибос мо ду фарқи асосӣ дар байни афкори Арасту ва Ибни Синоро мушоҳида менамоем: яке он ки бо ҷавҳар хондани “мавҷуди нахустин” Арасту дорои хусусияти трансенденталӣ доштани ҳастиро инкор менамояд ва дувум, ин ки ӯ дар байни маъниҳои вуҷудӣ ва моҳиятӣ фарқият намегузорад. Ҳастӣ ин ҳамон ҷавҳар ва моҳият низ пеш аз ҳама ҳамон ҷавҳар мебошад. Дар фалсафаҳои Форобӣ ва минбаъд Ибни Сино ин комбинатсияҳо ба шеваи дигар сурат мегиранд ва ҳастӣ ифодакунандаи маънии ҷавҳар набуда, балки дорои маънии умумӣ ва трансенденталӣ мебошад ва ҷавҳар бошад ифодакунандаи маънии моҳиятӣ аст, ки дар сурати вориди он гардидани ҳастӣ ва он ҳам дар зеҳн, он дорои вуҷуд мегардад. Аз ин ҷо ба баъд мо ба матраҳ

сохтани баҳси ҷавҳар ва араз дар фалсафаи Ибни Сино мепардозем.

Ибни Сино, дар пайравӣ аз Форобӣ, баҳси ҳастишиносии худро дар доираи даҳ категория ва ё ҳамон ҷавҳар ва араз матраҳ месозад. Ҳамон мафҳумҳои маъмули метафизикӣ аз қабили ҳастӣ, моҳият, ҷавҳар, араз ва мисли инҳо асоси ин баҳсҳоро ташкил медиҳанд. Аммо пажуҳишҳои дар солҳои охир анҷомёфта нишон медиҳанд, ки дар ин ҷо як фарқияти бунёдӣ низ вуҷуд дорад, ки он ин ҷудогии маънии вуҷудӣ аз маънии моҳиятӣ ва ба моҳият таалluқ доштани даҳ категория, аз ҷумла худи ҷавҳар, мебошанд. Ҳангоми таҳлили масъалаҳои алоҳида мо бар чунин фарқиятҳои бунёдӣ таъкид менамоем, аммо бояд зикр намуд, ки дар баробари фарқиятҳо шабоҳатҳои бунёдӣ низ дар ҳар маврид ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар мавриди масъалаи ҷавҳар ва араз, дар баробари фарқиятҳо умумиятҳо низ ба назар мерасанд. Арасту пас аз таҳлилҳои печидаи ба чунин натиҷа мерасад, ки ҷавҳарҳо модда, сурат (шакл), ҷисми мураккаб аз модда ва сурат ва нафс мебошанд.

Чунин натиҷаи Арасту оғози шарҳ ва тафсирҳои Ибни Сино дар мавриди ҷавҳар ва араз мегардад. Барои Ибни Сино аллакай маълум буд, ки ҷавҳар ва араз аз кадом махсусиятҳо вобаста мебошанд, аз ин ҷиҳат ӯ дар мавриди ҷавҳар будан ва ё набудани як қатор мафҳумҳои асосӣ ва наздик ба маънии ҷавҳар баҳс намекунад, балки бевосита аз хусусиятҳои асосӣ ва фарқкунандаи ҷавҳар ва араз оғоз менамояд.

Ҷавҳар ва араз зарурати вуҷуди худро на аз худии худ, балки аз омилҳои беруна ва ё аз ҷиҳати сабабҳо ба даст меоваранд, аммо зарурати вуҷуди воҷиб-ул-вуҷуд аз ҷиҳати худ ба вуҷуд меояд, аз ин сабаб баҳси ҷавҳар ва араз танҳо дар маҳдудияти мумкинулвуҷуд сурат мегирад. Ҳамчунин бояд дар назар дошт, ки ҷавҳар ва араз ҳамчун моҳият шинохта мешаванд, ки он танҳо хусусияти хосси аносири имкон-ул-вуҷуд мебошад. Бунёди асосие, ки Ибни Сино дар мавриди тақсими ҳастӣ аз ҷавҳар ва араз истифода кардааст, худи вуҷуди чизҳо мебошад. Ҳастӣ дар ду навъ қобили маърифат аст: ҳастии аразӣ ва ҳастии зотӣ, аммо ногузир мафҳуми дигаре низ дар ин муносибат зуҳур мекунад ва ниёз ба шарҳ дорад, ки он *мавзуъ* мебошад. Ин фаҳмиш оғози ҳамаи баҳсҳо ва шарҳҳоро

ташкил медиҳад. Ҳастии баъзе чизҳо аз худи он бар меояд, дар ҳоле ки ҳастии чизҳои дигар аз худии онҳо бар намеояд: “Ҳар зоте, ки берун аз мавзуъ бошад, ӯ ҷавҳар аст ва ҳар зоте, ки қивомаш дар мавзуъ аст, араз бувад. Мумкин аст чиз дар маҳал бошаду бо вуҷуди ин ҷавҳар бувад, яъне берун аз мавзуъ бошад” [3, с. 217].

Дар ин ҷо Ибни Сино дар мавриди ду навъи чизҳо сухан меронад: чизҳое, ки ҳастиашон дар чизи дигар истода бувад, яъне дорои мавзуъ ҳастанд ва чизҳое, ки ҳастиашон аз чизи дигар вобаста нест ва барои дорои ҳастӣ гардидан ниёз ба чизи дигар надоранд. Аммо ин ду намуд дар навбати худ боз ба ду зергурӯҳ тақсим карда мешаванд: аввал, вуҷуде, ки ба мавзуъ ориз мегардад, таъсир надорад ва ҳеҷгуна дигаргуниро дар тағйири ҳолати ин мавзуъ таҷриба намекунад ва дувум, вуҷуде, ки ба мавзуъ ориз гардидааст, таъсиргузор аст ва дар мавзуъ тағйирот ба вуҷуд меояд.

Дар ҳолати аввала чунин вуҷуд танҳо пас аз қабули пазируфта дорои вуҷуд мегардад ва мавзуи он дар худ комил аст ва дорои ҳастии воқеӣ мебошад. Чунин ҳастӣ барои вуҷуди худ ниёз ба чизи дигар надорад, аммо дар мавриди дувум ҳамчун дар мавзуъ аллакай он вуҷуд дорад, аммо баръакс мавзуи он комил нест ва он танҳо дорои вуҷуди имконӣ мебошад ва барои он ки дорои вуҷуди воқеӣ гардад, он ба вуҷуди дигар ниёз дорад. Дар ин шарҳ ду навъи вуҷуд ифода ёфтааст: якум вуҷуде, ки худкифо буда, бидуни чизи оризшаванда низ вуҷуди воқеӣ дошта метавонад, аммо дар мавриди дувум, он танҳо дар ҳолати имконӣ вуҷуд дошта метавонад ва барои би-л-феъл гардидан ниёз ба вуҷуди дигаре дорад, ки бояд ба он ориз гардад.

Агар як чиз дар худии худ комил ва расо буда, дорои вуҷуди воқеӣ бошад, онро мавзуъ мехонанд ва Ибни Сино муносибати араз ва мавзуъро чунин ифода намудааст: “Ва араз он бувад, ки ҳастии вай андар чизе дигар истода бувад, ки он чиз бе вай ҳастиаш худ тамом бувад ва ба феъл бувад ё ба худ, ё ба чизе дигар ҷуз вай, чунонки сапедӣ андар ҷома, ки ҷома худ ҳаст бувад ба нафси хеш ё ба чизҳо, ки ба эшон ҳаст шавад ва он гоҳ сапедӣ андар вай истода бувад. Сапедиро ва ҳар чӣ ба вай монад, араз хонанд ва пазирои ӯро бад-ин ҷойгоҳ мавзуъ хонанд”

[2, с. 220].

Ориз гардидани сапедӣ ба ҷома боиси ба вуҷуд омадани ифодаи “ҷомаи сафед” мегардад. Дар ин ҷо “ҷома” мавзуъ буда “сапедӣ” бар он ҳамл мегардад ва ифодаи мазкур ба вуҷуд меояд. “Сапед” чистии “ҷома”-ро муайян карда наметавонад ва ҳангоми таърифи “ҷома” низ мо аз калимаи “сапедӣ” истифода намебарем.”Ҷома” ҳамчун мавзуъ худ ҷавҳар мебошад, аммо он ниёз ба шарҳи бештар дорад, ки дар идома бевосита ба он машғул мегардем.

Аммо агар ин истеъдод чун мавзуъ комил ва худкифо набошад ва барои худкифо гардидани худ ниёз ба чизи дигар дорад, пас он на мавзуъ, балки ҳаюло ва он чӣ, ки ба он ориз мегардад, на араз, балки сурат ва ё шакл номида мешавад. Дар ҳамин ҷо мо бояд дар назар гирем, ки ҳадафи Ибни Сино аз ҳаюло, ки ҳамон модда аст, на модда дар фаҳмиши пайравони мактаби материалистӣ мебошад, балки он чизе, ки худкифо ва комил набуда, дар ҳолати би-л-қуввагӣ вуҷуд дорад. Дар ин муносибат нофаҳмиҳои зиёде сурат гирифтаанд, ки ҳангоми таҳлили бевоситаи масъалаи мазкур мо дар ин маврид тавзеҳи бештар медиҳем. Дар ҳар сурат, ба ҳеҷ ваҷҳ зери мафҳуми модда чизи маҳсус ва ҳисшаванда дар назар дошта нашудааст.

Дар ин шарҳи худ мо бояд боз ба ду чизи дигар равшанӣ андозем: мавзуъ ва модда. Ҳардуи инҳо дорои истеъдод ҳастанд ва фарқ дар он аст, ки мавзуъ тавассути худ худкифо ва комил гардидааст ва бидуни вуҷуди дигар низ дорои вуҷуди би-л-феъл мегардад, ин ҷо метавонем либос ва ранги онро мисол оварем, либос мавзуъ буда ранги он араз мебошад, аммо модда, баръакс, фақат би-л-қувва дорои вуҷуд аст ва барои комил гардидани худ ниёз ба сурат дорад ва дар ин ҷо метавонем мафҳумҳои “растанӣ” ва “себ”-ро мисол оварем. Растанӣ ин модда аст ва то замоне, ки себ ҳамчун сурат оризи он нагардад, он вуҷуди хориҷӣ пайдо карда наметавонад. Дар ин сурат модда фақат як қисмати чиз аст; дувум, агар араз ба мавзуъ ориз гардад, дар вазъияти мавзуъ ҳеҷ гуна тағйирот рух намедиҳад, баръакс, дигаргунӣ дар мавзуъ танҳо он вақт рух медиҳад, ки агар он ҳамчун сурат ба мавзуъ ориз гардад.

Ғаззолӣ дар «Мақосид-ул-фалосифа», ки худ тафсири «Донишнома»-и

Синост, вуҷуд дар пазиро ва ё мавзуъро чунин шарҳ медиҳад: ду намуди вуҷуд дар мавзуъ вуҷуд дорад: а. вуҷуд пазирои худро таѓйир намедиҳад, масалан, ранг ва ё ҳарорати либос; б. вуҷуде ки пазирои худро тағйир медиҳад, масалан, шакли инсонӣ ва манӣ. Дар сурати аввал, дар саволи «Ин чист?» ҷавоб: «ҷома» аст. Аммо дар мавриди дувум, ба саволи «Ин чист?» ҷавоби мо «манӣ» нест, балки «Инсон» аст.

Ҳамин тавр ба ақидаи Ибни Сино намуди дувуми вуҷуд, ки на араз ва на дар мавзуъ мебошад, ҷавҳар аст. Ҷавҳар ҳақиқат ва моҳият аст, ки вуҷуди он дар мавзуъ нест ва ҳастии ҷавҳар дар се навъ қобили шинохт аст: 1. он худ пазирост; 2. дар як пазиро ҳаст, аммо на ба мисли мавзуъ, ки худ ба худ комил аст, балки ин пазиро воқеан ҳам ниёз ба вуҷуд дорад; 3. на пазирост ва на дар пазиро ва ё андарпазиро. Ҳамин тавр ҷавҳар ҳамчун пазиро (1) модда, ҷавҳар ҳамчун дар пазиро (2) сурат ва ё шакл ва ҷавҳар на пазирост, на андарпазиро (3), яъне ҷавҳарҳои ғайриҷисмонӣ чун нафс ва ақл. Дар ниҳоят ба ақидаи Ибни Сино навъҳои зерини ҷавҳарҳо вуҷуд доранд: *модда, сурат ё шакл, ҷисм, нафс ва ақл*: «Пас, ҷавҳар панҷ гуна аст: Яке ҳаюло чун асл, ки табиати оташ андар вай аст. Ва дигар, сурат чун ҳақиқати оташӣ ва табиати оташӣ ва савум, мураккаб чун тани оташӣ ва чаҳорум, чун ҷони ҷудоистода аз тан ва чун ақл» [2, с. 220].

Аммо дар “Шифо” Ибни Сино шеваи дигари баррасии масъаларо пеш мегирад, ӯ нахуст ҷавҳарҳоро ба ҷисмонӣ ва ғайриҷисмонӣ тақсим менамояд ва дар ҳамин асос ӯ панҷ навъи ҷавҳарро муайян менамояд. Ҷавҳарҳои ҷисмонӣ ҷисмҳо ва ё ашёҳои худкифо ҳастанд, аммо ҷавҳарҳои ғайриҷисмонӣ чаҳорто мебошанд. Ин гуна ҷавҳарҳо ва ё як қисми чизҳо мебошанд, ки онҳо модда ва суратанд ва ё онҳо табиати ғайриҷисмонӣ мебошанд, ки дар ин маврид ва ё ҳамчун асоси ҳаракаткунанда бо ҷисм дар алоқамандӣ мебошад, ки мисолаш равон, ё нафс аст ва ё дар ҷудоии мутлақ аз ҷисм қарор дорад, ки он ақл ва ё руҳ мебошад: “Аз ин рӯ, дар ибтидо мегӯем: ҳар ҷавҳаре ё ҷисм аст ё ғайриҷисм аст; агар ғайриҷисм бошад, ё ҷузъе аз ҷисм аст, ё ҷузъе аз ҷисм нест, балки ба куллӣ муфориқ аз аҷсом аст; агар ҷузъе аз ҷисм бошад, ё сурати ҷисм аст, ё моддаи ҷисм аст; ва агар муфориқ ва на ҷузъи ҷисм бошад, дорои алоқаи тасарруф дар

аҷсом ба воситаи таҳрик аст, ва инро нафс меноманд, ё аз ҳар ҷиҳат мубаррой аз мавод аст ва инро ақл меноманд” [6, с. 48].

Арасту ва Ибни Сино бо воқеиятҳои замони худ дар ҳоли бархурд буданд, Арасту тавассути баҳсҳои алоҳида ақидаҳои дар замони ӯ мавҷуда дар мавриди ҷавҳар ҳисобидани мафҳумҳои куллӣ ва ё идеяҳоро инкор менамояд. Дар замони Ибни Сино бошад яке аз масъалаҳои муҳим ин шинохти сурат ҳамчун араз ва ё ҷавҳар буд. Дар ин давра мутакаллимон бар он бовар буданд, ки сурат на ҷавҳар, балки араз мебошад. Сабаби чунин назар доштани мутакаллимон дар он буд, ки онҳо моддаро нисбат ба сурат фаъолтар медонистанд ва таъсири сурат бар моддаро беаҳаммият медонистанд. Аммо дар ин маврид назари Ибни Сино хилофи назари мутакаллимон мебошад. Баръакси араз, ки тавассути ҳастии аразии он дар ҳолати модда ҳеҷ гуна тағйирот рух намедиҳад, сурат ҳолати модаро ба тариқи худ тағйир медиҳад. Далели Ибни Сино он аст, ки ҷавҳарҳои ҷисмонӣ ва ё ашёҳои ҳисшаванда танҳо тавассути сурат воқеият меёбанд ва сурат дар ҳама маврид ҳамчун бунёде мебошад, ки ҳар чизе худро ҳамчун ҷавҳар воқеият мебахшад. Пас чӣ гуна чизе, ки дигар чиз тавассути он ҳамчун ҷавҳар зуҳур мекунад, худ ҳамчун араз шинохта шавад? Сурат асоси ҷавҳарҳо мебошад, аммо араз худ асос нест, балки фақат пас аз ҷавҳар ба вуҷуд меояд ва аз ин ҷиҳат сурат ва араз чизҳои гуногун мебошанд [6, с. 220].

Ин масъала барои Ибни Сино дорои аҳаммияти махсус буд ва дар оғози баҳси мазкур мо маҳз ҳамин масъаларо матраҳ намудем. Ориз гардидани араз ба мавзуъ ва сурат ба модда зоҳиран шабеҳи ҳамдигар мебошанд, аммо ҳолатҳои мавзуъ, ки онҳоро мепазирад, аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Дар ҳолати аввалӣ мавзуъ худкифо буда, ориз гардидани араз бар он тағйиреро дар он ба вуҷуд намеоварад. Аммо дар ҳолати дувум мавзуъ ниҳоят пассив мебошад ва танҳо пас аз ориз гардидани сурат он дорои ҳастии би-л-феъл мегардад. Бинобар ин дар ин ҷо ду асос вуҷуд дорад, ки мо суратро ҳамчун араз нашносем ва онҳоро аз ҳамдигар фарқ намоем.

Дар бахши минбаъда мо паҳлуҳои дигари баҳси ҷавҳар ва аразро дар фалсафаи Ибни Сино мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Дар баҳси ҷавҳар мо

назари Ибни Сино дар мавриди ҷисм, ҳамчун ҷавҳари ҷисмонӣ, ҳамчунин таркиботи он, ки модда ва сурат мебошанд, мавриди таҳлил қарор медиҳем.

А. Ҷавҳар ҳамчун ҳастии худкифо. Навъҳои ҷавҳар. Хосиятҳои бунёдии ҷисм, модда ва сурат ҳамчун ҷавҳар ва робитаи байни онҳо

а) Ҷисм ҳамчун ҷавҳари ташкилшуда аз модда ва сурат ва махсусиятҳои фарқкунандаи он. Ҷисм яке аз намудҳои ҷавҳар мебошад, ки дар як вақт таркибёфта аз ду ҷавҳари дигар, яъне модда ва сурат мебошад. Ҳангоми маънидодкунии он баъзан ба иштибоҳот роҳ дода шудаанд ва маънии метафизикии он аз маънии физикии он ҷудо карда нашудааст. Зоҳиран мафҳуми ҷисм зеҳни хонандаро ба ҳамон ҷисми эҳсосшаванда ва табиӣ мекашонад, ҳоло он ки ҷисм метавонад дар маънии мутлақ ва ё ҷинсии он гирифта шавад, ки танҳо дорои ҳастии зеҳнӣ аст. Ҷисм дар маънии метафизикӣ ва ё зеҳнӣ ва ҷисм дар маънии физикӣ ва ё воқеиро дар фалсафаи асримиёнагӣ ҳамчун ҷисм дар маънии риёзӣ ва физикӣ низ дар назар доранд, ки ҳангоми шарҳи масъалаи ҷисм он ҳамеша дар назар мерасад. Дар фалсафаи асримиёнагӣ ҳамон гуна, ки доир ба мафҳумҳои чиз ва ё модда фаҳмишҳои гуногун вуҷуд доштанд, дар мавриди ҷисм низ назарҳои гуногун ба назар мерасанд. Дар ин маврид биниши Ибни Сино маҳз бо биниши Арасту шабоҳат дорад, ӯ ҷисмро ҳамчун ҷавҳаре медонад, ки имкон дорад дорои се андоза бошад: дарозо, паҳно ва ситабро, ки дар илми имрӯза ин андозаҳоро ҳамчун дарозӣ, бар ва баландӣ мешиносанд:

“Пас ҷисм он бувад, ки чун дарозие биниҳӣ, андар вай дарозие дигар ёбӣ буранда варо ба қоима ва дарозии савум бар он ҳар ду дарозӣ бар қоима истода, ҳам бар он нуқта, ки буриши пешин бар вай бувад. Ва ҳар чӣ дар вай ин се дарозӣ бишояд ниҳодан, бар ин сифат ва ҷавҳар бувад, онро «ҷисм» хонанд ва ин андар олам мавҷуд аст” [2, с. 221].

Ин се андоза танҳо дар ҳолати имконӣ вуҷуд доранд ва ин маънии онро надорад, ки ин се андоза шарти бечунучарои мавҷудияти ҷисм мебошанд. Баъзан ҷисм ҳамаи ин андозаҳоро дар воқеъ доро мебошад ва баъзан мо онро фақат ҳамчун имкон ба эътибор мегирем. Аз ин ҷиҳат мо ин андозаҳоро дар ҷисм фақат тасаввур менамоем:

Барои собит намудани ин андешаи худ Ибни Сино дар асарҳои “Шифо” ва “Наҷот” куррaро мисол меоварад, ки он ҳамчун ҷисм шинохта мешавад, аммо ба ҳамагон маълум аст, ки он дорои андозаи дарозӣ намебошад. Дар ин муносибат назари Ибни Сино ифодакунандаи биниши машшоия дар мавриди ҷисм мебошад. Дар байни донишмандони исломӣ дар мавриди ҷисм ду назари бунёдӣ вуҷуд дорад: ҷисми табиӣ ва ҷисми таълимӣ ё риёзӣ. Чизҳое, ки бо андозаҳои муайян дар зеҳни инсон вуҷуд доранд, ҷисмҳои таълимӣ (риёзӣ) мебошанд ва ҷисмҳое, ки бидуни андозаи муайян ҳастанд, ҷисмҳои физикӣ ё табиӣ мебошанд. Дар ҷисми табиӣ ҳамаи андозаҳо тачриба карда мешавад ва дар ҷисмҳои таълимӣ ва ё риёзӣ андозаҳои муайян ва равшан вуҷуд доранд. Ишроқиҳо ҳарду намуди ҷисмҳоро дар айният медонанд, аммо машшоиҳо ин ду намудро аз ҳам фарқ менамоянд ва ҳар дуи онҳоро қабул доранд [78, с. 227].

Ба ҳамин муносибат Ибни Сино ба масъалаи муносибати андозаҳо бо ҷавҳар (сурат, ё шакл) ва араз низ равшанӣ меандозад. Ба ақидаи ӯ ин андозаҳо на ҷавҳар ва ҳатто на сурати ҷисм, балки араз мебошанд, ки аз сурати ҷисмӣ фарқ мекунанд. Ӯ андешаи худро бо чунин далел асоснок менамояд, ки сурати ҷисмӣ устувор ва ба асли худ содиқ аст, аммо андозаҳо тағйирёбандаанд. Дар ин маврид Ибни Сино дар мисоли мум фарқияти сурати ҷисмӣ аз андозаҳоро нишон медиҳад. Дар як сурати ҷисмӣ чунин имкон вуҷуд дорад, ки андозаҳои гуногунро ба вуҷуд оварӣ ва дар айни ҳол онҳоро аз байн бубарӣ ва ё дигаргуна намоӣ, аммо бо аз байн рафтани андозаҳо сурати ҷисмӣ аз байн намеравад ва ин далели араз будани андозаҳо мебошад: “Чунонки порае мумро бигирӣ ва онро дарозно ба дасте кунӣ ва паҳно ду ангушт ва ситабро ангуште, он гоҳ варо дигаргуна кунӣ, то дарознош дигар бувад ва паҳнош дигар ва ситаброш дигар, сурати ҷисмиаш ба ҷой бувад ва ин ҳар се андоза ба ҷой набувад. Пас, ин се андоза араз буванд андар вай ва сурат чизе дигар бувад” [2, с. 222].

Ҷисмҳо гуногун мебошанд ва имкони тасаввури ҳар ҷисм се андоза дар бузургиҳои гуногун вуҷуд дорад. Барои нишон додани давомнокии андозаҳо Ибни Сино шарҳи дигаре медиҳад. Ӯ хусусияти дигари андозаҳоро зикр менамояд, ки мувофиқи он андозаҳо на ҳамеша тағйирпазиранд, баъзан дар онҳо

устуворӣ низ қобили мушоҳида аст. Новобаста аз ин чунин устуворӣ наметавонад асос бошад бар он гумон, ки андоза метавонад ҳамчун ҷавҳар ва ё шакли ҷисм қабул гардад. Ибни Сино дар ин муносибат ранги сиёҳи ҳабашро мисол меоварад.

Ин хусусияти андозаҳоро Ибни Сино дар як муқоиса миёни ҷисмҳои осмонӣ ва заминӣ тасвир намудааст. Дар муқоиса ба ҷисмҳои заминӣ, ки дар онҳо андозаҳо тағйирпазир ҳастанд, андозаҳои ҷисмҳои кайҳонӣ тағйирнопазир ва устуворанд. Ибни Сино чунин суботи ҷисмҳои фалакиро на аз он медонад, ки онҳо низ ҷисм ҳастанд, балки аз он ки онҳоро ҳамчун «ҳофизи камолоти сонияи ҷисм» мехонад, ки бевосита бо масъалаи дигари метафизикии ӯ алоқамандӣ дорад. Фарқи дигари байни ҷисмҳо, ки метавон тасаввур намуд, аз як ҷиҳат, се андоза ва аз дигар тараф, ҳаҷм ва миқдор мебошад. Як ҷисм аз ҷисми дигар на ба хотири гуногунӣ дар бузургиҳои онҳо фарқ менамояд. Ҷисмҳо танҳо ба хотири андозаҳои худ ба ҳамдигар баробар ҳастанд ва дар ин маврид онҳоро наметавон аз ҳам фарқ кард. Ҷисмҳо бо миқдори худ аз ҳам фарқ менамоянд ва ҷисм дар маънии ҷинсӣ ва ҷисми дорои миқдор, ки ҳамон ҷисми навъӣ мебошад, аз ҳамдигар фарқ менамоянд: “Аз ин рӯй ҷисмият дар воқеъ ҳамон сурати иттисолест,ки (ба ҳамон далеле, ки гуфтем) метавон дар он абъоди сегонаро мафрӯз гирифт. Ва ин маъно (аз ҷисмияти чизе) ғайр аз миқдор ва ҳаҷм аст. Зеро ин ҷисм аз ин ҳайс, ки дорои ин сурат аст, ба ин баҳона ки бузург ё кучак аст, бо ҷисми дигаре мухолиф нест ва ба ин баҳона, ки мусовӣ ё маъдуд бо он ё одди он, ё мушорик, ё мабоин (бо он) аст, бо он муносиб нест, ва фақат аз ин ҳайс бо он мухолиф аст, ки дорои миқдор аст ва ҷузъе аз он одд (бақияи аҷзоъ)-и онаст. Ва барои ҷисм ин эътибор ғайр аз он эътибори ҷисмиятест, ки гуфтем” [6, с. 50].

Дар мавриди мазкур низ фарқият байни ҷисми метафизикӣ ва ё зеҳнӣ бо ҷисми табиӣ меравад. Ҷисмҳои зеҳнӣ, ки тасаввури онҳо бо се андоза имконпазир аст, ҳанӯз аз ҳамдигар фарқ наменамоянд, балки ин ҷисми табиӣ аст, ки дорои миқдор мегардад ва фарқият дар байни ҷисмҳо ба вуҷуд меояд. Ҷисм бо се андоза маънии онро надорад, ки он аллакай ҷисм бо ҳаҷм ва миқдор бошад. Ин нозукиро мо метавонем дар асоси назари Ибни Сино дар мавриди ҷисм

равшан намоем. Дар фалсафаи метафизика оид ба масъалаи ҷисм ду тасаввур вуҷуд дорад: ҷисм ҳамчун ҷинс ва ҷисм ҳамчун модда. Дар ҳар ду маврид низ фарқияти миёни ҷисм ва ҳаҷму миқдор қобили мушоҳида мебошад. Дар яке аз ин мавридҳо ҷисмро, ки тасаввури се андоза дар он имконпазир аст, ҳамчун «ҷисми мутлақ» дар назар дошта мешавад, ки он дорои вуҷуди хориҷӣ намебошад. Дар ин эътибор ҷисм ҳанӯз ҳамчун ҷинс дар назар дошта мешавад, ки он дар ин мисол дорои аломат ва нишонаҳои махсус нест, яъне ҷисм дар ин маврид дорои нишонаҳои навъӣ нест ва аз ин ҷиҳат он ҳамчун вуҷуди воқеӣ фаҳмида намешавад. Танҳо замоне ки ҷисм дорои миқдор мегардад, он ҷисм ба маънии навъии худ мегардад ва танҳо дар ин маврид ҷисмҳо дорои вуҷуди хориҷӣ мегарданд ва аз «ҷисми мутлақ» фарқ мекунанд. Дар мавриди дувум ҷисм ҳамчун модда аз миқдор ва адад фарқ мекунад, ки дертар ба ин масъала бармегардем ва асоси ин фарқиятро маълум менамоем.

б) Ҷисм ҳамчун ҳамбастагии модда ва сурат. Дар фалсафаи асримиёнагӣ асосан машшоиҳо назари арастуии ҷисмро мепазиранд, ки намунаи боризи онро мо дар фалсафаи Ибни Сино мушоҳида менамоем. Чун дигар масъалаҳои бунёдии фалсафаи метафизикии Ибни Сино дар мавриди модда низ моро зарур аст, ки дар оғоз як назар ба фаҳмиши арастуии модда бияндозем, зеро он ҳамагуна нофаҳмиҳо дар мавриди мафҳуми модда дар фалсафаи Синоро, ки бевосита аз Арасту таъсир гирифтааст, аз миён мебарад. Сухани асосӣ он аст, ки модда ҳаргиз дар фаҳмиши физикӣ ва бо эҳсос даркшаванда дар назар дошта нашудааст. Арасту модда ва ё ҳаюлоро ҷавҳар меҳисобад ва хусусиятҳои зеринро ба он нисбат медиҳад: пеш аз ҳама модда гуфта на чизи би-л-феъл, балки чизи би-л-қувваро дар назар дорад: ” Модда он аст, ки би-л-феъл як “ин чиз” набошад, балки би-л-қувва як “ин чиз” бошад” [16, с. 264]. Ин назари Арасту бояд дар хотир дошта шавад ва ҳангоми баррасии масъалаи модда дар фалсафаи Ибни Сино маҳз би-л-қуввагии он ба эътибор гирифта шавад. Арасту ҳамеша бар он таъкид мекунад, ки ҳамагуна дигаргунӣ аз модда вобастагӣ дорад. Ӯ оид ба чаҳор навъи тағйирёбӣ ва ё дигаргунӣ сухан мегӯяд, ки инҳо дигаргунии ҷавҳарӣ, яъне пайдоиш ва таназзул, сифатӣ, яъне дигаргун гардидани сифати чизҳо, миқдорӣ,

яъне зиёдшавӣ ва камшавӣ ва тағйирёбии маконӣ, яъне ҳаракати механикӣ мебошанд ва дар ҳамаи инҳо дигаргунӣ дар чизҳои ба ҳам зидд рӯй медиҳад ва танҳо модда имкони пазириши чизҳои ба ҳам зиддро дорад [16, с. 387]. Ин назари Арасту, ки дар баробари умумӣ будан, бо падидаҳои воқеӣ наздикӣ дорад, дар фалсафаи машшоия дар доираи бурҳонҳои пайвастагӣ ва гусастагӣ матраҳ мегардад, ки як бахши аввал аз ду бурҳони асосӣ дар мавриди модда мебошад.

Ҳангоме ки ӯ пайдоишро шарҳ медиҳад, таъкид менамояд, ки он, яъне пайдоиш аз нестӣ ба вуҷуд намеояд, балки аз мавҷуд ба вуҷуд меояд ва мавҷуд дар ду шакл вуҷуд дорад, ки яке ин мавҷуди би-л-қувва аст, ки он би-л-феъл вуҷуд надорад. Дар ин маврид Арасту ақидаҳои Анаксагор, Эмпедокл, Анексамандер ва Демокритро зикр менамояд, ки дар таълимоти онҳо “Ҳамаи чизҳо би-л-қувва бо ҳам буданд, аммо би-л-феъл не.” [16, с. 388]. Мақсад он аст, ки ҳар чизе, ки дигаргун мешавад дорои модда мебошад ва танҳо модда имкони дигаргунӣ ва пайдоишро медиҳад. Ин назари Арастуро мо дертар дар мисоли бурҳони би-л-қувва ва би-л-феъл баррасӣ менамоем, ки қадами баъдии бурҳони пайвастагӣ ва гусастагӣ мебошад.

Дар яке аз ишораҳои дигари худ низ Арасту на ягон чизи мушаххас, балки табиати чизро ҳамчун модда мешиносад, ки он ҳамчун асл ва ё пайдоиш дониста мешавад [16, с. 260]. Бояд дар назар дошт, ки ҳангоме, ки модда шарҳ дода мешавад, асосан як асл ва ё табиате, ки дорои вуҷуди би-л-қувва аст, на би-л-феъл, дар назар дошта мешавад. Дар ин ҷо ҳадаф аз модда ҳаргиз чаҳор унсури табиӣ ва ҳамчунин он моддае, ки дар фалсафаи табиат мепиндоранд, дар назар дошта нашудааст. Шояд мафҳуми моя, ки худ асли зуҳури модда мебошад, ин маъниро беҳтар ифода карда тавонад, зеро он ба як мафҳуми абстрактӣ наздиктар аст, нисбат ба як мафҳуми мушаххас.

Ибни Сино ҳангоми шарҳи масъалаи модда, ҳамчун ҷавҳари таркибии ҷисм, ақидаҳои дар замони ӯ роиҷ оид ба ҳақиқати ҷисмро хотирнишон ва инкори онҳоро рад менамояд. Ӯ доир ба ҷисм се ақидаи асосиро зикр менамояд, ки яке аз онҳо мураккаб аз модда ва сурат набудани ҷисм ва дувумӣ он, ки ҷисм аз пораҳо иборат аст, аммо ин пораҳо дорои пазироиӣ пора будан нестанд ва

ниҳоят ақидаи худи ӯ, ки ҷисм аз модда ва сурат иборат аст [2, с. 222].

Ибни Сино ду назари мухолифро дар мавриди ҳақиқати ҷисм инкор менамояд, ки яке аз онҳо ин аз асле иборат набудани ҷисмро ҷонибдорӣ менамуд. Ин назар бо назари Арасту,ки каме болотар мо зикр намудем, мухолифат дорад ва Ибни Сино онро дар асоси бурҳони пайвастагӣ ва гусастагӣ инкор менамояд. Арасту моддаро асоси дигаргуниҳо, ки лаҳзаҳои ба ҳам зиддро ифода мекунанд, мешиносад, Ибни Сино бошад мавҷудияти модда дар ҷисмро тавассути як тасаввури зеҳнӣ асоснок мегардонад.

Он гуна ки дар боло зикр намудем, ҷисм чизест, ки мо метавонем дар он се андозаро тасаввур намоем. Яъне он чизест ягона ва ё воҳид, ба дигар ибора дар он пайвастагӣ вуҷуд дорад, зеро дар акси ҳол фарзи ин се андоза дар он ғайриимкон аст. Чунин пайвастагӣ сурати ҷисмӣ мебошад, аммо он дорои қобилияти гусастагӣ низ ҳаст, ки дар ин сурат сурати ҷисмии дигарро ба вуҷуд меоварад. Аммо гусастагӣ худ пайвастагӣ нест, онҳо бо ҳам зидд мебошанд, бо гусастагӣ пайвастагии мавҷуда аз байн меравад, аммо асос, ки ин гусастагӣ таъсир кардааст, худро ҳифз менамояд ва аз байн намеравад. Мо дар боло мисоли Ибни Сино дар мавриди мумро, ки ба осонӣ метавон андозаҳоро, ки дар пайвастагӣ вуҷуд доранд, дигаргун сохт, яъне гусастагӣ ба вуҷуд овард ва андозаҳои навро ба вуҷуд овард, зикр намудаем ва он мисоли равшанест оид ба пайвастагӣ ва гусастагӣ. Натиҷа он аст, ки ба ғайр аз сурати ҷисмӣ боз чизи дигаре дар ҷисм вуҷуд дорад, ки он модда мебошад ва пайвастагӣ ва гусастагиро ба худ мепазирад: “Ва он чиз на сурати ҷисмӣ аст. Пас, чизе дигар аст бо сурати ҷисм ва сурати ҷисм андар вай аст ва бо вай аст ва ҳар пазирое. Ки сурат андар вай бувад ҷуз сурат бувад ва онро “моддат” хонанд. Пас сурати ҷисмӣ андар моддат аст ва аз он сурат ва аз он моддат ҷисм ояд, чунон ки аз чӯб ва гирдӣ гӯй ояд. Пас, сурати ҷисмӣ, муҷаррад, бе модда нест” [2, с. 223].

Дар идомаи ин раддия Ибни Сино назари мухолифи дигарро низ инкор менамояд, яъне ҷисм наметавонад аз пораҳое иборат бошад, ки ин пораҳо, ё ҷузъҳо худ ҷузъ буданро қабул надоранд. Ибни Сино бо якчанд далел ин ақидаро инкор менамояд, ки яке аз он далелҳо ин аст: Агар мо фарз кунем, ки ҷисм ба

қисматҳо тақсим мешавад, он гоҳ ду вариант пайдо мешавад: як қисм дар байн қарор мегирад ва дутои дигар дар ду канор ва қисмати миёна бо паҳлуҳои худ бо ҳарду қисмати дигар мечаспад. Маконҳои баҳамчаспидаи ҳар ду тараф аз ҳамдигар фарқ менамоянд, ки дар ин ҷо тақсимшавиро метавон мушоҳида намуд. Чунин тақсимшавиро метавон ҳамчунин дар ду қисмат, ки дар ду тараф истодаанд, мушоҳида намуд, чун як тарафи ин қисматҳо бо қисмати миёна мечаспанд ва тарафҳои дигари ин қисматҳо бо қисмати мобайнӣ намечаспанд. Аз ин рӯ, тақсимшавандагии ҷисм ғайриқобили исбот аст; қисматҳои таркибии ҷисм аз ҳамдигар ҷудонашаванда мебошанд ва қисмати пайвастаи қисмати миёна аз ду қисмати дигар фарқ намекунад ва дар ин сурат на фақат се қисмат ба вуҷуд намеояд, балки ҳамаи қисматҳо дар як макон пеш меоянд ва ин то бениҳоят давом мекунад. Ба иборати дигар, миқдор зиёд намегардад ва дар ин сурат сухан гуфтан аз ҷисм ғайриимкон мебошад.

Пайвастагӣ ва гусастагӣ танҳо далели аввал ва ҳамчунин қадами аввал мебошанд ва ба ақидаи баъзе донишмандони исломӣ, ҷисм дар худ нокомил боқӣ мемонад, агар исботи пайвастагӣ ва гусастагиро исботи дигар яъне ҷисм ҳамчун қувва ва феъл пайгирӣ накунад [78, с. 227]. Ибни Сино тавассути пайвастагӣ ва гусастагӣ хосияти бунёдии ҳастии чизҳоро ошкор сохтааст, ки он дар баробари дорои пайвастагӣ, яъне дорои сурати ҷисмии муайян будан, ҳамчунин дорои қобилияти гусастагӣ, ки қобилияти қабули сурати ҷисмии дигарро дорад, мебошад. Чунин хусусиятҳо дар асл вобастагӣ доранд аз ҳолати би-л-қуввагиӣ чизҳо, ки онро дар доираи баҳси би-л-қуввагӣ ва би-л-феълӣ баррасӣ менамоем.

Сурати ҷисмонӣ худ би-л-феъл мебошад, аммо аз он ки дорои истеъдод ва ё омодагии қабули сурат ва ё арази нав аст, би-л-қувва низ ҳаст. Мо бояд ин ду чизро аз ҳамдигар фарқ кунем. Бояд зикр кард, ки би-л-феъл будани ҷисм аз ноҳияи би-л-қуввагии он бар намеояд, ҳамчунин баръакси он, яъне би-л-қуввагии он аз ноҳияи би-л-феълии ҷисм бар намеояд. Ин ҷо метавон натиҷа гирифт, ки як ҷисм аз ду қисмат таркиб ёфтааст: он чӣ дар ҷисм сурат аст, феъл аст ва он чӣ дар ҷисм қувва аст, модда аст ва ҳадаф аз модда ин ҳамон мафҳуми машҳури ҳаюло мебошад: “Ва низ ҷисм аз ҳайси ҷисм будан дорои сурати

ҷисмия аст, ва лизо шайъи би-л-феълест; ва аз ҳайси ин ки дорои ҳар истеъдодест, ки бихоҳӣ, би-л-қувва аст; ва ҷиҳати би-л-қувва будани чизе ғайр аз ҷиҳати би-л-феъл будани ҳамон чиз аст; ва лизо би-л-қувва будани ҷисм аз ноҳияи би-л-феъл будани он нест. Пас сурати ҷисм дар сурат будани худ мақорини чизи дигаре ғайр аз худи ҷисм аст ва лизо ҷисм ҷавҳарест мураккаб аз чизе, ки ба он би-л-қувва аст ва чизе, ки ба он би-л-феъл аст. Аз ин рӯй, чизе, ки ба он би-л-феъл аст сурати он аст ва чизе, ки ба он би-л-қувва аст, моддаи он аст ва ин ҳамон ҳаюлост” [6, с. 52].

Ҳамин тавр як ҷисм танҳо аз як ҳақиқат иборат нест, балки аз ду ҳақиқат иборат аст ва як сурати ҷисмониро ҳам ҷисм ва ҳам мавзуъ ва ё пазиро ҳамроҳӣ мекунанд. Ба ғайр аз он ҷисм наметавонад аз параҳое иборат бошад, ки он параҳо худ мавзуъ барои пора буда наметавонанд. Ҳамагуна фарз ва эҳтимолҳои мо дар ин сурат ба зиддият дучор мегарданд. Ягона ақидае, ки боқӣ мемонад, он аст, ки ҷисм мураккаб аз сурат ва модда буда, ҳамагуна тағйир ва дигаргунӣ, ки дар ҷисм сурат мегирад, ба сабаби моддаи он аст. Танҳо моддаи ҷисм қобил ба пазириши зиддиятҳо ва ё пайвастагӣ ва гусастагӣ буда, он дар шакли мавҷуди би-л-қувва вуҷуд дорад.

Дар ин таҳлили худ Ибни Сино нишон медиҳад, ки ҳадаф аз моддаи ҷисм ин ҳамон табиати ҷисм мебошад, ки имконпазирии ҳамагуна тағйирот дар ҷисмро маҳз он таъмин менамояд. Дар ин ҷо Ибни Сино ду мафҳумро ба таҳлил мекашад, ки ҳар ду низ зоҳиран дорои вуҷуди воқеӣ, аммо дар асл ҳар ду дорои вуҷуди абстрактӣ ва зеҳнӣ мебошанд.

Модда дар шакли би-л-қуввагӣ ҳастӣ ва ё ҷавҳар аст ва он зоҳиран бо мафҳумҳои дигаре, ки дорои чунин хусусият ҳастанд, аз қабили адад ва миқдор, шабоҳат дорад. Ибни Сино дар як баҳси алоҳидае кӯшиш намудааст, ки фарқияти онҳоро муайян намояд. Аз ҳамин нуқта сар карда, мо ба баҳси худ ба ҷисм ҳамчун модда ва хусусиятҳои фарқкунандаи он аз адад ва миқдор бармегардем. Зоҳиран чунин менамояд, ки модда аз ҷавҳар таркиб ёфтааст: аввал, модда ҳамчун ҷавҳар, ки фақат мавзуъ ё пазиро аст ва дувум, моддае, ки ба он сурат ориз гардидааст. Ба хотири исботи хато будани чунин ақида, Ибни Сино моддаро

ҳамчун ҷавҳар ва ҷисмро ҳамчун модда муфассал шарҳ медиҳад.

Ба ақидаи Ибни Сино, маънии ҷавҳар будани модда чизест, ки он чиз мавзуъ нест, аммо ин «чизе» дорои вуҷуди хориҷӣ нест. Чунин модда воқеияти худро танҳо замоне дар меёбад, ки агар ба он ягон нишонаи махсус ва ё, ба ибораи худи ӯ, фасли хоссе ориз гардад [6, с. 53].

Ҳақиқати ҳаюло ҳамчун ҷавҳар он аст, ки он фақат дорандаи истеъдод аст ва дорои воқеияти хориҷӣ нест. Нишонаи махсус ва ё сурати махсусе, ки ҳаюло барои вуҷуди худ ба он ниёз дорад, на ба худи табиати ҷисм ҳамчун ҳаюло тааллуқ дорад, балки он аз берун меояд. Аз ин ҷиҳат ба ақидаи Ибни Сино мо наметавонем суратро ҳамчун нишонаи махсуси воқеӣ қабул намоем ва ин як омили муҳимме мебошад барои фарқ кардани ҷисм ҳамчун ҳаюло аз адад ва миқдор.

Ҷисм ҳамчун модда бидуни дорои сурат гардидан як чизи воқеӣ мебошад ва ин табиат аз табиати сурат, ки ба он аз берун меояд фарқ менамояд. Аммо миқдор ва рақам то замоне, ки як навъи муайянеро ифода намоянд, як чизи воқеӣ нестанд, масалан то замоне ки хатти рост ва сатҳ вуҷуд надорад, миқдор низ ҳамчун чизи воқеӣ вуҷуд надорад ва ё то замоне, ки дар сурати 1, 2 ва ё 3 ифода нанамояд, наметавон аз адад ҳамчун чизи воқеӣ сухан кард. Махсусияти дигар дар ин маврид он аст, ки табиати хатти рост ва сатҳ барои миқдор ва ҳамчунин табиати 1, 2 ва 3 барои адад аз дохили худашон бармеоянд. Табиати 2 ва ё 3 бо адад як хел аст, ки ҳамчун араз ба он ориз мегарданд. Ва онҳо ададро тасдиқ менамоянд. Ҳамчунин табиати хатти рост ва сатҳ бо табиати миқдор як чиз ҳастанд ва аз он сухан мекунанд. Дар ҳамин асос мо наметавонем аз адади мутлақ ва ё миқдори мутлақ сухан кунем ва маҳз аз ин ҷиҳат аст, ки адад ва миқдор ба мисли мафҳумҳои ҷинсӣ ҳастанд, яъне адад ҳамчун ҷинс барои 1, 2 ва ё 3 ва миқдор барои хатти рост ва сатҳ [6, с. 53].

Омили асосии фарққунанда дар байни ҷисм, аз як тараф ва миқдору адад, аз дигар тараф, дар он аст, ки табиати ҷисм дар худ аллакай «чизе» ва ё дар худ комил мебошад, аммо табиати миқдор ва адад ҳанӯз «чизе» нестанд ва ё чизияти онҳо ҳанӯз худкифо ва комил нест. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат табиати адад ва миқдор

сурати худро тавассути навъҳояшон дар меёбанд, ки на аз берун ба онҳо ҳамл мегардад. Аммо табиати сурати ҷисмонӣ дар худ дучори зиддият нест ва чизи воҳид мебошад ва аз ин ҷиҳат як ҷисм на тавассути фасли хос ба навъҳо тақсим карда мешавад, балки ин фаслҳои хос ба он аз берун вориди он мегарданд [6, с. 54].

Ибни Сино баҳси мазкурро чунин хулосагирӣ менамояд: сурат, ки дорои ҷисм мегардад, на нишонаи махсуси ба он воридгардида, балки як қисме аз ҷисм аст. Зеро ҷисм аз ду ҷанба иборат аст, яке модда ҳамчун имкон ва дувум сурат, ҷисм ҳамчун воқеият. Дар бахши минбаъда мо мекӯшем нишон диҳем, ки дар байни модда ва сурат чӣ муносибат вуҷуд дорад.

в) ***Модда ва сурат ҳамчун ҷавҳарҳои ғайриҷисмонӣ ва вобастагии онҳо аз ҳамдигар***. Дар боло мо аллакай назари Арастуро зикр намудем, ки мувофиқи он модда танҳо дар ҳолати би-л-қуввагӣ вуҷуд дорад ва ҳамчунин назари Синоро дар мавриди модда тавассути бурҳонҳои пайвастагӣ ва гусастагӣ ва би-л-қувва ва би-л-феъл матраҳ намудем. Дар ин ҷо бори дигар қайд менамоем, ки як тамоили ба моддигароӣ наздик будани фалсафаи Ибни Сино ва дорои аҳаммияти махсус будани модда ҳамчун асоси метафизикаи ӯ густариш ёфта буд, ки он як таҳриф ва ҷойгузини фаҳмиши метафизикӣ намудани фаҳмиши физикии мафҳуми модда буд. Нахустин маротиба чунин таҳрифкориро Элизабет Бушманн хотиррасон кардааст, ки дар воқеият баёни ҳақиқат буд [337, с. 35]. Мо ин назари Бушманнро ҷонибдорӣ менамоем ва дар баробари андешаҳое, ки дар боло матраҳ сохтем, бори дигар назари бевоситаи Синоро дар мавриди дорои хусусияти би-л-қуввагӣ будани модда матраҳ месозем. Сабаби чунин таҳрифкорӣ ин бевосита таъсири идеологияи ҳукмрони он замон буд, ки эътирофи ҳар таълимотеро, ки хусусияти абстрактӣ дошт, барои худ ҳамчун хатар медонист.

Умуман, дар метафизика сухан аз ҳастие меравад, ки ҷудо аз модда мебошад. Чунин тарзи фаҳмиш аллакай куҳнашуда ба ҳисоб меравад ва тасаввури моддаи абстрактӣ ва ё ҳамчунин ҳастии абстрактӣ, бахусус барои мактабҳое, ки дорои анъанаи марксистӣ ҳастанд ва ё дар гузашта аз ин мактаб

пайравӣ менамуданд, ғайри қобили тасаввур ва қабул мебошад. Аммо ҷанбаи дигар дар ин маврид он аст, ки ҳастии зеҳнӣ, ки Ибни Сино дар мавридҳои зерин маҳз ба он такя менамояд, дар фалсафаи муосир мавриди пазириш қарор мегирад ва ин масъала мавриди таҳқиқҳои зиёди фалсафӣ қарор гирифтааст. Албатта ин масъала ҷои баҳс нест, ки моддаи воқеӣ ҳақиқат мебошад, аммо инро низ инкор карда наметавонем, ки бидуни зеҳн ва огоҳӣ ҳеҷ гуна маърифати моддаи воқеӣ сурат гирифта наметавонад.

Он чизе, ки Ибни Сино ҳамчун ҳастиӣ зеҳнӣ мешинохт, дар фалсафаи анъанавӣ метавон ҳамчун биниши идеализми субективӣ муаррифӣ намуд, ки дар фалсафаҳои Ҷорҷ Беркли (1685-1753) ва Ёҳанн Готлиб Фихте (1762-1814) ба тариқи барҷаста ифода ёфтааст.Дар ин маврид шояд фалсафаи Ибни Сино беш аз ҳар чизе бо фалсафаи ин ду нафар шабоҳат ва қаробати наздике дошта бошад. Аммо дар мактаби имрӯзаи падидоршиносӣ, ё феноменология, мо дигарбора инъикоси ҳастии зеҳнии Синоро бо фарқиятҳои равишӣ мушоҳида менамоем. Ин шабоҳатҳо ҳамчун як масъалаи бунёдӣ, ниёз ба баррасиҳои бунёдии алоҳида дорад.

Дар идома мо ин маъниро дунболагирӣ намуда, як ҷавҳари ғайримаҳсус ва танҳо иборат аз табиати ашё будани онро тақвият медиҳем. Суол дар ин ҷо ин аст, ки оё модда бидуни сурат қобили тасаввур аст ва ё на, ва ҳамчунин оё метавон онро бидуни сурат таҳқиқ намуд ва ё на? Ба хотири он ки вобастагии модда аз суратро нишон диҳад, Ибни Сино нахуст вуҷуди моддаи бидуни суратро ба фарз мегирад ва ин фарз ҳамеша ба як натиҷа мерасад, ки модда бидуни сурат ғайриқобили тасаввур мебошад. Барои исботи ин ақидаи худ Ибни Сино якчанд далел меоварад, ки мо онҳоро ин ҷо меоварем: масалан, дар моддаи бидуни сурат мо ё ягон чизро нишон медиҳем ва ё нишон намедиҳем, моддаи бидуни сурат ё вазъ ва макон дорад ва ё надорад ва ё моддаи муҷаррад дорои миқдор аст ва ё дорои миқдор нест. Аммо мо инҳоро на дар чизҳои алоҳида дар муносибат бо модда мушоҳида менамоем, зеро онҳо бо ҳамдигар алоқаманданд. Масалан, нишон додан ва ё нишон надодан ба модда аз он вобаста аст, ки оё модда дорои вазъ ва макон ҳаст ё не. Дар ин муносибат ҳамаи кӯшишҳо барои

тасаввури моддаи бидуни сурат бенатиҷа ба анҷом мерасанд. Дар «Донишнома» Ибни Сино ду далелро пеш меоварад: агар мо моддаро бидуни сурати ҷисмонӣ, ки дорои дарозӣ, паҳноӣ ва умқ аст, ваҳм кунем, он гоҳ ду имконият вуҷуд дорад: 1. ё мо метавонем онро нишон диҳем ва 2. ё мо наметавонем онро нишон диҳем. Агар мо моддаи бидуни суратро нишон дода тавонем, ин чунин маънӣ дорад, ки он дорои канорҳои гуногун мебошад, зеро мо аз канорҳои гуногун ба он ишора мекунем ва аз ин ҷиҳат он тақсимшаванда ва ҷисмонист. Агар он ягон канор дошта бошад ва агар он тақсимшаванда бошад, пас он аллакай дорои сурат аст, ки бо ваҳми мо зид мебошад [2, с. 226].

Агар модда қобили тақсим бошад, пас маълум мешавад, ки он дорои сурат аст ва ин бо ваҳми кардаи мо, ки бояд моддаи бидуни суратро тасаввур намоем, мухолиф аст. Аммо агар модда тақсимнопазир бошад, пас ин тақсимнопазирӣ ё аз худи табиати он сар мезанад ва ё аз табиати бегона. Инкори тақсимпазирӣ на аз худи табиати модда бармеояд, зеро дар ин сурат модда низ ин хусусиятро дастгирӣ мекунад, пас аз он ки ба он сурат ориз мегардад ва тавассути он тақсимнопазир боқӣ мемонад. Аммо агар он аз табиати бегона бошад, пас ин чунин маънӣ дорад, ки ин табиат дар худ дорои сурат аст ва табиат аз ин сурат бар мехезад. Дар ин сурат ин табиат бар зидди сурати ҷисмӣ мебошад, аммо ин чиз маълум аст, ки сурати ҷисмӣ дорои зиддият нест. Дар натиҷа танҳо як чиз боқӣ мемонад: модда бидуни сурат тасаввурнопазир аст: “Пас, моддати сурати ҷисмӣ бе сурати ҷисмӣ ба феъл чизе набувад. Пас, вай ҷавҳари ба феъл истода ба сабаби сурати ҷисмӣ аст. Пас, ба ҳақиқат сурати ҷисмӣ ҷавҳар аст ва на чунон аст, ки моддати ҷисмӣ ба худ чизе бафеъл аст. Ва сурати ҷисмӣ аразе аст лозим мар ӯро , ки худ бе вай ба худ чизе бувад ломуҳола, ки бе ин араз хиродро ба сифати вай роҳ бувад, зеро ки ба худияш ишора аст, ё нест” [2, с. 227].

Агар модда қобили ишора бошад, вале қобили тақсим набошад, он гоҳ он як нуқта аст ва нуқта модда нест, балки он дар моддаи ҷисмӣ мебошад. Ва ё агар моддаи бидуни сурат тақсимшаванда бошад, он гоҳ он, агар аз як тараф тақсимпазир бошад, хат ва агар аз ду тараф тақсимпазир бошад, он гоҳ сатҳ аст. Нуқта, хат ва сатҳ дар худ модда нестанд, балки онҳо вазъ ё ҳол дар модда

ҳастанд ва ҳамчунин онҳо дар худ мавзуъ ва ё пазиро нестанд, балки худ дар мавзуъ ҳастанд. Баръакси онҳо модда дар мавзуъ нест, бинобар ин, нуқта, хат, сатҳ ва ё ҷисм модда нестанд.

Дар асоси ду далели дар боло овардашуда метавон назари Синоро чунин хулоса кард: Ба моддаи бидуни сурат ишора кардан ғайриимкон аст ва ҳамчунин модда бидуни сурат ғайриқобили тасаввур мебошад. Агар ба моддаи бидуни сурат ишора кардан номумкин бошад, модда тақсимнопазир ва бидуни вазъ бошад, пас миқдор ба он ё ба якборагӣ ворид мегардад ва ё тадриҷан. Ворид гардидани миқдор ба модда маънии онро дорад, ки он дорои макони махсус аст. Бидуни макон миқдор вориди модда шуда наметавонад ва ё ворид гардидани миқдор ва макон ба модда дар як вақт сурат намегирад, зеро то ҳадде, ки модда дорои макони махсус набошад, ба он миқдор ворид шуда наметавонад. Аммо дар ваҳми дувум, агар модда миқдорро тадриҷан пазирад, пас ин чунин маънӣ дорад, ки ҳамаи чизҳои худро паҳннамуда дорои тараф ё канор мебошанд ва агар ин тарафҳо вуҷуд дошта бошанд, пас ин чунин маънӣ дорад, ки модда дорои макон ва вазъ аст [6, с. 62].

Пас агар модда дорои макони худ бошад, метавон ба он ишора намуд ва агар ишора намудан имконпазир бошад, он гоҳ он тақсимпазир аст ва дар натиҷа он орӣ аз сурат нест [2, с. 227]. Дар мавриди бо сурати ҷисмонӣ пайваста будани модда дар “Наҷот” омадааст: “Пайдост, ки ин ҷо ҷавҳаре бошад, ғайри сурати ҷисмӣ ва ӯро гусастагиву пайвастагӣ якҷоя ориз шаванд. Ин ҷавҳар қарини сурати ҷисмӣ бошад ва ӯст, ки ба сурати ҷисмият муттаҳид гашта, бо он чи аз пайвастагии ҷисмонӣ, ки ӯро қивом диҳад ва ё ӯро лозим аст, ба ҷисми ягона табдил шавад” [3, с. 220].

Моддаи муҷаррад бо ҳамаи маконҳо муносибати якхела дорад ва ҳанӯз вазъ ва макони махсус надорад. Он ҳанӯз ҷисм нест, аммо он ниёз ба як чизи бегона ва аразӣ дорад, то ин ки ба он тавонем ишора намоем. Маҳз бо ин чизи бегона, ки ба он ориз мешавад, модда дорои вазъ ва макони махсус мегардад. Ба даст овардани вазъ ва макони махсус аз як табиати бегона ва ё сурати ҷисмонӣ, ки бо ҳамаи маконҳо муносибати якхела дорад ва ҳамчунин аз моддаи мутлақ,

ки бо ҳамаи маконҳо дорои муносибати якхела мебошад, нест. Чунин махсусиятро модда дар якҷоягӣ бо сурат ба даст меоварад. Агар сурати модда бо сабабе тағйир ёбад, модда дарҳол макон ва вазъи дигаре пайдо мекунад, ки бо макони аввалияи модда бисёр наздик мебошад. Ибни Сино дар “Наҷот” ва “Ишорот ва танбеҳот” муносибати байни об ҳамчун ҳаво ва қатраи обро ном мебарад. Нахуст об ҳамчун ҳаво вуҷуд дошт ва дар ин вазъият он вазъ ва макони табиии худро соҳиб буд. Аммо вақте ки сурати нав вориди моддаи худ мегардад, он вазъ ва макони навро касб мекунад, ки наздик ба макони аввала мебошад. Барои он ки зарурати сурат барои модда асоснок гардонида шавад, Ибни Сино фарзҳои фаровонеро меоварад ва ҳамаи онҳо ба як натиҷа анҷом меёбанд, ки таҳқиқи моддаи абстрактӣ бидуни сурати он ғайриимкон мебошад. Ҳамин тавр, метавонем натиҷа гирем, ки ҳамаи кӯшишҳои моддигаро нишон додани Ибни Сино як таҳрифи воқеияти фалсафаи Ибни Сино ва замонасозӣ намудан буд, ки бо воқеияти таълимоти ӯ ҳеҷ нисбате надорад. Аз далеловариҳои Ибни Сино маълум мегардад, ки ӯ аз рӯи имкон кӯшиш намудааст, ки хусусияти абстрактӣ доштани моддаро исбот намояд ва дар ин маврид ӯ то ба сарҳади идеализм наздик мешавад, аммо вуҷуди моҳият ин имконро ба ӯ намедиҳад, ки ӯ моддаро ҳамчун идеяи маҳз муаррифӣ намояд.

г) Сурат ҳамчун сабаби модда. Модда ва сурат аз таркиботи ҷисм шинохта мешаванд ва дар як вақт модда бидуни сурат ғайри қобили тасаввур аст ва сурат низ ҳақиқати худро танҳо тавассути модда доро мегардад. Аммо ҳамаи ин ба он маънӣ нестанд, ки модда ва сурат дар фалсафаи метафизикии Ибни Сино баробарвазн бошанд. Бояд ин чизро зикр намуд, ки модда ва сурат аз ҳамдигар тавассути хусусиятҳои бунёдии худ фарқ мекунанд: модда як қувва ва ё энергияи холис мебошад ва сурат бошад воқеияти маҳз. Модда воқеияти худро танҳо тавассути ворид гардидани сурат ба он пайдо менамояд, аммо сурат барои воқеият пайдо намудан ниёз ба модда надорад, вуҷуди он худ воқеият аст. Дар чунин муносибати модда ва сурат Ибни Сино контексти сабаб ва натиҷаро ба миён мегузорад. Аммо кадом сабаб ва кадом натиҷа? Ибни Сино дар ин муносибат ҳарду вариантро дар алоҳидагӣ таҳлил менамояд ва нахуст ӯ

эҳтимолияти сабаб будани модда барои суратро таҳлил мекунад ва ба натиҷаи манфӣ мерасад. Вақте ки як чиз худ дар ҳолати имкон қарор дорад, чӣ гуна метавонад барои чизе, ки дар ҳолати воқеият қарор дорад, сабаб гардад? Ҳамин тавр модда, ҳамчун имкон наметавонад барои сурат ҳамчун воқеият сабаб гардад. Нахуст як чиз бояд худ дар ҳолати воқеият бошад, то ин ки барои чизи дигаре сабаб шуда тавонад. Баръакси он, сурат ҳам моҳиятан ва ҳам аз ҷиҳати замонӣ нисбат ба модда афзалият дорад.

Бинобар ин, бояд модда аввал воқеият гардад ва пасон бартарии замонӣ нисбат ба сурат пайдо намояд ва сабаби сурат шуда тавонад. Ҳамин тавр, дар ҳар як муносибат сурат нисбат ба модда дар мавриди сабаб будан дорои бартарият мебошад. Ибни Сино қайд менамояд, ки афзалияти сурат ҳанӯз маънии онро надорад, ки он чун бо модда дучор меояд, вуҷуди моддаро нишон медиҳад, балки он дорои воқеият нест, то замоне, ки сурат оризи он нагардад. Модда танҳо энергияи маҳз аст ва истеъдод ё қобилияти қабул кардан дорад. Дар ин ҷо ва минбаъд низ Ибни Сино унсурҳои дигарро ҳамчун сабабҳои беруна хотирнишон месозад. Модда дорои қобилияте мебошад, ки суратҳои гуногунро қабул намояд, аммо ин маънии онро надорад, ки худи модда дар зуҳури чунин суратҳои махсус нақши муҳиммеро бозад. Сабаби вуҷуди суратҳои махсус бо тамоми хусусиятҳои он унсурҳои берунаанд ва модда танҳо як вазифаро иҷро мекунад: он имкони ба худ ворид гардидани суратҳои гуногунро медиҳад.

Агар модда барои сурат сабаб шуда натавонад, он гоҳ танҳо ду фарзия боқӣ мемонад: сурат сабаб ва модда натиҷа аст. Ду навъи муносибат миёни модда ва сурат вуҷуд дорад; якум, сурат аз модда ҷудо нест; дувум, сурат метавонад моддаро тарк кунад ва модда сурати дигареро дучор ояд. Танҳо дар навъи аввал имкони сабаб донистани сурат ва натиҷа донистани модда вуҷуд дорад. Агар як сурат моддаро тарк гӯяд, модда низ бояд барҳам хурад ва сурати нав моддаи навро пайдо кунад. Аммо ин муқобили тасаввуроти мо нисбат ба модда аст, зеро модда дорои қобилиятест, ки як сурати наверо қабул намояд, бидуни нобуд гардидани худ. Аз ин ҷиҳат, сурат на фақат дар алоҳидагӣ, балки дар якҷоягӣ бо як омили беруна сабаб мегардад.

Маҳз ҳамин омили беруна имкон намедиҳад, ки модда пас аз он, ки сурат онро тарк мегӯяд, нобуд гардад, балки сурати куҳна аз модда, то замоне ки сурати нав пайдо ва ҷойгузини он нагардад, ҷудо намешавад. Ин сурати дувум, ки сурати аввал онро дар модда ҷойгузини худ менамояд, вазифаи алоқамандсозиро дар байни модда ва субъект иҷро мекунад. Сурати дувум барои барҳамнахурии модда пас аз тарки он аз ҷониби сурати аввала асос мегардад. Ибни Сино ин сурати дувумро ҳамчун "*сабаби наздики ҳифзкунандаи модда*" меномад. Сурат дар оғоз ба моҳияти худ ва пасон ба модда воқеият мебахшад. Дар ин ҷо маълум мегардад, ки сурат ҳам моҳиятан ва ҳам аз ҳайси замонӣ аз модда пеш меистад ва модда воқеияти худро танҳо тавассути сурат касб мекунад.

Ҳанӯз дар оғози баҳс Ибни Сино қайд намуда буд, ки суратҳое, ки аз модда ҷудо нестанд, масалан ҷирмҳои осмонӣ, наметавонанд барои моддаи худ сабаб гарданд. Аммо дар ин сурат низ ин маънии онро надорад, ки модда сабаб ва сурати он натиҷа мебошад. Модда дар худ суратро меофарад ва он гуна ки дар бахши пешин нишон додем, наметавон чизеро бидуни модда тасаввур намуд. Модда бидуни сурат тамомияти худро ба даст оварда наметавонад. Ибни Сино ин ду хусусиятро аз ҳам фарқ менамояд: вақте ки модда суратро мепазирад, то тамомияти худро соҳиб гардад ва ин истеъдоди он аст; вақте ки модда ба хотири дорои тасвир гардидан дар худ суратро меофарад, ки он хусусияти офарандагии он мебошад. Дар ин ҷо маълум мегардад, ки модда дорои ду хусусият мебошад: истеъдод ва офарандагӣ. Аммо ин ҳар ду ба ҷавҳарияти модда дохил намешаванд. Истеъдод худ ҷавҳари модда аст ва хусусияти офарандагии модда фақат хусусияти ба ҷавҳар пайвандгардидае мебошад. Бо вуҷуди он ки сурат дар ин маврид аз модда ҷудо нест, воқеият пайдо кардани он аз ноҳияи модда нест, балки дорои як сабаби беруна мебошад, ки ин сабаб онро бо худ ва модда якҷоя ифода мекунад.

Дар ин бахш мо нишон додем, ки дар фалсафаи метафизикии Ибни Сино аввалин тақсимкунӣ миёни ҷавҳар ва араз сурат мегирад ва ӯ панҷ намуди ҷавҳарро номбар мекунад, ки онҳо модда, сурат, ҷисм, нафс ва ақл мебошанд.

Ҷисм чизест, ки дар он метавон се андозаро фарз намуд ва ин андозаҳо аз

сурати ҷисмия фарқ мекунанд. Сурати ҷисмия ҳамеша бар худ устувор буда, дорои ҳеҷ гуна зиддият намебошад ва он бо ҳама гуна макон муносибати якхела дорад. Ҳар як ҷисм иборат аст аз модда ва ё имкон ва сурат ва ё воқеият. Барои исботи аз модда ва сурат иборат будани ҳар як ҷисм Ибни Сино ду далел: пайвастагӣ ва гусастагӣ ва ҳамчунин қувваю феълро меоварад.

Модда як ҷавҳари ниҳоят пассив дар байни дигар ҷавҳарҳо мебошад, ки иборат аз қувваи маҳз бо истеъдод аст. Вуҷуди модда бидуни сурат ғайриимкон аст ва ҳамаи кӯшишҳои тасаввури як модда бидуни сурат бенатиҷа ба анҷом мерасад. Модда ва сурат ҳамчун қисматҳои асосии ҷисм баробарвазн нестанд ва байни онҳо муносибати сабаб ва натиҷа вуҷуд дорад. Чун модда танҳо қувва аст, наметавонад, ки сабаби чизи дигар гардад. Модда воқеияти худро танҳо тавассути сурат касб менамояд, вале вуҷуди сурат дар худии худ воқеият аст. Аз ин рӯ, сурат ҳамчун сабаби модда шинохта мешавад.

Дарки метафизикии ҳастӣ ва ҳамчунин садоқат ба ҳастие, ки дар муносибат бо зеҳн дорои асолат мебошад, ба Ибни Сино имкон надодаанд, ки ба модда ва ҳамчунин ба қувва ҳамчун омилҳои фаъол ва таъсиррасон муносибат намояд. Бо вуҷуди он ки дар баъзе ҷойҳои фалсафаи метафизикии Ибни Сино унсурҳои камранге аз таҳаввул ва инкишоф ба назар мерасанд, аммо онҳо бисёр ночиз мебошанд ва бахусус дар муносибат бо мафҳуми модда чунин нақши таъсиргузор ва пешбаранда ба назар намерасад.

Ҷавҳар танҳо як қисмати ҳастист ва қисмати дигари онро араз ташкил медиҳад. Дар бахши минбаъда мо кӯшиш мекунем, ки мафҳуми араз дар фалсафаи Синоро таҳлил намоем.

Б. Араз ва навъҳои аразӣ. Асос қарор гирифтани илмҳои дақиқ ҳангоми асоснокқунии ҳастии аразҳо. Нахустин маротиба масъалаи араз ва он ҳам дар муносибат бо ҷавҳар дар фалсафаи Арасту матраҳ гардидааст. Араз барои Арасту бо як амри тасодуфӣ ва дуюмдараҷа шабоҳат дорад. Азбаски он тасодуфӣ, ғайрибунёдӣ ва пойдор нест ҳеҷгуна дониши назарӣ ва ё амалӣ ба он машғул намегардад, ҳамагуна дониш танҳо оид ба чизҳои пойдор мебошад [16, с. 200]. Арасту дар муносибат ба ҷавҳар баръакси инро таъкид намуда буд, ба ақидаи ӯ

илми фалсафа ин илм дар мавриди ҳастӣ аст ва ҳадаф аз ҳастӣ ин ҳамон ҷавҳар мебошад [16, с. 208]. Араз бештар танҳо ба як сухан монанд аст, на бештар аз он ва Арасту назари Афлотун дар мавриди суфастоиҳоро ҳамчун далел меоварад, ки онҳо бештар ба чизҳои дуюмдараҷа машғул мегарданд ва на асосӣ [16, с. 199]. Дорои ранги сафед будан барои инсон як амри аразист, аммо дорои равон будан барои ӯ як амри ҷавҳарӣ аст ва ё боре ба табобат машғул шудани меъмор як амри аразист, зеро табобат кори як пизишк мебошад, инҳо аз мисолҳое мебошанд, ки Арасту барои маънидод кардани ҳақиқати араз истифода кардааст [16, с. 199].

Мо ҳангоми тафсири масъалаи ҷавҳар, дар оғози баҳс аллакай масъалаи аразро ҳамчун ҳастӣ шарҳ дода будем. Дар идома масъалаи мазкурро дар новобастагӣ мавриди баҳс қарор медиҳем. Бояд тазаккур дод, ки мисли мафҳумҳои асосии дигари метафизика, Ибни Сино барои мушаххас гардонидани мафҳуми араз вақти зиёдеро сарф намекунад, балки бештар барои ошкор сохтани хосиятҳои бунёдии онҳо масъалагузорӣ менамояд.

Дар муқоиса бо ҷавҳар араз танҳо дар мавзуъ вуҷуд дорад ва ба табиати ашёҳо дохил намешавад. Ибни Сино ин масъаларо дар “Шифо” ва “Наҷот” муфассал матраҳ мегардонад ва дар “Донишнома” мо як низомсозӣ ва тақсимбандии равшанеро дар мавриди аразҳо мушоҳида менамоем. Маҳз чунин тақсимбандии низомманд ба мо имкон медиҳад, ки тамоми масъалаи аразро дар як чаҳорчӯбаи муайян мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем. Дар аввалин тақсимбандӣ Ибни Сино масъалаи аразро ба ду гурӯҳ тақсим менамояд ва дар қадами минбаъда ин гурӯҳҳоро боз ба зергурӯҳҳо тақсимбандӣ мекунад. Навъҳои асосии араз дар тақсимоти Ибни Сино чунинанд:

I.Аразҳое, ки барои ифода ва ё дорои сурат гардидани худ ба ғайр аз ҷавҳар ва ё мавзуи худ ба чизи дигари беруна ниёз надоранд. Барои тасаввури чунин навъи аразҳо мо ба ғайр аз алоқамандии онҳо бо ҷавҳари онҳо, ба чизи дигаре, ки дар шаклгирии он нақше бозад, ниёз надорем.

Дар асоси робитаи аразҳо бо ҷавҳарҳои худ онҳо боз ба ду зергурӯҳи аразҳо тақсим карда мешаванд:

I.1. Маҳз тавассути ҳамин аразҳо ҷавҳар дорои миқдор, тақсимпазирӣ ва ё

каммию зиёдӣ мегардад, ки онро чандӣ ва ё каммият меноманд. Мисоли ин намуди аразҳо *адад, дарозӣ, паҳноӣ, умқ ва замон* мебошанд. Аразҳои ифодакунандаи каммият дар навбати худ ба ду гурӯҳ тақсим карда мешаванд: яке арази пайваста ва ё муттасил ва дигаре арази мунфасил ва ё гусаста.

Дар ин ҷо беҳтар мебуд, агар мо назари Арасту дар ҳамин мавридро матраҳ гардонем, зеро Ибни Сино каммиятро ба каммияти пайваста ва гусаста ҷудо менамояд, ки он идомаи баҳси Арасту дар ин маврид мебошад. Арасту каммиятро ҳамчун тақсимпазири ба аҷзои алоҳида медонад, ки дар навбати худ он ба ду навъ тақсим мешавад: агар чиз ба ҷузъҳои гусаста беохир тақсим карда шавад, онро шумора меноманд, аммо агар чиз ба ҷузъҳои пайваста тақсимпазир бошад, онро бузургӣ меноманд [16, с. 159]. Дар идома Арасту бузургиҳоро чунин возеҳ месозад, ки агар бузургӣ танҳо аз як тараф пайваста бошад, онро дарозо, агар аз ду тараф пайваста бошад, онро паҳно ва агар аз се тараф пайваста бошад, онро жарфо меноманд. Ҳамчунин агар онҳо маҳдуд гардонида шаванд ва ё дорои миқдор гарданд, дорои чунин шароит мегарданд: шумораи маҳдудшуда адад, дарозии маҳдудшуда хат, паҳноии маҳдудшуда сатҳ ва жарфои маҳдудшуда ҷисм мебошанд [16, с.159]. Инъикоси назари Арасту дар фалсафаи Синоро ҳангоми таҳлили алоҳидаи масъалаи мазкур бештар мушоҳида менамоем.

I.2. Навъҳои дигари аразҳо танҳо ягон ҳолати ҷавҳарро ифода менамоянд ва онҳо ҳамчун кайфият ва ё чигунагӣ маълуманд. Намунаҳои ин намуди аразҳо иборатанд аз: дурустӣ, беморӣ, сустӣ ва ё заифӣ, гармӣ, сардӣ ва мисли инҳо.

II. Аразҳое, ки барои ифодаи онҳо фақат тасаввури ҷавҳар кифоя намебошанд ва ба ғайр аз ҷавҳар чизи дигаре низ зарур аст, то мо онҳоро тасаввур карда тавонем. Ибни Сино дар ин маврид изофатро дар назар дорад.

Дар идома мо кӯшиш менамоем, ки ин навъҳои аразҳоро муфассал мавриди таҳлил қарор диҳем.

а) Миқдори пайваста ва ё муттасил. Дар оғоз бояд зикр намоем, ки ҳадаф аз баҳсе, ки дар поён матраҳ мегардад, ба миён гузоштани як баҳси математикӣ ва ё физикӣ нест, балки тавассути матраҳ сохтани мафҳумҳо ва воқеиятҳое, ки хосси илмҳои зикргардида мебошанд, ошкор сохтани ҳақиқати араз мебошад.

Яке аз хосиятҳои фалсафаи метафизикии Ибни Сино он аст, ки ӯ барои исботи ақидаҳои худ на аз адабиёти динӣ ва ё сарчашмаи дигар, балки аз илмҳои дақиқ мисол меовард ва дар мавриди баёни араз низ аз ҳамин равиш истифода бурдааст. Бинобар ин бояд дар назар дошт, ки дар бунёди баҳси мазкур ҳамоно масъалаи араз аст, на матраҳсозии масоили математикӣ.

Дар бахши қаблӣ мо аллакай зикр намудем, ки ба аразҳо се андоза тааллуқ дорад: дарозӣ, бар, баландӣ. Аммо чизи муҳим дар ин ҷо он аст, ки танҳо ҷисми дорои каммият ҷисми дорои миқдор мебошад. Дар доираи баҳси каммият бояд қабул намуд, ки ҷисм бо каммият аз ҷисми дорои се андоза фарқ менамояд. Ҷисм ҳамчун каммият аз дигар ҷисмҳо фарқ мекунад, аммо ҷисми дорои се андоза аз дигар ҷисмҳо фарқ намекунад. Хусусияти асосии каммияти пайваста он аст, ки қисматҳои он бо ҳамдигар дар алоқамандӣ қарор доранд ва онҳо дорои сарҳади умумӣ ҳастанд.

Ҳамин тавр, ба ғайр аз адад ва ё шумор, ки ба каммияти гусаста дохил мешавад, ҳамаи чаҳор андозаи дигар аз қабили дарозӣ, паҳноӣ, ситабрӣ (умқ) ва замон [16, с. 160] ба аразҳои пайваста дохил мешаванд. Хат, ки ҳамон воқеияти дарозӣ мебошад, аввалин каммияти пайваста аст ва дорои танҳо як андоза: дарозист; сатҳ, ки воқеияти паҳноӣ аст, каммияти пайвастаи дувум аст, ки он дорои ду андоза мебошад: дарозӣ ва паҳноӣ; ситабро ва ё умқ каммияти савум аст, ки ба чашм диданашаванда мебошад ва танҳо замоне, ки ҷисмро мебурем, он намоён мегардад.

Ҷисм бо се андоза (дарозӣ, бар ва баландӣ) аз ҷисми дорои хатту сатҳ фарқ мекунад. Дар нисбати дарозӣ, паҳноӣ ва умқ як ҷисм аз ҷисми дигар фарқ намекунад, аммо дар сурати доштани хатту сатҳ ҷисмҳо аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Масалан, паҳноӣ бо ду андозаи худ аз паҳноии дигар фарқ намекунад, зеро паҳноии дигарӣ низ дорои ду андоза аст. Аммо паҳноӣ ҳамчун сатҳ бо сатҳҳои дигар баробар нест. Дар ин ҷо Ибни Сино дар қадами аввал ҷисмро дар маънии ҷинсии он дар назар дорад, яъне мо метавонем ҳар чизеро, ки дорои се андоза аст, ҳамчун ҷисм ваҳм намоем ва дар ин ҷо ҳанӯз ҷисми навъӣ ва ё ҷисми воқеӣ ба назар дошта нашудааст. Чун ҷисми воқеӣ ва ё навъӣ дар назар

гирифта шавад, он гоҳ фарқияти онҳо ба назар мерасад.Ҷисм ҳамон вақт дорои навъи махсус мегардад, ки дорои миқдор гардад. Ба ақидаи Ибни Сино вуҷуд худ дар модда миқдор аст ва танҳо дар ваҳм ва ё хаёл метавонем миқдорро аз модда ҷудо намоем, аммо ҳатто дар ваҳм низ мо миқдорро аз сурат, ки табиати модда мебошад, ҷудо карда наметавонем [16, с. 59].

Сатҳ сарҳади ҷисм, хат сарҳади сатҳ ва нуқта ин сарҳади хат мебошад. Аммо худи нуқта дорои сарҳад намебошад. Дар ваҳм агар як нуқта дар худ биҷунбад, хат ба вуҷуд меояд ва агар хат ба тарафи муқобил ба ҳаракат ояд, сатҳ ба вуҷуд меояд ва агар сатҳ дар муқобили ҳарду ҷиҳат ҳаракат намояд, умқ ба вуҷуд меояд: “Ҳар гоҳ ки ваҳм кунем, ки нуқта биҷунбад дар ҷойгоҳе, аз ҷунбиши он хат ояд андар ваҳм. Ва ҳар гоҳ ки ваҳм кунем, ки хат ба хилофи он ҷиҳат биҷунбад, ҷунбиши вай бар сатҳ ояд. Ва агар сатҳ ба хилофи ҳар ду ҷиҳат биҷунбад, ҷунбиши вай андар ситабро ва умқ ояд. Ва мапиндор, ки ин суханест ба ҳақиқат, валекин ба масал аст”[2, с. 230].

Ҳадафи Ибни Сино аз ин баррасӣ таъкиди ин маънист, ки хат ва ё сатҳ араз аст, зеро вуҷуди хат ва ё вуҷуди сатҳ аз вуҷуди ҷисм вобаста мебошад. Вуҷуди миқдор дар ҷисм аз худи он бармеояд, аммо омили мавҷудияти сатҳ он аст, ки миқдор дар ҷисм дорои маҳдудият мебошад. Ҳамчунин омили мавҷудияти хат низ тақсимпазирии сатҳ ва тасаввури он мебошад [6, с. 86]. Ибни Сино чунин ақида дорад, ки сатҳро дар новобастагӣ аз ҷисм тасаввур кардан ғайримумкин аст. Зеро сатҳ чизе нест, ки дорои ду сарҳад бошад, балки худ сарҳад аст. Масалан, агар як ҷисм беохир бошад, он гоҳ сатҳ низ вуҷуд надорад ва баръакс, агар як нуқта дар худии худ ҳаракат намояд, он ниёз ба макон дорад ва ин худ маънии мавҷудияти ҷисмро дорад.

Ибни Сино аз ин баҳс чунин натиҷагирӣ менамояд, ки ҷисм дар худии худ вуҷуд дорад ва танҳо ба шарофати ҷисм аст, ки дарозӣ, сатҳ ва ё нуқта вуҷуд доранд. Ба ин хотир ҷисм ҷавҳар аст ва андозаҳои он, аз қабили дарозӣ, паҳноӣ ва ё умқ, каммиятҳои пайваста ва ё аразанд.

Дар таҳлили Ибни Сино замон низ ба каммияти пайваста дохил мешавад ва бидуни пайвастагӣ замон танҳо бо фосила қобили муқоиса мебошад, ки дар

ин сурат он ғайриқобили таҳқиқ аст [6, с. 89]. Танҳо тавассути пайвастагист, ки замон қобили таҳқиқ ва моҳияти он қобили муайяннамоӣ мебошад. Новобаста аз он, ки замон низ ба қатори каммиятҳои пайваста дохил мешавад, байни он ва се каммияти дар боло зикргардида фарқият низ вуҷуд дорад.

Ба қавли Ибни Сино каммиятҳои пайваста ё вуҷуди пайваста ҳастанд, ки ҳастии онҳо натиҷаи ҳосили ҷамъи ҷузъҳои онҳо мебошад ва ё хилофи он [6, с. 87]. Ба навъи аввал миқдор дохил мешавад, ки дорои се андоза аст ва ба навъи дувум замон дохил мешавад, ки вуҷуди он навшаванда аст ва ҳамеша яке пас аз дигаре меояд, ба дигар ибора, замон ҳаракати миқдор аст, зеро миқдор низ ба ҷисм ориз гардидааст [2, с. 229]. Бахши дувуми каммиятро каммияти гусаста ташкил медиҳад, ки дар он қисматҳо аз ҳамдигар гусаста ва ё ҷудо мебошанд.

б) Миқдори гусаста ва ё мунфасил

Дар муқоиса бо каммияти муттасила, ки қисматҳои он ба ҳамдигар пайваст ҳастанд ва дорои як ҳадди умумӣ мебошанд, қисматҳои каммияти мунфасила аз ҳамдигар ҷудоянд ва онҳо дорои ҳадди умумӣ нестанд. Ибни Сино фарқияти ин ду намуди каммиятҳоро чунин шарҳ медиҳад: “Ва аммо шумор каммияти мунфасил аст, зеро ки аҷзои вай яке аз дигар ҷудо ояд. Ва ду ҷузви эшонро, ки ҳамсоя буванд, чунонки дуввум ва савумро андар миён чизе нест, ки инро ба он пайвандад,чунонки ба миёни ду хатпора, ки ҳамсоя буванд, “нуқтае” ба ваҳм ва миёни ду сатҳ “хатте” ва миёни ду ҷисмпора “сатҳе” ва миёни ду пораи замон “акнун” ки ба тозиаш “он” хонанд” [2, с, 230].

Аммо дар миёни ададҳо, ки андозаи каммияти мунфасила ҳастанд, қисмати дигаре вуҷуд надорад. Ба ақидаи Ибни Сино масъалаи ададҳо бо масъалаи ваҳдат (ягонагӣ) пайвастагӣ дорад. Ваҳдат сарчашма ва сабаби ҳамаи ашё мебошад ва адад аввалин чизест, ки аз воҳид ҳосил мешавад [6, с. 71]. Ин ҷо бояд зикр намуд, ки ваҳдат на танҳо сабаби ба вуҷуд омадани адад аст, балки сабаби ба вуҷуд омадани аразҳои муттасиларо низ Ибни Сино дар ваҳдат мебинад. Ҳама чиз дар худ дорои ваҳдат аст ва маҳз ба воситаи ваҳдати худ чиз дорои вуҷуд аст ва ин ваҳдат аз моҳияти он чиз фарқ мекунад.

Адад араз мебошад ва барои дорои сурат гардидани моҳият ҳеҷ нақшеро

намебозад. Нахуст инсон, об ва чизҳое мисли ин вуҷуд доранд ва пас аз он мафҳумҳое чун як инсон ва ё як об. Аз ин рӯ, “инсоният” ва ё “обият” ба моҳияти ашё тааллуқ доранд ва “якӣ” бошад араз мебошад: “ Ва гӯем ки шумор араз аст, зеро ки шумор аз ягонагӣ аст ва он ягонагӣ, ки андар чизҳост, араз аст, чунон ки гӯӣ якиӣ мардум ва якии об “мардумӣ” ва “обӣ” дигар аст ва “якӣ” дигар. “Якӣ” васф аст, мар мардумиро ва обиро берун аз ҳақиқат ва моҳияти вай ва аз ин қибалро яке об ду шавад ва ду об яке шавад, чунон ки донистаӣ. Ва аммо яке мардум нашояд, ки душавад, зеро ки ин араз ӯро лозим аст. Пас, “якӣ” маънӣ аст, андар мавзуе ба худ чизе шуда ва ҳар чӣ чунин бувад, араз бувад. Пас, “якӣ” аразе аст” [2, с. 230]. Вабаста ба мавзуъ ва ё ҷавҳари худ баъзе чизҳо дар ҳастии худ комил ва тақсимнашавандаанд ва баъзеи дигар на. Ин маъниро мо дар тафсири Ибни Сино аз дигар ҷониб низ метавонем дунболагирӣ намоем. Араз будани “якӣ” ҳамчун адад ба ду гурӯҳ тақсим мешавад. Якум, як ҳамчун адад, ки вобаста ба табиати он бисёрӣ зуҳур намекунад, ки мисоли он ҳамон Инсон аст; дувум, як ҳамчун адад, ки табиатан дорои бисёрӣ мебошад, масалан об ва ё хатти рост. Баъзан як об ба обҳои фаровон ва ё як хати рост ба хатҳои рости зиёд тақсим мегардад, аммо як инсонро ба инсонҳои зиёд тақсим намудан ғайриимкон аст. Ибни Сино ба ин масъала чунин равшанӣ меандозад, ки новобаста аз он ки инсонро аз ҷиҳати табиати он тақсим намудан ғайриимкон аст, аз дигар ҷиҳат чунин тақсим имконпазир мебошад. Масалан, инсонро метавон ба ҷисм ва нафс тақсим намуд. Аммо новобаста аз он ки ҳамаи қисматҳои обро об меноманд, ҷисм дар алоҳидагӣ ва ё нафс дар алоҳидагиро наметавон инсон номид. Дар як вақт Ибни Сино худи табиати якиро ҳамчун рақам бозкушоӣ менамояд, яъне якӣ дар адад, ки дорои бисёрӣ (касрат) нест низ қобили таъриф мебошад: новобаста аз он ки чунин навъи якӣ қобили тақсим намебошад ё дорои табиат мебошад ва ё дорои табиат намебошад. Агар он дорои табиат бошад, он гоҳ қобили ишора мебошад ва он нуқта мебошад, аммо агар ин табиат қобили ишора набошад, он гоҳ он ақл ва ё нафс мебошад. Дар ҳолати дувум, яъне агар вуҷуди ғайриқобили тақсим дорои табиат набошад, он гоҳ он худи якӣ мебошад, ки он дар худи зеҳн низ тақсимнопазир мебошад [6, с. 75].

Дар идомаи баҳси худ Ибни Сино ҳолати дигар гурӯҳҳоро, ки вобаста ба табиаташон берун аз якӣ ҳамчун адад ва якӣ ҳамчун натиҷаи пайвастагиҳо дорои бисёрӣ мебошад, дар мисоли об ба миён мегузорад. Ба ақидаи ӯ сабаби тақсимгардии об на моҳияти он, балки сабабест, ки бо об дар алоқамандӣ қарор дорад ва ин миқдор мебошад: “Ва бояд ба қисмате баргардем, ки табиаташ илова бар ваҳдат дар адад ва ваҳдат дар натиҷае иттисоли дорои касрат аст. Касрати об ё дар табиате аст, ки худи ин табиат ва ваҳдат омодаи касрат аст ва ин ҳамон миқдор аст. Ё дар табиате аст, ки дорои ваҳдате аст, ки онро ба иллати ғайр аз худи табиат, омодаи касрат месозад ва ин ҳамон ҷисми басит, масалан об аст. Зеро ин об воҳид дар адад аст ва истеъдоди инро дорад, ки обҳои касире бишавад на ба хотири об будан, балки ба хотири мақорин шудани иллате, ки ҳамон миқдор аст” [6, с. 75].

Яке аз фарқиятҳои бунёдии байни об ва инсон ҳамчун ду мисол дар мавриди якӣ дар адад табиати мавзуъҳои онҳо мебошад. Якӣ дар адад дорои ду навъ аст, баъзеи он дар мавзуи худ дорои якӣ мебошад ва баъзеи дигар дорои чунин якӣ намебошад. Бисёрии обҳо дорои як якии муносиб ва як дар мавзуашон мебошанд. Табиати мавзуи об тавассути муттаҳидшавии якҳои ададӣ дорои воқеият мегардад. Аммо инсон дорои чунин табиати мавзуъ нест. Ҳар инсони алоҳида дар худ дорои мавзуи ягона мебошад, аммо ҳосили ҷамъи ҳамаи инсонҳо мавзуи ягонаро ба вуҷуд намеоварад: “Вале афроди инсонҳо чунин нестанд. Зеро шоъни иддае аз афроди инсонӣ ин нест, ки мутаҳид шуда ва мавзӯи воҳиде бошанд. Балки ҳар як аз инсонҳо мавзуи воҳиде ҳастанд, валекин маҷмуи касири инсонҳо мавзуи воҳидеро ба вуҷуд намеоваранд, ва вазъияти афроди инсонҳо ҳамонанди ҳар қитъае аз об нест, зеро обҳои мутааддид, фи нафса, дар мавзуи худ ваҳдат доранд” [6, с. 76].

Ибни Сино дар ҳамин замина боз як хусусияти дигари якӣ ҳамчун ададро ошкор месозад: баъзе якиҳо дар адад комил ва дар камоли худ онҳо як ва ё воҳид ҳастанд. Ва баъзеи дигар дар нокомилии худ воҳид ва ё ягона мебошанд, масалан, як доира ва ё як инсон воҳиди том ҳастанд, аммо баъзе чизҳои дигар дар худии худ комил нестанд, масалан, хатти рост ва ё об [6, с. 76].

Воҳид, ки ба ақидаи Ибни Сино сабаби ҳамаи ашё аст ва ба ҳамаи ашё ориз мегардад, дар дорои шакл гардидани моҳияти он ашё ҳеҷ нақше намебозад, аз ин ҷиҳат он араз мебошад ва адад, ки аз воҳид ба вуҷуд меояд низ араз мебошад. Азбаски дар байни ададҳои гуногун як сарҳади умумӣ вуҷуд надорад ва дар байни онҳо низ воситаи пайвасткунанда вуҷуд надорад, адад ба намуди дувуми каммият, яъне каммияти мунфасила, тааллуқ дорад.

в) Сифат. Қисмати дигари аразҳо, ки ба гурӯҳи аввал дохил мешавад, кайфият мебошад. Кайфият низ ҳамчун араз бидуни мавзуъ ва ба худии худ вуҷуд дошта наметавонад. Ҳамаи кӯшишҳое, ки ба хотири ҷавҳар нишон додани кайфият сурат мегиранд, бо маҳакҳое, ки барои ҷавҳар асосӣ ҳастанд, дар зиддият қарор мегиранд. Ибни Сино дар ин маврид шарҳи худро дар заминаи таҳлили муқоисавии байни ҷавҳар ва кайфият ҳамчун имкони ҷавҳар оғоз менамояд, ки мо ин методро ҳангоми баҳси кайфият дар фалсафаи метафизикии Ибни Сино ба хубӣ мушоҳида менамоем.

Агар баҳси каммият дар фалсафаи Ибни Сино бо назари Арасту пайванди амиқ дошта бошад, дар мавриди кайфият чунин наздикии амиқ чандон назаррас намебошад. Агар мо назари Арасту дар мавриди кайфиятро дар шакли фишурда матраҳ намоем, пас он дорои ду гуна мебошад: якум, кайфият ҳамчун ихтилофи ҷавҳар ва ё фаслҳои ҷавҳар дониста мешавад. Масалан, инсон ҳамчун “дупо” ва ё асб ҳамчун “чаҳорпо”, ки ҳамчун навъҳои ҳайвон дониста мешаванд, аз диди Арасту, аз кайфиятҳои ҳайвон дониста мешаванд. Ё худ доира кайфияте аз шакли геометрӣ дониста мешавад [16, с. 161]. Дар ин маврид кайфият мафҳуми амиқтар нисбат ба мафҳуми сифатро доро мебошад, зеро он на идроки ҳиссӣ, балки бештар идроки ақлониро талаб менамояд. Дар мавриди дигар бошад Арасту зери мафҳуми кайфият инфиъолоти ҷавҳарҳои ҳаракаткунандаро дар назар дорад, аз қабили гармо ва сармо, сиёҳӣ ва сафедӣ, сангинӣ ва сабукӣ ва мисли инҳо. Фазилат ва разилат ва ё неку бад низ бахше аз ин гуна кайфиятҳо мебошанд. Аммо неку бад кайфиятҳое ҳастанд, ки танҳо назди мавҷудоти равондор ва бештар аз ҳама назди мавҷудоте ки дорои ихтиёр ва интихобкунӣ ҳастанд, қобили дарк мебошанд [16, с. 161].

Ибни Сино баҳси кайфиятро асосан дар сатҳи абстрактӣ нигаҳ медорад ва ба он масъалаҳое машғул мегардад, ки дар замони ӯ дар байни донишмандони исломӣ, бахусус мутакаллимон роиҷ буд. Ба хотири хубтар шинохтани назари Ибни Сино дар мавриди кайфият мо онро ба ду бахш тақсим менамоем:

1. Сифатҳои ҳисшаванда. Дар оғози баҳси кайфият Ибни Сино нахуст ақидаҳои зиёдеро, ки бо ҳам дар зиддият ҳастанд ва бидуни зикри номи муаллифонашон матраҳ мегардонад. Аммо ба хубӣ метавон ҳадс зад, ки ӯ асосан мутакаллимонро дар назар дорад. Ҳадафи ӯ аз кайфиятҳои ҳисшаванда пеш аз ҳама, рангҳо, масалан, сафед, сиёҳ ва ё ҳарорат, масалан, гармӣ, ё хунукист. Дар боло мо нишон додем, ки сафедӣ ва сиёҳӣ ва ё гармӣ ва хунукиро Арасту ҳамчун "*инфиъолоти қавҳарҳои мутаҳаррик*" шинохта буд. Аммо аз ҷониби мутакаллимон кӯшишҳое барои қавҳар нишон додани ин инфиъолот сурат гирифтааст. Нахуст Ибни Сино ҷонибдорони он ақидаеро, ки кӯшиш менамуданд кайфиятро ҳамчун қавҳар исбот намоянд, танқид менамояд ва пасон ақидаи худро, ки кайфиятро ҳамчун араз мешиносад, исбот менамояд. Дар ин ҷо мо ду далели асосии Синоро, ки кайфиятро ҳамчун араз исбот менамоянд, матраҳ мегардонем. Бояд зикр намуд, ки Ибни Сино равиши исботи ғайримустақимро пеш мегирад ва тавассути исботи дурӯғ будани антитезис, исбот менамояд, ки тезис ҳақ мебошад.

а) Фарз кардани сифат ҳамчун қавҳар. Далеловарии Ибни Сино дар шакли як фарз сурат мегирад: "Агар ранг, масалан сафед, қавҳар бошад, он гоҳ он ё қавҳари қисмонӣ мебошад ва ё қавҳари ғайриқисмонӣ." Дар муносибат ба хусусиёти қавҳари қисмонӣ Ибни Сино ба натиҷа мерасад, ки сафед араз аст. Ба ақидаи ӯ, фарзи он ки аз ҳосили қамъи қавҳарҳои ғайриқисмонӣ як қисми алоҳида ба вуқуд меояд, ғайриимкон аст. Зеро қавҳари ғайриқисмонӣ як чизи орӣ аз миқдор аст ва аз чизе, ки дорои миқдор нест, ба вуқуд омадани чизе, ки дорои миқдор бошад, ғайримумкин аст. Сафед метавонад ё танҳо дар як қисм вуқуд дошта бошад ва ё аз як қисм ба қисми дигар гузарад. Агар сафедӣ танҳо дар қисм вуқуд дошта бошад, он гоҳ он мавзуъ мебошад, аммо агар мо вуқуди сафедиро бидуни қисм фарз кунем, он гоҳ сафедии ин қисм ё бояд ба қисми дигар гузарад

ва ё то ба ҷисми дигар мунтақил ёфтан дар худии худ пойбарҷо бошад, ки ғайримумкин мебошад [6, с. 101]. Кайфиятҳои ғайриҷисмонӣ метавонанд худро танҳо дар омехтагӣ бо ҷисм шакл диҳанд, ки дар ин сурат онҳо ҷавҳар нестанд, балки араз мебошанд.

Агар кайфиятҳои ҳисшаванда, барои мисол сафедӣ, ҳамчун ҷавҳари ҷисмонӣ фарз шаванд, он гоҳ се андозаи хосси ҷисм, яъне дарозӣ, паҳноӣ ва умқ маънии “ин ранг аст”, ро надоранд, зеро сафедӣ метавонад аз байн равад, аммо ин се андоза метавонанд боқӣ монанд [3, с. 229].

Агар сафедӣ худро аз андозаҳои ҷисмонӣ ҷудо намояд, он гоҳ ё сафедӣ дорои дигар андозаҳо мебошад ва ё он ҳеҷ гуна ҷавҳари ҷисмонӣ набуда, балки фақат араз мебошад. Агар сафедӣ дорои миқдор бошад, он гоҳ он дорои ду вуҷуд мебошад: миқдори худи ӯ ва миқдори ҷисмонии он ва агар сафедӣ дар ҷисм бошад, бояд андозаҳои ҷисмонӣ худро дигаргуна гардонанд, ки ин боз ҳам номумкин мебошад [3, с. 103]. Натиҷаи ниҳоии ин фарзҳо бо он меанҷомад, ки ҷавҳар донистани кайфият ғайриимкон аст.

б) *Фарз кардани сифат дар худии худ***.** Яке аз мисолҳои дигари Ибни Сино фарз кардани кайфияти ҳисшаванда дар алоҳидагӣ ва ё дар худии худ, яъне дар новобастагӣ аз ҷисм аст. Имкони фарзи сафедии ҷудо аз ҷисм, ки новобаста аз ҷисм, ки мавзуи он аст, низ вуҷуд дорад. Дар ин сурат ё ин сафедӣ ғайриқобили тақсим ва ғайриқобили ишора аст ва ё онро метавон тақсим ва (ба он) ишора намуд. Ба ибораи дигар ин сафедӣ ё дорои ҳеҷгуна миқдор ва ҳолат нест ва ё баръакс, ҳам дорои миқдор аст, ҳам дорои ҳолат. Агар сафедии мустақил фарзшуда ғайриқобили тақсим ва ғайриқобили ишора ва ҳамчунин бидуни миқдор ва ҳолат бошад, он гоҳ он сафедӣ нест ва эҳсос онро дарк карда наметавонад. Аммо дар сурати дувум, яъне агар сафедии алоҳида ва дар худии худ вуҷуддошта қобили тақсим бошад, он гоҳ он аллакай ҷисм мебошад. Маънии сафедӣ ва сиёҳӣ аз ҳамдигар тавассути маънии ҷисмия фарқ мекунанд. Ҷисм бо рангҳо дорои муносибати якхела аст ва аз ин ҷиҳат на сафедию сиёҳӣ, балки худи ҷисм тақсимшаванда аст. Дар ин ҷо танҳо як натиҷа бармеояд, ки сафедӣ дорои андозаҳои худ нест ва дар худии худ низ вуҷуд дошта наметавонад. Он танҳо дар

ҷисм вуҷуд дошта метавонад ва аз ин ҷиҳат он араз ва кайфияти ҳисшаванда аст.

*2. Шаклҳо ва ё фигураҳои ҳандасӣ***.** Навъи дигари кайфиятҳо кайфиятҳое ҳастанд, ки дар миқдор ва ё дар каммиятҳои пайваста қарор доранд. Исботи он кайфиятҳое, ки дар миқдор мебошанд ниҳоят осон аст. Дар яке аз баҳсҳои боло дар мавриди модда мо мисоли Синоро, ки аз мум фигураҳои ҳандасӣ сохта мешуданд, оварда будем. Ибни Сино дар ин муносибат ҳамон мисолро бори дигар меоварад, яъне мо метавонем аз мум фигураҳои зиёдеро бисозем ва онҳоро дигарбора ба шакли дигар дароварем. Ҳангоми иҷрои ин амал танҳо миқдор ва фигураҳо тағйир меёбанд, зеро онҳо аразанд. Ҳамзамон боз ҷисме низ вуҷуд дорад, ки шакли худро тарк намекунад ва мисоли ин осмон мебошад ва Ибни Сино ин сурати осмонро барои осмон ҳамчун *арази лозим* қаламдод менамояд.

Аммо саволи ҷолибе, ки Ибни Сино дар ин муносибат матраҳ мегардонад ин аст, ки оё ин фигураҳои ҳандасӣ ва ё кайфиятҳои воқеъ дар каммиятҳо дар воқеият вуҷуд доранд ва ё на. Ба ақидаи Ибни Сино, риёзидон ва ё ҳандасадон вуҷуди дигар фигураҳоро дар муносибат бо вуҷуди фигураи доира исбот менамояд. Тамоили умумии Ибни Сино низ ба ҳамин ақида равон гардидааст. Мо ба мавҷудияти ин фигураҳо дар воқеият танҳо ҳамон вақт бовар карда метавонем, ки агар мавҷудияти доираро, ки ҳамчун модари ҳамаи фигураҳои дигар мебошад, исбот карда тавонем. Ибни Сино модари дигар фигураҳои геометрӣ будани доираро чунин исбот менамояд, масалан, мавҷудияти як курра замоне имкон дорад, ки агар як доира дар дохили доираи дигар чарх занад. Ҳамчунин вуҷуди силиндр ҳамон вақт имкон дорад, ки агар як доираро ончунон ҳаракат диҳӣ, ки маркази он бо хатти рост ҳамроҳ бошад ва оғози ин хат низ ба тариқи вертикалӣ аз маркази доира гузарад: “Ва аммо сиҳҳати вуҷуди кура вақтест, ки доирае дар даруни доираи дигаре бичархад; ва сиҳҳати вуҷуди устувона вақтест, ки доираеро тавре ҳаракат диҳӣ, ки маркази он мулозим бо хати мустақиме бошад, ки оғози ин хат ҳам ба таври умумӣ аз маркази доира бошад” [6, с. 109].

Ҳамчунин фигураҳои дигар низ фақат дар муносибат бо доира дорои шакли муайяни худ мегарданд. Бино бар ин, нахуст бояд вуҷуди доира исбот

гардад ва дар ин сурат дар мавриди мавҷудияти дигар фигураҳо дигар шубҳа боқӣ наемонад. Дар ҳамин асос Ибни Сино исбот менамояд, ки доира вуҷуд дорад ва барои ин якчанд далел меоварад ва яке аз чунин далелҳоро мо ин ҷо меоварем. Дар илми табииёт ин андеша маълум аст, ки ҷисми басит ва ё ҷисми сода вуҷуд дорад. Ҳамчун ҷисми сода онҳо ё дорои шакли муайян ҳастанд ва ё дорои шакли муайяне нестанд. Агар онҳо дорои шакли муайян набошанд, пас беохиранд, аммо агар онҳо беохир набошанд, пас дорои шакли муайян ҳастанд. Агар ин ҷисм, яъне ҷисми сода, дорои ҷавҳари ҳамвор ва табиати ҳамвор бошад, он гоҳ нобаробарӣ ва ё ноҳамворие аз он сар намезанад. Ба дигар ибора, ин ҷисм дорои ҳеҷ гуна кунҷ ва ё хатте нест ва дар ин сурат ин ҷисм дорои сурати кура аст. Агар ин ҷисм аз байн бурида шавад, он гоҳ шакле намудор мегардад, ки дорои шакли доира мебошад: “Ва агар вуҷуди доира сиҳат дошта бошад, вуҷуди ашколи ҳандасӣ ҳам сиҳат хоҳад дошт. ... Ба унвони дувумин далел бар исботи доира мегӯем: дар табиат вуҷуди доира ба наҳве исбот шудааст. Зеро барои мо собит аст, ки ҷисми басит вуҷуд дорад, ва собит аст, ки ҳар ҷисми басите дорои шакли табиӣ аст. Ва собит аст, ки шакли табиии он шакле аст, ки ба ҳеҷ ваҷҳа аҷзои он бо ҳам ихтилофе надоранд ва ашколи ғайри доирағ ҳам чунин чизе нестанд; ва лизо вуҷуди кура исбот мешавад; ва қатъи мустақими кура доираро ба вуҷуд меоварад; ва лизо вуҷуди кура исбот мешавад; ва қатъи мустақими кура доираро ба вуҷуд меоварад; ва лизо вуҷуди доира исбот мешавад” [6, с. 111]. Бояд гуфт, ки Ибни Сино мисолҳои фаровоне дар мавриди вуҷуди доира овардааст, ки яке аз онҳоро мо дар “Наҷот” дучор меоем. Дар ин муносибат ӯ менависад: “Агар ҷисми вазнине фарз шавад, ки қуллааш миқдоран аз аслаш бузургтар буда, бар сатҳи ҳамвор гузошта шавад ва он рост истад, маълум аст, он дар сурате қарор гирифта тавонад, ки майлаш ба як сӯ аз дигар сӯ дида бештар набошад. Агар аз ҳолати ростӣ пайваста берун карда шавад ва фарз кардем, он марказро нуқтаи расандае бошад, онгоҳ пайдост, ки он (нуқта) ба поён ҳаракат намуда ба сатҳи ҳамворӣ дучор ояд. Дар ин сурат мумкин аст ё нуқта дар ҷои худ қарор гирад, пас ҳар нуқтае, ки (онро) дар қуллаи он ҷисм фарз бикунӣ, бояд доираеро ба амал оварда бошад, ё баробари ҳаракати ин тараф ба поён тарафи

дигар ба боло ҳаракат намуда, бояд ҳар яке аз ду тараф ду доира ташкил карда бошанд, ки маркази онҳо нуқтае бошад, ки дар байни ҷузъи болораву ҷузъи поёнрав ҷой дорад”; ё ки нуқтаи бар ҳамворӣ ҷойгиршуда ҳаракат намояд, онгоҳ тарафи дигар буриш ва хати каҷро ба амал оварад, лекин майл ба сӯи марказ бошад, ки он муҳозот аст” [3, с.238]. Ин яке аз далелҳои Ибни Сино дар мавриди мавҷудияти доира аст ва агар доира вуҷуд дошта бошад, пас ҳамаи дигар фигураҳои геометрӣ низ вуҷуд доранд. Аммо чун онҳо на дар худии худ, балки дар чизи дигар ва ё мавзуъ қарор доранд, пас на ҷавҳар, балки араз ҳастанд.

Ба ғайр аз каммият ва кайфият боз ҳафт намуди дигари араз вуҷуд дорад, ки дар бахши минбаъда маҳз ҳамин намуди аразҳоро мухтасаран матраҳ мекунем.

г) Изофат. Ин бахши аразҳо дар муқоиса бо дигар қисматҳо муфассал мавриди таҳлил қарор намегиранд. Ибни Сино дар ин маврид ҳамон категорияҳои муайяннамудаи Арасту ва ҳамчунин мисолҳои онро зикр карда мегузарад.

Ҳафт арази боқимонда ба навъи дувуми аразҳо дохил мешаванд. Дар муқоиса бо каммият ва кайфият, ки мо онҳоро бо як тасаввур дарк мекунем ва ба ғайр аз ҷавҳари онҳо мо ниёз ба чизи савуми беруна надорем, барои дарки изофат бошад, ба ғайр аз ҷавҳари онҳо мо ниёз ба чизи берунаи дигар дорем. Изофат низ араз ҳастанд, зеро онҳо муносибати байни ду чизанд ва танҳо дар асоси муносибати ин ду ашё он худро ошкор мегардонад. Яъне изофат дар мавзуъ қарор доранд. Нахуст чизе дар худии худ вуҷуд дорад ва танҳо пасон як муносибат ва ё як алоқа байни он ва дигар чизҳо ба вуҷуд меояд. Ба дигар ибора, муносибат ба як чиз ориз мегардад ва далолат ба чизи дигар мекунад.

Ин навъи аразҳо инҳо ҳастанд:

- Изофа – ҳолати ҷавҳар, ки ҷавҳар бо он чиз дар муносибат буда, танҳо дар муносибат бо он чизи дар баробараш қарордошта шинохта мегардад. Масалан, падарӣ дар баробари писарӣ;

- Дар куҷо – будани ҷавҳар дар як макони муайян, масалан дар зер, дар боло, дар паҳлу ва ғайра;

- Дар кадом замон – будани ҷавҳар дар замони муайян, масалан кореро

дирӯз ва ё пагоҳ анҷом додан;

- вазъ – ҳолати ҷузъҳои ҷавҳар, ҳолати ҷавҳар дар ҳолатҳои гуногун, масалан дар ҳолатҳои нишастан, рост истодан ва мисли инҳо;

- доштан, яъне вуҷуд доштани чизе дар ҷавҳар, ки он барои Ибни Сино чандон равшан набуд ва Ибни Сино дар ин маврид мисоле ҳам наовардааст;

- амал кардан, масалан, буриш дар раванди буриш ва ё сухтан дар раванди сухтан;

- кунонидан, яъне буронидан, ҳангоми буриш ва ё сӯзонидан ҳангоми сухтан.

Сино сари масъалаи изофа низ бештар равшангарӣ менамояд. Изофа дар худии худ қобили андешидан нест ва он танҳо дар нисбат ба чизи дигаре қобили шинохт аст. Ибни Сино мавҷудияти изофаро дар дигар навъҳои ҷавҳар татбиқ менамояд. Ду тарафе, ки изофаро ба вуҷуд меоваранд на ҳамеша баробарвазн ҳастанд, гоҳе онҳо дар ихтилоф ҳастанд ва гоҳе баробаранд. Масалан, барои ихтилофи тарафҳо дар чандӣ ва ё каммӣ ин “ду баробари дигаре” ва ё “нисфи дигаре” будан аст, ки далолат бар муайянии тарафҳо мекунад, аммо метавонад, ки тарафҳо номуайян низ бошанд. Аммо дар сурати номуайянӣ низ баъзан дар муносибат бо чизи муайян мебошад, масалан “чанд баробари дигарӣ” ва гоҳо бар чизи номуайян, ки дар ин сурат аз ифодаҳое чун “зоид бар дигарӣ” ва ё “ноқис аз дигарӣ” истифода мегардад: “Онҷо ки тарафайни изофа мухталиф ҳастанд, гоҳе ихтилофи онҳо муайян ва мушаххас аст, мисли ду баробари дигарӣ ва нисфи дигарӣ; ва гоҳе муайян нест, вале мубтанӣ бар чизи муайяне аст, мисли чанд баробари дигарӣ будан ва кулл ва ҷузъ будан ва гоҳе ба ҳеҷ ваҷҳа муайян нест, мисли зоид бар дигарӣ ва ноқис аз дигарӣ. Ҳамин тавр аст, вақте изофае ба воситаи изофае ориз шуда бошад, мисли зоидтар ва ноқистар аз дигарӣ будан. Зеро зоидтар зоид бар чизе аст, ки ин чиз ҳам зоид бар чизи ноқисе аст” [6, с. 114]. Ибни Сино масъалаи изофаро дар муносибат бо навъҳои дигари араз, аз қабили чигунагӣ, замон ва ё макон низ зикр менамояд [6, с. 114].

Яке аз баҳсҳое, ки Ибни Сино матраҳ месозад, он аст, ки новобаста ба он, ки як изофа нисбат ба изофаи дигар дорои изофа аст, изофаи дигарӣ ғайр аз он

изофаест, ки ин изофа нисбат ба аввалӣ дорад. Ибни Сино дар ин маврид қайд менамояд, ки “дар қиёс бо чизи дигар будан” маънии “баробар будан бо он чиз”-ро надорад. Ҳамин тавр, изофаи “падарӣ” танҳо дар қиёс бо писар вуҷуд дорад, аммо он дар писар нест, балки танҳо дар падар аст ва “писарӣ” низ дорои чунин хусусият мебошад: “Ва ин дар умуре, ки изофаи мухталифе бо ҳам доранд бадеҳӣ аст, мисли падар. Зеро мазоф будани падар ба падарӣ- ки ин ҳам васфи вуҷуди ӯ аст – танҳо дар падар таҳаққуқ дорад. Валекин мутаҳаққиқ будани он дар падар фақат дар қиёс бо чизи дигари мавҷуд дар падар аст; ва дар қиёс бо дигарӣ будан айн дар дигарӣ будан нест; барои ин ки падарӣ дар писар вуҷуд надорад вагарна бояд сифат барои писар мешуд ва писар дорои исми муштақе аз он мегардид, балки падарӣ дар падар вуҷуд дорад, боз ҳоли писар дар қиёс бо падар ҳамин тавр аст. Ва лизо дар ин ҷо ба ҳеҷ вачҳ ин ду дорои як чиз нестанд, ва лизо дар ин ҷо чизе ҷуз падарӣ ва писарӣ нест; ва аммо инки ҳолати воҳиде мавзуъ барои падарӣ ва писарӣ бошад чунин чизеро намешиносем ва исме барои он нест” [6, с. 116].

Яке аз баҳсҳои дигари дар ин маврид матраҳгардида он аст, ки оё изофа танҳо дар ақл ва ё зеҳн вуҷуд дорад ва ё дорои вуҷуди хориҷӣ низ мебошад. Ибни Сино мавҷудияти хориҷии изофаро меписандад, аммо ин вуҷуди хориҷиро ҳамчун як араз, на як чизи бунёдӣ, нишон медиҳад. Изофа чизест, ки моҳияти он танҳо дар қиёс бо чизи дигар барои андеша ошкор мешавад, яъне ҳар чизи хориҷие, ки моҳияти он дар қиёс бо ғайри худи он қобили фаҳм мегардад, он қиёс мебошад ва дар ин сурат вуҷуди хориҷии изофаро инкор кардан ғайримумкин мебошад [6, с. 118]. Аммо ин чизи хориҷӣ танҳо дар сурати қиёс дорои вуҷуд мегардад ва на берун аз он. Изофа пайвандкунандаи ду чизи аз ҳам ҷудо нест ва аз ин рӯ, он дар мавриди қиёс зуҳур мекунад ва ҳолати аразӣ дорад.

В. Фарқи байни маънии вуҷудӣ ва моҳиятӣ дар таълимоти Ибни Сино оид ба категорияҳо. Дар фалсафаи Арасту ва ҳамчунин дар фалсафаи Ибни Сино дар аввалин қадам ҳастӣ ба ҷавҳар ва араз тақсим карда мешавад. Даҳ категория, ки Ибни Сино онҳоро “олитарин ҷинсҳо” меномад, ҳамон ҷавҳар ва навъҳои аразӣ ҳастанд. Аммо чизи муҳим ва фарққунанда дар байни фалсафаи

Арасту ва Ибни Сино он аст, ки маъниҳои категориявӣ аз маънии вуҷудӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд ва онҳо як чиз нестанд. Маҳз ҳамин нукта дар баҳси машҳури вуҷуд ва моҳият нақши асосиро бозӣ мекунад. Он шарҳҳое, ки аз ҷониби Ибни Сино пешниҳод мегардад, дар шинохти назари куллии ӯ дар ин маврид нақши муҳим доранд.

- Ҳастӣ дорои маънии трансенденталӣ. Дар фалсафаи калом чунин назар паҳн гардида буд, ки маънии ҳастӣ ва маънии категорияҳо ҳар ду бо ҳам айният дошта, байни онҳо фарқияте вуҷуд надорад ва чунин айниятро мо дар фалсафаи Арасту низ мушоҳида менамоем. Вақте ки Арасту дар мавриди алоқамандии миёни идеяҳо ва чистии чизҳо мисол меоварад, яке аз мисолҳои ӯ маҳз “мавҷуд” ва “мавҷуд будан” аст, ки он айният будани онҳоро нишон медиҳад [16, с. 222]. Аммо Ибни Сино дар пайравӣ аз Форобӣ ин назарро инкор намуда, маъниҳои ҳастии чизҳо ва категориявии чизҳоро аз ҳам ҷудо менамояд: “Мардумоне, ки эшонро дидори борик нест, пиндоранд, ки лафзи ҳастӣ бар ин даҳ чиз ба иштироки исм уфтад, чунон ки ҳар даҳ чизро як ном бувад ва маънии он ном яке набувад” [2, с. 232]. Мо бо чунин шарҳ айнан дар “Метафизика” низ дучор меоем, аммо дар он ҷо ҳадафи Арасту на ҷудо кардани маънии моҳиятӣ аз маънии ҳастӣ, балки далолати ҳастӣ ба маъниҳои гуногун мебошад: “Вожаи мавҷуд ба гунаҳои зиёд гуфта мешавад, аммо роҷеъ ба як мафҳум ва як табиати муайян аст ва низ ба гунае ҳамном ба кор намеравад” [16, с. 89].

Новобаста аз он ки категорияҳо гуногун ҳастанд, аммо ҳамаи онҳо ба маънии ягона, яъне ба ҳастӣ далолат менамоянд. Аммо Ибни Сино дар ин маврид боз як дигаргунӣ ворид менамояд ва мантиқан ба натиҷае мерасад, ки маънии ҳастӣ аз маънии категорияҳо фарқ менамояд. Агар маъниҳои онҳо фарқ намекарданд он гоҳ ҳастӣ бидуни маънӣ боқӣ мемонд ва шояд маънии ягонагии худро низ аз даст медод. Ҳамин тавр, даҳ категория моҳиятҳо мебошанд, ки маънии онҳо аз маънии вуҷуд, ки ҳамеша онҳоро ҳамроҳӣ менамояд фарқ менамояд. Ба ақидаи Ибни Сино, ҳастӣ ба даҳ категория ба тариқи аразӣ ориз мегардад. Азбаски Ибни Сино ҳастӣ ва категорияҳоро ҳамчун маъниҳо дар зеҳн дар назар дорад, категорияҳо дар ҳукми мавзуъ буда, маънии ҳастӣ ҳамчун

маҳмул амал менамояд ва то замоне, ки маънии ҳастӣ бар маънии моҳиятӣ ҳамл, ё ворид нагардад, хабар додан аз ҳастии категорияҳо ғайримумкин мебошад. Агар чунин намебуд, он гоҳ сухан дар мавриди мавҷудияти ҷавҳар танҳо ҷавҳарро ифода менамуд ва ҳастӣ бидуни маънӣ боқӣ мемонд ва дар мавриди араз низ вазъ чунин буд: “Масалан, ифодаи “ҷавҳар ҳаст” танҳо дорои маънии “ҷавҳар ҷавҳар” ва ё ифодаи “араз ҳаст” дорои маънии “араз араз”-ро дошт:” ва ин на дуруст аст. Зеро ки агар чунин будӣ, гуфтори мо ҷавҳарро, ки ҳаст он будӣ, ки ҷавҳар аст ва маънии ҳастии ҷавҳар ҷуз маънии ҷавҳарӣ набудӣ ва ҳамчунин ҳаст, ки бар кайфият уфтодӣ, маънияш ҷуз кайфият набудӣ. Пас, агар касе гуфтӣ, кайфияте ҳаст, чунон будӣ, ки гуфтӣ, кайфияте кайфияте. Ва чун ки гуфтӣ, ҷавҳаре ҳаст, чунон будӣ, ки гуфтӣ, ҷавҳаре ҷавҳаре” [2, с. 232].

Бо ҳамин далел Ибни Сино ягонагии маъниҳои моҳиятӣ ва вуҷудиро инкор намуда, тавассути таҳлили мантиқӣ маъниҳои онҳоро аз ҳамдигар ҷудо менамояд. Каме болотар мо нишон дода будем, ки Ибни Сино дар муносибат ба моҳият аз ифодаи “вуҷуди хос” низ истифода бурда буд, яъне ҳастӣ бар “ҳастии хос”, яъне моҳият низ далолат менамояд ва маънии “вуҷудҳои хос” аз маънии “вуҷуди ом”, ки бар “вуҷудҳои хос” ҳамл, ё ориз мегардад, фарқ менамояд. Сарфи назар кардани “вуҷуди ом” ва ё бо “вуҷуди хос” айният гирифтани он дар тасаввурот ва тасдиқот нуқсеро ба миён меоварад.

2. Далели дувуми Ибни Сино он аст, ки агар миёни маънии категорияҳо ва маънии ҳастӣ ҳеҷ гуна фарқият вуҷуд намедошт, яъне ҳастӣ ба иштироки исм меафтод, он гоҳ ҳастӣ на дорои як, балки дорои даҳ маънӣ буд. Дар ин сурат агар ҳастӣ дорои даҳ маънӣ мебуд, он гоҳ антитезиси он, яъне нестӣ низ бояд дорои даҳ маънӣ мегардид. Аммо барои мо маълум аст, ки ҳам ҳастӣ ва ҳам нестӣ танҳо дорои як маънӣ ҳастанд. Ба ақидаи Ибни Сино, дар ин муносибатҳо ҳастӣ барои ҳар категория, агар онҳо дорои ҳастии хос бошанд, дар алоҳидагӣ қарор мегирад: “Ва дуруст набудӣ, ки ҳар чизе ё ҳаст, ё нест, зеро ки ҳастро як маънӣ набудӣ, бал даҳ маънӣ будӣ ва нестро низ як маънӣ набудӣ, чӣ даҳ маънӣ будӣ [...] ҳар гоҳ, ки гӯем, ки ҷавҳаре ҳаст ва аразе ҳаст ба ҳастӣ як маъние донем, чунон ки нестиро як маънӣ бувад” [2, с. 232-233].

Сино ин масъаларо боз ҳам муфассалтар шарҳ медиҳад ва боз чунин далеловарӣ менамояд, ки агар ин категорияҳо ҳар кадом ҳастии мустақили худашонро медоштанд, он гоҳ ҳастӣ ҳамчун маънии умумӣ ва ё куллӣ маънии худро гум мекард ва дар ин сурат фарқиятгузорӣ миёни ҳастӣ ва нестӣ ҳеҷ маънӣ надошт. Дар ин муносибат танҳо як натиҷа боқӣ мемонад, яъне ҳастӣ дорои маънии умумист ва ба ҳамаи категорияҳо ба тариқи аразӣ оризи онҳо мегардад.

Дар фалсафаи Арасту ҳамаи категорияҳо далолат бар ҳастӣ менамоянд, аммо дар фалсафаи Ибни Сино ҳастӣ аз категорияҳо фарқ менамояд ва бар категорияҳо ҳамл мегардад. Вақте ҳастӣ дорои маънии ягона буда, бар дигар чизҳо ҳамл мегардад, пас он дорои маънии трансценденталӣ мебошад. Равиши мантиқие, ки Ибни Сино дар ин маврид истифода кардааст, дар худ бесобиқа мебошад. Ҳамон гуна, ки маънии категорияҳо дар зеҳн аз ҳамдигар фарқ менамоянд, маънии ҳастӣ низ дорои мустақилияти худ аст, ки на бо категорияҳо ва на бо як категорияи алоҳида баробар нест. Агар ба иштибоҳ маънии ҳастӣ бо маънии категорияҳо як чиз дониста шавад ва ё аз рӯи сатҳиандешӣ маънии ҳастӣ сарфи назар карда шавад, он гоҳ ҳастӣ аз маънии худ маҳрум мегардад, ки кулли баҳси фалсафаи метафизикиро барбод медиҳад.

Муносибати фарқкунандаи ҳастӣ бо даҳ категория. Яке аз баҳсҳои ҷолиб дар фалсафаи метафизикии Ибни Сино муносибати байни ҳастӣ ва даҳ категория мебошад. Дар ин маврид ду ақидаи асосӣ вуҷуд дорад, яке аз ин ақидаҳо ҷонибдори он аст, ки муносибати ҳастӣ ҳамчун маънии умумӣ бо даҳ категория якхела ва баробар аст. Аммо ақидаи дувумӣ хилофи он мебошад. Новобаста аз он, ки ҳастӣ дорои маънии умумист, он ҷинс нест ва муносибати он бо категорияҳо аз муносибати миёни ҷинс бо навъҳои худ фарқ мекунад. Ҳайвонӣ ҳамчун маънии ҷинсӣ ба навъҳои худ, аз ҷумла инсон ва асп ва ё сафедӣ бар барф ва кофур як хел меафтад ва ё ориз мегардад ва наметавон дар ин муносибат фарқияте мушоҳида намуд. Ибни Сино чунин намуди муносибатро ҳамчун “мутавотӣ” меномад. Яъне як чиз ба чизҳои зиёд ба як маънӣ, баробар ва бидуни фарқият меафтад. Аммо афтодани ҳастӣ бар даҳ категория аз чунин навъ фарқ мекунад. Ибни Сино онро ҳамчун “мушаккак” меномад, яъне ҳастӣ нахуст

ба ҷавҳар ва тавассути ҷавҳар ба сифат, миқдор ва изофа ва пасон тавассути онҳо боз ба шаш категорияи боқимонда ориз мегардад: “Валекин ҳарчанд чунин аст, ҳастӣ бар ин даҳ на чунон баруфтад, ки ҳайвонӣ бар мардум ва бар асп, ки якеро беш аз дигар набувад ва на чунон чун сапедӣ бар барф ва бар кофур, ки якеро беш аз дигар нест, то мутавотӣ будӣ, ки ин чунинро “мутавотӣ” хонанд, ки бар чизҳои бисёр ба як маънӣ уфтад бе ҳеҷ ихтилоф. Балки ҳастӣ нахуст мар ҷавҳарро ҳаст ва ба миёнҷии ҷавҳар мар каммият ва кайфияту изофатро ва ба миёнҷии эшон мар он боқиро. Ва ҳастии сиёҳиву сапедӣ ва дарозиву пазноӣ чунон нест, ки ҳастии замон ва тағайюр, ки эшонро сабот аст ва замону тағайюрро сабот нест. Пас, ҳастӣ бар ин чизҳо пешу пас уфтад ва ба камобешӣ ҳарчанд бар як маънӣ уфтад ва чунинро “мушаккак” хонанд. Ва ин маънии ҳастӣ мар ин даҳ мақуларо зотӣ нест ва моҳият нест ва инро пештар баён кардем” [2, с. 233]. Муносибати фарқкунандаи ҳастӣ ба категорияҳо ва бартарияти баъзе аз категорияҳо нисбат ба дигаре аз алоқамандии онҳо аз ҳамдигар вобаста мебошад. Ҳастии ҳамаи категорияҳои дигар аз ҳастии ҷавҳар вобаста аст. Шарти мавҷудияти дигар категорияҳо мавҷудияти ҷавҳар мебошад. Бино бар ин, ҳастӣ нахуст ба ҷавҳар ориз мегардад ва ҳастии се категорияи минбаъда, яъне сифат, миқдор ва изофат аз ҳастии ҷавҳар вобастагӣ дорад, бино бар ин, пас аз ҷавҳар ҳастӣ ба ин се категория ориз мегардад ва ҳастии категорияҳои боқимонда аз ин се категория вобаста мебошад. Аз ин ҷиҳат ҳастӣ дар қадами савум ба шаш категорияи боқимондаи дигар ориз мегардад. Ба тариқи дигар метавон муносибати ҳастӣ бо категорияҳоро чунин арзёбӣ намуд, ки шиддатнокии ҳастӣ дар ҷавҳар нисбат ба сифат, миқдор ва изофат қавитар аст ва дар се арази номбаршуда шиддатнокии ҳастӣ қавитар аст нисбат ба шаш категорияи боқимондаи дигар.

Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи дигар дар ин муносибат давомият мебошад. Ба ақидаи Ибни Сино давомнокии вуҷуд дар сифат (сафедӣ ва сиёҳӣ) ва ё дар миқдор (дарозӣ ва паҳноӣ) нисбат ба давомнокии вуҷуд дар замон ва ё ҳаракат пойдортар аст. Ҳамин тавр, новобаста ба он, ки ҳастӣ дорои маънии умумист, шеваи ҳамл гардидани он вобаста ба махсусиятҳое чун вобастагӣ дар

вуҷуд аз ҳамдигар ва пойдории вуҷуд дар категорияҳо бо шеваҳои гуногун ориз мегардад [2, с. 233].

Баҳси муносибати ҳастӣ бо категорияҳо ба шеваи дигар, яъне на бар шиддатнокии ҳастӣ бар категорияҳо, балки категорияҳо дар худиашон ҳанӯз дар фалсафаи Арасту низ матраҳ гардида буд ва Ибни Сино ба ин баҳс сифати нав дода, бори дигар бар он равшанӣ андохтааст, ки бар ҷудо будани маънии ҳастӣ аз категорияҳо шиддати бештар мебахшад.

Ҳастӣ ҳамчун араз. Ҳангоми шарҳ додани воҳид Ибни Сино ниҳоят мухтасар фарқи миёни воҳид ва моҳиятро нишон дода буд, аммо дар муносибат ба муносибати байни ҳастӣ ва даҳ категория Ибни Сино ин масъаларо нисбатан муфассал ва амиқтар шарҳ медиҳад, ки яке аз заминаҳои асосӣ барои шарҳҳои минбаъдаи мо мегардад. Дар боло мо назари Синоро дар мавриди он ки ба ғайр аз ҷавҳар ҳамаи нуҳ категорияи дигар ҳолати аразӣ доранд, матраҳ намудаем. Ин нуҳ категория, ки ҳамчун араз шинохта мешаванд, ҳолати аразии худро танҳо дар муқоиса бо мавзуъҳояшон, ки ба онҳо ориз мегарданд, гирифтаанд. Аммо ҳамаи инҳо бо иловаи ҷавҳар дар худии худ дорои маънии моҳиятӣ ҳастанд, баръакси онҳо ҳастӣ дорои маънии моҳиятӣ набуда, балки фақат дорои маънии аразӣ мебошад. Барои фарқ кардани маънии моҳиятӣ аз маънии аразӣ Ибни Сино чунин далеловарӣ менамояд, ки ҳеҷ кас наметавонад бигӯяд, ки ӯ инсонро ҷавҳар ва ё сафедиро ранг кардааст, балки метавон гуфт, ки дар дорои вуҷуд гардидани онҳо таъсир расонидааст: “Ва аз ин қибалро нашояд гуфтан, ки чизе мардумро ҷавҳар кард ва сиёҳиро лавн кард ва шояд гуфтан, ки мавҷуд кард” [2, с. 233].

Яке аз хусусиятҳои муҳимро, ки аз иқтибоси мазкур метавон барои худ ошкор намуд, он аст, ки моҳият барои дорои вуҷуд гардидан ба як сабаби бегона ва ё беруна ниёз дорад. Инсонӣ ва ё сиёҳӣ дар худии худ моҳият ҳастанд, аммо вуҷуд барои инсон ва сиёҳ як маънии аразӣ мебошад. Ибни Сино ин маъниро ба тариқи возеҳ чунин ифода мекунад: “Ва ҳастии ӯро “иннийат” хонанд ба тозӣ ва моҳият дигар асту иннийат дигар. Ва иннийат эшонро ҷудо аз моҳият аст, ки маънии зотӣ нест” [2, с. 233]. Муайянсозии фарқ миёни моҳият ва вуҷуди категорияҳо яке аз ҳадафҳои марказии масъалаи ҷавҳар ва араз дар фалсафаи

метафизикии Ибни Сино мебошад, ки дар боло мо ин масъаларо батадриҷ баррасӣ намудем.

Дар бахши мазкур мо яке аз масъалаҳои бунёдии фалсафаи метафизикии Ибни Сино, яъне ҳастӣ ва моҳиятро мавриди таҳлил қарор додем. Маҳз аҳаммияти ин масъала боиси зуҳури ифодаи “оғози дувуми метафизика” гардидааст. Азбаски масъалаи мазкур нахустин маротиба дар фалсафаи Арасту матраҳ гардидааст ва Ибни Сино аз ӯ таъсир гирифтааст, дар оғози бахш мо назари Арасту оид ба мафҳумҳои вуҷуд ва моҳиятро матраҳ намудем. Таҳлилҳои алоҳидае, ки сурат гирифтанд далолат ба як қатор умумиятҳо менамоянд. Пеш аз ҳама дар ҳарду маврид низ сухан аз ҳастии ҷудо аз модда ва ё абстрактӣ меравад, ки дорои хусусияти куллӣ ва умумӣ мебошад. Вақте сухан аз ҳастии ҷудо аз модда меравад, ин ҳамон ҳастии абстрактӣ ва ё ҳастии зеҳнӣ мебошад, аммо ба тариқи возеҳу равшан ҳастии зеҳнӣ нишон дода нашудааст. Дар фалсафаи Арасту фарқияти ҳастӣ ва моҳият чандон равшан нест, ҳамон гуна, ки ҳастӣ ба категорияҳо сидқ мекунад, моҳият низ бар онҳо сидқ менамояд. Ҳадаф аз таъриф ин ошкор сохтани моҳият ва ё ҳақиқати чизҳо мебошад ва дар як вақт моҳияти чизҳо дар фалсафаи Арасту алоқамандӣ дорад бо идеяҳои афлотунӣ.

Шабоҳати дигаре, ки ба мушоҳида мерасад, ин сидқ кардани ҳастӣ бар категорияҳо мебошад. Ҳам дар фаҳмиши Арасту ва ҳам Ибни Сино ҳастӣ бар категорияҳо яксон, ё мутавотӣ сидқ намекунад, балки шиддати ҳастӣ дар ҷавҳар нисбат ба категорияҳои дигар зиёдтар мебошад, ҳамчунин дар фаҳмиши Арасту моҳият, ё чистӣ низ бар категорияҳо на яксон балки гуногун сидқ менамояд, ки чунин тарзи муносибатро дар фалсафаи Ибни Сино “мушаккак” меноманд. Дар баробари шабоҳатҳо, як қатор фарқиятҳои бунёдӣ низ дар ин маврид ба назар мерасанд.

Дар фалсафаи Ибни Сино баҳси ҳастӣ ва моҳият дар асоси таҳлилҳои мантиқӣ натиҷагирӣ карда мешавад ва сухан оиди ҳастии зеҳнӣ меравад, ки он бо ҳастии хориҷӣ дорои алоқамандӣ мебошад. Хабар додан пеш аз ҳама хабар аз ҳамин ҳастии зеҳнӣ аст. Навгонии дигаре, ки дар фалсафаи Ибни Сино ба назар мерасад, ин инъикоси аввалия будани ҳастӣ мебошад, ки худ аз худ маънии он

барои зеҳн маълум аст ва он нисбат ба ҳар маънии дигар шинохтатар буда, зеҳн ниёз ба кумаки дигаре дар шинохти он надорад.

Дар фалсафаи Арасту низ ба мисли фалсафаи Ибни Сино ҳастӣ дорои маънии умумӣ мебошад, пеш аз ҳама ҷавҳар ва минбаъд дигар категорияҳо бар ҳастӣ далолат менамоянд, аммо сухане аз ҷудо будани маънии ҳастӣ аз маънии категорияҳо намеравад. Ибни Сино бисёр кӯшиш намудааст нишон диҳад, ки қабул кардани маънии ҳастӣ бо иштироки категорияҳо боис мегардад, ки ҳастӣ аз маънӣ маҳрум гардад. Бинобар ин ӯ маънии ҳастиро аз маънии категорияҳо ҷудо менамояд. Ҳастӣ ҳамчун инъикоси аввалия аллакай дар зеҳн вуҷуд дорад ва маънии категорияҳо низ дар зеҳн вуҷуд доранд, бо ҳамл гардидани маънии ҳастӣ бар категорияҳо онҳо дорои ҳастӣ мегарданд. Хусусияти муҳими дигари фарқкунандаи фалсафаи Ибни Сино дар он зоҳир мегардад, ки ҳастӣ ҳамчун дорои маънии ягона дорои хусусияти трансенденталӣ аст.

Бахши мазкур аз он дорои аҳаммият аст, ки дар ин бахш назари бунёдии Ибни Сино дар муносибат бо мафҳумҳои бунёдии метафизикаи ӯ, бахусус ҳастӣ, чиз, ҳақиқат, моҳият ва ё ҳастии хос, мавриди таҳлил қарор гирифтанд. Сарфи назар намудани ин бахш моро дар шинохти тамоми масъалаҳои дигари фалсафаи метафизикии Ибни Сино ба роҳгумӣ мебарад. Яке аз муҳимтарин нуктаҳо ин аст, ки чиз ва ё мавҷуд ва ҳамчунин худи ҳастӣ аз тасаввуроти омӣ ва ё инъикосоти аввалия ҳастанд, ки пеш аз ҳар як мафҳуми дигар барои зеҳн ошно ва шинохта мегарданд ва он мафҳумҳое, ки барои шинохти онҳо истифода мегарданд, дар ҳақиқат камтар аз худи мафҳумҳои таърифшаванда шинос ҳастанд ва дар ин мавридҳо онҳо нақши танбеҳияро иҷро менамоянд. Нуктаи дигар ин аст, ки вақте Ибни Сино дар мавриди чиз, яъне моҳият ва ё мавҷуд сухан мегӯяд, ӯ пеш аз ҳама онҳоро дар маънии зеҳниашон дар назар дорад ва танҳо ба хотири бо чизи хориҷӣ дорои муносибат будан, ба тариқи аразӣ чизи хориҷӣ низ дар назар дошта мешавад.

Таҳлиле, ки дар ин бахш сурат гирифт, метавон онро ҳамчун бунёди фаҳмиши фалсафаи метафизикии Ибни Сино донист. Ҳар масъалаи дигар дар ин фалсафа танҳо бо дарки масъалаи дар бахши мазкур матраҳгардида қобили дарк

мебошад. Вақте ки Ибни Сино бар ҳастии зеҳнӣ исрор меварзад, ин худ далолат бар идеализм менамояд ва бар асоси он ки ӯ ҳастии хориҷиро сарфи назар намуда, ҳастии ҳақиқиро ҳамон ҳастии зеҳнӣ медонад, ҷанбаи субективии фалсафаи ӯро бештар менамояд, ки ин назар ниёз бар муқоиса, таҳлил ва далеловариҳои бештаре дорад, ки дар ҳар ҷои фалсафаи метафизикии Ибни Сино мо метавонем чунин тамоилро пайдо намоем.

Дар идома мо аразҳои хосси вуҷудро, ки ҳамагӣ марбут ба имкон-ул-вуҷуд ҳастанд, таҳлилу баррасӣ менамоем.

Дар ин бахш мо аз рӯйи имкон назари Ибни Сино дар мавриди ҷавҳар ва араз, ки аз ҷинсҳои барини ҳастӣ ба ҳисоб мераванд, мавриди таҳлил қарор додем. Ибни Сино ба мисли Арасту ҳастиро ба ҷавҳар ва нуҳ араз, ки дар маҷмӯъ даҳ мақуларо ташкил медиҳанд, тақсим менамояд. Аммо ин масъала дар худии худ тамомшуда ба ҳисоб намеравад ва масъалаи бунёдии дигар ин муносибати ҳастӣ бо даҳ мақула мебошад, ки онро мо дар бахши боло матраҳ намудем. Дар идома мо баъзе аз масъалаҳои дигари фалсафаи метафизикии Синоро, ки худи ӯ онҳоро аразҳои хосси ҳастӣ номидааст, мавриди таҳлил қарор медиҳем. Яке аз масъалаҳои асосӣ дар ин маврид масъалаи куллӣ ва ҷузъӣ мебошад, ки пеш аз ҳама бо масъалаи моҳият дар алоқамандӣ мебошад. Матраҳ сохтани ин масъала моро бо назари Ибни Сино дар мавриди моҳият бештар ошно месозад.

3.3. Куллӣ ва ҷузъӣ – категорияҳои ҳастӣ

Барои шинохти ҳақиқати фалсафаи метафизикӣ, ки асоситарин равиши он ин бедор сохтани маъниҳо дар зеҳн аст ва ҳамчунин бевосита фалсафаи метафизикии Ибни Сино, ки моҳият масъалаи бунёдии он аст, шинохти масъалаи куллӣ ва ҷузъӣ ногузир аст. Масъалаи куллӣ бевосита бо ҳар дуи ин масъалаҳо вобастагии дорад. Ибни Сино мафҳумҳои ҷуфти куллӣ ва ҷузъиро ҳамчун “аразҳои хосси ҳастӣ” муаррифӣ намудааст. Мақсад аз арази хос он аст, ки онҳо бевосита ба худи ҳастӣ ориз гардидаанд ва он гуна ки дар мавриди мавзуъҳои асосии метафизика қайд намуда будем, яке аз масъалаҳои асосии фалсафаи метафизикӣ маҳз аразҳои хосси ҳастӣ мебошанд.

Масъалаи куллӣ ва ҷузъӣ, бахусус масъалаи куллӣ, яке аз масъалаҳои асосии

фалсафаи Ибни Сино мебошад, ки сирф дорои маънии зеҳнӣ ва абстрактӣ буда, танҳо дар асоси далеловариҳои мантиқӣ ҳақиқати он қобили шиносоӣ аст.

Яке аз назарҳои ҳукмрон дар синошиносии имрӯза он аст, ки масъалаи куллият дар фалсафаи метафизикии Ибни Сино ба хотири матраҳсозии масъалаи моҳият дар миён гузошта шудааст. Ин нуктаро бояд зикр намуд, ки масъалаи куллият ҳанӯз аз фалсафаи Юнони Бостон оғоз ёфта, дар фалсафаи Навафлотуния ва ҳамчунин дар фалсафаҳои Ал Киндӣ ва Форобӣ низ метавон баҳсҳое дар ин масъаларо мушоҳида намуд.

Дар синошиносии ватанӣ доир ба ин масъала як таҳқиқоти арзанда аз ҷониби Сунатулло Ҷонбобоев сурат гирифтааст, ки он рисолаи номзадӣ буда, чунин унвон дорад “Проблема универсалий в восточном перипатетизме”. Муаллиф тавонистааст, ки дар рисолаи мазкур масъалаи куллиятро ҳам дар фалсафаи Юнони Бостон ва ҳам дар фалсафаи машшоия, махсусан дар фалсафаи Ибни Сино, дақиқ ва бунёдан таҳлил намояд. Муаллиф нишон медиҳад, ки масъалаи куллиятро дар фазои синошиносии шуравӣ Сагадаев А. ва Шайхмуҳаббатов Г. таҳқиқ намудаанд, аммо ҳамаи таҳқиқотҳои анҷомгирифта ниҳоят ҷузъӣ буда, таҳқиқи комил ва амиқе дар ин соҳа сурат нагирифтааст [171, с. 9]. Дар фалсафаи машшоия масъалаи куллият аз ду ҷиҳат, яъне онтологӣ ва гносеологӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст ва дар фалсафаи асримиёнагии аврупоӣ низ дар осори Алберти Бузург ва пештар аз он дар осори Боетсий бо мафҳуми куллӣ дучор меоем [171, с. 15]. Муаллиф қайд менамояд, ки суоли вуҷуд доштан, ё надоштани куллӣ дар хориҷ боиси ба вуҷуд омадани ҷараёнҳои номиналистӣ ва реалистӣ дар фалсафаи асримиёнагии аврупоӣ мегардад. Ҷонбобоев таъкид менамояд, ки сарчашмаи идеявии масъалаи куллият дар фалсафаи Афлотун, Арасту ва Навафлотуния вуҷуд дошта, дар фалсафаи Ибни Сино масъалаи куллият бо масъалаи бунёдии фалсафаи ӯ, яъне моҳият ва вуҷуд алоқамандӣ дорад, ки ин муҳимтарин нуктаи таҳқиқи мазкур мебошад [171, с. 53, 20]. Аввалин нафаре, ки дар машшоия дар асоси тафсирҳои Парфирий оид ба метафизикаи Арасту дар бораи куллият назари хосси худро иброз доштааст, ин Ал Киндӣ аст. Масъалаи куллиро пеш аз ҳама дар партави мафҳумҳои ҷинс ва

навъ таҳлил кардан мумкин аст ва ба андешаи Киндӣ “ҷинс дар ҳар навъ ифода меёбад ва навъ бошад дар ҳар чизи алоҳида” [171, с. 83]. Ҳамин тавр, пас аз таҳлили назароти Ал Киндӣ ва Форобӣ муҳаққиқ Ҷонбобоев ба таҳлили фарогири масъалаи куллӣ дар фалсафаи Ибни Сино пардохтааст, ки баъзе аз назароти муҳими ӯ чунин мебошанд: Барои Ибни Сино, ҳамчунин барои Арасту мафҳуми куллӣ танҳо як вуҷуди зеҳнӣ буда, дорои вуҷуди хориҷӣ намебошад. Дар фалсафаи Ибни Сино куллӣ ҳамчун моҳияти чизҳои алоҳида вуҷуд надорад, балки дар он аз як тараф куллӣ ҳамчун идеяе мебошад, ки моҳияти чизҳои воқеӣ ва фардиро ифода мекунад ва аз дигар тараф он шакли ақлонии моддаи тасаввуроти моро ифода менамояд [171, с. 98]. Чунин як чизи куллие, ки он ба ҳар кас тааллуқ дошта бошад, ба ҷуз аз зеҳни инсон дар ҷойи дигаре вуҷуд надорад. Ду намуди куллӣ ҳамчун моҳият вуҷуд дорад, ки яке аз роҳи эҳсос даркшаванда, ба мисли инсоният дар Зайд ва Амру ва дувумӣ бо роҳи ақл даркшаванда, дар мисоли мафҳуми “инсон”.

Яке аз назарҳои шинохта дар фалсафаи асримиёнагӣ, ки бевосита ба масъалаи куллият дар фалсафаи метафизикии Ибни Сино тааллуқ дорад, марбут ба Тео Кобуш мебошад, ки ба ақидаи ӯ баҳси куллият дар Ибни Сино бевосита бо баҳси моҳият алоқамандӣ дорад. Назари Ҷонбобоев дар мавриди алоқамандии мафҳуми куллӣ бо моҳият бо назари Кобуш фарқ менамояд, ба андешаи Кобуш ҳадаф аз куллӣ дар Ибни Сино ин ҳамон масъалаи моҳият мебошад, аммо Ҷонбобоев дар ин маврид ҷиҳати фарққунандаро ошкор сохта, нозукиҳои он дуро чунин ошкор месозад, ки моҳият дар чизҳои табиӣ ва фардияти онҳо вуҷуд дорад ва онҳо дар зеҳни инсон инъикос меёбанд, аммо мафҳумҳои куллӣ на дар чизҳои беруна, балки танҳо дар зеҳн вуҷуд доранд [171, с. 102]. Дар ин ҷо бояд зикр намуд, ки Ибни Сино масъалаи вуҷуд доштани мафҳуми куллӣ дар хориҷро матраҳ менамояд ва ба он ҷавоби мусбӣ медиҳад, ки дар ҳангоми матраҳ сохтани масъала мо ба он бармегардем. Дар асоси таҳқиқоте, ки Кобуш, Ҷонбобоев ва дигар муҳаққиқон анҷом додаанд ва ҳамчунин назароте, ки муҳаққиқони номбурда дар пажуҳиши худ аз онҳо ном бурдаанд, мо ба матраҳ сохтани назари Ибни Сино дар мавриди куллӣ ва ҷузъӣ мепардозем. Масъалаи мазкур ҳам аз

ҷиҳати онтологӣ ва ҳам гносеологӣ мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Аз ҷиҳати онтологӣ мо кӯшиш менамоем нишон диҳем, ки куллӣ як масъалаи сирф абстрактӣ ва зеҳнӣ буда, бо масъалаи моҳият алоқамандии қавӣ дорад. Ба тариқи боз ҳам равшан мо назари Синоро дар мавриди паҳлуҳои асосии масъалаи мазкур, ки аз се дидгоҳ масъаларо матраҳ мегардонад, бозкушоӣ менамоем: чиз ҳамчун моҳияти соф, ки ҳанӯз он куллӣ нест, чиз дар зеҳни инсон, ки ба он куллият ворид мегардад ва ҳамин тавр он ба худ хусусияти куллӣ мегирад ва чиз бо аразҳои худ, ки ҳамчун чизи табиӣ шинохта мешавад.

Дар қисмати дувуми баҳс, мо масъалаи куллиро аз диди гносеологӣ мавриди таҳлил қарор медиҳем ва ин баҳси мо аз ду бахш иборат мебошад, дар бахши аввал мо фарқияти байни ҷисм ҳамчун ҷинс ва ҷисм ҳамчун моддаро мавриди таҳлил қарор медиҳем ва дар бахши дувум бошад фарқияти байни мафҳумҳои ҷинс, навъ ва фаслро тавассути як равиши мантиқӣ муайян месозем. Дар бисёр мавридҳо дар байни куллӣ ва ҷузъӣ, ҳамчунин кулл ва ҷузъ фарқ гузошта намешавад ва ҳар ду як чиз дониста мешавад, ҳоло он ки худи Ибни Сино онҳоро дар асоси маҳаки муайяне онҳоро аз ҳамдигар ҷудо намудааст ва ин масъаларо низ мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Агар мо масъалаҳои асосии метафизикаи Арасту ва Ибни Синоро бевосита муқоиса намоем, шояд маҳз масъалаи куллӣ дар фалсафаи ин ду файласуф бештар аз ҳар масъалаи дигар фарқ намояд. Арасту дар “Метафизика”-и худ масъалаи куллиро ҳамон андоза тавзеҳ медиҳад, ки масъалаи ҷузъиро ва аҳаммиятнокии масъалаи куллӣ дар фалсафаи ӯ чандон назаррас намебошад. Масалан, Арасту куллиро дар қатори ҷавҳарҳо ҳисоб намекунад ва ҳамчунин онро моҳият низ намеҳисобад. Аммо дар фалсафаи Ибни Сино баръакси инро мушоҳида менамоем, яке аз масъалаҳое, ки бештар аз ҳама мавриди тавзеҳ ва таҳлил қарор гирифтааст, маҳз масъалаи куллӣ мебошад. Дар оғози баҳси мазкур дар “Шифо” Ибни Сино мухтасаран масъалаи ҷузъиро гуфта мегузарад ва мухтасаран ҷузъӣ ва куллиро ба тариқи муқоисавӣ чунин шарҳ медиҳад: ”Мафҳуми куллӣ мафҳуме аст, ки тасаввури худи он аз сидқ бар маворидиди бисёр монеъ нест” ва дар мавриди мафҳуми ҷузъӣ чунин овардааст: “Ҷузъии ҳақиқӣ

мафҳуме аст, ки тасаввури худи он аз сидқ бар мавориди бисёр монеъ аст” [6, с. 146]. Аммо дар бахши мантиқи “Донишнома” ӯ қайд менамояд, ки донишмандон худро бо мафҳумҳои ҷузъӣ машғул намедоранд, балки фақат бо мафҳумҳои куллӣ машғул мегарданд ва ҷузъӣ худ як бахши куллӣ мебошад.

Агар мо махсусияти асосии масъалаи куллиро дар фалсафаи метафизикии Ибни Сино маълум карданӣ шавем, пас метавон қайд намуд, ки он пеш аз ҳама бо ду масъала алоқамандӣ дорад, пеш аз ҳама бо масъалаи моҳият ва сониян бо масъалаи ҳастии зеҳнӣ, ки дар ҳар ду маврид низ онҳо бо куллият дар алоқамандӣ қарор доранд. Инро низ бояд қайд намуд, ки масъалаи ҷузъӣ бо модда омехта мебошад ва аз доираи баҳси метафизикӣ берун мегардад, бинобар ин масъалаи куллӣ аз ҳар ҷиҳат дорои афзалият мебошад. Ба тариқи умумӣ, дар фалсафаи асримиёнагӣ моҳият дар зеҳн ҳамчун маънии куллӣ ва моҳият дар ҷаҳони беруна ҳамчун маънии ҷузъӣ фаҳмида мешавад.

Ба андешаи муҳаққиқон асоси навгонии Ибни Сино дар метафизика, яъне дорои моҳият гардонидани ҳастишиносӣ, маҳз бо масъалаи куллият дар фалсафаи Ибни Сино вобаста мебошад. Бахусус Кобуш бар чунин назар таъкид менамояд [363, с. 179]. Ӯ чунин ақида дорад, ки назари Ибни Сино дар мавриди куллӣ як таълимоти сирф моҳиятӣ мебошад. Дар ин ҷо як фарқи миёни моҳияти чиз дар худии худ ва муайянкунанда ва ё хусусиятҳои он вуҷуд дорад. Дар мисоли “ҳайвон” ва “инсон” Кобуш ақидаи Синоро чунин матраҳ мегардонад: “чунин “моҳиятҳои сирф” аз хусусиятҳо фарқ менамояд ва хусусиятҳо ба мисли ягонагӣ ва бисёрӣ, умумӣ ва хос ва ғайра, ки ба моҳияти “ҳайвон” ва “инсон” ворид намегарданд” [363, с. 179]. Дар тавзеҳи андешаи Кобуш бояд зикр намоем, ки барои Ибни Сино ҳастии ҳақиқӣ ин ҳамон ҳастии зеҳнӣ мебошад ва моҳият низ худ ҳамчун ҳастии хос шинохта мешавад. Аз ин ҷиҳат чиз ҳамчун табиатро мо метавонем ҳам ҳамчун моҳият шиносем ва низ ҳамчун вуҷуди зеҳнӣ.

Ҳангоми баррасии мафҳумҳои асосӣ мо бояд дар назар дошта бошем, ки ҳамеша ҳастии зеҳнӣ ва ҳастии абстрактӣ, инчунин комбинатсияҳои байни онҳо, дар назар дошта мешавад ва чунин бархурд дар мавриди мафҳуми куллӣ низ сурат мегирад. Дар баҳси куллӣ, ки аз ҷониби Ибни Сино сурат гирифтааст, як

чиз аз се дидгоҳ мавриди таҳлил қарор мегирад: якум, табиати чиз ва ё чиз дар худии худ, ки як моҳияти сирф аст. Он гуна, ки худи Ибни Сино ифода менамояд, “чиз ҳамчун иноятиҳудо“, дувум, чиз бо муайянкунанда ва аразҳои худ, ки ҳамчун “чизи табиӣ” маълум аст, бо вуҷуди он ки асоси чунин алоқа иноятихудост, аммо ба ақидаи Ибни Сино чунин алоқа аз табиати фардии ҳар чиз сар мезанад ва савум, як шакли умумиятдодаи чиз дар ақл, ки аз ҳамаи чизҳои фардӣ хабар медиҳад. Инро мо метавонем дар асоси назари Ибни Сино дар мавриди мафҳуми “ҳайвон” матраҳ кунем: ҳайвон дар худии худ: “Пас ҳайвон, бо ҳамроҳии аворизаш, шайъи табиист ва ба зоти худ табиатест, ки мегӯянд, вуҷуди он бар вуҷуди табиӣ муқаддам аст аз навъи тақаддуми басит бар мураккаб, ва ихтисосан ҳамин вуҷуд аст, ки вуҷуде илоҳист, зеро сабаби вуҷуди он аз ин ҳайс, ки ҳайвон аст иноятихудои таъолост. Ва аммо бо модда ва авориз ва бо ин шахс будани ҳайвон гарчи бо иноятиилоҳист, ношӣ аз табиати ҷузъист” [6, с. 150].

Дар ин ҷо ҳастии чиз ҳамчун моҳияти сирф бо ҳастии зеҳнӣ, ки бо ҳастии ноби чизҳо яксон дониста намешавад, ҳанӯз равшан шарҳ дода нашудааст, балки танҳо чиз ҳамчун моҳият ва чиз бо аразҳояш, ки ҳамчун чизи табиӣ шинохта мешавад, маънидод гардидааст. Ҳанӯз ба чиз дар худии худ куллӣ гуфтан барвақт аст, зеро он бо куллият дорои айният нест ва куллият дертар дар зеҳни инсон бар “ҳайвон” ҳамл мегардад ва танҳо пас аз он “ҳайвон” ҳамчун мафҳуми куллӣ шинохта мегардад.

Дар идома мо кӯшиш мекунем, ки ду масъаларо мавриди таҳлил қарор диҳем: Нахуст, чиз ҳамчун худ ва ё моҳияти сирф ва дувум, табиати чиз дар ҳамоҳангӣ бо аразҳо ва хусусиятҳояш, ки метавон ҳамчунин чиз ҳамчун дорои вуҷуди хориҷӣ шинохт. Ибни Сино як бахши калони баҳси худро маҳз дар муносибати байни мафҳумҳои куллӣ бо аразҳояшон бахшидааст ва кӯшидааст мафҳуми куллиро дар алоҳидагӣ ва нобияти он мавриди шинохт қарор диҳад. Масалан, агар мафҳуми инсоният аз он ҷиҳат, ки инсоният аст, мавриди таҳлил қарор гирад ва боз суол гузошта шавад, ки оё он ягона аст ва ё бисёр, қобили қабул нест. Зеро ҳуввияти инсоният ҳеҷгуна рабте бо ягонагӣ ва ё бисёрӣ надорад [6, с. 149]. Аммо дар як вақт ӯ инкор намекунад, ки ягонагӣ ва бисёрӣ ҳамчун

сифатҳои хориҷӣ ба он мулҳақ намегарданд. Шабеҳи чунин алоқамандӣ Ибни Сино мисолҳои дигар низ меоварад ва дар ҳар маврид кӯшиш менамояд, ки мафҳум дар алоҳидагиро аз аразҳое, ки минбаъд ба он мепайванданд, ҷудо созад ва таъкид менамояд, ки маҳз мафҳуми куллӣ дар нобияти худ дар назар дошта мешавад. Ҳамчунин куллӣ дар зеҳн ва ё ақл низ дар бахши оянда мавриди таҳлили муфассал қарор мегирад.

Сино баҳси худ дар мавриди куллиро на бевосита бо мафҳумҳои куллӣ оғоз менамояд, балки ӯ дар қадами аввал чизро ҳамчун моҳияти соф тавсиф менамояд, ки фиребанда буда баъзан моҳият ва куллӣ ҳарду ба ҳам айният дода мешаванд. Муайян кардани маънии моҳиятӣ аз маънии куллӣ каме заҳматталаб мебошад. Дар мавриде, ки чиз ҳанӯз ҳамчун моҳият тасаввур мешавад, ҳанӯз онро ҳамчун куллӣ шинохтан хело барвақт аст. Ибни Сино шарҳи худро бо чиз дар худии худ ҳамчун моҳият ва куллиро ҳамчун хусусияти чиз оғоз менамояд. Куллӣ чун хусусиятҳои дигар хусусияте барои чиз дар худии худ мебошад. Ибни Сино ин назари худро дар муносибати мафҳуми куллӣ бо мафҳумҳое чун “асп” ва “инсон” асоснок мегардонад. “Инсон” ва “асп” чизҳои алоҳида ҳастанд ва “куллӣ” чизи дигари аз ду чизи аввала фарқкунанда мебошад. “Куллӣ” на ба моҳияти “инсон” тааллуқ дорад ва на ба моҳияти “асп”. На дар таърифи “инсон” ва ё “асп” мафҳуми “куллӣ” истифода мегардад ва на баръакс, дар таърифи “куллӣ” мафҳумҳои “инсон” ва “асп” истифода мегардад. Инҳо чизҳое ҳастанд аз ҳам фарқкунанда. “Инсон” ва “асп” дар моҳияти худ фақат инсон ва асп ҳастанд ва куллӣ ба моҳияти онҳо дохил намешавад, балки ба тариқи аразӣ ба моҳияти “инсон” ва “асп” мечаспад: “Пас, куллӣ аз ин ҳайс, ки куллӣ аст, чизе аст, ва аз ин ҳайс ки мафҳумест, ки куллият бар он ориз мешавад, чизи дигарест. Пас, ҳар як аз ин таориф бар куллӣ аз он ҳайс, ки куллист, далолат доранд. Пас, вақте ин куллӣ инсон ва ё асб бошад, мафҳуми дигаре ғайр аз мафҳуми куллият ва ба маънои асб будан аст. Зеро на таърифи асб будан ҳамон таърифи куллият аст ва на куллият дар таърифи асб будан дохил аст. Зеро таърифи асб будан ниёзманди таърифи куллият нест, лекин куллият бар асб будан ориз мешавад. Асб будан худ ба худ, аслан чизе ҷуз асб будан нест, зеро фи нафса на воҳид ва на касир ва на

мавҷуд дар хориҷ ва на мавҷуд дар нафс аст, ва на чизе аз инҳо би-л-қувва ё би-л-феъл дар асб будан дохил ҳастанд” [6, с. 145].

Аз ин шарҳи Ибни Сино ба хубӣ метавон бархурд бо як маънӣ аз се ҷиҳатро мушоҳида намуд: якум, чиз дар худии худ, ки ҳанӯз дорои ҳеҷгуна арази хориҷӣ ва зеҳнӣ нест, дувум, чиз бо аразҳои хориҷиаш, ки ҳамчун чизи табиӣ шинохта мешавад, масалан инсонҳои алоҳида ва ё аспҳои алоҳида, ки дар худ куллиятро ифода менамоянд ва савум, чиз дар зеҳн, ки бар он маънии куллият ҳамл мегардад ва маҳз дар ин ҷо чиз ба худ дорои маънии куллӣ мегирад. Вобаста ба таъсирпазирии як моҳият аз аразҳо ин чизҳо аз ҳамдигар фарқ менамоянд, ки Ибни Сино бевосита ин фарқиятҳоро низ равшан месозад. Дар байни як чиз дар худии худ, масалан, инсон ҳамчун инсон ва ё асп ҳамчун асп ва инсон ва асп бо хусусиятҳои хориҷиашон мисли ягона ва ё бисёр, умумӣ ва ё хос ва мисли инҳо фарқият вуҷуд дорад. Агар як чиз на дар худии худ, балки бо хусусиятҳои зоҳирии худ мушоҳида гардад, он гоҳ аллакай на як, балки ду объект вуҷуд дорад: яке чиз дар худии худ ва дигаре, чиз бо хосиятҳои зоҳирии он. Дар ҳамин муносибат Ибни Сино як суол мегузорад, ки “оё инсонӣ дар Амр нисбат ба инсонӣ дар Зайд фарқ мекунад ва ё на?” Ҷавоби ӯ манфист. Аммо ин “не” ҳанӯз маънии онро надорад, ки инсонӣ дар Амр ва инсонӣ дар Зайд ҳар ду як чиз ҳастанд. Ин водор ба суолгузории дигар мекунад, ки аз ҳадафи асосӣ фарқ мекунад: инсонӣ ҳамчун инсонӣ ва бидуни хусусиятҳои зоҳирӣ. Инсонӣ дар Амр бо хусусиятҳои зоҳирии худ аз инсонӣ дар Зайд фарқ мекунад. Дар ин сурат аллакай ҳадаф инсонӣ ҳамчун инсонӣ нест, балки инсонӣ дар Амр аст, ки ин худ масъалаи дигар мебошад. Инсонӣ дар Амр фақат аз инсонӣ иборат намебошад, балки аз инсонӣ ва аразҳо. Инсонӣ фақат як унсури инсонӣ дар Амр мебошад ва ин ҷо дар навбати худ аразҳо низ ба инсонӣ таъсир мерасонанд, зеро он худ ба ин аразҳо тааллуқ дорад: “Зеро инсоният ба ҳеҷ ваҷҳа ҷуз бо аъроз мавҷуд намешавад. Ва дар ин ҳангом мақсуд фақат инсоният аз ҳайси инсоният нест. Пас чун инсонияти Зайд ҳамон инсонияти Амру нест, инсонияти ӯ ба воситаи аърозе, ки дорад, ғайр аз инсонияти Амру хоҳад буд” [6, с. 147]. Дар “Наҷот Ибни Сино мисоли “инсоният”-ро ҳамчун мафҳуми куллӣ меоварад ва онро “”сурати ақлӣ”

меномад, ки ҳам барои Зайд ва ҳам Амру сидқ мекунад: “Инсонияте, ки дар Зайд аст, агар ба сурати маъқули он муқоиса карда шавад, ба Зайд нисбат додани ончи аз он (инсоният) маъқул аст, аз нисбат додани он ба Амру бартарие надорад ва аз таъсири он (инсоният), ки сурати ақлӣ аз Зайд гирифта шудааст, аз он чи ки дар Амру аст, авлотар нест, балки равост, ончи дар Амру бошад, агар ба ақл пештар расад, (ақл) айнан ҳамин суратро аз Амру ҳосил кунад. Пас, ҳар ки аз ин ду нафар пештар ба (ақл) расад, худи ҳамин таъсирро ба амал оварад ва дигарӣ баъди вай ба чизе таъсир нарасонад. Бинобар ин ҳамин сурати маъқулро чунин ҳолат ҷоиз аст, ки аз ҳар ки дар нафс пештар расидааст, муртасим гардад” [3, с. 244].

Инсон ҳамчун инсон фақат як моҳияти соф аст, аммо ин маънии онро надорад, ки хусусиятҳо ба он дастрасӣ надоранд. Дар баҳсҳои Ибни Сино дар ин маврид мо ду нуқтаи назарро мушоҳида менамоем, якум, агар хусусиятҳо ба инсон ва ё ба ҳайвон ориз гарданд, онҳо, яъне инсон ва ё ҳайвон, моҳияти худро гум намекунанд, балки онҳо дар худ боқӣ мемонанд. Махсусан моҳияти инсон дар вуҷуд пеш аз хусусиятҳо ва аразҳо қарор мегирад.

Дувум, хусусиятҳо ба моҳияти инсон ва ё ҳайвони дигар дастрасӣ надоранд, аммо ворид гардидан ба хусусиёти онҳо дар вуҷуди инсон ҳатмист. Умум ва ё хос ба моҳияти инсон дохил нестанд, аммо ин маънии онро надорад, ки куллӣ ва хос ба моҳияти инсон ориз намегарданд. Бидуни хусусиятҳо на инсони умумӣ вуҷуд дорад, на хос ва ё дар бораи инсон ҳамчун вуҷуд сухан кардан ғайриимкон аст. Шарти вуҷуди инсон он аст, ки он дорои хусусиятҳост ва бидуни ин хусусиятҳо танҳо дар мавриди инсон ҳамчун инсон ва ё инсон ҳамчун вуҷуди зеҳнӣ сухан гуфтан мумкин аст. Ибни Сино дар ин муносибат аз идеяҳои афлотунӣ ёдоварӣ менамояд, ки агар чизе бидуни хусусиятҳои худ дорои вуҷуд мегардид, он гоҳ идеяҳои афлотунӣ низ дорои вуҷуди хориҷӣ буданд:”Ва агар ҷоиз бошад, ки ҳайвон аз он ҳайс, ки ҳайвон аст, ба танҳоӣ ва ба шарти ин ки чизи дигаре набошад, дар хориҷ вуҷуд дошта бошад, бояд ҷоиз бошад, ки мусули афлотунӣ вуҷуди хориҷӣ дошта бошанд; валав ҳайвон ба шарти адами чизе дигар фақат дар зеҳн вуҷуд дорад” [6, с. 150]. Сабаби ба вуҷуд омадани баҳси мазкур он аст, ки Ибни Сино бар мавҷудияти мафҳуми куллӣ ҳамчун вуҷуди хориҷӣ

бовар дошт. Баъзеҳо ақида доранд, ки инсон ва ё ҳайвон ҳамчун мафҳуми куллӣ дорои вуҷуди хориҷӣ нестанд, аммо Ибни Сино ин ақидаро инкор менамояд ва бар ин бовар аст, ки ҳайвон бо аворизи худ дар хориҷ низ вуҷуд дорад, аммо ҳадаф на чунин ҳайвон, балки ҳайвоне, ки бар мавориди зиёд сидқ намояд [6, с. 149]. Дертар Ибни Сино назари асосии худ дар мавриди вуҷуди хориҷӣ доштани чизи куллиро чунин баён кардааст: “Вақте мегӯем: табиати куллӣ дар хориҷ мавҷуд аст, мақсудамон ин нест, ки аз ҳайси куллият мавҷуд аст, балки мақсудамон ин аст табиате, ки куллият бар он ориз шудааст, вуҷуди хориҷӣ дорад” [6, с. 155]. Вақте як чиз ҳамчун моҳият дар худии худ дар назар дошта мешавад, бо он чиз ҳамчун чизи хориҷӣ фарқ менамояд. Зеро дар ин маврид аллакай ду чиз дар назар дошта мешавад: якум чиз ҳамчун моҳият ва дувум чиз бо хусусиятҳояш ва инҳо ду чизи аз ҳамдигар фарқкунанда ҳастанд ва чизи аввала ҳамчун ҷузъе аз чизи мураккаб дониста мешавад.

Мафҳуми моҳиятиро дар ҳамроҳӣ бо авориз ва ё хосиятҳои хориҷии он низ метавон мавриди шинохт қарор дод, зеро дар чунин шароит низ он ҳақиқати худро гум намекунад, масалан, зоти ҳайвон дар ҳамроҳӣ бо дигар авориз худро гум намекунад ва маърифати он имконпазир аст. Дар яке аз мавридҳо Ибни Сино фарқияти мафҳуми моҳиятӣ аз аразҳои онро чунин ифода кардааст: “ Ва ҳайвон бо чунин вуҷуде на ҷинс, на навъ, на шахс, на воҳид ва на касир, балки бо чунин вуҷуд фақат ҳайвон ва фақат инсон аст” [6, с. 148].

Ба ақидаи Ибни Сино, табиати инсон ва ё ҳайвон, дар худии худ ва бидуни аворизашон, дорои вуҷуди хориҷӣ нестанд. Ҳамчун табиат онҳо фақат дар зеҳнияти инсон вуҷуд доранд. Маҳз дар ҳамин ҷо куллӣ ба табиати инсон ориз(мансуб) мегардад ва танҳо дар ин сурат метавон дар бораи инсони куллӣ ва ҳамчунин куллият дар хориҷ сухан кард. Ибни Сино батакрор таъкид менамояд, ки табиати куллӣ аз табиати инсон ва ё ҳайвон ҷудо мебошад ва танҳо пас аз он, ки куллӣ дар зеҳн бар табиати инсонӣ ва ё ҳайвонӣ ориз мегардад, мо дар мавриди инсон ва ё ҳайвон ҳамчун мафҳумҳои куллӣ сухан мегӯем.

Яке аз баҳсҳои бунёдии дигар дар муносибат ба масъалаи куллӣ ва ҷузъӣ табиат ва ҳақиқати чизҳои куллӣ мебошад. Асоси ин баҳсро масъалаи вуҷуд дар

зеҳн ва муносибати он бо вуҷуди хориҷӣ ташкил медиҳад. Аз баҳсҳои Ибни Сино дар ин маврид метавон натиҷа гирифт, ки бидуни вуҷуд дар зеҳн қазоват кардани масъалаи куллият ғайриимкон аст. Худи ин куллият дорои ҳеҷ гуна вуҷуди хориҷӣ нест, балки як вуҷуди дар зеҳн бавуҷудовардашуда аст. “Зеро куллӣ аз он ҳайс, ки куллист биннафса мавҷуде шахсӣ нест” [6, с. 152].

Дар мавриди куллии хориҷӣ танҳо ҳамон вақт сухан кардан мумкин аст, ки агар маънии куллӣ дар шакли ақлонии чиз ба зеҳн бичаспад. Агар шакли ақлонии чиз дар зеҳният қобили тасаввур гардад, ба табиати он куллият мечаспад. Аммо на аз он ҷиҳат ки он дар зеҳният аст, балки ин табиати куллӣ дар зеҳн аз чизҳои гуногуни хориҷӣ, аз он ки барои чӣ онҳо куллӣ ҳастанд, хабар медиҳад: “Пас маълум шуд табиати куллӣ наметавонад мавҷуд дар хориҷ ва би-л-феъл куллӣ бошад; яъне табиати куллӣ ба танҳоӣ муштарак дар ҷамеъ аст. Ва куллӣ вақте оризи табиате мешавад, ки дар тасаввури зеҳнӣ бошад. Он чӣ куллист, маъқули зеҳнии инсон аст, ва куллияти он аз ин ҷиҳат нест, ки дар зеҳн аст, балки аз ин ҷиҳат аст, ки бо ашёъи мавҷуд ва ё мутаваҳҳими бисёре мутобиқат мекунад ва ҳукми ҳамаи инҳо дар назди нафс якест” [6, с. 153].

Вуҷуд дар зеҳн яке аз қисматҳои чашмрас дар фалсафаи асримиёнагӣ мебошад ва ин ҷиҳат қисмати муҳимми масъалаи куллият дар фалсафаи метафизикии Синоро ташкил медиҳад. Дар ин ҷо Ибни Сино дар мавриди ду шакли вуҷуд сухан мегӯяд: вуҷуд дар зеҳн ва вуҷуди хориҷӣ. Чизҳое, ки дар ҷаҳони хориҷӣ вуҷуд доранд, ҳамчунин дар зеҳн низ вуҷуд доранд, на баръакс, яъне на ҳамаи он мафҳумҳое, ки дар зеҳн вуҷуд доранд, дар олами хориҷӣ низ вуҷуд доранд. Дар муносибат бо масъалаи куллӣ низ Ибни Сино чунин ақида дорад, махсусан табиати куллӣ танҳо дар зеҳн ва на дар ҷаҳони хориҷ вуҷуд дорад, аммо ҳақиқати чизҳои куллӣ ҳам дар зеҳн ва ҳам дар ҷаҳони хориҷӣ вуҷуд доранд [2, с. 235].

Ҳар як боварӣ ба чунин табиати куллӣ дар ҷаҳони беруна зиддиятнок аст ва Ибни Сино чунин ақида дорад, ки масалан, “шояд будан, ки андар ҳастӣ берун аз нафси мардум яке ҳастӣ ҳаст ба ҳақиқат, яке чун мардумӣ ё чун сиёҳӣ, ки вай биайниҳӣ андар бисёр чизҳои бешумор аст, то қавме пиндоштаанд, ки яке нафс

аст, ки вай биайниҳӣ андар Зайд ва андар Амр аст, чунон ки яке падар мар писарони бисёрро ё яке Офтоб мар шаҳрҳои бисёрро. Ва ин гумон ҳақ нест ва ботил аст” [2, с. 234]. Дар ҳамин муносибат нахуст Ибни Сино ғайриимкон будани вуҷуди табиати куллӣ дар берун аз зеҳн ва ё би-л-феъл куллиро матраҳ мегардонад ва сипас шеваи муносибати табиати куллӣ, ки танҳо дар зеҳн аст, бо фардиятҳои хориҷиро тарҳ мекунад. Нуқтаи асосӣ дар ин масъала фарқияти ашёӣ миёни вуҷуд ва моҳият аст. Аразҳо ва ё нишонаи навъӣ моҳиятро ҳамроҳӣ менамоянд, то ин ки моҳият худро ҳамчун вуҷуд воқеият бахшида тавонад. Аммо ин чунин маънӣ надорад, ки ин аразҳо ва нишонаҳои навъӣ низ ба моҳият дохил мешаванд. Агар ин аразҳо ва нишонаҳои навъӣ низ ба он моҳият тааллуқ дошта бошанд, он гоҳ як моҳият низ дар худии худ дорои хусусиятҳои зиддиятнок мегардад, масалан, як инсон метавонад дар як вақт ҳам боақл ва ҳам беақл, ва ё як парранда дар як вақт ҳам парранда ва ҳам ғайрипарранда бошад: “Ва аммо нашояд, ки беруни нафсу ваҳму андеша яке мардумӣ биайниҳӣ бувад, ё яке сиёҳӣ биайниҳӣ ва вай андар ҳар чизе аз мардумон ва аз сиёҳон мавҷуд бувад. Ва нашояд, ки андар як чиз биайниҳӣ ҳам илм бувад ва ҳам набувад ва ҳам сиёҳӣ бувад ва ҳам сапедӣ бувад. Ва нашояд, ки ҳайвони куллӣ як ҳайвон бувад биайниҳӣ, ҳам вай раванда ва ҳам парранда ва ҳам нораванда ва ҳам нопарранда ва ҳам бо ду пой ва ҳам биайниҳӣ ба чаҳор пой. Пас, падид омад, ки маънии куллӣ, аз он ҷиҳат, ки куллист, мавҷуд нест, илло андар андеша” [2, с. 234].

Як чиз дар худии худ ва бидуни араз ва хусусиятҳои худ дорои ҳеҷ гуна вуҷуди хориҷӣ нест ва он танҳо дар зеҳн вуҷуд дорад. Ибни Сино дар мавриди вуҷуди табиати куллӣ ва муносибати он бо чизҳои хориҷиро дар асоси принсипи мутобиқат ва ё нисбат доштан чунин матраҳ мекунад: чун бори нахуст як инсон дида мешавад, дар зеҳн шакли ақлонии ин инсон зуҳур мекунад ва ҳар гоҳ ки инсони хориҷиро мебинад, як мутобиқат миёни инсони ақлонӣ ва инсони хориҷӣ сурат мегирад. Фардҳо дар байни ҳамдигар аз ҳеҷ гуна афзалият бархурдор нестанд, масалан, агар Амр намудор гардад, ҳамин шакли ақлонӣ дар зеҳн намудор мегардад ва агар аввал Зайд намудор гардад ҳам, ҳамин сурати ақлонӣ намудор мегардад, зеро таъсирпазирӣ ва ҳамчунин мутобиқати якнавохт сурат

мегирад. Ба андешаи Ибни Сино баробари сабт ёфтани як ҳастӣ дар зеҳн идрокот барҳам мехӯранд ва баробари мушоҳидаи чизи беруна тасвирии зеҳнии он чиз бедор мегардад. Аммо агар аз пеш на инсон, балки чизи дигар намудор гардад, чунин шабоҳат ба вуҷуд намеояд. Ибни Сино мисоли маънии куллӣ дар зеҳнро ба тариқи метафорӣ шабеҳи “нақш дар мум” қаламдод мекунад. Мо якчанд ангуштариро бо нақши якхела тасаввур мекунем, ва агар як нақшро дар мум пахш намоем, ин нақш бо ҳамаи нақшҳои дар дигар ангуштариҳо буда шабеҳ аст [2, с. 234]. Ғаззолӣ ин мисоли Синоро бо каме дигаргунӣ матраҳ мекунад, ба ақидаи ӯ низ, маънии куллӣ мисоли нақш дар мум аст, аммо нақши ангуштариҳои гуногун фақат аз назари навъ бо ҳам шабеҳанд, на аз ҷиҳати шумора. Ҳар як нақши ангуштарӣ бо хусусиятҳои алоҳидаи худ аз нақши ангуштариҳои дигар фарқ менамояд.

Масъалаи дувуме, ки Ибни Сино дар ин муносибат матраҳ мекунад, тақсим ва бисёрии табиати куллӣ дар асоси сабабҳои он, ки дар як вақт бо вуҷуди он ба вуқуъ мепайвандад. Ҳеҷ гуна табиати куллии дорои вуҷуди хориҷӣ вуҷуд надорад ва ҳамчунин ҳеҷ гуна ду инсон ва ё сиёҳии куллие дар як замон ва дар як макон бо ҳолатҳои ҳамнавохт вуҷуд надорад. Чунин чизе имконпазир аст танҳо дар асоси сабабҳо, ки онҳо дорои ҳолатҳои алоҳида мегарданд ва дорои бисёрӣ мегарданд. Ин масъала бо масъалаи муносибати байни моҳият ва вуҷуд шабоҳати наздик дорад.

Дар “Донишнома” ин масъала дар асоси муносибати миёни мафҳумҳои ҷинсӣ ва навъӣ ҳамчун табиати куллӣ бо нишонаи навъӣ ва аразҳо ҳамчун сабабҳо баррасӣ шудааст, ки дар натиҷа як моҳият ва ё табиати куллӣ тақсим мешавад ва ҳамин тавр дорои вуҷуд мегардад. Аразҳо ва нишонаҳои хос ҳамеша вуҷудро ҳамроҳӣ мекунанд ва маънии махсуси маънии куллиро ба даст меоваранд. Новобаста аз он, онҳо ба моҳият дохил намешаванд. Қисмати аввали ин андешаро мо дар бахши боло матраҳ кардем, яъне маънии куллӣ дар худии худ абстракт аст, аммо тавассути араз ва фасли хос, ки сабаби зуҳури маъниҳои куллӣ мешаванд, вуҷуди худро соҳиб мегардад. На маънии куллӣ, балки маҳз ҳамин аразҳо ва фаслҳои хос боиси ба вуҷуд омадани фарқиятҳо мегарданд.

Қисмати дувуми андеша ин аст, ки аразҳо ва фаслҳои хос ба моҳияти маънии куллӣ дохил намешаванд ва ин масъала дар идома матраҳ гардонида мешавад. Мисоли Ибни Сино дар ин маврид муносибати байни ҳайвон ва “нотиқ” ҳамчун фасли хосси ҳайвон мебошад. Маънии ҳайвон дар фаҳмиши комили он ҳам барои инсон сидқ мекунад ва ҳам барои асп. Аммо “нотиқ”, ки фасли хосси инсон аст, ба моҳияти ҳайвон ба тариқи куллӣ дохил намешавад, зеро дар ин сурат асп ҳамчун ҳайвон қабул намегардид. Ҳайвон ба “нотиқ” ниёз дорад, то ин ки ба худ воқеият бахшад ва ин ба моҳияти он ҳеҷ гуна рабте надорад: “Маънии ҳайвоният ҳар дурост ҳосил ба як сон ва ҳар дуро ҳайвоният аз ҷиҳати ҳайвоният тамом аст. Ва агар якеро аз ин ду тамом набудӣ, варо ҳайвоният набудӣ. Пас фасли мардум, ки масалан, нотиқ аст, шарт нест андар моҳият ва ҳақиқати ҳайвоният ва илло аспро ҳайвоният ба ҳақиқат набудӣ. Пас, ҳоҷати ҳайвон ба фасл на аз ҷиҳати он бувад, ки ҳақиқати ҳайвонӣ ба вай ҳақиқати ҳайвонӣ бувад, валекин ба он бувад, ки ҳайвонӣ ҳосил шавад ба ҳастӣ. Ва ҳастӣ дигар асту ҳақиқат дигар” [2, с. 235-236].

Он чизе ки дар ҳангоми баррасии масъалаи куллият ба назар мерасад, ин асолати зеҳнии мафҳумҳо ҳангоми маърифати ҳастии чизҳо мебошад. Азбаски масъалагузорӣ ба тариқи дедуктивӣ сурат мегирад, зарурати исботи аз ҳастии куллӣ ба вуҷуд омадани ҳастиҳои ҷузъӣ ба миён меояд ва дар ин маврид ба ҷуз аз баҳсҳои мантиқии абстрактӣ чизи дигаре ҳақиқати масъалаи баҳсшавандаро ошкор карда наметавонад. Чизи дигаре, ки масъаларо ҳамеша дар сатҳи абстрактӣ нигаҳ медорад, ин асолат надоштани модда аст. Бо вуҷуди он ки Ибни Сино таъкид менамояд, ки маҳз модда сабаби дорои вуҷуди хориҷӣ гардидани чизҳо мегардад, аммо авлавият танҳо бар чизҳои абстрактӣ ва ҳақиқати онҳо дода мешавад. Новобаста аз ин равиши мантиқии таҳлили масъала тавонистааст, ки ҳақиқати куллӣ ва ҳамчунин ҳақиқати моҳият ва вуҷудро возеҳ ва равшан созад, ки минбаъд дар анъанаи фалсафаи метафизикӣ мавриди истиқбол қарор гирифтааст.

Дар идома мо ба ҷанбаи гносеологии масъалаи куллият мепардозем ва тавассути баҳсҳои мантиқӣ муносибати байни маънии ҷинсӣ ва навъиро, ки ҳар

ду ифодакунандаи маънии куллӣ ҳастанд, муайян менамоем.

Фарқиятҳои хусусияти куллӣ дар маъниҳои ҷинсӣ ва навъӣ, ҳамчунин нақши фасл дар ин муносибатҳо. Ҷинс ҳамчун як мафҳуми куллӣ ва моҳиятӣ як ҷузъи таркибии баҳс дар мавриди куллият мебошад ва дорои робитаҳои гуногунҷабҳа бо масъалаҳое чун модда, ҷисм, навъ ва фасл аст. Мо метавонем махсусиятҳои мафҳуми ҷинсро танҳо дар алоқамандии он бо мафҳумҳои зикргардида ошкор созем. Ҳанӯз дар оғози баҳси мазкур Ибни Сино қайд менамояд, ки истифодаи мафҳуми ҷинс аз он фаҳмише, ки юнониҳои бостон доштанд, фарқ дорад. Сабабаш дар он аст, ки дар фалсафаи асримиёнагӣ ва бахусус дар мактаби машшоия мафҳуми ҷинсӣ танҳо дар фаҳмиши мантиқии он истифода мегардад ва ба зудӣ ба ҷои мафҳуми ҷинсӣ мафҳуми навъӣ истифода мегардад. Як мафҳум, ки дар худ дорои маънии навъӣ мебошад, танҳо бо як тасаввури махсус ҳамчун ҷинс қабул карда мешавад ва бо хурдтарин дигаргунӣ дар фарз он мафҳум метавонад маънии ҷинсии худро аз даст диҳад.

Ин масъала, пеш аз ҳама, аз як тараф, дар муносибати байни ҷинс ва модда ва аз дигар тараф, дар муносибати байни ҷинс ва навъ қобили мушоҳида аст. Сабаби асосии ин вобастагӣ ва шабоҳат ҷисм аст, ки ҳам ба модда ва ҳам ба ҷинс ва навъ далолат мекунад. Дар идома мо кӯшиш мекунем, ки ҷисм ҳамчун модда ва ҷисм ҳамчун ҷинс ва сипас мафҳумҳои дигаре чун модда ва ҷинсро аз ҳамдигар ҷудо кунем. Ва дар қадами минбаъда муносибати ҷинс ва навъро бо ҳам муқоиса менамоем ва дар ниҳоят фаслро мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Мафҳум ҳамчун ҷинс ва модда. Ҳамон гуна ки дар фалсафаи Арасту ба назар мерасад, дар фалсафаи асримиёнагӣ низ як баҳси калоне вуҷуд дорад, ки оё ҷисм ҷинс аст ё модда. Дар фалсафаи метафизикии Ибни Сино масъалаи ҷинс маҳз бо ҳамин таҳлил оғоз меёбад. Аммо пеш аз оғози баррасии ин масъала моро зарур аст, ки яке аз қисматҳои дигари табиати куллиро дар ин ҷо матраҳ кунем. Ба ақидаи Ибни Сино, табиатҳои куллӣ дар оғози вуҷуди худ ба модда ниёз надоранд ва аз ин ҷиҳат онҳо дорои касрат ва ё бисёрӣ нестанд.Чунин фаҳмиши куллият ба рақами як монандӣ дорад. Пеш аз ҳама табиатҳои навъӣ ҳастанд ва чун навъ ҳастанд, ба фасл тақсим намешаванд ва чун абстракт ҳастанд, аз модда

таркиб наёфтаанд. Ҳамчунин бо аразҳо, ки ё арази зарурӣ барои табиати куллӣ ҳастанд ва дар касрат аз ҷиҳати навъ фарқкунанда нестанд ва ё ин аразҳо дорои касрат мегарданд, зеро ба онҳо аз ҷиҳати модда табиат ориз мегардад [2, с. 152].

Аммо на ҳамаи табиатҳои куллӣ метавонанд бидуни модда вуҷуд дошта бошанд, танҳо тавассути модда ин табиатҳои куллӣ дорои вуҷуд мегарданд. Дар ин маврид Ибни Сино ҷинсро ҳамчун табиати куллӣ мисол меоварад ва тавассути он фарқияти байни модда ва ҷинсро дақиқу равшан мегардонад. Масъалаи бунёдӣ дар ин маврид он аст, ки оё ҷисм ҷинс аст ва ё модда? Ин имкон вуҷуд дорад, ки мо як ҷисмро ҳам ҳамчун модда ва ҳам ҳамчун ҷинс шиносем, аммо он ки ин ҷисм модда аст ва ё ҷинс, вобаста аст аз фарзи мо. Ҷисм модда аст, агар мо ҷисмро ҳамчун ҷавҳар ва дорои се андоза фарз намоем. Дар ин маврид шарт он аст, ки ҳамаи мафҳумҳои дигар ба мисли ҳис ва ё нуму барои ҷисми фарзкардаи мо бегонаанд ва ба он намечаспанд [6, с. 157]. Ҳамчун ҷинс он дорои хусусиятест, ки агар мо ҷисмро ҳамчун ҷавҳар бо се андоза ва бидуни ягон шарте фарз кунем, ин ҷавҳар дар навбати худ мафҳумҳои дигари бегонаро ба худ қабул менамояд ва худро фақат ба се андоза маҳдуд намекунад [6, с. 158].

Дар асоси шинохти ҷисм Ибни Сино ҳамчунин дар мисоли ҳайвон аз маҳакҳое ном мебарад, ки дар асоси онҳо метавон ба хубӣ мафҳуми ҳайвонро ҳам ҳамчун ҷинс ва ҳам ҳамчун модда шинохт. Дар вуҷуди воқеӣ мафҳумҳо дорои қисматҳои аз ҳам ҷудои ҷисмонӣ ва ё ҷинсӣ нестанд, ки аз ҳамдигар фарқ намоянд ва чунин таъриф фақат дар зеҳн анҷом дода мешавад. Мо метавонем ба модда ва ё ҷинс тааллуқ доштани мафҳумҳоро дар асоси шартҳоямон муайян намоем, ки оё як мафҳумро зери шароити муайян дар зеҳни худ фарз менамоем ва ё зери шароити он ки ҳеҷ шарте вуҷуд надорад.

Агар мо ҳайвонро зери шароити муайян фарз намоем, ки он дар ҳайвонияти худ фақат ҷисм, эҳсос ва нумӯ мебошад, он гоҳ он модда аст ва мавзуъ барои “нотиқ” ҳамчун фасли инсон, ки барои чунин модда сурат мебошад.

Аммо, ба ақидаи Ибни Сино, агар мо ҳайвонро ҳамчун ҷинс фарз намоем, он гоҳ чунин ҷисмҳо фақат мафҳуми абстрактӣ мебошанд. Дар чунин мафҳумҳо метавонанд “нотиқ” ва дигар фаслҳо зуҳур намоянд. Ин фаслҳо қисмати

таркибии сурати худро ташкил медиҳанд. Аммо дар сурати мавҷуд будан ва ё мавҷуд набудани онҳо мафҳум тамомияти худро аз даст намедиҳад. Яке аз хусусиятҳои дигари ҳайвон ҳамчун ҷинс он аст, ки қувои нуму, эҳсос ва ирода бояд ин суратро ҳамроҳӣ намоянд: “Ҳамин тавр, агар ҳайвон бар ин машрут бошад, ки дар ҳайвонияти худ чизе ҷуз ҷисмият ва нуму ва ҳис набошад ва моидаи инҳо аз он хориҷ бошанд, эй басо баид нест модда ё мавзуъ барои инсон бошад ва нафси нотиқа сурати он воқеъ шавад. Ва агар ҳайвон бар ин машрут бошад, ки ҷисм ба маънои ҷинс бошад ва ин ҷисм муҷоз бошад, ки дар маънои худ дорои ҳис ва соири суратҳо, хоҳ нутқ ва хоҳ муқобили нутқ бошад, ва ба набудан ва ё будани чизе аз инҳо тааррузе нашавад, балки ҷоиз бошад ҳар як аз инҳо дар ҳувияти ҳайвон мавҷуд бошанд, валекин қувваи нуму ва ҳис ва ҳаракати биззарура бо ҳувияти ҳайвон ҳамроҳ бошанд ва зарурате набошад, ки илова бар ин се мавҷуд набошанд ё бошанд. Чунин ҳайвоне ҳайвон ба маънии ҷинс хоҳад буд” [6, с. 158].

Дар ин бахш мо назарҳои Ибни Синоро дар мавриди фарқияти мафҳум ҳамчун модда ва ҳамчун ҷинс, ки дар фалсафаи машшоия яке аз масъалаҳои бунёдист, матраҳ намудем. Дар ин муносибат сухан на дар бораи фарқиятнокии худи мафҳум, балки зери кадом шароит фарз шудани мафҳум меравад. Дар аввал Ибни Сино ҷисмро ҳамчун модда, сипас ҳамчун ҷинс ба эътибор мегирад ва дар идомаи баҳси мазкур дар мисоли мафҳуми ҳайвон ӯ нишон медиҳад, ки дар кадом маврид ҳайвонро метавон ҳамчун модда фаҳмид ва дар кадом маврид онро ҳамчун ҷинс. Хулосаи ин баҳс он аст, ки агар як мафҳум ба фарз гирифта шавад ва ҳар як фасли ба он мувофиқояндаро ба он ҳамл кардан мумкин бошад, он гоҳ чунин мафҳумро метавон ҳамчун ҷинс қабул намуд. Аммо агар ин мафҳум танҳо бо як фасл комил гардад ва агар чизҳои дигар, ки бар он меоянд, бегона ва зиёдатӣ ҳастанд, он гоҳ чунин мафҳум модда аст.

Зоҳиран чунин ба назар мерасад, ки бо ишораи Ибни Сино ба модда шояд нишонаҳое аз афкори моддигароёна ба миён гузошта мешавад. Аммо ҳадафи Ибни Сино аз модда дар ҳадди олии худ ҳамон мавзуъ, ё пазиро аст, ки дар ин ҷо бо афкори моддигароёна ҳеҷгуна рабте вуҷуд надорад. Ҳангоми истифодаи

мафҳуми куллӣ, бидуни шакк суоле ба вуҷуд меояд, ки он модда, ё пазиро аст ва ё як мафҳуми ҷинсӣ, аммо ин масъаларо низ Ибни Сино ба тариқи мантиқӣ ва абстрактӣ ҳал менамояд, дар асл ин худ як масъалаи сирф абстрактӣ аст. Ҳамчун модда шинохтани як мафҳум ба ҳеҷ ваҷҳ аз хосиятҳои моддии он вобастагӣ надошта, балки аз тасаввур ва фарзи мо вобастагӣ дорад. Дар ин ҷо заъфи метафизика ба назар мерасад, ки он ба хотири аз ҳадди метафизика нагузаштан, ҳақиқати моддаро сарфи назар менамояд ва на моддаро асоси ба вуҷуд омадани ҳастиҳои абстрактӣ, балки баръакс асосҳои абстрактӣ ва зеҳниро ҳамчун сарчашма ва сабаби ба вуҷуд омадани олами моддӣ мепиндорад.

Мафҳум ҳамчун ҷинс ва ё модда танҳо сароғози баҳси куллият аст. Идомаи баҳси мазкурро мафҳум ҳамчун ҷинс ва навъ ташкил медиҳад.

Навъ низ ба мисли ҷинс яке аз масъалаҳои бунёдии табиати куллӣ мебошад ва ҳар ду дар якҷоягӣ қисмати таркибии масъалаи куллиятро ташкил медиҳанд. Ҷинс ва навъ чандон аз ҳамдигар фосила надоранд ва баъзан ҳатто ҳамчун Ибни Синоним қабул мегарданд. Интихоби онҳо ҳамчун ҷинс ва ё навъ на аз худи мафҳуми куллӣ, балки аз эътибори мо вобастагӣ дорад. Дар ҳамин муносибат Ибни Сино ду масъаларо мавриди баҳс қарор медиҳад:

А. Мафҳум ҳамчун ҷинс ва навъ. Саволи асосӣ дар ин муносибат чунин аст: чӣ гуна метавон ташхис дод, ки мафҳум ҷинс аст ё навъ? Ба худии худ маълум аст, ки ин баҳс идомаи баҳси қаблина дар мавриди як мафҳум ҷинс ва ё моддаро ташкил медиҳад. Ибни Сино ин масъаларо бо се фарз матраҳ мекунад: мафҳум ҳамчун модда, ҳамчун ҷинс ва ҳамчун навъ, ки онҳо дар навбати худ бо ҳамдигар дар алоқамандӣ қарор доранд. Дар боло мо назари Ибни Синоро дар мавриди он ки агар як мафҳум бо як фасл маънии худро комил гардонад ва ниёз ба чизи зиёдатӣ надоштаро матраҳ намудем, ки чунин мафҳум ҳамчун модда шинохта мешавад; аммо агар ҳангоми фарз ҳеҷ гуна шартгузорие вуҷуд надошта бошад ва ҳар чизе, ки ояд ба худ мепазирад ва худро комил гардонад, он гоҳ он навъ аст [6, с. 159].

Барои шинохти мафҳум ҳамчун ҷинс ва ё ҳамчун навъ Ибни Сино шеваи дигареро низ ба кор мебарад, ки он муносибати ин мафҳум бо нафси инсонӣ

мебошад. Дар ин зимн ӯ хусусиятҳои бунёдӣ ва аразӣ дар ин мафҳумро муайян месозад. Агар сурати як мафҳум барои нафс комил ва дақиқ набошад ва нафс барои ба эътибор гирифтани он ба унсурҳои ҷавҳарӣ ниёз дошта бошад, он гоҳ ин мафҳум ҷинс аст. Аммо агар сурати як мафҳум барои нафс комил бошад ва нафс барои эътибор ва ё фарз кардани он ба ҷустуҷӯи унсурҳои ҷавҳарӣ нагардад ва танҳо бо унсурҳои аразӣ қонеъ гардад, он гоҳ ин мафҳум навъ аст. Барои равшании бештар Ибни Сино дар ин маврид мафҳуми “адад”-ро ҳамчун мисол барои мафҳуми ҷинсӣ ва мафҳумҳои “чаҳор” ва ё “шаш”-ро барои мафҳуми навъӣ меоварад. “Адад” ҳамчун мафҳуми ҷинсӣ ба тариқи моҳиятӣ вуҷуд дорад, аммо барои нафс дақиқу равшан нест. Сурати ин мафҳум барои нафс комил нест ва барои он ки сурати онро барои худ комил гардонад, нафс бидуни тардид савол мегузорад: “кадом адад?” Дар қадами аввали ҷавоб мо ниёз дорем ба унсурҳои ҷавҳарӣ аз қабили “чаҳор” ва ё “се” ва танҳо дар қадами дувум ба унсурҳои аразӣ. Аммо мафҳумҳои “шаш” ва ё “чаҳор” барои нафс комил ва фаҳмо ҳастанд ва нафс барои вуҷуди онҳо дар ҷустуҷуи далели минбаъда намегардад, балки фақат ба далели аразӣ иктифо менамояд. Ҳамин тавр, агар дар ҷавоби саволи “кадом?” унсурҳои ҷавҳарӣ биёяд, он гоҳ он мафҳуми ҷинсӣ мебошад, аммо агар дар ҷавоб ба ин савол унсурҳои аразӣ биёяд, он гоҳ он мафҳуми навъӣ мебошад: “Ва агар хоҳӣ бидонӣ, ки маънии зотӣ, ки бар чизҳои бисёр афтад, ҷинсист ё навъӣ, нигоҳ кун! Агар чунон бувад, ки сурати маънӣ андар нафси ту тамом шуда бошад, ки ҳоҷат наёяд, ки чизе дигар ҷуз араз ба вай ёр кунӣ, то ӯро пиндорӣ, ки мавҷуд аст, бидон, ки он навъист чун даҳию панҷӣ. Ва чун натавонӣ онро мавҷуд пиндоштан, то ба он ҳол бувад, магар ки кадомияш биҷӯӣ, он ҷинс бувад, чун шумор, ки натавонӣ шумор мавҷуд пиндоштан, ҳамчунин шумор безиёдатии зотӣ ё аразӣ. Балки табъи ту хоҳад, ки бигӯӣ, кадом шумор аст, чаҳор аст, ё панҷ аст, ва ё шаш?” [2, с. 236].

Яке аз махсусиятҳои фарқкунанда, ки Ибни Сино қайд менамояд, он аст, ки аз ҷиҳати замонӣ вуҷуди мафҳуми навъӣ нисбат ба мафҳуми ҷинсӣ пешӣ дорад, аммо аз ҷиҳати моҳиятӣ тамоман баръакс. Агар ин ақидаро дар асоси иқтибоси боло шарҳ диҳем, пас шумор ҳамчун мафҳуми ҷинсӣ ба тариқи моҳиятӣ дар

зеҳни мо вуҷуд дорад, аммо аз ҷиҳати вуҷудӣ, баръакс, нахуст чаҳор ва ё панҷ вуҷуд дорад ва чун онҳоро мебинем, мегӯем, ки “Чаҳор адад аст” ва ё “Панҷ адад аст”. Агар масъаларо каме аз диди мантиқӣ шарҳ диҳем, пас метавонем бигӯем, ки мафҳуми ҷинсӣ ҳамеша маҳмули мафҳуми навъӣ мебошад.

В. Мафҳуми вуҷуд. Шарҳи мафҳум ҳамчун модда ва ҷинс ҳамчун вуҷуд мураккабтар аст нисбат ба шарҳи мафҳум дар худии он. Дар вуҷуд мафҳум аз таркибҳои моддӣ ва ҷинсӣ иборат намебошад, ки ҳамеша зарурат ба тақсим намудан ва шинохтани онҳо вуҷуд дорад. Ибни Сино муносибати миёни ҷисмияти инсон ва ҳайвонро ҳам дар вуҷуд ва ҳам дар вуҷуд дар зеҳн инъикос мекунад ва дар ҳар ду ҳолат ба як натиҷа мерасад, ки вуҷуди ҷинсӣ ва ё ҳайвонӣ пас аз вуҷуди навъӣ меояд: “Ҳукми он дар ақл ҳам ҳамин тавр аст. Зеро ақл наметавонад аввал ҷисмият ба маънои ҷинсиро дар чизе мавҷуд кунад ва баъд чизи дигареро ба он замима кунад, то ин ки дар ақл ҳайвони навъӣ ба даст ояд” [6, с. 160].

Ҳанӯз ҳангоми шарҳи ҷисм ҳамчун модда ва сурат ақидаи Ибни Синоро матраҳ сохта будем, ки ҷисми мутлақ, ки онро ҳанӯз дар маънии модда тасаввур карда наметавонем, абстракт аст ва танҳо тавассути навъҳои худ дорои вуҷуд гардида метавонад. Ҳамин ақидаро Ибни Сино дар ин муносибат низ бори дигар зикр мекунад. Дар ин ҷо низ маҳз навъҳо барои дорои вуҷуд гардидани ҷисми мутлақ ҳамчун сабаб нақш мебозанд, на баръакс, ки ҷисми мутлақ сабаби ба вуҷуд омадани навъҳо гардад [6, с. 160].

Ибни Сино ин масъаларо матраҳ мекунад, ки дар вуҷуд кадоме аз ин унсурҳо, моддият ва ё моҳият, пешӣ доранд ва назари ӯ бар он аст, ки дар баъзе ваҳмҳои дар назаргирифта ҷисмияти инсон пеш аз “ҳайвоният”-и ӯ дар инсон меояд. Аммо ин ҷисм дар маънии модда, на дар маънии ҷинс, фаҳмида мешавад. Ҷисм дар маънии модда ҳанӯз ҷинс нест ва аз ин ҷиҳат ҳанӯз он аз инсон хабар дода наметавонад. Он фақат сабаб барои зуҳур кардани навъият аст. Агар ҷисм дар маънии ҷинс як вуҷуди пеш аз вуҷуди навъӣ медошт, бояд ҷисм дар маънии модда барои зуҳури навъият ҳамчун сабаб нақше мебозид. Вақте ки ҳайвоният ба ҷисм ҳамчун модда пайваст аст, ин ҷисм аз инсон хабар медиҳад ва як қисми

ҳайвоният мегардад [6, с. 159]. Баҳси мазкур як баҳси мантиқӣ ва гносеологии масъалаи куллиятро ифода менамояд ва аз ҷиҳати мантиқӣ муайян намудани нозукиҳои ҷузъии онҳо дар тасаввур аз вазифаи илми мантиқ аст ва Ибни Сино дар баҳси мазкур мавқеи мафҳумҳои мазкурро муайян намудааст. Баҳси дигари вобаста ба масъалаи куллӣ ва ҷузъӣ ин алоқамандии онҳо бо масъалаи кулл ва ҷузъ мебошад.

Фарқияти байни куллӣ ва ҷузъӣ бо кулл ва ҷузъ. Вақте сухан аз куллӣ ва ҷузъӣ меравад, ҳамеша гумон бар он меравад, ки миёни ин мафҳумҳо бо ҷуфти кулл ва ҷузъ фарқияте вуҷуд надорад. Аслан ин масъаларо мо бояд дар оғози баҳси мазкур матраҳ менамудем, Ибни Сино бевосита ин масъаларо дар мадди назар мегирад ва фарқиятҳои бунёдии онҳоро ба шакли муқоисавӣ равшан месозад. Пеш аз ҳама бояд дар назар дошт, ки ҳадаф аз куллӣ ва ҷузъӣ ин мафҳумҳои зеҳнӣ мебошанд ва ҳадаф аз кулл ва ҷузъ бошад мафҳумҳои ғайризеҳнӣ ва ё хориҷӣ ҳастанд. Маҳз ин хусусияти фарқкунандаи онҳоро Ибни Сино дар қадами аввал зикр намудааст, ки он ин дар ашё ҳузур доштани вуҷуди кулл ва дар зеҳният ҳастӣ доштани вуҷуди куллӣ мебошад [6, с. 155]. Хусусияти дигари фарқкунанда дар он аст, ки кулл бо аҷзои худаш ҳисобида мешавад ва ҳар ҷузъи он ба кулл дохил мешавад, аммо аҷзои куллӣ бо куллӣ шуморида намешавад ва ҷузъиёти он низ дар куллӣ дохил намешаванд [6, с. 155]. Хусусияти дигари фарқкунанда ин пешӣ ва сипасӣ дар табиати онҳо мебошад. Табиати кулл бар аҷзои он пешӣ надошта, балки баробари ҷузъҳои он ба вуҷуд меояд, аммо табиати куллӣ бар ҷузъҳои худ пешӣ дорад. Масалан, инсони воқеӣ баробари зуҳури ҷузъҳои худ зуҳур мекунад, аммо инсон ҳамчун мафҳум дар зеҳн нисбат ба ҳамаи инсонҳои воқеӣ пешӣ дорад. Дар ҳамин асос табиати кулл наметавонад, ки ҷузъе аз ҷузъҳои худ бошад, аммо табиати куллӣ метавонад, ки ҷузъе аз ҷузъҳои худ бошад [6, с. 155]. Аз хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо ин аст, ки кулл дорои ҷузъҳои мутаноҳӣ нест, аммо куллӣ дорои ҷузъҳои номутаноҳӣ мебошад. Инҳо фарқиятҳои ниҳоӣ набуда, метавон онҳоро идома дод ва барои мо мисолҳои овардашуда худ фарқияти мафҳумҳои наздик ба ҳамдигарро нишон медиҳанд. Яке аз ин фарқиятҳо дар он аст, ки Ибни Сино куллро, ки ҳамон том

мебошад, на бо ҷузъ, балки бо ноқис дар муқоиса қарор додааст: “Том он чизе бошад, ки ҳама чизе, ки бояд барояш вуҷуд дошта бошад, барояш вуҷуд дорад. Чизе, ки ягон чиз аз он натавонад барои он вуҷуд дошта бошад, барои ӯ вуҷуд надорад. Том, ё дар камоли вуҷуд, ё дар қувваи феълӣ, ё дар қувваи инфиолӣ ва ё дар каммият бошад. Ноқис муқобили том аст” [3, с. 244].

Ҳамон андоза, ки дар шинохти фалсафаи метафизикии Ибни Сино масъалаи ҳастӣ нақши бунёдиро иҷро мекунад, дар мавриди шинохти мафҳуми моҳият, аз бунёдҳои дигари фалсафаи ӯ, масъалаи куллӣ ҳамон нақшро бозӣ мекунад. Нисбат ба дигар масъалаҳо масъалаи мазкур нисбатан мураккаб ва печида буд ва мо дар ин баҳс се дидгоҳи асосии Ибни Сино дар мавриди мавҷудро мавриди таҳлил қарор додем: якум мавҷуд дар худии худ, ки он моҳияти сирф буда, ҳанӯз на куллӣ, на хос мебошад, дувум, мавҷуд дар зеҳн, ки куллият маҳз дар он ҷо бар мафҳуми алоҳида ворид гардида, мафҳуми куллиро ба вуҷуд меоварад ва савум, мавҷуд бо аразҳояш, ки ҳамчун чизи табиӣ шинохта мешавад. Мафҳуми куллӣ бо моҳиятҳо ҳанӯз дорои айният набуда, онҳо аз ҳамдигар фарқ менамоянд ва мафҳум ҳамон вақт куллӣ мешавад, ки агар маънии куллӣ дар зеҳн бар маънии моҳиятии чиз ҳамл гардад.

Баҳси дигар ин фарқияти маънии ҷинсӣ ва моддии чизҳои куллӣ аз ҳамдигар мебошанд. Ҳар мафҳуми куллӣ, ки дорои хусусияти абстрактӣ мебошад, дар як вақт қобили истифода дар маънии моддӣ ва воқеии он низ аст, ки ниёз ба фарқиятгузорӣ дорад. Фарқияти онҳо танҳо тавассути як амали зеҳнӣ ва эътиборӣ муайян карда мешавад, ки иҷроиши он танҳо тавассути таҳлили мантиқӣ имконпазир аст.

Дар баробари масъалаҳои зикргардида мо равиши Ибни Синоро дар мавриди фарқ намудани маънии ҷинсӣ аз маънии навъӣ мавриди таҳлил қарор додем, ки он низ аз фарз ва эътибороти мо вобастагӣ дорад. Яке аз нишонаҳои фарққунандаи маънии ҷинсӣ аз маънии навъӣ дар он аст, ки ҳангоми истифодаи маънии ҷинсӣ зеҳни инсон қонеъ намегардад ва суолгузорӣ менамояд, аммо ҳангоми истифодаи маънии навъӣ, зеҳн қонеъ буда, суоли иловагӣ ба миён намегузорад.

Дар ниҳояти баҳси мазкур мо фарқияти мафҳумҳои куллӣ ва ҷузъиро аз мафҳумҳои кулл ва ҷузъ муайян намудем. Дар аксари мавридҳо ин ду ҷуфт ҳамчун Ибни Синоним истифода мешаванд, ки хатогии маҳз мебошад ва фарқияти асосӣ дар он аст, ки куллӣ ва ҷузъӣ дорои хусусияти зеҳнӣ ва абстрактӣ буда, кулл ва ҷузъ дорои хусусияти воқеӣ ва моддӣ мебошанд.

Дар боби мазкур, ки ба масъалаи имкон-ул-вуҷуд тааллуқ дорад, мо масъалаи бунёдии фалсафаи метафизикии Ибни Сино, яъне моҳият ва вуҷудро мавриди таҳлил қарор додем. Вобаста ба омилҳои идеологӣ ва сиёсӣ, дар замони шуравӣ имкони шинохт ва баҳс дар мавриди масъалаҳои зерин дода намешуд. Дар асоси адабиёти мавҷуда ва таҳлили бевоситаи матнҳо ҳақиқати масъалаи мазкур ошкор гардонида шуд. Дар алоқамандӣ бо он масъалаҳои бунёдии метафизикаи Ибни Сино ҷавҳар ва араз, ҳамчунин куллӣ ва ҷузъӣ мавриди таҳлил қарор гирифтанд, ки масъалаи моҳият ҷузъе аз онҳо буд.

Дар боби минбаъда унсурҳои дигари имкон-ул-вуҷуд мавриди таҳлил қарор мегиранд, ки масъалаи моҳият низ ҳангоми баррасиҳо мавриди таҳлил қарор мегирад.

БОБИ 4. НАЗАРИЯИ САБАБИЯТ, ПЕШӢ ВА СИПАСӢ, ҲАСТИИ БИ-Л-ҚУВВА ВА БИ-Л-ФЕЪЛ

4.1. Сабаб ва натиҷа ҳамчун механизми воситаи таҳаввул ва тағйири ашё

Сабаб ва натиҷа яке аз масъалаҳои бунёдии метафизика мебошад, ки Арасту маҳз тавассути консепсияи мазкур мушкилоти то замони ӯ мавҷудбудаи муносибати байни ягонагӣ ва бисёриро ҳал кардааст. Бидуни масъалаи мазкур сухан кардан аз воқеиятёбии ҳастии мутлақ ва ё дорои вуҷуди хориҷӣ гардидани ҳастиҳои зеҳнӣ номумкин аст. Як мавҷуд дар худии худ ҳанӯз дар ҳолати би-л-қуввагӣ қарор дорад ва танҳо тавассути сабаб аст, ки зарурати вуҷуди худро соҳиб мегардад. Аммо яке аз нуктаҳои муҳим дар ин маврид, ки бояд ҳамеша мавриди назар дошта шавад, он аст, ки масъалаи сабаб ва натиҷа танҳо дар доираи имкон-ул-вуҷуд сурат мегирад. Имкон-ул-вуҷуд дар худ ҳамеша мусаббаб ва ё натиҷа аст, аммо навъи дигари ҳастӣ, яъне воҷиб-ул-вуҷуд, он гуна ки дар боло якчанд маротиба зикр намудем, барои зарурати вуҷуди худ ниёз ба сабабҳои бегона надорад. Он вобаста ба моҳияти худ худ сабаб аст. Аммо ҳамчун сабаб ва натиҷа воҷиб ва имкон-ул-вуҷуд бо ҳам дорои муносибати моҳиятӣ ҳастанд, аз ин рӯ, дар оғоз мо ин масъаларо гӯшзад кардем.

Дар ҳақиқат ҳам, тарҳи масъалаи мазкур дар фалсафаи асримиёнагӣ аз ҷониби Ибни Сино ҳанӯз аз асрҳои миёна як навъ анъанаи шарҳдиҳиро ба вуҷуд овардааст. Бахусус назари Ибни Сино дар намати чаҳоруми “Ишорот ва танбеҳот”, ки зери унвони “Дар бораи вуҷуд ва иллатҳо” омадааст, вуҷуд ва иллатҳо дар алоқамандӣ мавриди таҳлил қарор мегиранд ва асоси ин баҳсҳои доманадорро ташкил медиҳад. Муҳаққиқон, пеш аз ҳама Насириддини Тусӣ, бар он ақида ҳастанд, ки ҳадафи Ибни Сино аз “вуҷуд” “вуҷуд ва ё ҳастии мутлақ” ва аз сабаб “вуҷуди хосса” аст. Вуҷуди мутлақ ба тариқи гуногун ба вуҷудҳои хосса ориз мегардад ва ҳар як мафҳум, ки дар навъи чизҳо ба тариқи гуногун ориз гардидааст, моҳиятан ба ин навъҳо дохил намешавад. Сабаб он аст, ки ҳастии мушаккак хусусияти моҳият намебошад ва аз ин ҷиҳат ҳастии оризии

ҳастии мутлақ ба мавҷудоти хосса дорои хусусияти аразӣ мебошад. Ҳастии мутлақ, агар дорои вуҷуди воқеӣ бошад, натиҷа мебошад. Хулосаи ин баҳсҳо он аст, ки ҳамаи чизҳо дорои ду вуҷуданд, яке вуҷуди хос, ки албатта ҳамон моҳият мебошад ва дигаре вуҷуди ом. Донишманди шинохтаи Эрон Ҳусайни Маликшоҳӣ пас аз тарҷумаи “Ишорот ва танбеҳот”-и Ибни Ибни Сино аз забони арабӣ ба форсӣ шарҳи худро ва ҳамчунин ақидаҳои дигар донишмандон ва шореҳони фалсафаи исломиро дар мавриди ҳар масъалаи мавриди назар овардааст. Бояд зикр намуд, ки Маликшоҳӣ баҳси худ дар мавриди вуҷуд ва сабабҳоро маҳз бо матраҳи назари Насириддини Тусӣ оғоз намудааст [10, с. 246] Баҳси байни вуҷуди ом ва вуҷуди хос ҳамон баҳси вуҷуд ва моҳият мебошад, ки дар боби пешина мо алоқамандии байни онҳоро нишон додем. Вуҷуди ом ин ҳамон ҳастии ягона ва трансенденталӣ мебошад, ки ба вуҷудҳои хос ва ё моҳиятҳо, ки гуногун ҳастанд, ориз мегардад.

Дар илми Ибни Синошиносии имрӯза масъалаи сабаб ва натиҷа дар фалсафаи Ибни Синоро профессор М.Диноршоев таҳқиқ намудааст [71, с. 443]. Дар ин таҳқиқ устод бештар робитаи сабаб ва натиҷаро мавриди таҳлил қарор ва баҳси чаҳор сабабро ҳамчун “бисёрсабабӣ” ба риштаи таҳлил кашида, аз байни онҳо бештар сабаби фоъилиро мавриди пайгирӣ қарор додаанд [71, с. 450]. Мутаассифона ба ғайр аз устод Диноршоев масъалаи мазкурро дар Ибни Синошиносии ватанӣ касе мавриди таҳлили дақиқ ва фарогир қарор надодааст. Хосиятҳои асосии ҳар як навъи сабаб, робитаи байни онҳо ва ниҳояти назарияи сабабҳо то ҳанӯз таҳлил нагардидаанд. Бинобар ин, дар идома мо кӯшиш менамоем, ки ҳар як сабабро дар алоҳидагӣ мавриди таҳлил қарор диҳем ва дар як вақт аҳаммияти масъалаи мазкур дар шинохти фалсафаи метафизикии Ибни Синоро ошкор гардонем.

Ибни Сино сабаб ва натиҷаро ҳамчун аразҳои ҳастии мутлақ муаррифи намудааст. Он гуна ки мушоҳида мешавад, сухан асосан сари ҳамон чаҳор сабаби арастуӣ меравад, ки инҳо сабаби моддӣ, сурӣ, фоъилӣ ва ғойӣ мебошанд. Аммо Ибни Сино дар ин масъала навгониҳоеро ворид намудааст ва шумораи сабабҳоро на ба чаҳор, балки ба ҳафт расонидааст. Ба ғайр аз он, ки Ибни Сино моддаро

ҳамчун бунёди нахустин аз сабаби моддӣ ҷудо менамояд, [6, с. 189] ки дар ин сурат шумораи сабабҳо ба панҷ мерасанд, ҳамчунин ӯ вуҷуди шароит ва адами мамониатро низ ҳамчун сабаб зикр намудааст [10, с. 243]. Новобаста аз он, ки Ибни Сино шумораи сабабҳоро асосан ба панҷ ва ё ба ҳафт расонидааст, аммо ӯ асосан ҳамон сабабҳои машҳури арастуиро мавриди таҳлили муфассал қарор додааст.

Дар асоси муносибати сабабҳо бо моҳияти натиҷа ин сабабҳо боз ба ду гурӯҳ тақсим карда шудаанд, ки онҳо сабабҳои моҳиятӣ ва сабабҳои вуҷудӣ мебошанд. Аввалин маҳаки тақсими сабабҳо ба гурӯҳҳо он аст, ки баъзеи онҳо қисми таркибии моҳият ва вуҷуди натиҷаро ташкил медиҳанд, ба инҳо сабабҳои моддӣ ва сурӣ дохил мешаванд ва баъзеи дигар қисми таркибии моҳиятро ташкил намедиҳанд ва танҳо дар дорои вуҷуд гардидани моҳиятҳо сабаб мегарданд, ки онҳо сабабҳои фоъилӣ ва ғойӣ мебошанд. Гурӯҳи аввалро боз ба ду зергурӯҳ тақсим менамоянд сабаби моддӣ ва ё унсурӣ. Агар ин сабаб вуҷуд дошта бошад, зарур нест, ки вуҷуди натиҷаи он ба тариқи би-л-феъл вуҷуд дошта бошад. Аммо дар сурати вуҷуди сабаби дувум, яъне сабаби суварӣ ва ё сурӣ, бояд натиҷа ба тариқи би-л-феъл вуҷуд дошта бошад. Гурӯҳи дувуми сабабҳо, агар онҳо моҳияти натиҷаҳоро ташкил намедиҳанд ва қисмати таркибии онҳо низ нестанд, низ ба ду зергурӯҳ тақсим карда мешаванд. Яъне натиҷа ба хотири сабаб, ки он сабаби ғойӣ ва ё сабаби тамомӣ мебошад, вуҷуд дорад ва ё натиҷа ба хотири сабаб вуҷуд надорад, балки сабаб бавуҷудоварандаи натиҷа мебошад ва ҳамеша онро ҳамроҳӣ менамояд, ки инро ҳамчун сабаби фоъилӣ мешиносанд [2, с. 241; 6, с. 188].

Масъалаи мазкур яке аз масъалаҳои доманадори илоҳиёти Ибни Синоро ташкил медиҳад, ки ниёз ба таҳлили муфассал ва дақиқ дорад ва дар идома мо кушиш менамоем, ки ҳар кадоми онҳоро бо назардошти ҳамаи ҷузъиёти онҳо мавриди баррасӣ қарор диҳем.

А. Сабаби фоъилӣ. Ҳамзамонии сабаб ва натиҷа далолаткунандаи ақидаи деистии Ибни Ибни Сино. Сабаби фоилӣ ба гурӯҳи дувуми сабабҳо дохил мешавад ва он қисми таркибии натиҷаро ташкил намедиҳад. Сабаби

фоъилӣ ба дигар моҳиятҳо, ки ҳанӯз дорои вуҷуд нестанд, вуҷуд ато менамояд. Вуҷуди чизҳои дигар, ки тавассути сабаби фоилӣ ба вуҷуд оварда мешавад, аз он ҷиҳат вуҷуд дорад, ки моҳияти сабаби фоилӣ на ба моҳияти онҳо наздик аст ва на сурати онро ба худ мегирад. Ба дигар ибора моҳияти сабаби фоилӣ ва чизҳое, ки сабаби фоилӣ ба онҳо вуҷуд ато менамояд, аз ҳамдигар фарқ доранд [6, с. 188]. Дар ин ҷо мо метавонем усто ҳамчун созандаи курсӣ ва худи курсиро мисол оварем, ки моҳияти усто, ки инсон будан аст, бо моҳияти курсӣ ҳеҷгуна умумиятеро доро нестанд, аммо усто бавуҷудоварандаи курсӣ мебошад.

Назари Ибни Сино дар мавриди сабаби фоъилӣ аз як қатор махсусиятҳо иборат аст, ки ҳамзамонии сабаб ва натиҷа ва ё бартарӣ доштани сабаб дар вуҷуд нисбат ба моҳият ва мисли инҳо аз он қабил мебошанд ва дар идома мо моҳияти ин ақидаҳоро бозкушоӣ менамоем.

а) Ҳамзамонии сабаб ва натиҷа дар вуҷуд. Дар фалсафаи асримиёнагӣ, бахусус дар байни мутакаллимон, чунин ақида вуҷуд дорад, ки як чиз фақат барои зуҳури худ ниёз ба сабаб дорад ва пас аз зуҳур он дигар ниёз ба ягон сабаб надорад. Агар ин ақидаро равшантар гардонем, пас чунин натиҷа мегирем, ки сабаб ҳамеша нисбат ба натиҷа пешӣ дорад ва онҳо ҳамзамон нестанд. Бояд зикр намуд, ки ин ақида дар илм ва фалсафаи минбаъда низ ривоҷ дошт ва беҳтарин намунаи онро мо метавонем дар методҳои индуксияи илмии аз ҷониби Франсис Бекон пешниҳодгардида, ки сабаби ҳодисаҳои мушоҳидашавандаро муайян месозад, мушоҳида намоем. Аммо Ибни Сино дар ин маврид назари мухолиф дорад ва назари зикргардидаро ҳамеша танқид намудааст [6, с. 190].

Ибни Ибни Сино ин баҳсро бо ин ақида оғоз менамояд, ки сабаби фоилӣ дар оғоз ҳамчун вуҷуди би-л-феъл вуҷуд надошт ва натиҷаи он низ адам буд. Бо таъсири баъзе омилҳо сабаби фоилӣ аз ҳолати имконӣ ба ҳолати воқеӣ тағйир меёбад ва онҳо ба натиҷа вуҷуд мебахшанд. Он натиҷа, ки қаблан нестӣ буд, тавассути сабаби фоилӣ соҳиби “ вуҷуди пас аз адам” мегардад. Ба ақидаи мутакаллимин, маҳз тавассути сабаб як чиз “пас аз адам” зуҳур мекунад. Аммо Ибни Сино чунин ақидаро инкор намуда, таъкид менамояд, ки чиз ҳамчун нестӣ ва чиз “пас аз адам” дорои сабаб нестанд. Як чиз дар ҳолати нестист, зеро сабабе

вуҷуд надорад ва як чиз “пас аз адам” аст ва “пас аз адам” ин атрибут ва ё фақат сифати чиз аст ва сифати чиз дорои сабаб нест [6, с. 192]. Ибни Сино мекӯшад, ки масъалаи мазкурро дар заминаи таҳлили чиз пас аз пайдоиши он шарҳ диҳад. Ба ақидаи Ибни Сино, зарурат ва ё зарурати вуҷуди чиз дорои шарт аст ва ин шарт ё пайдоиш, ё сифатҳои он аст. Ба ду далел пайдоиш наметавонад шарти зарурати вуҷуди чиз гардад: якум, вуҷуди худи пайдоиш дорои зарурати моҳиятӣ нест ва аз ин ҷиҳат як чизи дигар, ки дорои моҳият нест, наметавонад тавассути он зарурати вуҷуди худро касб кунад ва дувум, он ки пайдоиш пас аз воқеият ёфтани чиз аз байн меравад, пас чизе ки худ адам аст, наметавонад, ки сабаб барои чизи дигаре гардад. Дар ин сурат, фақат фарзияи дувум боқӣ мемонад: на пайдоиш, балки сифоти чизи бавуҷудомада сабаби он мебошанд [6, с. 191].

Дар асоси ин эътибор Ибни Сино ба чунин натиҷа мерасад, ки ин сифатҳо ва хусусиятҳо беохиранд ва бо пайдоиши чиз пайдо мешаванд. Аз ин ҷиҳат онҳо дорои вуҷуди ҳатмӣ нестанд, балки дорои вуҷуди мумкин ҳастанд ва ин чизи дигарест нисбат ба масъалаи сабаб ва бахусус ин нукта ки ҳифзи чиз аз унсурҳои беруна вобаста мебошад. Ҳамин тавр, чиз зарурати вуҷуди худро танҳо пас аз пайдоиш касб мекунад. Сабаби бартари пас аз вуҷуди чиз ва ё вуҷуди пас аз адам, ки фақат сифате барои вуҷуди воқеӣ мебошад, маънии худро аз даст медиҳад, зеро ин сифатҳо фақат пас аз пайдоиши чизҳо ба вуҷуди он мечаспанд ва дар воқеият ёфтани чизҳо ҳеҷ гуна нақше намебозанд: “Ҷоиз аст вуҷуд аз ин ҳайс ки вуҷуди ин моҳият аст, дорои иллате бошад; аммо ҷоиз нест сифати ин вуҷуд, яъне - вуҷуди баъд аз адам будан – дорои иллате бошад. Пас шайъ аз ин ҳайс ки вуҷудаш ҳодис аст, яъне аз ин ҳайс ки вуҷуди он ба мавҷуди баъд аз адам будан мавсуф аст, дар ҳақиқат дорои иллате нест. Балки аз ин ҳайс дорои иллат аст, ки моҳияти он дорои вуҷудест. Пас иллат фақат барои вуҷуд аст” [6, с. 192].

Яке аз мотивҳои асосии ин баҳс он аст, ки сабаб ҳамеша ҳамзамон бо натиҷа вуҷуд дорад ва пешӣ аз он надорад. Маҳз ин маъниро мо дар бахши минбаъда пайгирӣ менамоем.

Иллати фоилӣ ҳамеша вуҷудеро, ки берун аз худи он вуҷуд дорад, ҳамроҳӣ мекунад. Ба дигар сухан: сабаби фоилӣ ва натиҷа ҳамзамон вуҷуд доранд ва ин

аввалин хусусияти сабаби фоилӣ мебошад. Ин ақидаи Ибни Сино бар хилофи тасаввуроти мутакаллимон, ки сабабро дорои аз ҷиҳати замонӣ бартарӣ бар натиҷа медонистанд, равона гардидааст. Аммо ин андешаи Ибни Сино дорои хусусияти догматикӣ нест, балки сабаб ва натиҷаи ҳамзамон вуҷуддошта ифодакунандаи ҳаракат ва тағйирот ва ҳамчунин тағйири ҳолати ҳамешагии чиз ё худ натиҷа мебошанд. Аммо дар баъзе мавридҳо, бахусус дар мавриди зуҳурот, чунин бартарӣ на ҷанбаи замонӣ, балки моҳиятиро дорост. Новобаста аз оне, ки Ибни Сино бар ҳамзамонии сабаб ва натиҷа таъкид менамояд, ин наметавонад пешӣ доштани сабаб нисбат ба натиҷаро ба пуррагӣ аз байн барад.

Ба ақидаи Ибни Сино, маҳз аз сабаби надоштани огоҳии воқеӣ ва асил аз маърифат мутакаллимон гумон мекунанд, ки «падар», «дуредгар» ва «оташ» сабаби фоилӣ барои «писар», «хона» ва «гармӣ» мебошанд ва «писар», «хона» ва «гармӣ» пас аз зуҳури худ дигар ниёз ба сабаб надоранд. Ин тасаввуроти ботилро Ибни Сино бо он далел рад мекунад, ки «падар», «дуредгар» ва «оташ» танҳо дар марҳалаи аввалӣ ва он ҳам то он ҷо, ки онҳо таъсири бевосита бо натиҷа доштанд, сабаб буданд ва бо тағйир ёфтани ҳолати натиҷа функсияҳои онҳо ҳамчун сабаб ба охир мерасад ва сабабҳои дигар ҷойгузини онҳо мегарданд. Масалан, ба ақидаи Ибни Сино, падар танҳо то фиристодани нутфа то нуқтаи муайян сабаб мебошад, пас аз он ин нутфа дорои сабаби дигар мегардад ва чун он ба худ шакли ҳаётиро мегирад, боз дорои сабабҳое мегардад, ки аз ҳар ду сабаби аввалӣ батамом фарқ мекунанд: ”Падар иллати ҳаракати манист; ва ҳаракати манӣ он гоҳ, ки ба маҳалли муайяне бирасад иллати қарор гирифтани манӣ дар он ҷост. Аз он пас, дар он ҷо қарор гирифтани он иллат амри дигарест. Ва аммо иллати ба сурати ҳайвон даромадани манӣ ва ҳайвон боқӣ мондани он сабаби дигарест. Бино бар он, ҳар иллате ҳамроҳ бо маълули хеш аст” [6, с. 194].

Дар мисоли дуредгар ва оташ низ Ибни Сино чунин ақида дорад. Онҳо низ танҳо дар оғоз вазифаи сабаби фоилиро иҷро мекарданд ва дар марҳалаҳои минбаъда натиҷаи онҳоро сабабҳои дигар ҳамроҳӣ мекунанд. Онҳо дигар сабаби аслии «писар», «хона» ва «гармӣ» нестанд. Акнун маҳз он омилҳо сабаб ҳастанд, ки ҳолати натиҷа аз онҳо вобаста бошад. Масалан, барои «писар» ҳамоҳангии

модда ва сурати инсон, барои «хона» баҳамоии масолеҳи барои хона зарур, табиати ин масолеҳ ва дар ниҳоят ҳолат ва гармонияи байниҳамдигарии ин масолеҳ, ва барои «оташ» баҳамоии ҳарду сабаб дар ҳамзамонӣ, яъне зуҳури сурати оташ ва қатъ гардидани истеъдоди комил бар зидди он дар ҳамин замон:

“Бад-ин лиҳоз, бояд эътиқод дошт, иллати шакли бино таҷаммуъ аст ва иллати таҷаммуъ табоеи ҷамъомадаҳо ва суботи таркиби онҳост ва иллати ин табоеъ мафориқест, ки табоеъро эҷод кардааст. Иллати бача иҷтимои сурати он бо моддааш аз ноҳияи суратбахш аст. Иллати оташ ҳар ду: сабаби суратбахш ва заволи комили истеъдод бар зидди ин сурат аст. Бинобар ин, дар меёбӣ, ки иллатҳо ҳамроҳ бо маълулҳои худ ҳастанд” [6, с. 195].

Аз ҳар ду иқтибоси дар боло овардашуда равшан мегардад, ки ҳамзамонии сабаб ва натиҷа андешаи асосии Ибни Синоро ташкил медиҳад, аммо дар ин ҷо танҳо як сабаб вуҷуд надошта, балки силсилаи сабабҳо вуҷуд доранд, ҳамчунин сабабҳо танҳо як навъ набуда, балки чанд навъанд. Ӯ сабабҳоро ба моҳиятӣ, яъне сабабҳое, ки вуҷуди чизҳо ба тариқи би-л-феъл аз ин сабабҳо вобастаанд ва ғайримоҳиятӣ, ки Ибни Сино онҳоро сабабҳои «аразӣ» ва «ёрирасон» низ меномад. Ибни Сино чунин мешуморад, ки беохирии сабабҳо ногузир аст, зеро тавассути зуҳури сабабҳо чизҳо зарурати вуҷуди худро касб мекунанд.

Ҳаракат, ки хусусияти асосии сабаб ва принсипи асосии тағйироти ҳамешагии чиз аст, силсилаи сабабҳоро роҳнамоӣ мекунад. Чиз дар тағйироти ҳамешагии ҳолати худ аст ва ҳамзамон бо ин тағйиротҳо он дар пайвастагӣ бо сабабҳо қарор дорад ва бидуни ин сабабҳо аслан аз вуҷуд ва ҳолати ҳамешагӣ маҳрум хоҳад буд. Ибни Сино ҳолати сабаб ва натиҷаро чунин ифода кардааст: “Аз ин рӯй, мегӯем: агар ҳаракате вуҷуд надошт, ҷойи ин ишкол буд. Аммо ҳаракат шайъи воҳидро бар як ҳолат нигаҳ намедорад ва лизо таҷаддуди ҳолат дар он баъд аз оне, ки ҷуфт ва мамос бо ҳам бошанд, пеш намеравад, балки дар иттисол бо ҳам пеш мераванд. Пас, зоти иллат дар ҳар лаҳзае на вуҷуди маълул, балки доштани нисбати хоссе бо маълулро эҷоб мекунад. Ҳаракат ё иллати ин нисбат аст, ё шарики феълияти иллати ин нисбат” [6, с. 195].

Натиҷа дар худии худ дорои ҳеҷ ҳолате нест, он бидуни сабаби фоилӣ

нестии маҳз аст. Аз ҳамин ҷиҳат, ҳамаи тағйиротҳо, ки тавассути ҳаракат ба вуҷуд меоянд, тавассути сабаб рух медиҳанд. Ба ақидаи Ибни Сино, дар ин ҳамзамонӣ ва тағйироти доимии моҳият сабаб асосан ба ҳолати чиз ҳамчун вуҷуди он таъсир мерасонад. Натиҷа на вуҷуди сабаб, балки муносибати махсус бо сабабро талаб менамояд ва дар ин муносибати муҳим ва махсус ҳаракат нақши асосӣ мебозад. Он, яъне ҳаракат, ё сабаб барои ин муносибат аст ва ё шарики ин сабаб ва ё шароите, ки таъсири сабабро дар ин муносибат муҳайё месозад [6, с. 195].

Дар ин маврид мо бо мафҳуми ҳаракат ва ё тағйирёбӣ дучор мегардем, ки аз махсусиятҳои фалсафаи диалектикӣ мебошанд, аммо чун мавридҳои дигар, дар ин ҷо низ ин мафҳумҳо дар сояи биниши метафизикӣ ҳамчун мафҳум ва масъалаҳои ғайриасосӣ ба зуддӣ аҳаммият ва мавқеи худро аз даст медиҳанд ва ба як унсури воқеиятсоз табдил намеёбанд. Ибни Сино дар ин муносибат ҳамон ҳаракатеро, ки хусусияти диалектикӣ дошта, боиси тағйирёбии мавҷудот мегардад, дар назар дорад, аммо маърифати онҳо дар новобастагӣ ва берун аз маҳдудаи сабаб ва натиҷа номумкин аст, зеро дар ин сурат бинои метафизикии манзараи олам метавонист фурӯ пошад.

Дар “Донишнома” Ибни Сино таъсири сабабҳоро ба се навъ тақсим мекунад: ин таъсир ё аз табиат аст ё аз табъи чизҳо, масалан сӯзандагӣ аз табиати оташ сар мезанад; ё аз ирода, масалан, як инсон аз рӯи ирода амалеро анҷом медиҳад; ва ё ин таъсир аразист, масалан, вақте ки об чизеро месӯзонад, он аз табиати худи об бар намеояд, балки он оз ҳолати аразии об, ки онро тавассути оташ касб кардааст, бармеояд [2, с. 243].

Дар ҳамин нуқта мо дорои хусусияти ҳамзамонӣ будани сабаби фоилӣ бо натиҷаи худро ба анҷом мерасонем ва омили муҳиме, ки дар ин ҷо матраҳ гардид бояд дар назар дорем, ки вақте Ибни Сино бар ҳамзамонии сабаб ва натиҷа таъкид менамояд, ин маънии онро надорад, ки дар вуҷуд онҳо ҳамзамон ҳастанд. Баръакс сабаб нисбат ба натиҷа аз ҷиҳати замонӣ пешӣ дорад, аммо танҳо дар муносибат бо натиҷа онҳо ҳамзамон мебошанд. Дар идома масъалаи сабаби фоилиро дар алоқамандӣ бо масъалаи ибдоъ мавриди пайгирӣ қарор медиҳем.

б)Таълимоти сабабҳо ва масъалаи ибдоъ. Ҳанӯз дар оғози баҳс дар мавриди сабабҳо дар муқоиса бо маънии метафизикии сабаби фоилӣ Ибни Сино қайд намуда буд, ки дар метафизика сабаби фоилӣ на ба мисли табииёт, ки танҳо асоси ҳаракатро ташкил медиҳад, дорои маънии маҳдуд аст. Балки сабаби фоилӣ ҳамчунин асоси вуҷуд ва ё асоси шаклдиҳандаи вуҷуд низ мебошад. Маҳз дар ҳамин асос сабаби фоъилӣ бо масъалаҳои бунёдии дигари фалсафаи асримиёнагӣ дар ҳамбастагӣ қарор дорад ва ба тариқи дақиқтар, дар фалсафаи метафизикии Ибни Сино он бо масъалаҳое чун офариниш (ибдоъ) ва шудан дар алоқа мебошад. Ҳадафи мо тарҳи ин масъалаҳо нест, балки фақат он ҷанбаҳоеро, ки ба масъалаи сабабҳо ва ба таҳлилҳои Ибни Сино дар мавриди сабаби фоилӣ алоқамандӣ доранд, матраҳ мекунем.

Он гуна ки дар боло мушоҳида намудем, Ибни Сино сабабҳоро ба моҳиятӣ ва ғайримоҳиятӣ ва ё ёрирасон тақсим намуда буд. Сабабҳои моҳиятӣ ҳамеша вуҷуди чизро ҳамроҳӣ менамоянд ва сабабҳои ёрирасон пас аз он ки чиз ба вуҷуд меояд, ҳамроҳии худро қатъ мекунанд. Дар натиҷа занҷираи сабабҳои ёрирасон ба тариқи беохир ба вуҷуд меояд. Аммо Ибни Сино дар байни сабабҳо сабабҳои ҳамеша таъсиргузорро низ қайд менамояд: агар сабаб ҷовидона бошад, пас натиҷаи он низ ҷовидона хоҳад буд ва чунин сабабҳо монеи адами натиҷа мегарданд. Ӯ чунин хусусияти сабабҳоро ҳамчун “хусусияти махсуси сабабҳо” меномад, зеро ҳар як чиз тамомияти худро танҳо ба воситаи чунин сабабҳо ба даст меоварад. Сабабҳои бо чунин хусусиятро дар фалсафаи асримиёнагӣ ибдоъ меноманд ва маънии ибдоъ офариниши чиз пас аз нестии мутлақ аст: “Пас, агар иллат вуҷуди доимӣ дошта бошад, маълулаш ҳам вуҷуди доимӣ хоҳад дошт. Аз ин рӯй, аз миёни иллатҳо чунин иллате беҳтар аст иллат бошад. Зеро ин иллат мутлақан монеи адами маълул аст. Пас, ҳамин иллат аст, ки ба маълул вуҷуди томм медиҳад. Иллат ба ин маъноро ҳукамо “ибдоъ” меноманд ва ибдоъ эҷоди шайъ баъд аз адами мутлақи он аст” [6, с. 196].

Дар ҳамин контекст ҳамчунин комбинатсияи “пешии моҳиятӣ ва замонӣ” ба миён меояд. Яке аз нишонаҳои асосии “нестии мутлақ” он аст, ки он на дар маънии замонӣ, балки дар маънии моҳиятӣ ба эътибор гирифта мешавад. Натиҷа

дар худии худ моҳиятан нестист ва танҳо тавассути сабабҳояш аст, ки соҳиби вуҷуд мегардад. Пештар як чиз дар худии худ (фи нафса) нестӣ буд, пеш аз он ки тавассути сабабҳо вуҷуд аз берун вориди он гардад. Пеш аз пайдоиши чиз ҳеҷ гуна замоне вуҷуд надошт. Аз ин ҷиҳат, дар зеҳният нестии мутлақ нисбат ба вуҷуд пешӣ ё тақаддуми моҳиятӣ дорад, на замонӣ. Ҳамаи натиҷаҳо дар ин маънӣ вуҷудҳое ҳастанд пас аз нестӣ [6, с. 196].

Дар як қадами минбаъда Ибни Сино дар муносибат бо маъни моҳиятии ҳудус ҳамчун ибдоъ ва ё "офариниши беоғоз" онро боз ба душоха тақсим мекунад ва сарчашмаҳои ҳастӣ ва нестиро равшан месозад. Ба ақидаи Ибни Сино вуҷуди чизи ҳодис ё бо "нестии мутлақ" ва ё бо "нестии ғайримутлақ" вобастагӣ дорад. Ба вуҷуд омадани чиз аз "нестии мутлақ", ки пешии замонӣ надорад, навъи махсуси ташкили ҳастӣ мебошад, зеро дар ин сурат ҳастӣ бар нестӣ мусаллат дорад ва таъсири нестӣ аз байн бурда мешавад. Аммо дар мавриди дувум, вуҷуди пас аз "нестии ғайримутлақ" маънии ибдоъ ва ё "офариниши беоғоз"-ро надорад, балки нестӣ аз маънии муқобил аст, ки дар моддаи воқеӣ вуҷуд дорад.

Зуҳури чиз аз "нестии ғайримутлақ" маънии ибдоъро надорад, балки сарчашмаи худро дар як чизи дигар (модда) дорад ва вуҷуди чунин як чиз заиф, кӯтоҳ ва дорои оғоз аст. Дар ин сурат нестӣ бар ҳастӣ ва бар чизҳои зуҳуркунанда бартарӣ дорад ва роҳи нестӣ барои чизҳо боз мебошад [6, с. 196].

Беҳтарин хусусияти сабаби фоилӣ он аст, ки он ҳамеша таъсиргузор мебошад ва чунин як сабаб чизҳоро аз нестии мутлақ наҷот медиҳад ва монеи нестии чизҳо мегардад. Чунин як сабаби ҳамеша таъсиргузор асосест барои "беҳтарин навъи бахшандагии ҳастӣ". Дар ин ҷо мо баҳси мазкурро дар мавриди сабаби фоилӣ ва вуҷуд пас аз нестии мутлақ хотима мебахшем ва хусусиятҳои дигари ин намуди сабабро пайгирӣ менамоем.

в) Сабаб ва натиҷа дар вуҷуд. Дар боло мо назари Ибни Синоро дар мавриди ҳамзамонии сабаб ва натиҷа дар вуҷуд матраҳ намудем, аммо ин маънии онро надорад, ки сабаб ва натиҷа дар пурра кардани вуҷуд баробарвазн ҳастанд. Сабаб ва натиҷа ҳамзамон рух медиҳанд, зеро натиҷа маҳз тавассути сабабҳо

дорои вуҷуд мегардад. Аммо натиҷа ҳамчун пазирандаи вуҷуд бо сабаб, ки бахшандаи вуҷуд аст, дар як сатҳ қарор надоранд.

Мо ақидаи Ибни Синоро тасвир намудем, ки мувофиқи он сабаби фоилӣ вуҷуди натиҷаро аёнӣ месозад ва ё ба он вуҷуд ато мекунад. Аммо ин вуҷуди натиҷа баъзан дар ҳамон навъ ва тарз бо бахшандаи вуҷуди худ ба вуҷуд меояд ва баъзан чунин амал сурат намегирад. Қайди муҳими дувум он аст, ки баъзан сабаб ва таъсири он ба ҳамон навъи вуҷуд таъсир мерасонад, масалан, гармӣ ва оташ ва баъзан ба дигар навъ, масалан, гармие, ки тавассути ҳаракат ба вуҷуд меояд [6, с. 196].

Хати асосии ин баҳсро вуҷуди натиҷа ташкил медиҳад, ки дар асоси ҳамон навъ бо сабаби худ ба вуҷуд меояд, зеро дар пурра кардани ҳастии ин вуҷуд сабаб ва натиҷа иштирок менамоянд ва мо бояд назари Ибни Синоро дар мавриди он ки оё сабаби фоилӣ ва натиҷа дар ин пуррасозии вуҷуд баробарвазн ҳастанд ва ё на равшан созем.

Дар як тафсири минбаъда Ибни Сино сабаб ва натиҷаҳоро вобаста ба навъи онҳо ба ду гурӯҳ тақсим мекунад: 1. Сабабҳое, ки вобаста ба навъи худ сабаб барои натиҷа мебошанд ва онҳо сабаби моҳиятӣ ҳастанд, масалан равон барои ҳаракати ихтиёрӣ ва 2. Сабабҳое, ки танҳо тавассути фардияти худ сабаб барои натиҷа ҳастанд, масалан, як оташи воқеӣ сабаб барои оташи дигар.

Он сабабҳое, ки дар заминаи фардияти худ сабаб барои натиҷа ҳастанд, аз ҷониби Ибни Сино боз ба зергурӯҳҳо тақсим карда мешаванд. Ба он хотир, ки ҳадафи мо, яъне муносибати сабаб ва натиҷа дар пур кардани вуҷуд муайян карда шавад, бояд нахуст маҳз ин гурӯҳбандии Ибни Синоро матраҳ созем, зеро маҳз дар ин замина шинохти воқеии назари Ибни Сино имконпазир мегардад. Гурӯҳбандии минбаъдаи Ибни Сино, ки дар заминаи навъи дувуми сабаб анҷом гирифтааст, боз ба ду зергурӯҳи дигар тақсим карда мешавад:

2.а. Сабаб ва натиҷа дар истеъдоди худ бо модда мувофиқат мекунанд, масалан, як оташ ҳамчун сабаб барои оташи дигар; 2.б. Сабаб ва натиҷа дар истеъдод бо модда мувофиқ намеоянд, масалан, нури офтоб, ки дар ҷавҳари худ офарандаи нур дар замину моҳтоб мебошад. Аввалии онҳо, яъне 2.а., ки дар он

сабаб ва натиҷа дар истеъдод бо модда мувофиқ ҳастанд, боз ба зергурӯҳҳои дигар тақсим мешаванд: 2.а.а. Истеъдоди комил. Табиати чиз ҳеҷ гуна монеа ва зиддияте бо чиз, ки дорои истеъдод аст, надорад, масалан, истеъдоди оби гарм дар раванди хунукшавӣ.

Табиати об худ дорои қувваест, ки хунукии берунаро қабул мекунад ва ҳамчунин бо он зиддият намеварзад; 2.а.б. Истеъдоди нокифоя. Табиати чиз худ дар баробари таъсири беруна монеа ва зиддият ба вуҷуд меоварад, масалан об нисбати гармӣ. Дар табиати об қуввае вуҷуд дорад, ки дар муқобили таъсири беруна монеа ва зиддият месозад. Мисоли аввала (2.а.а.) боз ба се гурӯҳ тақсим карда мешавад: 2.а.а.1. Натиҷа, ки дорои истеъдоди комил аст, дар худ дорои қувваи ёрирасон мебошад ва ин ёвари сабаби фоилист, масалан, қувваи ёрирасони об дар ҳолате ки об гармии худро аз даст медиҳад ва сард мегардад; 2.а.а.2. Натиҷа, ки дорои истеъдоди комил аст, дар худ як қувваи зиддиятварзро дар баробари сабаби таъсиррасон дорост, аммо бо зуҳури натиҷа он худро маҳв месозад, масалан, мӯйи сиёҳ замоне, ки сафед мешавад; 2.а.а.3. Натиҷа, ки дорои истеъдоди комил аст, аммо дар худ на қувваи ёвар ва на қувваи зиддиятварзро доро нест.

Ба андешаи Ибни Сино, дар ин муносибати сабаб-натиҷа дар пурра кардани вуҷуд се омилро метавон ба эҳтимол гирифт: 1. сабаб дар пурра кардани вуҷуд ҳиссаи зиёд дорад нисбат ба натиҷа; 2. сабаб ва натиҷа баробарвазн ҳастанд, аммо 3. натиҷа наметавонад ҳеҷ вақт зиёдатӣ дошта бошад нисбат ба сабаб. Ибни Сино ин назари худро дар асоси чаҳор унсур, ки дар фалсафаи арастуӣ ва аз ҷумла дар фалсафаи машшоия ҳангоми мисоловариҳо машҳур ҳастанд, асоснок месозад. Ба ақидаи ӯ, танҳо дар оғоз зоҳиран ба назар мерасад, ки сабаб ва натиҷа дар ҳамон вуҷуд баробарвазн ҳастанд, ҳатто чунин менамояд, ки натиҷа шиддати бештар дорад нисбат ба сабаб, аммо омӯзиши воқеӣ нишон медиҳад, ки чунин баробарвазнӣ ва ҳатто бартарии натиҷа дар баробари сабаб ғайриимкон аст. Баъзан чунин менамояд, ки натиҷа, ки дорои истеъдоди комил аст (нигаред ба 2.а.а.) нисбат ба сабаби худ дорои зиёдатӣ мебошад, масалан обе, ки тавассути ҳавои хунук ях бастааст. Чунин менамояд, ки хунукии дар оби яхбаста

мавҷудбуда дорои шиддати бештар аст нисбат ба сабаби худ, яъне нисбат ба ҳаво.

Дар ин маврид Ибни Сино далеловарӣ менамояд, ки шиддати қавии хунукӣ дар об на фақат таъсири ягонаи ҳаво мебошад, балки қувваи ёрирасони дар табиати худи об мавҷудбуда низ мебошад, аз ин ҷиҳат дар ин ҷо на фақат як сабаб, яъне ҳаво, балки ду сабаб вуҷуд дорад, яъне ҳаво ва ҳамчунин қувваи ёрирасони дар табиати об мавҷудбуда низ мебошад [6, с. 202]. Бо ин далел Ибни Сино ақидаи шиддати бештар доштани натиҷа нисбат ба сабаби худро инкор мекунад. Аммо масъалаи асосии дигари ин баҳс ин аст, ки оё сабаб ва натиҷа баробарвазн ҳастанд ё на. Ибни Сино дар ин муносибат ду далел меоварад ва дар ҳарду маврид ҳам исбот месозад, ки сабаб ва натиҷа дар як вуҷуд баробарвазн нестанд:

А. Мувофиқат дар таъриф ва номувофиқатӣ дар вуҷуд. Чунин менамояд, ки оташ дар ҳолати дигар шакли зоҳирии худро тағйир медиҳад. Он дар як маврид оташ ҳамчун сабаб аст ва дар дигар маврид натиҷа ё ҳолати тавассути оташ зуҳуркарда мебошад, ки дар як вуҷуд дар ҳолати мувофиқат қарор дорад. Ҳар чанд чунин менамояд, ки ҳарду баробарвазн ҳастанд, аммо дар воқеъ сабаб дар пурра кардани вуҷуд аҳаммияти калонеро дорост нисбат ба натиҷа. Ин вуҷуд тавассути сабаб ба вуҷуд меояд: оташ шинохта шудааст ва танҳо тавассути оташ натиҷа онро дунбола мекунад. Аз ин ҷиҳат мувофиқат дар ҳамин ҷо маънии худро гум мекунад. Аммо, ба ақидаи Ибни Сино, ин мувофиқат танҳо дар муносибат ба таъриф аст ва барои мо маълум аст, ки таъриф танҳо бо моҳияти чизҳо сару кор дорад, на бо вуҷуди онҳо. Дар таъриф фарқияте миёни сабаб ва натиҷа ва ё дар зиёдӣ ва камии шиддати онҳо вуҷуд надорад.

Аммо дар ноҳияи вуҷуд, ки сабаб ва натиҷа зарур ҳастанд, ҳеҷ гуна мувофиқат миёни ин ду вуҷуд надорад. Масалан, номувофиқатии сабаб ва натиҷа дар асоси иштироки онҳо дар истеъдоди модда. Дар асоси таъсири оташ ва об ба як чизи дигар, ки дорои истеъдоди нопурра аст (ниг. 2.а.б.), исбот менамояд, ки сабаб ва натиҷа баробарвазн нестанд. Ӯ инро ғайриимкон медонад, ки чизе гармиро аз оташ гирад, вале шиддати гармии ин чиз бо шиддати гармии оташ

баробар бошад ва ё чизе хунукиро аз об мегирад, вале шиддати хунукии он чиз бо шиддати хунукии об баробар бошад.

Фарқи моҳиятӣ дар ин муносибат он аст, ки оташ ва об дар худ ҳеҷгуна қувваи монеасоз ва зиддиятварз надоранд, аммо дар натиҷае, ки онҳо таъсир расондаанд, чунин қувваҳо вуҷуд дорад. Ба ғайр аз он истеъдоди оташ ба гармӣ ва об ба сардӣ дорои ҳеҷ гуна қувваи зиддиятварз дар ҷавҳарашон надоранд ва қувваи таъсиргузор аз ҷавҳари онҳо меояд, аммо чизҳое, ки тавассути оташ ва об таъсирпазир мегарданд, дорои қувваи монеасоз ва зиддиятварз ҳастанд ва истеъдоди онҳо ба гармӣ ва хунукӣ ба ҷавҳари онҳо тааллуқ надорад: “Бадин лиҳоз, имкон надорад ғайриоташ аз оташ гармо бигирад ва ҳарорataш мисли ҳарорати ин оташ бошад. Ё худ, ғайри об аз об сармо бигирад ва сардияш беш аз сардии ин об бошад. Зеро истеъдоди оташ бар ҳарорат ва об бар сардӣ ҳолатест, ки бо ҷавҳари онҳо мутазод нест ва қувои фоилаи дохил дар ҷавҳари онҳо ва ғайриғариб аз ҷавҳари онҳо аст. Аммо чизе, ки аз ин ду мунфаил мешавад, дорои монеъ ва мутазод аст ва иллати аввалияи инфиоли хориҷ аз ҷавҳари онҳост ва дар онҳо феъли худро бевосита ё тавассути амре мисли гармоии маҳсус дар оташи гармозо ва сармои маҳсус дар оби сармозо анҷом медиҳад. Пас мунфаил наметавонад бо фоил мусовӣ бошад” [6, с. 202].

Ибни Сино ин комбинатсияҳоро меомӯзад ва исбот менамояд, ки ҳам натиҷа дар вуҷуд зиёдатӣ надорад, ҳам сабаб ва натиҷа дар вуҷуд баробарвазн нестанд. Сабаб ва натиҷа баробарвазн нестанд ва сабаб дар дараҷаи вуҷуд дорои шиддати зиёд аст нисбат ба натиҷа.

Дар байни сабабҳо сабаби фоилӣ ҳамчун бахшандаи асосии вуҷуд аз аҳаммияти бештар бархурдор аст. Дар муносибат бо сабабҳои дигар мо хусусиятҳои дигари ин сабабро матраҳ месозем. Муҳимтарин хусусиятҳое, ки дар боло матраҳ гардид, инҳоянд: як чиз дорои сабаб мебошад, зеро вуҷуди он дорои моҳият аст, аммо хусусиятҳои ин вуҷуд дорои сабаб нест, сабаб ҳеҷ гуна аввалияти замонӣ нисбат ба натиҷа надорад, балки онҳо ҳамеша ҳамзамон ҳастанд. Чунин назари Ибни Сино, ки зоҳиран як масъалаи сирф фалсафӣ мебошад, бо бунёди фаҳмиши динӣ дар ихтилоф қарор дорад. Паш аз ҳама ин

назар, ки ҳамчун назари деистӣ машҳур аст, Худоро танҳо дар оғоз сабаби ба вуҷуд омадани ҷаҳон дониста, таъсири минбаъдаи он ба ҷаҳонро сарфи назар менамояд, ки ба ҳеҷ ваҷҳ мавриди писанди мактабҳои зери таъсири сахти таълимоти динӣ қарордошта, бахусус мактабҳои каломӣ, намегардид. Дар ин андеша аз нигоҳи мутакаллимон як навъ хатар бар пояҳои дини Ислом ба мушоҳида мерасид, зеро дар асл он мутлақгароии диниро инкор менамуд ва умуман дар баробари Худо ва ҷаҳон истифодаи муносибати сабаб ва натиҷа барои аҳли калом мавриди писанд набуд ва онҳо дар ин маврид бар комбинатсияи холиқ ва махлуқ пойбанд буданд. Бинобар ин назарияи сабабият, бахусус сабаби фоилӣ ва ҳамзамонии сабаб ва натиҷа, ки пойбандӣ бар сабаби авваларо инкор менамояд, мавриди интиқоди сахти мутакаллимон қарор мегирад.

Сабабҳои фоилӣ ба ҷавҳарӣ (моҳиятӣ) ва аразӣ (ғайримоҳиятӣ) тақсим карда мешаванд, сабабҳои моҳиятӣ ҳамеша чизро ҳамроҳӣ мекунанд ва сабабҳои аразӣ беохир ҳастанд. Дар байни сабабҳо он сабабҳое, ки ҳамеша таъсир мерасонанд, аз навъи махсуси сабабҳо дониста мешаванд, зеро онҳо бавуҷудоварандаи чиз аз нестии мутлақ ҳастанд, ки ҳамзамон монеи ба нестӣ табдил гардидани чиз мешаванд. Яке аз хусусиятҳои дигар он аст, ки сабаб ва натиҷа дар пур кардани вуҷуд баробарвазн нестанд. Сабаб ҳамчун бахшандаи вуҷуд ҳамеша дорои шиддати зиёдтар аст нисбат ба натиҷа ҳамчун пазирандаи вуҷуд.

Б. Сабабҳои моддӣ ва сурӣ. Умумият ва фарқиятҳои байни мафҳуми модда ва сабаби моддӣ аз як тараф ва сурат ва сабаби сурӣ аз дигар тараф. Сабабҳои моддӣ ва сурӣ ба гурӯҳи якуми сабабҳо дохил мешаванд, онҳо дар моҳияти худ натиҷа ва як унсури натиҷаро ташкил медиҳанд. Он гуна ки дар боло зикр намудем, ин ду навъи сабаб ҳамчун сабабҳои моҳиятӣ маъруф ҳастанд. Сабабҳои моҳиятӣ дар навбати худ боз ба ду зергурӯҳ тақсим карда шудаанд: сабабҳои моҳиятии хориҷӣ, ки ҳамин сабабҳои моддӣ ва сурӣ мебошанд ва сабабҳои ақлонӣ ва ё зеҳнӣ (илалулзеҳнӣ), ки ба инҳо ҷинс ва фасл дохил мешаванд. Дар идома сабабҳо ба хориҷӣ ва ё сабабҳои вуҷудӣ (илалулвуҷудӣ)

сабаби фоилӣ ва ғойӣ ва сабабҳои хориҷии моҳиятӣ чун сабабҳои моддӣ ва сурӣ ва сабабҳои зеҳнӣ: ҷинс ва фасл тақсим карда шудаанд [10, с. 255].

Баҳси мо бевосита ба сабабҳои моддӣ ва сурӣ бахшида шудааст, ки низ ҳамчун сабабҳои моҳиятӣ ва хориҷӣ шинохта шудаанд. Дар ин баҳс пеш аз ҳама мо кушиш менамоем, ки ин навъи сабабҳоро аз модда ва сурат, ки зоҳиран бо ҳам монанд ҳастанд, аммо аз ҳамдигар бунёдан фарқ менамоянд, фарқ намоем. Ин ва дигар хусусиятҳои ин навъи сабабҳоро ба тариқи алоҳида мавриди таҳлил қарор медиҳем.

а) Сабаби моддӣ. Дар оғоз мо кӯшиш менамоем, ки фарқияти асосии модда ва сабаби моддиро муайян намоем. Чун онҳо аз бисёр ҷиҳат бо ҳам наздикии зиёд доранд, бисёриҳо як чиз медонанд ва ба фарқиятҳои бунёдии онҳо мутаваҷҷеҳ намешаванд. Модда дорои истеъдод аст, аммо унсури ташкилдиҳандаи чиз нест, баръакси он шакли моддӣ, ки он низ дорои истеъдод аст, баръакси модда, як унсури чизро ташкил медиҳад. Ҳар дуи онҳо (модда ва сабаби моддӣ) дорои қувва ва истеъдоданд, аз ҳамин ҷиҳат онҳоро ҳамчун як сабаб қабул мекунанд. Аммо фарқиятҳои бунёдӣ вуҷуд доранд, аз ҷумла модда танҳо ҳамчун би-л-қувва вуҷуд дорад ва на би-л-феъл ва дар воқеият. Он вуҷуди воқеии худро танҳо ба воситаи сурат соҳиб мегардад. Ин назари Ибни Сино ҳанӯз аз муқоисаи модда ва сурат маълум аст, ки вақте як чиз худ дар шакли би-л-қувва вуҷуд дорад, он наметавонад нисбати чизҳои дигар бартарӣ дошта бошад ва наметавонад барои чизи дигар ҳамчун сабаб шинохта шавад, зеро ҳар чизи би-л-қувва пассив аст. Баръакси он, сабаби моддӣ воқеан пеш аз ҳар чизи дигар вуҷуд дорад, он сабаби сурат нест, балки сабаби таркиб аст.

Ибни Сино чунин ақида дорад, ки агар сабаби моддӣ вуҷуд дошта бошад, баръакси сабаби сурӣ, шарт нест, ки натиҷаи он низ ба тариқи воқеӣ вуҷуд дошта бошад. Масалан, агар чӯб вуҷуд дошта бошад, шарт нест, ки миз, ки аз чӯб сохта мешавад ва чӯб ҳамчун сабаби моддӣ барои миз мебошад, ҳатман вуҷуди воқеӣ дошта бошад [2, с. 241].

Чӯб барои сурати миз мавзуст ва модда, ҳамчун унсури чӯб, пазиро ва ё қобил. Ин модда моҳиятан фақат қувва аст ва он чизе, ки фақат ба тариқи би-л-

қувва аст, наметавонад барои як вуҷуд сабаб гардад. Мавзуъ бояд ҳамеша ба тариқи воқеӣ вуҷуд дошта бошанд ва агар он ба тариқи воқеӣ вуҷуд надошта бошад, он гоҳ пазирандаи сурати миз намегардад. Аз ин ҷиҳат, сабаби моддӣ чизест, ки дар худ ба тариқи би-л-қувва вуҷуди як чизи дигарро доро мебошад. Аммо фақат як навъ ва шеваи пазирои чизҳои оризшаванда вуҷуд надорад. Ибни Сино мавзуъҳои фаровонеро ном мебарад, ки ба онҳо ягон намуди қувва ориз гардидааст, масалан, қувваи саҳифа ба навиштор, ки дар ин сурат сабаби моддӣ, яъне саҳифа, бо қабули чизи навишташуда тағйир намеёбад, ва ё мум дар муҷассама ва ё бача дар ҳолати мард шудан. Мум ва писар дар худ истеъдоди қабули муҷассама ва мардро доранд ва дар ин ҳолат фақат як ҳаракати маконӣ, миқдорӣ рух медиҳад, аз қабили тағйир ёфтани сиёҳӣ ба сафедӣ. Дар ин маврид сиёҳӣ барҳам намехурад, балки дар сифати он тағйирот ба вуҷуд меояд [6, с. 207].

Дар ҳамаи ин муносибатҳои байни мавзуъ ва сурат, ки ба тариқи аразӣ ба мавзуъ мечаспад, ё ҳеҷ тағйироте рух намедиҳад ва ё тағйироти зиёд дар мавзуъ рух медиҳад ва дар ҳамаи ин ҳолатҳо бояд мавзуъ ҳамчун сабаби моддӣ ба тариқи воқеӣ вуҷуд дошта бошад.

Чунонки аллакай қайд намудем, истеъдод фақат ба тариқи аразӣ сабаб ба ҳисоб меравад, аммо он ҳамчун мавзуъ сабаб барои араз мебошад. Дар ин муносибат мавзуъ яке аз масъалаҳои муҳим дар нисбати сабаби моддӣ мебошад. Мавзуъ дар худ қуввае барои вуҷуди як чизро дорад. Дар идома мо хусусиятҳои дигари сабаби моддиро дар муносибат бо масъалаи мавзуъ матраҳ мекунем ва ҳангоми таҳлил бояд ҳамеша дар назар дошт, ки дар ин муносибат ҳадаф аз мавзуъ ҳамон сабаби моддӣ мебошад.

Яке аз ин гуна баҳсҳо муносибати сабаби моддӣ бо натиҷа аст. Вобаста ба ҳолати мавзуъ ҳеҷ гуна тасаввуроти умумӣ дар бораи он вуҷуд надорад. Баъзан гуфта мешавад, ки “Чиз аз модда (шакли моддӣ) ба вуҷуд меояд”, масалан, “Дар аз чӯб ба вуҷуд омадааст”, аммо мо гуфта наметавонем, ки “Котиб аз инсон ба вуҷуд омадааст”. Чунин муносибатҳои гуногун дар асоси ҳолати мавзуъ дар ҳангоми фарзи сурат қарор дорад. Агар мавзуъ дар ҳангоми пазироии сабаби сурӣ худро ба ҳаракат наёварад ва ё дигаргун насозад, пас наметавон гуфт, ки

чиз аз мавзуъ ба вуҷуд омадааст. Масалан, наметавон гуфт, ки навишта аз саҳифа ба вуҷуд омадааст, балки метавон гуфт, ки чиз аз нестӣ ба вуҷуд омадааст. Аммо агар баръакси ин ҳолат рух диҳад, яъне ҳангоми пазироии сурат дар мавзуъ тағйирот рух диҳад, метавон гуфт, ки чиз аз мавзуъ ба вуҷуд омадааст. Масалан, метавон гуфт, ки миз аз чӯб ба вуҷуд омадааст [6, с. 209].

Ва дар мавриди муносибати байни мавзуъ ва сурат бояд зикр намуд, ки мавзуъ аз сурат вобаста аст ва дар муносибат бо сурат ном бурда мешавад, аммо баръакси он ғайримумкин аст, яъне сурат аз мавзуъ вобаста нест ва дар муносибат бо мавзуъ аз он ном намебаранд. Масалан, метавон гуфт, ки "дари чӯбин", аммо наметавон гуфт, ки "чӯби дарин". Ҳамчунин баъзан мавзуъ метавонад, ки барои ҳамаи суратҳо умумӣ бошад ва баъзан танҳо барои баъзе суратҳо. Масалан, оби ангур, ҳамчун сабаби моддӣ, барои сирка, шароб ва ғайра мавзуъ мебошад [6, с. 209].

Дар муносибат бо сабаби моддӣ мо назари Ибни Сино дар мавриди моддаро беҳтар дарк менамоем. Ки сирф хусусияти метафизикӣ дорад. Дар мавриди сабаби моддӣ низ ба ҷуз аз он ки он ба тариқи воқеӣ вуҷуд дорад, Ибни Сино аҳаммияти махсусеро қоил нест. Он ҳамчунин бо сабаби сурӣ дар баробари сабабҳои фоилӣ ва ғойӣ камтар аз бартарӣ ва фаъолнокӣ бархурдор ҳастанд.

б) Сабаби сурӣ. Сабаби сурӣ ба мисли сабаби моддӣ ба гурӯҳи аввали сабабҳо тааллуқ дорад, онҳо ба моҳияти натиҷа тааллуқ доранд ва як унсури онро ташкил медиҳанд. Аз ин ҷиҳат он ҳамчун сабаби моҳиятӣ шинохта шудааст. Вобаста ба таҳлилҳои Ибни Сино мо кӯшиш менамоем, ки се хусусияти асосии ин навъи сабабро матраҳ гардонем: 1. фарқияти байни сабаби моддӣ аз сабаби сурӣ; 2. фарқияти бунёдӣ байни сурат ҳамчун таркиб ва сурат ҳамчун нахустасос; 3. Тасвири Ибни Сино аз истифодаи сурат.

1.Дар боло мо назари Ибни Синоро матраҳ намудем, ки агар мо сабаби моддиро фарз гардонем, вуҷуди натиҷаи он зарурӣ нест. Аммо дар мавриди сабаби сурӣ баръакс аст, дар ин маврид натиҷа бояд ба тариқи воқеӣ вуҷуд дошта бошад. Ибни Сино ин ақидаро дар "Донишнома" чунин матраҳ кардааст: яъне чун ваҳм кунӣ, ки ӯ ҳаст шуд андар олам, воҷиб ояд, ки маълул ҳаст бувад, чун

сурати курсӣ” [2, с. 241]. 2. Дар мавриди сурат ҳамчун нахустасос ва сурат ҳамчун унсури натиҷа боз фарқият ва шабоҳатҳои дигаре низ вуҷуд доранд. Ҳанӯз дар баҳси байни модда ва сурат мо зикр намуда будем, ки сурат сабаби модда аст ва модда ҳамчун натиҷа маҳз тавассути сурат аз ҳолати би-л-қуввагӣ ба ҳолати би-л-феълӣ мегузарад. Сабаби сурӣ низ сабаб мебошад, ки натиҷа тавассути он вуҷуди худро соҳиб мегардад. Дар як вақт, аз як тараф, дар байни сурат ва модда ва аз дигар тараф дар байни сабаби моддӣ ва сабаби сурӣ фарқияти бунёдӣ вуҷуд дорад. Дар аввалин қадам бояд донист, ки сурат ҳамчун сабаб ба чизҳои дигар вуҷуд ато наменамояд ва дар қадами дувум бояд донист, ки сабаби сурӣ ба натиҷа вуҷуд ато менамояд. Ибни Сино ин маъниро чунин ифода менамояд: Сурат барои таркиби модда ва сурат сабаби сурӣ мебошад ва барои модда бошад он фақат сурат мебошад ва на сабаби сурӣ.

3.Сурат дар мавридҳои зерин истифода мешавад: 1. Барои ҳамаи мафҳумҳои ба тариқи воқеӣ вуҷуддошта, ки ба тариқи мафҳумӣ фаро гирифтан имконпазир бошад; 2. Барои ҳар як моҳият ва воқеият, ки дар як истеъдоди сода ва мураккаб зуҳур карда метавонад, аз ҳамин ҷиҳат ҳамаи ҳаракатҳо ва аразҳо сурат мебошанд; 3. Ҳар як чизи худро тавассути модда воқеиятгардонида, дар ин сурат ҷавҳарҳо ва аразҳои ғайримоддӣ сурат нестанд; 4. Ҳар чизе ки тамомияти моддаро ҳамроҳӣ менамояд, ҳатто агар таркиби би-л-феъли сабаби он набошад, масалан, саломатӣ ва ҳар чизе, ки ба суи он ҳаракат менамояд; 5. Ҷинс ва навъи чизҳо; 6. Тамомияти чизҳои куллӣ низ барои қисмати худӣ сурат аст; 7. Сурат баъзан нокомил аст, ба мисли ҳаракат ва баъзан комил, ба мисли квадрат ва ё давра [6, с. 209].

Дар ин тасвири Ибни Сино сурат ҳамчун моҳият ва сабаби моҳиятӣ бисёр равшан аст. Аввалин шарҳи Ибни Сино дар мавриди сурат маҳз чунин аст: мафҳумҳое, ки би-л-феъл вуҷуд доранд, “ҷавҳарҳое, ки аз модда ҷудо мебошанд”. Модда ва сурат ҳамчунин сабаби моддӣ ва суварӣ аз эҷодкориҳои Арасту мебошанд, ки бар хилофи ҷаҳонбиниҳои файласуфони пешазсуқротӣ, ки дар ҳангоми маърифати ҳастӣ аз унсурҳои табиӣ истифода мебурданд, истифода шудаанд. Аммо шарҳи густурда ва муфассали онҳоро мо маҳз дар фалсафаи

метафизикии Ибни Сино дучор меоем.

В. Ҳадафи ғойӣ. Доираҳои маҳдуд ва васеи фаҳмиши он ва айният доштани ҳадафи ғойӣ бо хайр. Ба ақидаи Ибни Сино, сабаби ғойӣ аз ҷумлаи гурӯҳи дувуми сабабҳо буда, ба моҳияти натиҷа дохил намешавад, балки ҷудо аз натиҷа аст. Дар ин муносибат натиҷа дар сабаб нест, балки барои сабаб аст. Масалан, агар миз чун натиҷаи сабаби моддии худ, яъне чӯб вуҷуд дошта бошад, он гоҳ дар сабаби ғойӣ бошад миз маҳз бо мақсади муайян, ки ҳамчун сабаби ғойӣ дониста мешавад, сохта шудааст. Чунин намуди сабаб низ бисёр гуногунҷанба буда, бо дигар масъалаҳои бунёдии метафизика дар алоқамандӣ қарор дорад. Дар ин баҳс Ибни Сино, пеш аз ҳама, масъалаи зеринро матраҳ мекунад: сабаби амал, шарти амали беҳадаф, яъне амали беҳадаф ягон ҳадафи ниҳоӣ дорад ё не ва ҳамчунин оё он "хайр" аст ва ё не; ҳадафи ғойии моҳиятӣ ва ҳадафи ғойии аразӣ, на ҳамаи ҳадафҳои ғойӣ моҳиятӣ мебошанд. Сабабҳои ғойии аразӣ фақат ёрирасони сабабҳои ғойии моҳиятианд; Сабаби ғойӣ ҳамчун моҳият ва ҳадафи ғойӣ ҳамчун вуҷуд. Дар алоқамандӣ бо ҳамин масъалаҳо боз масъалаҳои дигаре низ вуҷуд доранд, махсусан, муносибати байни сабаби ғойӣ ва дигар сабабҳо. Дар идома мо кӯшиш мекунем, ки назари Ибни Синоро дар мавриди масъалаҳои зикргардидаро матраҳ кунем.

а) Амали беҳуда ҳамчун ҳадафи ниҳоӣ ва хайр

Ибни Ибни Сино масъаларо чунин матраҳ мекунад, ки оё ҳамаи ҳаракатҳо аз рӯи ҳадаф сурат мегиранд ва ё на? Аз назари Ибни Сино ғоят чизест, ки бо расидан ба он нуқта ҳаракат ба анҷом ва ё ба оромӣ мерасад. Аммо ҳамчунин ҳаракатҳои беҳадафона ва ё беҳудае низ вуҷуд доранд, ки лоақал дар аввалин назар бидуни ҳадаф ба назар мерасанд. Ин масъала Ибни Синоро водор месозад, ки ба як баҳси ниҳоят доманадор даст занад ва дар қадами аввал сабабҳои асосии амалҳоро матраҳ кунад ва минбаъд амалҳои беирода ва ё бемақсадонаро аз амалҳои беҳадаф фарқ менамояд ва дар ниҳоят исбот мекунад, ки амали беҳадаф низ дорои ҳадаф мебошад ва он хайр аст.

Бисёр ҷолиб аст, ки дар оғоз Ибни Сино сарчашмаҳои ҳар як амалро муайян месозад ва мувофиқи тақсимбандии ӯ ҳар як ҳаракати нафсонӣ, ба иборати дигар,

амал, дорои се сарчашма (мабдаъ) аст: якум, мабдаи қариб, яъне қувваи муҳаррикаи дар мушакҳои инсон мавҷудбуда; мабдаи баид, яъне азме, ки аз қувваи шавқ бармехезад ва савум мабдаи, ки ба он тахайюл ва тафаккур дохил мешаванд [6, с. 212].

Дар муносибат бо иштироки мабдаъҳои дар боло овардашуда дар амал Ибни Сино нахуст амали беҳударо аз амали ҳадафманд фарқ менамояд. Ва пас аз он исбот менамояд, ки амали беҳуда низ дорои ҳадаф аст ва он хайр аст. Ҳар як амал дорои сарчашмаҳои дар боло овардашуда мебошад, аммо пеш аз ҳама ду сарчашмаи аввалӣ: қувваи муҳаррикаи мушакҳои бадан ва азму шавқ фаъолтар ҳастанд ва сарчашмаи савум, яъне тахайюлу тафаккур, чандон муҳим нест, ки дар сар задани амал ҳамеша дар ҳамоҳангӣ бо шавқ иштирок дошта бошанд ва ё на.

Баъзан шавқ ҳам бо тахайюл ва ҳам бо тафаккур ҳамоҳанг аст, аммо баъзан фақат бо тахайюл, на бо тафаккур. Ин масъала, яъне мувофиқати шавқ бо қуввaҳои тахайюла ва тафаккур ва ё мутобиқати шавқ фақат бо тахайюл дар бунёди ақидаи Ибни Сино дар мавриди амали беҳуда қарор дорад. Барои он ки ба саволи асосиамон дар мавриди он ки оё амали беҳуда низ дорои ғоят аст ё на, ҷавоб диҳем, аввалан шарҳи Ибни Сино дар мавриди фарқияти байни амали аз рӯи ирода, аз як тараф ва аз дигар тараф, амали беҳударо бо дигар навъҳои амал матраҳ мегардонем. Дар умум Ибни Сино амалҳоро чунин аз ҳамдигар фарқгузорӣ менамояд:

1.Ғояти иродӣ. Ҳар ҳадафе, ки як ҳаракат ва ё як мақсад бо он ба анҷом мерасад ва неруи шавқ сабаби ин ҳаракат мебошад ва агар ин ҳаракат бо неруи тахайюл ва тафаккур ҳамоҳанг бошад, чунин ҳаракат ба ғояти иродӣ тааллуқ дорад;

2. Ҳаракати абас. Ҳар ҳадафе, ки бо он ҳаракат ба анҷом мерасад ва неруи шавқ, ки сабаби ҳаракат мебошад ва агар ин ҳаракат танҳо бо тахайюл ва на бо тафаккур ҳамоҳанг бошад, ин гуна ҳаракат ба амали беҳадаф тааллуқ дорад;

3. Ҳар ҳадафе, ки нуқтаи анҷоми ҳаракат намебошад, ба сифати сабаби шавқ на тафаккур, балки тахайюлро соҳиб мебошад. Аммо ин тахайюл баъзан ба

танҳои сабаби шавқ мебошад ва баъзан дар якҷоягӣ бо омилҳои дигар, масалан баъзан тахайюл дар якҷоягӣ бо неруи табиӣ ва баъзан тахайюл дар якҷоягӣ бо мизоҷ ва ё омили дигар. Ҳамчунин тахайюл метавонад хулқу одат бошад [6, с. 213]. Дар ин сурат, яъне агар ҳадаф нуқтаи ниҳоии ҳаракат набошад, ва мабдаи шавқ фақат тахайюл бошад, ин амал беҳуда ва ё абас нест. Дар ин муносибат Ибни Сино амалҳоро бо номҳои мушаххас ифода менамояд:

- агар сабаби ҳаракати шавқ фақат тахайюл бошад, он гоҳ он амали тасодуфӣ ва ё феъли газоф аст;

- агар сабаби ҳаракати шавқ тахайюл дар якҷоягӣ бо табиате чун нафаскашӣ бошад, он гоҳ он феъли табии ва ё зарурӣ мебошад;

- агар сабаби шавқ тахайюл дар баробари хулқу одат – эҳсоси ҳайвонӣ бошад, он гоҳ ин гуна амалро одат меноманд;

- агар як ҳадафи дорои неруи ҳаракатдиҳанда ва нуқтаи анҷом ва як ҳадафи дигаре, ки шавқ ба сӯйи он ҳаракат намояд, вуҷуд дошта бошад,аммо ин ҳадаф дастрас нагардад, он гоҳ амал танҳо дар нисбати ҳадафи дувум ботил аст, на ҳадафи аввала. Далели Ибни Сино дар нисбати феъли ботил чунин аст: “Ҳамонанди касе, ки ба маконе таъйиншудааст мулоқот бо дӯст дар он ҷо бошад, биравад, вале дар он ҷо бо ӯ бархурд накунад, пас феъли ӯ дар иртибот бо қувваи шавқ, на қувваи ҳаракат ва дар иртибот бо ғояти аввалия, на ғояти дувумӣ, ботил номида мешавад” [6, с. 214].

Манзури мо дар ин ҷо ҳаракати иродӣ нест, зеро ҳаракати иродӣ дорои ҳадаф буда, бо дастрасӣ ба ҳадаф ба анҷом мерасад, балки ҳаракати беҳуда мебошад. Ибни Сино дар ин ҷо он ақидаеро, ки ҳаракати беҳударо орӣ аз ҳадаф ва ҳамчунин хайр намедонистанд, инкор намуда, мехоҳад исбот намояд, ки ҳаракати абас низ дорои ҳадаф ва хайр аст. Дар ин маврид Ибни Сино ду далел меоварад ва аввалини он чунин аст, ки танҳо дар муносибат бо сабаби ҳаракат метавон гуфтан, ки амал дорои ҳадафе ҳаст ва ё на. Як амал танҳо ҳамон вақт абас аст, ки он дар муносибат ба сарчашмаи ҳаракат дорои ҳадаф набошад, на дар муносибат бо ҷанбаҳои дигар, ки сарчашмаҳои худро дар ҳаракат доро нестанд: “Феъл он гоҳ беғоят аст, ки дар иртибот бо мабдаи ҳаракаташ дорои

ғоят набошад, на дар иртибот бо чизе ки мабдаи ҳаракаташ нест, ва дар иртибот бо ҳар чизе ки иттифоқ меафтад” [6, с. 214].

Чунонки дар боло зикр намудем, шавқи дар заминаи тахайюл бавуҷудомада сабаби амали беҳуда мебошад. Дар ин ҷо Ибни Сино нишон медиҳад, ки амал дар муносибат бо сабаби худ, яъне шавқи аз тахайюл бархоста, як ҳадаф мебошад, аммо дар муносибат ба шавқи аз тафаккур бархоста наметавон ҳеҷ амалеро бе ҳадаф номид, зеро шавқи аз тафаккур бархоста сабаби он нест. Дар як далели дигари вобаста ба ин масъала Ибни Сино нишон медиҳад, ки зуҳури ҳар як амали нафсонӣ, ки қаблан вуҷуд надошт, аз шавқ ва ё талаботи нафсонӣ орӣ нест ва ин дар навбати худ бо тахайюл дар алоқамандӣ қарор дорад. Пас ҳар як амале, ки на аз тафаккур бармехезад, ҳатман бо тахайюл алоқамандӣ дорад ва мо аз ин алоқамандӣ огоҳӣ надорем. Инсон на ҳамеша аз чизҳое, ки ба хаёл меоварад, огоҳӣ дорад [6, с. 214].

Ҳадафи ниҳоӣ дар ин маврид ин фарқияти байни огоҳӣ ва тахайюл аст. Ҳама гуна амали нафсонӣ бо тахайюл, ҳамчун сабаби ҳаракати амал, алоқамандӣ дорад, аммо ин барои мо маълум нест. Маҳз ҳамин масъалаи огоҳӣ, ки дар охири баҳси мазкур пайдо мегардад, дар дарки ақидаи Ибни Сино дар мавриди ин ки “амали беҳуда низ дорои ғоят аст”, нақши ҳалкунанда мебозад.

Дар як қадами минбаъда Ибни Сино кӯшиш мекунад исбот намояд, ки ҳадафи як амали беҳуда бо хайр алоқаманд аст. Дар алоқамандӣ бо шавқ ҳамчун сабаби амали беҳуда, Ибни Сино исбот менамояд, ки ин навъи амал низ дорои ҳадаф аст, аммо дар ин ҷо асос барои сабаби сабаб ва ё сабаби шавқ вуҷуд дорад. Худи шавқ ҳамчун сабаби амали беҳуда як натиҷаи сабабҳои дигар мебошад. Дар ин нисбат Ибни Сино се сабаби шавқро номбар менамояд, ки инҳо ё “одат”, ё “малолат аз ҳолате ё иродаи интиқол ба ҳолати дигаре” ва ё “ҳирси қавии муҳаррика ва ҳассос бар таҷдиди феъли таҳрик ва эҳсос” [6, с. 215] мебошанд.

Ин се ҳамчун сабабҳои шавқ, яъне одат, гузариш аз ҳолати малолатовар ба дигар ҳолат ва ҳамчунин ҳирс бар амали нав лаззатбахшанд ва ҳар чизи лаззатбахш хайр аст. Аммо Ибни Сино таъкид менамояд, ки ин лаззат ва дар пайи он хайр дорои маънии мутлақ нестанд. Ибни Сино дар байни неруи ҳиссӣ,

тахайюлӣ ва ҳайвонӣ, аз як тараф, ва неруи инсонӣ, аз дигар тараф, фарқ мегузорад. Дар ин сурат лаззат фақат барои неруи ҳиссӣ, тахайюлӣ ва ҳайвонӣ хайр аст, аммо “лаззат ҳамчун хайри инсонӣ” ҷои шубҳа мебошад [6, с. 215]. Чизи ҷолиб он аст, ки бо вуҷуди он ки мабдаъ ғайриинсонист, аммо чун мабдаъ аст, пас он хайр аст. Агар ин ҷо боз ба оғози баҳс баргардем, Ибни Сино онро чунин масъалагузорӣ менамояд, ки “оё ҳар як ҳаракат дорои ҳадафи ғойист ва ё не?” Асоси ин масъалагузорӣ он аст, ки ҳадафи ғойӣ ҳадафест, ки ҳар як ҳаракатро ба оромӣ оварда мерасонад, аммо саволи асосӣ ин аст, ки ҳамчунин ҳаракатҳои зиёди беҳуда вуҷуд дорад. Вобаста ба ин, Ибни Сино баҳсро бо тарҳи сабабҳои ҳаракат оғоз намуда, навъҳои ҳаракат дар муносибат бо сабабҳои онҳоро муайян мекунад ва дар қисмати охири баҳс ӯ исбот менамояд, ки ҳаракати беҳадаф ва ё беҳуда низ дорои ҳадаф аст ва ин навъи ҳаракат дар муносибат бо сабаби худ хайр аст.

б) Ғояти зарурӣ. На танҳо сабабҳои номбаршуда, балки сабабҳои муайяни дигаре низ вуҷуд доранд, ки як ҳолати ҳаракатро аз ҳолати дигар фарқ мекунонанд. Ибни Сино чунин намуди сабабҳоро сабабҳои зарурӣ, аммо на моҳиятӣ, меномад. Дар ҳамин замина ӯ ҳадафи ғойиро ба моҳиятӣ ва зарурӣ, ки яке аз намудҳои сабаби ғойии аразӣ мебошад, ҷудо менамояд.

Вуҷуди ҳадафи ғойии зарурӣ ҳатмӣ мебошад, зеро вуҷуди ҳадафи ғойии моҳиятӣ, ҳолати он ва ҳаракати он аз чунин навъи ҳадафи ғойӣ вобаста аст. Ғояти зарурӣ дорои вазифаи қатъӣ нест, балки он аз ҷиҳатҳои гуногун бо ғояти моҳиятӣ дар алоқамандӣ қарор дорад ва кафолатбахши вуҷуди ҳадафи ғойии моҳиятӣ мебошад.

Ибни Ибни Сино ғояти заруриро ба се навъ тақсим мекунад: а. он ба ягон тарзе сабаби ғояти моҳиятист, зеро вуҷуди сабаби ғойии моҳиятӣ аз вуҷуди он вобаста аст, масалан, сахтии оҳан комилии худро аз сатҳи оҳан ба даст меоварад. Дар ин ҷо ғояти зарурӣ маҳз ҳамин ҳолатро ҳамроҳӣ менамояд ва на дигар ҳолати ѓояти моҳиятиро; б. ғояти зарурӣ барои ғояти моҳиятӣ сабаб нест, балки арази зарурии ин сабаб аст. Дар ин сурат низ вуҷуди ин арази зарурӣ ҳатмист, то ин ки ғояти моҳиятӣ ба худ воқеият бахшида тавонад, масалан, як чиз бояд тираранг

бошад, то ин ки ба пуррагӣ бурида тавонад. Ранги тира маҳз аз он ҷиҳат лозим аст, ки он ранги ҳамроҳ бо оҳан мебошад; в. он худ арази ғояти моҳиятист. Аз ин ҷиҳат вуҷуди он ҳатмист. Масалан, аз оиладоршавӣ сабаби ғойии моҳиятӣ фарзанд аст ва пасон ишқ ба фарзанд. "Ишқ ба фарзанд" ғояти зарурии кӯдак аст, ки сабаби моҳиятии он оиладоршавӣ буд [6, с. 215].

Яке аз масъалаҳои дигар дар мавриди сабаби ғойӣ масъалаи вуҷуд ва моҳияти он мебошад, ки мо онро дар ҳамоҳангии сабаби ғойӣ бо дигар сабабҳо матраҳ мекунем. Ҳангоми ошкорсозии ҳақиқати ҳадафи ғойӣ, ки дар ҳақиқат ҳам ниҳоят абстрактӣ мебошад, то андозае сабаби мазкур дар новобастагӣ аз дигар сабабҳо қарор гирифта буд. Дар идомаи баҳс, ки сабаби ғойӣ дар алоқамандӣ бо дигар сабабҳо мавриди таҳлил қарор мегирад, мо метавонем дар як вақт ин сабабро беҳтар бишносем.

в) Муносибати сабаби ғойӣ бо дигар сабабҳо. Вобаста ба хусусиятҳои он ва дар фарқият аз сабабҳои дигар ҳадафи ғойӣ дорои аҳаммияти бештар буда, бо масъалаҳои бунёдии фалсафаи метафизикии Ибни Сино дар алоқамандӣ қарор дорад. Аммо ин алоқамандӣ танҳо дар чаҳорчӯбаи масъалаи сабабҳо ва комбинатсияи байни сабаб ва натиҷа қобили инъикос аст. Сарчашмаи ин баҳс он аст, ки сабаби ғойӣ ҳам ҳамчун чиз ва ҳам ҳамчун мавҷуд қобили фарз мебошад. Бо вуҷуди он ки ин мафҳумҳо баъзан ба ҷойи ҳамдигар истифода мегарданд, аз ҳамдигар фарқ ҳам доранд. Фарқияти асосӣ он аст, ки як чиз дар худии худ ҳанӯз дорои вуҷуд нест ва он вуҷуди худро танҳо тавассути мавҷуд ба даст меоварад. Дар ин ҷо ҳадафи Ибни Сино аз чиз ҳамон моҳияти ашёст, ки аз вуҷуд фарқ мекунад ва вуҷуди худро танҳо тавассути сабабҳои чаҳоргона ба даст меоварад.

Барои нишон додани фарқияти байни чиз ва мавҷуд Ибни Сино ду далел меоварад: 1. фарқияти байни чиз ва аразҳои зарурии он ва 2. фарқият байни ҳақиқати инсон ҳамчун муайянкунандаи ӯ ва моҳият бо шароитҳои он, аз қабили куллӣ ва ҷузъӣ, дар воқеият ва ё дар зеҳн, би-л-қувва ва би-л-феъл ва мисли инҳо. Ибни Сино дар шарҳҳои худ дар бораи мавҷуд ва чиз ҳамчун танбеҳияи зеҳн ("Шифо", Илоҳиёт, мақолаи якум, V) муносибати байни ин мафҳумҳоро равшан мекунад. Мавҷуд нахуст ба чиз ҳамчун моҳият ориз мегардад ва бидуни ориз

гардидани мавҷуд ба чиз он нестӣ мебошад ва наметавонад вуҷуди худро соҳиб гардад. Яке аз фарқиятҳо дар ин маврид дар истифодаи мафҳумҳо ба назар мерасад, ки Мармура, тарҷумони англисии бахши Илоҳиёти китоби “Шифо” мафҳуми “шайъия”-ро ҳамчун “чизият” тарҷума кардааст, ки дар худ маънии чистиятро доро мебошад. Аммо муҳаққиқони эронӣ ин мафҳумро ҳамчун моҳият тарҷума кардаанд. Ин ҷо метавон хулоса намуд, ки ин баҳс бо масъалаи машҳури моҳият ва вуҷуд ба анҷом мерасад ва дар зимн сабаби ғойӣ ҳамчун моҳият ва вуҷуд фаҳмида мешавад [59, с. 228]. Ҳамаи ин мисолҳо далолаткунандаи масъалаи моҳиятанд. Дар асоси муносибати моҳиятиашон Ибни Сино мехост, ки сабабҳоро дар як саф ҷой диҳад ва дар ин ҳамоҳангӣ мехост, ки моҳият будани сабаби ғойиро нишон диҳад. Тибқи хулосаи ниҳоии ӯ, сабаби ғойӣ аз ҷиҳати моҳияти худ сабаби сабабҳои моддӣ, сурӣ ва фоилист, аммо аз ҷиҳати вуҷуди худ он натиҷаи сабабҳои дигар аст. Ба ибораи дигар, моҳияти сабаби ғойӣ сабаби се сабаби номбаршуда мебошад ва дар қадами минбаъда ин се сабаб, ки воқеан вуҷуд доранд, барои вуҷуди сабаби ғойӣ сабаб мегарданд. Аз ноҳияи моҳияти сабаби ғойӣ сабабҳои дигар натиҷа ва аз ноҳияи вуҷуди он сабабҳои дигар худ сабаб ҳастанд. Агар бори дигар бо мафҳумҳо бозӣ намоем он гоҳ он чунин мешавад: моҳияти сабаби ғойӣ сабаби сабаби вуҷуди худ ва вуҷуди сабаби ғойӣ натиҷа барои натиҷаи моҳияти худ аст: “Лизо иллати ғойӣ дар моҳияти худ иллати иллатҳои би-л-феъл будани соири иллатҳост ва дар вуҷуди худ маълули иллатҳои би-л-феъл будани соири иллатҳост. Пас, гӯйӣ, моҳияти иллати ғойӣ иллат барои иллати вуҷудаш аст ва гӯйӣ, вуҷуди иллати ғойӣ маълул барои маълули моҳияташ аст. Лекин моҳияти иллати ғойӣ, модоме ки дар зеҳн ё ҷории мачрои он мутасаввир набошад, иллати воқеӣ намешавад. Ва барои моҳияти иллати ғойӣ иллате вуҷуд надорад” [6, с. 218]. Муносибати байни сабаби ғойӣ бо дигар сабабҳоро мо метавонем мухтасаран дар “Наҷот” низ мушоҳида намоем: “Ғоят аз ҷиҳати чиз буданбар соири иллатҳо пешӣ дорад ва аз он ҷиҳат, ки онҳо иллатанд, он иллати иллатҳо ва аз он ҷиҳат, ки дар аъён вуҷуд дорад, тавонад мутааххир бошад. ... Ин аз он сабаб аст, ки ҳамаи иллатҳо барои ғоят шудаиллати билфеъл гарданд. Аммо ғоят аз барои чизи дигаре набуда, аввал он як навъ вуҷуд

пайдо кунаду баъд иллатҳо билфеъл иллат бишаванд” [3, с.232].

Аммо дар ин ҷо як махсусият аст: Ибни Сино миёни вуҷуди воқеӣ ва вуҷуд дар зеҳн фарқ мегузорад. Сабаби ғойӣ сабаб барои сабабҳои дигар дар моҳияти худ ва ҳамчунин вуҷуд дар зеҳни худ аст, на дар вуҷуди воқеии худ. Дар вуҷуди воқеии худ сабаби ғойӣ натиҷаи сабабҳои дигар аст. Аммо на фақат дар вуҷуди худ, балки дар моҳияти худ низ он метавонад натиҷа бошад, масалан, дуӣ натиҷаи якист. Яке аз хусусиятҳои моҳият он аст, ки баъзан моҳият дорои чизест, ки ба моҳияти он дохил мешавад, масалан, ба моҳияти дуӣ ҳамчунин моҳияти рақамҳо дохил мешаванд ва баъзан моҳият дорои чизест, ки ба моҳияти он дохил намешавад, балки ба он илова мегардад, масалан, квадрат дар чӯб ва ё дар санг [6, с. 228].

Дар ин ҷо муносибати сабаби ғойӣ бо дигар сабабҳоро метавон чунин натиҷагирӣ намуд: сабаби ғойӣ дорои хусусияти зеҳнӣ буда, дигар сабабҳо натиҷаи он мебошанд, аммо дар вуҷуди воқеӣ сабабҳои дигар сабаб ва сабаби ғойӣ натиҷа онҳост. Асос он аст, ки сабаби ғойӣ дар моҳият ва вуҷуди худ дар зеҳн дар ҳоли би-л-қувва вуҷуд дорад, аммо он пеш аз сабабҳои дигар қарор дорад, баръакс, сабабҳои дигар аз ҷиҳати би-л-феълии худ пеш аз вуҷуди сабаби ғойӣ меистанд. Чун муносибати сабаби ғойӣ бо дигар сабабҳо ниҳоят печида ба назар омад, дар охир мехоҳем онро бо мисоли соддае равшантар созем: агар ҳадафи мо сохтани хона бошад, пас хона ҳамчун сабаби ғойӣ нахуст танҳо дар зеҳни мо вуҷуд дорад, на дар хориҷ аз зеҳн. Ҳамин ғоят боис мегардад, ки мо аз паси омода кардани масолеҳ барои сохтани хона, ки сабаби моддӣ барои хона ҳастанд, тарҳ ва шакли хона, ки сабаби сурӣ барои хона мебошад ва устои хонасоз, ки сабаби фоилӣ барои хона аст, мегардем. Яъне се сабаб ба тариқи би-л-феъл вуҷуд доранд ва худи хона, ҳамчун сабаби ғойӣ, ки дар оғоз ба тариқи би-л-қувва вуҷуд дошт, танҳо дар охир ба тариқи би-л-феъл ба вуҷуд меояд.

Дар муносибати байни сабабҳо сабаби ғойӣ аз он дорои аҳаммият аст, ки маҳз он боиси ба вуҷуд омадани дигар сабабҳо мегардад. Агар нахуст сабаби ғойӣ ба вуҷуд наояд, он гоҳ имкони ба вуҷуд омадани дигар сабабҳо номумкин аст ва чунин вазифаи сабаби ғойиро дигар сабабҳо бозӣ карда наметавонанд.

г) Ҳадафи ғойӣ ва хайр – ду мафҳуми дорои маънии ягона. Дар муносибат бо сабаби ғойӣ аллакай мо падидаи хайрро мавриди шиносоӣ қарор дода будем. Дар оғози баҳси сабаби ғойӣ, ҳангоме ки масъалаи чигунагии амали беҳударо баҳс менамудем, назари Ибни Синоро матраҳ сохта будем, ки он хайр донистани амали беҳуда буд. Аммо ҳоло мо масъалаи хайрро дар доираи васеътар, яъне муносибати он бо худи сабаби ғойиро матраҳ мегардонем, ки ба андешаи Ибни Сино онҳо бо ҳам ҳаммаъно ва Ибни Синоним мебошанд. Вобаста ба чунин масъала дар шарҳҳои муфассали Ибни Сино ду ақидаи бунёдӣ вуҷуд дорад: ҳадафи ғойӣ тамомияти чизҳоро ҳамроҳӣ менамояд, зеро маҳз бо сабаби ғойӣ сабаби фоъилӣ аз ҳолати имконӣ ба ҳолати воқеӣ табдил меёбад. Як чиз дар ҳолати имконӣ ҳанӯз "бад" аст, зеро ҳанӯз асосе барои комилсозии худ вуҷуд надорад, аммо чиз ҳамчун воқеият "хайр" аст, зеро он ба сӯи камолот майл дорад ва дар асоси он маҳз сабаби ғойӣ қарор дорад. Барои он ки назари Ибни Сино дар мавриди хайрро беҳтар бишносем, кӯшиш менамоем, ки баҳси ӯ дар мавриди муносибати миёни сабаби ғойӣ бо дигар сабабҳоро матраҳ гардонем. Дар асоси навъи сабаби ғойӣ, ки дар фаъолият сабаби фоил аст, Ибни Сино онро ба ду қисм тақсим менамояд: а. сабаби ғойӣ, ки дар фаъолият таъсиррасон аст, сурат ва араз мебошад, ки дар он амал мунфаил аст, масалан, сурати инсон дар моддаи он, ки сабаби ғойи неруи таъсиррасон мебошад; б. сабаби ғойӣ, ки дар амал фоил аст, сурат ва ё араз дар мунфаил нест, масалан ба вуҷуд овардани як хона. Ин сабаби аввал ва сабаби ғойӣ дар неруи таъсиркунанда мебошад, аммо бавуҷудоварии хона бо сурати хона ҳар ду як чиз нестанд [6, с. 229].

Дар ҳар ду маврид низ Ибни Сино муносибати сабаби ғойӣ бо дигар сабабҳоро ҳамчун маҳак барои нишон додани сабаби ғойӣ ҳамчун хайр истифода кардааст.

Дар ҳолати аввал (а), агар сабаби ғойӣ дар амали сабаби фоилӣ сурат ва арази мунфаил бошад, дар ин сурат якчанд муносибат байни сабаби ғойӣ ва дигар чизҳо вуҷуд дорад, аммо дар ҳамаи ин муносибатҳо сабаби ѓойӣ танҳо як вазифаро ичро намекунад, масалан, дар муносибат бо сабаби фоилӣ он ҳадафи ғойист, зеро неруи амалкунанда аллакай дар воқеият вуҷуд дорад, аммо дар

муносибат бо ҳаракат он ҳанӯз на сабаби ғойӣ, балки нуқтаи ниҳоӣ мебошад, зеро як чиз, ки маҳз ба хотири ҳадафи ниҳоӣ вуҷуд дорад, бо дарёфти он ба итмом намерасад, балки худро комил мегардонад, аммо ҳаракат бо дарёфти нуқтаи ниҳоӣ ба анҷом мерасад. Ва дар муносибат бо истеъдод (пазиро) ва қувва сабаби ғойӣ ҳамчун хайр зуҳур мекунад. Зеро пазиро маҳз дар ин муносибат дорои воқеият мегардад, маҳз дар ин нуқта як чиз худро аз ҳолати би-л-қуввагӣ ба ҳолати би-л-феълӣ тағйир медиҳад ва имконият пайдо менамояд, ки худро комил гардонад. Дар муносибат бо истеъдоде, ки дорои воқеият аст, он сурати сабаби ғойӣ мебошад: “Аз ин рӯй ғоят дар иртибот бо фоил ғоят аст ва дар иртибот бо ҳаракат ниҳоят аст ва ғоят нест. Зеро шайъ баъд аз ба вуҷуд омадани ғояте, ки ба хотири он таҳқиқ ёфтааст ва толиби он аст, аз байн намеравад, балки бо он камол меёбад. Ва ҳол он ки ҳаракат бо расидан ба ғоят аз байн меравад; ва дар иртибот бо қобиле, ки ҳанӯз би-л-қувва аст ва бо ин шайъ камол меёбад, хайри ислоҳкунандаи қобил аст; зеро шарр адами он камол аст ва хайр муқобили ҳарр ҳусул ва вуҷуди би-л-феъл ёфтааст; ва дар иртибот бо қобиле, ки би-л-феъл аст, сурат аст” [6, с. 220].

Дар ин навъи муносибат ҳадафи ниҳоӣ, ки дар амали сабаби фоилӣ қарор дорад ва истеъдод, ки дорои сурат ва ё аразе монанд ба фаъолияти сабаби фоилӣ мебошад, ба эътибор гирифта намешавад. Дар чунин як муносибат ҳанӯз шарҳ додан ғайримумкин аст, ки сурат ва араз ба моҳияти сабаби фоилӣ дохил мешаванд ё ба моҳияти истеъдод ва ё мунфаил. Ин хусусият, ки асоситарин далел барои ақидаи бунёдии Ибни Сино мебошад, маънии худро маҳз дар ҳолати дувуми (б) муносибат зоҳир менамояд. Дар асоси навъи дувуми муносибат, яъне агар ҳадафи ниҳоии неруи амалкунанда на сурат ва араз дар мунфаил мебошад ва он ҳамчунин на нуқтаи ниҳоии ҳаракат мебошад, ба тариқи хулосавӣ нишон дода мешавад, ки ин ҳадафи ниҳоӣ ба сабабҳои фоилӣ ва амалкунанда тааллуқ дорад, ва неруи таъсиркунанда бо чунин сурат “би-л-қувва” ба воқеият табдил меёбад. Дар ин нуқта ҳамчунин ақидаи Ибни Сино дар ин маврид ки чиз ҳамчун “би-л-қувва” “бад” ва чизи воқеӣ “хуб” ва ё “хайр” аст, зуҳур мекунад. Ин андешаи Ибни Сино аз андешаи навафлотуниҳо ва гузашта аз он аз фалсафаи

Афлотун сарчашма мегирад. Ва дар муносибат бо ҳадафи ниҳоӣ ва сабаби фоилӣ чунин муносибат вуҷуд дорад: агар ин ҳадафи ниҳоӣ ҳамчун сабаби ҳаракати неруи таъсиррасон фарз карда шавад, он гоҳ он сабаби фоилист, аммо агар ин ҳадафи ниҳоӣ ҳамчун чизе фарз карда шавад, ки бо он чизе ҳамчун “би-л-қувва” ба “би-л-феъл” табдил ёбад ва худро беҳтар гардонад, он гоҳ он хайр аст [6, с. 220].

Дар ҳамин ҷо мо баҳси ҳадафи ниҳоӣ ҳамчун хайр, ҳадафи ғойӣ, ва умуман сабаб ва натиҷаро ба анҷом мерасонем. Ҳамин тавр, сабаб ва натиҷа аз муайянкунандаҳои (лавоҳиқ) ҳастӣ ҳамчун ҳастӣ ва яке аз масъалаҳои бунёдии фалсафаи метафизикии Ибни Сино мебошанд. Масъалаи сабаб ва натиҷа аз он дар метафизика дорои аҳаммият аст, ки маҳз он ба як қатор масоили норушани фалсафаи метафизикӣ, бахусус чигунагии гузариши ҳастӣ аз ҳолати имконӣ ба ҳолати воқеӣ ва ё аз ягонагӣ ба бисёрӣ равшанӣ меандозад.

Ҳамчунин ниҳояти фалсафаи метафизикӣ ва маънии вуҷуд, ки бо мафҳумҳое чун камол ва хайр алоқамандӣ доранд, маҳз дар муносибат бо масъалаи сабабҳо равшан мегардад. Он чизе ки мо дар боло матраҳ намудем, хусусиятҳои асосии сабаб ва натиҷа буданд. Дар муносибат бо масъалаи сабабҳо бисёре аз хусусиятҳои масъалаҳои асосии фалсафаи метафизикии Ибни Сино, бахусус моҳият ва вуҷуд, ҳамчунин ягонагӣ ва бисёрӣ равшантар гардиданд. Дар ҳамин ҷо мо масъалаи сабаб ва натиҷаро ҳамчун таркиби асосии имкон-ул-вуҷуд ба анҷом мерасонем.

Ба тариқи хулоса дар параграфи мазкур мо хусусиятҳои асосии назарияи сабабҳои Ибни Ибни Синоро, ки бидуни онҳо тасаввури фаҳмиши имкон-ул-вуҷуд номумкин аст, матраҳ сохтем. Дар ин параграф ҳар як сабаб: сабаби фоъилӣ, моддӣ, суварӣ ва ғойӣ ба тариқи муфассал таҳлил гардида, махсусиятҳои онҳо ва робитаи онҳо бо ҳамдигар равшан гардонида шуд. Аз ҷумла муайян карда шуд, ки Ибни Сино ба чаҳор сабаби арастуӣ шарҳи муфассал ва густурда дода, пеш аз ҳама онҳоро ба ду гуруҳ: сабабҳои вуҷудӣ ва моҳиятӣ тақсим менамояд ва дар қадами минбаъда ҳамаи онҳоро дар алоҳидагӣ мавриди таҳлил қарор медиҳад.

4.2. Пешӣ (аввалӣ) ва сипасӣ (баъдӣ). Ҳастии би-л-қувва ва би-л-феъл ва гузариши ҳастӣ аз ҳолати имконӣ ба воқеӣ

А. Пешӣ ва сипасӣ – бартарии эътибороти зеҳнӣ ҳангоми тафсири воқеиятҳо. Яке аз масъалаҳои матраҳи метафизикӣ, ки бо табииёт низ алоқамандӣ дорад, ин пешӣ ва сипасӣ мебошад. Масъалаи мазкур пеш аз ҳама дар метафизикаи Арасту дучор меояд ва равише, ки ӯ барои муайян намудани пешӣ ва сипасӣ истифода намудааст, бо равиши Ибни Сино дар ин маврид дорои шабоҳат мебошад. Дар ин оғоз мо кӯшиш менамоем, ки ба тариқи мухтасар назари Арастуро матраҳ созем ва дар идомаи он ба таҳлили назари Ибни Сино гузарем. Сабаби ба вуҷуд омадани пешӣ ва ё сипасӣ он аст, ки дар ҳар чизе як чизи нахустин ва ё як оғозе вуҷуд дорад ва ҳар чизе, ки ба ин мабдаъ ва оғозгоҳ наздик аст, пешӣ ва ҳар чизе, ки аз ин оғозгоҳ дуртар қарор гирад, онро сипасӣ меноманд: “Пешин ба бархе чизҳо гуфта мешавад, ки ба мабдаъ наздиктаранд, ки хоҳ мутлақан ва табъан, ё ба наҳви мазоф ва нисбӣ, ё ба василаи касоне маҳдуд ва муайян шудааст. Чунон ки чизҳо аз лиҳози макон аз он рӯй пешинанд, ки ё ба маконе табъан муайян, ё ба маконе иттифоқӣ наздиктаранд. Ончи дуртар муаххар аст” [16, с. 153]. Агар масъаларо бунёдитар таҳлил намоем, пас онро метавон ҳамчун маънидодкунии метафизикии воқеияти физикӣ номид. Баръакси дигар масъалаҳо, ки метавонанд танҳо дорои ҳастии абстрактӣ бошанд, дар мавриди мазкур тасаввури зеҳнии он, бидуни вуҷуди физикӣ ва ё хориҷии он ғайриимкон мебошад.

Ҳамин тавр Арасту якчанд омилеро номбар менамояд, ки ҳамчун меъёрҳои муайянкунандаи пешӣ ва сипасӣ, ё охирӣ шинохта мешаванд. Масалан, аз ҷиҳати замон баъзе чизҳо муқаддам бар баъзе чизҳои дигар ҳастанд, зеро онҳо нисбат ба “акнун” дуртар қарор доранд ва бархеи дигар ба “акнун” наздиктар. Масалан, ҷангҳои Троя нисбат ба ҷангҳои юнониҳо бо эрониҳо барвақттар сурат гирифтаанд ва онҳо аз ҷиҳати замонӣ нисбат ба “акнун” пешӣ доранд [16, с, 153]. Бинобар ин ҷангҳои Троя аввал меистад ва ҷангҳои юнониҳо бо эрониҳо дар охир. Арасту нисбатҳои дигарро низ дар ин муносибат истифода бурдааст, ки онҳоро ҳангоми матраҳ сохтани назариёти Ибни Сино дар шакли муқоиса

хотиррасон менамоем.

Пеш аз ҳама дар вуҷуд чизҳо дорои баробарӣ нестанд, баъзе чизҳо нисбат ба дигарӣ пешӣ ва ё сипасӣ доранд, аммо ин маъниро мо наметавонем танҳо дар муносибат ба вуҷуд истифода барем, дар дигар муносибатҳо низ чунин тақсимбандӣ ногузир мебошанд, масалан аз ҷиҳати замон, макон, дар маърифат ва ё дар ҷинс низ чунин пешӣ ва сипасӣ ба назар мерасанд. Пешӣ аз он ҷиҳат, ки пеш аст, дорои чизе аст, ки онро чизи баъдина надорад ва ҳамчунин чизи баъдина, ё охирӣ низ дорои чизе нест, магар он ки онро нахуст пешӣ дошта бошад. Вақте сухан аз пешӣ ва сипасӣ меравад, пеш аз ҳама онҳо аз ҷиҳати макон ва замон дар назар дошта мешавад, зеро ҳамеша чизҳо дорои тартиб буда, пешӣ ва сипасӣ замоне пайдо мешаванд, ки як нуқтаи оғозин ва ё мабдае дар назар гирифта шавад [2, с. 239]. Дар оғози ин баҳс аллакай мо назари Арасту дар мавриди пешӣ ва сипасӣ аз ҳайси замонро матраҳ намудем.

Ибни Сино мафҳумҳои аввалӣ ва баъдиро ҳамчун пешӣ ва сипасӣ мешинохт ва ин муносибатҳоро чунин муайян намудааст: “Пешию сипасӣ ё ба мартабат бувад, ё ба табъ бувад, ё ба шараф бувад, ё ба замон бувад, ё ба зот ва иллият” [2, с. 239]. Масъалаи пешӣ ва сипасӣ дар муносибат бо вуҷудро Ибни Сино махсус таъкид намудааст, аммо он гуна ки каме боло зикр намудем, онҳоро дар муносибатҳои гуногун метавонем татбиқ намоем. Ба хотири хубтар ошкор гардидани назари Ибни Сино дар ин маврид, дар идома, мо кӯшиш менамоем, ки мисолҳои овардаи худи Ибни Сино дар муносибатҳои гуногунро бо тартиби муайян зикр намоем ва тавассути овардани мисолҳо мо метавонем ҳақиқати масъаларо хубтар ошкор намоем.

Дар мавриди пешӣ ва сипасӣ дар муносибат ба мартабаро Ибни Сино дар мисоли шаҳрҳои Бағдод ва Куфа шарҳ медиҳад, ки Бағдод хусусияти муқаддамӣ дорад нисбат ба Куфа, аммо агар аз ҷониби Макка ба масъала назар андохта шавад, он гоҳ Куфа пешӣ дорад нисбат ба Бағдод [2, с. 240]. Мисоли мазкур бештар хусусияти риёзӣ ва ё механикӣ дошта, ҳақиқати қазия на дар худии худ, балки аз мавқеи мо ва ё он нуқтае, ки ҳамчун оғозгоҳ қабул мешавад, вобастагӣ дорад. Дар мавриди табъ бошад, Ибни Сино мафҳумҳоро аз ҷиҳати ҷинсият ва

навъияташон ҳамчун мисол меоварад. Агар ба ин масъала аз боло назар андохта шавад, он гоҳ мафҳуми мавҷудот нисбат ба мафҳуми ҳайвон пешӣ дорад ва ҳайвон бошад нисбат ба мафҳуми инсон пешӣ дорад, зеро мавҷудот дорои хусусияти куллӣ нисбат ба ҳайвон ва ҳайвон дар навбати худ дорои чунин хусусият нисбат ба инсон мебошад, ҳайвон танҳо яке аз намудҳои ҷисм ва инсон бошад яке аз намудҳои ҳайвон мебошад. Аммо агар ба масъала на аз боло, балки аз зер назар андохта шавад, он гоҳ инсон нисбат ба ҳайвон ва ҳайвон нисбат ба ҷисм пешӣ доранд: “Пешии мартабат оғоз бувад андар ҳар чизе, ё ончи ба оғоз наздиктар аст.Баъзе ба ниҳоди мардум бувад ва ба иттифоқ чунонки Бағдод пеш аз Куфа аст, чун оғоз аз ин ҷо кунӣ. Ва баъзе андар табъ бувад, чунонки чун аз забарсӯ гирӣ, ҷисм пеш аз ҳайвон бувад ва ҳайвон пеш аз инсон бувад ва ҳар чи мутақаддим бувад ба мартабат, шояд, ки мутаахир шавад. Чун оғоз аз канори дигар гирӣ, чунон ки агар аз Макка оӣ, Куфа пеш бувад ба Бағдод. Ва чун аз зер гирӣ, мардум пеш бувад аз ҳайвон ва ҳайвон пеш аз ҷисм” [2, с. 240]. Дар мавриди мазкур низ танҳо нуқтаи оғоз маҳаки асосӣ дониста мешавад ва вобаста ба тағйири нуқтаи оғоз тасаввуроти пешина оид ба пешӣ ва сипасӣ дарҳол тағйир меёбанд.

Арасту дар ин маврид масъалаи пешӣ ва сипасиро дар маърифат матраҳ намудааст. Агар чиз аз назари мафҳумӣ ва ё ақлӣ гирифта шавад, он гоҳ куллият нисбат ба ҷузъият муқаддимият дорад, аммо аз ҷиҳати идроки ҳиссӣ бошад, баръакс чизи ҷузъӣ нисбат ба чизи куллӣ муқаддамӣ дорад. Аммо дар маърифат низ аъроз ва ё ҷузъ метавонад, ки нисбат ба кулл пешӣ дошта бошад. Масалан, “мусиқидон” пеш аз “инсони мусиқидон” қарор дорад, зеро мафҳум бидуни ҷузъ як кулл дониста намешавад, аммо новобаста аз ин мусиқидон будан бидуни шахсе, ки ба навохтани мусиқӣ машғул аст, вуҷуд дошта наметавонад [16, с. 154]. Арасту баъзе масъаларо аз ҷиҳати би-л-қуввагӣ ва би-л-феълӣ низ матраҳ менамояд. Ҳастанд чизҳое, ки би-л-қувва пешӣ доранд ва баъзе чизҳо аз ҷиҳати би-л-феълӣ пешӣ доранд.

Масалан, нисфи хат би-л-қувва аз ҳамаи хат пешӣ дорад ва ё ҷузъ пеш аз кулл ва ё модда пеш аз ҷавҳар қарор дорад, аммо аз ҷиҳати би-л-феълӣ бошад

инҳо баъдӣ мешаванд, зеро дар асоси зуҳури кулл аст, ки инҳо дорои вуҷуди бил-феъл мегарданд: “Бархе чизҳо билқуввa пешинанд, бархе билфеъл, ё ба камоли таҳаққуқ чунон ки масалан билқуввa: нисф (хат) пеш аз ҳамаи хат аст ва ҷузъ пеш аз кулл аст ва модда пеш аз ҷавҳар аст, аммо билфеъл пасинанд. Зеро дар пайи инҳилол кулл аст, ки инҳо билфеъл вуҷуд хоҳанд ёфт. Пас ба гунае ҳамаи чизҳое, ки пешин, ё пасин номида мешаванд, бар тибқи маъное охир гуфта мешаванд” [16, с. 155].

Азбаски дар метафизикаи Арасту вуҷуд ва моҳият аз ҳам ҷудо нестанд, масъалаи пешӣ ва сипасӣ дар доираи кулл ва ҷузъ матраҳ карда мешавад. Агар вуҷуд ва моҳият аз ҳам ҷудо мебуданд, он гоҳ ин пешӣ ва сипасӣ дар доираи вуҷуд ва моҳият матраҳ мегардиданд. Кулл ҳамчун моҳият, нисбат ба ҷузъ пешӣ дорад ва ҷузъ бошад, ҳамчун ҳастӣ, нисбат ба кулл, ё моҳият пешӣ дорад ва ин масъала ҳангоми таҳлили вуҷуд ва моҳият, бахусус назарияи сабабҳо матраҳ гардидаанд.

Мисоли дигаре, ки Ибни Сино дар мавриди пешӣ ва сипасӣ дар муносибат ба табъро меоварад, ин шумораҳои як ва ду мебошанд. Масалан, агар як бардошта шавад, аз паси он ду бармехезад, аммо баръакси он рух намедиҳад, яъне агар дуро баргирем аз паси он як барнамехезад: ”Ва аммо мутақаддим ба табъ аз он чи бувад, ки чун варо бар гирӣ, вай бар нахезад, чунонки яке ва ду, ки чун якиро баргирӣ, дуӣ бархезад ва агар дуӣ баргирӣ, воҷиб наояд, ки якӣ бархезад. Аммо мутақаддим ба шараф ва фазл, худ маъруф аст” [2, с. 240]. Дар “Наҷот” Ибни Сино ҳамин маъниро дар муносибат бо сабаб ва натиҷа истифода кардааст: “Гуфтан дуруст аст, ки “Агар иллат набошад, маълул нест ва агар маълул нест, иллат ҳам нест”. Чи тавре ки гуфтани: “Агар иллат бархезад, маълул бархезад” дуруст аст/ аммо/ гуфтани: “Агар маълул бардошта шавад, иллат ҳам бархезад” дуруст нест. Балки агар иллат бардошта шавад, маълул бархезад ва агар маълул бардошта шавад, пас иллат дар аввал ба сабаби иллмти дигаре бархоста будааст, то ки бархостани маълул дуруст гардад, на ба ин маъност, ки худи бархостани маълул бардорандаи иллат бошад” [3, с. 245]. Пешӣ ва сипасӣ на танҳо дар умури билзот ва ё маконӣ, балки дар санъату ҳунар низ истифода

мешавад, масалан дар лаҳни мусиқӣ агар нағмаи зер оғоз қарор гирад, он гоҳ он нисбат ба дигар нағмаҳо пешӣ дорад, аммо агар баръакс нағма аз бам оғоз ёбад, он гоҳ он нисбат ба дигар нағмаҳо пешӣ дорад: “Ва гоҳе дар мавриди умуре билзот нест, балки ё ба саноат аст, мисли нағмаҳои мусиқӣ, зеро агар нағмаи зерро (мабдаъ) қарор диҳӣ мутақаддим (барин) ғайр аз чизе хоҳад буд, ки агар (мабдаъро нағмае) бам қарор медодӣ” [6, с. 122]. Арасту низ дар ин маврид мисолҳо овардааст ва дар ин муносибат интихоб ва ё қасдро ҳамчун нуқтаи оғоз мешиносад. Масалан, агар хонандагони як синфро дар назар гирем, хонандаи дуюм нисбат ба хонандаи савум пешӣ дорад, зеро дар ин муносибат нафари якум, ё роҳбари он гуруҳ ҳамчун оғозгоҳ қабул мегардад. Дар нисбати навохтани чанг бошад, тори ҳафтум нисбат ба тори ҳаштум пешӣ дорад, зеро дар он тори миёна ҳамчун оғоз, ё мабдаъ қабул карда мешавад: “Масалан дар гуруҳи хонандагон хонандаи дувум муқаддам бар хонандаи савум аст. Ва дар чанг тори ҳафтум муқаддам бар тори ҳаштум аст, зеро дар мавриди аввал роҳбари ҳар гуруҳ ва дар мавриди дувум тори миёнӣ мабдаъ, ё оғоз аст. Пас ин чизҳо ба ин гуфта пешин, ё муқаддам номида мешаванд” [16, с. 154].

Пешӣ ва сипасиро дар муносибат ба шараф ва фазл низ метавон татбиқ намуд, масалан, раис ва маръус дар шараф ва фазилат дорои пешӣ ва сипасӣ мебошанд. Он чизеро, ки раис доро мебошад, маръус (яъне собиқ раис) доро намебошад ва он чизеро, ки маръус доро мебошад, раис бештар аз онро доро аст. Аз ҷумла раис дорои ихтиёр аст, аммо маръус дорои он нест ва ӯ замоне дорои ихтиёр мегардад, ки нахуст раис дорои он бошад, яъне маръус танҳо ба ихтиёри раис амал менамояд: “Пас аз ин мабдаъ ончиро мутақаддим дорад дигарӣ надорад ва аммо ин дигарӣ дорои чизе нест, магар ин ки ин аввалӣ ҳам чун мутақаддим қарор дода шудааст, онро доро аст. Зеро дар ҳар бобе фарди сабқатгиранда дорои чизе аст, ки фарди ақибмонда дорои он аст ва он чи фарди ақибмонда дорои он аст фарди сабқатгиранда онро ва зиёда аз онро доро аст. Чизе ки махдум ва раисро қабл қарор медиҳад аз қабили ҳамин тақаддуми билшараф аст, зеро ихтиёр аз они раис аст, на маръус ва маръус вақте дорои ихтиёр аст, ки раис дорои ихтиёр бошад ва ба ихтиёри раис амал кунад” [6, с.

122].

Яке аз муносибатҳое, ки пешӣ ва сипасӣ татбиқ мегардад дар қиёс бо вуҷуд сурат мегирад. Дар ин маврид чизе, ки дорои ҳастӣ аст дар назар дошта мешавад ва чизи дигар танҳо пас аз вуҷуди чизи аввалӣ дорои ҳастӣ мегардад, на баръакс. Бинобар ин, он чизе ки нахуст дорои вуҷуд гардида буд нисбат ба он чизе, ки пас аз он дорои ҳастӣ мегардад, пешӣ дорад ва мисоли Ибни Сино дар ин маврид ягонагӣ ва бисёрӣ мебошад. Воҳид, ё ягона ҳамеша дар ҳастӣ нисбат ба бисёрӣ пешӣ дорад ва шарти мавҷудияти бисёрӣ маҳз вуҷуди чизи ягона мебошад, аммо акси он, яъне бисёриро ҳамчун шарти ҳастии ягона донистан, ғайри қобили тасаввур мебошад [6, с. 122]. Дар мавриди пешӣ ва сипасӣ дар муносибат бо зот низ Ибни Сино мисоли ҷолиб меоварад, ки ҳар гоҳ Зайд дасташро бичунбонад, калид низ бичунбад. Ҳаракати ҷунбонанда боиси ҳаракати ҷунбанда мегардад ва на ҳаракати ҷунбанда боиси ҳаракати ҷунбонанда мешавад. Ҳаракати аввала сабаб барои ҳаракати дувумӣ мешавад ва дар ин ҷо ҳадафи Ибни Сино на пешии замонӣ, балки пешии вуҷудӣ мебошад. Зеро чун чизе дорои вуҷуд мегардад, он ҳатман сабаб барои зуҳури чизи дигаре мегардад ва мисоли якӣ ва дуиро ин ҷо меоварад, ки чун якӣ пайдо шуд, ҳатман ду низ пайдо мешавад: “Ва гӯи, ки нахуст ин бояд, ки бичунбад, то он гоҳ он бичунбад ва аз ин на нахустини замонӣ хоҳӣ, ки нахустини ҳастӣ хоҳӣ, чунон ки гӯи , нахуст якӣ бояд, ки бувад ва боз ду. Ва ба ин он нахоҳӣ, ки бояд замоне бувад, ки андар вай нахуст якӣ бувад ва он гоҳ ба дигар замон ду бувад, балки раво дорӣ, ки ҳамеша якӣ ва ду ба як ҷой буванд андар ҳама замон” [2, с. 240].

Дар муносибати иллат ва маълул ва масъалаи пешӣ ва сипасӣ Ибни Сино як баҳси доманадорро матраҳ месозад, ки ҳадаф асоснок намудани пешӣ ва сипасӣ аз ҷиҳати вуҷуд мебошад. Вуҷуди сабаб ҳатман зарурати вуҷуди натиҷаро фароҳам меоварад. Онҳо, яъне сабаб ва натиҷа аз ҷиҳати замонӣ ва ё маконӣ ҳамдигарро ҳамроҳӣ менамоянд, аммо аз ҷиҳати ҳудус наметавон гуфт, ки онҳо ҳамдигарро ҳамроҳӣ менамоянд. Сабаб аз ҷиҳати вуҷуд бар натиҷа пешӣ дорад [6, с. 123]. Барои он ки пешӣ доштани сабабро исбот намояд, Ибни Сино якчанд эҳтимолиятҳоро дида мебарояд, масалан, агар сабаб рафъ карда шавад, ҳатман

натиҷа низ аз миён меравад, аммо баръакси онро мушоҳида карда наметавонем. Аз байн рафтани зоти сабаб худ барҳам хурдани натиҷаро ҳатмӣ мегардонад.

Назари Ибни Сино оид ба масъалаи сабаб ва натиҷа дар муносибат бо пешӣ ва сипасӣ барои мо дар шинохти моҳияти сабаб ва натиҷа, ки дертар онҳоро мавриди таҳқиқ қарор медиҳем, кумак менамояд. Нуктаи муҳим он аст, ки сабаб ва натиҷа дар замон ва ё макон ҳамдигарро ҳамроҳӣ менамоянд, аммо ин маънии онро надорад, ки онҳо дар пайдоиши вуҷуди худ низ ҳамдигарро ҳамроҳӣ намоянд, дар ин маврид онҳо ҳатман пешӣ ва сипасӣ доранд.

Дар ин маврид Ибни Сино бештар бо тафсирҳои Арасту созиш намудааст ва ба ғайр аз маънидодкуниҳои дорои хусусияти метафизикӣ дошта, ҳанӯз ин масъаларо аз дидгоҳи ҳастӣ ва моҳият мавриди таҳлил қарор надодааст. Ҳанӯз ҷанбаи физикии масъала нисбат ба ҷанбаи метафизикии он назаррастар мебошад. Идомаи мантиқии баҳси мазкурро мо метавонем дар доираи баҳси бунёдии дигар, ки ба қувва ва феъл марбут аст, дунболагирӣ намоем.

Б. Ҳастии би-л-қувва ва ҳастии би-л-феъл. Яке аз масъалаҳои асосии фалсафаи метафизикии Ибни Сино, ки худи ӯ онҳоро аърози хосси ҳастӣ ва ё лавоҳиқи ҳастӣ меномад, қувва ва феъл мебошанд. Ҳастӣ метавонад ҳам дар ҳолати қувва ва ҳам дар ҳолати феъл вуҷуд дошта бошад, ки барои мо онҳо дар шакли “би-л-қувва” ва “би-л-феъл” маълум мебошанд. Дар ин ҷо пеш аз ҳама мумкинулвуҷуд дар назар дошта мешавад, зеро дар ҳолати имконӣ қарор доштани онро мо ҳамчун дар шакли би-л-қуввагӣ низ маънидод карда метавонем. Ҳамчунин он гуна, ки худи Ибни Сино дертар зикр менамояд, ҳадаф аз қувва ин ҳамон ҳолати имконии чиз мебошад.

Масъалаи мазкур низ чун дигар масъалаҳои асосии метафизикӣ аз фалсафаи Арасту сарчашма мегирад. Равиш ва сохтори забонӣ ва мафҳумии фалсафаи Ибни Сино бевосита бо фалсафаи Арасту наздикӣ дорад ва дар он як навъ дур гардидан аз моддигароии воқеӣ ва ҳамчунин истиҳола кардан аз идеализми комили афлотунӣ ба мушоҳида мерасанд. Метавон гуфт, ки нисбат ба ҳар масъалаи дигар дар ин муносибат Ибни Сино бештар зери таъсири Арасту қарор гирифтааст ва худ якчанд маротиба ба тариқи умумӣ аз “файласуфони

пешин” ном бурдааст, ки пеш аз ҳама Арасту ва ҳамчунин файласуфони дигар дар назар дошта шудааст. Агар Ибни Сино аз таъсири Арасту берун мебуд, ҳатман ба фаҳмиши моддигароӣ ва атомистии ҳастӣ ва таълимоти наздик ба он муроҷиат менамуд. Масъалаи мазкур низ ба мисли масъалаи нахустин ва сипасин дорои як равиш ва шеваи шинохт нест, балки дар муносибат ба ҳолатҳои гуногун истифода мегардад.

Мафҳумҳои қувва, қудрат, хост, ирода ва мисли инҳо дар фалсафа, бахусус замоне, ки анъанаи метафизикӣ тадриҷан аз миён мерафт, дорои аҳаммияти махсус мегарданд. Онҳо дар фалсафаи метафизикӣ низ дорои мавқеи хосси худ ҳастанд, аммо шарҳҳои метафизикӣ ва абстрактӣ онҳоро дар сояи мафҳумҳои дигар қарор додааст. Зеро дар ин мафҳумҳо мо метавонем ҳақиқати ҳаёт ва зиндагиро кашф намоем, аммо кӯшишҳо барои абстрактӣ намудани тафсирҳо ҷанбаҳои ҳаётӣ ва воқеиӣ ин мафҳумҳоро номуайян сохтааст. Новобаста аз ин, мо дар шарҳҳои Арасту сарчашмаи назароти имрӯз эътирофгардида дар мавриди қувваро пайдо карда метавонем.Арасту дар оғози баҳси худ аҳаммияти қувва ва феълро дар муносибат бо ҳастӣ таъкид менамояд ва онро дар баробари ҷавҳар ва араз аз паҳлуи дигари муҳими ҳастӣ меҳисобад: “Мавҷуд аз як сӯ ба “чизе” ё ба каммият ва кайфият гуфта мешавад ва аз сӯи дигар ба ҳасби тавонмандӣ (қувва) ва таҳаққуқи комил ва низ ба ҳасби феъл” [16, с. 281]. Арасту низ бар он бовар буд, ки ҳастӣ аз нестӣ ба вуҷуд намеояд, балки аз ҳастӣ ба вуҷуд меояд ва маҳз ҳастии би-л-қувва ҳамчун сабаби пайдоиши ҳастии би-л-феъл дониста мешавад. Ӯ бардоштҳои гуногун аз қувваро матраҳ сохтааст ва дар аввалин шарҳи худ қувва, ё тавонмандиро “ҳамчун мабдаъ, ё оғози ҳаракат ва тағйир” муаррифӣ менамояд, аммо ин ягона шинохт аз қувва набуда, бардоштҳои дигареро низ ифода менамояд, аз ҷумла “мабдаи ҷунбиш ва дигаргунӣ ба воситаи таъсири чизи дигар, ё ба василаи худи чиз”, “истеъдод барои анҷом додани чизе” ва ғайра: “Қувва, ё тавонмандӣ ба як маъно мабдаъ (оғоз) –и ҳаракат, ё тағир дар чизе дигар, ё дар хеш чиз баэътибори чизи дигаре аст. Масалан, ҳунари меъморӣ (ё хонасозӣ) як тавонмандӣ, ё қуввае аст, ки дархонаи биношуда вуҷуд надорад, аммо фанни пизишкӣ, ки як тавонмандӣ аст, метавонад дар шахси дармоншуда

мавҷуд бошад, лекин на аз ин ҳайс ки дармон шудааст. Пас ба таври куллӣ мабдаъи ҷунбиш ва дигаркунӣ дар чизи дигар, ё ҳамон чиз ба эътибори чизи дигар, қувва, ё тавонмандӣ номида мешавад” [16, с. 156].

Ибни Ибни Сино низ доир ба қувва ва ҳамчунин феъл як баҳси доманадореро матраҳ намудааст ва дар оғоз аз фаҳмишии умумӣ ва мардумии қувва ва қудрат сухан мегӯяд. Дар аввалин шарҳи худ, ӯ қувваро дар муқобили заифӣ дар фаҳмиши умумии онҳо қарор медиҳад. Ӯ дар ин фаҳмиш қувваро чизе медонад, ки тавассути он ҷондор “аз ҳайси каммият ва кайфият ҳаракати сахтеро, ки аксари мардум бар он қодир нестанд, анҷом диҳад ва зидди онро “заъф” номанд” [6, с. 127].

Манзури Ибни Сино дар ин маврид ҳамон неру ва ё қувваи ҷисмонии инсон мебошад, ки тавассути он мо амалҳои гуногунро анҷом медиҳем. Маънии дигари умумие, ки Ибни Сино хотирнишон менамояд, низ ҳамин маънии аввалиро ифода менамояд.

Агар шахс қувваи худро аз даст диҳад ва дигар қодир ба анҷоми коре набошад, он гоҳ дар ин маврид мегӯянд, ки “заиф шудааст ва қувваи худро аз даст додааст” [6, с. 127]. Аммо дар ин муносибат баҳсҳои печидаи метафизикиро низ матраҳ менамояд, ки дар идома кӯшиш менамоем ба онҳо равшанӣ андозем.

Бояд дар оғоз инро қайд намуд, ки дар ин маврид ҳамеша сухан дар бораи ду қувват меравад, ки яке қуввати фоил, ё таъсиррасон ва дувуми қуввати мунфаил ва ё таъсирпазир мебошад. Дар “Донишнома” Ибни Сино ин ду намуди қувватро чунин баён намудааст: “Лафзи қувват мар маъниҳои бисёрро гӯянд, валекин ин ҷо моро ду қувват ба кор аст: Яке қуввати феълӣ ва яке қуввати инфиолӣ. Ва қуввати феълӣ он ҳол аст, ки андар фоил бувад,ки аз вай шояд ки феъл аз фоил падид ояд, чунонки ҳарорати оташ. Ва қуввати мунфаилӣ он ҳол бувад, ки ба сабаби вай чизе пазирои чизе бувад, чунонки андар мум пазироии сурат” [2, с. 244]. Ҳам дар метафизикаи Арасту ва ҳам Ибни Сино қувва, ё тавонмандӣ ва феъл дар алоҳидагӣ ва ҳамчунин дар алоқамандӣ бо ҳам шарҳ ва бозкушоӣ гардидаанд.

Қувва ҳамчун омили таъсиррасонандаи чизи дигар ва худи ҷисм. Пас аз

шарҳҳое, ки Ибни Сино оиди фаҳмишҳои умумии қувва медиҳад, ба матраҳ сохтани назароти файласуфон доир ба қувва ва феъл мегузарад, аммо дар бораи ин назарот на ба тариқи мушаххас, балки умумӣ сухан мегӯяд. Он гуна ки аллакай зикр намудем, ӯ бештар зери таъсири Арасту қарор дошт ва дар аввалин суханҳо дар мавриди қувва онро ҳамчун мабдаи дигаргунӣ дар чизи дигар ва ё дар худи он чиз ҳамчун чизи дигар муаррифӣ кардааст, ки бевосита аз фаҳмиши арастуӣ сарчашма мегирад.

Арасту қувва ва ё тавонмандиро чунин муаррифӣ менамояд: “тавонмандиҳое, ки аз як навъанд, ҳама навъи мабодианд. Ва дар изофа ба нахустин навъи тавонмандӣ гуфта мешаванд, ки мабдаи дигаргунӣ дар чизи дигаре (ё дар ҳамон чиз) чунон чизи дигаре” [16, с. 282]. Чунин назари Арасту ҳамеша шарҳҳои Ибни Сино дар мавриди қувва ва ё тавонмандиро ҳамроҳӣ менамоянд. Тағйир додани ҳам чизи дигар ва ҳам худ дар худ ҳам хусусияти беруна ва ҳам даруна доштани қувваро ифода менамояд, ки минбаъд ин назар густариш меёбад ва дар фалсафаи муосир аҳаммияти бештареро касб менамояд.

То замони Лайбнитс, яъне то асри ҳабдаҳум, дар мавриди қувва чунин ақида ҳукмрон буд, ки қувва тавассути чизи дигар ба ҷисм ворид карда мешавад ва ин қувваи аз берун таъсиррасонанда боиси ҳаракат ва тағйир дар ҷисми дигар мегардад, аммо Лайбнитс нахустин маротиба исбот менамояд, ки қувва ин на чизест, ки аз берун меояд, балки аз батни ҳар як ҷисм сар мезанад. Ин назари Лайбнитс боиси ба вуҷуд омадани фаҳмишҳои нави метафизикӣ ва ғайриметафизикӣ доир ба қувва, қудрат, ирода, иродаи қудрат ва ғайра мегардад, аммо дар фалсафаи Арасту мо бо чунин таърифи қувва аллакай дучор меоем.

Шабоҳати дигаре низ ба назар мерасад, ки он дар мавриди муносибати қувва бо инфиол ва мунфаил мебошад, Арасту низ ба мисли Ибни Сино ақида дорад, ки дар ҳарду муносибат танҳо як қувва амал менамояд. Қуввае, ки дар мунфаил пайдо мешавад, ин ҳамон қуввае аст, ки тавассути таъсири чизи фоил ба вуҷуд меояд: “Зеро чизе аз он рӯй “тавонманд” аст, ки ё худаш дорои тавонмандии инфиол аст, ё чизи дигарро ба василаи худ мунфаил мекунад” [16, с. 282]. Дар фоил қувва тавлид мегардад ва ба ҳаракат меояд ва мунфаил бошад ҳамчун

пазирандаи қувва шинохта мешавад.

Муносибати қувва бо ирода. Мафҳуми дигаре, ки дар фалсафаи метафизикии Ибни Сино бисёр истифода мешавад ва бо қувва бисёр наздик аст, аммо он бо қувва як чиз ҳисобида намешавад, ин ирода мебошад, ки бо қувва умумият надошта, фақат дар гузариши қувва ба феълият онро ҳамроҳӣ менамояд. Дар мавриди ҳамчун мабдаи тағйири чизи дигар будани қувва Ибни Сино чунин назар дорад: “дар чизе аст ва мабдаи тағйири чизи дигаре, аз он ҳайс ки ин “чизи дигаре” аст, агарчи дорои ирода набошад” [6, с. 128]. Масалан, ҳарорати чизе боис мегардад, ки дар чизи дигар низ тағйирот ба вуҷуд ояд. Ибни Сино дар ин ақида, яъне гузариши қувва аз як чиз ба дигар чиз, то андозае устувор аст, ки ҳатто дар мисоли фаъолияти як пизишк боз ҳам онро ҳамчун ду чизи алоҳида ташреҳ медиҳад. Вақте як раванд дар як чиз сурат мегирад, дар ин ҷо на як, балки ду қувва вуҷуд доранд, ки дар ду чизи ҷудо аз ҳамдигар ҳастанд: якум, қуввае, ки дар нафси пизишк аст, ки фаъол ва таъсиррасон мебошад ва дувум, қуввае, ки дар ҷисми ӯ аст, ки таъсирпазир ва қабулкунандаи феъли табиб мебошад. Қувваи дар нафси ӯ буда ҳамчун қувваи муҳаррика ва қувваи дар ҷисми ӯ мавҷуда ҳамчун қувваи мутаҳаррика шинохта шудааст: “Ҳатто он гоҳ ки пизишк нафси худро таҳрик мекунад, ё нафси худро муолиҷа мекунад ва лизо гӯи мабдаи тағйир аз ӯ ва дар ӯст. Ин қувваро аз ин ҳайс надорад, ки ин қобили муолиҷа, ё таҳрик аст, балки аз ин ҳайс дорад, ки чизе дигаре, яъне пизишк аст; ва балки гӯи дар ин ҷо ду чиз аст: чизе ки дорои қувваи феъл аст ва чизе ки дорои қувваи инфиол аст; ва мисли ин ки ин ду қувва дар ду ҷузъи ҷудое аз ҳам қарор доранд. Масалан, қувваи муҳаррика дар нафси ӯ ва қувваи таҳаррук дар бадани ӯ аст ва бо сурати худ муҳаррик бо моддаи худ мутаҳаррик аст ва аз ин ҳайс, ки илоҷ меёбад билзот фарде ғайр аз он ҷо аст, ки муолиҷа мекунад” [6, с. 128]. Дар ин ҷо новобаста аз оне, ки як вуҷуд дар назар дошта шудааст, аммо ду қувваи аз ҳам фарқкунанда амал менамоянд, ки яке ба табобат машғул аст ва дигарӣ ба пазириши табобат. Дар ин муносибат низ бояд қайд намуд, ки Ибни Сино мисоли пизишкро аз шарҳи Арасту қабул намудааст, аммо назари муҳимми Арасту доир ба қуввахои бомафҳум ва бемафҳум сарфи назар намудааст. Ҳамин тавр ба назари ӯ баъзе

қувваҳо бемафҳум ҳастанд ва баъзе қувваҳои дигар бомафҳум. Он қувваҳое, ки бемафҳум ҳастанд, танҳо фоили як чиз ҳастанд, масалан гармо ҳамчун фоил, ё эҷодкунандаи гармӣ, аммо он қувваҳое, ки бомафҳум ҳастанд, фоили ду чиз мебошанд, ки намунаи он дониши пизишкӣ аст. Ба дигар сухан он бо аздод сару кор дорад. Дониши пизишкӣ, ба ақидаи Арасту, ҳам қувваи мавҷуди беморӣ аст ва ҳам тандурустӣ. Сабаби инро ӯ дар он мебинад, ки дониш як мафҳуми ақлонӣ аст ва худи мафҳум бошад ҳам рӯшангари чиз аст ва ҳам фиқдон, ё нестии он. Мафҳуми қувва дар ин маврид ба ҳарду, ҳам беморӣ ва ҳам саломатӣ сидқ менамояд ва бештар ба амри мавҷуд сидқ менамояд, яъне ин донишҳо бо аздод сару кор доранд: “Пас заруратан ингуна донишҳо бо аздод сару кор доранд; аммо бо бархе бо худии худашон (билзот) ва бо бархе дигар на бо худии худашон. Зеро мафҳум барои бархе (мафҳум) билзот аст ва барои бархе дигар билараз, зеро фақат ба василаи салб ва ҳазф зиддро нишон медиҳад” [16, с. 283].

Чунин комбинатсияҳо дар тафсирҳои Ибни Сино бисёр дучор меоянд, аз ҷумла дар мавриди асосноккунии вуҷуди Худо Ибни Сино имконпазирии се сифот дар як шайъро писанд медонад. Масалан, Худо дар як вақт ҳам ақл, ҳам оқил ва ҳам маъқул мебошад. Ҳамчунин, дар мавриди дигаре таъкид кардааст, ки чизи ҳаракаткунанда метавонад чизи дигарро ба ҳаракат дароварад ва ё дар як вақт худ ба ҳаракат дарояд. Дар мавриди пизишк низ, он бо сурати худ муҳаррик буда бо моддаи худ мутаҳаррик мебошад, зеро дар ин мисол он чизе, ки табобатро қабул менамояд, ғайр аз он чизе аст, ки табобат менамояд.

Дар идомаи ҳамин баҳс Ибни Сино бо ишораи кӯтоҳе назароти дигари файласуфони пешин, ки манзураш юнониҳо, бахусус Арасту, мебошад, меоварад, ки барои равшан сохтани мафҳумҳои асосӣ доир ба масъалаи мавриди баҳси мо муҳим мебошанд. Аввалин чизе, ки дар муносибат ба қувва маълум гардид, ин қудрат ва ё шиддати қудрат аст, яъне вуҷуди қувва дар як шайъ. Аммо будани ин қувва дар фоили амалкунанда дониста намешавад. Дар ин ҷо Ибни Сино як дилеммаи бунёдиеро ба миён мегузорад, ки он воқеияти қувваро бештар ошкор менамояд ва он чунин аст: “ҳамчун дорандаи қувва имкон дорад, ки феълеро анҷом диҳад ва ё имкон дорад, ки феълеро анҷом надиҳад” [6, с. 128].

Дар ифодаи мазкур мафҳуми “имкон” асосӣ мебошад ва ҳадаф аз мафҳуми қувва ин ҳамон имкон аст ва дар ҳамин муносибат он чизеро, ки вуҷуди он дар ҳадди имкон аст, “мавҷуди би-л-қувва” меноманд. Дар муқобили мавҷуди би-л-қувва мавҷуди би-л-феъл қарор дорад, ки он далолат ба мафҳуми феъл мекунад, ки он дар оғози баҳси мо дар муносибат ба қувва истифода шудааст ва дертар мо ба масъалаи феъл низ бармегардем. Ҳоло барои мо ҳамин муҳим аст, ки аллакай барои файласуфон қувва ҳамчун ҳолати имконии чиз ва мавҷуде, ки ҳанӯз дар ҳолати имконӣ қарор дорад, ҳамчун мавҷуди би-л-қувва шинохта шуда буд. Файласуфон дар баробари мафҳуми қувва, мафҳуми феълро низ барои худ ошкор мекунанд ва феъл ин ҳамон чизе аст, ки дар аввал ҳамчун қувва фаҳмида мешуд ва пас аз оне, ки он тамомият меёбад онро ҳамчун феъл мешиносанд: “ва сипас тамомият ёфтани ин қувваро феъл номиданд” [6, с. 128]. Мо қувваро танҳо дар ҳолати имконӣ дарк карда метавонем, вақте ки он ба воқеият табдил меёбад, дигар он ҳамчун феъл шинохта мешавад ва ё феъл ин воқеиятёбии қувва ва ё ҳолати имконии чиз мебошад. Боз ҳам ба тариқи ишораи кӯтоҳ Ибни Сино нишон медиҳад, ки ҳадафи файласуфони гузашта аз феъл ҳамон зуҳур кардани вуҷуд мебошад: “ва мақсудашон аз феъл ҳусули вуҷуд буд” [6, с. 128]. Пас аз ҳусул ёфтани вуҷуд дигар сухан на дар мавриди қувва, балки феъл меравад ва назари асосӣ дар мавриди қувва ин ҳамон ҳолати имконии чиз мебошад.

Дар боло мо нишон додем, ки файласуфони пешин дар байни қувва ва фоили би-л-феъл фарқият қоил шуда буданд. Яъне агар чунин тасаввур намоем, ки доштани қувва танҳо бо анҷом додани феъле баробарӣ дорад, фикри дурусте дар мавриди вуҷуди қувва нест. Дар ин маврид вуҷуди қувваро дар шакли комили вуҷуди ду қазияи шартӣ таъин кардан имконпазир аст, яъне “агар хоҳад амалеро анҷом медиҳад” ва “агар нахоҳад амалеро анҷом намедиҳад.” Қабули танҳо қисмати аввала ноқис ҳисобида мешавад, зеро худи мафҳуми қувва ниҳоят пассив ва дар анҷоми амале нокифоя мебошад. Амалеро анҷом додан ҳанӯз дар худии худ маълум нест, ки ин амал, ё феъл бо ирода ва хост низ ҳамроҳӣ дорад ва ё не. Дар ин нукта файласуфони бостонӣ ба тариқи нохоста нишон медиҳанд, ки мафҳумҳои ирода ва хост муҳимтар аз худи мафҳумҳои бунёдии қувва ва феъл

ҳастанд, зеро феълеро, ки аз рӯи ирода нест, онҳо феъли аз рӯйи қувва анҷомдодашуда намеҳисобанд. Аммо агар феъл аз рӯи ирода ва хост анҷом шуда бошад, пас он феъл далолат бар он дорад, ки аз қувва ва қудрат сарчашма мегирад: “Зеро агар ин чизе ки фақат феъл анҷом медиҳад феъли ӯ аз рӯи хост ва ирода набошад, ин чиз дорои қудрат ва қувва ба ин маъно нахоҳад буд. Вале агар феъли ӯ аз рӯи ирода ва ихтиёр бошад ҷуз ин ки иродаи ӯ доимӣ аст ва тағйир намеёбад. Хоҳ иродаи ӯ иттифоқӣ бошад, ё тағйири ин ирода маҳол зотӣ бошад, феъли ӯ аз рӯи қудрат хоҳад буд. Зеро таърифе, ки инҳо аз қудрат доранд, дар ин ҷо сидқ мекунад, зеро дар мавриди ӯ саҳеҳ аст, ки ҳар гоҳ хост, анҷом медиҳад ва ҳар гоҳ нахост анҷом намедиҳад” [6, с. 129]. Оё дар ин ҷо ирода ва хост нисбат ба худи мафҳуми қувва бунёдитар ба назар намерасад? Дар ин маънидодкунии олам барои ирода ҷое қоил нашудаанд, агарчи аҳаммияти он нисбат ба дигар мафҳумҳои асосии метафизикӣ дар мавридҳои гуногун таъкид мегардад.

Дар идомаи матраҳсозии масъалаи қувва низ мафҳумҳои ирода ва хост худро ба намоиш мегузоранд, аммо чун онҳо нисбат ба ҷанбаи абстрактӣ ва зеҳнӣ дида, бештар ҷанбаи воқеӣ ва ҳаётӣ доранд, аҳаммиятнокии онҳо сарфи назар карда мешавад. Зеро дар сурати бартарият додан дар онҳо, эҳтимоли халалдор ва барҳам хурдани системаи зеҳние, ки низомият ва сабабият дар он ҳукмрон аст, вуҷуд дорад.

Ибни Ибни Сино нисбат ба ин назари пешиниён дар мавриди қувва, ки бо ду қазияи шартӣ худро ифода менамояд, яъне “агар хоҳад амалеро анҷом медиҳад ва агар нахоҳад амалеро анҷом намедиҳад” назари танқидӣ дорад. Зеро агар ба маънии қазияҳои мазкур назар андозем, маънии хостан дар ҳарду маврид муҳим мебошад, ҳамон гуна, ки агар намехост анҷом намедод, ҳамон гуна агар мехост анҷом медод. Ин ҷо дар мавриди анҷом додан низ мафҳуми хостан сидқ мекунад, яъне агар касе амалеро анҷом додааст, пас ӯ онро хостааст ва анҷом додани амале дар як вақт далолат ба қодир ва дорои қудрат будани он менамояд [6, с. 129]. Бо чунин назар Ибни Сино бовар дорад, ки дар сурати анҷом додани амал ва новобаста аз оне, ки “агар нахоҳад амалеро анҷом намедиҳад” мо бар мавҷудияти қувва бовар карда метавонем.

Дар идома мо масъалаи алоқамандии қувва бо ирода ва дигар падидаҳоро, ки аллакай дар боло онро оғоз карда будем, идома медиҳем. Қуввaҳое, ки ҳамчун сарчашмаи амал ва ҳаракат дониста мешаванд, аз ҷониби Ибни Сино ба ду гуруҳ тақсим карда мешавад, ки як қисми онҳо бо идроки ақлӣ ва тахайюл пайваст ҳастанд ва баъзеи дигари он пайваст нестанд. Он қуввае, ки пайваст аст, ҳатман дорои ҳам тафаккур ва ҳам тахайюл мебошад, инро бояд тазаккур дод, ки метавонад қувва танҳо аз тафаккур таъсир пазирад ва ё танҳо аз тахайюл, аммо он метавонад аз ҳар ду таъсир пазирад. Дар ин ҷо Ибни Сино далеловарӣ менамояд, ки танҳо бо як қувва инсон ва ғайри инсонро маърифат кардан мумкин аст ва ё бо як қувва инсон ҳам дард ва ҳам ранҷ ва умуман чиз ва ғайри онро дар зеҳнияти худ дарк намояд [6, с. 130].

Дар ин ҷо Ибни Сино бори дигар заъф ва нокомилии қувва дар феълияти онҳоро қайд менамояд. Онҳо дар танҳои аз қобилиятҳои таваҳҳум ва тахайюл бархурдор ҳастанд, аммо дар воқеият онҳо оҷиз ва нокомил ҳастанд. Зеро он гуна, ки дар боло зикр намуда будем, ҳадаф аз қувва ин таъсир расонидани чизе бар чизи дигаре, ё худ мабдаи тағйир дар чизи дигар, мебошад. Қувва ҳамчун яке аз воқеиятҳои ибтидоии вуҷуд, дар танҳоӣ чунин як чизи заиф ва нокомил мебошад. Ин қувва ҳамон вақт дорои неру ва қудрат мегардад, ки агар бо ирода пайваст гардад, аммо дар як вақт Ибни Сино иродаро ба ду намуд тақсим менамояд, ки яке иродаи майлкунанда ва дигарӣ ин иродаи ҷазмӣ, ҳамон иродае, ки қувваро ҳамроҳӣ мекунад, мебошад: “Пас вақте ин ирода бо он қувва қарин шуда бошад ва на сарфи иродаи майлкунанда, балки иродаи ҷазмӣ бошад, яъне азми ҷамъомадае бошад, ки муҷиби таҳрики аъзо мешавад. Лоҷарам мабдаи вуҷуди фаъол хоҳад шуд” [6, с. 130]. Иродаи ҷазмӣ ин азми ҷазмомадае мебошад, ки боиси ба ҳаракат омадани ҷузъҳо ва маҳз он мабдаи зуҳур намудани феъл мегардад.

Ба андешаи Ибни Сино ҳамон гуна, ки қувва дар худии худ заиф ва нокифоя аст, ирода низ дар танҳоии худ заиф ва нокифоя мебошад ва он ҳанӯз азми ҷамъомада намебошад ва бидуни азми ҷамъомада тасаввури зуҳури феълият номумкин мебошад. Ҳамин тавр қуввaҳои бо тафаккур ва тахайюл

пайвастгардида ҳанӯз феълеро анҷом дода наметавонанд ва танҳо дар сурати пайвастан бо иродаи ҷазмӣ зарурати зуҳури қувва ва табдил ёфтани он ба феъли тағйирдиҳандаи дигаре табдил меёбад. Пайвастагии қувва ва ирода танҳо як бахши эҳтимолияти моро ташкил медиҳад, дар боло мо зикр намудем, ки баъзе қувваҳо бо идроки ақлӣ ва тахайюл пайваст намешаванд ва дар ин сурат сухан аз таъсир ва ё пайвастани қувваҳо бо ирода ва хост намеравад. Ҳоло мо шарҳи Ибни Сино дар мавриди қувво дар муносибат бо чизҳое, ки дорои идроки ақлӣ ва тахайюл нестандро дунболагирӣ менамоем.

Дар сурати бархурди чунин қувва бо қувваи мунфаила дигар интизори ирода шудан мумкин нест ва ягона чизе, ки дар ин ҷо зуҳурашро метавон ҳадс зад, ин табъ аст. Худи ҳамин табъ дар новобастагӣ аз ирода ё мабдаъи феъли нав мегардад ва ё ҷузъе аз ин мабдаъи нав мегардад, ки як маҷмуъро ташкил медиҳанд. Зоҳиран он бо ирода шабеҳ аст, аммо онро наметавон бо ирода Ибни Синоним донист [6, с. 130]. Ҳамин тавр дар ин баҳс Ибни Сино нишон медиҳад, ки қувва дар худии худ як амри таъсиррасонанда ва тағйирдиҳандаи чизи дигар набуда, танҳо тавассути ирода ва ё тавассути бархурд бо қувои мунфаила доири табъ гардидан, тавони ба феълият расиданро дорад.

Дар мавриди мазкур Ибни Сино ба мафҳуми ирода низ аз диди метафизикӣ муносибат намудааст ва ҳамон гуна, ки аз маънии зеҳнии қувва сухан мегӯяд, дар мавриди ирода низ аз маънии зеҳнии он баҳс менамояд, чун хости метафизика ҳамин аст, бинобар ин баҳси мазкур дар ҳар лаҳза аз таҳлили воқеият ба дур рафта, ба як баҳси мантиқӣ ва ё абстрактӣ табдил меёбад. Умумият ва шабоҳати мафҳумҳои қувва ва ирода бо вуҷуди таъкиди Ибни Сино ҳанӯз дар фалсафаи ӯ як фаҳмиши бунёдиро ташкил намекунанд, зеро ба хотири ҳифзи марзи метафизикӣ ҳақиқатҳои ҳаётӣ ва физикии ин ду мафҳум сарфи назар карда шудаанд. Нахустин маротиба дар фалсафаи файласуфони олмонӣ Ф. Шеллинг, А. Шопенҳауер ва ниҳоят Ф. Нитше ин ду мафҳум дар бунёди фалсафа қарор мегиранд ва ин замоне буд, ки фалсафаи ғайриметафизикӣ ҷойгузини фалсафаи метафизикӣ гардида буд.

Ба хотири шинохти бештари масъалаи қувва дар мактабҳои анъанавӣ, ки

Ибни Сино аз онҳо таъсири заруриро бардоштааст, мо дар муносибат ба шеваҳои пайдоиши мафҳуми қувва ба мактаби мегариён (яке аз мактабҳои суқротӣ), ки дар заминаи фалсафаи суқротӣ ба вуҷуд омада буд ва ҳамчунин Ибни Сино дар ин маврид назари худро баён намудааст, бармегардем. Масъалаи мавриди назар дар ин ҷо ин шеваи пайдоиши қувва мебошад, ки на ҳамеша он худ аз худ дар табиати ашё азалан вуҷуд дорад. Ибни Сино роҳҳои пайдоиши қувваро чунин муаррифӣ менамояд: бо роҳи табиӣ, бо роҳи одат, бо роҳи тамрин ва ба тариқи иттифоқӣ. Дар ин муносибат Арасту низ се шеваи пайдоиши қувватро зикр намудааст, ки инҳо: ё фитрӣ (мисли тавонмандиҳои ҳавоси инсонӣ), ё натиҷаи одат ва тамрин (мисли навохтани най) ва ё натиҷаи омӯхтан: “Аз он ҷо ки ҳамагии тавонмандиҳо, ё фитриянд-монанди тавонмандиҳои ҳавост,ё натиҷаи одат ва тамринанд- монанди навохтани най ва бархе низ натиҷаи омӯхтананд-монанди онҳое, ки марбут ба ҳунарҳоянд- ногузир онҳое, ки натиҷаи маморисат ва (омӯхтан)-и мафҳуми назарианд. Бояд ба восилаи фаъолиятҳои пешин ба даст оянд” [16, с. 290]. Дар муқоиса бо шеваи тамрин Ибни Сино шеваи пайдоиши қувва аз рӯйи одатро чунин тасвир намудааст, ки он маҳсули корҳое ҳастанд, ки худи он корҳо мақсуд намебошад, балки тавассути табъ аз рӯйи шаҳват, ғазаб ва ё фикр ба вуҷуд омадаанд [6, с. 131]. Қуввaҳое, ки аз рӯйи тамрин ба вуҷуд меоянд, ин маҷмуи амал ва ҳаракатҳое мебошад, ки тавассути онҳо нафс малака ва таҷрибаро ба даст меоварад. Новобаста аз фарқҳое, ки дар байни одат ва тамрин вуҷуд дорад, маҳсули онҳо як чиз мебошад.

Дар байни файласуфони юнонӣ, бахусус онҳое, ки ба Суқрот пайравӣ менамуданд, чунин ақидае низ вуҷуд дошт, ки қувва баробари феъл ба вуҷуд меояд ва ҳеҷгуна пешии замонӣ нисбат ба феъл надорад. Ин ақидаро файласуфони баъдина низ ҷонибдорӣ менамуданд ва инсони нишастаро мисол меоварданд, ки дар ӯ қуввае вуҷуд надорад, ё ин ки дар чуб қуввае барои ба дар табдил ёфтан вуҷуд надорад [6, с. 131]. Дар мавриди мазкур низ бояд тазаккур дода шавад, ки Ибни Сино бидуни овардани номи Арасту назари ӯ дар мавриди мактаби мегараро меоварад, зеро Арасту низ дар “Метафизика” маҳз ҳамин назари мегариҳоро овардааст: “Ҳастанд касоне монанди мегариён, мегӯянд: “як

чиз танҳо ҳангоме тавонманд аст, ки фаъол аст ва ҳангоме ки фаъол нест, тавонманд нест” [16, с. 285]. Арасту бо ин назари мигариён мухолиф аст ва бо далелҳо исбот менамояд, ки дар сурати фаъол набудан низ чиз метавонад дорои қувва бошад. Яке аз далелҳои Арасту дар ин муносибат чунин аст: “Ба ҳамин сон аст дар бораи чизҳои беруҳ, зеро на сард, на гарм, на ширин ва ба таври куллӣ ҳеҷ маҳсусе бидуни эҳсоскунандае вуҷуд нахоҳад дошт. Аммо дар воқеъ ҳеҷ чиз ҳис надорад, модом, ки эҳсос накунад” [16, с. 285]. Дар ин маврид назари Ибни Сино низ бо назари Арасту мувофиқат менамояд, аммо далеловарӣ ва шеваи исботи ӯ асил ва дигаргуна аст, ки каме дертар ба он бармегардем ва онро матраҳ месозем. Зеро пеш аз матраҳ сохтани он, бояд назари ӯ доир ба ирода ва ихтиёрро низ матраҳ созем, ки инкори назари мигариён бевосита бо ин масъалаҳо алоқамандӣ дорад.

Аз ин ҷиҳат, ҳоло ба матраҳ сохтани назари Ибни Сино дар мавриди ҳодис ва ё зуҳур кардани чиз, ки дар муносибат ба мавзуи мавриди назари мо чигуна аз қувва ба феъл табдил ёфтани он мебошад, мепардозем. Дар ин маврид ӯ имконҳои гуногун дар мавриди пайдо шудани чизҳоро матраҳ менамояд ва дар ниҳояти баҳс масъалаи қувваро, ки омили асосии зуҳур ва ё пайдо гардидани чизҳо мебошад, боаҳаммият ҷилва медиҳад.

Ба андешаи Ибни Сино чизе, ки вуҷуд дорад, ҳамчунин имкон дорад, ки он вуҷуд надошта бошад, зеро агар он имкони вуҷуд надоштанро надошта бошад, пас он воҷиб-ул-вуҷуд ҳисобида мешавад, ки ин номумкин аст. Он чизе ки дар худ вуҷуд дорад, ҳамчунин метавонад чизи дигаре бошад ва ё чизи дигаре набошад ва агар он имкони чизи дигар шуданро дошта бошад, пас он мавзуъ дар чизи дигар мешавад ва ба он сурат ва ё шакл мебахшад [6, с. 132]. Ибни Сино дар ин ҷо маҳз ба мафҳуми мавзуъ таъкид менамояд, дар сурати вуҷуд надоштани мавзуъ имкони пайдо гардидани вуҷуд ғайриимкон мебошад: “Бинобар ин, мавҷуде, ки бақои он қоим ба нафс аст ва дар мавзуъ нест ва ба ҳеҷ ваҷҳа аз мавзуе нест, ҷоиз нест дорои вуҷуди ҳодисе бошад, балки бояд дорои алоқае ба мавзуъ бошад, то ин ки ҳодис шавад” [6, с. 132]. Ибни Сино имкониятҳои ба вуҷуд омадани чизи қоим ба нафс аз чизи дигар, дар мисоли ба вуҷуд омадани

ҷисм аз ҳаюло ва сурат ва ҳамчунин ба вуҷуд омадани як чиз бо вуҷуди чизи дигар, дар мисоли ба вуҷуд омадани нафси нотиқа баробари ҳодис гардидани ҷисми инсонро мисол меоварад, ки вуҷуди аввалиҳо вобастагӣ дорад аз вуҷуди дигарҳо [6, с. 132].

Дар таҳқиқоти минбаъдаи худ низ Ибни Сино бар муҳимияти мавзуъ таъкид менамояд ва дар ин мавриди таъкид бар он мекунад, ки ҳар як чиз танҳо дар сурати мавҷудияти мавзуъ қобил ба пайдоиш мебошад. Ҳар як чизе, ки зуҳур мекунад, аз ду чиз модда ва сурат пайдо мешавад, ки модда ҳамчун маҳалли чизи пайдошуда буда аз он нахустин шуда сурат ба вуҷуд меояд, модда ва сурат дар якҷоягӣ ҷисмро ташкил медиҳанд.

Дар мавриди нафс низ Ибни Сино чунин назар дорад, ки он ба вуҷуд намеояд, агар ҷисми инсон ҳамчун мавзуъ барои он вуҷуд надошта бошад [6, с. 133].

Мавзуъро аҳаммиятнок нишон додани Ибни Сино худ як заминасозие мебошад барои расидан ба масъалаи асосӣ, яъне қувва, ки охирин қароргоҳи ҳастии чиз ва оғозгоҳи ҳаргуна раванди пайдоишро ташкил медиҳад. Дар боло мо назари Ибни Синоро дар мавриди он, ки қувва аз як чиз ба чизи дигар таъсир мерасонад ва онро тағйир медиҳад, матраҳ сохта будем, ҳамчунин ҳар феъле, ки аз як ҷисм сар мезанад ин аз қувваи он ҷисм сар мезанад ва дар мавриди феълҳои иродӣ ва ихтиёрӣ ин масъала равшан шуда буд. Дар ин маврид Ибни Сино ба хосияти дохилӣ доштани қувва таъкид менамояд, ки дертар дар фалсафа маҳз ҳамин ҷанбаи қувва ва ё қудрат инкишоф меёбад: “Бояд дар зоти он илова бар ҷисмият ҳақиқати дигаре бошад, ки ҳамин мабдаи судури ин феъл аз он шудааст ва ин ҳамон чизе аст, ки қувва номида мешавад” [6, с. 133].

Ибни Ибни Сино дар мавриди шарҳи қувва мафҳуми дигар, яъне “хосияти ҷисм”-ро низ истифода кардааст, ки ин хосият авлавияти ҷисм ва ҳамчунин сароғоз ва зоҳиршавии феъл мебошад. Аҷиб он аст, ки ирода ин ҷисмро маҳз ба хотири ҳамин хосияти он, ки оғози феъл, ё амал мебошад, интихоб кардааст, аммо худи мафҳуми ирода ҳамеша бегона боқӣ мемонад. Агар қувва ба худи чиз тааллуқ дошта бошад, пас ирода ба кадом маншаъ ва ё омил вобастагӣ дорад?

Агар қувваи чиз худ сарчашма бошад, аммо бидуни ирода ва хост он заиф ва нокифоя бошад, пас ирода муҳимтар аз он нест? Дар ин баҳс Ибни Сино мебоист ё омили муҳимияти қувваро нисбат ба ирода асоснок менамуд ва ё новобаста аз гуногунии тафсирҳо ҳамон ва як чиз будани онҳоро асоснок менамуд, ки ин нукта ба назар намерасад. Феъле, ки аз ҷисм сар мезанад, маҳз ба воситаи ҳамин хосият ҳам содир мешавад ва ҳам эҷоб мешавад. Ҷисм маҳз ба воситаи ҳамин хосияти худ дорои авлавият аст ва ин авлавият муҷиби ба вуҷуд омадани феъл ва ё сарчашмаи вуҷуди феъл мегардад. Ибни Сино сарчашмаро ҳам ба тариқи билзот ва ҳам билараз сабаби судури феъл медонад ва ба чунин натиҷаи ниҳоӣ мерасад, ки ин хосияти ҷисм ҳамон қувва мебошад, ки ҳаргуна феъл аз он содир мегардад: “Пас ин боқӣ аст, ки худи ин хосият (феълро) эҷоб карда бошад ва ин хосияти эҷобкунандаро қувва меноманд; ва афъоли ҷисмонӣ, валу ба ёрии мабдаи муфориқе аз ин хосият содир мешаванд” [6, с. 135]. Ҳамон гуна ки дар раванди пайдо гардидани чиз мавзуъ нақши асосиро бозӣ мекунад, дар ин муносибат модда низ дорои чунин мартаба мебошад ва бидуни модда тасаввури чизи пайдошаванда ғайримумкин мебошад.

Аз таҳлилҳои боло бароямон маълум аст, ки мафҳуми қувва ба имкон-ул-вуҷуд алоқамандӣ дорад ва ҳар чизе, ки зуҳур мекунад ҳамеша дар ҳолати имконӣ вуҷуд дорад ва ҳолати имконӣ ин ҳамон қувваи ҷисм мебошад. Ибни Сино дар байни фи нафса вуҷуд доштан ва фи нафса мумкин будан фарқ мегузорад, зеро ҳангоми фи нафса вуҷуд доштан ҳанӯз маънии онро надорад, ки фоил он чизро эҷод менамояд, аммо дар сурати фи нафса мумкин будан фоил қодир ба эҷоди он мебошад. Аммо ин ҳам ҳанӯз маънии онро надорад, ки маънии фи нафса мумкин будани чиз бо маънии тааллуқ доштани қудрат ба он баробар бошад, новобаста аз он ки ҳардуи онҳо дорои мавзуи ягона ҳастанд, зеро фи нафса мавҷуд будани чиз ба эътибори зоти он чиз аст, аммо тааллуқ доштани қудрат ба он ба эътибори нисбати он бо фоил ва ё эҷодкунанда мебошад [6, с. 135].

Дар як вақт мо наметавонем имкони вуҷудро ҳамчун қувва нашносем, қувва ҳамеша ба чизи мумкин тааллуқ дорад ва ин суханро ҳамеша Ибни Сино такрор

намудааст. Хулосаи Ибни Сино дар мавриди сарчашмаи пайдоиш ва зуҳури чиз ин аст, ки имкони вуҷуд ин ҳамон қувваи вуҷуд мебошад ва дорандаи ин қудрати вуҷудро вобаста ба мавқеияташон мавзуъ, ҳаюло ва ё модда меноманд. Дар ҳамин муносибат бори дигар таъкид мегардад,ки ҳаргуна пайдоиш ниёз ба модда дорад: “Ва имкони вуҷудро қувваи вуҷуд меномем, ва ҳомилеро, ки дорои қувваи вуҷуди чизе аст ба ҳасби эътибороти мухталиф мавзуъ ва ҳаюло ва мода ва ғайри инҳо меномем. Бинобар ин ҳар ҳодисе масбуқ ба модда аст” [6, с. 136]. Ҳангоми баҳси масъалаи мазкур Ибни Сино ҳамеша назари файласуфони бостониро дар назар дошт ва ба тариқи умумӣ ин тамоили худро иброз медошт, ки дар муносибати мазкур низ ӯ бардошти умумии файласуфони бостониро дар маврид на аз ҷиҳати забонӣ, балки мутлақан пешӣ доштани қувва нисбат ба феълро зикр намудааст. Дар идома мо мекӯшем, ки назари Ибни Сино дар мавриди пешӣ ва сипасӣ дар муносибат ба қувва ва феълро таҳлил намоем.

Ибни Сино назари файласуфони пешина дар мавриди пешӣ ва сипасӣ дар қувва ва феълро матраҳ месозад ва он гуна, ки дар боло нишон додем, пешӣ доштани қувва бар феълро таъкид менамояд, аммо бо ин назар чандон мувофиқ нест. Ба андешаи ӯ пешӣ доштани қувва бар феъл на дар ҳамаи мавридҳо саҳеҳ мебошад ва дар ин маврид ӯ назароти хоссаи худро пешниҳод менамояд. Пеш аз ҳама ӯ таъкид менамояд, ки пешӣ доштани қувва бар феъл танҳо дар чизҳои ҷузъие, ки дар маърази фасод ва нобудӣ ҳастанд, сидқ мекунад, аммо дар мавриди чизҳои куллӣ ва абадӣ, ки онҳо фанонопазир ҳастанд, чунин ақида дуруст намеояд ва баръакс чизи би-л-феъл ҳамеша бар чизи би-л-қувва пешӣ дорад [6, с. 136]. Далели асосие, ки Ибни Сино дар ин маврид меоварад, он аст, ки чизи би-л-қувва ҳаргиз қоим ба зоти хеш нест ва аз ин рӯ ночор аст, ки бар чизе, ки би-л-феъл аст, қоим гардад. Аз ин рӯ, нахуст бояд ҷавҳари би-л-феъле вуҷуд дошта бошад ва сипас он дорои истеъдоди қабули қуввае бошад. Ба ғайр аз ин чизи би-л-феъл худ дорои феъл мебошад, он гуна, ки чизҳои абадӣ ҳастанд, ва онҳо ҳозир нестанд, ки чизи би-л-қувваеро қабул намоянд [6, с. 137]. Бо ин далелҳо Ибни Сино мехоҳад таъкид намояд, ки қувва дар мавридҳои зиёде бар феъл на пешӣ, балки сипасӣ дорад ва ҳақиқати чизи би-л-феъл ҳамеша бар

ҳақиқати чизи би-л-қувва аз ҷиҳати замонӣ пешӣ дорад. Ҳар чизе, ки би-л-қувва аст, ҳеҷ вақт наметавонад, ки ба худии худ ба чизи би-л-феъл табдил ёбад ва он ҳамеша ниёз ба чизи би-л-феъл дорад.

Агар Ибни Сино қувваро ҳаммаъно бо ирода медонист, он гоҳ имкони ба феъл табдил ёфтани қувва бидуни таъсири чизи би-л-феъл вуҷуд дошт, аммо азбаски қувва ва ирода маъниҳои ҷудо аз ҳам ҳастанд, қувва ҳамчун як маънии пассив ва муҳтоҷи як қувваи би-л-феъле боқӣ мемонад. Ибни Сино эътироф дорад, ки қувва барои раванди гузариш аз қувва ба феъл муҳим мебошад, аммо ин қувва дар худии худ оҷиз мебошад ва он ҳатман ба чизи би-л-феъле ниёз дорад, то ки ба чизи би-л-феъл табдил ёбад. Раванди гузариш аз қувва ба феъл ҳамеша бо вуҷуди феъл сурат мегирад ва ҳамчунин бо чизе, ки би-л-феъл вуҷуд дорад ва мисоли Ибни Сино дар ин маврид ин тавлиди гармо тавассути гармозо ва ё тавлиди сармо тавассути сармозо мебошад [6, с. 137]. Мисоли гармозо ва гармо бо сармозо бо сарморо низ мо дар мисолҳои овардаи Арасту дар мавриди фоили як чиз ва фоили ду чиз будан дучор меоем [16, с. 283].

Гармо ва сармо дар вуҷуди ҳаво дар ҳолати би-л-қуввагӣ вуҷуд доранд ва гармозо ва сармозо бошанд аллакай дар шакли би-л-феъл вуҷуд доранд ва ин амали инҳост, ки сармо ва гарморо аз ҳолати би-л-қуввагӣ ба би-л-феълӣ меоварад, бинобар ин мо метавонем бигӯем, ки дар ин маврид феъл нисбат ба қувва аз ҷиҳати замонӣ пешӣ дорад. Дар ин маврид Ибни Сино далели дигаре низ меоварад, ки эътимодбахшии пешии феъл бар қувва, на ҳамроҳии онҳоро бештар мегардонад. Мисоли дигари машҳури Ибни Сино дар ин муносибат манӣ ва тухмӣ ҳамчун шаклҳои би-л-қувваи инсон ва дарахт мебошанд. Аммо дар як вақт ин манӣ ва тухмӣ аз инсон ва дарахт ба вуҷуд омадаанд, ки худ дар шакли би-л-феъл вуҷуд доранд, бинобар ин дар чунин ҳолатҳо пешии қувва бар феъл ҳеҷ гуна авлавияте бар пешии феъл бар қувва надорад.

Бартарӣ додан бар феъл нисбат ба қувва ба назари Ибни Сино дар мавриди бартарии сурат бар модда алоқамандӣ дорад. Ҳамагуна чизи би-л-қувва аз он ҷиҳат, ки би-л-қувва аст, бар чизи би-л-феъл бартарӣ ёфта наметавонад, зеро чизи би-л-феъл ҳамеша сабаби ба воқеият табдил ёфтани чизи би-л-қувва

мегардад. Дар идомаи шарҳи худ ӯ аз пешӣ ва сипасии замонӣ ба ҷанбаи моҳиятии масъала мегузарад ва масъаларо аз ин зовия мавриди таҳлил қарор медиҳад, ки бештар афзалияти яке нисбат ба дигаре дар асос қарор мегирад.

Яке аз омилҳои асосии пешии феъл бар қувва ин камол ва ғоят мебошад. Қувва, ки ҳанӯз ба феъл табдил наёфтааст, дорои нуқсон аст, аммо феъл иборат аз камол мебошад [6, с, 137]. Қувва, ки ҳамон ҳолати мумкинии чиз буда, маҳалли он мавзуъ, ё модда мебошад, бо маҳол ва нестӣ наздикӣ дорад ва ҳар чизе, ки бо модда ва адам наздик аст, ноқис аст, аммо феълият ба дараҷаи камол расидааст ва ё рӯ ба камол дорад. Он чизе ки дорои камол аст аз ҷиҳати замонӣ нисбат ба он чизе, ки ҳанӯз дорои нуқс аст, пешӣ дорад ва Ибни Сино ин маъниро дунболагирӣ менамояд ва масъалаи камол ва нуқс бо масъалаи дигар, ки хайр ва шарр мебошанд алоқамандӣ пайдо менамояд. Ин масъалаҳо ҳанӯз дар фалсафаҳои Афлотун ва Арасту ба ҷузъи метафизика табдил ёфта буданд ва моҳияти нафси инсонӣ ва ниҳояти онро ифода менамуданд.

Хайр дар ин ҷо бо феълият алоқамандӣ дорад ва шарр бошад бо ҳолати би-л-қуввагӣ, зеро феълият ифодакунандаи ғоят ва камол буда, би-л-қуввагӣ бошад ба хотири бо модда ва нестӣ наздикӣ доштан, бо шарр пайвастагӣ дорад. Ибни Сино бар он ақида аст, ки шарр будани би-л-қуввагӣ танҳо аз он ҷиҳат нест, ки он дар худии худ шарр аст, балки аз он ҷиҳат аст, ки дар он камоле вуҷуд надорад ва он орӣ аз камол мебошад [6, с. 137]. Ин масъала бо ҳадафи ниҳоии метафизика ва ғояти нафси инсонӣ алоқамандӣ дорад, масъалаҳои камол ва нуқс, ҳамчунин хайр ва шарр ҳолати нафсро, ки дар байни олами моддӣ ва улвӣ қарор дорад, ифода менамоянд.

Мисолҳое, ки Ибни Сино дар мавриди шарр меовард ин ҷаҳли инсони ҷоҳил ва ё зулми инсони золим мебошад. Ҷаҳл ва зулм аз як ҷиҳат нишони адами камол буда аз дигар тараф монеаи камол мегарданд. Ҳангоми шарҳ додани табиати зулм на танҳо ҷанбаи моҳиятии он, балки ҷанбаи воқеӣ ва иҷтимоии он дар назар дошта мешавад. Масалан, шарр будани зулм на фақат ба хотири аз байн бурдани табиати хайр дар инсони золим ва саломатию дороии инсони мазлум, балки аз он аст, ки он бо нестӣ ва чизи би-л-қувва дар омехтагӣ қарор дорад, агар

чунин намебуд, он гоҳ чизе би-л-қувва аз ноҳияи чиз вуҷуд намедошт: “Зулм фақат ба ин хотир шарр аст, ки дар золим табиати хайрро ва дар мазлум саломат, ё дорой, ё ғайри инҳоро аз байн мебарад; ва лизо зулм аз ин ҳайс, ки шарр аст, бо адам ва чизе би-л-қувва омехта аст ва агар на ҳамроҳ бо шайъ ва на аз ноҳияи шайъ чизе би-л-қувва вуҷуд надошт бояд камолоте ки барои ашёъ воҷиб ҳастанд ҳозир мебуданд, ва лизо ба ҳеҷ ваҷҳа шарре вуҷуд намедошт” [6, с. 138].

Дар ин ҷо Ибни Сино омили мавҷудияти шарр, нуқс, мавҷудияти чизи би-л-қувва ва умуман адами камолро дар омили маънавӣ медонад. Агар шарр вуҷуд намедошт, он гоҳ танҳо камолот, ки хосси ашё аст, вуҷуд медошт. Ворид гардидани шарр ба ҳақиқат ва табиати ашё боиси ба вуҷуд омадани би-л-қуввагӣ ва нуқс гардидааст. Ҳар чизе, ки би-л-қувва аст, шарр аст ва ё шарр аз ҳар чизи би-л-қуввагӣ ба вуҷуд меояд. Ҳамин тавр ҳар чизе, ки би-л-феъл аст бо камол ва хайр алоқамандӣ дорад ва чизи би-л-қувва бо шарр ва адами камол. Дар баробари ин Ибни Сино мафҳумҳои шарр ва хайрро дар муносибат бо ҳолатҳои би-л-қуввагӣ ва би-л-феълии чизҳо арзишгузорӣ менамояд, чизе ки би-л-феъл хайр аст, нисбат ба чизе, ки би-л-қувва хайр аст, беҳтар аст ва ҳамчунин чизе, ки би-л-қувва шарр аст, нисбат ба чизе, ки би-л-феъл шарр аст, беҳтар аст.

Бартарии би-л-қувва шарр будан нисбат ба би-л-феъл шарр будан аз он аст, ки дар сурати би-л-қуввагӣ ин имкон, ё эҳтимолият вуҷуд дорад, ки он ба феълият табдил наёбад ва ба феълият табдил наёфтани шарр беҳтар аст нисбат ба оне, ки ба феълият табдил ёфтааст. Дар мавриди хайр бошад акси ин эҳтимолият сидқ мекунад, яъне имкон дорад, ки хайри би-л-қувва ба феълият табдил наёбад ва ин хуб нест, хайри феълиятёфта ҳамеша аз хайри феълиятнаёфта бартарӣ дорад. Натиҷагирии хубе, ки Ибни Сино дар ин маврид анҷом додааст, ин аст, ки шарир будани инсон на ба хотири он аст, ки дар вуҷуди ӯ қувваи шарр аст, балки ба он хотир аст, ки ӯ дорои малакаи шарр аст: “Ва шарир будани одами шарир ба хотири қувваи шарр доштан нест, балки ба хотири малакаи шарр доштан аст” [6, с. 138].

Ин назари Ибни Сино ифодакунандаи аҳаммияти шарр дар ҳолати би-л-қуввагӣ ва би-л-феълии он аст. Вуҷуд доштани шарр дар ҳолати би-л-қуввагӣ

ҳанӯз маънии бад будани инсонро надорад, зеро дар ин ҳолат шарр танҳо дар ҳолати би-л-қуввагӣ қарор дорад. Ҳамин гуна инсоне, ки дар ӯ хайр дар ҳолати би-л-қуввагӣ аст, ҳанӯз инсони нек дониста намешавад. Дар чунин ҳолатҳо чиз дар худии худ қарор дорад ва ҳанӯз инсон шар ва хайрро дар воқеият таҷриба накардааст, яъне онҳо ба ҳолати би-л-феълӣ табдил наёфтаанд. Инсон ҳамчун инсони нек ва ё бад ҳамон вақт зуҳур мекунад, ки агар нек ва бад дар шакли би-л-феълӣ дар таҷрибаи инсон истифода гарданд.

Дар боби мазкур мо масъалаҳои муҳими фалсафаи метафизикии Ибни Ибни Сино, бахусус ҳастии имкониро мавриди таҳлил қарор додем, ки инҳо назарияи сабабҳо, ҳастии аввалӣ ва охирӣ, ҳамчунин ҳастии би-л-қувва ва би-л-феъл мебошанд. Дар параграфи аввали боби мазкур мо пеш аз ҳама назари Носириддини Тусиро дар мавриди ҳастии ом ва ҳастии хос, ки дар фалсафаи имрӯза ҳамчун баҳси ҳастӣ ва моҳият машҳур аст, матраҳ намудем. Ҳамчунин ҳар як сабаб дар алоҳидагӣ ва муфассал мавриди таҳлил қарор гирифтанд. Аз ҷумла чунин хусусияти сабабҳо таҳлили муфассали худро ёфтанд: натиҷа бидуни сабаб вуҷуд надошта, ҳамеша силсилаи сабабҳо вуҷуд дорад ва дар ин муносибат сабаб ва натиҷа ҳамзамон вуҷуд доранд, бо аз байн рафтани як сабаб ҳатман сабаби дигар ҷойгузини он мегардад; новобаста аз ҳамзамонии сабаб ва натиҷа, онҳо дар вуҷуд баробарвазн нестанд, сабаб ҳамеша ҳамчун бахшандаи вуҷуд нисбат ба натиҷа дорои шиддати бештар мебошад; сабабҳои фоъилӣ ва ғойӣ ҳамчун сабабҳои вуҷудӣ дар моҳияти натиҷа вуҷуд надоранд, аммо сабабҳои моддӣ ва суварӣ, ҳамчун сабабҳои моҳиятӣ, дар моҳияти натиҷа вуҷуд доранд, дар шарҳҳои худ мо фарқияти сабаби моддӣ аз мафҳуми моддаро, ки дар фалсафаи метафизикии Ибни Сино асосӣ мебошад, ошкор сохтем.

Дар муносибат ба сабаби ғойӣ мо бори дигар бо масъалаи муносибати вуҷуд ва моҳият машғул гардида, дар ҳамин муносибат робитаи он бо дигар сабабҳоро мавриди таҳлил қарор додем. Нишон дода шуд, ки аз ноҳияи моҳият сабаби ғойӣ аввал ба вуҷуд меояд, аммо аз ноҳияи вуҷуд бошад, баръакс дигар сабабҳо нисбат ба сабаби моҳиятӣ пешӣ доранд. Ҳамчунин шинохти сабаби ғойӣ ҳамчун хайр ва алоқамандии он бо офариниш ва сабаби аввал мавриди таҳлил қарор дода шуд.

Масъалаҳои аввалӣ ва охирӣ ва ё баъдӣ, ҳамчунин қувва ва феъл аз масоили наздик ба физика ва ҳақиқати аввалиндараҷаи чизҳо алоқамандӣ дорад. Аввалӣ ва охирӣ то андозае масъалаи сатҳӣ буда, дар он шарҳи метафизикии воқеиятҳои физикӣ дар миён гузошта шудаанд. Ибни Сино ин масъаларо тадриҷан бо масъалаи қувва ва феъл мепайвандад ва равиши арастуиро дунболагирӣ менамояд. Фаҳмиши арастуии ҷисм хилофи фаҳмиши моддигароёнаи Демокрит мебошад, аммо дар як вақт он як фаҳмиши идеалистӣ низ набуда, як навъ ҳолати миёнагӣ дар байни фаҳмишҳои моддигароёна ва ормонгароёнаро ба худ касб кардааст. Ибни Сино ин анъанаро идома додааст, ҳамчунин дар мавриди алоқамандии мафҳуми қувва бо ирода ва ё табъ ӯ як қатор фикрҳои пешқадамро баён намудааст. Аммо вуҷуд надоштани анъанаи ғайриметафизикӣ, аҳаммият надоштани ҳаёт ва масоили вуҷудӣ ва бартарии ягона доштани ҳастӣ ва ҳақиқати зеҳнӣ ба Ибни Сино имконияти берун аз анъанаи метафизикӣ қадам заданро надодаанд. Бо инкишоф ёфтани физика, химия ва ҳамчунин илмҳои ҳаётшиносӣ тасаввуроти нав доир ба масоили анъанавии метафизикӣ ба вуҷуд омадаанд.

Яке аз масъалаҳои асосии фалсафаи метафизикии Ибни Сино ин масъалаи судур ва ё чигуна аз сарчашмаи нахустин олам фаязон меёбад, мебошад. Ин танҳо як бахши боби ояндаро ташкил медиҳад ва дар қисмати дувуми он масъалаи камоли нафси инсонӣ ва ё шифо ёфтани он матраҳ мегардад, ки онро Ибни Сино аллакай дар фалсафаи амалии худ матраҳ месозад. Ин масъалаҳо дар боби навбатии рисола мавриди таҳқиқ қарор мегиранд.

БОБИ 5. НАЗАРИЯИ ОФАРИНИШ ОЛАМ: ГУЗАРИШ АЗ ФАЛСАФАИ НАЗАРӢ БА АМАЛӢ

5.1. Масъалаи офариниш: муносибати байни Худо ва олам

Муносибати миёни воҷиб-ул-вуҷуд ва имкон-ул-вуҷуд ва ё зуҳури ҷаҳон ҳамчун бунёди нахустин як қисмати таркибии метафизика ва илоҳиётшиносӣ мебошад. Ин масъала пеш аз ҳама дар фалсафаи Арасту, Плотин ва бахусус тавассути муфассирони навафлотунӣ дар вариантҳои гуногун матраҳ гардидааст. Файласуфони мусулмон ва пеш аз ҳама Форобӣ ва Ибни Сино аз ин назарияи илҳом гирифта онро минбаъд ба тариқи густурда шарҳ намудаанд. Аз қайдҳои бевоситаи Ибни Сино ба хубӣ дарёфтан мумкин аст, ки ӯ аз ақидаҳои Арасту (яъне Плотин), таълимоти Искандари Афробисӣ, Темистиюс ва ё Птолемойс ва ғайра бахубӣ огоҳ буд. Устод Диноршоев дуруст қайд менамоянд, ки он “Илоҳиёт”-е ки барои Ибни Сино ва дигар файласуфони мусулмони садаҳои аввали густариши Ислом ҳамчун фалсафаи Арасту дастрас буд, дар ҳақиқат як бахши “Эннеадаҳо”-и Плотин буд [178, с. 260].

Дар “Шифо” Ибни Сино кӯшиш намудааст исбот намояд, ки ҷумлаҳои Арасту дар мавриди ҳаракати ҷирмҳои осмонӣ тавассути нафс ва қудрати бекарон ва дигар андешаҳои бо инҳо монанд, зиддиятнок нестанд ва тавассути шарҳи муфассал ӯ кӯшиш намудааст, ки ба андешаҳои Арасту рушанӣ андозад.

Новобаста ба он, на дар ҳамаи мавридҳо Ибни Сино худро дар зери таъсири Арасту маҳдуд месозад. Барои мисол Ибни Сино дар мавриди шумори адади ақлҳо аз Арасту дурӣ мегирад. Баръакс ӯ дар ин маврид ақидаҳои Искандари Афродисӣ ва Темистиусро пуштибонӣ менамояд [6, с. 300].

Ё ин ки Ибни Сино ақидаҳои Искандари Афродисӣ ва Темистиусро, ки аз пайравони Арасту ба ҳисоб мераванд, дар мавриди мабдаъи нахустин ва мабдаъи қабатҳои кайҳон қабул мекунад, аммо дар мавриди мақсади ҳаракатҳои осмонӣ ақидаҳои онҳоро қабул надорад. Масалан, ба ақидаи Искандари Афродисӣ мақсади ҳаракати афлок ин чизҳои барҳамхуранда ва ё олами зери моҳ мебошад, аммо ба ақидаи Ибни Сино мақсади ин ҳаракат на олами зери моҳ, балки олами

болотар аз он мебошад, ки аз ҳам фарқ мекунанд.

Дар ин ҷо мо метавонем “Қуръон”-ро ҳамчун сарчашмаи дигар қайд намоем, зеро сухан дар бораи мабдаъи ягона меравад, аммо дар ин ҷо як нозукӣ вуҷуд дорад: мабдаъи аввал ҳамчун воҳид ва ҷаҳон ҳамчун натиҷаи ин воҳид, ки ҳанӯз дар фалсафаи Искандари Афродисӣ ва Темистиус маълум буд, бо андешаи тавҳидии “Қуръон” шабоҳат дошт, аммо на дар маънии сабаб ва натиҷа, балки дар маънии холиқ ва махлуқ. Ибни Сино дар назарияи судури худ маҳз аз муносибати сабаб ва натиҷа ҷонибдорӣ намудааст, ки дертар боиси норозигии Ғаззолӣ ва дигар мутакаллимон мегардад. Дар назарияи судури Ибни Ибни Сино мо бо сарчашмаҳои дар боло зикргардида дучор мегардем, аммо Ибни Сино ба ҳеҷ кадом аз ин сарчашмаҳо худро маҳдуд намесозад, балки ба тариқи низомманд ва муфассалтар масъалагузорӣ намудааст. Дар идома мо кӯшиш менамоем, ки ақидаҳои асосии Ибни Сино дар мавриди судур ва ё раванди офаринишро мавриди таҳлил қарор диҳем.Муҳимтарин нукта дар ин маврид он аст, ки дар ин муносибат назари деистии Ибни Сино оиди пайдоиши ҷаҳон ба мушоҳида мерасад. Диноршоев ин нуктаро чунин хулоса кардааст: “Дар назари аввал чунин менамояд, ки назарияи судури Ибни Сино таълимоти соф динӣ-мусулгаройӣ, ё ирфонӣ буда, комилан ба дини мубини ислом мувофиқ ва мутобиқ аст. Аммо баъди таҳлили амиқи андешаҳои Ибни Сино маълум мегардад, ки ҳарчанд назарияи судури ӯ ба либоси диниву ирфонӣ оро дода шудааст, вале наметавон онро як назарияи комилан динию ирфонӣ донист. Чунин ба назар мерасад, ки моҳияти ин таълимот бештар аз шарҳи худогароёнаи (деистии) пайдоиши олам иборат аст. ... Ибни Сино ҳудуди феъли бевоситаи Худоро бо офаридани Ақли Аввал маҳдуд карда, аз андешаи дахолати доимии ӯ ба корҳои олам даст бозмедорад”[71, с. 541].

а) Худо ва ҷаҳон ҳамчун муносибати сабаб ва натиҷа. Дар бобҳои гузашта мо нишон додем, ки воҷиб-ул-вуҷуд дорои вуҷуби вуҷуди биззот мебошад ва воҷибияти вуҷуди имкон-ул-вуҷуд на биззот, балки аз дигар ноҳия мебошад. Ҳамин тавр зуҳури ҷаҳон низ чи бевосита ва чи бавосита аз ҷониби Худо сарчашма мегирад. Воҷиб-ул-вуҷуд ҳамчун сабаб талабгори натиҷа

мебошад ва ҷаҳон ҳамчун натиҷа вуҷуби вуҷуди худро танҳо тавассути таъсири сабабҳо ба даст меоварад. Мо кӯшиш менамоем, ки назари Ибни Сино дар мавриди навъҳои муносибати ҳастии воҷиб ва имконро муфассалтар матраҳ намоем.

Ба ақидаи Ибни Сино муносибати байни воҷиб-ул-вуҷуд (Худо) ва имкон-ул-вуҷуд (ҷаҳон) на муносибати байни холиқ ва махлуқ, балки муносибати байни сабаб ва натиҷа мебошад ва аввалин омили ин муносибат ҳаракат мебошад. Сухан дар мавриди ҳаракате меравад, ки ҳеҷгуна замон аз он пешӣ надорад, балки фақат воҷиб-ул-вуҷуд аз ин ҳаракат пешӣ дорад. Ин аввалин ҳаракат мебошад ва он пеш аз ҳаракати дувум, ки дар ноҳияи сабабҳо ба вуқуъ мепайвандад, қарор дорад. Бидуни ҳаракати аввали ҳеҷгуна ҳаракати дувуми ба вуқуъ намеояд, ки бо зуҳур ба анҷом мерасад.

Барои он ки ин масъала мавриди таҳлил қарор гирад, Ибни Сино бо вазъияти сабабҳо сару кор мегирад, зеро имкон-ул-вуҷуд биззот танҳо як имкон аст ва биззот вуҷуби вуҷуди худро ба даст оварда наметавонад. Ҳар як чиз як имкон-ул-вуҷуд мебошад ва вуҷуби вуҷуди худро танҳо тавассути сабабҳо ба даст меоварад ва агар чизе ҳанӯз зуҳур накарда бошад асос бар ин сабабҳо, яъне сабаби фоъилӣ ва моддӣ мебошад: ё ҳарду сабаб ба ҳам наомадаанд, ё сабаби фоъилӣ ҳанӯз ба ҳаракат даромада сабаби моддиро ба ҳаракат надаровардааст ва ё бо вуҷуди мавҷудияти сабаби фоъилӣ сабаби моддӣ вуҷуд надорад ва ё баръакс [6, с. 286].

Дар чунин вазъият ҳеҷгуна навгонӣ дар ноҳияи сабабҳо рух намедиҳад ва дар ин вазъият натиҷаеро интизор гардидан ғайриимкон мебошад. Аммо агар ягон чиз зуҳур намояд ин чунин маънӣ дорад, ки ягон тағйирот, яъне ҳаракате дар ноҳияи сабабҳо рух додааст, ки он бо воҷибияти вуҷуди ҳастии имконӣ ба анҷом мерасад. Агар ягон чизи нав ба вуҷуд ояд, сарчашма ё он аст, ки ҳамроҳ бо сабаби худ зуҳур мекунад ва дар ин сурат ҳамаи сабабҳо ва ҳамаи зуҳурот баробар зуҳур мекунанд, ки ин ғайриимкон мебошад ва ё сабаби чизи нав зуҳуркарда дар наздикӣ ва ё дурӣ аз он қарор дорад.

Ибни Ибни Сино фарзи дувумиро пуштибонӣ менамояд, яъне ҳамаи сабабҳо

ҳамзамон вуҷуд надоранд, онҳо дар нисбати чизи зуҳуркарда дар наздикӣ ва ё дурӣ қарор доранд ва тавассути ҳаракат ин сабабҳо ба пеш меоянд. Аммо бе ҳаракати аввалӣ ҳаракати дувумӣ ба вуҷуд намеояд ва ҳаракати аввали бо ҳаракати дувум худро пайванд додааст ва дар байни онҳо замон вуҷуд надорад [6, с. 286]. Аз ин ҷиҳат ҳарду ҳаракат бо ҳам пайванд мехуранд ва онҳо дар якҷоягӣ сабабҳоро ба пеш ҳаракат медиҳанд. Бе ҳаракати аввала ҳаракати дувуме, ки дар ноҳияи сабабҳо ба вуқуъ мепайвандад ва бо зуҳури чизҳо ба анҷом мерасад, ба вуҷуд намеояд: „ Қобил ҳодис намешавад магар ба воситаи ҳаракате, ки дорои иттисол аст, ва лизо бояд ҳаракате қабл аз ҳаракат вуҷуд ёфта бошад“ [6, с. 287]. Ҳамин тавр метавон натиҷа гирифт, ки ҳаракати аввали худ сабаби наздики ҳаракати дувум мебошад ва бидуни ҳаракати аввалӣ ва такони он наметавон дар қадами аввал ҳаракати дувум ва дар қадами баъдӣ зуҳури ҷаҳон ва ё имкон-ул-вуҷудро тасаввур намуд.

Ба ақидаи Ибни Сино пеш аз ин ҳаракат на замон, балки фақат Худо вуҷуд дорад ва ин ҳаракати осмонӣ мебошад.

б) Навъҳои ҳаракат: ҳаракати осмонӣ (даврӣ) ва табиӣ. Яке аз баҳсҳои машҳур дар мавриди ҳаракат аз ҷониби Арасту ва ҳамчунин Ибни Сино ин фарқ кунонидани ҳаракати даврӣ аз ҳаракат дар табиат ва шеваи зуҳури имкон-ул-вуҷуд мебошад. Дар бахшҳои гузашта мо назари Ибни Синоро дар мавриди он ки ҳар як таъсир ё хусусияти аразӣ дорад, ё аз табиат ва ё аз хост сарчашма мегирад матраҳ намудем. Ҳаракате, ки аз Худо сарчашма мегирад, на аз табиати он ба вуқуъ мепайвандад ва ҳамчунин онро наметавон ҳаракати аразӣ номид. Зеро агар чунин мебуд он гоҳ дар ҳолати воҷиб-ул-вуҷуд дигаргунӣ ба вуҷуд меомад, ки ин хилофи фарзҳо дар мавриди Худо мебошад. Ирода сарчашмаи ҳаракати даврӣ мебошад, аммо ин як иродаи умумӣ набуда, балки як ҳаракати ҷузъӣ ва фардӣ мебошад. Дар як қадами минбаъда мо кӯшиш менамоем, ки нахуст назари Ибни Сино дар мавриди фарқияти ҳаракати даврӣ аз ҳаракати табии ва сипас сарчашмаи ҳаракати давриро матраҳ гардонем.

Ба ақидаи Ибни Сино як фарқияти бунёдӣ дар байни ҳаракат дар табиат ва ҳаракати даврӣ, ё фалакӣ вуҷуд дорад. Ҳаракат дар табиат ин як чизи табии

мебошад ва як чизи табии ниёз ба ҳаракат дорад. Асоси ин ниёз ё талабот он аст, ки як чизи табии дорои як ҳолати ғайритабии мегардад ва вазифаи ҳаракат он аст, ки чизи табииро аз ҳолати ғайритабии ба ҳолати табии баргардонад. Ибни Сино ин ақидаи худро дар асоси се мисол ба намоиш мегузорад: 1. Дар сифат, яъне вақте ки об ҷӯшонида мешавад, 2. Дар миқдор, яъне вақте ки як ҷисм саломатии худро аз даст медиҳад ва 3. Дар категорияи макон, яъне агар ягон каф хок ба ҳаво партофта шавад [6, с. 292]. Дар ин мисолҳо тафсон будан барои об, беморӣ барои ҷисм ва хок дар ҳаво дар ҳолати табиии онҳо намебошанд ва бо ҳаракат об, ҷисм ва хок ҳаракат менамоянд, ки ҳолати табиии худро дигарбора ба даст ованд. Бо ба даст овардани ҳолати табиӣ оромӣ низ ба онҳо бармегардад, аммо агар онҳо ҳолати табиии худро ба даст наоварда бошанд, он гоҳ ин ҳаракат такрор меёбад. Аммо ҳаракати даврӣ дорои ҳеҷгуна ҳолати табии намебошад. Баръакси ҳаракати табии, ки аз ҳолати ғайритабии ба ҳолати табии бармегардад, ҳаракати даврӣ як нуқтаро тарк менамояд, то ки бори дигар ба ҳамин нуқта баргардад. Асоси фарқкунандаи ҳардуи ин ҳаракатҳоро сарчашмаи онҳо ташкил медиҳад: ҳаракати табии баръакси ҳаракати даврӣ аз иродаи ӯ сарчашма намегирад.

Ибни Ибни Сино чунин ақида дорад, ки сарчашмаи ҳаракати даврӣ на табиати чиз ва ё аразӣ аст, балки ирода ва ё хост мебошад. Дар як вақт ин ирода куллӣ набуда, балки ҷузъӣ мебошад ва ин баҳс аз ақл ва нафс ҳамчун бунёдҳои ҳаракати даврӣ вобаста мебошад. Дар ин муносибат Ибни Сино чунин назар дорад, ки аз як тараф тавассути хусусиятҳои ҳаракат ва аз дигар тараф дар асоси хусусиятҳои ақл ва нафс метавон натиҷагирӣ намуд, ки иродаи куллӣ сарчашмаи ҳаракат шуда наметавонад.

Барои ин ки назари Ибни Сино дар ин мавридро муфассал матраҳ намоем, мо кӯшиш менамоем, ки нахуст ақидаи ӯ дар мавриди ҳаракат ва сипас хусусиятҳои асосии ақл ва нафс, ҳамчунин бунёдҳои ҳаракати даврӣ ва дар ҳамин алоқамандӣ нишонаҳои фарқкунандаи иродаи куллӣ аз иродаи ҷузъӣ, ки худро ҳамеша нав месозад, матраҳ намоем. Ба фикри ӯ ҳаракат қисмати доимӣ ва тағйирнаёбандаи чиз нест, балки дар раванди ҳаракати худ ҳамеша худро нав

мекунад ва қисматҳои ҳаракат байни худ дорои муносибати махсус мебошанд: „Дар фаслҳои пешин ба ҷумлаҳое ишора доштем, ки рушангари фаҳми ин матлаб буданд ва он ҷо тавзеҳ додаем, ки ҳаракат амрест, ки дорои нисбатҳои мутаҷаддиде аст ва ҳар ҷузъе аз ҳаракат ба нисбате ихтисос дорад. Зеро ҳаракат дорои субот нест ва ба ҳеҷ ваҷҳа наметавонад ношӣ аз танҳо як амри собите бошад“ [6, с. 292].

Аммо агар ҳаракат дар табиат ба вуқуъ ояд, он гоҳ метавон як алоқамандӣ дар байни ҳаракати худро ҳамеша навкунанда дар ҷисм ва навгардии ҷисм дар муносибат бо ҳадафи ниҳоии ҷисмро мушоҳида намоем. Ҳаракати худро ҳамеша навкунанда ҳамеша навгардии наздик ва дури ҷисмро дар роҳи кӯшиш ба ҳадафи ниҳоӣ ҳамроҳӣ менамояд. Бидуни худро ҳамеша азнавкунӣ бадастоварии як ҳадафи ниҳоӣ барои як чиз номумкин мебошад ва ҳар як чизи худро азнавкунанда ҳамчунин ҳамеша ба самти пеш азнавкунии ҳаракат мебошад. Агар сарчашмаи ҳаракат, ки худро ҳамеша нав месозад ва доимӣ нест, ирода бошад, он гоҳ набояд он як иродаи куллӣ, балки иродаи ҷузъӣ ва пайваста навшаванда бошад. Ин навъи ирода боз аз ду масъалаи бунёдии метафизика вобаста мебошад, ки онҳо ақл ва нафс мебошанд. Иродаи куллӣ аз ақл сар мезанад, ки сирф неруи руҳонӣ буда, тағйирнаёбанда, ҳаракатнакунанда, ҷудо аз модда, чизҳо ва дар ҳолати би-л-қуввагӣ мебошад. Он худро ҳамеша нав намесозад ва барои чизҳои ҷузъӣ номаълум мебошад. Дар ин алоқамандӣ ҳеҷгуна умумият дар байни хусусиятҳои ҳаракат ва ақлро мушоҳида карда наметавонем, баръакс он аз иродаҳои гуногун ва ҳамин тавр иродаҳои куллӣ иборат мебошад, ки аз ақл сар бармезанад. Як неруи якнавохт ва худро навнакунанда наметавонад сарчашмаи ҳаракат бошад.

Дар асоси як мисол Ибни Сино исбот менамояд, ки иродаи куллӣ сарчашмаи ҳаракат шуда наметавонад. Агар иродаи куллӣ сарчашмаи ҳаракат бошад, он гоҳ ин ҳаракат бояд чун сарчашмаи худ ба анҷом нарасад ва ҷовидона боқӣ бимонад. Аммо агар ин ирода сарчашма барои ҳаракати фардӣ ва ҷузъӣ бошад, ки ҳанӯз то ҳол вуҷуд надошт, он гоҳ он нестӣ ҳамчун сарчашмаи ҳастӣ мебошад, ки хилофи фарз мебошад. Иродаи куллӣ бо ҳамаи қисматҳои ҷузъии

ҳаракат муносибати баробар ва якхела дорад ва ҳамаи ин қисматҳои ҳаракат барои иродаи куллӣ бетафовут боқӣ мемонанд.

Бар хилофи иродаҳои ақлонӣ ва куллӣ метавон иродаҳои нафсонӣ ва ҷузъиро ҳамчун сарчашмаи ҳаракат қабул намуд. Баръакси ақл нафс аз як тасаввур то ба тасаввури дигар худро тағйир медиҳад ва худро ҳамеша таҷдид менамояд, ҳамчунин он бо чизҳои моддӣ ва ҳиссӣ ва чизҳо дар ҳолати би-л-қуввагӣ омехта мебошад ва дар бораи ҳар як чизи ҷузъӣ тасаввури махсуси худро дорад. Ибни Сино нафсро “камолоти аҷсоми осмонӣ ва шаклҳои онҳо” меномад: „Пас фалак ба воситаи нафс ҳаракат мекунад ва нафс мабдаъи қариби ҳаракати фалак аст ва ин нафс дорои тасаввур ва иродаи паёпай аст ва камоли ҷисми фалак ва сурати он аст“ [6, с. 296].

Бунёди нафсонӣ, ки худро ҳамеша таҷдид менамояд ва як тасаввурот дар мавриди чизҳои ҷузъӣ, ки аз онҳо иродаи ҷузъӣ сар мезанад, дорад, дар худ хусусиятҳои ҳаракатро, ки доимӣ набуда, балки таҷдидшаванда мебошад, ифода менамояд. Бо чунин далел Ибни Сино он ақидаро пуштибонӣ менамояд, ки на ақл, балки нафс иллати наздики ҷирмҳои осмонӣ мебошад. Хусусияти фарққунандаи байни ақл ва нафс он аст, ки ақл тағйирнаёбанда ва беҳаракат, ҷудо аз модда ва қувваи сирф маънавӣ мебошад, аммо нафс дар заминаи ҳар як тасаввур ҳамеша худро таҷдид месозад ва бо модда дар омезиш мебошад. Бунёди нафсонӣ дар ҷисмҳои осмонӣ нест, балки баръакс ҷисмҳои осмонӣ дар нафс қарор дорад ва Ибни Сино ин муносибати миёни ҷисмҳои осмонӣ ва нафсро бо муносибати ҷисми мо бо нафси ҳайвониямон шабоҳат медиҳад [6, с. 296].

Ҳамин тавр ба ақидаи Ибни Сино нафс сабаби дигари ҷисмҳои осмонӣ мебошад, аммо ин маънии онро надорад, ки ақл сабаби ҷисмҳои осмонӣ намебошад. Ақл дорои неруи ноби маънавӣ, ғайримоддӣ ва беохир мебошад ва нафс барои ҳаракати худ ниёз ба неруи ақлонӣ дорад. Бунёди ақлонӣ худ беҳаракат мебошад, зеро агар он ҳаракаткунанда мебуд, пас он метавонист ҷисмонӣ бошад, аз ин рӯ он нафсро ба ҳаракат меоварад ва ё он ҳаракатдиҳандаи ҳаракатдиҳанда мебошад ва тавассути нафс, ки худ аз ҷониби ақл ба ҳаракат меояд, ҷисмҳои осмонӣ ба ҳаракат меоянд. Пас натиҷа он аст, ки ақл на сабаби

наздик, балки сабаби дури ҳаракати даврӣ мебошад.

Иродаи ҷузъӣ ва худро ҳамеша навкунанда, ки аз бунёди нафсонӣ сар мезанад, сабаби ҳаракати даврӣ мебошад, аммо ин ягона сабаби ҳаракат дар осмон намебошад, балки иштиёқ як сабаби дигари ҳаракати даврӣ мебошад ва мо ин масъаларо танҳо дар алоқамандӣ бо муносибати байни бунёди аввалӣ ва ҷисмҳои осмонӣ баррасӣ намоем.

в) Иштиёқи ҷисмҳои барин барои шабоҳат пайдо намудан бо бунёди нахустин. Иродаи ҷузъӣ, ки аз нафси ҷисмҳои осмонӣ пайдо мегардад, омили ягонаи таҳрики ҳаракати фалакӣ намебошад, омили дувуми ҳаракат иштиёқ мебошад, ки аз ақли ҷисмҳои осмонӣ ҳодис мегардад. Баръакси бунёди нафсонӣ, ки бо модда дар омезиш мебошад, бунёди ақлонӣ дорои моҳияти аз модда ҷудо мебошад. Бунёди нафсонӣ ва иштиёқ ду омили ҳаракати ҷисмҳои осмонӣ мебошанд.

Ҳанӯз дар бахшҳои болоӣ мо назари Ибни Синоро дар мавриди он ки ҳар як ҳаракат ва аз ҷумла ҳаракати беҳуда низ дорои ҳадафе мебошад, матраҳ намуда будем. Ҳар як ҳаракатдиҳанда чизеро ба ҳаракат меоварад ва дар ин “чизе” он камолоти моҳияти худро дарёб менамояд. Ин ғоят барои ҳаракатдиҳанда маъшуқ мебошад ва дар ин муносибат барои ҳаракатдиҳанда хайри ҳақиқӣ мебошад [6, с. 296]. Маъшуқ ва хайри ҳақиқӣ дорои ҷавҳари ягона ҳастанд ва дар муносибат бо нафси осмонӣ ин маъшуқ ва хайри маҳз бо бунёди нахустин айният доранд. Ибни Сино ақида дорад, ки бунёди нахустин ва ё хайри маҳз чизе биззот мебошад ва нисбат ба ақли ҷисмҳои осмонӣ дар мақоми болотар қарор дорад. Агар ақл ин хайри маҳзро фаро гирад дар ӯ иштиёқе барои шабоҳат пайдо намудан бо ин хайри маҳз ба вуҷуд меояд. Ибни Сино ин масъаларо дар қиёс бо амали инсонӣ бо чунин шева тасвир менамояд: агар мо ба чизе рағбат пайдо намоем дар қадами аввал тахайюл ва тасаввур дар бораи он ба вуҷуд меояд ва дар ин асос дар узвҳои мо ба хотири қонеъ гардонидани иштиёқи мо ҳаракат ба вуҷуд меояд. Иштиёқ ба шабоҳат пайдо намудан бо хайри маҳз ва ё бунёди нахустин як баҳси тулонии метафизикӣ мебошад, ки дар идома мо назари Ибни Сино дар ин мавридро матраҳ мегардонем: як олами сезинагӣ вуҷуд дорад:

бунёди нахустин, маъшуқ ва ё хайри маҳз, дувум ҷисмҳои осмонӣ бо ҳаракатҳои гуногун ба самтҳои гуногун ва савум олами зери моҳ ва ё чизҳои зуҳуркунанда ва барҳамхуранда. Саволи асосӣ барои файласуфони юнонӣ, бахусус Навафлотуниҳо ва баъдтар барои файласуфони мусулмон ин буд, ки оё ҳадафи асосии ҳаракати олами осмонӣ бунёди нахустин мебошад ва ё ҷаҳони зери моҳ, яъне ҷаҳони табии? Ибни Сино се андешаи асосиро матраҳ месозад, ки онҳо барои фалсафаи юнонӣ маълум буданд, вобаста ба андешаи нахустин ҳадафи ҳаракати олами осмонӣ олами зери моҳ мебошад. Ин “пешбинии Худо барои пайдоиш ва нобудшавии чизҳое, ки дар олами зери қамар ҳастанд, мебошад”. Мувофиқи андешаи дувум, ҳаракати ҳаракати гирд фақат ба хотири моҳият ва зоти худ ва на ба хотири чизи дигар мебошад. Аммо мувофиқи андешаи савум, ҳадафи ҳаракати гирд на олами зери қамар, балки ҳадафи он бунёди нахустин ва ё хайри маҳз мебошад [6, с. 302].

Аз байни ин андешаҳо худи Ибни Сино бевосита он андешаеро қабул дорад, ки ҳаракати даврӣ ҳатман дорои ҳадаф мебошад ва ин ҳадаф маҳз бунёди нахустин мебошад. Ӯ кӯшиш намудааст, ки ин ақидаро аз ҳар ҷиҳат асоснок ва дар ҳар маврид исбот намояд. Тамоюлҳои ба ин алоқаманд дар андешаи Ибни Сино инҳо мебошанд: бунёди нахустин ва ё хайри маҳз дорои ҳастӣ ва ҷавҳари комил мебошад, аммо олами осмонӣ бошад дар баъзе ҷиҳатҳо дар ҳақиқат комил аст ва дар баъзе ҷиҳатҳои дигар фақат би-л-қувва мебошад ва ҳанӯз ба камолот нарасидааст, аммо олами зери моҳ бошад, ки худ натиҷа мебошад, дорои ҳастии нокомил ва ноқис мебошад. Агар як ҳадаф вуҷуд дошта бошад ва як кӯшиши боҳадафона ба сӯйи ин ҳадаф, пас худи ҳадаф дорои ҳастии комил мебошад нисбат ба талошкунанда. Зеро агар чизи талошкунанда дар худ дорои камолот мебуд, он гоҳ он ниёз ба талош надошт. Ҳадаф ин сабаб мебошад ва талошкунанда натиҷа мебошад, зеро он ҳастии худро аз ноҳияи натиҷаҳо доро мебошад. Дар бахши пешина мо он ақидаи Ибни Синоро матраҳ намудем, ки сабаб ҳамеша дорои ҳастии комил нисбат ба натиҷа мебошад ва дар ин асос натиҷа ба чизе камолоте дода наметавонад, ки нисбат ба худи он дорои вуҷуди комилтар бошад. Як далели дигари Ибни Сино дар мавриди муносибати сабаб-

натиҷа он аст, ки сабаб на ба хотири натиҷа амал мекунад ва аз натиҷа на камолоти моҳиятӣ, балки камолоти аразиро касб менамояд.

Чун олами осмонӣ нисбат ба ҷаҳони табии дорои ҳастии комилтар аст, ҳадафи он ҳеҷ вақт олами зери моҳ, ки дорои ҳастии нокомилтар аст, намебошад, балки бунёди нахуст мебошад. Дар ин маврид низ баҳсҳои зиёде вуҷуд доранд. Зиддиятҳои зиёде дар мавриди "шабоҳат пайдо кардани олами осмонӣ бо бунёди нахустин" вуҷуд доранд, ки Ибни Сино баъзе аз ин ақидаҳоро зикр намудааст. Масалан, баъзеҳо ақида доранд, ки на хайри маҳз дар танҳоӣ, балки олами осмонӣ низ дорои хайр мебошад ва маҳз ҳамин хайри дар олами осмонӣ вуҷуддошта, ниёз ба хайри маҳз дорад. Ибни Сино чунин ақидаро бо ин далел инкор менамояд, ки агар олами осмонӣ низ дорои хайр ва камолот дар худ мебуд, ҳаргиз иштиёқ ба хайри маҳз нишон намедод. Олами осмонӣ ба суи чизе кӯшиш менамояд, ки дар вуҷуди ӯ нуқсе вуҷуд надорад ва ҳастии ин чизе барои ӯ беҳтар аст нисбат ба нестии он: "Хайр ифодакунандаи хайр аст, валекин на ба ин наҳв, ки дорои қасд ва талаб бошад. Зеро ин муҷиби нуқс аст. Зеро талаб ва қасди ҳар чизе талаби маъдуме аст, ки вуҷудаш барои фоъил беҳтар аз адами он аст ва модоме ки маъдум ва ғайри мақсуд аст, ончи барои фоъил беҳтар аст ҳосил нашудааст ва ин нуқс аст" [6, с. 304].

Ибни Ибни Сино дар байни камолоти хайр дар худии худ, ки ниёзе ба хайри дигар надорад ва хайре, ки иштиёқ ба хайри дигар дорад, фарқ мегузорад. Дар муносибат ба хайр дар олами осмонӣ ва хайри маҳз ӯ ақида дорад, ки хайри маҳз ва ё бунёди нахустин сабаби камолот барои хайри олами осмонӣ мебошад ва ин хайр нисбати ҳастӣ ва нестии хайри маҳз бетафовут намебошад [6, с. 305].

Яке аз нуқтаҳои муҳими баҳс ин моҳияти ҳаракат дар олами осмонӣ ва сабаби гуногунии олами осмонӣ дар самтҳои ҳаракат мебошад. Дар навъҳои худ дар байни ҳаракати гирд ва ҳаракати табии фарқият вуҷуд дорад. Бо ба даст овардани ҳадафи худ ҳаракати табии ором мегардад, аммо ҳадафи ҳаракат дар олами осмонӣ на чизе аст, ки бо ҳаракат онро ба даст овардан имконпазир бошад, дар акси ҳол бо ба даст овардани ҳадаф он низ ба оромӣ мерасид; дар ин ҷо ҳадаф бо ҳаракат дастрас намебошад, зеро ҳадаф ҷисмонӣ нест, балки ақлонӣ мебошад.

Ҳар як ҷисми осмонӣ дорои ақли худ мебошад, ки дорои ҷавҳари аз худи он ҷудо мебошад ва ин ақл объекти иштиёқ ва ин ақлҳо, ки аз ҷисмҳои осмонӣ ҷудо ҳастанд, объекти иштиёқ барои ҷисмҳо ҳастанд ва ҳар як ҷисм иштиёқ дорад, ки бо ақли худ шабоҳат пайдо намояд. Ин гуногунӣ дар ақлҳо сабаби гуногунӣ дар самти ҳаракатҳо мегардад.

г) Судур: аз ақли аввал ба касрати ақлҳо.

- *Андешидан дар худ ҳамчун аввалин чизи ҳодисшаванда*. Дар боло мо хусусиятҳои асосии воҷиб-ул-вуҷудро матраҳ намудаем ва аз ҷумлаи он воҷиб-ул-вуҷуд биззот, ақли маҳз ва хайри маҳз мебошад. Воҷиб-ул-вуҷуд худ сабаб буда, вуҷуди он ба хотири сабабҳои дигар вуҷуд надорад. Хусусияти асосии он ягона будан ва чун ҷаҳон ҳамчун ҳадафи он ҳодис мегардад, чунин маънӣ дорад, ки чизе пеш аз ин ҳадаф ва интизорӣ аз ин ҳадаф вуҷуд дорад, ки худ аллакай бисёрӣ ва ё касрат дар воҷиб-ул-вуҷуд мебошад, ки ин хилофи фарз мебошад. Аз ин ҷиҳат аввалин амале, ки аз воҷиб-ул-вуҷуд сар мезанад ин андешидан дар худ ҳамчун ақли маҳз ва вуҷуди олӣ ва комил мебошад. Дар асоси ҳамин огоҳӣ аз худ ӯ бовар мекунад, ки аз вуҷуди ӯ фақат низоми хайрҳо судур меёбад: “Зеро ӯ зоти худро ҷуз ақли маҳз ва мабдаъи аввал тааққул намекунад ва вуҷуди кулро аз ноҳияи худ фақат ба ин унвон тааққул мекунад, ки ӯ мабдаъи кулли олам аст ва дар зоти ӯ монеъ ва кароҳате аз судури кули олам аз ноҳияи ӯ нест ва зоти ӯ огоҳ аст, ки камоли ӯ ба наҳве аст, ки хайр аз ӯ фаязон меёбад” [6, с. 310].

Ба ақидаи Ибни Сино сабаби пайдо гардидани ҳар як чиз ин андешидани бунёди нахустин дар бораи ин чизҳо мебошад. Аз ҳамин ҷиҳат, ҳамаи он чизе, ки аз вуҷуди бунёди нахустин фаязон меёбад, сифот ва ё хусусиятҳои он (на дар маънии он ки вуҷуди воҷиб-ул-вуҷуд ба хотири натиҷаҳои худ сабаб аст) мебошад. Аз ин ҷиҳат аввалин натиҷаҳои аз бунёди нахустин ҳодисгардида на касрати ададӣ ва ё касрат дар модда ва сурат, балки фақат ақли маҳз мебошанд, зеро ин ақли ҷудо аз модда объекти иштиёқ ва бунёди ҳаракаткунанда барои фазои атроф мебошад [6, с. 310].

Дар ин ҷо нахустин маротиба касрат ва раванди офаринишро дар ин самт мушоҳида карда мешавад. Ақли нахуст дар худ имкон-ул-вуҷуд мебошад ва

вуҷуби вуҷуди худро аз ноҳияи бунёди нахустин бо се шеваи андеша ба даст меоварад: аввал, андешидани ақли нахустин дар бунёди нахустин ва аз ин андеша ақли дувум ба вуҷуд меояд; дувум,андешидани бунёди нахустин дар моҳияти худ ҳамчун ақли маҳз ва аз ин андеша вуҷуди шаклҳои самовӣ ва камолот ба вуҷуд меояд, ки он нафси фазои атроф мебошад; савум, андешидан ба табиати худ ҳамчун имкон-ул-вуҷуд ва аз ин андеша ҷисми фазои атроф зуҳур мекунад [6, с. 313].

Аз ақли нахуст як силсила офаридаҳои якдигарро дунболакунанда оғоз меёбанд ва дар зери ҳар як ақл се чиз вуҷуд дорад: бунёди ақлонии фалаки дигар, пас ҳамчун бунёди нафсонии фалаки дигар ва дар ниҳоят ҷисми фалакҳо. Ин силсила дорои чунин хусусиятҳо мебошад: бунёди ақлонӣ қабул намекунад, балки ба бунёди нафсонӣ мебахшад ва бунёди нафсонӣ аз бунёди ақлонӣ қабул намуда ба фалаки ҷисмонӣ мебахшад ва қабатҳои осмонӣ бошанд аз бунёди нафсонӣ мепазиранд, аммо ба чизи дигаре намебахшанд [2, с. 273].

Ададҳои ақл, навъ ва шеваи ҳаракати онҳо. Ба ақидаи Ибни Сино адади чунин ақлҳо даҳто мебошанд ва ин чунин маънӣ дорад, ки адади ақлҳо баробар аст ба адади фалакҳо ва ҳаракатҳо, на бо адади ситораҳо. Ибни Сино дар ин маврид ақидаи онро ки на ҳар фалак, балки ҳар як ситора дорои ақли худ аст, инкор мекунад. Арасту бовар мекунад, ки адади ақлҳо на даҳто, балки панҷоҳто мебошад Ибни Сино дар ин маврид ақидаи онро ки на ҳар фалак, балки ҳар як ситора дорои ақли худ аст, инкор мекунад. Арасту бовар мекунад, ки адади ақлҳо на даҳто, балки панҷоҳто мебошад [6, с. 300]. Раванди офариниш ба чунин шева тасвир карда мешавад: ақли нахуст, ки ҳаракатнакунанда ва сокит мебошад, фалаки олиро ба ҳаракат меоварад, ақли дувум, ки низ ба мисли ақли аввал мебошад, фалаки вуҷудиро ба ҳаракат меоварад, ақли савум фалаки сатурнро ба ҳаракат меоварад ва ин силсила идома меёбад то ба ақл барои замин, ки аз нафси инсон фаязон меёбад, идома меёбад ва ин ақл ҳамчун ақли фаъол маълум мебошад [6, с. 308].

Саволҳои асосӣ дар ин силсилаи офариниш муносибатҳо дар байни се қисмат ва навъу шеваҳои ҳаракат дар фалаки самовӣ: оё ҳамаи фалакҳо дорои

сабаби ҳамсон ҳастанд ва ё не ва оё як ҷисми фалакӣ ва ҳамчунин як нафс сабаб барои фалаки баъдӣ мешаванд ва ё на? Ибни Сино чунин ақида дорад, ки ҳамаи фалакҳо дорои сабаби ҳамсон нестанд ва бахусус ақли аввал наметавонад сабаб барои ҳамаи фалаки осмонӣ гардад. Ҳамаи се унсур: ақл, ҷисм ва нафс, ки ҳар як фалак аз онҳо таркиб ёфтааст, ҳеҷгуна таъсир ба фалаки баъдина надоранд ва таъсири онҳо дар чаҳорчубаи ҳамин фалаки муайян маҳдуд мебошад. Аз ақли нахуст на чизҳое, ки дар навъи худ умумӣ ҳастанд, балки дорои касрати гуногун ҳастанд, ҳодис мегарданд. Ҳамчунин ҷисмҳои осмонӣ наметавонанд барои ҳамдигар сабаб бошанд, масалан ҷисми пешина барои ҷисми баъдина. Ҳар як ҷисм дорои нафси худ аст ва ҳар як ҷисм, ки ба нафси худ тааллуқ дорад, барои ҷисми дигар, ки дорои нафси дигар мебошад, сабаб шуда наметавонад. Ҷисмҳо қисматҳои тақсимшуда дар байни нафсҳо нестанд. Ибни Сино ақида дорад, ки як нафси умумие, ки ба тамоми осмон тааллуқ дошта бошад, вуҷуд надорад, балки ҳар як фалак дорои нафси худ мебошад ва таъсири онҳо ба ҳамин фалаки ба онҳо тааллуқдошта маҳдуд мегардад. Ҳадафи Ибни Сино исбот намудани он аст, ки ҳар як фалак дорои объекти иштиёқи худ мебошад ва ин объект ақле мебошад, ки аз модда ҷудо аст ва ҳамчунин он сурат ва ё нафс нест. Ин ақлҳо, ки ба ҳар як фалак тааллуқ доранд ва беҳаракат ҳастанд, сабаби ҳар як фалак мебошанд ва ин фалакҳоро ба ҳаракат меоваранд. Аммо муносибати ин фалакҳо дар муносибат ба бунёди нахустин якхел мебошад ва ҳама дар атрофи бунёди нахустин ҳаракат менамоянд. Ибни Сино ин маъниро чунин ифода менамояд: „Ҳамаи афлок дорои як муҳаррик ва маъшуқ ҳастанд ва ҳар фалаке дорои муҳаррики хос ба худ ва маъшуқи хос ба худ аст“ [6, с. 308].

Касрат дар ақлҳо ва анҷоми фаязон. Вобаста ба ин андешаҳо силсилаи ақлҳо ва фалакҳо то ба фалаки моҳ давом менамояд. Ҳанӯз дар ин силсила наметавон бисёрии ақлҳоро, ки дорои навъи ягона ҳастанд, мушоҳида намоем. Ин фалакҳо дорои ақле чун бунёди аз модда ҷудо ва моҳияти ин ақлҳо бо унсурҳои дусӯяи худ, мебошанд. Дар ҷаҳони зери моҳ нахустин шуда дигаргунӣ дар механизми муносибатҳои ақл ҳамчун бунёди таъсиркунанда ва чаҳор унсур ҳамчун бунёдҳои пазиранда ба вуҷуд меояд. Унсурҳо интизори таъсир аз ноҳияи

ақлҳо мебошанд ва онҳо сабаби ҳодис гардидани касрат дар ақл мегарданд. Нахустин шуда дар асоси касрати сабабҳо дар ақл низ касрат ба вуҷуд меояд, ки як навъи махсуси воҳид доранд. Бо ба вуҷуд омадани касрат дар ақл раванди офариниш низ ба ниҳоят мерасад: “Аз ин рӯй ҳамвора ақле пас аз ақле лозим меояд то ин ки кураи моҳ ҳодис мешавад, баъд унсурҳо ҳодис мешаванд ва омодаи ин мегарданд, ки аз ноҳияи ақли ахир пазирои таъсири чизе бошанд, ки воҳид дар навъ ва касир дар адад аст. Зеро агар сабаби касрат дар фоъил набошад, билзарура бояд дар қобил бошад. Бинобар ин, бояд аз ҳар ақле ақле поинтар аз он ҳодис шавад, ва он ҷо мутавақиф гардад, ки ҷавҳарҳои ақлӣ ба хотири касрати сабабҳояшон битавонанд касрати ададӣ биёбанд, ки дар ин ҷо ҳудус поён меёбад” [6, с. 310].

Ба вуҷуд омадани чиз аз бунёди нахустин ин анҷоми қисмати аввали назарияи судури Ибни Синоро ташкил медиҳад.

Дар ин бахш мо ҷанбаҳои муҳими назарияи судури Ибни Синоро мавриди таҳлил қарор додем. Муҳимтарин нукта дар ин маврид он аст, ки Ибни Сино муносибати байни Худо ва ҷаҳонро ҳамчун муносибати сабаб ва натиҷа асоснок менамояд. Дар ноҳияи воҷиб-ул-вуҷуд нахустин ҳаракат ба вуҷуд меояд ва ин ҳаракат сабаб мегардад, ки дар ноҳияи сабабҳо низ ҳаракат ва дигаргунӣ ба вуҷуд биояд ва дар ниҳоят ҷаҳон ба вуҷуд меояд. Назари муҳими дигари Ибни Сино дар ин муносибат ин навъҳои ирода мебошад. Ин иродаҳо аз ноҳияи ақл сар намезананд ва онҳо умумӣ ва куллӣ нестанд, балки аз ноҳияи нафс сар мезананд ва ҷузъӣ мебошанд. Аввалин чизи ҳодисгардида ҳанӯз дорои касрат нест, балки фақат ақли нахуст мебошад, ки аз андешаи Худо дар мавриди худ ба вуҷуд меояд ва касрат пас аз ақли нахуст ба вуҷуд меояд ва мисли ин.

Ҳамчунин бояд инро зикр намуд, ки назарияи судур ва ё фаязон, ки асоси илмӣ ва амалӣ надошта, танҳо бо нерӯи тафаккури назарӣ сохта шудааст, имрӯз танҳо ҳамчун мероси фалсафӣ ва илмӣ шинохта мешавад. Пас аз оне, ки файласуфи олмонӣ Эммануел Кант назарияи небулярии худ дар мавриди аз туманҳои чангӣ ва қуввaҳои ҷозиба ва теладиҳанда ба вуҷуд омадани сайёраҳои системаи осмониро исбот намуд, дигар ҳеҷ кас ба назарияи судур бовар

наменамояд. Ҳамин тавр аз ҷиҳати илмӣ ин назария арзиши худро гум кардааст, аммо он чизе ки аз назарияи судур аз ҷиҳати ахлоқӣ метавон бардошти мусбӣ гирифт он аст, ки ин ҷаҳон аз як мабдаи хайр сарчашма мегирад ва моҳияти онро маҳз ҳамин ҳаракат ба сӯи як сарчашмаи ақлонӣ ва хайр ташкил медиҳад.

5.2. Гузариш аз ҳикмати назарӣ ба амалӣ: сиёсат ва ахлоқ

Баъзе муҳаққиқон бар он бовараанд, ки фалсафаи амалии Ибни Сино чандон қавӣ нест ва дар ин маврид навиштаҳои андак вуҷуд доранд. Диноршоев чунин андешаҳоро, ки аз ҷумла ба Герман Лей ва ё Алиасғари Ҳалабӣ тааллуқ доранд, инкор намуда,қавӣ будани фалсафаи амалии Ибни Синоро таъкид менамоянд: “Шояд ин қазовати муҳаққиқон дуруст набошад. Зеро Ибни Сино дар ибтидои фаъолияти илмии худ китобҳое ба номи “Ал-Маҷмуъ”, “Ал- Ҳосил ва –л-маҳсул” ва “Ал – бирр ва –л-исм” таълиф карда буд, ки дар онҳо ба гуфти худи ӯ дар рисолаи “Саргузашт” масоили фалсафаи амалӣ ба таври мабсуд баррасӣ шуда буданд. Эҳтимол аст, ки ба ин сабаб ӯ дар осори баъдии худ ба баёни муфассали масоили фалсафаи амалӣ напардохтааст. Аммо чун ин масоили фалсафаи вай дар заминаи “Шифо”, “Наҷот” ва “Донишнома” ва ҳамчунин дар рисолаҳои “Андар саъодат”, “Таҳсил –ус-саъодат”, “Андар сиёсати илоҳия”, “Тадбир –ул-ҷунд ва ал-мамолик ва – л- аскар ва арзоқуҳум ва хироҷ ал - мамолик”, “Тадбири манзил”, “Тадбири фӣ исботи н-нубувват”, “Рисола фӣ –с-сиёсат”, “Рисолаи ахлоқ” иктифо мекунем”[71, с. 227].

Ҳанӯз дар оғози матраҳ сохтани масъалаи метафизика ва таснифоти Ибни Сино дар ин маврид мо қайд намуда будем, ки илмҳои назарӣ ва амалӣ дар як нуқта умумият пайдо менамоянд, ки он камоли қувои назарӣ ва амалии нафси инсон ва зуҳури ақли амалии ӯ мебошад. Бояд зикр намуд, ки маҳз осори Форобӣ боиси инкишофи илмҳои амалӣ мегардад ва Ибни Сино аз аввалин касоне буд, ки на танҳо аз ҷиҳати назарӣ, балки амалӣ низ аз Форобӣ пайравӣ намудааст: “Мосоили асосие,ки Абунасри Форобӣ дар асари худ матраҳ кардааст, заминаи асосии илми ҷомеашиносӣ ва сиёсатшиносӣ дар фарҳанги мо шудааст ва аввалин касе, ки баъди Абунасри Форобӣ ин таълимотро пайгирӣ карда, ҳамчун вазир дар амалия таҷриба кард ва рисолаҳо навишт, Ибни Сино буд”[90, с. 201]. Дар

қисмате, ки ба назарияи судур бахшида шуда буд, мо раванди офариниш ва ё мабдаъе, ки аз он олами ақлонӣ, олами нафсонӣ ва ниҳоят ҷирмҳо ва олами моддӣ фаязон меёбад, матраҳ сохта будем. Дар қисмати охири фалсафаи метафизикии Ибни Сино масъалаи маъод ва илмҳои назарӣ матраҳ мегардад, ки ҳадафи он ин камоли назарӣ ва амалии нафс, саодати инҷаҳонӣ ва онҷаҳонӣ ва баргашти нафси инсонӣ боз ба сарчашмае, ки ақли маҳз ва хайри маҳз аст, мебошад. Дар бахши мазкур мо асосан масъалаҳои марбут ба илми амалиро матраҳ менамоем, бояд қайд намуд, ки бахши мазкур нисбати бахшҳои пешина сахт зери таъсири биниши динӣ қарор гирифтааст. Агар дар масъалаҳои назарии фалсафаи метафизикии худ, аз ҷумла дар мавриди ҷавҳар ва араз ва ё куллӣ ва ҷузъӣ, Ибни Сино бештар ба илмҳои дақиқ аз қабили ҳандаса ва ё табииёт, ҳамчунин бештар ба фарз ва ба эътиборгирӣ такя менамуд, дар бахши мазкур бештар ба аркони динӣ такя менамояд, ки як фарқияти усулии равиши андешаи Ибни Синоро нишон медиҳад. Ғояи ниҳоии ин бахш бевосита аз таълимоти Афлотун сарчашма мегирад, аммо мотивҳои он дар дигар динҳо, бахусус масеҳият ва ислом ба хубӣ таҷассум ёфтааст. Агар бахши мазкур вуҷуд намедошт эҳтимолияти таъсири ҷаҳонбинии исломӣ ба фалсафаи метафизикии Ибни Сино ниҳоят беранг ва камтаъсир менамуд.

Танҳо дар ин бахш Ибни Сино маҷбур шудааст ва ё зарур донистааст, ки боварҳо ва арзишҳои диниро ҳамчун як таълимоти зарурӣ ва ҳадафманд, асоснок гардонад. Таълимоти пайғамбар ва шариат барои Ибни Сино ҳамчун кафолати низом ва адолати иҷтимоӣ ва инсонӣ дониста мешавад ва Ибни Сино дар ин мавриди фавқулодда сахтгирӣ намудааст. Дар рафтори инсон дар итоат аз қонунҳои шариат ҳеҷгуна фарзияпардозӣ вуҷуд надорад ва ба ҷуз аз итоати бечунучаро дар баробари он, роҳи дигаре вуҷуд надорад. Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи ин бахш аз қисматҳои пешин дар он аст, ки дар ин ҷо Ибни Сино дигар масъалаҳоро дар асоси фарзу эътиборот баррасӣ наменамояд,балки бевосита бо воқеияти замон ҳақиқати масъалаҳоро ошкор месозад.

Пеш аз ҳама ба хотири ҳадафи файласуфро ба хубӣ дарк намудан, моро зарур аст, ки хело мухтасар ҳадафи ӯ аз маъодро бори дигар матраҳ созем.

Масъалаи маъод, лаззат ва хайре, ки нафси инсонӣ дар ҳолати расидан ба камол ба даст меовард. Агар мо фалсафаи метафизикии Ибни Синоро боҳавсала ва бо назари муқоиса омӯзем, ҳамеша чунин назар бар мо пирӯз мегардад, ки Ибни Сино дар ҳеҷ маврид ба масоили динӣ таваҷҷуҳ накардааст, зери таъсири он нарафтааст ва дар ҳамаи мавридҳо аз фалсафаҳои Афлотун, Арасту ва натурфалсафа пайравӣ намудааст. Аммо дар ҳангоми ошноӣ пайдо намудан бо масъалаи маъод ва масъалаҳои марбут ба ҳикмати амалӣ чунин тасаввурот шикаста мегардад. Дар ин ҷо, бахусус дар муносибат бо масъалаи маъод, як навъ синтези масъалаҳои динӣ бо таълимоти Афлотун, навафлотуния ва ҳамчунин масоили ирфонӣ ба назар мерасад. Шояд замон ва шароити навишта шудани бобҳои гуногуни "Шифо" аз ҳам фарқияти ҷиддӣ менамуданд.

Шояд танҳо дар ин маврид имкони дар назар гирифтани баъзе омӯзаҳои динӣ ба вуҷуд меояд ва ё бо ягон сабаби дигаре Ибни Сино дигар омӯзаҳои диниро сарфи назар накардааст. Мақсади ниҳоӣ аз маъод ин тасвири нафси инсонӣ пас аз оне, ки он аз бадани инсон ҷудо мешавад, мебошад. Ба кадом самт майл намудани нафси инсонӣ вобастагӣ дорад ба дараҷаи камолоти он ва дар ин маврид масъалаи лаззат низ ҳамеша ҳолати нафси инсониро ҳамроҳӣ менамояд. Дар оғози баҳси мазкур, Ибни Сино аз ду тарзи фаҳмиши маъод сухан мегӯяд, ки аввалӣ ин фаҳмиши динии маъод аст, ки дар асоси фармудаҳои шариат ва таълимоти пайғамбар дар мавриди маъоди ҷисми инсонӣ ҳангоми рӯзи қиёмат мебошад. Фаҳмиши дувум бошад, ин маъоде мебошад, ки танҳо бо роҳи ақл ва қиёси бурҳонӣ имконпазир аст [6, с. 328]. Дар лаҳзаҳои даркорӣ Ибни Сино фаҳмиши диниро низ ба миён мегузорад ва масъалаи маъодро бо таълимоти пайғамбар асоснок ва пайваст мегардонад, дар як вақт ба тафсири фаҳмиши дувуми масъалаи маъод мепардозад, ки он бевосита аз таълимоти Афлотун ва навафлотуниҳо сарчашма мегирад. Дар ин муносибат масъалаи лаззат матраҳ мегардад, ки он бевосита бо масъалаи саодат пайвастагӣ пайдо менамояд. Нафси инсонӣ, ки хосияти зотии он ин камолот ва расидан ба саодати ақлонӣ мебошад, дар сурати эҷоди монеаҳо бо саодати ҷисмонӣ ва лаззатҳои паст худро қонеъ месозад.

Дар масъалагузории Ибни Сино дар ин муносибат масъалаи нафс қарор дорад ва ҳақиқати онро бошад, мавқеи қарордоштаи он ба намоиш мегузорад, яъне аз як тараф бо ҷисми инсон пайвастагӣ дорад ва аз дигар тараф бо ақли ӯ ва арзиши сифатии он ҳамон вақт муайян мегардад, ки агар ба кадом тараф, яъне тарафи ҷисмоният ва ақлоният майл кардани он маълум гардад. Қуввахои нафсонии инсон дорои ду ҷанбаи бо ҳам зидди лаззат ва хайр аз як тараф ва ранҷиш ва шарр аз тарафи дигар мебошанд: ”Бояд донист ҳар қувваи нафсонӣ дорои лаззат ва хайри хос ба худ ва ранҷиш ва шарри хос ба худ аст. Масалан, лаззат ва хайри шаҳват расидани кайфияти (аз кайфиёт) панҷгонаи маҳсус ва мулоим ба он аст, ва лаззати ғазаб дар пирӯзӣ аст ва лаззати ваҳм дар умед аст ва лаззати ҳофиза дар ёдоварии умури матлуби гузашта аст; ва ранҷиши ҳар як аз ин қуво дар чизе аст, ки мутазод бо инҳо аст” [6, с. 329]. Ибни Сино дар ин маврид лаззатро ба ду сифат тақсим менамояд, ки онҳо лаззати паст ва лаззати бартар мебошанд. Барои мо лаззатҳои ҳиссӣ ва ҳайвонӣ маълум ҳастанд, аммо инсони боақл бояд донад, ки мабдаъи аввалияи бо Худо наздик холӣ аз лаззат ва хайру хушӣ нест. Аммо ингуна лаззатҳо аз лаззоти пасти ҳайвонӣ фарқ мекунанд. Дар муносибат ба дарк ва шинохти ингуна лаззат Ибни Сино аз ду мафҳуми маърифатӣ аз қабили тахайюл ва қиёс истифода кардааст. Танҳо тавассути қиёс инсон дарк мекунад, ки дар баробари лаззати пасти ҷисмонӣ боз лаззати баланди ақлонӣ ва маънавӣ вуҷуд дорад, аммо як қатор монеаҳо дар худи инсон ҳастанд, ки барои дарки чунин лаззат ба инсон монеа месозанд. Баъзан агар лаззати ақлонӣ ҳам, ки пеш меояд разоиле, ки моро фаро гирифтаанд, эҳсоси он лаззатро надорем ва ба он тамоил низ нишон намедиҳем ва ин ҳолат замоне аз мо дур мешавад, ки агар мо разолатҳои шаҳват ва ғазабро дар худ маҳв насозем. Ибни Сино тавассути як қатор қиёсҳо мавҷудияти лаззати ақлониро исбот менамояд. Яке аз аввалин қиёсҳои овардаи Ибни Сино ин ҳолати марди ношунаво аст, ки ҳаргиз оҳанги лазизеро нашунидааст ва бо вуҷуди он ки нисбати баёни дигарон оиди чунин чизи лазиз яқин дорад, аммо ҳаргиз тахайюли чунин чизеро карда наметавонад [6, с. 329]. Тасаввури чунин чизи гувороро надоштан ин маънии вуҷуд надоштани онро надорад, балки монеаҳое ҳастанд, ки дастрасӣ ба чунин

лаззатро ғайриимкон гардонидаанд. Барои тақвияти ин ақида Ибни Сино мисолҳои фаровонеро овардааст, ки аз лаззат маҳрум мондани инсони дар ҳолати тарс ва ё гирифтор гардидан ба маризие, ки монеи камолоти нафс мегардад, масалан талхии даҳон, ки танҳо пас аз тағйир ёфтани мизоҷ инсон аз ин монеа огоҳ мегардад ва нисбати он нафрат пайдо менамояд [6, с. 329]. Мисолҳое, ки Ибни Сино меорад дорои ҷанбаи воқеӣ ва эҳсосӣ ҳастанд, аммо бо ҳамин мисолҳо ӯ мехоҳад исбот намояд, ки дар муносибат бо масоили ақлонӣ ва маънавӣ низ чунин монеаҳо дар роҳи расидан ба лаззати ҳақиқии ақлонӣ вуҷуд доранд. Мисолҳое, ки Ибни Сино дар муносибат ба лаззат ва ранҷи ҳиссӣ меоварад, дар ҳақиқат ҷолиб ва қобили қабул мебошанд, аммо дар ин ҷо худи ин мисолҳо асли масъала набуда, балки онҳо барои усули қиёс ва ба хотири вуҷуд доштани лаззоти ақлонӣ истифода кардааст.

Ибни Ибни Сино аз паҳлуҳои гуногун кӯшиш мекунад, ки ҳақиқати зотии нафси инсонӣ, ки ҳадафи он расидан ба лаззати ақлонӣ аст ва монеаҳои он дар ин мавридро нишон диҳад. Дар як баҳси дигар Ибни Сино аз категорияи ахлоқӣ ва вуҷудии хулқ истифода кардааст ва онро дар ҳолати миёнагин будан, ҳамчун омили наҷоти нафси инсонӣ аз банди монеаҳо мешиносад. Хулқ дар худии худ ин малака аст, ки дар натиҷаи такрор ба вуҷуд меояд. Ҳам қувваи нотиқа ва ҳам қувваи ҳайвонии нафси инсонӣ дорои ҳадди миёнагин ҳастанд, аммо дар як вақт онҳо дорои ҳаддҳои ифрот ва тафрит низ мебошанд. Бахусус агар дар қувваи ҳайвонӣ итоаткорӣ ба вуҷуд наомада бошад. Аммо агар қувои ҳайвонӣ қавӣ гарданд ва дорои ҳолати ифрот гарданд, он гоҳ он ба нафси нотиқаи инсон таъсир расонида, онро водор месозад, ки аз ғояти зотии худ, ки расидан ба лаззати ақлонӣ аст, даст кашида бо алоқаи қавӣ ба ҷисм боқӣ бимонад.

Дар ин ҷо сухан аз ҳадди миёна рафтааст, ки моро ба ёди ҳадди миёна дар таълимоти ахлоқии Арасту мебарад. Дертар, вақте ки ҳадди миёна бо мафҳумҳои дигари асосии бо назарияи ахлоқи Арасту шабеҳ ба миён меоянд, мо каме муфассалтар дар ин маврид маълумот медиҳем. Ҳамчунин бояд ба тариқи ишораи мухтасар бояд қайд намоем, ки назари Ибни Сино дар мавриди лаззат ва ранҷ ва ҳамчунин лаззати ҳиссӣ ва ақлӣ дертар дар фалсафаи Спиноза ба назар

мерасад.

Малакаи миёнагин ин ҳамон фазилате аст, ки нафсро дар худии худ ва ба дур аз монеаҳое, ки ҷисм барои ӯ месозад, нигаҳ медорад. Вақте нафс бо малакаи миёнагин аст, он гоҳ ҳолатҳои ифрот ва тафрит, ки ҳамон разилатҳо ҳастанд, аз байн мераванд.Он қиёсҳое, ки дар боло мо ҳамчун намуна барои дарк ва адами дарки лаззат оварда будем, дар ин ҷо, дар муносибати байни нафс ва ҷисм, қобили татбиқ мебошанд. Ягона омиле, ки барои нафс монеасоз шуда метавонад, ин ҷисм аст. Талаби камол ва расидан ба лаззати ақлонӣ аз хосиятҳои аслии нафс мебошад ва дар сурати вуҷуди монеа нафс ба ранҷ ва дард гирифтор мегардад, аммо дар ҳарду маврид ҷисм нафсро фаромӯшкор ва ғофил месозад, яъне нафс на аз маҳрумият аз лаззат бохабар мегардад ва на аз гирифторӣ аз дарду ранҷ. Ҳар андоза, ки ҷисм ба нафс таъсиргузор гардад, ҳамон андоза нафс аз хосияти аслии худ, яъне талаби камол, маҳрум мегардад.

Дар мавриди бартарияти лаззати ақлонӣ нисбат ба лаззати ҷисмонӣ, бояд миёни назари Ибни Сино ва назари Афлотун муқоиса қарор гирад, зеро нахустин маротиба маҳз дар фалсафаи Афлотун бартарияти лаззати ақлонӣ ва монеи он гардидани ҷисм ва эҳсосҳо дар фалсафаи ин ҳакими юнонӣ ба назар мерасад.

Ибни Сино чунин назар дорад, ки нафсҳое, ки дар зери таъсири ҷисм қарор доштанд, пас аз ҷудо гардидан аз ҷисм дар ҳолати ногувор қарор мегиранд, зеро аз як тараф дар онҳо талаби камол ба вуҷуд наомадааст ва онҳо лаззати ақлониро дарк карда наметавонанд ва аз дигар тараф алоқае, ки бо ҷисм доштанд, аз миён меравад: ”Ва аммо нафсҳои соддалавҳонае, ки ба шавқе даст наёфтаанд, вақте аз бадан муфориқ шуданд ва ҳайатҳои пастиро касб накарда буданд, дар сайъи раҳмати таъоло ва дар навъе аз роҳате хоҳанд буд. Ва лизо бо фиқдони бадан ва муқтазиёти он бо адами ҳусули амри мавриди иштиёқ дучори азоби шадиде мешаванд. Зеро аз як тараф абзори ҳусули амри мавриди иштиёқ аз даст рафтааст ва аз дигар тараф хулқи тааллуқ ба бадан аз байн нарафтааст” [6, с. 335].

Барои нафсҳои паст як имконияти дигаре низ вуҷуд дорад, ки дар сурати аз ҷисм ҷудо шудан ва вуҷуд надоштани тамоил ба саодат ва камол, эътиқодоте, ки онҳо замоне аз қиёмат, аҳволи қабр ва ё хайрҳои онҷаҳонӣ пазируфта буданд,

ба амал медароянд. Бидуни оне, ки Ибни Сино соҳиби ин ақидаро ном барад, аз эҳтимоли ҳақ будани он сухан мегӯяд. Дар сурати ба поён ва ё пастӣ майл намудани нафс он ба тахайюли эътиқодоте, ки оиди дунёи дигар дошт мепардозад. Дар ин ҷо Ибни Сино таъсири тахайюл ва эҳсосро бар нафси инсонӣ ба муқоиса мегирад ва ин назарро эътироф дорад, ки суратҳои хаёлӣ дар таъсир ва шаффофият нисбат ба суратҳои ҳиссӣ бартарӣ доранд. Барои тақвияти фикри худ ӯ далел меоварад, ки инсонҳо бештар зери таъсири он чизе қарор мегиранд, ки дар хоб ба онҳо рух медиҳад, нисбат ба он чизе, ки дар бедорӣ рух медиҳад. Илова бар ин тахайюли олами пас аз марг аз ҳар ҷиҳат дар нафси инсон шаффофият ва бартарии бештаре дорад, нисбат ба он тахайюле, ки инсон дар хоб мебинад: “Суратҳои хаёлӣ аз суратҳои ҳиссӣ заифтар нестанд, балки дар таъсир ва шаффофият бар онҳо бартарӣ доранд, ҳаммонанди ончи дар хоб дида мешавад. Чи басо одам муҳталим аз хоби худ бештар таҳти таъсир бошад, то дар бедорӣ, ба илова тахайюли ухравӣ аз ҳайси каммиб мавонеъ ва таҷарруди нафс ва шаффофияти қобили дории суботи бештаре аз тахайюли мавҷуд дар хоб аст ва сурате, ки дар хоб дида мешавад, балки сурате ки дар бедорӣ эҳсос мешавад дар ҷое ҷуз нафс иртисом намеёбанд. Ҷуз ин ки яке аз ин ду аз ботин меҷӯшад ва бар нафс фуруд меояд ва дигарӣ аз хориҷ меҷӯшад ва ба сӯи нафс иртиқоъ меёбад” [6, с. 335].

Назари Ибни Сино дар ин маврид метавонад барои мо як далели маҳкам дар мавриди тамоил ба идеализми субективӣ доштани фалсафаи ӯро медиҳад. На танҳо таъсирпазириҳои беруна, балки таъсирпазирии зеҳнияти инсон аз омилҳои дохилӣ ва ё ботинӣ, аз қабили тахайюл ва хоббинӣ низ як ҷанбаи ҷолиби назари идеализми субективии ӯро нишон медиҳад. Чизи муҳимми дигар ба андешаи Ибни Сино ин аст, ки ҳам он суратҳое, ки дар хоб дида мешавад ва ҳам он суратҳое, ки дар бедорӣ эҳсос карда мешаванд, танҳо дар нафс ва ё зеҳнияти инсон инъикос ва сабт мешаванд. Дар ин ҷо фақат як фарқият вуҷуд дорад, ки тахайюл аз ботин сар зада дар нафс нақш мебандад ва эҳсос бошад дар берун ҷӯшида ба сӯйи нафс меояд. Баробари он ки чизи мавриди назар дар нафси инсонӣ инъикос меёбад, идроки он чизе, ки мавриди мушоҳида буд, ба поён

мерасад ва он чизе, ки дар зеҳн инъикос ёфтааст, ба ҳақиқате табдил меёбад, ки муҷиби ҳаргуна лаззат ва ранҷ мегардад. Ин назари ҷолиби Ибни Синоро низ мо метавонем дар контексти назари ҳастишиносии Ибни Сино беҳтар таҳқиқ намоем. Зеро дар ин ҷо мо як шабоҳат бо назари Ибни Сино дар мавриди ҳастиро мушоҳида менамоем, зеро худи ҳастӣ низ дар ин фалсафа ҳамон ҳастие мебошад, ки дар зеҳн иртисом ёфтааст ва чизҳои зоҳирӣ дар ҳақиқат танҳо танбеҳия барои шинохти ҳастӣ дар лаҳзаи зарурӣ ҳастанд. Дар бунёди баҳси калоне, ки дар мавриди ҳастӣ сурат гирифта буд, маҳз масъалаи ҳастии зеҳнӣ қарор дошт ва ҳангоми маърифати ҳастӣ Ибни Сино аз мафҳуми “танбеҳия” истифода бурда буд, дар мавриди мазкур бошад омилҳои дигарро ҳамчун “сабаби сабаб” ва ё “сабаби аразӣ” медонад.

Дар мавриди лаззат ва ранҷи нафс низ он чиз ҳақиқӣ ва зотӣ аст, ки дар нафс инъикос ёфтааст ва чизҳои хориҷӣ сабабҳои аразии нафс барои лаззат ва ранҷ мебошанд. Ҳамин тавр лаззат ва ранҷи нафс аз ҳолатҳои худи нафс буда, аз омилҳои беруна вобастагӣ надоранд ва омилҳои беруна нақши танбеҳияро мебозанд, ки ба барангезиши лаззат ва ранҷ мусоидат менамоянд. Аммо ба андешаи Ибни Сино чунин ҳолатҳо танҳо хосси нафсҳои паст ва фурӯмоя ҳастанд ва нафсҳои муқаддас аз чунин ҳолатҳо дур буда, зотан дорои камолот ва ғарқа дар лаззат ҳастанд. Дар ин муносибат Ибни Сино бо роҳи қиёс исбот менамояд, ки ҳамон гуна ки лаззатҳои ҳайвонӣ ва ҷисмонӣ вуҷуд доранд, ҳамингуна лаззат ва хайрҳои ақлонӣ вуҷуд дорад ва нафси инсонӣ, ки дар ҷисми ӯ аст, зотан талабгори лаззати ақлонӣ аст ва бояд ба сӯйи он майл намояд.

Заминаҳои иҷтимоии зарурат ба пайғамбар ва вазифаи ӯ дар зиндагии иҷтимоии инсонҳо. Аз илмҳои амалие, ки Ибни Сино номбар карда буд, илми шариат асл мебошад, зеро он қонунгузор ва баназмдарорандаи ҷомеа ва инсонҳо аст. Ибни Сино ҳамчун як файласуфи асримиёнагии исломӣ ҳанӯз бовар надошт, ки давлат, ҳамчун институти сиёсӣ, метавонад худ кафили саодат ва хайри ҳамагонӣ бошад, қонун низ барои ӯ ҳамон қонунҳои динӣ ва ё шариати исломӣ мебошад ва вазифаи илми сиёсат ин танҳо пайравӣ кардан аз қонунҳои шариат аст. Вобаста ба шароити иҷтимоӣ инсон ба як пайғамбар ҳамеша зарурат вуҷуд

дорад.

Ба хотири исботи зарурат ба вуҷуди пайғамбар дар байни инсонҳо, Ибни Сино масъаларо бо матраҳ сохтани ҳолати иҷтимоии инсонҳо ва ниёзи онҳо ба доду ситади иҷтимоӣ оғоз менамояд. Бояд зикр намуд, ки Ибни Сино дар баробари матраҳ сохтани масъалаи пайғамбарӣ, ҳамчунин ақидаҳои иҷтимоии худро низ матраҳ сохтааст. Аз шеваи матраҳ сохтани масъалаҳо маълум аст, ки ӯ зери таъсири афкори иҷтимоии Афлотун, Арасту ва бахусус Форобӣ қарор гирифтааст. Барои Ибни Сино инсон як мавҷуди иҷтимоӣ мебошад ва ба фарқ аз дигар мавҷудот ӯ дар танҳоӣ зиндагии хуб ташкил карда наметавонад. Ҳамкорӣ ва равуои иҷтимоии инсонҳо шарти ягонаи зиндагии хуб ва арзандаи онҳо мебошад ва инсон ҳамеша ниёз ба инсонҳои дигар дорад: “Маълум аст фарқи инсон бо соири ҳайвонот дар ин аст, ки агар худи ӯ ба танҳоӣ тадбири корҳои худро ба уҳда бигирад ва касе дар баровардани ниёзҳои заруриӣ ӯ мушорикат накунад, зиндагии хубе нахоҳад дошт. Ва инсон ночор аз ин аст, ки ба дигаре аз навъи худ ва ин фард низ ба ӯ ва ба ҳаммонанди ӯ басанда бикунанд. Ва лизо ин барои он баққолӣ бикунад ва ин барои дигаре хайётӣ бикунад ...то ин ки дар маҷмуъ умурашон бичархад. Ба ҳамин хотир инсонҳо ба таъсиси шаҳрҳо ва ҷомеаҳое маҷбур шудаанд” [6, с. 344]. Чунин назар қаблан дар фалсафаи сиёсии Арасту ба назар мерасад ва дертар бошад, маҳз чунин назар асоси фалсафаи сиёсии Спинозаро ташкил додааст, яъне инсон дар танҳоӣ аз уҳдаи мубориза бо хатароти беруна баромада наметавонад ва ниёз ба ҳамкорӣ ва доду ситад бо дигар инсонҳоро дорад.

Ҳангоми матраҳ сохтани фалсафаи амалии худ Ибни Сино бештар ба ду арзиш, ки консерватизм, ё анъанагароӣ ва арзиши доду адолат, ки аз фалсафаи Афлотун ва ҳамчунин таълимоти дини ислом сарчашма мегирад, такя намудааст. Дар як ҷомеа як нафар барои дигарон баққолӣ мекунад ва дигаре нонвойӣ, савумӣ барои дигарон хайётӣ ва ҳамин тавр инсон дар зиндагии рӯзмарра ниёз ба маҳсули ҳунарҳо дорад ва дар танҳоӣ инсон аз эҷоди ҳамаи ин корҳо намебарояд. Дар ин муносибати инсон бо инсонҳои дигар риояи ду чиз муҳим мебошад: суннат ва адолат. Ҳадаф аз суннат ин анъанаи гузаштагон, ки инсон

эҳтиром ба онҳоро ҳамеша ҳифз намояд ва дар ҳамин нуқта Ибни Сино зарурати зуҳури як пайғамбарро матраҳ мегардонад. Вақте ки суннат ва адолат ҳамчун омили субот ва низоми ҷомеа аст ва худи инсонҳо вабаста ба дараҷаи камоли нафсашон таъминкунандаи суннат ва адолат буда наметавонанд, пас онҳо ниёз ба як суннатовар ва адолатгустар доранд. Истифодаи вожаҳои *суннат* ва *адолат* дар ҳамсоягӣ, бозгукунандаи назари дигари Ибни Сино мебошад, ки пайғамбар бояд бавуҷудоварандаи расму русум ва одоте бошад, ки интихоби онҳо ва пайравӣ аз онҳо муҷиби ба вуҷуд омадани адолат ва пойдории он мегардад.

Фалсафаи иҷтимоии Ибни Сино маҳдуд мегардад ба сарчашмаҳои динии адолат ва низоми иҷтимоӣ, ҳанӯз Ибни Сино ба тавоноии давлат ва файласуфон дар роҳи ба вуҷуд овардани қонун ва қоидаҳои иҷтимоӣ, ки тавонад адолати иҷтимоиро таъмин намояд бовар надошт. Ӯ ҳанӯз бовар надорад, ки ба ҷуз қонуни шариат ва роҳнамоии пайғамбар омили дигаре тавонад, ки субот ва оромиши ҷомеаро таъмин карда тавонад. Вақте Ибни Сино шариатро асл меҳисобад, ҳадафи ӯ маҳз қонунҳои шариат ва даъватҳои пайғамбар ба сӯи фармудаҳои Худо аст. Чизи муҳими дигар он аст, ки пайғамбар ҳатман бояд инсон бошад, аммо он дорои хусусиятҳое бояд бошад, ки инсонҳои оддӣ аз он маҳрум ҳастанд. Таълимоти пайғамбар мардумро дар як ваҳдати маънавӣ ва итоат аз арзишҳои умумӣ ҳифз менамояд. Дар оғози баҳси мазкур Ибни Сино инсонро ҳамчун як мавҷуди иҷтимоӣ таъкид намуда буд, ки он дар танҳоӣ зиндагии хубе ташкил карда наметавонад ва ниёз ба инсонҳои дигар дорад, аммо ин як маънии идеалӣ ва мутлақ надошта, инсон метавонад боз танҳо ба манфиати худ амал намояд. Вақте ки масъалаи манфиат пеш меояд, он гоҳ ҳатман дар байни инсонҳо ихтилоф ба миён меояд ва дар ин маврид маҳаки муайян намудани адл ва зулм, ки шариат муайян намудааст, аз байн меравад.

Дар сурати вуҷуд доштани манфиат аз назари Ибни Сино маҳаки ягона барои муайян намудани адл ва зулм аз миён меравад. Ба фикри ӯ дар ин ҳолат инсонҳо ҳар чизеро, ки ба манфиати шахсиашон аст, адл ва ҳар чизеро, ки ба зарари зиндагии шахсиашон аст, зулм мепиндоранд. Аммо ин бо он маҳакҳое, ки шариат муайян менамояд, мухолиф аст, бинобар ин беш аз ҳар чизи дигар вуҷуди

як пайғамбар ва қонунгузор ҳатмӣ аст: “Наметавон мардумро ба орои худашон вогузошт, то ин ки бо ҳалле ихтилоф пайдо бикунанд ва ҳар як ончиро ба нафъи худ аст адл ва ончиро ба зарари худ аст, зулм бипиндорад. Пас барои ин ки навъи инсон боқӣ бимонад ва ба таҳассули вуҷудии худ бирасад ниёз ба чунин инсоне беш аз ниёз ба рӯидани мӯ бар рӯи мижжаҳо в абруҳо ва ниёз ба чизҳои нофеъи дигаре аст, ки вуҷуди онҳо барои бақои одамӣ зарурӣ нест ва балки ҳадди аксар ин аст, ки дар бақои одами нофеъ ҳастанд. Ҳамчунон ки дар пеш зикр кардем, вуҷуди инсони солеҳ, ки суннат биёварад ва адолат бигустарад амри мумкине аст” [6, с. 345].

Пайғамбар дорои хусусиятҳое аст, ки инсонҳои оддӣ аз он маҳрум мебошад ва ӯ бо доштани муъҷизаҳо ва ваҳйе, ки аз ҷониби Худо нозил мегардад, қонунҳоеро дар ҷомеаи инсонҳо ба вуҷуд меоварад. Ин аҷиб менамояд, ки дар қисматҳои пешин Ибни Сино дар ҳар маврид аз илмҳои дақиқ аз қабили табииёт ва ё ҳандаса далел меовард ва нисбати назарҳои зиёде, бахусус назарҳои мутакаллимон назарҳои интиқодӣ матраҳ менамуд ва нисбати ҳаққонияти бисёре аз таълимот шакк менамуд. Аммо ҳоло бошад, чунин хусусиятҳои афкори Ибни Ибни Сино ба назар намерасад. Ӯ ба ҳар чизе, ки барояш аз боварҳои динӣ гуфтаанд, ҳамчун як ҳақиқат бовар дорад. Дар баробари мафҳуми “муъҷиза”, ӯ аз мафҳуми “ваҳй” ва дилхоҳ мафҳуми динии дигар истифода мебарад, аммо ҳамаи онҳоро ҳамчун ҳақиқатҳои бебаҳс қабул дорад. Чунин мутеияти тафаккур дар баробари мафҳум ва арзишҳои оддӣ, баъзан шубҳаро нисбати ҳаққонияти ин матнҳо ба вуҷуд меоварад. Дар ҳадди олии худ дар ин ҷо як навъ замонасозӣ ва созишкорӣ аз ҷониби Ибни Сино ба назар мерасад, ки ҳангоми таҳлили равиши навишт ва сабк ба зиддият дучор мегардем.

Аз усулҳои аввалини пайғамбар ин тавассути қонун бовар кунонидани мардум бар он ки онҳо соҳиби як пайғамбари муқтадир ҳастанд, ки аз асрори худо ва ҷаҳон огоҳ аст ва таълимоти ӯ то андозае ҳақиқат аст, ки халқ тобеъи ӯ аст, зеро ӯ бевосита суханони Худоро ба шунавандагон мерасонад. Ибни Сино ҳамчунин бо ҷумлае хонандаро метарсонад, ки пайғамбар бо таълимоти худ мутеонашро ба маъоди саодатбахш ва осиёни ӯро ба маъоди бадбахткунанда

мерасонад: “Бояд дорои амр бошад, ки халқ аз они ӯст ва ин ки маъоди саодатбахшро барои мутеони ӯ ва маъоди бадбахткунандаро барои осиёни ӯ омода кардааст, то ин ки умум шунаво ва мутеъи ончи аз ноҳияи Худо ва малоика бар забони ӯ нозил шудааст, бошад” [6, с. 345]. Шояд яке аз ҷумлаҳои муаммоангез ва тааҷҷубовари асари “Шифо” маҳз ҳамин ҷумлаи овардашуда бошад.

Ибни Ибни Сино муносибати пайғамбар бо авомро низ на бо далеловарии мантиқӣ ва ақлонӣ матраҳ менамояд, балки бо наҳве онро матраҳ менамояд, ки он хосси мутакаллимон буда, маҳз онҳо мехостанд, ки омма бояд дар як ҳадди муайян нигоҳ дошта шавад ва ба ӯ огоҳии беш аз зарурат дода нашавад. Ба хотири ҳам барқарории низоми иҷтимоӣ ва ҳам осон будани идораи омма тавассути аҳли шариат, ба уҳдаи пайғамбар масъулияти зиёд намегузорад, пайғамбар бояд ба мардум фаҳмонад, ки Худо ягона, ҳақ ва бидуни шабоҳат мебошад. Аммо агар пайғамбар ба онҳо огоҳиҳои бештаре диҳад ва дар сатҳи болотар масъалагузорӣ намояд, он гоҳ ин боиси баҳсҳо, шубҳаҳо ва муқоисаҳои барои онҳо нолозим мегардад ва дар ниҳоят онҳоро аз масъулиятҳои иҷтимоияшон бозмедорад: “ Зеро авом ҷуз ба бо заҳмат наметавонад дорои тасаввуре аз чунин матолибе бошанд ва фақат андаке аз онон метавонанд аз ҳақиқати ин тавҳид ва танзия тасаввуре дошта бошанд ва авом бедиранг ба такзиби чунин умуре мепардозанд ва дар низоъ меафтанд, рӯй суи баҳсҳо ва муқоисаҳое меоваранд, ки аз корҳои иҷтимоияшон боз медорад ташкикҳо ва шубҳаҳо дар байнашон касир мешавад. Барои қонунгузор контроли онҳо сахт мегардад” [6, с. 345].

Агар мо назарҳои Ибни Синоро ба хубӣ таҳлил намоем, дармеёбем, ки дар ин мавридҳо ӯ тафаккури нозук ва истодагӣ сари масъалаҳои табиӣ ва ё риёзиро як сӯй гузошта, аз созиш бо фармудаҳои динӣ ва тадбир ба хотири дар як ҳолати оромиш ва низом қарор гирифтани ҷомеа истифода бурдааст. Барои Ибни Сино дар ҳолати гармония ва осоиштагӣ қарор гирифтани ҷомеа муҳимтар аст, нисбат ба баҳс ва инкорҳо сари ҳақиқатҳои динӣ, аз ин ҷиҳат ӯ аз дарвозаи созиш ва мувофиқат ворид гардидааст. Ӯ ҷонибдори он аст, ки инсонҳои оддӣ бо огоҳии

андак ва бидуни даст ёфтан ба баҳсу мунозираҳои фалсафӣ ва илмӣ зиндагии иҷтимоӣ дошта бошанд. Ба дигар маънӣ Ибни Сино аз дорои огоҳии бештар гардидани омма тарс дошт. Дар бахши минбаъда дар мавриди созиши Ибни Сино бо арзишҳои динӣ ва асосноккунии ҳаққоният ва зарурияти мавҷудияти онҳо бештар машғул мегардем.

Моҳияти қонунҳои шариат, ки дар як вақт ифодакунандаи маъниҳои таълимоти Афлотун ва Тасаввуф мебошанд. Раҳоии нафс аз таъсироти ҷисм ва расидани он ба саодати ақлонӣ

Новобаста аз он назароти то андозае танқидӣ дар якчанд маврид дар боло метавон назари умумии Ибни Сино дар мавриди ҷомеаро чунин умумиятдиҳӣ намуд, ки ӯ мухолифи огоҳии бештари фардҳои ҷомеа буд, зеро ҳадафи асосӣ ин низом ва оромии иҷтимоӣ буда, дар ҳолати дорои огоҳии зиёд доштани омма метавонист он боиси баҳсҳои бемаънӣ ва дар ниҳоят бенизомӣ дар ҷомеа гардад. Айнан чунин назар хосси мутакаллимон ва бахусус Ғаззолӣ низ буд ва онҳо аз он мухолифи огоҳии оммаи мардум буданд, ки он боиси мавриди шубҳа ва занну тардид гардидани дини ислом ҳамчун таълимоти ростин мегардид. Дар идомаи баҳси зарурат ба пайғамбар ба хотири ҳифзи низоми иҷтимоӣ ва эътиқоди мардум ба Худо, Ибни Сино кӯшиш намудааст намоз ва ибодатро ҳамчун асле, ки ёди мардумро ҳамеша ба Худо ва маъоди саодатманд пайваста нигоҳ медорад, асоснок гардонад.

Метафизикаи ахлоқии Ибни Сино дар асоси низоми иҷтимоие, ки бар асоси суханони пайғамбар шакл гирифтааст, бунёд ёфтааст. Танҳо амали пайғамбар метавонад майли мардум ба сароғозеро, ки ақл ва хайри маҳз аст, ҳифз намояд, аммо ин эҳтимол вуҷуд дорад, ки пас аз қарни пайғамбар чунин пайгирӣ аз маърифати Худо ва маъод ба фаромӯшӣ равад. Инсонҳо ба амале ниёз доранд, ки он тавонад ин фаромӯширо решакан намояд ва фосилаҳои замониро дар алоқамандӣ нигаҳ дорад, бинобар ин онҳо масъул ба амале ҳастанд, ки такрори ин амал дар замонҳои наздик ба ҳам ҳамчун қонун баромад намояд, яъне амале, ки замонаш фаро мерасад бо амале, ки замонаш ба поён мерасад наздик бошад. Ин амалҳо танҳо як фоида доранд, ки он ёдоварии ҳамешагии Худоро ҳифз

мекунанд ва ин ёдоварӣ танҳо бо садоҳое, ки анҷом дода мешавад ва ният кардан амалӣ мегардад. Ҳадафи Ибни Сино аз ин амалҳо ҳамон намоз ва ибодатҳои мусалмонон мебошад: “Ин афъол ҳамон ибодатҳое ҳастанд, ки ба мардум воҷиб шудаанд” [6, с. 345]. Дар ин муносибат Ибни Сино аз мафҳумҳои ҳаракат ва адами ҳаракат сухан мекунад, ки мақсад аз ҳаракат ҳамон намоз ва мақсад аз адами ҳаракат *рӯза* мебошад. Ӯ рӯзаро адам, ё нестие меҳисобад, ки вуҷуди инсонро ба таҳрик меоварад ва ба инсони рӯзадор мефаҳмонад, ки ин ранҷ беҳуда набуда, балки муҷиб ба наздикӣ бо Худо мегардад. Ҳамингуна Ибни Сино ба арзишҳои динӣ аз ҷумла намоз ва рӯза маънии метафизикӣ медиҳад ва ҳадафи ниҳоии онҳо ин солим нигаҳ доштани зиндагии ҳаррӯзаи иҷтимоӣ бо суннати бунёдгузоштаи пайғамбар мебошад.

Дар таҳлил ва асосноккуниҳои Ибни Сино осори се таълимот: сароғози ақлонӣ ва хайри маҳз, ки аз таълимоти Афлотун баромадааст, ирфон, ки он низ чун таълимоти Афлотун роҳи покизагии нафс ба хотири саодати маҳз ва ҳамчунин таълимоти исломӣ, ки бар намоз, рӯза ва дигар ритуалҳои динӣ устувор аст, мушоҳида мешавад. Ибни Сино огоҳона аз амалҳое, ки тибқи фармудаҳои пайғамбар вуҷуд доранд, сухан мегӯяд, аммо дар ҳадаф ва мақсади ин амалҳо ҳамон маъние нуҳуфта аст, ки он моҳияти таълимоти Афлотун ва тасаввуфро ифода менамояд.

Ибни Сино масъалаи ибодатро ҳамаҷиҳата таҳлил намуда, ҳаққонияти арконҳои дигаре, ки дар одоби намоз воҷиб аст ва берун аз он низ муқаддас ҳастанд, аз қабили ҷиҳод, ҳаҷ, қурбонӣ кардан ва ғайра тасдиқ ва иҷроиши онҳоро зарурӣ меҳисобад. Ӯ беҳтарини ибодатҳоро намоз меҳисобад, зеро дар он як навъ сафар ба сӯи Худо ва муноҷот ва сухан гуфтан ба ӯ ифода меёбад. Аз арзандагиҳои намоз ин таҳорат ва тозагӣ, ҳамчунин тавозуъ, оромиши равонӣ ва худро ҷамъоварӣ ва ё мутамарказ гардонидан мебошад [6, с. 345]. Дар ин амал тарки таваҷҷуҳ ба дигар чизҳо сурат гирифта, изтироб аз байн меравад. Тавассути ин шарҳҳо Ибни Сино кӯшидааст, ки бар ҳамагуна арзиши динӣ асоси фалсафӣ бахшад. Дар ин шарҳҳои Ибни Сино як навъ амали зираконаи ӯ барои созиш ва ҳамгароӣ ба мушоҳида мерасад, ки шояд аз сари маҷбурият ва ё эҳтиёт

сурат гирифта бошад. Зеро дар ин маврид ба ғайр аз асосноккунии фармудаҳои динӣ дигар ҳеҷгуна таҳлили ақлонӣ ва абстрактии моҳияти чизҳо ба назар намерасад.

Ибни Сино аҳаммияти ибодат бар авомро махсус таъкид намуда, маҳз онро василаи дар нафсҳои худ зинда нигаҳ доштани ёди Худо ва маъод медонад, ки аз насл ба насл идома ёфта фаромӯшии Худо ва маъодро аз миён мебарад.Дар баробари ҳифзи ёдоварӣ аз Худо, ибодат ҳамчунин имконият медиҳад, ки омма ҳамеша нафсҳои худро пок нигаҳ доранд [6, с. 345]. Ибни Сино чунин меҳисобад, ки аз миён рафтани намоз дар умум боиси қатъи робита ва ҳамин тавр ба фаромӯши рафтани суннати пайғамбар мегардад, ки дар ниҳоят номи Худо ва маъод аз миён меравад. Василаи дигари ҳифзкунандаи робитаҳои замонӣ вуҷуд надорад. Моҳияти ҳамаи қонунҳои шариатро итоати инсон дар баробари Худо ва ҳамеша бо ёди Худо ва саодати онҷаҳонӣ зиндагӣ кардан ташкил медиҳад, ки ин қонунҳо тавассути пайғамбарон дар байни инсонҳо ҷорӣ мегарданд ва ҳамин нуктаро Ибни Сино маҳз дар боби охири “Шифо” батакрор матраҳ сохтааст.

Он гуна ки зикр намудем, ҳадафи асосӣ ин саодати ақлонӣ ҳамчун камоли нафси инсонӣ мебошад, барои расидан ба ин камол ва ниҳояти камол инсон бояд аз қонунҳои шариат ва фармудаҳои пайғамбар пайравӣ намояд, аммо ҳадафи ниҳоӣ дар як вақт ишора ба таълимоти Афлотун ва равиши тозакунии нафс дар таълимоти тасаввуф мекунад. Зеро шеваи масъалагузории Ибни Сино аз шевае, ки дар таълимоти Афлотун ва ҳамчунин дар тасаввуф вуҷуд доранд, фарқ намекунад. Дар ҳамаи ин таълимот бо тарзҳои гуногун эҳсос ва ҷисми инсонӣ ҳамчун монеаи асосии расидан ба саодати ақлонӣ, накӯҳиш карда мешаванд ва роҳҳои раҳоӣ ва ё шифоёбии нафс дар миён гузошта мешаванд. Ибни Сино кӯшиш кардааст, ки маҳз ҳамин маънии афлотунӣ ва ирфониро дар таълимоти пайғамбар пайдо намояд ва дақиқтар аз он дар намозу рӯзаи инсонҳо маҳз расидан ба саодати онҷаҳонӣ ва Худо ниҳон аст.

Чун дигар таълимот дар асосноккуниҳои Ибни Сино низ, нафси инсонӣ дар миёнаи саодати онҷаҳонӣ ва таъсири ҷисми инсонӣ қарор дорад, ки дувумӣ монеи камолоти нафс ва ҳамчунин саодати онҷаҳонӣ мегардад. Нафс дорои ду

имкон аст, ё тавассути покиза гардидан ба саодат ва маъод мерасад ва ё зери таъсири ҷисм боқӣ монда саодати онҷаҳониро фаромӯш месозад, ҳамчунин Ибни Сино таъкид месозад, ки покиза гардонидани нафс тавассути ахлоқ ва малака сурат мегирад.

Умуман нафси инсонӣ аз диди Ибни Сино мутааллиқ ба олами улвӣ мебошанд ва он дар ин ҷаҳон мусофир ва ғариб буда дар банди зиндони ҷисм мебошад. Аммо афъоле ҳастанд, ки онҳо ифодакунандаи ахлоқ ва малака ҳастанд ва тавони онро доранд, ки зери таъсири онҳо нафси инсонӣ ба мавқее мерасад, ки эҳсос ва ҷисмро инкор намуда, аз итоати онҳо сарпечӣ менамояд. Чунин сарпечӣ аз таъсири ҷисм ӯро ба олами улвӣ ёдовар месозад. Ба хуб машғул гардидани нафс боис мегардад, ки он минбаъд аз таъсироти ҷисм озод гардад [6, с. 345].

Дар боло якчанд маротиба аз калимаи “афъол” ёдовар шудем, ки файласуф ба тариқи умумӣ сухан мегӯяд ва метавон аз як тараф ҳамон афъоле аз қабили намоз ва рӯзаро дар назар дошт, аммо аз тарафи дигар метавон риёзатҳоеро низ дар назар дошт, ки ориф дар роҳи маърифати нафс аз як қатор амалҳои худмаҷбурсозӣ истифода бурда, онҳоро ҳамчун марҳалаи тариқат мешиносанд. Ибни Сино зикр менамояд, ки ин афъол ранҷовар буда ҷисми инсонӣ ва қувваҳои ҳайвонии инсониро ранҷ медиҳанд.

Моҳияти афъоли мазкурро ин шикастани ҳаргуна иродаи қувваи ҳайвонӣ, ки боиси тақвияти хусусиятҳои манфии инсонӣ аз қабили роҳатталабӣ, таносоӣ, танбалӣ, рӯй гардонидан аз ҳаргуна сахтӣ ба ҷуз дар роҳи касби лаззоти ҳайвонӣ ва мисли инҳо ташкил медиҳад. Дар яке аз марҳалаҳои тасаввуф ба хотири тоза гардонидани нафс аз гирифториҳои инҷаҳонӣ мо бо амалҳое дучор мегардем, ки ҳадафи онҳо ҳамеша нафсро дар ёди Худо ва саодати онҷаҳонӣ нигаҳ доштан мебошад. Дар ин марҳала солики роҳи ҳақ аз марҳалаи шариат мегузарад ва дар марҳалаи тариқат худро барои дарки ҳақиқат омода месозад. Дар ин марҳала мубориза бо нафс, қувваҳои нафсонӣ ва дигар хоста ва майлҳои инҷаҳонӣ сурат мегирад. Аммо Ибни Сино ба равиши ирфонӣ майл нанамуда, камолоти нафсро тавассути қонунҳои шариат низ имконпазир медонад. Азбаски хатти асосиро дар

ин бахш ин қонунҳои шариат ва масъулияти пайғамбар ташкил медиҳад, мо бо эҳтимоли калон бовар дорем, ки Ибни Сино ҳамон амалҳои намозу рӯзаро ҳамчун афъоли асосӣ ва таъсиргузор ба нафс дар назар дорад.

Дар натиҷаи амалҳои такрорӣ ва бардавом нафси инсонӣ дорои малакае мегардад, ки "таваҷҷуҳ ба сӯйи Худо" ва "гурез аз ҳамагуна чизи ботил" ба даст меояд, дар ин ҳол дар сурати ҷудо гардидани нафс аз бадан он ба саодат роҳ меёбад. Дар ниҳояти баҳси мазкур Ибни Сино дигарбора ҳаққонияти таълимоти пайғамбар ва аз ҷониби Худо фиристода шудани ӯро таъйин мекунад [6, с. 345].

Баҳсҳое, ки дар ин муносибат сурат мегиранд, ниҳоят абстрактӣ буда, тасдиқи ҳаққонияти онҳо ғайриимкон аст. Азбаски исботи вуҷуди чунин як сарчашмаи ақлонӣ ва хайр тавассути таҷриба ғайриимкон аст ва маърифати он низ номумкин, Ибни Сино барои исботи мавҷудияти чунин як сароғоз аз қиёс ва тахайюл истифода бурдааст.

Қонунҳои шариат, ки асл буда, ҳадафашон покиза сохтани нафс ва раҳо бахшидани онҳо аз банди таъсироти ҷисм мебошад, танҳо як бахши илми амалиро ташкил медиҳад. Бахши дигари илми амалиро тадбири шаҳр ва хона ташкил медиҳад ва дар идома маҳз ҳамин бахши илми амалиро матраҳ мегардонем.

Асосҳои шаръии таҳкими низоми ҷомеа ва масъалаи издивоҷ

Ба назари Ибни Сино ҷомеа ва хонаводаҳо бояд бо қонунҳои шариат идора шаванд ва дар партави он қонунҳо зиндагӣ намоянд. Пас аз оне, ки Ибни Сино ногузирӣ ва ҳадафи ниҳоӣ аз қонунҳои шариатро асоснок мегардонад, ба амалисозии ин қонунҳо дар шаҳр ва хонаводаҳо мепардозад. Қонунҳои шариат бояд ҳангоми банизомдарории шаҳр се бахши асосиро дар назар дошта бошад, ки инҳо бахши тадбиркунандагон, бахши санъатгарон ва бахши посдорон: " Ва барои ҳар яке аз инҳо (тадбиркунандагон, санъатгарон ва посдорон) раисеро бигуморад ва ин раис соири раисҳои зери назари хешро бигуморад. Ин раисҳо соири раисҳои зери назари худашонро бигуморанд, то ин ки ба умуми мардум бирасад ва лизо дар шаҳр инсони бекоре, ки дорои мақоми мушаххасе набошад, вуҷуд надошта бошад. Балки ҳар як нафъеро барои шаҳр бирасонанд" [6, с. 350].

Ин ишораи Ибни Сино касро ба назари Афлотун дар мавриди бахшҳои ҷомеа меоварад, ки ба фикри ӯ низ ҷомеа аз се бахш, яъне қонунгузорон, ҳунармандон ва сипоҳиён иборат бошад. Ибни Сино низ бо ин ақидаи Афлотун мувофиқати худро нишон додааст.

Дар таҳлилҳои Ибни Сино асл ва бунёд бояд ҳамеша масъалаи шариат қарор дошта бошад ва дар пайравӣ аз он масъалаҳои сиёсӣ ва ахлоқӣ матраҳ мегарданд, ки дар умум ҳама ҷанбаи метафизикӣ мегиранд. Дар мавриди масъалаҳои шаръӣ Ибни Сино то андозае ҷиддият нишон медиҳад, ки баъзан ба Ибни Сино тааллуқ доштани ин ақидаҳо ҷои шубҳа қарор мегирад. Дар ин муносибат ба ҷои далелу бурҳонҳои мантиқӣ зуд-зуд Ибни Сино ба таассуб роҳ медиҳад ва шеваҳои амалеро раво мебинад, ки баъзан ақли солим дар интихоби онҳо ба шубҳа меравад. Дар итоат аз қонунҳои шариат Ибни Сино дар ҳадди олӣ аз сахтгирӣ истифода кардааст, аммо ҳар андоза, ки масъалаҳо каме аз асли шариат дур мешаванд, ӯ худ таъкид менамояд, ки бояд қонун сахтгирӣ накунад ва дар мавриди масъалаҳои ахлоқӣ ӯ миёнаравиро беҳтарин фазилат меҳисобад. Дар ҳар сурат дар байни метафизикаи назарӣ ва метафизикаи амалии Ибни Сино як фарқияти бузурге вуҷуд дорад, зеро дар фалсафаи метафизикаи назарии худ Ибни Сино бар равиши Арасту ва Форобӣ содиқ аст, саропои онро далеловариҳои мантиқӣ ва равиши математикии ҳалли масъалаҳо ташкил медиҳад. Аммо дар фалсафаи метафизикии амалии худ ӯ кӯшидааст, ки инсон дар тобеият ва вобастагӣ аз аркони дин боқӣ бимонад. Метафизикаи амалии Ибни Синоро бо вуҷуди он ки бар асоснокунии бинишҳои динӣ такя карда мешавад, аз як қатор афкори пешқадами ҷомеаҳои ормонӣ, ки назири онро мо дар давлати идеалии Афлотун ва ё мадинаи фозилаи Форобӣ дучор меоем, таркиб ёфтааст.

Ҷонишини қонунгузор, ки ҳадафи ӯ ин ҳамон халифа ва имом мебошад, бояд ё аз ҷониби худи қонунгузор ва ё аз ҷониби мардум нафареро, ки дар ҳар муносибат нисбат ба ҳама бартар аст: соҳиби ақли салим, ахлоқи шариф, покдоман, шуҷоъ, аз шариат огоҳ аст, ба таври ошкоро интихоб гардад. Қонуни шариат барои нафароне, ки аз рӯйи ҳавою ҳавас бо якдигар душманӣ меварзанд

ва ба касе, ки аз шоистагиҳо бархурдор набошад, иҷмоъ намоянд, ҳамчун “куфр” ҳукм менамояд [6, с. 350]. Роҳи дуруст ин итоат аз ҷонишин аст, зеро дар акси ҳол боиси ҷудоӣ ва халал дар ҷомеа, душманиҳо ва ихтилофҳо мегардад, ки низоми ҷомеаро барҳам медиҳад. Дар ҳамин муносибат мо мехоҳем якчанд сахтгириро, ки Ибни Сино дар итоат аз қонунҳои шариат раво мебинад, матраҳ созем. Ҳеҷ кас аз рӯи сарват ва қудрат даъвои хилофат карда наметавонад ва ҷазои чунин инсон танҳо қатл мебошад: “Ба илова бояд дар қонун дастур бидиҳад, ки агар касе хуруҷ кард ва ба воситаи доштани неру, ё моли бештаре иддаои хилофат кард, ҳамаи аҳли шаҳр бояд ба ҷанг бо ӯ бархезанд ва ӯро ба қатл бирасонанд ва лизо агар дар ҷанг қодир буданд ва наҷангиданд, худоро маъсият карданд ва ба ӯ куфр варзиданд”[6, с. 354]. Нафаре, ки қодир ба ҷанг бо чунин инсон буд, аммо ба ҷанг нахест, пас чунин инсон низ куфр варзидааст. Масъала бо ин тамом намешавад, ҷазо сахттар ва ҷиддитар мегардад ва барои наздикӣ ба Худо пас аз имон ба набӣ ибодате бузургтар аз он нест, ки ин ҳилагар ба қатл расонида шавад [6, с. 354].

Дар ин маврид пеш аз ҳама ба Ибни Сино тааллуқ доштани чунин таассуб ҷои шубҳа қарор мегирад, аммо ба осонӣ чунин назар метавонад мавриди инкор низ қарор гирад. Бидуни сарват ва қудрат, ки шарти устуворӣ ва пойдории як шахс ва ё як оила аст, даъвии ҳаргуна амале худ номумкин аст. Шояд аз диди сатҳии ахлоқӣ ин назар дуруст намояд, аммо аз диди сиёсӣ ва ё иқтисодӣ доштани сарват ин як амри маъмулӣ ва зарурӣ мебошад. Чунин андеша худ дар худии худ ноқис мебошад, зеро имкон дорад, ки шахси дорои сарват ва қудрат нолоиқ бошад ва ҳамчунин имкон дорад, ки чунин шахс арзанда бошад. Дар ин ҷо таҳаммулгароии мазҳабиро, низ ки ҳатто баъзе аз илоҳиётшиносон низ риоя менамоянд, Ибни Сино пушти по задааст. Гумон аст, ки Ибни Сино бо он хирадифалсафие, ки дошт қатли як нафари нисбатан бетарафро бузургтарин ибодат пас аз имон ба пайғамбар шиносад.

Дар мавриди онҳое, ки бо ин қонун мухолифат меварзанд, чорае ба ҷуз ҷанг ва нобудсозии онҳо нест [6, с. 354]. Ҳамчунин барои сарпечӣ накардани мардум аз қонунҳои шариат бояд як қатор чораҳои пешгирикунанда андешида

шавад. Дар ин ҷо назари Ибни Сино як андоза дорои хусусияти маҷбуркуниро мегирад, агар чораҳо андешида нашаванд ва қонун иҷро нагардад, он гоҳ хатар дар пойдории дин ба вуҷуд меояд [6, с. 356]. Дар ин маврид дигар мо бештар ба андешаи мутакаллимон наздиктар мегардем, Ибни Сино, ки боре ҳам дар мавриди “хатар аз дин” сухан нагуфтааст ва масъалаҳоро сирф дар ҳолати нобии худ медид, акнун баръакси он амал менамояд, ки шубҳа дар нисбати саҳеҳияти ин ҷумлаҳо ба файласуфро боло мебарад. Шояд Сино дар вазъи ногувор афтида буд ва аз нафаре, ё гуруҳе бим ва тарсе дар дил дошт, ки дар муносибат бо шариат ва дин ба сахтгирӣ роҳ додааст.

Ибни Ибни Сино дарҳол ба ҷанбаи шаклӣ ва идоракунии ҷомеа гузашта оиди таъин намудани раис дар ҳар бахшро матраҳ месозад, ки он раисҳо раисони зерниҳоди худ ва он раисон боз раисони зерниҳоди худро таъин менамоянд. Дар як ҷомеаи асримиёнагӣ сухан ҳанӯз аз тақсимоти ҳокимият намеравад ва қонуне берун аз қонуни шариат низ тасаввурношуданӣ буд. Раисони ҳар як бахши ҷомеа ва зерраисони онҳо зикр мегарданд, аммо механизми робитаи байни онҳо ношинохта боқӣ мемонад. Қонунҳои шариат амал мекунанд, ҷомеа аз се бахш иборат мебошад, аммо, он гуна ки дар оғози бахши мазкур худи Ибни Сино нишон дода буд, инсон дорои зиндагии муштарак мебошад. Ӯ ба ин масъалаҳо таваҷҷуҳи бештар нанамуда, балки бештар ба татбиқи низоми иҷтимоӣ дар асоси қонунҳои шариат таваҷҷуҳ менамояд. Яке аз масъалаҳое, ки ӯ дар назар ва дар ҷомеа вуҷуди онро номумкин меҳисобад, ин “бекорӣ” мебошад. Бояд ҳама бо кори ихтисосӣ, ки ба ҷомеа манфиат меоварад, таъмин бошад [6, с. 350]. Ҳамчунин қонунҳои амалкунанда бояд бекорӣ ва бешуғлиро таҳрим бикунанд, то ин ки ҳеҷ кас ройгон ва бидуни машаққат, аз заҳмати дасти дигарон баҳра бибарад. Шахсҳои бекор бояд боздошт ва огоҳӣ дода шаванд ва дар сурати идома ёфтани чунин амал, бояд шахсони бекор аз шаҳр берун карда шаванд: “Ва барои касе роҳ нагузорад, ки бечо аз дасти ранҷи дигарон баҳраманд бишавад. Ва худро аз кор маъоф карда, ҳеҷ машаққатеро накашад. Бояд чунин афродеро комилан аз ин кор боздорад ва лизо агар аз ин кор даст накашиданд, онҳоро аз шаҳр берун мекунад” [6, с. 350].

Албатта бекорӣ ҷанбаҳои дигари узрнок низ дорад, ки Ибни Сино ин паҳлӯи масъаларо низ баррасӣ менамояд. Агар сабаби бекорӣ беморӣ ва ё осебе бошад, бояд ин шахсҳо ба ҷойҳои махсусе, ки барои онҳо таъин шудааст, ҳифз бикунанд ва барояшон сарпараст гуморида шавад: “Пас агар иллати кор накардани касе мариз будан, ё осеб дидани ӯ бошад, онҳоро дар маҳалле, ки барои амсоли онҳо сохта шудааст, нигоҳдорӣ мекунад ва барои онҳо сарпараст гуморида мешавад. Шаҳр бояд дорои байтулмоле муштараке бошад, ки бархе аз он амвол аз ҳуқуқе, ки бар судҳои ношӣ аз касб ва ношӣ аз сарвати табиӣ мисли самарот ва меваҳо баста мешавад, таъмин мегардад. Бархе дигар аз ҳуқуқе. Ки бар ҷароими баста мешавад, таъмин мегардад” [6, с. 350].

Дар баробари бекорӣ, Ибни Сино як қатор падидаҳои дигареро низ мехоҳад таҳрим намоянд, ки вуҷуди онҳо ба манфиати ҷомеа нест ва аз ҳар тарафе ба низоми иҷтимоӣ халале ворид менамоянд. Яке аз чунин касбҳо қиморбозӣ мебошад, ки дар он нақл ва интиқоли дороиҳо ва ё манфиатҳо холӣ аз манфиат мебошад. Бар хилофи дигар шуғлҳо, қиморбоз бидуни оне, ки ба дигарон ва ҷомеа манфиатеро расонад, соҳиби фоида мешавад. Ба даст овардани маблағ танҳо бояд аз тарафи касбе сурат гирад, ки он тавонад бо ягон шева фоидае расонида тавонад. Таҳрими ҳирфаҳои дигар, ки бар зидди манфиати зиндагии иҷтимоӣ мебошанд, аз қабили дуздӣ, роҳзанӣ ва даюсӣ низ зарурӣ мебошад [6, с. 351]. Ҳамчунин таҳрими корҳое чун рибохорӣ, зинокорӣ ва лавот низ, ки бар зидди умури асосии ҷомеа мебошанд ҳатмӣ мебошад. Ҳамчунин қонунҳо дар муомилаҳое, ки аз доду ситад иборат аст, чораҳоеро бояд андешанд, ки аз ҳаргуна ҳилагарӣ, хиёнат, ситам ва мисли инҳо монеъ шавад ва мардум аз накӯкорӣ ба зиён наяфтанд: “ Боз бояд дар муомилаҳое, ки ба дод ва ситад мунҷар мешавад, қонунҳоеро воҷиб бикунад, ки аз хиёнат ва ситам монеъ бошанд ва муомилаҳоеро, ки дар онҳо ҳиллае ба кор рафтааст ва муомилаҳоеро, ки дар онҳо авазин қабл аз фароғ аз дод ва ситад тағйир меёбанд, мисли сарф ва насия ва ғайри инҳо, таҳрим бикунад. Бояд бар мардум қонун бигузорад, ки ҳамдигарро ёрӣ ва ҳимоят ва аз амвол ва нуфузи якдигармуҳофизат бикунанд, бидуни ин ки некӯкорӣ бо ин кор худ ба зиён биафтад” [6, с. 355].

Ҳамчунин ба ақидаи Ибни Сино шаҳр бояд дорои байтулмоли умумӣ бошад ва ин байтулмол аз ҳуқуқҳои ношӣ аз касб ва сарватҳои табиӣ, мисли самара ва меваҳо, ҳамчунин аз ҳуқуқҳое, ки аз ҷаримаҳо ба даст меояд ва роҳҳои дигар таъмин мегардад. Он чизе, ки дар байтулмол ба даст меояд бояд барои масолеҳи муштарак ва посдороне, ки ба коре машғул нестанд, беморҳо ва нафароне, ки гузашти замон байни онҳо ва касб фосила андохтааст (шояд Ибни Сино пиронсолонро дар назар дорад-Н. Ш.) [6, с. 355].

Баъзе мардум ҷонибдори ба қатл расонидани бемороне ҳастанд, ки ба беҳбудии онҳо умеде нест ва ин амалро Ибни Сино “қабеҳ” мешуморад, зеро таъмини хӯрокаи чунин ашхос ба шаҳр осебе намерасонад ва ӯ чунин меҳисобад, ки агар чунин беморҳо дорои хешовандони доранда бошанд, нигаҳдории ашхоси бемор бояд ба уҳдаи онҳо гузошта шавад [6, с. 355].

Тамоми ғаромате, ки пардохта шавад, бояд танҳо ба уҳдаи шахси муртакиби ҷиноят гузошта нашавад, балки ҳамчунин қисмате аз онро ба уҳдаи бузургон ва наздикони шахси ҷинояткор гузошта шавад, зеро онҳо монеъи ҷинояти ӯ нашудаанд ва нисбати ӯ бепарвоӣ нишон додаанд [6, с. 355]. Ибни Сино ин равишро идома дода ба ҷузъиёти масъалаҳо низ даст задааст ва ҳадафи ӯ дар ҳолати низом ва субот нигаҳ доштани як ҷомеае мебошад, ки ба ҷуз аз қонунҳои шариат қонуни дигаре амал намекунад ва ҳар як қонун ва иқдом бояд ба навъе бо фармудаҳои шариат асоснок гардонида шавад. Дар ин ҷо мо як навъ омехтагии афкори ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқиро мушоҳида менамоем, ки ҳанӯз дар ин марҳала аз ҳамдигар ҷудо нагардида буданд ва дар якҷоягӣ таркиби шариати исломиро ташкил мекарданд.

Ба андешаи Ибни Сино, аввалин амале, ки дар як шаҳр ва ё ҷомеа бояд анҷом шавад, ин издивоҷ мебошад. Издивоҷ набояд як амали оддӣ ва маъмулӣ пазируфта шавад, балки он ҳамчун як амали муҳим ва зарурӣ бояд мавриди ташвиқ ва таблиғ қарор гирад. Ба ҷуз аз роҳи издивоҷ имкони дигари бақои навъи инсонӣ вуҷуд надорад. Ибни Сино миёни бақои инсонӣ ва мавҷудияти Худо алоқамандӣ қоил аст ва бақои инсониро далеле барои мавҷудияти Худо медонад.

Масъалаи издивоҷ барои Ибни Сино то дараҷае аҳаммият дорад, ки ӯ ба

масъалаҳои дигари зиндагии иҷтимоӣ дигар таваҷҷуҳ нанамудааст ва маҳз масъалаи издивоҷро аз ҳар ҷиҳат бозгушоӣ намудааст. Пеш аз ҳама издивоҷ бояд ошкоро сурат гирад, зеро дар ин маврид ҳамагуна шакку шубҳа дар мавриди насл аз байн меравад. Дар издивоҷи ошкоро минбаъд мушкилот ба вуҷуд намеояд ва хатаре низ барои азбайнравии он, сурат намегирад. Аммо дар издивоҷи пинҳонӣ халалҳои зиёде аз дигар ҷанбаҳо ворид мегардад, ки шояд Ибни Сино хароҷот ва нигаҳбониҳои ҳамсар ва фарзандони дар натиҷаи никоҳи пинҳонӣ бавуҷудомадаро дар назар дорад: ”Ва гоҳе дар ин маврид – яъне пинҳон доштани издивоҷҳо – ҳам аз ҷанбаҳое дигар халале воқеъ мешавад; мисли вуҷуби харҷи бархе бар бархе ва ҳамёрии баъзе бар баъзе ва ғайри инҳо, ки оқил бо таъамули худ бар онҳо воқиф мешавад” [6, с. 351].

Дар баробари аҳаммияти издивоҷ Ибни Сино роҳҳои устуворсозии издивоҷро нишон медиҳад, то ин ки издивоҷ пойдор боқӣ бимонад ва дар сурати акс он боиси харачу марач ва ворид гардидани нобасомонӣ дар ҷомеа ва оила мегардад. Ба шахсони издивоҷкарда бояд омӯзонида шавад, ки бояд ҳар нороҳатие боиси ҷудоии онҳо нагардад, ки он боиси фурӯпошии ҷомеа, авлод ва волидайни онҳо гардида, зарурати издивоҷи дубораи онҳоро ба миён меоварад, ки зарари бисёре ба ҷой меоварад [6, с. 352].

Аммо ин кӯшишҳо маънии онро надорад, ки пас аз издивоҷ дигар роҳе барои ҷудоӣ вуҷуд надорад ва тамоми умр бояд бар он устувор боқӣ монд. Ибни Сино таъкид менамояд, ки бояд ҳамеша роҳро барои ҷудоӣ низ озод гузошт, зеро сарфи назар кардани он боиси халалҳои зиёде низ мегардад, ки баъзе аз онҳоро худи ӯ зикр менамояд. Масалан, ситораҳои ҷуфти издивоҷкарда бо ҳам рост намеояд. Табиати яке бар табъи дигаре унс гирифта наметавонад ва ҳамаи кӯшишҳое, ки барои пойдории чунин намуди ҷуфтҳо сурат мегирад, танҳо бадӣ ва нафрат меафзояд: “Ва бояд барои ҷудоӣ роҳе гузорад ва аз ҳар ҷиҳат онро масдуд насозад, зеро решаканиӣ куллиӣ асбоби вуҷул ба ҷудоӣ ва зарар ва халалҳое мунҷар мешавад. Аз он ҷумла аст, ки ин табиатҳое ҳастанд, ки ба бархе табоеъ унсе надоранд ва лизо ҳар чи дар байни ин ду (зан ва шавҳар) талош шавад, шарр ва нафрат афзуда мешавад ва зиндагии онҳо мутазалзил мегардад”

[6, с. 352].

Сабаби дигаре, ки боиси барҳамхӯрии издивоҷ мегардад, ин аз ҷиҳати маънавӣ бо ҳам баробарвазн набудани ҷуфт мебошад. Масалан, нафаре бо ҳамсаре мубтало мегардад, ки тарбияи хуб надидааст, одоби хуб надорад, муошират нек карда наметавонад, ки боиси дилмондагӣ ва нороҳатии ҳамсар мегардад. Ҳамчунин дар ҳамсар нуқсе вуҷуд дорад, ки табиати ҳамсар аз он нуқс гурезон мешавад ва ҳамин нуқс боис мегардад, ки майли ӯ ба каси дигар афзун гардад [6, с. 352].

Яке аз омилҳои муҳиме, ки маҳз ба хотири он Ибни Сино издивоҷро муҳимтарин масъалаи иҷтимоӣ ва дар ҳолатҳои зарурӣ ҷудоии ҷуфти издивоҷкардаро ҳатмӣ меҳисобад, ин масъалаи шаҳват аст. Ба ақидаи файласуф шаҳват як амри табиӣ мебошад ва беҳтарин тарзе, ки он дар роҳи хайр истифода мегардад ин дар доираи қонунҳои муайянкардаи ҷомеа аст. Дар сурати акс шаҳват метавонад боиси сар задани фасодҳо низ гардад. Вақте ки ситораи ҳамсарон бо ҳам мувофиқат нанамояд ва ё майлу рағбате вуҷуд надошта бошад, он гоҳ ҳамсарон барои тавлиди насл ҳамкорӣ наменамоянд, аммо дар сурати интихоби ҳамсари дигар онҳо барои эҷоди насл ҳамкорӣ мекунанд. Дар боло мо аҳаммияти насл барои бақои навъи инсониро зикр намуда будем ва дар ин ҷо бошад, ба хотири ҳамкорӣ барои эҷоди насл Ибни Сино ҷудоиро савоб меҳисобад.

Ибни Сино роҳи ҷудоиро дар ҷуфти издивоҷкарда боз нигоҳ медорад, аммо дар ин муносибат аз вожаи “сахтгирӣ” истифода мебарад. Амри ҷудоии нафаронеро, ки бояд ҷудо шаванд, набояд ба дасти каси тасодуфӣ ва дорандаи ақли ноқис, балки ба ихтиёри ҳокимон гузошта шавад ва онҳо танҳо пас аз ташхиси дурусти вазъ амри ҷудоиро содир мекунанд.

Баръакси қонунҳои шариат, ки дар ҳикмати амалӣ ҳамчун асл дониста мешаванд ва сахтгирии беандоза ба назар мерасад, дар дигар қонунҳо Ибни Сино ҷонибдори сахтгирӣ нест, балки ҷонибдори муътадилии қонун мебошад: “ Ва аммо дар мавриди корҳое аз ин навъ ки ба худи шахс осеб мерасонанд бояд таъодиберо аъмол бикунад, ки дар ҳадди муайяншуда нест. Дар мавриди

ибодатҳо ва издивоҷҳо ва боздорандаҳо қонун бояд муътадил бошад, на сахт ва на саҳл гирифта шавад. Бояд бештари умурро махсусан дар мавриди муомилаҳо ба иҷтиҳод вогузорад” [6, с. 356].

Дар идомаи баҳси мазкур Ибни Сино масъалаҳои ҳуқуқии зан ва мард дар ҷомеаи замони худро мавриди таҳлил ва бозбинӣ қарор медиҳад. Боз гузоштани роҳи ҷудоӣ маънии онро надорад, ки он, яъне ҷудо шудан ба як амри табии табдил ёбад. Дар ҳолатҳои минбаъда бояд иқдомҳо “сахтгиронатар” нисбат ба ҳолати аввала бошанд ва ҳамеша роҳи мусолеҳа низ дар назар дошта шавад. Ибни Сино бар он назар аст, ки ҳамеша дар як чунин ҷомеаи асримиёнагӣ, ки ҳуқуқҳои маданӣ амал намекард, барои зан ҳамеша душвор аст ва аз дигар тараф азбаски зан камтар пойбанди ақлу мантиқ аст, бештар фиреб мехӯрад. Аз ин рӯ, қонун бояд бар пӯшиш ва пушидагии зан таъкид намояд. Вобаста ба ин зан бояд мисли мард аҳли касб набошад, яъне дорои шуғле набошад ва мард таъминкунандаи зиндагии зан бошад [6, с. 353].

Вақте ки харҷи зан бар уҳдаи мард аст, мард дар ин маврид то андозае мулзам мешавад, аммо ӯ бояд дар иваз дорои чизе гардад, ки он “молики зан” гардидани ӯ мегардад. Баръакси ин ғайриимкон аст, яъне зан наметавонад, ки молики мард бошад. Ҳамчунин зан ҳуқуқи онро надорад, ки ба ғайр аз марди худ бо каси дигаре издивоҷ намояд. Аз ҳамин ҷо сар карда, яъне бартарии молӣ доштани мард нисбат ба зан, дар қонунгузории шариат мақоми мард ҳамеша нисбат ба зан дар боло буда, дар аксари маврид ҳуқуқи зан сарфи назар карда мешавад. Баръакси он ки зан ба ғайри шавҳари худ бо каси дигаре издивоҷ карда наметавонад, шавҳар чунин ҳуқуқро дорад, ки ба ғайр аз зани худ бо дигар зан низ издивоҷ намояд, дар ин ҷо монеа вуҷуд надорад, аммо агар шумораи онҳо беш аз оне шавад, ки мард дигар аз уҳдаи таъмини онҳо набарояд, пас он ҳаром ҳисобида мешавад. Ба андешаи Ибни Сино шаҳвати зан нисбат ба мард зиёдтар аст ва дар сурати зиёд шудани занҳо ин имкон вуҷуд дорад, ки нафари дигаре низ бар баҳраманди аз зан шарик гардад ва аз ин хотир зиёдаравӣ ҳаром ҳисобида мешавад [6, с. 353].

Тарбияи фарзанд низ бар уҳдаи зан ва шавҳар аст, вазифаи зан ин тарбия

ва вазифаи мард аз ҷиҳати молӣ таъмин намудани кӯдак мебошад. Дар як вақт фарзанд вазифадор аст, ки бар ҳар ду итоат ва онҳоро эҳтиром кунад, зеро онҳо сабаби ба вуҷуд омадани ӯ гардидаанд. Диноршоев, ки ҷанбаи амалии фалсафаи Ибни Синоро муфассал таҳлил кардааст, ба чунин натиҷа мерасад, ки дар ин маврид Ибни Сино зери таъсири афкори динӣ қарор гирифтааст: “Таҳлили мухтасари андешаҳои Ибни Синоро дар мавриди муносибати тарафайни зану шавҳар ба охир расонда, мехоҳем таъкид кунем, ки ақидаҳои ӯ дар ин масъала ҷавобгӯи арзишҳои исломӣ мебошанд. Ин ҷиҳат, махсусан ба таври возеҳ ҳангоми таҳлили масъулияти зан ва чигуна будани ӯ ошкор мегардад. Ибни Сино дар руҳияи аҳкомҳои ислом пешниҳод мекунад, ки зан бояд диндор, бошарм, зираку бофатонат, итоаткор ба мард ва дур аз корҳое бошад, ки муошират бо мардҳои бегонаро талаб мекунад”[71, с. 237].

Дар муқоиса бо баҳсҳои метафизикие, ки дар бахшҳои пешини “Шифо” ба назар мерасад, он бахшҳое, ки ба фалсафаи амалӣ бахшида шудаанд, ниҳоят маҳдуд ва якнавохт мебошанд. Ибни Сино масъалаи асосии ҷомеаро издивоҷ ҳисобида, онро то ба матраҳ сохтани масъалаи парвариши фарзанд аз ҷониби падар ва модар масъалагузорӣ намудааст. Новобаста аз мухтасар ва ё маҳдуд будан, ин андешаҳо хело муътадил, барои ҷомеаи асримиёнагӣ зарурӣ ва масъалаҳо низ бунёдӣ мебошанд. Ибни Сино аз як зиндагии солими хонаводагӣ ва ҷомеаи муназзам ва бонизом ҷонибдорӣ намудааст.

Адолат ҳамчун фазилати миёнравӣ ва анҷомбахшандаи фалсафаи метафизикии Ибни Сино. Сиёсатмадор ин амаликунандаи қонунҳои шариат дар умури шаҳр ва ҷомеа мебошад, ки масъалаҳои марбут ба онҳоро ба тариқи куллӣ матраҳ месозад. Ӯ намехоҳад, ки ба ҷузъиёт пофишорӣ шавад, зеро бо тағйир ёфтани шароитҳо масъалаҳои ҷузъӣ низ тағйир меёбанд, бинобар ин ҷузъиёти масъалаҳо бояд дар ихтиёри “аҳли машварат” гузошта шавад [6, с. 357]. Дар мавриди вобастагии сиёсат ва сиёсатмадор аз қонунҳои шариат бошад, Ибни Сино бевосита таъкид менамояд, ки сиёсатмадор бояд халифа бошад [6, с. 357].

Дар боло мо аллакай таъкид намудем, ки шариат дар мавриди ахлоқ ва одоти иҷтимоӣ сахтгирӣ наменамояд ва муътадил рафтор менамояд. Дар ин

маврид Ибни Сино бевосита мафҳуми “миёнарави”-ро истифода кардааст, ки он таркиби адолатро ташкил медиҳад: “Боз қонунгузор бояд дар ахлоқ ва одатҳо қонунҳоеро бигзорад, ки ба сӯйи адолате, ки иборат аз миёнаравӣ аст, раҳнамуд бошанд” [6, с. 357].

Дар ин ҷо Ибни Сино на танҳо масъалаи “миёнаравӣ”, балки мафҳумҳои ифрот ва тафритро низ зикр менамояд, ки моро ба ёди ахлоқи арастуӣ мебарад. Бояд зикр намуд, ки миёна ва ё ҳадди миёна умуман дар фалсафа аз арзишҳои бунёдӣ ба ҳисоб меравад. Пеш аз ҳар чиз, мо бо чунин арзиш дар фалсафаи Буддо дучор меоем.

Дар фалсафаи ахлоқи Арасту низ масъалаи “ҳадди миёна” ҳамчун фазилат, ки дар муқобили ифрот ва тафрит, ки ҳар ду ҳамчун разилат шинохта мешаванд, матраҳ аст. Арасту дар ин маврид сирф аз диди ахлоқӣ муроҷиат менамояд ва арзишҳои ахлоқиро дар қолаби ҳадди миёна, ифрот ва тафрит ҷойгузин намуда, бо ҳамин методология фазилат ва разилатро аз ҳамдигар ҷудо менамояд. Ибни Сино бошад ба ин масъалаҳо ҷанбаи метафизикӣ медиҳад ва бидуни майл намудан ба сӯи арзишҳои мушаххаси ахлоқӣ онро дар муносибат бо мафҳумҳои хусусияти метафизикӣ ва динидошта матраҳ месозад.

Ибни Сино “миёнаравӣ”-ро дар ахлоқ ва одот аз ду ҷиҳат дорои аҳаммият мешиносад: пеш аз ҳама бартарияти ҷисм нисбат ба нафс аз миён меравад ва баръакс нафс пок гардида бартарияти худ нисбат ба ҷисмро ба даст меоварад. Бартарӣ ёфтани нафс бар ҷисм, ин ба маънии инкори комили ҷисм ва қувои марбут ба ҷисм намебошад, балки миёнаравӣ дар ҷисм ва хосиятҳои он низ ба вуҷуд меояд, ки ин миёнаравӣ ба фоидаи ҷанбаҳои гуногуни зиндагии инсон мебошад. Аз ҷумла нафс қуввaҳои баданиро ба кор мегирад, зеро он ба маслиҳати корҳои дунявӣ мебошад, аз лаззат ба кор мегирад, зеро он ба хотири бақои бадан ва насл лозим мебошад ва ҳамчунин аз шуҷоат ба кор гирифта мешавад, ки ба манзури бақои шаҳр ва ҷомеа он зарур мебошад [6, с. 357]. Дар ин ҷо Ибни Сино таъкид менамояд, ки ба хотири канора задани як қатор зарарҳое, ки метавонанд ба умури инсонӣ ва шаҳрӣ расонанд, аз ифрот ва тафрит дар “умури фурӯмоя” дурӣ гирифта мешавад. Дар ин ҷо ӯ бар фазилат будани миёнаравӣ таъкид

менамояд, ки дар баробари ифрот ва тафрит қарор дорад ва дар ҳамин нуқта Ибни Сино бар фазилат будани “миёнаравӣ” таъкид намуда, онро берун аз ҳикмати назарӣ меҳисобад. Сабаб дар он аст, ки дар ҳикмати назарӣ масъалаи миёнаравӣ вуҷуд надорад, баръакс он хосси ҳикмати дунявӣ мебошад, ки дар корҳои дунявӣ истифода мегардад.

“Миёнаравӣ” фазилате хонда мешавад, ки дорои се ҷузъ мебошад: ҳикмат, иффат ва шуҷоат. Ҳикмат, иффат ва шуҷоат вобаста ба ангезаҳои инсонӣ дар фаъолияти амалии ӯ зуҳур мекунанд. Ибни Сино ангезаҳои инсониро ба се намуд тақсим менамояд: шаҳвонӣ, ғазабӣ ва тадбирӣ ва вобаста ба се намуди ангезаҳо фазилатҳо, ё худ ҳамон миёнаравиҳо низ се намуд мешаванд: 1. Миёнаравӣ дар умури шаҳвонӣ, ки мисоли он ин лаззат аз омезиш ба таом, либос ва роҳатӣ, ҳамчунин лаззатҳои ҳиссӣ ва ваҳмӣ; 2. Миёнаравӣ дар умури ғазабовар, дар мисоли ҳолатҳои тарс ва ғазаб, ғам ва ғайрат ва мисли инҳо; 3. Миёнаравӣ дар умури тадбирӣ [6, с. 357].

Маҷмуаи ҳамаи ин намудҳои фазилат ҳамчун адолат шинохта мешавад ва Ибни Сино онро аз фазоили назарӣ берун меҳисобад ва истилоҳи саодатмандро танҳо дар ин муносибат истифода мебарад, ки агар касе ҳам дорои ҳикмати назарӣ ва ҳам амалӣ бошад [6, с. 357]. Агар илова бар ин, инсон дорои ҳисси набавӣ ва ё пайғамбарӣ бошад, пас ӯ парвардигори инсонӣ мебошад, ки пас аз Худо ибодат бар ӯ раво буда, ӯ метавонад умури инсонҳоро ба ихтиёри худ бигирад. Диноршоев дар мавриди фалсафаи амалии Ибни Сино ба чунин натиҷа мерасад, ки дар мавриди ҳокимияти сиёсӣ ӯ зери таъсири Абу Ҳанифа, Мовардӣ ва Форобӣ қарор гирифтааст, ҳамчунин унсури мансубияти ақидаи ӯ ба шиа ба назар нарасида, дар мавриди сарварӣ на аз меросӣ будани он, балки аз фазилатҳои шахсӣ пуштибонӣ менамояд: “Дар масоили ҳокимияти сиёсӣ Ибни Сино пайрави Абу Ҳанифа, Мовардӣ ва Форобӣ мебошад. Ибни Синоро наметавон аз мутафаккирони сиёсии шиъа донист, зеро тарафдори ҳокимияти меросӣ нест. Барои Ибни Сино муҳимтарин шарти интихоби сарвари Мадинаи Фозила на насаб, балки фазилатҳои шахсии ӯ маҳсуб меёбанд”[70, с. 267 ва 71, с. 241].

Дар бахши мазкур мо аз ҳудуди баҳсҳои назарӣ берун шудем ва ба масъалаҳои ҳикмати амалии Ибни Сино машғул гардидем. Ба истиснои он, ки дар оғози ин боб масъалаи маъодро матраҳ гардонидем, ки он дар асл ба ҳикмати назарии Ибни Сино дохил мешавад. Дар ин маврид, мо нишон додем, ки дар қиёс бо лаззат ва хайри паст ва ҷисмонӣ бояд лаззат ва хайри ақлонӣ низ вуҷуд дошта бошад ва мақсади нафс ин раҳо гардидан аз таъсири ҷисм ва расидан ба камолоти худ, яъне ба ақли маҳз расидан мебошад. Дар ин ҷо таъсири Афлотун, навафлотуния ва ниҳоят ирфон хело бузург ба назар мерасад.

Дар қисматҳои минбаъдаи он бошад, бевосита масъалаҳое матраҳ гардидаанд, ки ба ҳикмати амалӣ тааллуқ доранд. Ибни Сино нишон медиҳад, ки инсон як мавҷуди иҷтимоӣ мебошад ва танҳо дар як зиндагии иштирокӣ ва ё умумӣ ӯ хушбахт шуда метавонад. Аммо дар як вақт манфиат ва даъвиҳои худпарастиро соҳиб мебошад, бинобар ин ҳамаи инсонҳо ниёз ба як қонунгузорӣ ва ё таълимоте доранд, ки барои ҳама умумӣ бошад ва ба манфиати ҳеҷ гуруҳе набошад. Дар ин ҷо масъалаи пайғамбар, нафаре, ки инсон аст, аммо ҳеҷ кас дар сифоти инсонӣ ба ӯ баробар шуда наметавонад, ба миён меояд. Таълимоти пайғамбар иборат аз қонунҳое мебошад, ки асли шариатро ташкил медиҳанд ва пайравии ҳар кас аз он қонунҳо ҳатмӣ мебошад. Ибни Сино дар мавриди итоат ва пайравӣ аз қонунҳои шариат сахтгирии беҳадд нишон медиҳад, ки он метавонад ҷои шубҳа низ қарор гирад. Зеро дар ҳар масъала ӯ аз равише кор мегирад, ки он сирф илмӣ ва мантиқӣ буда, дар асоси далелу бурҳон хонандаро водор ба хаққонияти фикри худ мекунад. Аммо дар мавриди қонунҳои шариат бошад, ӯ таслим ва итоаткории бечуну чароро талаб менамояд.

Дар мавриди масоили сиёсӣ ва ахлоқӣ бошад, Ибни Сино аз он равише ҷонибдорӣ менамояд, ки бояд инҳо амаликунандаи қонунҳои шаръӣ бошанд. Ӯ ҷонибдори он аст, ки сиёсатмадор бояд халифа бошад ва пеш аз ҳама доир ба масоили шаръӣ беш аз ҳама дониш дошта бошад. Барои Ибни Сино шариат ва қонунҳои ӯ ягона асл ва ниҳоде ҳастанд, ки метавонанд ба зиндагии иҷтимоъ ва инсонҳо як низом ва маъниеро пешниҳод кунанд ва вазифаи инсонҳо ин танҳо пайравӣ кардан аз қонунҳои пешниҳодкардаи пайғамбар мебошад.

Доир ба масоили иҷтимоӣ як қатор фикрҳои боарзише пешниҳод мегарданд, ки то имрӯз онҳо арзиши худро аз даст надодаанд.

Ягона масъалае, ки беш аз ҳар масъалаи дигар мавриди таваҷҷуҳи Ибни Сино қарор гирифтааст, ин масъалаи издивоҷ мебошад. Ӯ издивоҷро муҳимтарин арзиши иҷтимоӣ ҳисобида, онро асоси низоми иҷтимоӣ медонад. Дар баробари он ӯ роҳро ба ҷудоии ҷуфти издивоҷкарда боз нигаҳ медорад, то ин ки дар мавридҳое, ки зиндагии як ҷуфт бо сабабҳои муайяне пеш намеравад, бояд ҷудо гардид ва аз паи зиндагии нав шуд.

Охирин масъалаи фалсафаи метафизикии Ибни Сино дар асари “Шифо” ин адолат мебошад. Агар нафси инсон бар ҷисми ӯ бартарӣ пайдо намояд ва дар масоили умури ҷисмӣ аз миёнаравӣ кор гирифта шавад, пас маҷмуаи онҳоро метавон бо вожаи “адолат” ифода намуд. Анҷоми асар на бо масъалаҳои назарӣ, балки бо нафаре, ки тавассути таълимоти динӣ нафси худро ба камол расонидааст, ба анҷом мерасад.

ХУЛОСА

Дар ин диссертатсия масъалаҳои густариши фалсафаҳои Юнон, Ҳинд а Эрони Бостон ба сарзаминҳои шарқи исломӣ, саҳми Форобӣ дар густариши фалсафа, масъалаи метафизика, масъалаҳои асосии он, ҳастӣ ва аразҳои хоси он, ҳастӣ ва моҳият, ҷавҳар ва араз, куллӣ ва ҷузъӣ, назарияи сабабҳо, назарияи фаязон, фалсафаи амалии Ибни Сино ва ғайра таҳқиқ шуда, дар натиҷаи таҳқиқ хулосаҳои зерин ба даст омаданд:

1. Аввалин сухане, ки дар мавриди фалсафаи Ибни Сино бояд бигӯем, он аст, ки нақши сарнавиштсозро дар фалсафаи ӯ мероси юнонӣ, бахусус фалсафаи Афлотун, Арасту ва Плотин бозӣ намудаанд. Мероси юнонӣ нахуст қисман бо забонҳои суриёнӣ ва паҳлавӣ тарҷума мешавад ва баъдтар тамоми мероси юнонӣ ба забони арабӣ тарҷума мегардад. Дар як вақт новобаста аз танқидҳои Ибни Сино фалсафаи Калом низ барои фалсафаи Ибни Сино таъсиргузор буд ва ин фалсафа дар пешрафти фалсафаи метафизикӣ таъсир гузоштааст, ки дар таърихи умумии метафизика ҳамчун “оғози дувуми метафизика” маълум мебошад. Дар оғоз мактабҳои исломӣ то андозае дорои хусусияти мутлақгароӣ доштанд. Онҳо ё фақат аз фалсафаи юнонӣ пуштибонӣ менамуданд ва ё танҳо аз Ислом, аммо бо кумаки Ал Киндӣ, Форобӣ ва Ибни Ибни Сино як роҳи миёна пайдо гардида, фалсафаи юнонӣ бо дини ислом оштӣ дода мешавад. Барои шаклдиҳии чунин фалсафа пеш ва беш аз ҳама Форобӣ кӯшиш намудааст, аммо Ибни Сино нахустин шуда Форобиро кашф менамояд ва аз ӯ пайравӣ менамояд. Аз ҳама чизи муҳим он аст, ки файласуфони дигар, ки дар байни Форобӣ ва Ибни Сино зиндагӣ кардаанд, он истилоҳоти фалсафиеро, ки Форобӣ истифода кардааст, истифода нанамудаанд **[7-М], [15-М].**

2. Вақте ки фалсафаи юнонӣ, бахусус фалсафаи Арасту бо забони арабӣ тарҷума гардид, хонандаи мусалмон тасаввури дақиқ аз моҳияти фалсафаи ӯро надошт ва хаёл менамуд, ки он ҳамон маънии таълимоти тавҳидиро ифода менамояд. Чунин нофаҳмӣ ҳатто дар эътирофи худи Ибни Сино низ ба мушоҳида мерасад, аммо ин Форобӣ буд, ки моҳияти таълимоти Арасту, ҳамчунин файласуфони дигари юнониро, барои хонандагони асримиёнагӣ ошкор месозад.

Хидмати Форобӣ дар шаклгирии фалсафаи асримиёнагӣ фавқулодда мебошад. Ӯ нахустин маротиба фалсафаи юнониро бо дини ислом оштӣ медиҳад, илмҳои замони худро тасниф намуда ба як система медарорад ва доир ба ҳамаи онҳо рисола эҷод менамояд, забони фалсафӣ ба вуҷуд меоварад ва масъалаҳои бунёдии фалсафаи метафизикиро тарҳрезӣ менамояд. То солҳои наздик чунин ақида ҳукмрон буд, ки фалсафаи ӯ ҳамон тақлид аз фалсафаи Арасту мебошад, аммо дар ниҳоят маълум гардид, ки ӯ ба як фалсафаи нав бунёд гузоштааст. Аввалин нафаре, ки Форобиро кашф намудааст, ин Ибни Ибни Сино мебошад **[7-М].**

3. Ибни Сино дар пайравӣ аз Арасту илмҳоро ба назарӣ ва амалӣ тақсим менамояд, ки илмҳои амалӣ аз амали инсон вобаста буда, илмҳои назарӣ аз амали инсонӣ вобаста нестанд. Дар асоси муносибати онҳо бо модда илмҳои назарӣ дар навбати худ боз ба се гуруҳ тақсим карда мешаванд ва мавзуъҳои онҳо муайян карда мешаванд. Мавзуи илми табииёт фақат модда, яъне ҳаракат ва оромии ҷисмҳо мебошад; мавзуи илми риёзиёт баъзан модда ва баъзан чизҳои аз модда ҷудо, аммо барои таърифи онҳо модда ҳеҷгуна нақшеро намебозад; аммо мавзуи метафизика масъалаҳои батамом аз модда ҷудо мебошанд ва аз ин ҷиҳат мавзуи илми метафизика як объекти муайян ва маҳдуд нест, балки ҳастии мутлақ мебошад. Дар муносибат бо муносибати ин илмҳо бо инсон, ин илмҳо ба паст (табииёт), миёна (риёзиёт) ва барин (метафизика) тақсим карда мешаванд **[3-М],[9-М].**

4. Номи умумие, ки барои масъалаҳои берун аз ҳудуди физика ва математика гузоштан мумкин аст, танҳо “ҳастӣ ҳамчун ҳастӣ” ва ё “ҳастии мутлақ мебошад”. Форобӣ ва Ибни Ибни Сино ҳанӯз дар оғози як ҷараён аз мавриди инҳироф қарор гирифтани мавзуи асосии фалсафаи метафизикӣ ҷилавгирӣ намуданд. Аксарият мехостанд, ки Худоро ҳамчун масъалаи асосии метафизика шиносанд. Файласуфони зикргардида ин гумонзаниҳоро инкор намуда маҳз “ҳастӣ ҳамчун ҳастӣ”-ро ҳамчун масъалаи бунёдии метафизика асоснок намуданд. Дар ин ҷо дар бораи “ҳастии ҷудо аз модда” сухан меравад. Азбаски Худо низ дорои вуҷуди ҷудо аз модда аст, метавонад яке аз масъалаҳои

метафизика қарор гирад. Дар баробари муайян намудани маънӣ, ҳудуд ва вазифаи метафизика, Ибни Ибни Сино се масъаларо ҳамчун мавзуъҳои хос ба метафизика муайян менамояд, ки инҳо; аразҳои хосси ҳастӣ, асосҳои илмҳои ҷузъӣ ва ниҳоят масъалаи офариниш мебошанд **[3-М], [12-М].**

5. Ибни Сино низ ба мисли Арасту ақида дошт, ки мафҳуми ҳастӣ таърифнашаванда мебошад, зеро он умумитарин ва шинохтатарин мафҳум аст. Он яке аз он мафҳумҳое мебошад, ки ҳанӯз пеш аз ҳар чӣ ва бидуни ҳеҷгуна далел барои зеҳн ошно мебошад. Зоҳиран чунин менамояд, ки он нисбат ба дигар мафҳумҳо ношинохтатар мебошад, аммо дар воқеият он барои зеҳн шинохта мебошад ва тавассути калимаҳои дигар маънии ҳастӣ дар лаҳзаи зарурӣ дастрас мегардад. Бо он ки Ибни Сино бар сари "ҳастии ҷудо аз модда" таъкид менамояд ва аз "ҳастии зеҳнӣ" сухан мегӯяд, андешаҳояш ба идеалистони субективӣ шабоҳат дорад. Ӯ ҳастиро ба се навъ: воҷиб-ул-вуҷуд, имкон-ул-вуҷуд ва маъдум-ул-вуҷуд тақсим менамояд ва ҳанӯз дар оғоз маъдумулвуҷудро аз доираи баҳс берун месозад, зеро дар бораи маъдум хабар додан номумкин мебошад. Аз ин ҷиҳат таркиби асосии ҳастиро дар фалсафаи метафизикии Ибни Ибни Сино воҷиб-ул-вуҷуд ва имкон-ул-вуҷуд ташкил медиҳанд **[12-М].**

6. Яке аз навъҳои ҳастӣ ин воҷиб-ул-вуҷуд, яъне ҳамон Худо мебошад. Фарқияти асосии он аз имкон-ул-вуҷуд дар он аст, ки он дорои вуҷуд ва моҳияти аз ҳам ҷудо намебошад, ба андешаи худи Ибни Сино он танҳо аз шиддати вуҷуд иборат буда, дорои моҳият нест. Азбаски дорои вуҷуд ва моҳияти аз ҳам ҷудо намебошад, онро ба ҷавҳар ва араз, куллӣ ва ҷузъӣ, би-л-қувва ва би-л-феъл ва мисли инҳо ҷудо кардан номумкин мебошад. Фарзи ду воҷиб-ул-вуҷуд ва ё воҷиб-ул-вуҷудҳои зиёд ғайриимкон мебошад, танҳо як фарз собит мегардад, ки воҷиб-ул-вуҷуди ягона, ҳамчун сарчашмаи хайр вуҷуд дорад. Ибни Сино онро ҳамчун ақли маҳз, хайри маҳз ва саодати маҳз муаррифӣ менамояд **[11-М],[14-М].**

7. Баҳси имкон-ул-вуҷуд аз баҳсҳои марказии фалсафаи метафизикии Ибни Синоро ташкил медиҳад. Муҳимтарин нукта дар ин маврид он аст, ки баҳси вуҷуд ва моҳият маҳз ба он тааллуқ дорад. Баҳси моҳият худ як баҳси зеҳнӣ

мебошад ва ҳастӣ низ барои Ибни Сино пеш аз ҳама ин ҳастӣ дар зеҳнро ифода менамояд. Ҳангоме ки баҳси чизро матраҳ менамояд, таъкид менамояд, ки ҳастӣ бояд чизро ҳамеша ҳамроҳӣ намояд ва назари аҳли муътазила, ки чизро баъзан ҳамчун "нестии мутлақ" меҳисобиданд ва асҳоби ҳаюлоро, ки чизро фақат мавҷуд дар олами воқеӣ меҳисобиданд, инкор менамояд. Ягона чизе, ки Ибни Сино инкор намекунад, ин чиз дар зеҳн мебошад. Агар чиз дар олами беруна бошад, аммо бо зеҳн алоқае надошта бошад, он гоҳ он барои зеҳн нест мебошад ва дар бораи он хабар додан номумкин мебошад **[7-М], [13-М].**

8. Баҳси ҷавҳар ва араз ҳамчун аворизи хосси ҳастӣ, аз фалсафаи Арасту сарчашма мегирад, аммо фарқияти асосӣ дар он аст, ки дар ин ҷо ҷавҳар ва араз ва ё ҳамон даҳ категория дорои хусусияти моҳиятӣ мебошанд. Пеш аз ҳама бояд зикр намуд, ки Ибни Сино ҳангоми баррасии мафҳумҳои ҷавҳар ва араз аз як равиши илмӣ истифода бурда, ҳангоми овардани далелҳо кӯшиш менамояд, ки ба илмҳои дақиқ муроҷиат намояд ва мисолҳои равшан оварад. Фалсафаи Ибни Сино беҳтарин намунаи равиши ақлӣ ба ҳисоб меравад.

Масъалаи муҳими дигар ин муносибати маънии вуҷуд ва маънии моҳият мебошад. Дар ин ҷо тасаввури он ки маънии ҳастӣ бо маънии моҳият якҷоя мебошад, инкор мегардад. Агар тасаввур шавад, ки маънии ҳастӣ аз маънии моҳиятҳо фарқ надорад, пас ҳастӣ маънии худро аз даст медиҳад. Бинобар ин, ҳастӣ ба гуруҳи категорияҳо дохил намешавад ва дорои маънии даҳгона низ нест. Агар ҳастӣ баробари моҳиятҳо дорои маънии даҳгона мебуд, он гоҳ антитезиси он, яъне нестӣ низ бояд дорои даҳ маънӣ мебуд, ҳоло он ки нестӣ танҳо дорои як маънӣ мебошад, пас ҳастӣ низ дорои як маънӣ буда, дорои хусусияти трансенденталӣ аст ва ба моҳиятҳо дар зеҳн ориз гардида ба онҳо ҳастӣ мебахшад.

Ҳастӣ дорои ҷинс нест ва аз ин ҷиҳат он ба мақулаҳо на баробар, балки ба тариқи гуногун ориз мегардад. Шиддатнокии ҳастӣ дар ҷавҳар қавитар аст нисбат ба шиддатнокии он дар сифат, миқдор ва изофа ва шиддатнокии он дар шаш мақулаи минбаъда боз камтар мебошад **[6-М], [5-М], [12-М].**

9. Дар таҳлилҳои худ мо нишон додем, ки мафҳуми "модда" дар фалсафаи

Ибни Сино дорои он маъние нест, ки мактабҳои моддигароӣ дар назар доранд. Модда дар муносибат бо сурат ва ё шакл дорои хусусияти пассив буда, он қобилияти ҷисм дар назар дошта мешавад, ки ба он имкони ба дигар шакл табдил гардиданро медиҳад **[4-М].**

10. Куллӣ ва ҷузъӣ аразҳои хосси ҳастӣ мебошанд. Баҳси куллӣ дар фалсафаи Ибни Сино фаҳмиши моҳиятро равшан месозад. Ҷузъӣ худ як қисмати куллӣ мебошад ва аз ин ҷиҳат ба он камтар таваҷҷуҳ карда мешавад. Масъалаи куллӣ бошад асоси бахши мазкурро ташкил медиҳад. Нахуст Ибни Сино ин мафҳуми куллиро дар худии худ мавриди таҳлил қарор медиҳад. Мафҳум дар худ ҳанӯз на куллӣ, на ҷинс, на навъ ва на вуҷуд мебошад. Мафҳум дар худ ҳам аз куллӣ фарқ менамояд ва ҳам аз мафҳуми куллӣ, масалан мо дар таърифи мафҳуми инсон ҳамчун мафҳуми куллӣ аз мафҳуми куллӣ истифода намебарем ва баръакс дар таърифи куллӣ низ мо аз мафҳуми инсон истифода намебарем. Онҳо ду чизи батамом аз ҳамдигар фарқкунанда мебошанд. Нахустин шуда дар зеҳнияти инсон маънии куллӣ ба мафҳуми инсон ҳамл мегардад ва пасон мафҳум ҳамчун мафҳуми куллӣ фаҳмида мешавад. Табиати куллӣ моҳият мебошад, ки дорои ҳеҷгуна вуҷуди зоҳирӣ намебошад, вуҷуди чунин як чиз тамоман номумкин мебошад, зеро дар ин сурат як чиз дар як вақт бояд хусусиятҳои бо ҳам зиддро ифода намояд. Аммо ҳақиқати куллӣ ҳам дар зеҳни инсон ва ҳам дар ҷаҳони беруна вуҷуд дорад. Мафҳуми куллӣ ниёз ба аразҳо ва бахусус нишонаҳои навъӣ ниёз дорад, то ин ки вуҷуди он воқеият пайдо намояд. Фарқияти асосии куллӣ аз кулл дар он аст, ки куллӣ дорои воқеияти зеҳнӣ аст ва кулл бошад дорои воқеияти беруна мебошад **[4-М].**

11. Сабаб ва натиҷа низ аразҳои хосси ҳастӣ мебошанд, зеро онҳо бе ягон шарте ба ҳастӣ мечаспанд.Ибни Ибни Сино шумораи сабабҳоро ба панҷ ва ҳатто ба ҳафт мерасонад, аммо фақат чаҳор сабаби зикркардаи Арасту, яъне сабабҳои моддӣ, сурӣ (шаклӣ), фоъилӣ ва ғойиро муфассал шарҳ медиҳад. Вобаста ба иштироки сабабҳо дар моҳият ва вуҷуди чизҳо Ибни Сино сабабҳоро ба сабабҳои моҳиятӣ ва вуҷудӣ тақсим менамояд. Ибни Сино ақидаҳои мутакаллимонро, ки сабабро фақат барои пайдоиши чизҳо зарур медонистанд ва мавҷудияти

минбаъдаи онҳоро нозарур медонистанд, танқид менамояд. Ба ақидаи Ибни Сино сабаб ва натиҷа ҳамзамон мебошанд ва бидуни мавҷудияти сабаб дар мавриди натиҷа низ сухан гуфтан номумкин мебошад. Аммо дар вуҷуд сабаб ва натиҷа дорои шиддати якхела нестанд, сабаб ҳамчун атокунандаи ҳастӣ ҳамеша дорои зиёдатӣ нисбат ба натиҷа ҳамчун пазирандаи вуҷуд мебошад.

Ҳадафи ғойӣ моҳиятан пештар аз сабабҳои дигар қарор дорад, аммо аз ҷиҳати вуҷуд бошад сабабҳои дигар аз сабаби ғойӣ пештар меистанд. То замоне, ки сабаби ғойӣ вуҷуд надошта бошад, сабабҳои дигар ҳамчун сабаб ба вуҷуд омада наметавонанд. Бинобар ин ҳадафи ғойӣ худ ба хотири худ вуҷуд дорад ва сабабҳои дигар бошанд на ба хотири худ, балки ба хотири сабаби ғойӣ вуҷуд доранд. Ибни Сино табиати сабаби ғойиро бо табиати хайри маҳз айният медиҳад. Хайри маҳз чизест, ки ба хотири худ вуҷуд дорад ва чизҳои дигаре, ки на ба хотири худ, балки ба хотири хайри маҳз вуҷуд доранд, на хайри маҳз, балки ҳамчун чизҳои муфид фаҳмида мешавад. Ба ақидаи Ибни Сино силсилаи сабабҳо беохир нест ва дар оғози ин силсила маҳз хайри маҳз қарор дорад.

Сабабҳои моддӣ ва сурӣ бошанд сабабҳои моҳиятӣ мебошанд, зеро дар таркиби чизҳо вуҷуд доранд. Хусусияти фарқкунандаи сабаби моддӣ аз модда дар он аст, ки модда дорои вуҷуди воқеӣ нест, балки танҳо дар ҳолати би-л-қуввагӣ қарор дорад, аммо баръакси он сабаби моддӣ дар ҳолати би-л-қуввагӣ вуҷуд дошта наметавонад, он ҳамеша дар ҳолати би-л-феълӣ мебошад. Агар сабаби моддӣ ба тариқи би-л-феъл вуҷуд дошта бошад ин ҳатмӣ нест, ки натиҷа низ дар ҳолати би-л-феълӣ вуҷуд дошта бошад. Баръакси сабаби моддӣ ҳангоми фарз кардани сабаби сурӣ бояд натиҷа ба тариқи би-л-феъл вуҷуд дошта бошад **[2-М],[10-М].**

12. Назарияи судур ин аз масъалаҳое мебошад, ки дар партави фалсафаи навафлотуния мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар ин маврид Ибни Сино аз ақидаҳои навафлотуниҳо дар мавриди раванди офариниш сахт мутаассир гардидааст. Ақидаи асосии Ибни Сино он аст, ки дар байни воҷиб-ул-вуҷуд, Худо ва имкон-ул-вуҷуд, яъне ҷаҳон ҳеҷгуна робитаи холиқ ва махлуқ вуҷуд надорад. Балки дар ин ҷо муносибати сабаб ва натиҷа амал мекунад ва унсури

асосии ин муносибат “ҳаракати нахустин” мебошад. Аз як тараф пеш аз ин ҳаракат замон вуҷуд надорад ва аз дигар тараф ин ҳаракати аввалӣ бо ҳаракати дувумӣ дар тамос қарор мегирад, ки дар ноҳияи сабабҳо рух медиҳад. Дар байни ин ду сабаб ҳеҷгуна фосилаи замонӣ вуҷуд надорад. Ба ақидаи Ибни Сино ҳар як ҳаракат ё аз ирода сар мезанад, ё аз табиат ва ё ба тариқи аразӣ. Он ҳаракате, ки аз воҷиб-ул-вуҷуд сар мезанад, фақат аз ирода сар мезанад ва чунин як ҳаракат фақат ба ҳаракати фалакӣ тааллуқ дорад. Дар ин ҷо Ибни Сино ҳаракати фалакиро аз ҳаракати табии фарқ менамояд. Сарчашмаи ҳаракати табиӣ на ирода, балки он аразӣ буда аз табиати чизҳо сарчашма мегирад.

Агар ҳаракати фалакӣ аз ирода сар занад, пас он на аз иродаи мутлақ, балки аз иродаи ҷузъӣ сар мезанад. Иродаи мутлақ ва ё куллӣ ба ақл тааллуқ дорад, аммо ҳаракатҳои ҷузъӣ бошад ба нафс тааллуқ дорад ва ин чунин маънӣ дорад, ки иродаи нафси фалакӣ сабаби наздики ҳаракати фалакӣ мебошад. Дар як қисмати минбаъдаи назарияи судур Ибни Сино раванди офаринишро аз сабаб ва ақли аввалин то ба касрат дар ақл, ки бо сабаби касрати сабабҳо ба вуҷуд меояд матраҳ менамояд **[16-М].**

13. Дар охири метафизикаи худ Ибни Сино аз ҳикмати назарӣ ба ҳикмати амалӣ мегузарад. Дар ин бахш зарурат ба шариат ҳамчун асли таъминкунандаи низом ва осудагӣ дар ҷомеа таъкид мегардад, ки дар як вақт он асоси сиёсат ва ахлоқро низ ташкил медиҳад. Ҳадаф аз ҳикмати амалӣ ин ба камол расонидани нафси амалии инсон мебошад. Қонунҳои шариат ҳамчун василаи камолоти нафс, раҳо гардидани он аз банди ҷисм ва дарёфти лаззати ақлонӣ ва хайри маҳз нишон дода мешавад. Доир ба солимии шаҳр ва ҷомеа як қатор маслиҳатҳои муфид дода мешавад ва беш аз ҳама ба зарурати издивоҷ ва зиндагии оилавӣ таъкид мешавад.

Дар ниҳоят аз миёнаравӣ, ё худ ҳадди миёна, ҳамчун беҳтарин фазилати ахлоқӣ ном бурда мешавад, ки бадин васила нафс ба камолоти худ мерасад ва аз қуввахои ҷисмонӣ, шаҳвонӣ ва ҷасорат ба андозаи зарурат истифода мегардад. Зуҳури чунин ҳолат дар инсон маънии тантанаи адолатро дорад, ки дар он камолоти назарӣ ва амалии инсон ифода меёбад. Шояд унвони китоб бо ҳамин ҳолати инсон мувофиқат намояд, ки дар он камолоти нафси инсонӣ ва раҳогии

он аз банди фармондеҳии ҷисм ифода ёфтааст. Шифо ёфтани нафси инсон аз банди ҷисм ва модда ва ба сӯи ақли маҳз ҳаракат кардани он, ки ин ҳадафи ниҳоии фалсафаи метафизикии Ибни Синоро ташкил медиҳад **[17-М].** .

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Ҳангоми ҷамъоварии маводди таҳқиқ, омӯзиш ва баррасии мабоҳиси диссертатсия масъалаҳои зерин пеш омаданд, ки дар оянда бояд муҳаққиқони Ибни Синошиносӣ ва мутахассисони фалсафа ба онҳо таваҷҷуҳ кунанд:

– Рисола масъалаи фалсафаи метафизикии Ибни Ибни Сино ва дар ҳамин муносибат баъзе ҷиҳатҳои фалсафаи асримиёнагӣ бахусус замина ва шеваҳои аввали инкишофи он дар оғози марҳалаи исломро дақиқ ва бунёдӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Бинобар ин он метавонад барои муҳаққиқон ва пажуҳишгарони ин соҳа дар муассисаҳои таълимӣ ва таҳқиқотӣ ҳамчун маводи боарзиш истифода гардад.
– Масъалаи метафизика як масъалаи бунёдии фалсафаи ҷаҳонӣ ва дарозтарин анъанаи фалсафӣ мебошад. Дар рисола дар алоқамандӣ бо фалсафаи Ибни Сино як қатор хусусиятҳои метафизика мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, ки он ба муҳаққиқони ҷавон барои ошно гардидан бо дастовардҳои пажуҳишҳои ҷаҳонӣ дар ин соҳа маълумоти муфид фароҳам меоварад, ҳамчунин он метавонад ҳамчун заминаи ибтидоӣ барои омӯзиш ва таҳқиқи минбаъдаи онҳо хидмат намояд.
– Дар баробари фалсафаи метафизикии Ибни Сино, рисола доир ба фалсафаи Форобӣ ва нақши он дар шаклгирии фалсафаи асримиёнагӣ маводи муфид пешниҳод намудааст, ки асосан дар асоси таҳлили бевоситаи рисолаҳои ӯ сурат гирифтаанд. Дар баробари Форобӣ доир ба шахсиятҳои дигар ва равияю таълимоти дар асрҳои 9-11 роиҷбудаи ҷаҳони ислом маълумоти муҳим пешниҳод гардидааст, ки дар умум ба хонанда дониши фарогир ва бунёдӣ доир ба муҳити фалсафии ин давра медиҳад.
– Қисматҳои алоҳидаи рисола, ки доир ба масъалаҳои гуногуни фалсафӣ

ҳастанд, метавонанд маводи муфид барои дарки он дар замони муайяни таърихӣ гарданд, ки барои муқоисаи онҳо бо бинишҳои асрҳои дигар ҳамчун адабиёт кумак мерасонад.

– Дар рисола аз рӯи имкон аз пажуҳишҳои ҷаҳонӣ ва аврупоӣ дар мавриди таҳқиқи фалсафаи метафизикии Ибни Сино истифода гардидааст. Ин барои пажуҳишгарони ватанӣ имкон медиҳад, ки аз назари муҳаққиқони ҷаҳонӣ оид ба фалсафаи Ибни Ибни Сино ва бахусус метафизикаи ӯ огоҳӣ пайдо намуда, аз дастовардҳои онҳо дар пажуҳишҳои худ истифода намоянд. Фалсафаи Ибни Сино аз ҳар ҷиҳат бо анъанаи метафизикаи ҷаҳонӣ алоқамандӣ дошт, аз як ҷиҳат он бо фалсафаи Арасту ва Навафлотуния алоқа дошт ва аз дигар тараф бо фалсафаи асримиёнагии аврупоӣ, бинобар ин омӯзиши Ибни Сино бевосита моро ба омӯзиши анъанаи фалсафаи метафизикаи ҷаҳонӣ раҳнамун месозад.
– Ҳангоми таҳлили фалсафаи Ибни Сино, нахустин маротиба масъалаи ҳастӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба он дақиқ ва фарогир мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Ҳангоми таҳқиқ ба хотири дақиқияти андешаҳо аз методи таҳлили констекстуалӣ истифода гардидааст, чунин равиш ба муҳаққиқони ҷавон имкон медиҳад, ки онҳо ҳангоми омӯзиши дигар масъалаҳои фалсафӣ ва ҳамчунин дигар файласуфон аз методҳои дар рисолаи мазкур истифодагардида истифода намоянд.
– Дар рисола ба хубӣ нишон дода шудааст, ки Ибни Ибни Сино чигуна ҳангоми таҳлили масъалаҳо аз методҳои сирф мантиқӣ ва ҳатто математикӣ ва геометрӣ истифода кардааст. Шинохтани ин маҳорати Ибни Сино барои рушд ва беҳтар гардонидани тафаккури мантиқӣ ва фалсафӣ ва ҳамчунин ҷаҳонбинии илмии муҳаққиқон кумак карда метавонад.
– Маводҳои гуногуни дар рисола истифодагардида метавонад дар муассисаҳои таълимӣ ва таҳқиқотии ҷумҳурӣ барои омода сохтани барномаҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ-таълимӣ ва дигар воситаҳои таълимӣ хидмат намояд.

А) РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИ

I. Сарчашмаҳо:

1. Абу Алӣ ибн Ибни Сино. Наҷот (Илоҳиёт) [Матн] / И.Ибни Сино; Таҳиякунанда ва тарҷумаи Сайид Яҳё Ясрибӣ. – Теҳрон, 1385 (2007).
2. Абу Алӣ ибни Ибни Сино. Осор [Матн] / Абу Алӣ ибни Ибни Сино. – Душанбе, 2005. – Ҷ.1. – 852 с.
3. Абу Алӣ ибни Ибни Сино. Осор [Матн] / Абу Алӣ ибни Ибни Сино. – Душанбе, 2007. – Ҷ.7. -528 с.
4. Абуалӣ ибни Ибни Сино. Осори мунтахаб [Матн] / Абу Алӣ ибни Ибни Сино. – Душанбе: Ирфон, 1985. – Ҷ. 2. – 448 с.
5. Абуалӣ ибни Ибни Сино. Осори мунтахаб [Матн] / Абу Алӣ ибни Ибни Сино. – Душанбе: Ирфон, 1992. – Ҷ. 4. – 320 с.
6. Абуалӣ ибни Ибни Сино. Китоб Аш-шифо (Илоҳиёт) [Матн]: арабӣ–форсӣ, / И.Ибни Сино; Таҳия ва тарҷумаи Иброҳими Додҷӯ. – Теҳрон, 1388. – (2010). – 357с.
7. Абуалӣ ибни Ибни Сино. Донишномаи Алоӣ [Матн]: мантиқ ва метафизика / А.И.Ибни Сино; Таҳиякунанда Аҳмад Хуросонӣ. – Теҳрон, 1360. – (1982).
8. Абуалӣ ибни Ибни Сино. Донишномаи Алоӣ [Матн]: (Метафизика) / А.И.Ибни Сино; Таҳияи Муҳаммад Муъин. – Теҳрон, 1353. – (1985). – Нашри дувум.
9. Абуалӣ ибни Ибни Сино ва фарҳанги замони ӯ [Матн] / Абу Алӣ ибни Ибни Сино. – Душанбе, 2005. – 320 с.
10. Ибни Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот [Матн] / Таҳиякунанда Ҳ. Маликшоҳӣ, нашри шашум, қисми якум. –Теҳрон, 2009. – 564.
11. Абу Алӣ ибни Ибни Сино. Давоҳои дарди дил [Матн] // Абуалӣ ибни Ибни Сино. Осори Мунтахаб. – Душанбе, 1980. – Ҷ.2. – 397-431.
12. Абу Алӣ ибни Ибни Сино. Дар ақсоми улуми ақли [Матн] // Абуалӣ ибни Ибни Сино. Осори мунтахаб. – Душанбе, 1980. – Ҷ.2. – 61-74.
13. Абу Алӣ ибни Ибни Сино. Дар баёни кайфият ва иллати будани замин

[Матн] // Абуалӣ ибни Ибни Сино. Осори Мунтахаб. – Душанбе, 1980. – Ҷ.2. – 299 с.

14. Абуалӣ ибни Ибни Сино. Дар баёни тақсими нуфус [Матн] // Абуалӣ ибни Ибни Сино. Осори Мунтахаб. – Душанбе, 1980. – Ҷ.2. –С.61-73.
15. Абуалӣ ибни Ибни Сино. Дар ҳақиқат ва кайфияти силсилаи мавҷудот ва тасалсули асбоби мусаббабот [Матн] // Абуалӣ ибни Ибни Сино. Осори Мунтахаб. – Душанбе, 1980. – Ҷ.2. – С.187-210.
16. Арасту. Метофизика (Мобаъдултабиа). Тарҷумаи Шарофиддини Хуросонӣ. – Теҳрон, соли нашр: тақрибан 1388 (2010). – 522.
17. Абуалӣ ибни Ибни Сино. Донишнома [Матн]] // Абуалӣ ибни Ибни Сино. Осори мунтахаб. – Душанбе, 1980. – Ҷ.1. –С. 29-55.
18. Абуалӣ ибни Ибни Сино. Ишорат ва танбеҳот [Матн] // Абуалӣ ибни Ибни Сино Осори мунтахаб. – Душанбе, 1980. – Ҷ.1. – 143-180.
19. Абуалӣ ибни Ибни Сино. Мабдаъ ва маъод [Матн] // Абуалӣ ибни Ибни Сино. Осори мунтахаб. – Душанбе, 1980. – Ҷ.1. – С. 297-388.
20. Абуалӣ ибни Ибни Сино. Осор [Матн] / Абу Алӣ ибни Ибни Сино. – Душанбе: Дониш, 2009. – Ҷ.5. – 658 с.
21. Абуалӣ ибни Ибни Сино. Рисолаи нафс [Матн] // Абуалӣ ибни Ибни Сино. Осори мунтахаб – Душанбе, 1980. – Ҷ.2. –С. 45-65.
22. Абуалӣ ибни Ибни Сино. Рисолаи саргузашт [Матн] // Абуалӣ ибни Ибни Сино. Осори мунтахаб. – Душанбе, 1980. – Ҷ.1. – С.17-25.
23. Абуалӣ ибни Ибни Сино. Таъбири руъё [Матн] // Абуалӣ ибни Ибни Сино. Осори мунтахаб. – Душанбе, 1980. – Ҷ.2. – С.167-185.

Сарчашмаҳо бо забони русӣ

24. Ибн-Сина (Авиценна) [Текст]: Исцеление (Теология) / Ибн Сина. Перевод с арабского профессор, доктор философских наук Тауфика Ибрагима; Институт Востоковедения Российской Академии Наук.-ИВ РАН: – Садра, 2024. - Том I (720с), Том II (600 с).
25. Абу Али ибн Сина. (Авиценна) Сочинения [Текст] / Абу Али ибн Сина. –

Душанбе: Дониш, 2005. – Т.1 – 959 с.
26. Абу Али ибн Сина. (Авиценна) Сочинения [Текст] / Абу Али ибн Сина. – Душанбе: Дониш, 2005. – Т.2. – 841 с.
27. Абу Али ибн Сина. (Авиценна) Сочинения [Текст] / Абу Али ибн Сина. – Душанбе: Дониш, 2005. – Т.3. – 682 с.
28. Абу Али ибн Сина. (Авиценна) Сочинения [Текст] / Абу Али ибн Сина. – Душанбе: Дониш, 2005. – Т.4. – 1002 с.
29. Абу Али ибн Сина. Избранные произведения [Текст] / Абу Али ибн Сина. – Душанбе: Ирфон, 1980. – Т.1. – 420 с.
30. Ибн Сина (Авиценна) Избранные философские произведения [Текст] / Ибн Сина. – М.: Наука, 1980. – 522 с.
31. Абу Али ибн Ибни Сино. Дополнения к книге “Спасения” [Текст] / Абу Али ибн Сина. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 112 с.
32. Аверроэс (Ибн Рушд). Опровержение опровержения. [Текст] / Аверроэс (Ибн Рушд). – Киев: Санкт-Петербург, 1999. – 687 с.
33. Аль-Фараби. Философские трактаты [Текст] / Аль-Фараби. – Алма-Ата: Наука, 1970. – 429 с.
34. Аль-Фараби. Социально–этические трактаты [Текст] / Ал–Фараби. – Алма-Ата: Наука, 1973. – 400 с.
35. Аль-Фараби. Трактат о вакууме [Текст] // Фараби – крупнейший мыслитель средневековья. – Ташкент: Фан, 1973. – С.91–98.
36. Аль-Фараби. Существо вопроса [Текст] // Аль-Фараби. Естественно научные трактаты. – Алма-Ата: Наука, 1978. – С.227-250.
37. Аристотель. Вторая аналитика [Текст] // Аристотель. Сочинения в четырех томах. – М., 1978. – Т.2. – С. 257-346.
38. Аристотель. Метафизика [Текст] // Аристотель. Сочинения в четырех томах. – М.,1975. – Т.1. – С.5-498.
39. Аристотель. О душе [Текст] // Аристотель. Сочинения в четырех томах. – М.,1975. – Т.1. – С.499-550.
40. Аристотель. О софистических опровержения [Текст] // Аристотель.

Сочинения в четырех томах. – М., 1978. – Т.2. – С.535-685.
41. Аристотель. Топика [Текст] // Аристотель. Сочинения в четырех томах. – М.,1978. – Т.2. – С.349-530.
42. Ибн Сина. Восточная философия [Текст] // Ибн Сина. Сочинения. – Душанбе, 2005. – Т.2. – С. 6-166.
43. Ибн Сина. Даниш-наме [Текст] // Ибн Сина. Избрание произведения. – Душанбе, 1980. – Т.1. – С.69-103.
44. Ибн Сина. Жизнеописание [Текст] // Ибн. Сина. Избранные произведения. – Душанбе, 1980. – Т.1. – С.55-66.
45. Ибн-Сина. Канон врачебной науки [Текст] / Ибн Сина; Сост. У. И. Каримов, Э. У. Хуршут // Избр. разделы. – Ташкент: Фан, 1985. – 768 с.
46. Ибн Сина. Математические главы “Книги знания” [Текст] / Ибн Сина. – Душанбе, 1967. – 458 с.
47. Ибн Сина. О душе [Текст]:фрагмент из книги «Спасения»/ Ибн Сина // Избранные произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока. – М., 1960. – 450 с.
48. Ибн Сина. О душе [Текст] / Ибн Сина // Избранные произведения. – М., 1980. – 389 с.
49. Ибн Сина. Об образовании гор и минералов (фрагмент из книги «Исцеление» [Текст] // Ибн Сина // Избранные произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока – Москва, 1961. – 400 с.
50. Ибн Сина. Освещение [Текст] // Ибн Сина. Избранные произведения. – Душанбе, 1980. – Т.1. – С.320-362.
51. Ибн Сина. Переписка Беруни и Ибн Сина [Текст] // Ибн Сина. Избранные произведения. – Душанбе, 1980. – Т.1. – С. 365-388.
52. Ибн Сина. Руководства по философии [Текст] // Ибн Сина. Сочинения. – Душанбе, 2005. – Т.2. – С. 496-521.
53. Ибн Сина. Трактат о любви [Текст] / Ибн Сина. – Тбилиси, 1967. – 357 с.
54. Ибн Сина. Трактат о птицах [Текст] / Ибн Сина // Избранное. – М., 1980. – 289 с.

55. Ибн Сина. Трактаты [Текст] // Ибн Сина. Сочинения. – Душанбе, 2005. – Т.2. – 431 с.
56. Ибн Сина. Указания и наставления [Текст] // Ибн Сина. Избранные произведения. – Душанбе, 1980. – Т.1. – С. 205-255.
57. Ибн Туфайль. Роман о Хайе, сыне Якзана [Текст] / И. Туфайль // Избранные произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока. – М., 1961. – 429 с.

Сарчашмаҳо бо забонҳои аврупоӣ

58. Aristoteles. Metaphysik [Text] / Aristoteles // Philosophische Schriften. Th.5. – Hamburg, 1995. -324 s.
59. Avicenna. The Metaphysics of The Healing, Al–Šifāʿ (ʿIlāhīyāt) [Text] / Avicenna // A parallel English–Arabic text translated, introduced, and annotated by Michael E. Marmura, – Provo: Untah 2005. - 868 p.
60. Avicenna. The Metaphysica of Avicenna (ibn Sīnā) [Text] / Avicenna (A critical translation–Commentary and Analysis of the Fundamental Arguments in Avicenna's Metaphysica in the DānišNāma–iʿAlāʿ–ī′(„The Book of Scientific Knowledge“ by ParvizMorewedge), – London, 1973. - 336 p.
61. Avicenna, Das Buch der Genesung der Seele, Die Metaphysik Avicennas [Text] / Avicenna; Übersetzt und Erläutert von Horten M., -Frankfürt am Main, 1960. - 799 s.

II. Адабиёти илмӣ:

62. Ашуров, Ғ. Фалсафа дар аҳди Сомониён [Матн] / Ғаффор Ашуров – Душанбе, 2006. – 220 с.
63. Ардаконӣ, Р.Д. Дар бораи илм [Матн] / Ардаконӣ Ризо Доварӣ. – Душанбе: Дониш, 2010. – 284 с.
64. Афлотун. Панҷ рисола [Матн] / Афлотун; Тарҷумаи Муҳаммад Ибни Синоъӣ. – Теҳрон, 1389. – 200 с.
65. Афлотун. Чаҳор рисола [Матн] / Афлотун; Тарҷумаи Муҳаммад Ибни Синоъӣ. – Теҳрон, 1390. – 250 с.

66. Болтаев, М. Ақидаҳои фалсафии Абуалӣ ибнӣ Ибни Сино [Матн] / М.Н.Болтаев. – Душанбе: Дониш, 1969. – 253 с.
67. Воҳидов, С. Абуалӣ ибни Ибни Сино дар назми асрҳои XII–XV [Матн] / С.Воҳидов, Н. Қулматов. – Душанбе, 1980. – 201 с.
68. Гуашон, А.М. Таъсири Ибни Сино ба ғарб [Матн] / А.М.Гуашон // Садои Шарқ, 1967. – №1. – С.126-134.
69. Ғаззолӣ Муҳаммад, Мақосид-ул-фалосифа [Матн] / Ғаззолӣ Муҳаммад; аз арабӣ тарҷумаи Д.М.Хазоилӣ, таҳияи матн ба алифбои кирилии тоҷикӣ ва тасҳеҳу тавзеҳот Н. Зокиров; таҳти назари М. Диноршоев. АИҶТ. Ин-ти фалсафа сиёсатшиноси ва ҳуқуқ. – Душанбе, 2018. – 208 с.
70. Диноршоев, М. Матолиби фалсафаи Ибн Ибни Сино [Матн] / М. Диноршоев. – Душанбе, 2011. – 407 с.
71. Диноршоев, М. Ҷусторҳо дар фалсафаи Ибни Ибни Сино [Матн] / М. Диноршоев. – Душанбе, 2017. – 656 с.
72. Диноршоев, М. Афрӯзандаи нури хирад ва афшонандаи тухми маърифат Абу Алӣ ибни Ибни Сино [Текст]: Осор / М. Диноршоев. – Душанбе, 2005. – Ҷ.1. – 253 с.
73. Диноршоев, М. Луғати русӣ ба тоҷикии истилоҳоти фалсафа [Матн] / М.Диноршоев., З.Диноршоева. – Душанбе, 2016. – 343 с.
74. Диноршоев, М. Баҳси мутакаллим бо файласуф [Матн] / М.Диноршоев, Н.Қулматов // Мушкилоти Ибни Ибни Сино. – Душанбе. –1980. – С.116 - 131.
75. Диноршоев, М.Ибни Ибни Сино ва Фахруддини Розӣ [Матн] / М.Диноршоев, Н.Қулматов. // Садои Шарқ. – 1980. – №6. – С. 110 -117.
76. Диноршоев, М. Фалсафаи бостонии тоҷик [Матн] / М.Диноршоев // Фалсафа. – Душанбе: Маориф, 1997. – Қ.1. – С.38-66.
77. Довудӣ, А. Ақл дар ҳикмати машшоия, аз Арасту то ба Ибни Ибни Сино [Матн] / Довудӣ Алимурод. – Теҳрон, 1387(2009).
78. Забеҳӣ, М. Фалсафаи машшоия [Матн] / З.Муҳаммад. – Теҳрон, 1389. – Нашри савум.

79. Зиёзода, И.Ғ. Тасаввуфи фалсафӣ. Ҳастишиносӣ ва маърифати сӯфиёна [Матн] / И.Ғ. Зиёзода. – Душанбе, 2016. – Қ.2. – 445 с.
80. Ибни Қифтӣ. Таърих ал Ҳукамо [Матн] / Ибни Қитфӣ; Таҳиякунанда Л. Липперт. – Лайпсиг, 1903. 496 с.
81. Идибеков, Н. Таълимоти фалсафии Ҳиндустони қадим [Матн] / Н. Идибеков // Фалсафа. – Душанбе: Маориф, 1997. – Қ.1. – С.24–23.
82. Ислом - маълумотномаи мухтасар [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 160 с.
83. Мухтор, Ш. Замон ва тарҷумон [Матн] / Мухтор Шокир. – Душанбе: Адиб, 1989. – 208 с.
84. Мухтор, Ш. Саҳми ду Ибни Синошиноси фаронсавӣ [Матн] / Мухтор Шокир. // Комсомоли Тоҷикистон. – 1980. – 16 июл.
85. Мухтор, Ш. Ибни Сино ва фаронсавиёни муосир [Матн] / Мухтор Шокир. // Комсомоли Тоҷикистон. – 1980. – 16 март.
86. Мухтор, Ш. Ибни Сино ва Гуашон [Матн] / Мухтор Шокир. // Садои Шарқ, 1980. – №8. – С.138 -142.
87. Наршахӣ Абубакр. Таърихи Бухоро [Матн] / Наршахи Абубакр. – Теҳрон, 1317 (1936).
88. Наср Сайид Ҳусайн. Фаҳмиши табиат дар андешаи исломӣ [Матн] / Наср Сайид Ҳусайн. – Теҳрон, 1377 (1999), – Нашри чаҳорум.
89. Ниёзӣ, Ё. Андешаи файласуфони муосири араб дар бораи Ибни Ибни Сино [Матн] / Ниёзӣ Ёрмуҳаммад. – Душанбе, 2008. – 318 с.
90. Ниёзӣ, Ёрмуҳаммад Бобо. Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таҳаввули он дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик [Матн] / Ниёзӣ Ёрмуҳаммад Бобо. –Душанбе, 2022. – 332 с.
91. Карoматулло, О. Баррасиҳо дар тасаввуф [Матн] / К. Олимов. – Душанбе: Шарқи озод, 1999. – 140 с.
92. Осимӣ, М. Абуалӣ ибнӣ Ибни Сино ва тамаддуни ҷаҳонӣ [Матн] / Муҳаммад Осимӣ // Садои Шарқ, 1980. – №8. – С.3-11.
93. Осимӣ, М. Материализми диалектикӣ [Матн]: васоити таълимӣ барои

студентони донишкадаҳои олӣ / Муҳаммад Осимӣ, Болтаев Муҳаммад. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 230 с.

94. Очеркҳои таърихи фалсафа [Матн]. – Душанбе: Дониш, 1982. – 288 с.
95. Осимӣ, М. Пайдоиш ва ташакулли тафаккури фалсафӣ [Матн] / М. Осимӣ. – Душанбе, 1970. – 245 с.
96. Осимӣ, М. Ҳаким, мутафакир ва инсонпарвари бузург [Матн] / М.Осимӣ // Коммунисти Тоҷикистон. – 1980. – №9.
97. Рашод, М. Фалсафа аз оғози таърих [Матн] / Рашод Муҳаммад. – Душанбе: Ирфон, 2002. – Ҷ.3-4. – 404 с.
98. Сафо, З. Таърихи илм дар тамаддуни исломӣ [Матн] / Сафо, Забеҳулло. – Теҳрон, 1384. – (2006).
99. Сафо, С. Ибни Ибни Сино [Матн] / Сафо Забеҳулло. – Теҳрон, 2005.
100. Сироҷов, Ф. Масъалаҳои фалсафаи ҳастӣ дар “Наҷот”-и Ибни Ибни Сино [Матн] / Сироҷов Фахриддин. – Душанбе, 1980. – 138 с.
101. Гаҳварин, С. Ҳуҷҷат-ул-ҳақ Абу Алӣ Ибни Сино [Матн] / Содиқ Гавҳарин. – Теҳрон, 1356 (1978).
102. Старр, С.Ф. Маърифати гумшуда [Матн]: асри тиллоии Осиёи Марказӣ аз истилои араб то Темурланг. / С.Ф.Старр; Тарҷумаи А. Мамадназаров. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 692 с.
103. Султонов, С.А. Гуашон ва Ибни Синошиносӣ дар Фаронса [Матн] / С.А.Султонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Ибни Сино, 2009. – №3(51) – С.108-112.
104. Султонов, У. Ақидаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии Абуалӣ ибни Ибни Сино [Матн] / У.Султонов. – Душанбе, 1975. – 169 с.
105. Султонов, А. Муосирони Абуалӣ ибни Ибни Сино [Матн] / А.Султонов. – Душанбе: Дониш, 1980. – 127 с.
106. Суҳайл, М. Афнон. Луғати фалсафии форсӣ-арабӣ [Матн] / М.Суҳайл. – Байрут 1969.
107. Турсунов, А. Коинот ва ҷараёни дониши инсон [Матн] / Турсунов Акбар. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 118 с.

108. Турсунов, А. Эҳёи Ачам [Матн] /. Турсунов, Акбар. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 208 с.
109. Умарзода, И. Абуалӣ Ибни Сино ва Айнулқузот [Матн] / Умарзода Иброҳим. // Илм ва ҳаёт, 1990. – №10. – С.1-2.
110. Фахрӣ, М. Сайри фалсафа дар ҷаҳони ислом [Текст] / Фахри Моҷид; (тарҷумаи форсӣ зери назари Насруллоҳи Пурҷаводӣ), – Теҳрон 1372 (1994). -437 с.
111. Фаробӣ, А Расоили фалсафӣ [Матн] / Форобӣ Абунаср. – Теҳрон, 1387 (2009). -253 с.
112. Фирӯзҷонӣ, Ё.К. Навгониҳои фалсафаи исломӣ дар метафизика [Матн]: дар мисоли фалсафаи Ибни Ибни Сино / Ёралӣ Курд Фирӯзҷонӣ. – Нигориш, 1386. (2008).
113. Фрай Ричард. Асри тиллоии Эрон [Матн] / Фрай Ричард. – Теҳрон, 1388 (2009).
114. Хуморов, Д. Илми муосир дар бораи низоми мураккаби сохти мода [Матн] / Д. Хуморов // Фалсафа. – Душанбе: Маориф, 1997. – Қ.I. – С.293-298.
115. Хуморов, Д. Таълимоти фалсафӣ роҷеъ ба ҳаракат [Матн] / Д.Хуморов // Фалсафа. – Душанбе: Маориф, 1997. – Қ.I . – С.298-30.
116. Хусрав Носир. Зод-ул-мусофирин [Матн] / Носир Хусрав. – Душанбе, 2010. – 511с.
117. Ҳазратқуллов, М. Тасаввуф [Матн] / М. Ҳазратқулов. – Душанбе: Маориф, 1988. – 128 с.
118. Насруллоҳ, Ҳ. Метафизикаи Ибни Ибни Сино [Матн] / Ҳикмат Насруллоҳ. – Теҳрон, 1389. (2011).
119. Ҳушанг Лайло. Таърихи Настуриён [Матн] / Ҳушанг Лайло. – Теҳрон, 1389. (2011).
120. Ясрибӣ Сайид Яҳё. Фалсафаи машшоъ [Матн] / Ясрибӣ Сайд Яҳё. – Қум, 1383. (2005).
121. Яздӣ Маҳдӣ Ҳоъирӣ, Ҷусторҳои фалсафӣ [Матн] / Яздӣ Маҳдӣ Ҳоъирӣ. – Теҳрон, 1384. (2006).

Таҳқиқот бо забони русӣ

122. Абу Али ибн Сина и мировая цивилизация [Текст] / А.И.Ибни Ибни Сино // Тезисы докладов международной научной конференции. – Душанбе, 2005. –191с.
123. Аристотель. Категории. С прил. "Введения" Порфирия к "Категориям" Аристотеля [Текст] /Аристотель. – М.,: Соцэкгиз, 1939. – XXXVI. – 84 с.
124. Алтаев, Ж. Классическая исламская философия средневековья [Текст] / Ж. Алтаев. – Алматы: Казан университети, 2016. – 396 с.
125. Аникеев, Н.П. О материалистических традициях в индийской философи [Текст] / Н.П. Аникеев. – М.: Наука, 1965. – 260 с.
126. Асимов, М. С. Великий гуманист [Текст] / М.С. Асимов // Известия АН Таджикской ССР, ООН. – 1980. – №3. С. 7-12.
127. Асимов, М. Вклад Ибн Ибни Сино в мировою цивилизацию [Текст] / М. Асимов., М. Диноршоев // Ибн Ибни Сино и средневековая философия. – Душанбе: Дониш,1981. – С.10-32.
128. Асимов, М. Авиценна и мировая цивилизация [Текст] / М. Асимов // Народи Азии и Африки, 1980. – №5. – С.77-88.
129. Асимов, М.С. Величие Авиценны [Текст] / М. С. Асимов // Торжество Разума. – Душанбе: Дониш, 1988. – С.3-18.
130. Асимов, М. Ибн Сина и его роль в развитии мировой цивилизации [Текст] / М.Асимов, М.Диноршоев // Ибн Сина (Авиценна). Избранные философские проиведения. – М.: Наука, 1980. – С.7-44.
131. Асмус, В.Ф. История античной философии [Текст] / В.Ф. Асмус. – М.: Высшая школа, 1965. – 320 с.
132. Асмус В. Ф. Проблема интуиции в философии и математике [Текст] / В.Ф. Асмус. – М., 1963. – 312с.
133. Ахведиани, В. Г. Фонетический трактат Авиценны (Абу Али ибн Сина) [Текст] / В. Г. Ахведиани. – Тбилиси: Мецниереба, 1966. – 85 с.
134. Ахундов, М. Д. Концепция пространства и времени: истоки, эволюция, перспективы [Текст] / М.Д. Ахундов. – М., 1982. – 220 с.

135. Мадди Ахмад ибн Баджа и современное Советское востоковедение [Текст] / Мадди Ахмад ибн Баджа // Рационалистическая традиция и современность. – М.: Наука, 1990. – С.256-278.

136. Ашуров, Г. Философия эпохи Саманидов [Текст] / Г.Ашуров. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 217 с.

137. Ашуров, Г. А. Об отношение Насира Хусрава к Абу Бакру ар–Рози [Текст] / Г.А.Ашуров // Изв. АН. Тадж. СССР. 9 Отделение обществнных наук. – Душанбе, 1963. – №2(33). – С. 41-49.

138. Ашуров, Г. А. Средневековая ирано-арабская философия в оценке Гегеля [Текст] / Г. А. Ашуров., М. Диноршоув // Известия АН Таджджик. ССР. Отдел. Обществ. наук. – 1979. – №2. – С.9-18.

139. Бабаев, К. Ибн Сина в средневековой Европе [Текст] / К.Бабаев // Известия АН Таджик. ССР. Отд. Обществ. наук. – 1980. – №3. – С.12-19.

140. Баротов, М.Б. Абу Али ибн Сина [Текст] / М.Б. Баротов, П.Г. Булгаков, У.И. Каримов. – Ташкент, 1980. – 300 с.

141. Бертельс, Е.Э. Суфизм и суфийская литература [Текст] / Э.Е. Бертельс. – М.: Наука, 1965. – 524 с.

142. Бертельс, Е. Э. История таджикского-персидской литературы [Текст] / Е. Э. Бартельс // Избранные произведения. – М., 1960. – Т.1. – 433 с.

143. Беруни. Избранные произведения [Текст] / Беруни. – Ташкент, 1976. – Т.3. – 491 с.

144. Блонский, П. П. Философия Плотина [Текст] / П. П. Блонский. – М., 1918. – VIII. – 367 с.

145. Богданов, И. Абу Али ибн Ибни Сино [Текст] / И. Багданов. – М., 1986, – 150 с.

146. Богоутдинов, А. М. Избраные произведения [Текст] / А. М. Богоутдинов. – Душанбе, 1980. – 419 с.

147. Богуутдинов, А.М. Очерки по истории таджикской философиии [Текст] / А.М. Богтдинов. – Сталинобад, 1961. – 369 с.

148. Богоутдинов, А.М. Великий мыслитель средневековья [Текст] / А.М.

Богуутдинов // Литературный Таджикистан. Альманах, кн. 5. – Сталинобад, 1953.

149. Болтаев, М.Н. Абу Али ибн Сина–великий мыслитель, ученный–энциклопедист средневекового Востока [Текст] / М. Н. Болтаев. – Ташкент, 1980. – 353 с.
150. Болтаев, М.Н. Вопросы гносеологии и логики в произведених Ибн–Сины и его школы [Текст] / М. Н. Болтаев. – Душанбе: Ирфон, 1965. – 600 с.
151. Бонгард-Левин Г.М. Мудрецы и Философы древней Индии [Текст] / Г.М. Бонгард-Левин., А. В. Герасимов. – М.: Наука, 1975. – 367 с.
152. Боргаш, Ю. Фома Аквинский (пер. спольск.) 2–е изд [Текст] / Ю.Боргаш. – М.: Мысль, 1975. – 183 с.
153. Брагинский, И. С. Проблемы востоковедения [Текст] / И. С. Брагинский. – М.: Наука, 1974. – 493 с.
154. Брагинский, И.С. Очерки из истории таджикской литературы [Текст] / И. С. Брагинский. – Сталинабад, 1956. – 452 с.
155. Бреньес, Б. Ибн Сина (Авиценна). [Текст] / Б.Бреньес, С. Брентьс; Пер. с немецкого П.М. Комышанченко. – Киев: Вища школа, 1984. – 87 с.
156. Бродов, В.В. У истоков индийской философии // Древнеиндийская философия. Начальный период. – М.,1963. – С.5-23.
157. Быховский, Б. Э. Философия Декарта. АН СССР [Текст] / Б.Э.Быховский. – М.,1940. – 166 с.
158. Газали Абу Хамид. Воскрешение наук о вере [Текст] / Абу Ҳамид Газали, 1980. – 400 с.
159. Газали Абу Ҳамид. Избавляющий от заблуждения [Текст] / Абу Хамид Мухаммад ал Газзоли. Опроверженние философов. – Душанбе, 2008. – 309 с.
160. Газзали Абу Хамид. Опровержение философов [Текст] / А.Газзали. – Душанбе, 2008. – 200 с.
161. Гафуров, Б.Г. Аль-Фараби в истории культуры [Текст] / Б. Г. Гафуров., А. Х. Касымжанов. – М.: Наука,1975. – 437с.

162. Гегель, Г.В.Ф. Эстетика [Текст] / Г.В.Ф. Гегель. – Москва, 1968. – Т.1. – 312 с.
163. Геюшев, З. Г. Ибн Сина и Средневековая Азербайджанская этическая мысль [Текст] / З. Г. Геюшен. – Душанбе, 1988. – 400 с.
164. Гончар, Л.Ф. Философия [Текст] / Ф.Л.Гончар.– М.: МГИУ, 2008. – Ч.1 – 384 с.
165. Горфункель, А. Х. Философия эпоха Возрождения [Текст] / А. Х. Горфункель. – М.: Высшая школа, 1980. – 368 с.
166. Гостеева, Е. Г. Философия Вайшешика [Текст] / Е.Г.гостеева. – Ташкент: Изд. АН Узбекской ССР, 1963. – 208 с.
167. Григорян, С. Н. Средневековая философия народов Ближнего и Средного Востока [Текст] / С. Н. Григорян. – М.,:Наука, 1966. – 352 с.
168. Григорян, С.Н. Из истории философии Средней Азии и Ирана 9–12 вв. С приложением избранных философских произведений Фараби, Газали и Маймонида [Текст] / С. Н. Григорян. – М.: Изд. Акад. Наук СССР, – 330 с.
169. Грецкий, М. Н. Наука–философия–идеология [Текст] / М. Н. Грецкий. – М.: МГУ, 1978. – 124 с.
170. Джибладзе, Г. Системы Авиценны [Текст] / Г. Джибладзе. – Тбилиси, 1986. – 500 с.
171. Джонбобоев, С. Ибн Сина об отношениях общих понятий и объективной реальности [Текст] / С. Джонбобоев. – Душанбе, 1980. – 201 с.
172. Джонбобоев, С. Проблема универсалий в восточном перипатетизме [Текст]: дис...канд. филос. наук. – Душанбе, 1988. – 179 с.
173. Джонбобоев, С. Омар Хайям [Текст]: История таджикской философии с древнейших времен до 15 в. / С. Джонбобоев. – Душанбе: Дониш, 2012. – Т.2. –787 с.
174. Джумабаев, Ю. Д. Этический взгляды Абу Али ибн Сины [Текст] / Ю. Д. Джумабаев. – Душанбе, 1988. – 300 с.
175. Диалектический материализм [Текст]: учебной пособие для аспирантов нефилософских специальностей. – М.: Вышая школа, 1975. – 374 с.

176. Диноршоев, М. Философия Ибн Сины [Текст] / М. Диноршоев. – Душанбе, 2020. – 256 с.
177. Диноршоев, М. Натурфилософия Ибн Сины [Текст] / М. Диноршоев. – Душанбе: Дониш, 1985. – 256 с.
178. Диноршоев, М. Компендиум философии Ибн Сины [Текст] / М.Диноршоев. – Душанбе, 2010. – 341 с.
179. Диноршоев, М. Абу Хамид Мухаммад ал-Газзали и его “Опровержения философов [Текст] / М. Диноршоев. – Душанбе, 2008. – 350 с.
180. Диноршоев, М. Ибн Сина: от метафизики к теологии и универсальной науке [Текст] / М. Диноршоев // Известия АН РТ, серия: философия и правоведения. 2001. – №1-4. С. 66-69.
181. Диноршоев, М. Носири Хусрав и его “Зад ал-мусофирин” [Текст] / М. Диноршоев. – Душанбе, 2005. – 200 с.
182. Диноршоев, М. Проблема разума и веры в трудах Мухаммада ал-Газзали [Текст] / М. Диноршоев // Известия АН РТ, серия: философия и правоведения. – 2001. – №1-4.С. 70-78.
183. Диноршоев, М. Философия Насриддина Туси [Текст] / М. Диноршоев. – Душанбе,1968. – 160 с.
184. Диноршоев, М. Ибн Сина и его философские воззрения [Текст] / М.Диноршоев // Абу Али ибн Сина. Избранные произведения. – Душанбе: Ирфон, 1980. – Т.1. – С.5-54.
185. Диноршоев, М. Философская онтология Ибн Сины [Текст] / М.Диноршоев // Известия АН Таджикской ССР. Отдел. Обществ. наук. – №2, 1979. – С.19-33.
186. Диноршоев, М. Философия Насридина Туси [Текст] / М. Диноршоев. – Душанбе, 2012. – 189 с.
187. Диноршоев, М. Философия Насридина Туси [Текст] / М. Диноршоев. – Душанбе: Дониш, 1968. – 157 с.
188. Диноршоев, М. Рационалистическая тенденция гносеологии Ибн Сины [Текст] / М.Диноршоев // Рационалистическая традиция и современность. –

М.:Наука, 1990. – С.114-132.

189. Диноршоев, М. Зажегший свет разума и посеявший семена знания [Текст] / М. Диноршоев // Абу Али ибн Сина (Авиценна). Сочинения / Ответ. Редактор и автор вступ. Статьи М. Диноршоев.– Душанбе: Дониш, 2005. – Т.1. – С.7-154

190. Диноршоев, М. Абу Хамид Мухаммад ал-Газзали и его “Опровержения филосов” [Текст]: Газали, Абу Хамид Мухаммад. Опровержение филосов / М. Диноршоев., З. Диноршоева. – Душанбе: Дониш, 2008. – 160 с.

191. Диноршоев, М. Абу Бакр ар-Рози и его “Духовная медицена” [Текст] / М. Диноршоев, М.Мирбобоев. – Душанбе, 2013. – С.3 22.

192. Диноршоев, М. Насири Хусрав и его “Зад ал мусафирин” [Текст]: Носири Хусрав. Зад ал-мусафирин (Припасы путников) / М.Диноршоев. – Душанбе, 2005. – С.3-54.

193. Диноршоева, З. М. Гражданская философия Аль-Фараби [Текст] / З.М. Диноршоева. – Душанбе, 2006. – 322 с.

194. Диноршоева, З. М. Курс лекций по философии [Текст] / З.М. Диноршоева. – Душанбе, 2010. – 285 с.

195. Диноршоева, З. Мухаммад Ал. Газзали и его отношение к философии [Матн] / Заррина Диноршоева. – Душанбе, 2002. – 159 с.

196. Диноршоев, М. Плюралистическая философия Абу Бакра ар Рази [Текст] / М.Диноршоев. – Душанбе, 2013. – 350 с.

197. Диноршоев, М. Жизнь, наследие и философские воззрения Абу Бакра ар–Рази [Текст] / М.Диноршоев. – Душанбе, 2013. – С.4-106.

198. Додихудоева, Х. Ибн Сина и гносеологический материализм [Текст] / Х. Додихудоев // Известия АН Таджик. ССР. Отдел. Общественных наук. – 1979. – №2. – С.34-47.

199. Додихудоева, Х. Д. Очерки философии исмаилизма [Текст] / Х. Д. Додихудоева. – Душанбе: Дониш, 1976. – 144 с.

200. Додихудоева, Х. Д. Философия крестьянского бунта [Текст] / Х. Д. Додихудоева. – Душанбе, 1989. – 250 с.

201. Древнеиндийская философия [Текст]: начальный период. – М.: Соцэкономиздат, 1963. – 272 с.
202. Жураев, Ш. Элементы диалектики в воззрениях Ибн Сны [Текст] / Ш. Жураев. – Ташкент, 1980. – 79 с.
203. Жураев, Ш. Элементы диалектики в воззрениях Ибн Ибни Сино [Текст] / Жураев // Торжество разума. – Душанбе: Дониш, 1988. – С.192–193.
204. Жураев, Ш. Идеи Ибн Сины о диалектическом характере движения [Текст]: Абу Али ибн Сина. К 1000-летию со дня рождения / Ш. Жураев. – Ташкент,1980. – 345 с.
205. Завадовский, Ю.Н. Абу Али ибн Сина: Жизнь и творчество [Текст] / – Завадовский Ю.Н. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 302 с.
206. Закуев, А.К. Психология Ибн Сины. Баку [Текст] / Закуев А.К // Изд–во АН АЗ ССР, 1958. – 87 с.
207. Закуев А.К. Философия “Братьев чистоты” [Текст] / А.К.Закуев. – Баку: Изд-во АН АЗ ССР, 1961. – 122 с.
208. Ибн, Рушд. Опровержения опровержения [Текст] / Р. Ибн // Избранные произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока. – М., 1961. – 347 с.
209. Ибрагим Тауфик Камель. Атомистика калама и ее место в средневековой арабо–мусульманской философии [Текст]: автореф. дис... д-ра филос. наук / И.Т.Камель. – М., 1978. – 389 с.
210. Ибрагим, Т. К. Мусульманская философия. Фалсафа. Антология. [Текст] / Ибрагим Т. К., Ефремова. – Казань: Изд–во ДУМРТ, 2009. – 670 с.
211. Иванов, А. В. Миронов [Текст] / А.В. Иванов // Университетские лекции по метафизике. – М., 2004. – 445 с.
212. Идибеков, Н. Ибн Сина о свабоде воли [Текст] / Н. Идибеков // Торжество разума. – Душанбе, 1988. – 455 с.
213. Избранные произведения мыслителей стран Ближнего и Средного Востока [Текст]. – М., 1961. – 320 с.
214. Ислам. Энциклопедический словарь [Текст]. – М.: Наука, 1991. – 315 с.

215. История таджикской философии [Текст]: с древнейших времен до 15 в. В трёх томах. – Душанбе: Дониш, 2012. – Т.1. – 788 с.
216. История философия: Энциклопедия [Текст]. – Минск Интерпрессер- вис; Книжный Дом, 2002. – 1376 с.
217. Камили, А. Физика ар-Рази и Ибн Сины [Текст] / А. Камили. – М.,: МГУ, 1999. – 357 с.
218. Каримов, У.Н. Классификация наук по Ибн Сине [Текст] / У.Н. Каримов // Материалы первой Всесоюзной научной конференции востоковедов в Ташкенте 4-11 июня 1957 г. – Ташкент, 1958. – 369 с.
219. Киладзе, Н.В. О сопоставлении некоторых философских терминов Ибн Сины и грузинского мыслителя XI–XII вв. Иоанна Петрици [Текст] / Н.В. Киладзе. – Душанбе, 1988. – 269 с.
220. Комили, А. Физика Авиценны [Текст]: к 1025-ЛЕТИЮ СО ДНЯ РОЖДЕНИЯ АВИЦЕННЫ / А.Комили. – Душанбе, 2005. – 152с.
221. Копнин, П.В. Проблемы диалектики как логики и теории познания [Текст] / П.В.Копнин. – М., 1982. – 368 с.
222. Кулматов, Н. Фахридини Рози [Текст] / Н. Кулматов. – Душанбе, 1980. – 251 с.
223. Курбонмамадов, А. Проблемы прекрасного в эстетической концепции Ибн Сины [Текст] / А. Курбонмамадов. – Душанбе, 1988. – 222 с.
224. Лей Г. Очерк истории средневекового материализма. Пер. с нем. З.В. Горловой и И.А. Саца [Текст] / Г.Лей. – М., 1952. – 587 с.
225. Лосев, А. Ф. Жизненный и творческий путь Платона [Текст] / А.Ф.Лосев // Платон. Собрание сочинений. – М.: Мысль, 1990. – Том.11. – С.3–63.
226. Маджидов, Р.М. Неврологические воззрения Ибн Сины [Текст] / Р.М. Маджидов., В. Д. Гордеев. – Ташкент, 1980. – 355 с.
227. Майоров, Г.Г. К Вопросу об эволюции аристотелизма в средние века [Текст] / Г.Г. Майоров. – Известия АН Таджикской ССР – ООН. – 1981. – №2.С. 62-68.
228. Майоров, Г.Г. Формирование средневековой философии [Текст]:

латинская патристика / Г.Г. Майоров. – М.:Мысль,1979. – 430 с.

229. Маковельский, А.О. Великий таджикской философ Абу Али ибн Сина [Текст]: труды исторического факультета Азербайджанского госуниверситета, серия философских наук / А.О. Маковельский. – Баку, 1958. – 258 с.
230. Маковельский, А.О. Истории логики [Текст] / А.О. Маковельский. – М., 1967. – 411 с.
231. Мамедов, З.Дж. Азербайджанские представители школы Ибн Сины [Текст] / З.Дж. Мамедов. – М., 1980. – 429 с.
232. Мамедов, Ш.Ф. Философия Абу али ибн Сины [Текст] / Ш.М. Мамедов. – М., 1982. – 451 с.
233. Мец, А. Мусульманский Ренессанс [Текст] / А.Мец. – М.: Наука, 1973. – 473 с.
234. Мухаммедходжаев, А. Гносеология суфизма [Текст] / А. Мухаммедходжаев. – Душанбе: Дониш, 1990. – 114 с.
235. Мухаммедходжаева, А. Мировоззрения Фаридидина Аттора [Текст] / А.Мухаммедходжаев. – Душанбе: Дониш, 1974. – 118 с.
236. Мухтор, Ш. Абуали Ибни Сино во Франции [Текст] / Ш. Мухтор // Памир. – 1980. – №4. – С.70–76.
237. Мухтор, Ш. История развития французской научной иранистики [Текст] / Ш. Мухтор.– Душанбе, 1996. – 100 с.
238. Налчаджян, А. А. Некоторые психологические и философские проблемы интуитивного знания [Текст] / А. А. Налчаджян. – М., 1972. – 297 с.
239. Насимов, А. Теория отражения восточного перипатетизма и ее истоки [Текст] / А. Насимов. – Известия АН Таджикской ССР. – ООН. – 1982. – №4. С. 35-42.
240. Насимов, А. Чуственное познание в восточном перипатетизме [Текст] / А. Насимов. – Душанбе, 1988. – 364 с.
241. Насири, Х. Избранное [Текст] / Насири Хусрав. – Душанбе: Полиграфическом Центре, 2003. – 349 с.

242. Насыров, Р.Н. Идеи рационализма в воззрениях Ибн Сины [Текст] / Р.Н. Насыров. – Душанбе, 1980. – 147 с.
243. Низами Арузи Самарканди. Собрание редкостей или четыре беседы [Текст] / Низами Арузи Самрканди. – М., 1963. – 176с.
244. Нуралиев, Ю. Н. Система медицины Ибн Сины [Текст] / Ю.Н. Нуралиев. – Душанбе, 2005. – 259 с.
245. Общая психология. Москва, 1983.
246. Одинаев Я.К. Философия озарения (Хикмат аль–ишрак) [Текст] / Я.К.Одинаев. – Душанбе: Ирфон, 2004. – 182 с.
247. Олимов, К. Ибн Сина и суфизм [Текст] / К.Олимов // Известия АН Таджикской ССР, ООН, 1979, – №2. – С.59–66.
248. Петров, Б. Д. Ибн Сина. 980 – 1937 [Текст] / Б. Д. Петров. – М.: Медицина, 1980. – 151 с.
249. Петров, Б. Д. Ибн Сина – великий среднеазиатский ученый-энциклопедист [Текст] / Б.Д. Петров. – Ташкент, 1981. – 512 с.
250. Петров, Б. Д. Ибн Сина [Текст] / Б. Д. Петров. – М.,1980. – 254 с.
251. Прокл. Первоосновы теологии [Текст] / Прокл. – Тбилиси, 1979. – 521с.
252. Пулатов, А.Т. Ибн Сина и его вклад в неврологию [Текст] / А.Т. Пулатов. – Душанбе, 1980. – 354 с.
253. Пулотов, А.Т. Ибн Сина и его вклад в неврологию [Текст] / А. Т. Пулатов. – Душанбе: Ирфон,1980. – 36 с.
254. Раджабов, У. А. Влияние идей Ибн Сины на средневековую философию и на современную космологию [Текст] / У. А. Раджабов // Торжество разума. – Душанбе: Дониш, 1988. – С.128–133.
255. Рассел, Б. Мудрост Запада [Текст] / Б.Рассел. – М.: Республика, 1998. – 479 с.
256. Рахимов, М. Х. Антропология Абу Али ибн Сина [Текст]: автореф. дис... д-ра. филос. наук / М.Рахимов. – Душанбе, 2005. – 50 с.
257. Рахимов, М. Х. Философия человека Абуали ибн Сины [Текст] / М.Х.Рахимов.– Душанбе: Ирфон, 2004. – 340 с.

258. Рахимов, М. Х. Абуали ибн Сины философия человека [Текст]: Авиценны / М.Х.Рахимов.– Душанбе: Ирфон, 2018. – 648с.
259. Рахматуллаев, Н. Философские взгляды Ибн Сины в книге Указания и наставления [Текст] / Н. Рахматуллаев. – Душанбе: Дониш, 1980. – 91 с.
260. Рахматуллаев, Н. Об отношении Ибн Ибни Сино к мистицизму [Текст] / Н. Рахматуллаев. – Душанбе, 1988. – 154 с.
261. Рожанская, М. М. Механика на средневековом Востоке [Текст] / М. М. Рожанская. – М., 1976. – 324 с.
262. Рожанский, И. Д. Развитие естествознания в эпоху античности [Текст] / И. Д. Рожанский. – М., 1979 – 158 с.
263. Руткевич, М. Н. Диалектический материализм [Текст]: курс лекций для философских факультетов / М. Н. Руткевич. – М.: Мисль, 1973. – 527 с.
264. Сагадеев, А. В. Ибн Сина [Текст]: Авиценна / А. В. Сагадаев. – М: Мысль, 1985. – 222 с.
265. Сагадеев, А.В. Ибн Рушд [Текст]: Аверроэс / А. В.Сагадаев. – М.: Мысль, 1973. – 208 с.
266. Сагадеев, А. В. Средневековая арабо-мусульманская философия в переводах А.В. Сагадаеева. [Текст] / А.В.Сагадеев. – М.: Марджани, 2009. – Т.1. – 273 с.
267. Сайфуллаев, М. Н. Логика Ибн Сины [Текст]: В сравнении с логикой ристотелья / М. Н.Сайфуллаев. – Душанбе: Дониш, 1991. – 182 с.
268. Сайфуллаев, Н. М. Ибн Сина–логик–новатор [Текст] / Н. М. Сайфуллаев. – Душанбе, 1988. – 211 с.
269. Саидов, Н.С. Сопоставвительный анализ учений Аристотеля и Ибн Сины о человеке [Текст]: авторефер. д-ра филос.наук / Н. С. Саидов. – Душанбе, 2009. – 46 с.
270. Саидов, Н. Человек, его сущность и сущностные силы в философии Арстотеля и Ибн Сины [Текст] / Н.Саидов. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 250 с.
271. Салдадзе, Л. Г. Авиценна Ибн Сина [Текст] / Л. Г. Салдадзе. – Ташкент,

1985. – 464 с.

272. Сейфуллав, Р. С. Ибн Сина о детерминизме [Текст] / Р. С. Сайфуллаев. – Душанбе, 1988. – 111 с.

273. Сейфуллаев, Р. С. Натурфилософские идеи Авиценны [Текст] / Р.С. Сайфуллаев. – Ташкент, 1981. – 255 с.

274. Семенов, А. А. Абу Али ибн Сина (Авиценна) [Текст] / А.А. Семенов. – Душанбе, 1953, – 220 с.

275. Сироджов, Ф. Проблема извечности мира в философии Ибн Сины [Текст] / Ф.Сироджов // Торжество Разума. – Душанбе: Дониш,1988. – С.166-172.

276. Сироджов, Ф. Фахруддин Рази [Текст] / Ф. Сироджов // История таджикскоя философии. – Душанбе: Дониш, 2013. – Том.3.– С.616-643.

277. Смирнов, А. Что стоит за термином “средневековая арабская философия” [Текст] / А.Смирнов // Средневековая арабская философия. Прблемы и решения. – М.: Восточная литература РАН, – 1998. – С.42-81.

278. Соколов, В.В. Спиноза [Текст] / В.В.Соколов. – М.: Мысль, 1973. – 224 с.

279. Соколов, В.В. Средневековая философия [Текст]: учебное пособие. – 2–е изд. испр. И дополн / В.В. Соколов. – М., 2001. – 352 с.

280. Соколов, В. В. Философия духа и материи Дене Декарта [Текст] / В. В. Соколов // Декарт Рене. – Сочинения в 2 томах. – М.: Мысль, 1989. – Т.1. – С.3-76.

281. Степаняц, М. Т. Восточная философия [Текст]: вводный курс. Избранные тексты. – М.: Издательская фирма Восточная литератора Ран, 1997. – 503 с.

282. Степанянц, М. Т. К вопросу об изучении философии народов зарубежного Востока [Текст] / М.Т.Степанянц // Вопросы философии. 1983. – №9. С. 85-91.

283. Степанянц, М. Т. Концепция «совершенного человека» в творчестве Джалал–ад–дина Руми и Мухаммада Икбала [Текст] / М.Т.Степанянц // Творчество Мухаммада Икбола. – М., 1982. -342 с.

284. Сулаймонов, С. О восточной философии Ибн Сины [Текст]: Сочинения / С. Сулаймонов // Абу Али ибн Сина Авиценна. – Душанбе: Дониш, 2005. –

Том 2. – С.6-8.

285. Султонзода, С. А. Проблема материи и ее атрибутов в философии Ибн Сины [Текст] / С. А. Султанзода. – Душанбе, 2019. – 316 с.

286. Султонов, С. А. Ибн Сина в философской традиции Франции [Текст] / С. А. Султонов. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 189 с.

287. Султонов, С. А. Философия Авиценны (Ибн Сины) во Франции. Саарбрюккен [Текст] / С. А. Султонов. – Германия, 2015. – 184 с.

288. Султонов, С. А. Ибн Сина во Франции в эпохе просвещения [Текст] / С. А. Султонов // Известия Академии наук Республики Таджикистан, серия философия и право. – Душанбе, 2009. – №3. – С.56-61.

289. Сучкова, Г. Г. Учение Ибн Ибни Сино о пространстве и времени [Текст] / Г. Г. Сучкова // Торжество разума. – Душанбе: Дониш, 1988. – С.79–83.

290. Терновский, В. Н. Ибн Сина [Текст] / Авиценна // Терновский В.Н. – М.: Наука, 1969. – 190 с.

291. Турсунов, А. К мировоззренческой коллизии философского и теологического [Текст] / А. Турсунов. – Вопросы философии. – 1980. – №7. С. 62-75.

292. Турсунов. А. Современные тенденции интеграции наук [Текст] / А. Турсунов, М. Асимов // Вопросы философии. – 1981. – №3. – С.57–69.

293. Усмонов, М. Закария ар-Рази. Жизнь и деятельность [Текст] / М.Усмонов// Из философского наследия народов Востока. – Ташкент, 1972. – С.12–56.

294. Файзуллаев, А.Ф. Учение Ибн Сины о познании [Текст] / А. Ф. Файзуллаев, Р.Н. Насыров. – Ташкент, 1980. – 210 с.

296. Философская энциклопедия [Текст]. – М.: Советская энциклопедия, 1962. – Т.2. – 575 с.

297. Философский словарь. Издание четвертое [Текст]. – М.: Полит. Литература, 1981. – 448 с.

298. Философский энциклопедический словарь [Текст]. – М.: Советская энциклопедия, 1983. – 840 с.

299. Фролова, Е.А. Между умозрением и гипотетико-экспериментальным

методом [Текст] / Е.А. Фролова // Ибн Ибни Сино и средневековая философия. –Душанбе: Дониш, 1981. – С. 33-59.

300. Фролова, Е. А. Проблема метода в наследии Ибн Сины [Текст] / Е.А. Фролова // Вопросы философии. – 1980. – №9. С. 87-98.
301. Флорова, Е. А. История арабо–мусульманской философии [Текст]: Учебное пособие средние века и современность / Е.А.Флорова. – М., 2006. – 199 с.
302. Фролова, Е. А. Рационализм в арабо–мусульманской философии // Рационалистическая традиция и современность. – М.: Наука, 1990. – С.3-22.
303. Фролова, Е. А. Проблемы веры и знания в арабской философи / Е.А.Фролова. – М.: Наука,1983. – 168 с.
304. Хайруллоев, М. М. Фараби и Ибн Сина [Текст]: к 100-летию со дня рождения Абуали Сина / М. М. Хайруллоев. – Ташкент, 1980. – С.61–71

305. Хайруллаев, М. М. Средневековая логика и Абу Али ибн Сина [Текст] / М. М. Хайруллоев // Торжество разума. – Душанбе, 1988. – 396 с.
306. Хайруллаев, М. М. Фараби и Ибн Сина [Текст] / М.М.Хайруллаев // Абу Али ибн Сина. К 1000–летию со дня рождения. – Ташкент, 1980.
307. Хайруллаев, М. М. Захидов, А. Малоизученные страницы наследия Ибн Сины [Текст]: о переписке и посланиях / М. М. Хайруллаев // Вопросы философии. – 1980. – № 7. С. 76-83.
308. Харенко, Е. Д. Органон Аристотеля–основа логических исследований Фараби и Ибн Сины [Текст] / Е. Д. Хренко // Торжество разума. – Душанбе, 1988. – 396 с.
309. Хидоятов, Г. А. Крушение Саманидов [Текст] / Г. А. Хидоятов. – Ташкент, 2004. – 200 с.
310. Хуршут, Э. Абу Али ибн Сина (Авиценна) и средневковая Еаропа [Текст] / Э. Хуршут // Абу Али ибн Сина и естественные науки. – Ташкент, 1981. – 258 с.
311. Чарыев, Г. О. Авиценна и Ренессанс [Текст] / Г.О.Чарыев // Торжество

разума. – Душанбе: Дониш, 1988. – С.65-68.

312. Шад, П. Теория познания Ибн Сыны [Текст] / П.Шад // Из истории философии. – М., 1952. – 300 с.

313. Шаймухамбетова, Г. О проблемах историографии средневековой арабской философии [Текст] / Г. Шаймухамбетов // Средневековая арабская философия. Проблемы и решения. – М.: Восточная литература РАН, 1998. – С. 11-41.

314. Шаймухамбетова, Г. Б. Арабоязычная философия средневековья и классическая традиция [Текст] / Г.Б. Шаймухамбетова. – М., 1979. – 251 с.

315. Шаймухамбетова, Г. Б. Проблема универсалий в арабоязычной западноевропейской философии средневековья [Текст] / Г. Б.Шаймухамбетова // Ибн Сина средневековая философия. – Душанбе, 1981. – 200 с.

316. Шамолов, А. А. Философия теологии Муҳаммада Газали [Текст] / А.А. Шамолов. – Душанбе: Пайванд, 2008. – 258 с.

317. Шарипов, А. Великий мыслитель Абу Райхан Беруни [Текст] / А. Шарипов. – Ташкент, 1972. – 510 с.

318. Шарипов, А. Философская переписка Беруни и Ибн Сины [Текст] / А. Шарипов // Вопросы философии. – 1978. – №10. С. 124-133.

319. Шептулин, А. П. Диалектический метод познания [Текст] / А. П. Шептулин. – М., 1983. – 302 с.

320. Шидфар, Б.Я. Ибни Сина [Текст] / Б. Я. Шидфар. – М.: Наука, 1981. – 184 с.

321. Шопенгауер, Артур. Философия житейской мудрости [Текст] / А. Шопенгауер. – Москва, 2017. -640с.

322. Штекл, А. История средневековой философии [Текст] / А. Штекл. – М., 1912. – 114 с.

Таҳқиқот бо забонҳои аврупоӣ

323. Acar, R. Reconsidering Avicenna's Position on God's Knowledge of Particulars

[Text] / R Acar // Interpreting Avicenna: Science and Philosophy in Medieval Islam. Proceedings of the Second Conference of the Avicenna Study Group, ed. J. McGinnis with the assistence of D.C. Reisman. – Leiden 2004, – P.142-156.

324. Alper, Ö. M. Avicenna's Argument for the Existence of God: Was He Really Influenced by the Mutakallimūn? [Text] / Ö.M. Alper // Interpreting Avicenna: Science and Philosophy in Medieval Islam. Proceedings of the Second Conference of the Avicenna Study Group (ed. J. Mc.Ginnis with the assistence of D.C. Reisman). – Leiden, 2004. – P.129-141.
325. Bäck Allen, The Islamic Background: Avicenna (b.980;d.1037) and Averroes (b.1126; d. 1198) [Text] / Allen Bäck // Individuation in Scholasticism: The later Middle Ages and the Counter–Reformation 1150–1650 (J. Gracia, ed.,). – Albany: State University of New York Press, 1994. – P.39-67.
326. Bäck Allan, Avicenna on Existence [Text] / Allen Bäck // Journal of the History of Philosophy 1987. – P.351–367.
327. Bärthlein Karl, Die Transzendentalienlehre der alten Ontologie, [Text] , // Die Transzendentalienlehre im Corpus Aristotelicum. – Berlin–New York 1972 1.Teil.-P.424.
328. Philosophie im Mittelalter. Entwicklungslinien und Paradigmen [Text] / Beckmann, J. Honnefelder L., Schrimpf G., Wieland G. (Hrgs.). – Hamburg 1987. -474.
329. Bertolacci Amos, The Reception of Aristotele's Metaphysics in Avicenna's Kitab al Schifa: a Milestone of Western metaphysical Thought [Text] / Bertolacci Amos. – Leiden–New York, 2006. –P. 675.
330. Bertolacci Amos, Ammonius and al–Fārābī: The Sources of Avicenna's Concept of Metaphysics [Text] / Bertolacci Amos // Quaestio 5, 2005. – P.287-305.
331. Bertolacci Amos, The Structure of Metaphysical Science in the Ilāhiyyāt (Divine Science) of Avicenna's Kitāb al–Šifā (Book of the Cure), [Text] / Bertolacci, Amos // Documenti e StudisullaTradizioneFilosoficaMedievale 13, – 2002. – P.1-69.
332. Bertolacci Amos, From al–Kindī to al–Fārābī: Avicenna's Progressive

Knowledge of Aristotle's Metaphysics according to his Autobiography [Text] / Bertolacci, Amos // Arabic Sciences and Philosophy. – 2001. – №11-2 – P. 257-295.

333. Black Deborah, Mental Existence in Thomas Aquinas and Avicenna [Text] / Black Deborah // Mediaeval Studies. – 1999. – №61. – P.45–79.
334. Black Deborah, Avicenna on the Ontological and Epistemic Status of Fictional Being [Text] / Black Deborah // Documenti e Studisulla Tradizione Filosofica Medievale. – 1997. – №8. – P.425-453.
335. Black Deborah, Logikc and Aristotle's Rhetoric and Poetics in Medieval Arabic Philosophy [Text] / Black, Deborah // Islamic Philosophy, Theology and Science: Texts and Studies, Vol. VII, – Leiden-New York, 1990. - P.305
336. Bloch Ernst, Avicenna und die Aristotelische Linke [Text] / Bloch Ernst. – Frankfurt a. M. 1963. - P. 140-
337. Buschmann, E., Untersuchungen zum Problem der Materie bei Avicenna [Text] / E, Buschmann. – Frankfurt a. M.-Bern-Las Vegas 1979. - P.124.
338. Ceylan, Y. A. Critical Approach to the Avicennian Distinction of Essence and Existence [Text] / Y.A. Ceylan, // Islamic Studies 32 – 1993. – №– P.329-337.
339. Cunningham, F. A. Averroes vs. Avicenna on Being [Text] / F.A Cunningham // The New Scholasticism– 1974. – №48. – P.185-218.
340. Daiber, H., The Limitations of Knowedge According to Ibn Sīnā Epistemological and Theological Aspects and the Consequences [Text] / H.Daiber; M. Lutz–Bachmann, A. Fidora, P. Antolic (Hg.) // Erkenntnis und Wissenschaft. Probleme der Epistemologie in der Philosophie des Mittelalters, Akademie Verlag. – Berlin, 2004. – P.25-34.
341. Davidson, Herbert Alan, Avicenna's Proof of the Existence of God as a Necessarily Existent Being [Text] / Davidson, Herbert Alan // Morewedge P. (Ed.), Islamic Philosophical Theology, Studies in Islamic Philosophy and Science,. – State University of New York Press, 1979, – P.165-187.
342. Davidson, Herbert Alan, Avicenna's Proof of the Existence of a Being Necessarily Existent by Virtue of Itselfders [Text] / Davidson, Herbert Alan //

Proofs for Eternity, Creation and the Existence of God in Medieval Islamic and Jewish Philosophy. – New York-Oxford, 1987. – P.281-310.

343. Faruq, A. A fourth Ontological Argument in Ibn Sīnā's Metaphysics, Hamdard Islamicus 7, 1984, pp. 3-16, also [Text] / A. Faruq // Islam and the Modern Age. – 1984. – №15. – P.115-122.

344. Fakhry Majid, Notes on Essence and Existence in Averroes and Avicenna [Text] / Fakhry Majid; Paul Wilpert (Hrgs.) // Die Metaphysik im Mittelalter: ihr Ursprung und ihre Bedeutung(Miscellanea Mediavalia 2). – Berlin–New York, 1963, – P.414-417.

345. Jean Jolivet, Aux origines de l'ontologie d'Ibn Sīnā [Text] / Jean Jolivet // J. Jolivet and R. Rashed, eds, Etudes sur Avicenna. – Paris. – P.19-28.

346. Gaskill, T. E. Ibn Sina's Ontology in his Danishnamaʿalaʿi, Ph. D. Dissertation [Text] / Gaskill, T. E. – Vanderbilt University 1992.

347. Gilson Etienne, Avicenneet le point de départ de Duns Scot [Text] / Gilson Etienne // Archives d'Histoiredoctrinale et littéraire du Moyen Age 2 (1927), – P.89-149.

348. Goichon, Amélie–Marie (Ed.) Introduction á Avicenne, son épitre des définitions.Traduction avec notes [Text] / Goichon, Amélie–Marie (Ed.). – Paris, 1933. - P. 211.

349. Goichon Amélie–Marie. The Philosopher of Being [Text] / Goichon Amélie–Marie; Iran Societz (Ed.) // Avicenna Commemoration Volume. – Calcutta, 1956. – P.107-117. P.

350. Gutas Dimitri. Avicenna's Eastern ('Oriental') Philosophy. Nature, Contents, Transmission“[Text] / Gutas Dimitri // Arabic Sciences and Philosophy 10– 2000, – P.159-180.

351. Gutas Dimitri. The Graeco – Arabic Translation Movement in Baghdad and Early AbbāsidSocietz (2nd–4th/ 8th–10th centuries) [Text] / Gutas Dimitri // Greek Thought, Arabic Culture. – London-New York, 1998. – P. 252.

352. Gutas Dimitri. Avicenna and the Aristotelian Tradition.Introduction to Reading Avicenna's Philosophical Works[Text] / Gutas Dimitri // Islamic Philosophy,

Theology and Science; Texts and Studies, Vol. IV., – Leiden–New York, 1988. – P. 650.

353. Hasse Dag. Nikolaus, Avicenna's „De Anima“ in the Latin West. The Formation of a Peripatetic Philosophy of the Soul 1160-1300 [Text] / Hasse Dag // Warburg Institute Studies and Texts 1, – London-Turin 2000. – P. 320.

354. Hegel. Georg W.F. Phänomenologie des Geistes[Text] / Hegel. Georg W.F. // Hauptwerke. Teil 2. – Hamburg 1999. – P. 526.

355. Heidegger Martin. Sein und Zeit [Text] / Heidegger, Martin. – Tübingen, 2006, – 441p.

356. Heidegger Martin. Nietzsche. Gesamtausgabe [Text] / Heidegger Martin. Bd. 6(1).

357. Honnefelder Ludger. Der zweite Anfang der Metaphysik: Voraussetzungen, Ansätze und Folgen der Wiederbegründung der Metaphysik im 13./14. Jahrhundert [Text] / Honnefelder, Ludger; J.P.Beckmann, L. Honnefelder, G. Schrimpf, G. Wieland (Hrgs.). // Philosophie im Mittelalter. Entwicklungslinien und Paradigmen – Hamburg: Meiner, 1987, – P.165-186.

358. Honnefelder Ludger. Metaphysik zwischen Onto–Theologik, Transzendental–wissenschaft und universaler formaler Semantik. Zur philosophischen Aktualität der mittelalterlichen Ansätze von Metaphysik [Text] / Honnefelder Ludger; J. A. Aertsen, A. Speer (Hrgs.) // Was ist Philosophie im Mittelalter?:), (MiscellaneaMediaevalia; 26). – Berlin-New York 1998, – P.48-59.

359. Horten Max, Das Buch der Ringsteine Fārābīs mit dem Kommentare des Emir Ismail El–HoseinielFarani [Text] / Horten Max (Übersetzer und erläutert von Horten M.). – Münster, 1906. – P. 510.

360. Hourani George F. Essays on Islamic Philosophy and Science [Text] / Hourani George F. (Ed.). – Albany, State University of New York Press 1975. – P. 261.

361. Hourani George F. Ibn Sīnā on Necessary and Possible Existence [Text] / Hourani George F. // The Philosophical Forum (Boston), 4(1) 1972. – P.74–86.

362. Janssens,L. Jules, An Annotated bibliography on Ibn Sīnā (1970–1989) [Text] / Janssens,L. – Leuven, 1991. – P. 350.

363. Kobusch Theo, Die Philosophie des Hoch– und Spätmittelalters [Text] / Kobusch Theo; Wolfgang Röd (Hrgs.) // Geschichte der Philosophie, Band V. – München, 2011. – P. 655.

364. Kobusch Theo. Das Seiende als transzendentaler oder supertranszendentaler Begriff. Deutung der Univozität des Begriffs bei Scotus und den Scotisten, [Text] / Kobusch, Theo; L. Honnefelder, R. Wood, M. Dreyer, (Eds.) // John Duns Scotus. MetaphysicsandEthics, (Studien und Texte zur Geistesgeschichte des Mittelalters; 53). – Leiden-New York 1996. – P.345-366.

365. Koutzarova Tiana. Das Transzendentale bei Ibn Sīnā, zur Metaphysik als Wissenschaft,erster Begriff- und Urteilsprinzipien [Text]. / Koutzarova Tiana. – Leiden-Boston, 2009. – P. 486.

366. Kraus Paul, Eine arabische Biographie Avicennas [Text] / Kraus Paul // Klinische Wochenschrift II Jahrgang. – Berlin-München 1932. – P. 1880 a-1884 b.

367. Kremer Klaus. Der Metaphysikbegriff in den Aristoteles–Kommentaren der Ammonius–Schule [Text] / Kremer Klaus. – Münster Westfalen 1961. – P. 223.

368. Marmura, Michael E., Avicenna and theKalam [Text] / Marmura Michael E. // Zeitschrift für Geschichte der arabisch–islamischen Wissenschaften 7 (1991–1992), – P.172-206.

369. Marmura Michael E., Avicenna on Primary Concepts in the Metaphysics of his al–Shifa Logos Islamikos. StudiaIslamica [Text] / E.Marmura Michael; Roger M., Savory, Dionisius A Agius (Eds.) // HonoremGeorgiiMichaelisWickens, (Papers in Mediaeval Studies 6), Pontifical Institute for Mediaeval Studies. – Toronto 1984. – P.219-239.

370. Marmura Michael E., Avicenna's Proof from Contingency for God's Existence in the Metaphysik of the Shifa [Text] / Marmura Michael E., // Mediaeval Studies 42, – 1980 – P.337-352.

371. Marmura, Michael E., Quiddity and Universality in Avicenna[Text] / E. Marmura Michael; (Morewedge, P. (Hrgs.) // Neoplatonism and Islamic Thought, Albany (N.Y.). – State University of New York, 1992 – P.77-87.

372. Meyer Egbert, Philosophischer Gottesglaube: Ibn Sīnā Thronschrift [Text] / Meyer Egbert // Zeitschrift der Deutschen Morgenländischen Gesellschaftт 130. – 1980. – P.226-277.

373. Morewedge Parviz. Philosophical Analysis and Ibn Sīnā's 'Essence–Existence' [Text] / Morewedge Parviz // Journal of the American Oriental Society 92/3. – 1972. – P.425-435.

374. Muhsin Mahdi, AlFārābī against Philoponus [Text] / Muhsin Mahdi // Journal of Near Eastern Studies, Vol. 26, No. 4 (Oct., 1967), – P.233-260.

375. Muhsin Mahdi. AlFārābī's Book of Letters [Text] / Muhsin Mahdi (Hrgs.). – Beyrouth, 1986. – P. 576.

376. Naṣr Seyyed Ḥossein, Existence (wuǧud) and Quiddity (māhiyyah) in Islamic Philosophy [Text] / Naṣr Seyyed Ḥossein // International Philosophical Quarterly. – 1989. – №29-4. – P.409-428.

377. Owens Joseph, The Doctrine of Being in the Aristotelian 'Metaphysics': A study in the Greek Background of Mediaeval Thought, with a Pref. By Etienne Gilson. – №2.Ed., – Toronto, 1963. – P. 69-95.

378. Rahman Fazlur. Essence and Existence in Avicenna [Text] / Rahman Fazlur // Mediaeval and Renaissance Studies 4. – 1958. – P.1-16.

379. Russel Bertrand, Philosophie des Abendlandes [Text] / Russel Bertrand – München-Wien, 2001. – P.856.

380. Shehadi Fadlou A. Metaphysics in Islamic Philosophy[Text] / A. Shehadi Fadlou // Studies in Islamic Philosophy and Science, Delmar. – New York 1982. – P. 154.

381. Soheil M. Afnan, A Philosophical Lexicon in persian and arabic[Text] / M. Soheil. – Beirut, 1969. – P. 332.

382. Strohmaier, Gotthard, Avicenna[Text] / Strohmaier, Gotthard. – München, 1999. – P. 182.

383. Verbeke Gerard, Avicenna, Grundleger einer neuen Metaphysik[Text] / Verbeke Gerard // (Vorträge/Rheinisch–Westfalische Akademie der Wissenschaften: Geisteswissenschaften, G 263). – Opladen, 1983. – P. 26.

384. Walzer Richard, Greek into Arabic. Essays on Islamic Philosophy[Text] /

Walzer Richard // Oriental Studies 1. – Oxford, 1962. – P. 256.

385. Wisnovsky Robert. Avicenna's Metaphysics in Context [Text] / Wisnovsky Robert. – London 2003. – P. 304.

386. Wisnovsky Robert. Aspects of Avicenna [Text] / Robert Wisnovsky // Interdisciplinary Journal of Middle Eastern Studies. Vol. 9, – Princeton, 2001. – P. 182.

387. Zimmermann Albert. Ontologie oder Metaphysik? [Text] / Albert Zimmermann // Die Diskussion über den Gegenstand der Metaphysik im 13. und 14. Jahrhundert. Texte und Untersuchungen (Studien und Texte zur Geistesgeschichte des Mittelalters 8). – Leiden-Köln, 1965. – P. 367.

Б) РЎЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

I. Монография

[1-М]. Шаҳовудинов, Н. С.Метафизикаи Ибни Ибни Сино [Матн] / Н. С. Шаҳовудинов // Монография. – Душанбе, 2021. – 252 с.

II. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[2-М]. Шаҳовудинов, Н.С. Сабаб ва натиҷа ҳамчун аърози хосси ҳастӣ (Сабаби ғойӣ дар фалсафаи Ибни Ибни Сино) [Матн] / Н. С. Шаҳовудинов // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №3. – С. 55-59.

[3-М]. Шаҳовудинов, Н. С. Мавзуи асосӣ ва сохтори метафизикаи Ибни Ибни Сино [Матн] / Н. С. Шаҳовудинов // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №3. – С. 79-81.

[4-М]. Шаҳовудинов, Н.С. Ҷавҳар ва араз ҳамчун аразҳои хосси вуҷуд. баҳси

ҷавҳар дар фалсафаи Ибни Ибни Сино [Матн] / Н. С. Шаҳовудинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023.– №8. – С. 98-110.

[5-М]. Шаҳовудинов, Н.С. Куллӣ ва ҷузъӣ ҳамчун бунёди баҳси моҳият ва вуҷуди зеҳнӣ дар фалсафаи Ибни Ибни Сино [Матн] / Н. С. Шаҳовудинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – №12. – Қисми II. – С. 66-74.

[6-М]. Шаҳовудинов, Н.С. Араз ва навъҳои он дар метафизикаи Ибни Ибни Сино [Матн] / Н. С. Шаҳовудинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – №1. – С. 108-116.

[7-М]. Шаҳовудинов, Н. С. Махсусиятҳои фалсафа дар оғози густариши он дар олами ислом ва саҳми Абунасри Форобӣ дар ташаккул ва шаклгирии он [Матн] / Н. С. Шаҳовудинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – №2. – С. 76-84.

[8-М]. Шаҳовудинов, Н. С. Зиндагинома ва шахсияти Ибни Ибни Сино [Матн] / Н. С. Шаҳовудинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024, – №3. – С. 92-103.

[9-М]. Шаҳовудинов, Н. С. Метафизика ҳамчун фалсафаи асосии Ибни Ибни Сино: сарчашма, мавқеи он дар байни дигар илмҳо ва фоидаи он [Матн] / Н. С. Шаҳовудинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – №4. – С. 108-116.

[10-М]. Шаҳовудинов, Н. С. Масъалаи сабаб ва натиҷа, бахусус сабаби фоъилӣ, дар метафизикаи Ибни Ибни Сино [Матн] / Н. С. Шаҳовудинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – №5. – С. 94-102.

[11-М]. Шаҳовудинов, Н. С. Воҷиб-ул-вуҷуд ҳамчун навъи махсуси ҳастӣ ва фарқиятҳои асосии он нисбат ба имкон-ул-вуҷуд [Матн] / Н. С. Шаҳовудинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2024. – №6. – Қисми II. – С. 185-193.

[12-М]. Шаҳовудинов, Н. С. Таҳаввули баҳси ҳастӣ ва моҳият, хусусиятҳои бунёдии ҳастӣ дар фалсафаи Ибни Ибни Сино [Матн] / Н. С. Шаҳовудинов // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.

Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – №1. – С. 156-164.

[13-М]. Шаҳовудинов, Н. С. Муносибати байни вуҷуд ва моҳият дар метафизикаи Ибни Ибни Сино [Матн] / Н. С. Шаҳовудинов // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.– Душанбе, 2024. –№2. – С. 120-126.

[14-М]. Саид, Н. С., Шаҳовудинов. Н. С. Сифатҳои салбӣ ва эҷобии воҷиб-ул-вуҷуд. Воҷиб-ул-вуҷуд ҳамчун ақл ва хайри маҳз ва олитарин саодат ин пайвастан ба зоти воҷиб-ул-вуҷуд [Матн] / Н.С. Саид, Н. С. Шаҳовудинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2025. – №2. – С. 120-127.

[15-М]. Саид. Н. С., Шаҳовудинов Н.С. Сарчашмаҳои асосии ташаккули фалсафа дар асрҳои миёна ва аз ҷумла метафизикаи Ибни Сино [Матн] / Н.С. Саид, Н. С. Шаҳовудинов // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – №1. – С. 24-32.

[16-М]. Шаҳовудинов. Н.С. Назарияи судур ва ё масъалаи офариниш ҳамчун масъалаи охирини метафизикаи Ибни Ибни Сино [Матн] / Н. С. Шаҳовудинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – №3. – С. 146-154.

[17-М]. Шаҳовудинов, Н. С. Афкори иҷтимоии Ибни Ибни Сино дар асари “Китоб-у-ш-шифо”/ Н. С. Шаҳовудинов // Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир. – Душанбе, 2026. –№1(93). – С.305-315.

III. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[18-М]. Шаҳовудинов, Н. Масъалаи сабаб, бахусус сабаби фоъилӣ, дар фалсафаи Ибни Ибни Сино [Матн] / Н. С. Шаҳовудинов // “Ҷомеа ва афкор” (маводҳо ба ифтихори 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон), – Душанбе, 2016. – С. 12-25.

[19-М]. Шаҳовудинов, Н. Нафс ва огоҳӣ [Матн] / Н. С. Шаҳовудинов // маҷаллаи академии илмию оммавии «Илм ва Ҷомеа». – №1(5) –Душанбе, 2017. – С.

47-86.

[20-М]. Шаҳовудинов. Н. Бархӯрдҳо бо мантиқ ва шеваи таҷаллии он дар лобалои таърихи фарҳанги миллӣ[Матн] / Н. С. Шаҳовудинов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Вазъ ва мушкилоти таълими фанни мантиқ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон”. Душанбе, “Матбааи Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон”, -2025. –С. 10-20.

[21-М]. Шаҳовудинов. Н. Фарқияти байни маънии вуҷудӣ ва моҳиятӣ дар таълимоти Ибни Ибни Сино [Матн] / Н. С. Шаҳовудинов // маҷмуи мақолаҳои Симпозиуми байналмилалии “Саҳми Абуалӣ ибни Ибни Сино дар рушди илм, фалсафа ва тамаддуни ҷаҳонӣ” (Душанбе, 4-5 ноябри соли 2025). – С. 614-622.